# СОРБОН

## КУЛЛИЁТ

ҶИЛДИ

IX

ДУШАНБЕ
«ЭҶОД»
2009

ББК 84 тоҷик 7-4
С-75

**Муаллиф аз саҳмгузорони чопи «Куллиёт»
Абдухалил ва Комрон сипосгузор аст.**

Муҳаррир:
***Салими Зарафшонфар***

***Сорбон.*** **Куллиёт.** *Ҷилди IX*. — Душанбе: «Эҷод», 2009.
- 420 с.

**ISBN 978-99947-39-83-7**

**© Сорбон, 2009.**

# РОМАН

# ДОСТОНИ ПИСАРИ ХУДО

## РОМАН ИБОРАТ АЗ ШАШ КИТОБ

# КИТОБИ ПАНҶУМ

## БАХШИ НӮҲУМ

### БАНДИ ЯКУМ

Ва замоне ки сипоҳи баргузидайи мақдунӣ бар асари лашкари гурезони Доройи Саввум асб метозонд, каргасрез шуд фазойи размгоҳи шоҳи бандиву сатрапҳойи саркаш. Ин бор Искандар каргасрези хаёливу сохта на, балки мурғонеро дид, ки аз ҳад зиёд бузург метофтанд ва пару боли беш доштанд. Ҷувозак мегаштанд онҳо. Пару бол афшонда, ҳавойи тафсони тори майдонро бод дода, забонайи саробиву мурғакрави рӯйи замини дӯзахосоро барҳам заданӣ шуда, чархидаву даврида, зина ба зина паст меомаданд ва гардани дарозашонро хамидаву ёзида, менигаристанд ба замин ва гарданак зада, лоша меҷустанд; пойҳойи сиёҳу безебашонро кашол карда, чанголи ифлосашонро кушода ва нохунҳойи расидаву устухонигаштаашонро омода ба чанг задан сохта, ваҷоҳати одамхорӣ гирифта, нозебо – сахт безебу ғашовар сӯйи замин мефаромаданд ин ҷонварҳойи лошахори Худо. Сояйи онҳо рӯйи майиту мурдаҳойи майдонро алас мекард ва ягон нимбисмили умеди зиндагӣ дошта набуд, ки ҳаловат аз сояйи даргузари онҳо барад. Шоҳ Доройи Саввумро гардунайи ворунааш соя меафканд. Ва ҳанӯз аз ҷасади ҳамойил ба гардунааш хун метаровиду мечакид ва реги тафсонро охурча карда карахш мебаст; чун ҷигаре мебаст, ки қассоб аз қафаси тан канда ба рӯйи пӯсти кандаву чаппа густурда афканда бошад. Ва шояд лошахӯрон аввал ҳамин хуни бастайи шоҳро хӯранд, ки ин қадар бамулоҳиза гирд мегарданд.

Искандар чашм пӯшида, сар афшонда, боз менигарад сӯйи само, ки рост бувад ё дурӯғ. Зеро зиёд дида буд чунин ҷувозак гаштанҳойи мурғони баднаморо; ҳама дар мағзу хаёлаш буданд. Ҳолиё на андар тори сараш, балки ним фарсах дуртар рӯ ба рӯйи чашмонаш гирд мегарданд.

— Онҳо аввал чашмро дармеоранд, – гӯё тамоми роҳ дар ин мавзӯъ сӯҳбат дошта бошанд, фармуд Биталомус ва ба мағзи Искандар сахт расид. Ӯ баргашта сахт нигарист ба ҳамрикобаш.

Биталомуси мисрӣ дид, ки чӣ гуна миёни абрӯйи ӯ гиреҳ афтида ва чин дар ҷабин дорад. Чизе афзуданӣ буд шоҳзодайи мисрӣ, раво надид. Аз Искандар бад шунавад. Баъди он ки муросокориийи ӯро Искандар дарёфт, фармуд:

— Бале, Питолома, ин баднамоҳо рафтори безеб доранд, мурдайи якрӯзаро садсола гардонанд... – хеле хомӯш монд Искандар. Чун аз Биталомус садое наомад, афзуд: — Устухони мурдайи навро баройи сагон кӯҳна нишон диҳанд.

Фурсату айём сӯҳбатбоб набуд. Искандар баройи ба даст овардани мурда ё зиндайи шоҳ Доройи Кудумон шитоб дошт, вале ин мурғони пайгир ӯро безобита мекарданд.

— Ӯ медида бошад? – гарданашро пурра ба пас тоб дода пурсид Искандар.

— Мебинад.

Биталомус намедонист, ки Исккандар киро дар назар дорад, ба ҳар ҳол чунин посух дод.

— Коллисфенро мегӯям.

— Ӯ ҳамабин аст. Ягон чиз аз назари ӯ дур нахоҳад монд.

— Ростин гӯйӣ ё киноя занӣ?

— Ростин гӯям, шоҳ. Аз шунидааму донистаам Коллисфен ҳамаро нуқта ба нуқта нигорад.

— Ҳама рафтору кирдори юнониёнро... – гуфт Искандар ва нигарон шуд, ки Биталомус чӣ гӯяд ба оҳанги сухани ӯ. Шоҳзодайи мисрӣ пай бурд норозигийи шоҳро. Зери косаро, ки намедонист, чизе нагуфта хомӯш монд ва Искандар, ки торафт ба селайи мурғони бӯйгир наздик меомад, сухани зиёдро бори гарон ҳисобида майл бар гардани Бусефал карда ба пеш менигарист. Чун дер хомӯш мондани Биталомусро дарёфт, каме асбашро ба асби ӯ ҷавс оварда, гуфт:

— Аввалҳо хуб медид ҳамаро... Ё вайрон шуд ё вайрон карданд... Ҳолиё аҳён-аҳён мебинад... Хоҳад мебинад, нахоҳад намебинад...

— Ягон кори ноҷояшро дидӣ, Александр?

— На... Надидаам... Эҳсос мекунам...

— Чӣ гуна?

— Майлаш ба юнониён зиёд бошад. Мақдуниёнро надида гирад...

— Ман пай набурдаам.

— Оре, ту пай нахоҳӣ бурд. Зеро ту раҳмдилӣ ва ба чунин чизҳо эътибор додан кори ту набошад.

— Магар ман баройи ту ва баройи Мақдуниё бегонаам?

— На, ту бегона найӣ...

Чизе гуфтанӣ буд Искандар, ё ҳарфи мувофиқ наёфт ва ё ба гуфтан забонаш нагашт. Биталомус пай бурд, ки Коллисфени торихнигор ҳам аз боварӣ баромааст ва ҳам ҳадафи ғазаби шоҳ

шудааст. Нохуб. Ҳар кас ки бойиси маломати Искандар шуд, хубӣ надорад.

Як каргас ҷамъу гирда шуда сангосо ба замин афтид ва Искандар тори зин рост шуд, ки бинад ба замин зада нобуд гашт ва ё боз парид. Надид. Талҳойи мавҷдори пеш ва талтеппаҳойи пайи ҳам рӯийда нагузоштанд, ки ӯ бинад. Муаллими ҷуғрофидонаш Лисимах ба ӯ кӯмак кард:

— Дар паси хоктеппаҳо рӯйдоде шуда.

Искандар соҳиби садойи шиносро донист, бо вуҷуди он якрӯя шуда пурсид:

— Чӣ гуна рӯйдод, Лисимах?

— Каргасҳо беҳуда сангосо аз осмон намефароянд. Ё сутуре ҳаром мурда ё касеро куштаанд.

Дар дили Искандар ғуборе пайдо шуд: «Мабод, ки Дороро... Ман ӯро бояд зинда дарёбам ва ҳама товони ҷангро биситонам...» Бори дигар нигашт сӯйи Лисимах, то чизе пурсад. Аммо лошахӯрони ростин андешайи ӯро пароканда карданд. Онҳо пайи ҳам аз ҳаво гирду лӯнда сӯйи замин меомаданд ва сангҳоеро ёд меоварданд, ки сарбозони мақдунӣ аз манҷаниқу арродаҳо даруни девори дижу шаҳрҳо меандохтанд. Ҳар қадар мурғони баднамову бадгардан аз ҳаво сӯйи замин раванд ва аз дуриҳойи дур мурғони дигар нуқтаосо пайдо гашта, худро ба селайи ҷувозак зананд ва ё якбора тори сарро ҳавобуру тез гузаранд, садойи парвозашон шувваси боди тезро мемонад.

Искандар арақ кард. Ин хай ба он наме, ки аз гармо мерӯийд, монанд набуд. Балки якбора рӯийд: аз сар то даруни мӯзайи кӯтоҳсариро фаро гирифт. Рӯйи зин тар шуд. Кулаҳхӯд гармӣ кард бар сараш, гирифт онро ва маҳмез зад бораро. Ҳеҷ гоҳ чунон надида буд каргасҳоро: зиёд, дурпарвозу тезгард ва осема. Искандар бисёр маънӣ кашид аз ин манзара ва баргашта нигарист ба Коллисфен, ки ӯ низ медида бошад?

Коллисфен аз дунболи Бусефал асп меронад ва фараси сурхи пешонисапедаш бар асари суми бардоштайи Бусефал сум мениҳад. Торихнигор ҳама суханҳо, фикру андешаҳо ва рафторҳойи Искандар ва дигаронро мешунаваду мушоҳида мекунад ва мебинад, ки рақси мурғони фазо чӣ таассуроте гузошта шоҳро. Аммо надонад нағмаҳойи мурғони пешинро, ки дар мағзу майнайи ӯ ҷой шуда буданд.

«Кишк!»

Ин бор ҳама шуниданд мурғонро рондани Искандарро, тааҷҷуб низ карданд, ки мурғон ҳанӯз дуранд ва чаро шоҳ аз ин масофа ононро рондан мехоҳад.

Биталомус нигарист ба ӯ ва табассум кард. Хуб, ки Искандар надид табассумашро.

Коллисфен шунид ва хулоса кард, ки чунин ҳаяҷону «Кишк»-и ӯро чандин бор бояд дарҷ кунад.

Аввалин каргаси сиёҳи безеби лучгардан ва минқоркаҷро диданд, ки сари теппачае нишаста гарданак мезаду менигарист ба атроф ва посбонеро мемонд, ки гоҳи ҳуҷуми душман чунин меистоданд сари дидгоҳҳо. Каргас низ саворонро дид, парво накарда, назораашро идома медод ва намепарид. Ва онҳо баробари пеш рафтани дастайи саворон як-як намоён мегаштанд ва ҷояшон дар баландиҳо буд. Яке тофт бар тори гардунайи вожгун. Дигаре тофт бар зини аспе нишаста, ки он асб тори сари куштае меистод, саввумӣ маъво гирифта бар борае, ки савораш пой бар рикоб кашол буд ва асб беист гӯё гирди кундайи ҷувоз мегашт. Ва лошахӯрони чолок аллакай бар куштаҳо нишаста, минқор ба чашмҳо мезаданд ва пойҳояшонро бар мурдаҳо тира карда, гӯшту пӯст мекашиданд. Мурдаҳо зиёд буданд ва каргасҳо зиёдтар ва ҷое буд, ки бар куштае чанд каргас нишаста.

Искандар аз ҳаяҷони зиёд арақ карда буд ва Бусефал бештар. Ранги сиёҳи онро рӯғанӣ гардонида ва сари шонаву гарданашро ҷӯя-ҷӯя баста буд арақ.

Ва Искандар дид манзараро. Ҳамагон низ диданд, ки бар мурдагон нишаста каргасҳо ва мехӯранд гӯшти одамӣ.

— Бизанед ин ҳаромхӯронро! – фарёд зад Искандар, ки ҳоло намедонист кӣ карда чунону чӣ пеш ояд.

Камонварон тирҳо ҷой карданд ва зеҳ кашиданд. Ва ҳанӯз тирҳо напарида мурғон париданд. Ва шарфайи пару бол задананшон воҳима ангехт. Тирандозон ба дунболи паррандагони дилгир мепарронданд, вале тирҳояшон то онҳо нарасида, зер мерафтанд ва каргасҳо ё дар минқор ва ё андар чангол порае гӯшт, чашм ва ё рӯдаеро овезон мебурданд.

Сипоҳи нопуррайи мақдунӣ корзори барояш норавшанро сайр мекард ва мурдайи одамону асбонро аз назар гузаронида ва фарасҳойи саворгумкардаро дуртар аз размгоҳ дида, ҳайрон мешуданд ва гӯйӣ дидори ошно меҷустанд.

Искандар қарор гирифт назди гардунайи воруна. Шинохт гардунайи зарҳалкорийи шоҳиро. Дида буд борҳо андар набардҳойи рӯёрӯ. Пештар аз дигарон худро ба замин андохт. Хам шуда, одами фохирапӯшро дид ва фармуд, то зуд гардунайи вожгунро роста гардонанд. Роста карданд. Ва банди нимбурида воз гашта, ҷасад ба замин афтид. Рӯболо гардониданд ва Искандар шинохт ӯро: шоҳро, Дороро, Доройи Саввумро. Ва ғазаб карда, ба атроф нигарист, ки кушандаро пайдо кунанд, низ кушанд. Дигарон нафаҳмиданд чунин ҳолату ваҷоҳат гирифтани Искандарро. Рафтораш аз дилсӯзист ё вонамуд мекунад.

Вопасин шоҳаншоҳи Порс на дар либосӣ низомӣ, балки андар либоси фохири шоҳӣ буд ва аз чандин ҷойи он хун бармеомад.

Ва ҳанӯз дашна андар шикамаш халида. Танаш хунин, либосаш хунин, замин хунин, ҳама ҷо хунин. Ва ин замон ба назараш тамоми замину замон сурх тофт – хунин. Ӯ бори нахуст дид ва донист, ки размгоҳ баъди ҷанг чун мешудааст. Мурдайи шоҳ чӣ қадру қиммат доштааст ва умуман шоҳ ё гадо, сипаҳсолор ё сипоҳӣ андар набардгоҳ ва пеши тир, найза, туфанг, шамшер ва дигар олоти набард кӣ будааст. Дар тамоми умраш оне чунин андешид ва ҳамон замон фаромӯш гашт.

— Бичӯед!... Пайдо кунед!

Амр чунин буд. Пасон ғамиву шикебо бар сари ҷасади шоҳи Порс хам шуд, чашмони бози ӯро дида, меҳрубонӣ кард: молиду пӯшонд. Саропойи ӯро аз назар гузаронида, либосҳойи фохири шоҳиро мушоҳида намуда, сахт ғамзада ба атроф нигарист, баройи тасаллийи дили хеш оҳи пурдард кашид. Чунон менамуд, ки ба марги шоҳи Порс на, балки баройи рафъи хастагийи роҳ оҳ кашид. Чашмаш ба мурғони фазо афтид, ки абри сиёҳ шуда, ҷувозак мегаштанд.

«Ҳаромҳо!»

Гуфт ӯ. Дигарон надонистанд, ки мурғонро мегӯяд ё кушандаҳоро.

«Ҳаромхорҳо!»

Яқин, ки инаш баройи мурғон буд. Вале чаро алам аз мурғон ситониданист, касе намефаҳмад.

Шоҳи кӯтоҳсалтанати пурташвишро ҷасад рӯйи реги нарм хобониданд болорӯй. Боз чашмонаш кушода шуданд. Мӯйлаб ва риши кӯтоҳи сихийи шоҳ оғишта ба хун буд ва хуни аз даҳон омада, шояд аз талвосайи зиёд андуда бар рӯй буд ва дашна бар шикам дошт. Ва Искандар маънийи ханҷар дар шикам доштани ӯро нафаҳмид. Гумонаш баройи дидани дигарон задаанд ва ё аз осемасарӣ фаромӯш кардаанд дашнаро. Ва касе намедонист кӣ карда ин корро. Искандар боз ба атроф нигарист, ки шояд касе зинда монда бошад ва донад ин ҳама рухдодро, аммо касеро надид ҷондор.

«Қирёсро гӯед!»

Амр буд. Вале равшан набуд, ки чаро Искандар баройи каси мурда ҷаллодро хоҳад. Шояд пӯст канад куштаро. Шоҳи мақдунӣ агар Доройи Саввумро зинда дарёбад, равшан набуд бо ӯ чӣ кунад. Танҳо ӯ донад чӣ кор карданро. Аммо ҳолиё мебурранду медӯзанд, ки Искандар чун ҷаллод мехоҳад бар сари мурда, шояд қассобӣ кунад куштаро: сар гирад, пӯст канад ва ё коре кунад, ки касе накарда.

Қирёси ҷаллод онҳоеро, ки девор гирифта буданд аз ду ҷониб, бар зада, омад назди Искандар. Ӯ ишора кард ба ҷаллод ва Қирёс ба сари мурда рафта, андаке муддат нигарист ба ӯ ва зону зад назди майит. Таъзимро мемонд зону задани ӯ ва ҳамагон мон-

данд ҳайрон. Пас даст ба қабзайи дашна бурда дошт ва кашида, гирифт онро. Ба назараш мурда ҷунбид. Вале ин чиз ба чашми дигарон нанамуд.

Ба назар дар дунё ғамзадатар кас чу Искандар набуд. Қиёфаву ҷиготу авзоъ чунин дошт. Танҳо ашк надошт. Агар донад, ки инро низ чашмдоранд онҳо, албатта сиришк резад. Вале чун хешро ҷаҳонгир меҳисобад, худдорӣ мекунад.

— Мусла[1] бикунам? – пурсид ҷаллод.

Искандарро бад расид чунин муомилайи ҷаллод, ки ишора ба ин мазмун нарафта буд; имойи чишм, имойи бурут ва ё такони сар низ нашуда буд, ки ӯ пӯст канад мурдаро. Чунин ишораҳо пинҳонӣ аз Коллисфен ва баъзан ошкоро зиёд шуда буд ё баройи донги хешро шинондан ё баройи чашми сипоҳиён, сипаҳбадон, сарфавҷҳо ва ё сипаҳсолоронро тарсонидан. Ҳама ҷаллодиву «қассобӣ»-ҳоро Қирёсу шарикаш Мирёс баҷо меоварданд ва тезтарин шамшеру теғ аз они онҳо буд. Одат карда буданд сипоҳиёни юнониву мақдунӣ ба маросимҳойи ҷаллодиву қассобийи онҳо, вале боре надида, ки мурдаро пӯст канда бошанд. Зиндаро пӯст кандаанд, гӯш буридаанд, забон кандаанд, сар гирифтаанд, гардан задаанд... вале нашуда мурдапӯсткани. Аз ин рӯ Искандар хашм гирифт ба бефаҳмийи ҷаллод. Гузашт ҳам кард, аммо рӯзе мерасад, ки ӯ боз ба сари ин масъала бармегардад. Ҳамин хел одат дорад Искандар ва ҳеҷ чиз аз ёдаш наравад, ба хусус агар коре ба табъу дили ӯ нашуда бошад ва ё ӯ нофармуда, дигарон карда бошанд.

Ин замон баройи Искандар мушкил буд коре кардан ва ё якбора амре, фармоне додан. Ӯ ҷомайи зарини сабуки порсиро, ки дар Ҳамадон ба бар карда буд, аз тан кашид ва оҳиста болойи ҷасади Доройи Саввумро пӯшонд. Чунон оҳиста, ки аз хоб бедор шуданашро намехоста бошад. Ҷомаро андохт. Дидори хунолуди ӯро аз лошахӯрони безеб пинҳон кард ва бори дигар нигарист, ки ҷуз ӯ ғамхор ва мурдадоре набувад. Пасон наъра зад:

«Роздоне ҳаст?!»

Ҳама хомӯш буданд. Искандар якпоя гирд гашт, ки шояд нафаре мушкили ӯро осон гардонад. Нафаре аз сарбозон, ки бар сари мурдае нишаста буд, бархост ва сӯйи Искандар нигарист. Искандар чун ҳаракати ӯро дид, даст ҷонибаш бардошта, ишора кард:

— Ҷон дорад?

— Нафас дорад!

Ва фармуд ба чанд тан, то ӯро бардошта оваранд... Вале ҳамон замон аз фармудааш гашта, худ гом зад ҷониби ӯ, ки то овардан зинда мемонад ё на. Чолок рафт чандин мурдаҳоро зери пой гузошта ва ба марди нимбисмиле расид, ки мадори сухан надошт.

1. Мусла – пӯст кандан.

Малламӯй буд ва гурз бар шонааш хӯрда, ки даст ҷунбонида наметавонад.

«Порс?» – пурсид Искандар.

Сар ҷунбонд марди нимбисмил.

«Мақдунӣ?»

Боз сар ҷунбонд он мард.

«Юнонӣ?»

Ҳамчунон сар ҷунбонд ӯ. Ва Искандар беқарор шуд:

«Кистӣ охир!? Эронӣ? Бобулӣ? Эллинӣ?»

Ва ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд он мард.

«Эллинӣ?»

Ба ишораи чашм тасдиқ кард марди нимҷон ва Искандар ба сари мақсад омад:

«Шоҳ Доройи Саввумро кӣ кушт?»

Мард чанд бор мижа таҳ кард, ки гуфта наметавонад. Вале зӯр зада лабонашро нимкоф кушода, пуф-пуф нафас баровард: «Бе... Бе... Бе...» ва ҳар бори кӯшиш карда ҳарфро гуфтанаш дам мегирифт ва ба чашмони Искандар менигарист, ки фаҳмид ё на.

«Шояд Бесус бошад?» – фармуд нафаре ва марди нимбисмил сӯйи ӯ чашм дӯхт.

«Бесус?» – пурсид Искандар ва он мард боз мижа таҳ кард: «Ҳа.»

Искандар қомат афрохт. Алам кашид. Ва боз ба мурғон нигарист. Ҳай сӯйи замин гардан ёзида ба мурдагон менигаристанд ҷонварони бадрӯ.

— Димитриус куҷост!? – табиби хонадони шоҳиро хост Искандар ва аз сари мурдайи Доройи Саввум садо омад:

— Ман дар ин ҷо, Александр! – посух дод табиб, вале номи ӯро ба забон гирифтанаш шоҳро хуш наомад.

«— Ман дар ин ҷо! – сухани табибро талха дода масхараомез гуфт ва фармуд: — Табиб бошӣ, ин маҷрӯҳро бояд табобат бикунӣ.»

Димитриус тез гом зада, омад назди ӯ ва марди нимҷонро муойина кард. Агарчӣ дасташ ба кор буд, аммо андешааш дигар ҷо буд. Ӯ ҳеҷ сарфаҳм рафта наметавонист, ки чаро Искандар душманро ин қадар эътибор диҳад. Зеро лак андар лак дӯстон миранд, сипоҳиёни мақдунӣ ва ё юнонӣ нобуд гарданд, ӯро парвое набуд, як сарбози нимбисмили адӯ ба ваҷд овардааст ӯро. «Андешаву пешбиниҳойи ӯро худаш нафаҳмад, касе сарфаҳм намеравад.»

Сахт задаанд. Ба гурз ва ё ба ягон чизи вазнин, ки китфи чапи ӯро фаровардааст. «Чӣ гуна муолиҷа кунам ин сарсахтро? На раг мондаву на пай.» Димитриус либосҳойи ӯро бо теғ буридаву дарида, китфу дасти кашоли ӯро ба ҷояш овардани мешавад ва маъюб дандон ба дандон монда, чашмонашро пӯшида, худдорӣ

мекунад аз фарёд ва ҳайрон, ки чаро душман боройи сиҳатии ӯ кӯшиш дорад.

Филипп низ омад, табиби низомӣ. Дукаса китфи ӯро боло бардошта, ба ҷояш монданӣ шуданд. Зери дасти Филипп устухони шикаста маълум гашт. Маъюб дилшикаста нигарист ба онҳо, ки чӣ кор мекарда бошанд. «Азоб надиҳед, азобам аз ҳад гузашта... Танҳо сафари роҳ бас бувад. Фармонбардориам бадтар аз ҳама гуна шиканҷа бувад. Хубаш, маро ба ҳоли худам гузоред, осуда мурам. Маро дубора куштан ҳоҷат надорад. Буд-набуд сиҳат шавам ҳам, маро бо пурсу ҷӯйи зиёд аз нав мекушанд ва намегузоранд, осуда умр бинам... Ман медонам шуморо: барои пурсу посух маро сиҳат карданӣ ҳастед; шумо додгару ман додхоҳ. Искандар мемонад, ки мани зархарид, ки аз баҳри падару модар ва зану фарзанд баромада, толону фунт гуфта, муқобили ӯ ҷангидаам, орому осуда гардам? Ҳама сирру савдоро дониста мегирад ва миёни мардум шармсорам мекунад, ки ана ин номурод бар зидди мо теғ кашида буд, ба мо тир андохта буд, вале мо ба душман ҳам мушфиқ ҳастем, сиҳаташ кардем... Дигар ҳарф нест, ҳамааш барои худфурӯзӣ...» «Воҳ!» – Аз дард фарёд зад маҷрӯҳ.

— Сабр, бардошт... Ту қаҳрамон-ку...

«Ҳа-а-а... Қаҳрамон... Барои чанд фунт[1] қаҳрамонӣ мекунам... Қаҳрамонӣ мекунам сар бохтанамро надониста...»

Ва онҳо намефаҳманд андешаҳойи ботинийи ӯро ва зӯр мезананд, ки ҷо ба ҷо кунанд устухони шикаставу пайванди баромадаро.

«Азоб надиҳед!» Рӯ турш карда, ангушти дасти чап мушт гардондани ӯ чунин маънӣ дорад. «Азоб надиҳед, азоби ҷанг кам набуд.» Вале ҷуз худаш касе намешунавад фарёди ӯро.

Ва аз худ рафт. Мурда ё зинда буданаш аён на. Лекин хоҳиши Искандар он аст, ки ӯ ба забон ояд. Ба забон ояд, гуфтор кунад ва баъд...

— Мурад, мемурӣ!

Ҳайрон шуд ҷаллод, ки ҳеҷ гоҳ чунин нашуда, ки шоҳ ҷаллодро фармони зинда гардонидан дода бошад. Ҳама умр ӯ амри кушро ба ҷо овардааст, имрӯз ҳукми зинда гардониданро ба ҷо оварда метавониста бошад. Чӣ зарурате?

— Шунидед? – ба табибон саргӯшӣ кард ҷаллод, ки зиндаву мурдааш на ба ҷаллод, балки ба онҳо вобаста бошад. Онҳо посух нагуфтанд. Машғул ба кори хеш буданд. Вале Филипп тоқат накард.

— Ту ҷаллодӣ, Қирёс, зинда гардонидан кори ту набошад.

— Ин нуктаро ман медонам, ту ин матлабро ба Искандар фаҳмон, то ҷони ман ҳам эмин бошад.

---

1. Фунт – пули нуқра, 1 фунт = 409,5 гр.

«Ман намефаҳмам, ки ин ниммурда ба шоҳ чӣ лозим бошад. – ғур-ғур кард Димитриус ва аз маъюб пурсид. – Аз дудмони шоҳ нестӣ?»

Сар ҷунбонд Маъюб.

Пас Филипп ба онҳо рӯ овард: «Ин кар-пар нест.»

Маъюб низ амри шоҳро шунид. Барои ӯ ҳам мазмунаш нофаҳмост. Мор дар остин доштан чӣ суд орад?

Искандар як назар дид азоби маҷрӯҳро. Амр накард, ки азобаш надиҳанд. Балки нигарон аст оқибатеро. Чун зуд пеш омадани анҷоми кор равшан набуд, фармуд:

— Бипурс, ки кӣ ҷангида бо кӣ? – хоҳиш барин буд оҳангаш.

Ва Қирёс пурсон шуд:

— Мешунавӣ?.. Мефаҳмӣ?.. Посух гуфта метавонӣ?

Чун посух ба пурсаш нагирифт, рӯ ба Искандар овард:

— Гумон дорам, ки ҳам кару ҳам гунг.

— На кару на гунг. Аз тарс забонаш гирифтааст. Ҳамаашро шунид маҷрӯҳ. Вале забони гуфтор надорад.

Посух гуфтанӣ ҳам нест. Тахмин мекунад нияти ононро, яқин намедонад муродашонро. Хавфаш аз осмон. Рӯболост, ғаш аз лошахӯрон дорад. Агар сипоҳи ночизи Искандар андаке дер меомад, шояд он баднамоҳо чашмони ӯро низ кофта мебурданд. Ва худо накарда, партофта раванд, ҳолаш чӣ шавад. Дам ба дам менигарад сӯйи он фалокатҳову дуздида зеҳн мемонад ба сипоҳиён, то бесоҳиб нагузорандаш. Ва баъди чунин ният менигарад ба мурғони гурусна, ки одамон дарёбанд ишораашро; ӯро танҳо нагузоранд ва ё мурғонро биронанд...

— Соз шуд? – гӯйӣ Искандар ғами дигар надошт, бояд ҳамин маҷрӯҳро шифо мебахшид.

Чун ҷаллод шикастабанд набуд, аз ӯҳдайи ҷо ба ҷо кардани устухонҳойи ӯ намебаромад. Азияту шиканҷа буд маъюбро.

Ба ҳар тақдир Димитриусу Филипп китфи афтидайи ӯро латтапеч карданд. Азобаш зиёдтар шуд. По мекашиду меёзид аз бетоқатӣ, аммо наметавонист ғалу паҳлӯ гаштан. Ҷонаш дар азоб буд.

«Маро ба ҳолам гузоред, мурғонро ронед... Ронед он душмани мурдахорро, он баднияттро... Ҳамонҳо аз он баландӣ истода, ҷангҳоро ташкил мекунанд; аз он боло ба мағзи сабуксарон ниятҳойи бадро ҷо мекунанд... Баъд мурдахорӣ карда мегарданд... Касбашон ҳамин... Номашон: каргаси қоқи мурдахӯр.»

Касе намефаҳмад нияти ӯро.

Нияти Искандарро низ касе пай намебарад. Он ҷо мурдайи шоҳ Доро рӯйи рег ёзида. Искандар талош дорад, ки ягона мушоҳиди ин корзорро ба забон оранд. Сари Доро ёройи сухан гуфтан надорад. Аристандри фолбин пешгӯйӣ намекунад, ҳатто пасгӯйӣ

карда наметавонад, ки чӣ рӯйдоде буд ин ҷо. Коллисфен гарчӣ саҳнаи размгоҳро мебинад, рафтори мурғони мурдахорро зери чашм дорад, намедонад чӣ нависад. Намедонад кӣ кушта шоҳ Дороро ва ин ҷо чӣ оварде шуда.

— Кару гунг? – боз пурсид Искандар.

— Гӯш дорад, мешунавад, забон дорад, намегӯяд, – арз кард ҷаллод.

— Қасдан? – пурсид Искандар.

— Равшан на, шояд қасдан ҳам бошад...

— Сараш бигир!!!

Амру фарёди саҳл набуд. Ҷаллод як қад парид. Табибон низ. Рост шуданд онҳо ва ҳайрон монданд, ки чун шавад? Ӯ, ки мехост ба забон омадани ӯро. Ва хавф кашид ҷаллод, ки Искандар «мурад, мемурӣ» гуфта буд.

Чун Искандар гуфту бирафт, ҳоҷати таваққуф ва ё бозистодан набуд. Қирёс пиндошт, ки кор ва мушкили онҳоро шоҳ осон кард. Шамшер гирифт. Гардан зад оқибат ҷаллод, ки ҳунараш буд. Сари ҳанӯз ҷондор хуншор ғелид бармоларо. Тани сарҷудояш чун мурғи сарбурида тамоми нерӯ ба кор бурда, ҷунбид, по кашиду ёзид ва то охирин қатраи хун нойи нафас хир-хир кард ва...

Каргасе ҳуҷум овард бар сари ғелон, чанг зад, ба чанголаш нагунҷид сар ва ғелид ба хамие. Каргас бол зада бар ҳаво шуд ва боз нишеб омад сӯйи каллайи бетан. Чизе рӯй дод, ки соҳиби сар дар зиндагиаш метарсид...

## БАНДИ ДУВВУМ

Гирд гирифтанд гардунаи шоҳийи Доройи Саввумро. Искандар ҳанӯз ҳам баумед буд, ки касе пайдо гашта, рухдоди фоҷиъаи размгоҳро мегӯяд ба ӯ ва шоҳи мақдунӣ аз рӯйи он амал мекунад. Вале ба ҷуз «Бесус» чизи дигар нашунид. Пасон фармуд Бесусро дастгир кунанд. Ба чаҳор самт асб монданд сарбозон, аммо Бесусро пайдо карда натавонистанд. Баъд Искандар сар шикаст, чӣ кунад бо мурдаи шоҳи Порс. Ӯ зинда ба даст овардан мехост Дороро. Пасон аламашро ситониданӣ буд. Аз ин рӯ ғаш дорад ва аз чӣ сар кардани корро намедонад. Гӯйиё алҳол бо ҷомаи зарбафти порсӣ рӯйи Доройи Саввумро пӯшида, ҳама сирру савдоро сарбаста медорад. Чун сомон гардад ҳама кор, парда аз рӯйи мурда хоҳад бардошт ва нақшаҳои «Ҷанги Порс»-ро идома хоҳад дод.

Ва ҳолиё мушкилот ҷанозаи шоҳ Доройи Саввум бувад.Шоҳ Искандар раммолҳоро фаро хонда, фол нишон дод, то гӯянд кирдору асбоби овардро. Сарраммол Аристандри талмосӣ «Аз дасти ошно кушта шудааст ва ҷанг низ оварди худӣ будааст» гуфт. Аранге дарёфт Искандар, ки шояд ҷанг бо Бесус бошад, аммо мурод чист? аён нагашт. Чашм чаронд хешро ба нодонӣ зада, ки шояд

ҷондоре, мушоҳиде пайдо гардад, ки корзор ва асбоби онро ба эшон ҳикоят кунад, аммо касе пайдо набуд. Ҷанозайи шоҳ Доройи Саввум ҳайрон монда буд. «Чӣ бояд кард?» рӯ овард ба ҳозирин ва онҳо китф дар ҳам кашиданд ва Аристандр худро баҷуръаттар гирифта, фармуд:

— Чун ҳамайи ононе, ки дар размгоҳҳойи саҳройӣ мемиранд.

Ба чунин пешниҳод касе чизе нагуфт. Зеро ҷанозайи шоҳи Порсро андар биёбон ба хок супоридан намехост Искандар. Зеро маломаташ зиёдтар аз он мебуд, ки худи ӯ ноҷавонмардона кушта бошад. «Ба Ҳангаматоно бояд фиристод» маслиҳат медод нафаре. «Ба Эроншаҳр бояд бибурд» мегуфт дигаре. «Дар мазори Анаҳито, паҳлӯйи гӯри Куруш бояд дафн кард» ризоият медод саввумӣ. Ва Искандар медонист ҳама андешаҳоро, вале дилаш об намехӯрд ба яке. Зеро ташвиши зиёд дошт ва шоҳи мақдунӣ аз роҳ бозгаштан намехост...

Ва сутуни чангу ғубор боло шуд дар роҳи Бохтар. Ҳама маслиҳату машваратро фаромӯш карда, рӯ ба он ҷониб оварданд. Сутуни ғубор гоҳе баланду гоҳе паст шуда пеш меомад ақли ҳамагонро рабуда. Ва баъд яккатозе аён гашта, чанд газ пештар аз ғубор меомад ва аз зери суму наъли тезтаки ӯ чангу ғубор боло мешуд. Чун боде намевазид дар бодия, гарди роҳ сар сӯйи фалак мекашид. Тез омадани асбро дида, тааҷҷуб карданд. Ва Искандар дасти рост боло карда ишора бар он кард, то касе ноҷо ҳаракат накунад.

Чун рикобӣ наздиктар омад, гӯйӣ ишорайи шоҳ Искандарро дида ва рамуз гирифта бошад, низ даст боло кард. Ишораашро дарёфтанд, ки ошнойӣ мехоҳад. Ӯ ҳамчунон то поси аввал битохт ва чун фарасе монанд ба Шаҳбоди шоҳ Доро зери ронаш буд, сарафзор кашид, асб бозистод. Пой аз рикоб канд ва зер шуд.

— Кистӣ ва аз куҷо меойӣ?

— Оксафрам, бародари шоҳ Доройи Саввум. Аз Хазар меоям.

Сарпос пеш омад назди Искандар ва фармуд:

— Пайке омада. Хешро бародари шоҳ Доройи Саввум мехонад.

Искандар гӯйӣ то алвақт банди чунин андеша ва нигарони ҳамин пайк бошад, баргашту нигашт сӯйи омада, ки ришу мӯйлаби сиёҳи кӯтоҳ дошт, чунон ки шоҳ Доро. Искандар ба ӯ нигаристу ба шоҳ Доро; ба шоҳ Доройи мурда нигашту ба пайки зинда ва муқойиса кард. Монанд буданд он ҷондору беҷон. Мурда андар либоси шоҳӣ, зинда дар либоси дарборӣ. Шоҳи оғушта ба хун ва пайки оғушта ба чангу ғубор.

— Бифармо!

Ба забони юнонӣ гуфт Искандар ва Оксафри порс сухани ӯро фаҳмида сар ҷунбонд ба миннатдорӣ, вале мунтазири пурсу посух ва илтифоту марҳамати Искандар нашуда, парраҳойи биниаш фиркиданд, нояш фарохтар гашт, китфонаш ҷунбида, ба ларза омаданд ва фарёд зада, хешро ба рӯйи мурдайи бародар андохт:

— Дареғи бародарам – Доро, Доройи Кудумон... Дареғи шоҳи Эрон...

Ва Искандар натавонист коре кардан ва ё чизе гуфтан. Ҳарчанд «дареғи шоҳи Эрон» гуфтани бародари шоҳ Искандарро нафорид, хешро вазнину сангин нигаҳ дошт. Ба дигарон низ нигоҳ кард, ки саргӯшиҳо доранд ва яқин мазмуни гӯяҳойи бародарро ба якдигар фаҳмонанд ва тарҷума кунанд. Оксафр ё аз дилсӯзӣ ё баройи намойиш ва ё баройи бовар кунонидани Искандар фарёд мекашиду худро мезаду меканд ва шоҳи мақдуниро аз чунин рафтори бародар аҷаб омад ва ёд овард, ки ӯ низ бародарон дошт ва чӣ гуна бо дастони худ кушт. Кас бовар карда наметавонад ба тухми одамӣ; баъзе аз мурдайи бародар хушнуд мегарданд, бархе ғамнок. Шоҳи мақдунӣ чизе нафаҳмид аз рафтори бародари шоҳи Порс ва пеш омада даст бар дӯши ӯ ниҳода, ҷунбонд, то ӯро ба худ орад:

— Ором бишав...

Аммо Оксафр оромӣ надошт: «Бародарам, ҷавонмаргам...»

— Ором бишав... Бародари туро ман накуштаам... «— Бародарам... Гӯл заданд туро, бародарам.»

— Гумон набарӣ, ки ман куштам ӯро...

— На.

— Ман мурда дарёфтам ӯро...

— Медонам...

— Пас чаро шеван назди ман кунӣ?

— Назди кӣ ово кунам, Искандар?

— Охир ман накуштаам ӯро.

— Ӯро Бесус кушт. Бесуси Бохтарӣ.

— Ва ту будӣ? Дидӣ?

— Нна. – сар ҷунбонд ӯ. – Маро ба дарёфти модарам фиристода буд Доро. Ва ман... – сухан карда натавонист ӯ ва дигар кард мазмуни сухан: — Дар роҳ ба ман гуфанд, ки чунон шуд... Бародарам...

— Модари ту, ки дар Бохтар нест, чаро аз он сӯ омадӣ?

— Пас модари ман дар куҷост?

— Ба донисти ман, дар Ҳикмотоно...

Сар ҷунбонд Оксафр ва баргашта ба Искандар нигашт:

— Шиносӣ модари маро?

— Бале, шиносам.

Рӯ ба ҷасади хунбастайи бародар овард ва оҳиста гуфт: «Бале, ӯ шиносад модари моро... Вале ман зиёд ҷустам, пайдо накардам ӯро. Ва мурдайи туро дарёфтам, бародарам.»

Искандарро чунон намуд, ки Оксафр эътиборе намедиҳад ба ӯ. Ҳатто парвое надорад, ки дар доми душман аст ва бо онон дигаргуна муомилаву муносибат кардан рост меояд. Имо кард. Ду тан аз ду бозуйи ӯ дошта бардоштанд ва дур бурданд аз сари мурда.

— Ва ту донӣ, ки чун шуда? – пурсид Искандар пеш омада.

— На. – сар ҷунбонида посух дод Оксафр, ки ҳиқ-ҳиқ садо мекард гулӯяш. – Ман надонам. Аммо гуфтанд, ки Бесус кушт.

— Баройи чӣ?

— Баройи чӣ мешуд? Баройи тахту бахт.

— Баройи тахту бахт?

— Оре. Миёни дастайи сатрапҳо ва сипоҳи мунтахаби Доро ҷанг шудааст ва фавҷи кирояйи Патрон гоҳи набард пушти сар ба корзор гурехтааст ва сипоҳи сатрапҳо асир кардаанд Дороро...

— Будӣ он гоҳ?

— На. Гуфтанд.

— Ва ҳолиё чӣ кор кунӣ?

— Бубарам ҷанозайи бародарамро. Пайдо кунам модарамро ва якҷоя бигирйем чу абри навбаҳор ва ӯ гӯя кунаду ман мӯя.

Искандар ӯро сарзада пиндошт ва хандид. Зеро сайди ба дом омада умеди гурез накунад, балки талош кунад ба раҳойӣ. Вале рафтори Оксафр ҳайратангез бувад. Ончунон ҳарф мезанад, ки Доройи Савввум ҳанӯз ҳам шоҳ бошад ва дигарон ӯро хидматгузор. Искандари рамузгир қасдан пурсид аз ӯ.

— Дар куҷо хок хоҳӣ кард ҷанозайи бародаратро?

— Дар Армания.

— Дар Армания?

— Оре!

— Чаро?

— Зеро ӯ зодайи Армания бувад.

Ҳайрон шуд Искандар ва зиёд мулоҳиза карду фармуд:

— Гумон карда будам, ки ӯ шоҳи Эрон аст.

— Шоҳи Эрон буд, шоҳ Искандар... Аммо фалак чӣ бозиҳое дорад...

— Магар бозӣ ба бозӣ шуд чунин?

— Оре, шоҳ! Бозӣ ба бозӣ... Қисмати шоҳони порсӣ чунин будааст. Ба ҷуз Куруш ҳамаро худиҳо куштанд бозӣ ба бозӣ. Писарони Курушро бозӣ ба бозӣ куштанд... Ардашеронро бозӣ ба бозӣ куштанд ва Дороёнро низ...

— Ва боз кӣ монда?

— Касе намонда...

— Ва ту... ки хешро бародари Доройи Саввум мегирӣ...

— Ва ман мурдаам...

— Чаро чунин...

— Шоҳ, ки ба чунин ҳол бошад, рӯзи бародари ӯ чун шавад?

— Аҷаб мегӯйӣ. Бародари шоҳро касе шиканҷа накарда.
— Оре, касе шиканҷа накарда... Шояд то рӯзе ки Искандар ҳаст, шиканҷа накунанд...
— То Искандар ҳаст?
— Оре, то Искандар ҳаст.
— Ва Искандар куҷо равад?
— Ҷое ки силсиладорон низ раванд.
— Аҷаб.
— Аҷобате надорад, шоҳ. Фарҷом чунин аст. Ва касе сутун нашуда ин гунбади бесутунро.
— Аҷаб... Аҷаб...
— Аҷобате надорад...
— Донам, ки аҷобате надорад... аммо чаро устод маро фирефта?
— Кадом устод?
— Аристотолис...
— Арасту... Ҳамон номвар?
— Бале, ҳамон номвар.
— Ва чӣ гуна бувад?
— Ин чизҳо туро чӣ зарур?
— Маро ҳолиё чизе зарур набувад ҷуз дафни ҷанозаи бародар ва пайдо кардани модар. Аммо бояд бидонам, ки Арасту Искандаршоҳро чӣ гуфта?
— Ӯ Оби Ҳаёт фармуда маро, ки ҷояш дар Офтобнамост.
— Устод туро Сароб намуда.
— Ту нохалаф чӣ гуна тавонӣ, ки...
— Осуда бош... – нарм ва осуда даст боло карда гуфт Оксафр ва баъд ангушти ишора сӯйи ҷасади шоҳ Доро рост кард: — Ӯ низ Оби Ҳаёт меҷуст. Ва сӯйи Мағриб рафта буд, ки Оби Ҳаёт он ҷост. Ва ту низ омадӣ сӯйи Машриқ, ки Оби Ҳаёт ин ҷост...
— Ту ақлбохтайӣ... Ту бародари шоҳ найӣ!
— Осуда бош, шоҳ Искандар. Эрониён расме доранд, ки нобакорро низ пеш аз куш сухани вопасин диҳанд. Ман, ки нобакор нестам... Танҳо мехоҳам огоҳ кунам шоҳро аз баъзе кирдорҳо...
Аҷаб омад Искандарро ва андаке ғазаб фурӯ нишонд ва гӯш ба ин махлуқи ноошно дод, то боз чӣ гӯяд.
— Чунон ки гуфтам, дар ин гунбади сипеҳр касе сутун нашуда... Агар сутун мешуд, Куруши Кабир бояд сутун мешуд...
— Чаро Куруши ту!? – худдорӣ карда натавониста даст ба қабзаи шамшер бурд ва тозон омадани Қирёси ҷаллодро дида, даст ба оромӣ бардошт. Ва Оксафр аз фурсат истифода карда, фармуд:
— Куруш, агар тавонист, ободонӣ кард. Мазлумонро аз чанги золимон раҳонид.
— Чӣ гуна?!

Искандар медонист чӣ гуна. Зеро ӯ «Курушнома»-йи Ксофандро хонда буд ва қасдан пурсид, то ӯ чӣ гӯяд.

— Куруш яҳудиёнро аз маҳбасҳои бобулиён озод кард, онҳоро умри дубора бахшид ва се маротиба Эруссалими харобгаштаро обод кард... Баройи мардуми тороҷгаштаро аз тохти Яъҷуҷу Маъҷуҷҳо раҳонидан Садди Чинро сохт...

— Ва ту олимӣ, таърихнигорӣ? Кӣ ҳастӣ?

Ӯ андаке сар тофт ва чашм ба чашми Искандар овард. Искандар қиёфайи пуррайи ӯро дид. Зеро то ҳанӯз сар аз рӯйи мурдайи бародар набардошта, сухан мегуфт. Ҳолиё Искандар дид чашмони фурӯрафта, рухсораҳойи офтобзадаву барҷаста аз лоғарӣ ва ранги сабзинайи ӯро; ва дид сару рӯйи ғуборгирифтаву гардбардоштаашро. Майлаш ва намудаш маҷнунона. Ба назар касеро написандад ва аз донистайи хеш намонад. Шоҳ Искандар аз ҳарфҳояш чунин хулосаро дарёфта буд, ки чизе дар сиришти ӯ ҳаст. Ва чун сураташро пурра дид, имон овард ба тахминаш.

— Ман? Ман – Оксафр, бародари Доройи Саввум... Ҷондори ӯ будам, натавонистам ӯро ҳифзу ҳимоя кардан.

Гӯё шарҳи ҳол гуфт Оксафр. Искандар шунида буд чунин суханҳоро, хушаш наомад. Вале «Ҷондораш будам» гуфтанаш ба муроди ӯ буд.

— Ҷондораш будӣ?

— Оре, ҷондораш будам.

— Ва натавонистӣ ӯро ҳифзу ҳимоя кардан?

— Он замон набудам ҳамроҳи ӯ. Шоҳ Доро маро аз пайи дарёфти модарам фиристода буд...

Искандар сар андохта муддате ба андеша рафт, ки ҷойи модари ӯро медонад ва ин чӣ рӯзгорест, ки беҳуда фарзандон модаронро гум мекунанд?

—...Модарамро меҷустам... – идомайи суханашро гуфт Оксафр ба фикр фурӯ рафтани шоҳро пай набурда.

— Ва пайдо кардӣ? – аз банди хаёл раҳо гашта, пурсид Искандар.

— На. Мегӯянд, ки куштаанд.

— Куштаанд?

— Ҳамин хел шунидам...

Искандар сар бардошта ба атроф нигарист. Гӯё росту дурӯғ будани ин ҳарфро аз дигарон шунидаву донистан мехост ва ҳақиқати ҳолро ба писари он модар фаҳмониданӣ буд. Аммо касе аз муроди ӯ огоҳ нашуд. Ӯ дарёфт, ки беҳуда гӯйиш мекунад бо ин меҳмони нохонда. Бояд ки ишора ба ҷаллод кунад ва хешро раҳонад аз ташвиш. Вале тариқи коргузорӣ ва набарди шоҳи мақдунӣ чунин набувад. Ӯ бояд ҳазоронро бикушад бераҳмона, вале ҷое ки як нафарро сар гирифтан лозим шавад, бояд мулоҳиза бикунад. Ҳолиё гардан задани Оксафр шарафи шоҳи мақдуниро

паст хоҳад кард. Андешаи ӯ чунин. Зеро дурандеш аст Искандар ва то ҳанӯз аз касони фарзонаи торих касеро ёд нест, ки мисли Искандар дурӯя ё дутарафа андеша кунад. Ба назари ӯ, куштани Оксафр аз даст додани бисёр чизҳост, ки номгӯйи онро ҷуз Искандар касе надонад.

— Пеш аз ин ҳам маро дида будӣ? – ғайричашмдошти ӯ пурсид Искандар.

Оксафр гӯё ба ёд овардани шуда, дарозо нигарист ба сару рӯйи Искандар ва сар ҷунбонида гуфт:

— Дида будам...

— Дар куҷо?

— Дар ҷангҳо... Дар канори рӯди Граника, дар Йусус, дар Говгомол.

— Ва чӣ гуна ҷон ба саломат бурдӣ аз он ҷангҳо?

— Шаҳбоду Шаҳбол моро наҷот медоданд.

Искандар дар шигифт шуд ва абрӯ чин карда, китфон дар ҳам кашид ва пурсид:

— Кистанд Шаҳбоду Шаҳбол?

Оксафр сӯйи асбаш нигарист ва фармуд:

— Асбонамон: ана он асби ман – Шаҳбол. Асби Доро Шаҳбод ном дорад.

— Асби ман Бусефал ном дорад. – ҳарфони ӯро масхара пиндошта гуфт Искандар.

— Медонам.

— Медонӣ? Аз куҷо медонӣ?

— Магар дар рӯйи Замин ҳаст касе, ки Искандару асби ӯро надонад?

Искандар ба пурси ӯ посух гуфта натавонист, балки ба андеша рафт, ки чаро чунин гӯяд ин мард? Магар ҷосус бувад, магар фиристода, магар аз пайи ҷони ӯ омада?

— Агар ҷойи модаратро гӯям, меравӣ?

— Кадом писар ҷойи модари гумкардаашро донад, намеравад?

— Бисёранд чунин писарон... – гуфт Искандар ва хеле хомӯш истод, ки аз ӯ чӣ ҳарф меояд. Чун ӯ низ хомӯш буд, Искандар афзуд: — Аввал масъалаи ҷанозаи бародаратро ҳал кунем, пасон ҷойи модаратро хоҳам гуфт.

— Бошад. – кӯтоҳ розигӣ дод Оксафр ва нигарон истод, то чӣ ояд аз шоҳи мақдунӣ. Искандар фармуд:

— Ту соҳиби мурда ҳастӣ. Ва ин мурда шоҳ буд: шоҳи Эрон, шоҳи Порс. Чунон ки шумо шоҳи шоҳон низ гӯед – шоҳаншоҳ. Аз ин рӯ ӯро чун дигар сипоҳиён канори роҳ, сари бора ва ё доманаи бармолае гӯронида, рӯяш санге ё асоеро туғ бардошта нашавад... Ман гӯри шоҳаншоҳ Курушро дидам, гӯри Дориюши Аввалро дидам, мазори Анаҳито модари Сулаймонро дидам дар

Эрон... Бародари ту Доройи Саввум низ рутбайи шоҳаншоҳийи Эронро дошт. – Зиёд гуфтанӣ буд Искандар, то аз Оксафр сухане бигирад. Ҳамоно ӯ хомӯш буд ва месӯхт дарун-дарун. Ба назари шоҳи мақдунӣ расид, ки ӯ машқ карда танҳо гиряро. Аммо баройи обрӯй кардан ва ё гӯронидани мурда наандешидааст.

— Ростин бародари шоҳ Доро мешавӣ?

Чунин саволи Искандар Оксафрро як қад паронд ва тааҷҷуб карда, ба суол посух дод:

— Ман мункир наям аз бародари хеш. Ва гӯрондани ӯ бар дӯши ман бошад.

— Чӣ гуна?

— Шоҳона.

Ва Искандар ин замон дарёфт, ки хеле аз худ бурун рафта, бибояд, ки баргардад ба асли хеш. Ба шоҳийи хеш. «Шоҳона» гуфтани Оксафр ӯро бедор карда ва дигар аз бародар чизе напурсида, амр кард:

— Ба гардунайи шоҳ Доро бубандед се асби сиёҳмушкин!

Се асби сиёҳмушкин оварданд, ки гӯйӣ аз тори мӯяшон равған мешорид.

— Анбару кофур бипошед мурдаро!

Ончунон карданд: шуста, озодаву ороста карда, либоси тоза пӯшониданд ва Искандар ҷомайи зарбафти порсийи ба рӯйи мурдайи шоҳ Доройи Саввум андохтаашро дигар напӯшид ва фармуд ба ҷасади ӯ пӯшонанд. Ҳамчунон карданд. Баъд бар гардунайи шоҳийи худи шоҳ Доро, ки дар он замону макон беҳтараш набуд, рӯйи баргу буттаҳойи ҳулба хобонида, пудинапӯш оростанд, то нагандад аз гармо. Ва Искандар намехост, ки нигини шоҳийи мӯҳрдори ангушти миёнайи дасти рости шоҳ Доройи Саввумро низ ба ҳулбӯ пӯшонанд. Шоҳи мақдунӣ чашм намеканд аз нигин. Ҳарчанд Оксафрро канортар бурда бо ӯ пурсу посух мекард, дида аз ангуштарӣ барнамедошт.

— Танҳо мондӣ Оксафр, аз тухмайи Ҳахоманишиён? – пурсид Искандар дуртар аз гардуна.

— Оре, танҳо, – посух дод Оксафр ва дар овозаш ово шунида мешуд.

— Шоҳӣ хоҳӣ?

— На. – нимовоз ва ним ба ишорйи сар фаҳмонд Оксафр.

— Чаро?

Ба чунин суоли кӯтоҳ ва то ҳол дар бинойи инсонӣ касе посухи пурра нагирифта бародари шоҳ Доройи Саввум низ ҷавоб гуфта натавонист ва ишора ба мурдайи чун шоҳи хуфтайи Эрон кард. Искандар дарёфт маънийи ишорайи ӯро, низ посух гуфта натавонист. Вале Оксафр пай бурда буд, ки чизе мехоҳад Искандар, аммо мушкилӣ мекашад. Мазмун, ба забони порсӣ намедонад чӣ гуна ифода кунад. Пас сӯйи ҷанозайи шоҳ Доройи Саввум зеҳн

монд ва дасти рости хешро пеш овард. Ангушти дарози миёнаро тирвор дошту дигар ангуштон мушт кард ва бо ангушти миёнаи дасти чап бар ангушти миёнаи нигиндори дасти рости Доро се бор оҳиста-оҳиста зад. Оксафр чандон бефаҳм набуд. Дарёфт муроди ӯро, аммо худро ба нодониву бефаҳмӣ зада, китфон дарҳам кашид. Искандар ин дафъа ба ишорайи ангушт шоҳи хуфтаро нишон доду ангуши хешро ва боз он ҳаракатҳойи аввалро такрор кард. Оксафр ин бор сар ҷунбонд: «Фаҳмидам». Ва Искандар сар ба пушт такон дод: «Чӣ бояд кард?» Аммо ин дафъа Оксафр садо баланд кард:

— Шумо шоҳи ҷаҳон... Рой шуморост...

Кинояйи ӯро нафаҳмид Искандар ва фармуд Оксафр он нигини шоҳиро аз ангушти шоҳи мурда канда, оварда, ба ангушти шоҳи ҷаҳон андозад.

Оксафр сар андохт ва баъди муддатҳо сар бардошта, гуфт:

— Он кори қассоб ё ҷаллод аст.

— Чӣ гуна?

— Ангушт омосида ва ангуштарӣ бар наояд магар буридан.

Хашм гирифт, ки ёд медиҳад ба шоҳ ин роҳгум. Пасон амр кард:

— Қирёс! Нигин биовар аз ангушти шоҳи порсӣ!

Чун Қирёси ҷаллод шитофт ба ин амалиёт, боз садойи Искандар баланд шуд:

— Коллисфен! Бинавис! Руқъае ба хазинадори шаҳри Ҳикмотоно Гарпал:

«Ба расидани ин нома модари шоҳ Доройи Саввум ва писари ӯ Доройи Чаҳорумро ба ихтиёри бародари шоҳ Оксафр бидеҳ, то дар Эроншаҳр дар маросими тадфини ҷанозайи шоҳи Порс ширкат кунад. Шоҳ Искандар.»

Ва оне ки Искандар гуфту Коллисфен нигошт, Қирёси ҷаллод нигини шоҳӣ аз ангушти шоҳ Доройи Саввум бароварда, пеш оварда, нигарони амру ишорайи Искандар меистод. Чун фориғ шуд Искандар нигини шоҳӣ аз дасти ҷаллод рабуд ва мӯҳри он пахш кард ба нома ва он руқъаро дод ба Оксафр...

Ва аз он замон шоҳ Искандари мақдунӣ шоҳи думӯҳра шуд: агар нома ба Мағриб нависад, мӯҳри мақдунӣ пахш мекард ва агар руқъае ба Машриқ фиристад, мӯҳри порсӣ мегузошт.

## БАНДИ САВВУМ

Маликуррум савори Бусефали сиёҳмушкин аз мурдаҳойи дурӯза, ки аллакай аз гармойи бурҷи Харчанг гандида ва бӯй карда буданд ва пашшаҳо рез доштанд, рӯй тофта, ба шинухези мурғони бадсурат ва зоғони нав бохабар гашта ва шағолони дуздона қадамзананда нигоҳ накарда, асп тозонд бар асари Бесуси Бохтарӣ. Ягон-ягон

пашшаҳойи роҳ пеши фӯки ӯро ғинг-ғинг даргузар мешуданд ва Бусефалро мурда пиндошта, бар гӯшу думғозаи он менишастанд ва ҷонвар гӯшу фиш ва ё дум ҷунбонида пашшаҳоро меронд ва шоҳи мақдунӣ шукр мегузорид, ки аз он мурғони бадрангу бадрӯ халос шуд. Дар ин муддат корвон ва даставу фавҷҳойи ёрирасон, пасмондагони Искандар ҳамроҳи худ нагирифта даррасиданд. Онҳо бо баногӯшиву саргӯшиҳо аз ҷанги кӣ куштазор шудани корзорро дониста, яке алам кашида, дигаре нафрин хонда, саввумӣ афсусу надомат карда, рафтагор мешуданд ба дунболи лашкар. Талояйи пешгард роҳ тоза мекард ва Искандар гумон дошт душмани тозахурӯш дар куҷое камин гирифта ва ҳолиё чун сангҳойи манҷаниқу аррода ба сарашон хоҳанд рехт. Аз ҳамин хотир Искандар аз омадани зану фарзандаш Барзину Геракл шодмонӣ накард, балки маҳмил баст, то сайди навбатӣ аз даст наравад. Пайдо шудани шоҳи нохонда ва душмани ба назари ӯ ночиз ғаши ӯро меафзуд, вале ҳарос дошт, чунон ки аз Доройи Саввум надошт чунин ҳаросро. Зеро ӯ иттилоъ дошт, ки ҷанговартарин мардум миёни шарқиён бохтариҳо буванд ва ҳолиё Бесуси Бохтарӣ хешро шоҳи Эрон хонда, Ардашер гузоштааст номашро. Ардашери Чаҳорум. Ва инак интиқом мехоҳад. Чунин арзи вуҷуд кардани Бесуси Бохтарӣ олуғда гардонд Искандарро ва ӯ аз баҳри ҳама чиз, ҳатто тадфини ҷанозайи шоҳ Доройи Саввум баромада, ба роҳ афтод. Пошна зад Бусефалро. Асби сияҳфоми ӯ муқаддамтар аз ҳама мерафт ва расам-нарасам бо талоя буд. Ва якбора ковок шуда, рӯй ба пас овард. Дигарон пиндоштанд ӯ сипоҳу корвонро назора дорад. Ё ҳаваси базм дорад ва ё зану писарашро пазмон шуда. Зеро пирӯзийи бузург, вале каройи худи Искандар нангину шармоварро ҷашн нагирифтанд. Орзуйи шоҳи мақдунӣ дарёфтани шоҳ Доройи Саввум буд, вале на бо чунин шармсорӣ. Агар шоҳи Порсро зинда дастгир мекард, танҳо худи ӯ медонист, ки чӣ бояд мекард бо ӯ. Аз он ки шаборӯз асб метозонд баройи дастгир кардани ӯ, гумон аст, ки пӯзиш бикунад. Ва ин суол дар сари забони ҳар яке гирд мегашт. Вале касе намеёрист, то пурсад. Яке гумон дошт мусла мекунад, дигаре пиндошт дор мекашад, саввумӣ хаёл мекард маслуб мегардонад ва бисёриҳо андеша доштанд хуни ӯро мемакад Искандар ва ягон-ягон фикр мекарданд, ки шоҳи мақдунӣ мебахшад гуноҳи он гӯри гурезонро. Танҳо Искандар медонист, ки таъна мезанад бар ӯ ва нафрин мехонад баройи беҷуръатиаш. Ва ба рӯяш мегӯяд, ки аз тухмаву дудмони Ҳахоманишиён набуда, шоҳи тасодуфиро мемонад, чунон ки ҳолиё Бесус хешро хонда шоҳ Ардашер.

Ва бим дорад. Аз чунин рух гирифтани кор бим дорад ва касе пайку пайғом намеорад, ки ҷаҳон чӣ рӯйдодҳое дорад. Ба ҷуз ҳаром мурдани шоҳ Доройи Саввум дар зери гардуна хабаре

нест. «Клит гум, Клит. Ман, ки ӯро ба Хазар фиристода будам, беройи...»

Ба ғубори суми асбони талоя наздик омаданашро донистa, инони Бусефал кашид ва риштайи фикраш канда шуд. Ковок бар зин шуд ва нигарист ба пушт, ки фавҷи мунтахаби шоҳӣ менамояд, боқӣ ҳама зери ғубори тӯлонӣ мондаанд, ки аз дуриҳо ҳам он бурҷу сутуни абросоро дидан имкон дорад. «Ҳар кӣ қасд бо ман кард, сари хеш бихӯрд... Ва ҳар кӣ қасд дорад, паст хоҳад шуд.» Аз дил гузаронд Искандар ва як-як қасд кардаҳоро ёд овард; шоҳ Файлақус истисно набуд. Пармониёни сипаҳсолор, Доройи Саввум ва бисёр касоне, ки садди роҳи ӯ мешуданд, ҳаққашонро гирифтанд... Ва ҳоло зиёданд онҳое, ки ба зеҳнаш намефоранд.

Ҳолиё Файлотуси пури сипаҳсолор сахт намефорад ӯро. Пиндорад, ки ӯ рӯзе қасд ситонад. Гумонаш Файлотус огоҳ нест аз кирдори шоҳ, аз ин рӯ сухан намекушояд аз боби фавти падараш. Искандар ӯро зери назар дорад ва гоҳ-гоҳ теғи чашм карда нигаристанашро мебинад ва ҳар ду чун мушу гурба якдигарро мепоянд, аммо гумон доранд, ки худ донаду ӯ на. «Ин каждум рӯзе неш хоҳад зад» аз фикр гузаронд Искандар ва кина гирифт. Пас аз муддате хулоса кард, ки дар ин роҳи беохир фикраш садсола шуд. Танҳо гоҳи набард ӯ ҳама чизро фаромӯш мекард ва ҳозирбин мешуд, боқӣ тамоми роҳ меандешиду роҳҳо меҷусту хулоса мекард ва то гирифтани Эроншаҳр кӯшиш дошт касеро аз ҳамрикобон ё ҳамсипоҳон наранҷонад, агар тавонад, ба душман низ некӣ кунад. Вале баъди сипардани биёбони пуршиканҷайи мовароийи Эрон дигаргуна шуд. Гӯийё ақлаш, фаросаташ, донишаш, таҷрибааш то ҷое расид, ки сухани касе ба гӯшаш намефорид ва агар он ҳарфу ақида зидди андешаву фикру хоҳиши ӯ бошад, бадтар аз тир мерасид. Пармониён ҳадафи тири чунин кибру ғурури ӯ гашт. Баъди воқеайи сипаҳсолор бисёр касон дигаргуна нигоҳ мекардагӣ шуданд ба ӯ, бавижа Файлотус ва ҳамрикобони ӯ. Фарогӯшиҳо зиёд шуданд. Ҳамаашро Искандар мебинад. Агар набинад, ба ӯ расонанд. Баъд ӯ мехурӯшаду ситез мекунад, ки вулқон надорад чунин ҷӯшу ҳароратро. Ва пеш рафтанаш низ аз ин рӯст.

— Ман бояд ҳамроҳи гардунайи ҷанозайи Доройи Саввум мерафтам.-инон ба инон шудани ҷӯрааш шоҳзодайи мисрӣ Биталомусро дида фармуд Искандар.

— Бояд мерафтӣ, аммо нарафтӣ, – ҳазломез гуфт Биталомус, ки оҳанги гуфтораш чунин буд ва ҷуз ӯ касе наметавонист инчунин гӯяд ба шоҳ Искандар.

— Ҳммм... Бояд мерафтам, аммо нарафтам... – низ тамасхур кард шоҳ.

— Ва агар мерафтӣ, чӣ кор мекардӣ? Шоҳ Дороро зинда мегардонидӣ ё собит мекардӣ, ки ӯро ту накуштайӣ?

— На... Ман ин чизро ба бародараш гуфтам ва ҳама медонанд, ки ман ё ту накуштаем ӯро... Ин муҳим набувад... Ту он чизе, ки ман фикр мекунам, намефаҳмӣ... Ҳарчанд рӯйдодҳоро менависӣ, умқи онро андеша надорӣ. Магар медонӣ, ки аз дили ман чӣ гузарад?

— Инро касе нафаҳмад ва ҳеҷ гоҳ надонад, ки аз дили дигаре чӣ гузарад.

— Дар умрат як бор дуруст фармудӣ, шоҳзода.

— Ва ту низ дар умрат як бор ҳарфи дуруст бигӯй, ман шунавам.

— Бароят як панди шарқӣ мегӯям: Ҳар ҷо, ки рафтӣ, аввал дили аъёну ашроф ва бузургонашро ба даст ор. То мардум бовар кунанд, ки ту некхоҳ ва озодибахши онон ҳастӣ. Ба маросими тадфини ҷанозаи Доройи Саввум рафтанам ҳамин қадар аҳамият пайдо мекард. Он ҷо бояд модари шоҳ ва писари шоҳ Доройи Саввум шоҳзода Доройи Чаҳорум ширкат варзанд.

Ман бояд эшонро гӯяму фаҳмонам, ки Доройи Саввумро ман накуштаам.

— Бале, ту накуштайӣ. Инро ҳама донанд... Аммо ният доштӣ... Сатрапҳойи Порс туро ёрӣ доданд.

— Ҳммм... Ту низ ёри онҳойӣ. Андешаҳоят зидди пиндорҳойи ман.

— Чаро чунин пиндорӣ? Мо як бор ошкоро сухан гуфтан хостем, ту хашм мегирӣ.

— На, шоҳзода, ман ба сухани дуруст ғазаб нахоҳам кард, аммо сухан зермаъно дошта бошад ва ба киноя гардад, танам ларзад... Муроди ман дигар бошад: ман мехоҳам, ки шоҳзода Доройи Чаҳорумро аз муҳити Порс дур кунам, ба Юнон фиристам, то ӯ тарбияйи юнонӣ гирад ва дар он муҳит парвариш ёбад. Аз Порсу Эрон ёд накунад ва чизе надошта бошад аз реша: на тарбият, на одоб, на фаросат, на фарҳанг, на забон... Ҳеҷ чиз... вай бояд юнонӣ ё мақдунӣ бошад.

— Фаҳмост... вале чун аз ин сафар бозпас биравӣ? Роҳ андак набувад. Ва роҳи моваройи Эроншаҳр пуразоб аст. Агар ба он ҷо баргардӣ, ба Оби Ҳаёт нарасӣ.

— Ҳамайи ин чизҳоро андешидам, Биталомус. Гумонам, ки дар маросими дафни ҷанозайи шоҳ Доройи Саввум иштирок накунам, ҳама маро нафрин мехонда бошанд.

— Мегузарад. Ҷанозайи шоҳи Порсро бе мо ҳам ба хок хоҳанд супурд.

— На... Он гургзодаро бояд ба Мағриб фиристод. Он гургзода рӯзе гург шавад ва ба рамайи мо дарафтад.

— Ногузир.

— Пас чӣ бояд кард?

— Мо, ки меравем аз пайи Бесуси Бохтарӣ. Дар нақшайи шоҳи мақдунӣ бозгаштан нест.

— Оре, шоҳзодайи мисрӣ. Ту ягона касе ҳастӣ, ки ҳама нақшаҳойи маро дарёфтайӣ ва мувофиқи он рафтор кунӣ.

— Бале. Аммо гӯям, ки Бесус Доро нест.

Искандар хандид. Аз дунбол омадагон ҳайрон шуданд. Зеро онҳо медонистанд, ки Искандар сахт азо гирифта буд ба марги шоҳ Доройи Саввум. Ва гумон буд, ки зуд фаромӯш кунад ва ба худ ояд. Танҳо Биталомус медонист дар як пӯст ҷой гирифтани ду танро.

— Чаро хандӣ?

— Охир чаро нахандам? Кӣ надонад, ки Бесус на До-рост?

— Бесус аз Бохтар аст ва бохтариҳо ҷанговар бошанд.

— Бошанд. – Бепарво гуфт Искандар ва Биталомус шарҳ дод:

— Чун фурсат зиёд бошад, сипоҳ фаро оранд, кори мо душвор гардад.

Искандар ваҷоҳати дигар гирифт. Ӯ медонист, ки ба ҳама сари забонӣ сухан мекунад ва бо хотири хотирҳо ҳамсӯҳбат мешавад бо касон, вале ба Биталомус дурӯғ гуфта наметавонад. Зеро ӯ бо ханда ё масхара ва ё бо нобоварона сар афшондан радду бадал кунад андешаҳойи ӯро. Баъзан чунон вонамояд, ки пештар аз Искандар медонад ин ё он савдоро ва чаро дурӯғ гӯяд шоҳ. Аз ин рӯ гоҳ-гоҳ мулзам монад шоҳ ва фошофош гӯяд сухан ва бошад, ки ногуфтаниҳоро иқрор кунад.

Ва талоя бозистод. Искандар аз фурӯ нишастани гарди роҳ ин чизро пай бурд. Фурсати зиёде нагузашта сарбозони пешгард омаданд ва оварданд, ки гурезаҳо, зархаридони эллинӣ ва бардаҳойи раҳгум паноҳ бурдаанд дар кӯҳпораҳойи канори ҷанубу шарқийи дарёйи Хазар. Искандар боздошт сипоҳро ва амр кард, то аз нав санҷида, пайғом оваранд. Шояд Бесус камингоҳ гирифта бошад. Пасон фармон дод, ки сипоҳ омода гардад ба ҷанг. Сарфавҷҳо раддаву саф оростанд аз даставу гурӯҳҳо. Корвони ғайриҷангӣ, ки иборат буд аз занону кӯдакону хидматгузорон, ҳунармандон, пазандаҳо, созандаҳо, раммолу фолбинҳо, табибон, хазинадору гетерҳойи нозанин, қассобу ҷаллодҳо ва бисёр касони вобастайи соҳаҳо ҷудо шуданд рӯйи роҳ ва Искандар дарёфт, ки як лашкари пурвоҳимайи назаррас аст ин гурӯҳ ва агар лозим ояд, панҷа ба ҳар гуна лашкар занад. Ва боз чанги роҳ баромад аз он тараф ва саворон омаданд ду тан ва пайк оварданд:

— Он гурезаҳо аз пушти харсангу паси буттаҳо ва дарахтон берун омаданд ва таслим шуданд...

Искандар ҳарройи[1] асби хешро бод дод ва Бусефали рамузфаҳм даромад ба роҳ. Чанд рафтанду боди форам расид ба сару рӯйи

1. Ҳаррой – афзори зарнигор.

шоҳи макдунӣ ва садойи рӯдак омад ба гӯшаш. Садойи Ҳарорӯд. Ва чун оби софу зулол бидид, шодон гашт ва эътиборе ба он сарбозони рангпаридайи эллинӣ надода, ба Кратери вафодор, Гефастиони зебо ва ёри даврони кӯдакиаш Протей, ба Клити родмард, Кени домоди Пармониён, Биталомуси шоҳзодайи мисрӣ фармуд, то бо асирон машғул гарданд ва ба сарфавҷи саворон Файлотуси пури Пармониён кач нигариста, инони Бусефал ба сайис дод, то так суст кунад. Ва сайис аз чунин ишора донист, ки шоҳ чанд муддат канори рӯд монданист. Зеро дерёз шоҳ ғубори роҳ ва хайи биёбон аз тан нашуста буд.

Ӯ Гераклро ҳамроҳ гирифт, ки тифли роҳ пур азоб дида буд. Ҳарчанд гардунасавор меомад, гоҳ-гоҳ аз тамузи тобистон ва ҳарорати баланди ҳаво чун чӯҷайи ташна даҳон мекушод ва модараш Барзин сина ба даҳонаш мегузошт, то ташнашикан гардад. Искандар сари китфи рост нишонда, лаби рӯд бурд кӯдакро ва модараш Барзин ба баҳонайи ӯ низ лаби рӯдак омад.

— Магар Оби Ҳаёт ин нест? – оби софу зулолро дида пурсид Барзин ва Искандар посух надод, ки киноя мезанад.

— Ин аст Оби Ҳаёт. – такрор кард аз ношунида гирифтани Искандар. Ва чун ӯ хомӯштар буд, низ хомӯш монд.

Искандар пойҳойи бараҳнайи Гераклро оҳиста ба об андохт. Кӯдак даҳон воз кард ва гӯё аввалин бор пояш ба моеъи ноошно расида бошад, кашид ва форид магар, ки пой зад ва об чаракса кард. Ҳаллос зад Геракл ва завқи ононро овард. Вале Искандар ҷойи бобтар хоста қад-қади рӯд рафт ва обшору истахрро дид, ки сохта буданд хубтар. Ва паёпайи ӯ ҷондоронаш лаб-лаби рӯд меомаданд ва дидбонӣ мекарданд.

Писарро шустанд. Дили Барзин равшан шуд. Ӯ наълайн кашида пой бар об медошт ва домони дарозаш тар шуда буд. Ҳай ҳавас дошт, ки биғӯтад ба об, вале ҳаё аз ҷондорони шоҳ мекард. Ғӯте дуртар Искандар писарро бозӣ медоронд дар об ва кафи қавийи хешро тар ба об карда, мемолид ба тани кӯдак. Ӯ зиёдтар аз модар пазмон шуда падарро, ки ҳаловат мебурд. Ё магар худро дар ойинайи об дида, ки завқ мекард. Рӯ ба об рӯйи кафи дасти чапи падар буд ва дасту пой мезад. Афзунтар аз ӯ Барзин шодмонӣ дошт аз чунин рафтор. Ва он ҳавасе, ки дар канори чунин об намерасидаш, ба писар насиб карда будааст. Чунон навозиш ва ламсу масҳ мехост дилаш, ки Искандар ба писараш насиб медорад. Ва Барзин бо либоси тан нишаст даруни об. Завқ низ кард, ки Искандар рафтори кӯдакона ва айни ҳол аҷибу ғариби ӯро дида, завқ мебарад, аммо шоҳ чунин ҳолро дида, ҳайрон монд ва гуфт:

— Ту бадавӣ ё кӯҳӣ найӣ, шоҳзан ҳастӣ, – ва сар хам карда Гераклро бори дигар тар ба об кард.

Барзинро аҷаб омад ва ҳамон зайл бо либосҳойи кашол андаруни об наздик шуд ба ӯ ва гуфт:

— Сӯхтам, мефаҳмӣ, сӯхтам!

Пиндошт ба чанд маънӣ гуфтани ӯро Искандар пай мебарад ва ӯ чунон фармуд, ки сермаънотар аз фармудайи Барзин буд:

— Сӯхта сӯйи об давад, аммо андар об сӯхтан аҷаб аст.

— Сӯхтам, мефаҳмӣ, сӯхтам! – фарёд зад ӯ ва боз хештан бар об андохт. Надониста, ки жарф будааст. Фурӯ рафт ва муддатҳо пас рӯйи об омад. Даҳон кушод, то чизе гӯяд. Натавонист. Искандар донист, ки ӯ ғарқ шуда. Чун Геракл дар дасташ буд, натавонист худро бар ӯ занад. Писар канори рӯд ниҳод ва нигарон гашт, ки Барзин намояд. Чун ӯ бори дигар намуд, Искандар қадаме пеш андохт, низ фурӯ рафт ва зуд пояш ба санге расида, боло омад, каф зада аз нав Барзинро рӯйи об баровард ва кашид ҷониби писар, ки аллакай ба об омада буд. Барзинро рӯйи рег ёзонд. Гӯйӣ даму ёд надошт. Искандар даҳон ба даҳони Барзин гузошт, то нафас диҳад, Барзин аввал нарм ва баъд сахт макид лабони Искандарро. Шоҳ ҳайрон монд аз кирдори Барзин ва қасдан лаб аз даҳони ӯ нагирифт.

«Ёд кардам.»

Оҳиста гуфт Барзин. Искандар қомат афрохта, ба ҷондорони аллакай ҳозиршуда фармуд:

— Хайма занед ин ҷо!

Ва Гераклро бардошт аз лаби об.

Аз чунин фармони шоҳ ҳамагон рӯҳ гирифтанд ва донистанд, ки ӯ фароғат мехоҳад. Дуртар ва поёнтар аз хаймайи ӯ ҳамагон андар соҳили рӯд маъво гирифтанд. Ва чун мурғобиҳойи ранга даруни об шуданд.

Либос бар тани Барзин часпида буд ва баройи он ки пайкари нафис ва андомаш аз зери пироҳани ҳарир ва такпӯш натобад, писар дар бағал рӯйи санге нишаст то истех кардани чодар. Баъд дохили пардасарой шуд ва бадар кард пӯшоки тар ва ҳамон зайл рӯйи қолийи эронӣ дароз кашид ва нигарони шоҳи тарлибос буд. Вале Искандар сари истахр буд ва чангу гарди роҳ аз тан меканд ва аз серунийи рӯди кӯҳӣ ҳаловат мебурд.

Наздиктар аз ҳама занон ва гетерҳо ҷой гирифта буданд. Занони зебойи бобуливу эронӣ, ки ба зару зӯр ҳамроҳ оварда буданд, майли ба об даромадан надоштанд, балки ҳанӯз ҳам шарм доштанд ва тоқат мекарданд ба гармо. Искандар дуздида-дуздида менигарист он сӯ ва ҳайрон мемонд шикебоийи ононро.

Чун танаш нафаси тоза гирифт, ворид шуд ба сарой ва Барзинро бараҳна хуфта дид. Геракли хурдакак низ лучи модарзод буд ва хобаш бурда. Искандарро хуш омад чунин ҳол, низ либоси тар бадар кард ва ёзид миёни Барзину писар...

Садойи рӯд ба гӯши Искандар шаввв-шуввв... мерасид.

Ғунуданд низ. Чун бедор шуданд, садойи занон меомад. Мағал буд. Барзин аз ғурфайи хайма нигарист он сӯй ва занонро дид,

бо кафҳо об мепошиданд ба ҳамдигар ва садойи чирру пиррашон меомад.

— Ин қадар хонумҳойи бобулӣ чӣ зарур буданд дар сипоҳи ту? – ғайриихтиёр пурсид Барзин чашм аз чашми пардасарой нагирифта. Чун посух наомад аз Искандар, пиндошт нашунид. Рӯ овард: — А? Чӣ зарур буд?

— Чӣ? – гӯё нашунида буд.

— Ин қадар зан?

— Рашк?

— На! Дар омади сухан гуфтам.

— Ёдат бошад, мо дар аввал қавл дода будем, ки дар ин мавзӯъ сӯҳбат нахоҳад шуд.

— Ёд дорам. Вале ин занҳо бар зарари сипоҳи мақдунӣ кор кунанд.

— Чӣ гуна?

— Сарфавҷҳо гирифтор, сарбозон орзуманд. Чунон тобад, ки касе орзуйи набард надорад. Гӯйӣ сипоҳи юнонӣ боройи айшу ишрат омада.

— Воқеан чунин бояд бошад. Зеро мо пирӯзийи беназир ба даст овардем. Охирин намояндайи давлати бузурги Ҳахоманишӣ бункан шуд. Чунин империяеро кас ёд надорад, ки зиёда аз дувист сол салтанат карда бошад. Як шаҷарайи бузург, як дарахти азими сершоху реша бувад, ки бар Олам паҳну фарох гашта... Ва ҳолиё, ки як давлатчайи хурди Мақдуниё бо кӯмаки Юнон ин дарахти бемислро решакан кард, шойистайи пирӯзӣ ва шодмониву базм аст. Вале чун Доройи Саввумро мурда дарёфтем, назебад чунин базм моро... Аммо шойиста бувад базми шароб кардан.

— Чӣ шавад, агар Искандар шароб нахӯрад?

— Он гоҳ Искандар бимирад... Зеро ғубори роҳро танҳо шароб шӯяд ва хастагиҳоро рафъ кунад.

— Ҳар кӣ нахӯрд, бимурд?

— Оре, бимурд... ва оне ки бихӯрд, низ бимурд.

— Пас?

— Пас, бояд бихӯрд.

— Бихӯр Искандар, бихӯр! Чун дигар дилхушие нест, бихӯр.

Искандарро хуш наомад ин ҳарф. Харпанҷа аз зери сар кушода, аз миён болоро аз рӯйи қолӣ бардошт ва ҳайратзада пурсид:

— Чӣ гуфтӣ?

— Ҷанг он қадар мағзи шоҳ Искандарро печонидааст, ки рағбате ба дилхушӣ намонда.

Искандар магар аз ғанаби кӯтоҳ фароғат ёфт ва осуда гашт, ки сабук ҷаст, як назар аз паҳлӯйи ғурфайи чодар нигарист ба занони обтан, вале чун онҳо хубтар аз Барзини симтан набуданд ва тани бараҳнайи онон ҳолиё ба ҳам расида Искандарро ангехта буд, ӯ занро озод бардошт ва аз нав бар қолийи эронӣ хобонда, бозиҳо

кард. Он қадар бозӣ кард, ки Барзин низ ҳайрон монд; беайшу нӯш ва ҳатто ғизое нахӯрда, шоҳи ҷавон чунин рафтор кард ва гоҳе ки нафаси Барзин гашта буд, нимовоз гуфт:

— Ин аст Оби Ҳаёт, Искандар.

Чун Искандар низ ба ваҷд омада нафасаш танг гашта буд, сахт-сахт ҳаракат карда, беихтиёр фармуд:

— Ҳа... Ҳа! Ҳа! Ҳа! Ҳа-ҳа-ҳа... Ана ҳамин хел давлати бузурги Ҳахоманишиён решакан шуд...

Ва вазн андохта, рӯй ба рӯйи Барзин гузошт, дерёз барнахест. Барзин даст ҳалқа карда, ӯро оғӯш гирифта буд ва ҳолиё эҳсос мекард, онҳо занушӯянд; тоза, озода, бебӯйу тафи машрубот, одамвор муоширaт доранд. Тангтар мекашид ба танаш шӯро. Искандар низ меҳрубоние дошт, ки то ин лаҳза ба касе накарда. Дили Барзин пур аст аз гуфтаниҳо, аммо намехоҳад, ки чунин лаҳзайи ширин ғажду талх гардад. Ором, сокит, хамӯш ва меҳрубон аст. Гоҳ-гоҳ гӯшайи чашм ба Геракл мекунад, ки бедор нашавад. Ӯ рӯболо, дасту пойҳояш парешон, хубрӯй, хушнафас, лабонаш мойили табассум хобидааст. Набуд, набуд, чунин рӯз набуд. Ҳатто бори аввал, ки ба ҳам омада буданд, чунинаш набуд. Искандар сархуш, сармаст ва калаванда буд он рӯз.

Козурзан ва ёваронаш кайҳост, ки дуртар аз хайма либосҳойи тозаву озодайи шоҳона рӯйи даст медоранд ва нигаронанд, то ишорайи бурдан шавад. Андаруни чодар ҳама лучи модарзоданд ва касе ишора ба онҳо карда наметавонад. Пазандаҳо низ нигарони фармонанд; таштҳо дар даст,ҷому шароб нигоҳ медоранд. Шербаччаҳо кайҳо аз бунаҳойи сари кӯҳ бузу гӯспанд оварда, пӯсту пора карда, обҷӯш пухта буданд, низ бар ташти симин сари даст медоштанд. Пайдост, базму хӯроки имрӯзайи шоҳ хонадонист, ки иборат аз се тананд. Ҳарчанд Барзин ин чизро диду медонад, нахоҳад аз оғӯши шоҳи ҷавон раҳо шудан, дер насиб намекунад чунинаш.

Садойи оби рӯд меояд. Якмаром меояд. Дар гӯши Искандар шавву шувв намерасад. Чунон форам, ки боз хобидан хоҳад. Искандар ғел гашт. Ӯ зер шуду Барзин боло... Бедор шуд Геракл. Онҳо осема либосҳойи намдор ба тан кашиданд ва берун омаданд. Ва боз бо он либосҳо худро ба об андохтанд.

Дар ин миён козурон либосҳойи тозаву озода ва ҳатто болопӯшҳойи фохиру шоҳонайи эронӣ оварда, даруни пардасарой гузоштанд ва бадар рафтанд.

Чун Искандару Барзин аз ду дасти Геракл бардошта, даромаданд ба саро ва либосҳойи хеш бадал карданд, бо ишорайи пардадори навомада ходимон бо таштҳойи шароб, гӯшти пухта ва кабоб ба дари чодар ҳозир шуданд. Аввалин бор Искандар бо зану писараш танҳо хӯрок хӯрд ва дарёфт, ки нашъае дорад.

— Мо Гераклро ҷуз набард чизи дигаре омӯхта натавонем, – гуфт Барзин ва ногаҳонӣ буд барои Искандар ва айши ӯро мунағғас кард. Чӯбчайи кабоби дегӣ дар даст ба андеша рафт Искандар ва барои он ки лаззату ширинийи фароғати имрӯза гум нашавад, афзуд:

— Ҷаҳонгардӣ низ... Геракл барои ҳамин ба дунё омадааст.

— Вале Геракли қаҳрамон, ки дӯсташ дорӣ, барои накӯкорӣ ба дунё омада буд. Дувоздаҳ «Корнома»-йи ӯро ёд овар.

— Ёд дорам, Барзин. Лекин ту назди ман омадӣ, ки манша кунӣ? Маро аз сафар боздорӣ?

— Монда шудам, Искандар, хаста шудам...

— То ҳанӯз дарк накардайӣ, ки касе маро аз роҳ боздорад ё монеъ ба нақшаҳоям шавад, чӣ бинад?

— На.

— Надонӣ, бидон: яке аз онҳое ки маро аз сафар боздоштан мехост, Пармониён буд.

— Ман донам, ки Олимпиада буд...

— Он дигар... Ӯ модар, ҷонаш месӯзад.

— Ман низ модарам, барои Геракл вуҷудам месӯзад.

— Охир бидон: Геракл дар корзор ба дунё омадааст!

— Медонам... Аммо мехоҳам Геракл дигаргуна бошад.

— Агар чунин мехоҳӣ, фиристаматон ба Мақдуниё... Бо корвон.

Барзин дарозо андешид ва рӯ ба Геракл овард. Ӯ низ ба чашмони модараш нигарист, аммо чизе гуфта натавонист. Ва Барзин бо забони кӯдак гуфт: «Намехоҳам, ки падарамро гум кунам.» Чӣ ҳиссиёте буд, ки Геракл даст бар бозуйи падар зада, сӯйи китфаш рост шуд.

— Ин чӣ гуфтаат? Медонӣ, ки гум кардан чӣ маънӣ дорад? – гилаомез пурсид Искандар.

— Зеро бозгашти падар муайян набувад. Мо ӯро пазмон хоҳем шуд... Ва барои ин ҷаҳонро саросар пиёда паймудан чандин умр лозим аст.

— Аз ин рӯ ман мехоҳам, ки Геракл ҳамроҳи ман бошад.

Хуш омад ин ҳарф Барзинро, аммо гуфта натавонист.

— Пас сухани ман дар ёди ту ҳаст.

— Кадом суханат?

— «То замоне ки бо ман ҳастӣ, шодком ва комрон хоҳӣ буд. Чун аз ман дур шудӣ ё аз ман рӯй тофтӣ...»

— Ту дигар шудайӣ, Барзин...

— Оре. Ту танҳо оварду айшро донӣ, ман муҳиту одамон ва дӯстони туро донам ва санҷаму озмоям...

— Ва чӣ гуна?

— Инро бояд ту хубтар донӣ. Бояд дониста бошӣ, ки андар сипоҳ дӯст туро зиёд аст ё душман?

— Бале, донам... Вале кам донам... Ба фикри ту?

— Ҳама душманон душмананд. Донистани ин душвор набувад, вале ҳама дӯстон дӯст наянд, донистани ин душвор бувад.

Искандар чизе нагуфт. Берун омаданӣ шуд. То нигарад ба кӯҳсор, ба оби равон, ба сангу харсангҳо, ба бодомдарахтон ва андаке хешро таскин диҳад ва дар дил сарзаниш кунад, ки бо вуҷуди таълим аз устодони бузург гирифтан ҳанӯз ҳам хом аст. Набаромад, балки ба Геракл нигарист ва гуфт «Ҳамин модари ту-а? Бипурс, ки ӯ дар куҷо хонда?» Нигарист ба Барзин ва ҳар ду баробар табассум карданд.

— Хуб фармудӣ, Барзин. Ин муаммоест сарбаста. То ҳодисае ё воқиъае рух надиҳад, надонӣ, ки дӯстат душман будааст. Сахт мушкил бувад донистани он.

— Аз ин рӯ баъзан бояд каси дилсӯзро гӯш диҳӣ.

— Магар он дилсӯз низ мисли он дӯст нест?

— Ҳар дилсӯзи ранҷида ҳам тавонад дӯсти душман гардад.

— Яъне, дар олам каси пок ва беғаш ёфтан ғайриимкон аст.

— Бале, Искандар, каси пок ёфтан лоимкон бувад... дар дунё як чизи пок ҳаст. Об. Ҳама ифлосиҳоро бо худ барад ва афканда поктар шавад.

— Берун мебароем.

Гуфт Искандар ва Гераклро бардошта, берун омад. Нигарист ба об. Соф буд он. Софтар ва покизатар аз ҳама чиз. Баъд чашмаш ба сангҳо афтид. Бодхӯрда буданд сангҳо ва ҳар гуна намудҳоро ёд меоварданд: корсону коса, кӯзайи шикаста, дастайи кӯзайи ба санги азим часпида, даҳони каҷ, сари мор, гардани бурида, фӯку риши буз, як чашми кадом ҳайвоне ва бисёр тарҳу шаклҳойи дигар. Ва баъзан ба чашми ӯ менамуд, ки ҳо он санг, болотар аз санги дигар, паҳлӯйи дарахти бодоми талхак истода шаклу сурати кадом шиноси наздики ӯро дорад. Искандар ё ҳангоми набард дидааст онҳоро ё дар размгоҳ мурда. Вале сангҳо бештар шабеҳи даду дом ҳастанд. «Наход ҳамайи ин шаклҳоро бод сохта бошад?» пурсид Искандар аз кадом каси ғайб ва рӯ ба Барзин овард: «Ин сангҳо ба дасти ҳунармандони юнонӣ афтад, чӣ шаклҳое офаранд. Худи табиат бисёр монандиҳоро офаридааст, вале касе ном нагузоштааст.»

— Мехоҳӣ, ки Геракл дар чунин ҷойҳо тарбият гирад ва бузург шавад? – пурсид Барзин.

— На, – посух дод Искандар ва писарро дароз кард сӯйи модар ва афзуд: — Мехоҳам, ки Геракл тарбияту дарси устод Арастуро гирад. – Ӯ таваққуф кард, то аз Барзин чӣ ояд. Барзин хомӯш буд ва дар худ таҳлил мекард ҳарфи ӯро. Искандар фармуд: — Дар чунин ҷойҳо ваҳшӣ хоҳад шуд.

Барзин писарро бардошта аз санге ба санге гузашт, то андаке аз сӯҳбат дур шавад ва таҳаммул кунад.

Ва Искандар, ки чанд лаҳза шоҳ буданашро фаромӯш карда, хешро падар вонамуд ва бо зану фарзанд замон гузаронд, чӣ ҳавасе дар дилаш пайдо шуд, ки рӯйи тахтасанги монанд ба мармари кабуд ба пушт дароз кашид. Ва дар хусуси Барзин андешид, ки ҳар бори дурусттар сӯҳбат карданашон хислат ва ё саҳифайи тозайи заковати ӯ ошкор мегардад. Ва ҳар гоҳ, ки ӯ таҳдиди ҷудо нашуданро мекунад ва аз ҷудойӣ ба Искандар нохушӣ пеш омаданашро мегӯяд, ӯ ҳайрон мемонад. Искандар як зара эҳтиром пайдо кард ба Барзин, ки аз Арасту касеро лойиқи эҳтиром намедонист. Муддати дароз хомӯш монд. То оне ки соя гашт карда, рӯйи тахтасанги хобидаашро гирифт. Ӯ фикру андеша мекарду чизе намегуфт ва Барзин гӯё ҳама ҷамъкардаашро гуфта бошад, лаби об бо писараш машғул гашта, кордор ба шавҳар намешуд. Фақат аз дил мегузаронд, ки шоҳи шабгард ҳамин замон фармони сафар медиҳад ва ҳама таки асбон таранг мекунанд. Вале аз ӯ амре ё ҳарфи дигаре пеш наомад, ҳама хотирҷамъ ва ором буданд. Сари сангҳойи баланд дидбонҳо, посбонҳо ва навбатдорон буданд нигарон ба хабар ё садойи якдигар.

— Чаро нақшаҳоятро намегӯйӣ, Искандар?

Гирди сангҳойи зиёдро гашта, омада, паҳлӯйи ӯ бар тахтасанг нишаста, гуфт Барзин, ки муддати зиёд дар ин хусус андешида бошад. Искандар, ки дар ними рӯйи росташ соя афтида буд, гардан ба чап тофта Барзину писарашро дид ва гуфт:

— Ман нақша надорам. Нақшайи ҷанги Порс буд, иҷро шуд. Давлати Бузурги Ҳахоманиширо барҳам задам...

— Бале, барҳам задӣ... Чаро барнагардӣ?

— Фурсати бозгашт нарасида. Ҷаҳонгирӣ чунон набошад, ки кас аз нимароҳ бозгардад. Гумон дорӣ, ки ман ҷангро дӯст дорам? На! Онҳо ҷангталабанд. Баройи ватани хеш талош доранд. Онҳо чун Бесусу Сотибарзан маро ба дунболи хеш мекашанд.

— Ман ба ту бовар мекунам... Вале мегӯям, ки аз дӯстонат худро эҳтиёт бикун, душманонатро худат донӣ.

— Ту бояд сирреро донӣ, Барзин, вагарна чунин нагӯйӣ.

— Дуруст мегӯйӣ, Искандар. Сирру асрорро пеш аз ҳама занон фаҳманд. Зеро онҳо ҳама вақт паҳлӯйи мардон... ва онҳо роз ниҳон дошта натавонанд. Занон донистаашонро бояд гӯянд, вагарна кафанд. Зеро дилхушӣ ва аламтозакунаки занҳо ғайбат, баногӯшӣ ва таъна задану нафрину маломат кардан аст. Ҳатто онон ҳини дашном асрор ҳувайдо мекунанд ва дар олам аз онҳо чизе пинҳон дошта нашавад.

— Ҳатто худширинкунийи занҳо нишоне дорад... Магар онҳо пушаймонанд?

— Чӣ гӯям?... То Персополис бо завқу шавқ омада буданд. Баъд ба ҳасрату ғайбат гузаштанд.

— Ба онҳо фаҳмон, ки шодон хоҳанд шуд. Биҳишти рӯйи замин дар пеш аст.
— Биҳишти рӯйи замин дар кучост?
— Бо ҳама донойиат магар надонӣ, ки биҳишти рӯйи замин кучост?
— Донам, Искандар. Агар манзурат Суғд аст, донам. Вале ман гумон надорам, ки то Суғд расем.
— Чаро?
— Охир то Суғд роҳ андак нест!
— Бале, андак нест. Вале мо бояд он чо расем...
Қатъӣ донист сухани Искандарро Барзин. Ва писарашро ба баҳонайи пояк доштан паси санг шуд ва хеле замон гузашта, соя адири чониби Машрикро боло рафт, пасон ӯ омад.
— Чизҳойи дигар зиёданд миёни занҳо, – гӯё баройи ин чизро гуфтан паси санг гузашта, хеле андешайу мулоҳиза карда, омада бошад.
— Масалан?
— Гӯям, тарсам, ки хашм гирӣ.
— На. Хашм нагирам. Агар рост ва муфид бувад, хашм нагирам.
— Занон бештар аз хусуси марги сипаҳсолор Пармониён гӯянд...
— Ва чӣ гӯянд?
— Дилашон сӯзад ба марги нобаҳангоми ӯ.
— Гумонашон, ки...
— На... – гӯё андешайи Искандарро пай бурда бошад, рад кард. – Онҳо гӯянд, ки сипаҳсолор баройи Мақдуниё, баройи Юнон, баройи Файлақуси Дуввуму писараш Искандари Сонӣ хидмати зиёде кард. Искандар бояд ӯро эҳтиёт мекард ва ба Ҳикматоно намефиристод.
— Хаёлашон, ки...
— На! То ҳол сабабашро намедонанд. Агар донанд, оламро мекӯчонанд.
— Надонанд ҳам, чизе тахмин мекунанд-ку?
— Тахмин мекунанд, қол мебуранд, фол мебинанд...
— Худи ту чӣ фол дидӣ?
— Ман фол надидаам, Искандар... Тахмин мекунам, ки ҳар чӣ шуд, аз рӯйи зари Порс шуд. Ӯро ҳамроҳи Гарпали зарпараст фиристодан лозим набуд. Агар надонӣ, бидон, ки Гарпал одами оддӣ набувад. Ӯ зару симро дӯст дорад. Ва аз дасти оне, ки симу заро дӯст дорад, ҳар бало ояд.
— Бале, ҳар чо, ки симу зар бувад, аждар он чост.
— Ҳамин тавр... Ва гӯянд, ки Гарпал бадтар бувад аз аждар.
— Боз чӣ гӯянд?

— Боз гӯянд, ки аз писарони Пармониёни сипаҳсолор эҳтиёт бояд буд...

Искандар каме сар бардошта ба чашмони Барзин нигарист ва паст гуфт:

— Донам.

Барзин сар пеш овард ва фармуд:

— Донам, ки донӣ...

## БАНДИ ЧАҲОРУМ

Замоне ки Искандари Мақдунӣ ному шӯҳрат хоста, аз пайи кушандайи шоҳи Порс – Доройи Саввум пойгаҳ монда буд, сатрапи Бохтар Бесуси хомхаёл боройи ном, фарру шукӯҳи подшаҳӣ андар шаҳри Задракартайи (Домғон) вилояти Гиркания (Хазар) сарони ҳарбу сатрапҳойи вилоятҳоро гирд оварда, анҷуман сохт, то нигини мӯҳрдори Ҳахоманишӣ ангушти ӯро оро диҳад. Бехабар аз он ки ангуштарийи порсиро худи ӯ ба дасти душман дод. Чун дар миёна лашкари мақдунӣ роҳро бурида буд, шаҳрдори Тапурия (Қазвин) ва Мардӣ Автофрадат натавонист ба ин анҷуман иштирок кунад. Боқӣ ҳама волиёни вилоятҳойи шарқийи Эрон ҳузур доштанд дар ин ҷамъомад. Ҳаво гарм буд дар бурҷи Харчанг. Онҳо анҷумани кӯтоҳу монанд ба маслиҳату машваратро зери осмони кушод гузарониданд. Чун кишвари Хазар доройи сабзиву хуррамийи зиёд аст, андар ҳавойи кушод нишастан бартарӣ ва хубие дорад аз даруни толор ё коху диже будан. Марди тановари сияҳпӯст ва зиреҳмӯй Бесуси Бохтарӣ, ки солҳойи зиёд ба умеди тахту бахт аз пайи Доройи Кудумон кашол буд ва ҳеҷ беҳбудие, бароре ё ободие аз ӯ надид, хашм гирифт ба шоҳ. Ва хашму кинаву нафрати ӯ то ҷое расид, ки нобуд сохт шоҳи Порсро, ба дасти душман дод марзу покбумро. Сатрапҳойи камхиради хиттаву вилоятҳойи Эрон низ мисли ӯ андешайи кӯтоҳ доштанд ва бохти ҷангро аз бепарвойӣ, содагӣ, ноӯҳдабаройӣ ва айшу нӯшу танпарастийи Доройи Саввум медонистанд ва хаёли хом доштанд, ки бо сарнагун гаштани шоҳ Доро душман забун ва мулк обод хоҳад шуд. Вале аз мурдайи Доройи Саввум беҳие ба миён наомад. Баръакс, ононе, ки сарсупурдайи шоҳ Доро буданд ва хидмати ӯро авлотар аз ҳама медонистанд, бирафтанд аз сипоҳи Порс. Мамлукҳойи эллиниву юнонӣ ва ҳатто бобуливу эронӣ рӯй тофтанд аз Бесус ва рӯ оварданд ба кӯҳу пуштаву дараҳо. Қисме ба хидмати Искандари Мақдунӣ гузаштанд, тойифае ба кӯҳҳо ба сар бурданд, бархе сӯи дарёйи Хазар рафтанд. Ками дар кам монда буд сарбозони Бесус. Ва агар сатрапҳойи дигар фавҷҳойи хешро ҷудо кунанд, Бесус аз кори кардайи хеш пушаймон гашта, рӯ ба Бохтар хоҳад овард. Ва ҳанӯз умед дорад, ки сипоҳи порсиро ба по монад ва қасд аз душман ситонад.

Ба ҳар тақдир Бесус хешро шоҳи Порс медонад ва пиндорад, ки аз тухмайи Ҳахоманишиён охирин ҷони зинда аст.

Набарзани вазири Доро ва ҳам сарфавҷи саворони порсӣ, сатрапи Гирканияву Парфия Фратофарн, сатрапи Ориё Сотибарзан ва сарони ҳарбу аъёну ашрофи порсӣ, шаҳрдорҳо ва ҷондорон ҳузур доштанд дар маҷлис.

Бесуси тезхуни камандеш худро ба ҷойи Доройи Саввум шоҳи Порс дониста, сари садорат шуд. Вазифайи Фратофарни ҳокимро ба инобат нагирифт ва худкому худхоҳ будани хешро ба аҳли давра нишон дод:

Бесус: Ёрони ман! Шумо шоҳид ва гувоҳ будед ва ҳастед, ки мо шоҳи Порс Доройи Кудумон гуфта, ба чӣ азобу машаққат гирифтор шудем, то куҷо расидем ва оқибат чӣ дидем. Андаке чашм пӯшида, гузаштаро пеши назар орем, ки мо кӣ будем. Шӯҳрати давлатдориамон то офоқ расида буд. Давлати Бузурги Ҳахоманишӣ гӯем, олам меларзид. Ва чӣ шуд? Шумо ҳолдон ва воқеъбин, ки аз дасти як шоҳи ноӯҳдабаро шуд... (Баногӯшӣ сар шуд миёни сарбозон.) Аз рӯзи аввал маълум буд, кӣ будани ӯ, чӣ будани ӯ. Аз ҷанги Граника равшан гашт, ки Доро шоҳи ҷанговар нест. Раҳмдил, тарсу ва танпарвар аст. Инро ҳама медонистанд. Касе чизе намегуфт ва ҳама борро ба дӯши ман меандохтанд. Аз аввал бад шудам дар назди ӯ. Чашми дидан надошт маро. Чун тарсу буд, ғайрати гуфтан намекард ва ё ҷангро хотир карда, сипаҳсолорҳо ва сарфавҷҳоро намеранҷонд. Мо низ раҳмдиливу одамияти ӯро дида, гузашт мекардем. Маълум шуд, ки гузашт кардан лозим набудааст. Вақте ки ватан дар хатар аст ва қисмати кишвару халқ ҳал мешавад, ину онро пеш овардан ва далелу бурҳон кардан ва хотирбинӣ лозим набудааст. Теғро теғ буррад, сангро санг шиканад. (Сaргӯшиҳо зиёд шуданд ва касе намедонист кӣ чӣ мегӯянд. Вале аз сарҷунбониҳо бармеомад, ки ҳамагон саросар бо гуфтаҳойи Бесус розӣ нестанд. Онҳо нотарсида баъзан сар метаконанд, зеро ҳанӯз касе сатрапи Бохтарро шоҳи Порс нахондааст ва рутбайи ӯ болотар аз рутбайи дигар сатрапон нест.) Моро лозим буд, ки тезийи корд – дар неши корд, ӯро сари вақт аз сари лашкар дур кунем ва ӯро зарур буд, ки сари вақт кори ӯҳда карда натавонистаашро биспорад. Чун хира буд ва ба тахт омаданаш низ тасодуфӣ буд, сар раваду миғфар наравад, мегуфт. Ва ҳар ду рафт.

Ёрони ман! Шумо гумон накунед, ки ман тахту рахт мехоҳам. Агар Доро бо ду дасти адаб мулку давлатро ба ягон каси ӯҳдабаро месупурд, мо ба ин рӯз намерасидем. Чанде аз шумо гувоҳи ҳол ҳастед, ки борҳо ин андешаро ба ӯ гуфта будем. Аммо ӯ гуфтаҳойи моро дигаргуна пазируфт. Ҳасад мепиндошт, ғараз медонист, гадо душмани гадо, мегуфт…

Баҳонааш ин буд: «Касе шоҳи Порс шуда метавонад, ки аз дудаву дудмони Ҳахоманишиён бошад...» Мо кистем? (Худи ӯ чунин даъво дошт.) Мо ҳам аз ҳамон тухма. Аз шохаи Ардашерон! Ман ҳақ дорам худро Ардашер хонам! Ардашери Чаҳорум...(Саргӯшиҳо ба гуфтугӯйи ошкоро гузаштанд ва баъзеҳо садо баланд карданд. Ором кардани онон саҳлу осон набуд ва Бесус каф ба ҳам зада, аҳли давраро ба хомӯшиву оромӣ мехонд. Пас садо баланд кард.)

… Шоҳи якрав бовар кард ба зархаридони юнонӣ, ба бардаву ғуломон, ба ҷосусон... ва оқибат чӣ шуд? Ҳамаашро ба чашми худ дидед...

Садое: Кирми дарахт аз худи дарахт.

Бесус: (Илова бар суханаш) Оре! Кирми дарахт аз худи дарахт. Ягон шоҳи Ҳахоманишӣ чунон намурдааст, ки Доройи Саввум мурд...

Садое: Доро андар размгоҳ мурд! Дар бистари ноз намурдааст!

Бесус: Ин садойи кист?

(Ҳама хомӯш, касе посух намегӯяд. Аҳли маҷлис меҷунбанд. Бесус як ба ҷондорони хеш менигарад ва идома медиҳад.)

Бесус: Маро шоҳӣ ва тахту тоҷ орзу набувад! Армони ман ин аст, ки давлати бузурги Ҳахоманишӣ, ки Куруши Кабир бунёд гузоштааст, аз миён наравад... (Каф кӯфтанд ва Бесус авҷ гирифт.) Он чӣ шуд, гузашт, гуноҳи кӣ буд, хиёнат аз кӣ шуд? Пӯзиш мекунем. Баргардонидани марзу буми аз даст рафтаро бояд биандешем. (Андаке орому хомӯш мемонад, то чӣ ояд аз дигарон. Сипоҳиён ба ҷунбиш меоянд, зиёдтар мешавад миш-миш.) Ҳолиё вазифайи мо ватанпарастон чист? Мо бояд хоки Порсу Бохтару Суғдро аз пойи номубораки истилогарони хориҷӣ пок дорем. Ин орзуйи ҳар яки шумост. Армони мо озодист. Мисли ҳама гуна мардумони олам мо озодиро дар ҷойи аввал хоҳем гузошт ва нагузорем, ки аҷнабие, омадае замини моро зери по кунад, мардонро бикушад ва зану фарзандони моро ғулом гардонад. (Дигаргуна ба ҷунбиш омаданд сарбозон). Ҳар кас ҳақу ҳуқуқ дорад ба қадри фаҳмиши хеш андеша кунад ва сухан гӯяд. Ақлу андешайи ман чунон бувад: бо зуъму ноз ва аз нофаҳмӣ мо метавонем ҳама чизро аз даст диҳем. Ҳатто худамонро. Ба такрор мегӯям, ки маро тахту тоҷ зарурат надорад. Вале мебинам, ки касе ғами марзу бум, халқу миллат ва ояндайи онро намехӯрад. Ҳар кас дар ғами ҷони хеш аст, ки рӯзи Доро ба сараш наояд. Ин ҷониби масъаларо фикр кардан айбе надорад. Аммо ба теғи душман мурам ё дар хидмати ӯ бошам – авлотар, гуфтан гуноҳ аст...

Ёрони ман! Ин андешаҳойи мухтасари ман аст. Шуморо хондем, то андешаҳойи худро дар ин боб бигӯед! Бифармоед!

Ҳама ба ҷунбиш даромаданд. Нигаристанд ба ҳамдигар.

Набарзан: (Як қадам пеш монда) Шумо ҳозиру нозир будед, ки андар набарди зидди мақдуниву юнониён Доройи Саввум танҳо начангида. Мо овард кардем ҳамроҳи ӯ. Бурду бохт аз мост. Вале бохти ҷангро танҳо ба сари шоҳ Доройи набуда бор кардан ноинсофист. Дар ҷанг ҳам боинсоф бояд буд, гуфтаанд...

Бесус: (Худдорӣ накарда) Ман Доро гуфта, ҳамаро дар назар дорам!

Набарзан: Шумо гуфтед, мо гӯш додем, Бесус! Инак мо гӯем, шумо тоқат кунед! Ба назари ман, куштани шоҳ Доройи Саввум хатойи маҳз буд.

Бесус: Онро, ки ту корд задӣ! Ту куштӣ!

Набарзан: Ман аз пеши худ накардаам ин корро! Бесус фармуд, ман вақти гурез, гоҳи зарурат кардам ин корро, то Доройи баста ба гардуна зинда ба дасти душман наафтад. Ин чизро ҳама медонанд, ба таънаву такрор ҳоҷате набувад. Сӯҳбат сари дигар чиз бояд биравад: бо чунин рафтор мо ба душман ёрӣ кардем. Искандар пирӯзиро муфт ба даст овард. (Оне хомӯш монд ва афзуд). Коре буд ношуданӣ. Миёни фавҷҳо, даставу гурӯҳҳо ва сарбозон ҷудойӣ андохт.

Бесус: Ҷудойиро ту андохтанӣ ҳастӣ!

Набарзан: На! Бино бар расидаву шунидаҳо: сипаҳсолори Порс Ортобоз ҳамроҳи писаронаш бо Искандар пайвастааст. Чунки… Чунки…

Бесус: (Оташин шуда) Набарзан низ аз он хойинон аст, ки Ортобоз!

Набарзан: … Чунки духтараш Барзин он ҷост… Лекин ту беҳуда магӯ, Бесус... Ҷамъ омадем, то фикру андешайи раҳойӣ аз балоро гӯем. На ки кинояи бо ҳам занем, нифоқ андозем!

Фратофарн: (Низ қадаме пеш андохта) Набарзан дуруст гӯяд. (Бесус теғ кашида менигарад ба ӯ) Мо боли хешро шикастем ва душманро нерӯ бахшидем.

Сотибарзан: (Боситеза) Агар куштани Доро душманро нерӯ бахшидан буд, чаро он замон нагуфтӣ, ки Дороро накушем? Набарзан теғзан буд. Ҳолиё сухани он кас дурусту сухани Бесус нодуруст...

Набарзан: Сотибарзанро сахт нарасад, ки он замон «Дашна бизан, мурдайи ӯ душманро андармон мекунад» гуфта буд. Пас, фармонбардор ҳастам ман. Шумо фармондор. Чунон ки ҳоло чунин мехоҳед.

Фратофарн: Магар мо баройи доду ситад гирд омадаем ё ягон ишколро ҳаллу фасл бояд бикунем?

Бесус: (Ба Фратофарни паҳлӯяш истода нигариста, бо киноя) Мо ба бӯйи кабоб омадем, дидем, ки харро доғ мекунанд.

Набарзан: Он замон гуфторатон дигар буд, ин замон дигаргуна. Он замон Набарзан гумон дошт шумо дар ҳақиқат аз ӯҳдайи ҳифзу

ҳимояйи ватан мебароед, бохти ҷанг ба ҷурми Дорост. Аз забони худатон донистам, ки гунаҳгори бохти ҷанг ҳамагон будаем. Он замон шумо дар ғами ҷони хеш будаед ва аз наздик омадани Искандар тарсида, маро қотил сохтаед, то ман гуноҳи ондунёйиро ба гардан гираму шоҳро бикушам ва шумо дар ин муддат ҷон ба саломат баред... Ҳолиё донистам, ки шумо чӣ касед. Ба чашмам намерасад, ки шумо мулки Порсро нигоҳ дошта тавонед ва Суғду Бохтарро ҳифзу ҳимоя кунед... Шумо ба даҳонҷанг устоед. Ҳунаратон дар даҳонатон; ситойиш кунед ҳам, нафрин хонед ҳам. (Андаке истод, ки шояд касе чизе гӯяд. Ҳама хомӯш буданд, афзуд:) Дигар ин ки дар нобуд сохтани якдигар шумо устухон надоред. Ба зарбаву ҳамлайи душмани беруна тобовар нестед. Гурезу фирорро дӯст доред. Ба гумонатон гурезу ҳазимат беҳтарин роҳи раҳойист. Андеша намекунед, ки гурез бохт аст, тарс аст.

Сотибарзан: (Тоқат наоварда) Гӯё ки ту нагурехтӣ!?

Набарзан: Ман низ гурехтам аз дунболи шумо. Пиндоштам ин охирин гурез аст ва дигар мо ба ҷанг барнамегардем, ҳар кас аз пайи кори хеш мешавад ва касе даъвойи шоҳӣ нахоҳад кард.

Бесус: (Хашмӣ.) Агар ту мехоҳӣ шоҳиро, туро нишонем бар тахт!?

Набарзан: На! Ман аз тухмайи шоҳон наям ва иддао низ надорам. Ҳар киро зебанда аст, шоҳ шавад. Вале шоҳиву шоҳигарӣ шартҳо дорад. Шубон шубонӣ кунад, кадевар кашоварзӣ.

Бесус: Агар ту донӣ он шартҳо, зебанда ҳастӣ низ тахтро.

Набарзан: Равшан бод Бесусро, ки он тахт соҳиб пайдо карда. Искандар ба осонӣ надиҳад маснад.

Сотибарзан: Ин ҷосус аст, дӯстон. Вагарна аз куҷо донад ин ҳамаро?

Набарзан: (Қоҳ-қоҳ зада) Чӣ зарурате ба ҷосусӣ? Аз кӯҳҳойи Олимп то Албурзу Ҳиндукуш ҳама донанд ин савдоро. Ва шумо аз каҷбинӣ маро муттаҳам карданӣ ҳастед, ки ман донаму шумо на.

Сотибарзан: Гуфторат хуб. Аммо натиҷааш равшан набувад. Доро аз неши дашнайи ту мурд...

Набарзан: На-а-а... Он дашнайи ту буд. Ту гирифтӣ он дашнаро аз камари шоҳ Доро? Ту додӣ ба дасти ман? Ту «куш!» гуфтӣ. Ва чаро ҳолиё гунаҳгор донӣ маро? Ё пеш аз вақт гуфтугӯ шуда буд, ки ман ба ишорайи ту он корро кунам ва ин маломат бандед ба пойи ман? Маҷлис шуда буд дар ин боб? Шуда буд! Қарор шуда буд? Шуда буд! Бесусро шоҳ мехонем, гуфта будӣ? Гуфта будӣ! Акнун чӣ лаб каҷ мекунӣ? Мехоҳӣ, ки...

Бесус: Бас!

Набарзан: (Рӯ ба ӯ оварда) Чаро бас? Модом ки маро гунаҳгор ва муттаҳам кардан мехоҳед, ман бояд дод гӯям. Шумо, ки додгурез ҳастед, ман додхоҳам. Ҳама аз аввал медонистед, ки аз

дасти Доройи Кудумон ҷанг намеояд. Мо бояд ҷанг мекардем. Ҷояш омад, ки шумо тамошобин шудед ва дар ягон ҷанг номи Бесус набаромад. Шон сипаҳсолор буданд, мо сарфавҷ!

Садоҳо баланд шуданд:

— Бас!

— Айб!

— Магар ба ҷанг омадед?!

— Беҳбудиро бинед! Ояндаро андешед!

Бесус: (Ғазаб карда) Ту мехостӣ, ки ман номусбардори шоҳи беномус бошам?

Набарзан: Доро чандон беномус набуд, ки ту гумон мекунӣ. Одами раҳмдил беномус намешавад. Дурандеш мешавад...

Бесус: Як баномус ту...

Набарзан: Дуввумаш ту!

Ва мағал шуд.

Садо: Шумо дар ҷанги байни худ устухон надоред!

Бесус: Шумо дар ҳар замон хонашери майдонғарибед!

Лаҳзае сукунат ба миён омад. Касе ба ҳарфи Бесус посух нагуфт. Бесус вонамуд мекард, ки иттифоқчиён дарди дил холӣ карданд. Аммо дар амал пушаймон буд, ки зери осмони кушод чунин гуфтугӯй шуд. Ӯ чашмдор буд, ки сатрапҳо аз мурдани шоҳ Доройи Саввум шодмон гашта, сатрапи Бохтарро сарвар мехонанд ва инони давлатдориро ба ихтиёри ӯ медиҳанд, пасон шоҳ чӣ кор карданашро худаш медонад. Ҳоло низ бо чунин умед ба рӯйи муқобилонаш намешӯрад, то мурғи бахт бар китфаш нишинад. Он гаҳ медонад бо душманон чӣ карданро ва аз ҳарфи андаке пеш гуфтааш пушаймон гашта, оҳанги сухан дигар кард.

Бесус: Мо хато кардем. Охирин шоҳи Эронро куштан лозим набуд. Сояйи ӯ бас буд, ки мо давлатдор бошем. Вале чун ӯ нест, бояд чорае андешем. Якеро сарвар хонем ва зери дирафши ӯ мулкдорӣ кунем!

Сотибарзан: Охир, мо дар ин хусус гуфтугӯй карда будем. Бесус бояд сарвари мо гардад.

Набарзан: Нияти ту рӯшан: боз сатрапи Ориё будан хоҳӣ. Вале гумон надорӣ, ки рӯзи Доро замоне ба сарат хоҳад омад. Як лаҳза кирдорҳойи вазири хойин Боҳуйро ёд оред; чун ба куштан пардохт, тухми сулоларо бехт ва Доройи Кудумонро аз куҷое пайдо карда, аз дудмони Ҳахоманишиён донист.

Сотибарзан: Ту чӣ хоҳӣ!? Ман намефаҳмам, ки иддаоят аз чӣ рӯст?

Набарзан: Иддаойи ман аз он рӯст, ки ту андеша бикунӣ, ғарра ба ваъдаҳойи Бесус набошӣ. Зеро шоҳзодагон чун шоҳ шаванд, нахуст ҳолдону роздонҳоро нобуд кунанд.

Бесус: Чӣ газоф гӯйӣ, нохалаф! Ба ман гуфта буданд, ки носипостар аз Набарзан касе дар олам набувад! Баройи исботи

ин даъво туро фармудем, то теғ бар Доро занӣ, собит кардӣ, ки ноҷавонмардтар аз ту касе набуда дар офоқ. Ин замон даъвойи муттаҳам кардани моро дорӣ!

Фавҷҳо, гурӯҳу дастаҳо, худамову хӯришгарон, корвониҳо ва ҳатто онҳое, ки дидбону посбон ба шумор мерафтанд, оҳиста-оҳиста пеш омада, ҳалқайи зиндайи майдонро танг мекарданд. Ва диққат ба гуфтору рафтори сатрапҳо, ҷондорон ва тарафгирон медоданд; мушоҳида мекарданд ҳаяҷону тез шудани онҳоро ва гоҳ-гоҳ даст ба қабзайи шамшер бурданашонро. Бештар Бесуси сияҳҷурда беқарорӣ дошт; бад-бад сӯйи Набарзан менигарист, ки асрори ботинийи ӯро ҳувайдо мекард ва баъзеҳо дарёфта, ки дурӯғ мегӯяд ӯ. Мурувату мадоро гуфтанаш ва ба касе кина нагирифтанаш то аз об гузаштани хараш. Ба Набарзан менигаранду сар меҷунбонанд баъзеҳо, ки рӯзи Доро ба сараш хоҳад омад.

Набарзан оне сар андохт, то чӣ посух гӯяд ба дӯғу даранги Бесус. Ӯ ҳеҷ касро намедид ҷуз Бесус, ки чӣ мурод доштанашро медонист; сари қудрат омадан буд мақсади бохтарӣ. Баъд чӣ шавад? На Бесус медонисту на Набарзан. Вале Набарзан ҳамин қадар хаёлу фаросот мекард, ки муроди Бесус як бор номи шоҳиро бардоштан аст, то халойиқ донанд, ӯст аз дудайи Ҳахоманишиён. Ва аммо касе бар ин гувоҳ набуда ва то замоне ки Доройи Кудумон зинда буд, касе ин ҳарфи Бесусро нашунида. Сар бардошт Набарзан. Ба назар ҳама нигарони сухани ӯ буданд, то чӣ ояд аз забонаш. Сар ҷунбонд ӯ.

Набарзан: Бале... Чун аз тухмайи Ҳахоманишиён касе нест, ту метавонӣ номбардори он бошӣ. Чунон ки дар набудани Камбуҷа муғбаччае худро писари Куруш ороста буд. Ва ин замон Ардашер шудани Бесус айбе надорад. Муқтазойи табиаташ чунин аст.

Безобита шуд Бесуси тезвир, хурӯшид дар худ. Нигарист ба атроф; касеро пайдо карданӣ буд аз қабили Моҳуй ва ҷаллод мехост. Аммо чун забардастие надошт ва мисли дигарон ҳуқуқи сатрапӣ дошт, оташаш паст шуд ва фармуд: «Порс дигар обод нахоҳад шуд!»

Ҳалқайи танг васеъ гашт ва касон ва гурӯҳҳо ва фавҷҳо ва тамошобинон дур мешуданд. Ва яке садо омад:

Сотибарзан: Бесус сарвари мост!

Гӯйӣ касе эътибор надод ва дур мешуданд. Бесус каф кӯфта аз нав гирд оварданӣ буд ҳамаро. Бо тамоми овоз дод задан мехост. Моҳуйро талаб карданӣ мешуд. Нашуд. Касе чун муш (ба назараш) миёни пойҳоро хам хӯрда мегузашт. Вале надонист, ки кист… Тохт сӯйи Набарзан шамшер охта. Боздоштанд. Наърайи шерона зад.

Бесус: Шумо ҳар кадом дар ғами худ ҳастед! Ғаму дарди Ватан, Миллат ва Халқ баройи шумо бегона аст! Мо ба мақсади ягонагӣ ва якпорчагӣ ин ҷо гирд омадем! Мурод ин аст, ки сарвари ягона

дошта бошем ва зери дирафши бунафши эронӣ амру амал кунем. Гилагузорӣ кори пирзанон бувад ва таъна задан кори номардон! Агар муроди мо таслим шудан буд ва ё Искандарро бо нону намак пешвоз гирифтан, метавонистем андар дарвозаи мағрибии Порс ин корро бикунем! Чун нияти мо ватандорист, набояд ба иғвойу дасисаи ҷосусон, ватанфурӯшон, дайюсон ва хуносоҳо гӯш бидиҳем!.. Ёрони ман! Мо бояд ба номи сатрапи Суғд Спитамони диловар номае бифиристем. Аз ӯ хоҳиш кунем, ки бо мо бисозад ва иттифоқчиёнаш – масагетҳову скифҳову сакойиҳоро ба ватандорӣ бихонад, то мулк сумшиббаии хориҷиён нагардад! Осиёйи Бузург хору забун нашавад!

Майдон гӯйӣ замбӯрхона шуд. Касе чизе намешунид ва касеро боздошта намешуд. Сотибарзан ором кардан мехост ононро.

Сотибарзан: Сипоҳиён, сарбозон! Сарони ҳарб! Низоми ҳарбиро риоя кунед! Мо бояд муттаҳид бошем! Мо бояд муттафиқ бошем! Андаке гӯш диҳед! Хоҳем, нахоҳем, ҷуз Бесус касе нест, ки номусбардор бошад. Ӯ ҳолиё Бесус набувад! Ардашер бувад! Сарвари мо шоҳи Порс...

Фратофарн: Сотибарзан дуруст мефармояд... Аммо... аммо беҳуда бувад: шоҳигарии Порс ва шоҳаншоҳийи Эрон кайҳо насиби хориҷиён гашта. Чаку мӯҳр дар дасти Искандар аст ва ӯ аллакай бо мӯҳри Доро ба гӯшаву канори Порс номаву руқъа ирсол кунад. Ҳоло барои номи баланди шоҳи Порсро соҳиб гаштан аввал Искандарро нобуд бояд кард, сонӣ мақдуниёну юнониёнро аз кишвар бояд ронд.

Сотибарзан: Ин корро ҷуз Ардашер касе карда натавонад.

Фратофарн: Бошад! (Низ равон шуд аз паси Набарзан.)

Аз пас садои Бесус меояд.

Бесус: Умед ба шоҳи бегона набандед! Миёни сипоҳи Искандар низ ноҷӯриҳост! Сарбозони мақдуниву юнонӣ норозианд аз ӯ! Онҳо ёди ватан кунанд ва нафрат хонанд ҷангро! Моро фирефта, то ин дуриҳо овард, гӯянд!...

Фавҷҳо, дастаҳо, гурӯҳҳо ва ҳар касе, ки тамошо пиндошта, омада буданд, ангуш-ангушт, ваҷаб-ваҷаб, қадам-қадам дур мешуданд. Ба д-он мемонд, ки овезаи остинчашакли орувони қаҳркарда, рафида-рафида аз ҳам ҷудо шуда, аз пайи модинаи шӯрида меравандӣ. Гӯё модинаҳои зиёд барои манзил ҷангида, ҳар кадом ойилаи нав сохтанианд ва ҳеҷ муросо накунанд бо ҳам.

Набарзану Фратофарн низ ҷудо аз сипоҳ гаштанд ва сӯйи асбҳо рафтанд. Онҳо ба сарбозони фавҷи хеш чизе нагуфта, савори бораҳо шуданд ва сари онҳоро ба роҳе гардониданд, ки омада буданд. Онҳо ду савори рӯгардон сӯе рафтанд, ки офтоб рафта буд ва охирин нури он куллаҳои дурро зардӣ дошт. Ду савори ҳаминон аввал суроб шуданд, тарҳ гаштанд, сиёҳӣ монданд аз худ ва фурӯ рафтанд зери пардаи шом.

## БАНДИ ПАНҶУМ

Искандари сахткина гоҳи ба Бусефали болдори афсонавиаш нишастан теғ кашида ба сарфавҷи саворони мақдунӣ Файлотус нигарист ва пой бар рикоб ниҳод, хидматгузорон сарафзор ва рикоби рости асби ӯро медоштанд. Файлотус, ки аз гуфтаҳойи маҳбубааш Эриси соҳибҷамол дар фароғати нимрӯза бисёр чизҳоро шунидаву72 дониста буд, аз теғ кашида нигаристани шоҳ дарёфт, ки беҳуда набудааст гуфтаҳойи ӯ. Файлотуси писари сипаҳсолори номӣ Пармониён низ нишаст бар зини асбаш. Вале парешон буд ва андеша аз қисмати падар дошт. «Сипаҳсолор, ки бо он корномаҳо ва хидматҳойи беназир ин қадар хору залил шуд, чӣ монад ба мо?» Пинҳонӣ шӯрид. Сипас андешид: «Шояд Эрисро фармуда бошанд, ки моро ангезад ва чун ду саг ҷанг андозад.» Ва рӯйи зин вазн андохта, хешро суст кард, тасмим низ гирифт, то осуда ором ва бепарво вонамояд хешро. Зеро ҷосусони Искандар ба ҳар нағмайу усул сақич аз даҳон мерабоянд.

Искандар бо чӣ андеша бар зин нишаста, ки ҳолиё мулоҳаза дорад новақт шуда. Офтоб ба ғуруб рафта, баройи сафар чандон мувофиқ набошад. Шоҳи шабрав сафари шабонаро дӯст дорад, аммо мавқеъ ва мавзеи кӯҳистон шабгардиро мувофиқ набувад. Ба хусус баъди шоҳи худро нобуд сохтани сатрапҳойи эронӣ чашми Искандар тарсид. Хаёл мекунад, ки шоҳкушӣ домест баройи дастгир кардани Искандар. Дар тангноҳо, вартаҳо, убургоҳҳойи махуф роҳзанҳо, дастаҳойи ғоратгар ва қабилаҳойи барбарӣ метавонанд ҳар гуна лашкарро шикаст диҳанд. Ҳарчанд мамлукҳойи гурезайи сипоҳи Доройи Саввум ихтиёри худ ба Искандар доданд, ӯ хотирҷамъ нагаштааст. Гумон дорад ҳанӯз дар кӯҳпораҳо зиёданд, ғам хоҳанд дод. Чун ба Бусефал нишаста буд, бозфаромадан нахост. Зеро ҳама бор баста буданд ва ин маъво баройи шабгузаронӣ ва айш чандон мувофиқ набуд. Шоҳи мақдунӣ ният дошт, ки пирӯзийи бузург ва ғайричашмдорро ногумон чунон тантана кунад, ки худаш донаду имонаш.

Андар сари шонайи Бусефал баргустувон қат гашта буд ва чунин ҳол Искандарро хуш наомад. Ӯ даст ёзида ҳамвораш кард ва ба ёд гирифт, то сайисро танбеҳ бидиҳад. Вале пеши по хӯрдани асб ӯро дар ҳайрат гузошт. Искандар ҷилави онро кашид ва фармуд: «Кӯр шудӣ? Ё пир шудӣ? Ё наълат рехта, сумат суда гаштааст? А? Ё ягон пешомадро донӣ? Чу! Ҳушёр биист! Ҷонвар! Ҳалоли ту бод! Мақдуниё кучову Порсу Эрону Гирканиё куҷо? Асбони дигар чандин бор нав шуданд. Чун ту рамузфаҳм ва размиву ҷангӣ ҳастӣ, дар зарурат ребу фиребро медонӣ, туро иваз кардан нахоҳам. Мо дугоник ҳастем ва бо ҳам рустаем. Вале ҳолиё пеши пой хӯрданат чӣ маънӣ дорад? Нохуна шудайӣ магар?» – Искандар чунон сухан мекард, ки ҷуз худашу Бусефал касе садояшро

намешунид. Ёли шоназадайи ӯро панҷа зада, гардану сағриву сари шонаашро молида, кажину баргустувонро тахту ҳамвор карда, сарафзори заринашро афшондаву бод дода, дар хомӯшиву оромийи шабона ба фикру андеша фурӯ мерафт; гузаштаро ёд меовард ва оҳиста – оҳиста ба гӯши Бусефал ёдрас мекард: — «Осон набуд. Ту ҳам гумон надоштӣ, ман низ хаёл накарда будам, ки ин қадар Офтобнамо дур аст. Охир, мо, ки баромади Офтобро аз наздик мебинем, пиндоштам, андаки дигар равем, ба он манзили ҷовидона мерасем. Аз рӯйи хондаҳоям Порсҳо зуд-зуд ба манзили мо омада, мерафтанд. Ман низ чунон пиндоштам. Ман на, ту азоб кашидӣ, Бусефал. Агар ҳар ду саломат ба Мақдуниё баргардем, ҳайкали зиндаатро дар канори кӯли Фаранг, дар паҳлӯйи Ойинайи Искандарӣ хоҳам гузошт. Агар илоҷ буд, ман ҳам туро бар дӯш бардошта бурда будам, аммо хидмати ту дигару хидмати ман дигар. Рӯзе ки шамшери душман рони туро бурид, пиндоштам шамшер бар ман заданд... Хунат покиза метаровид Бусефал... Ман ҳайкали туро хоҳам гузошт...»

Садойи рӯдак меомад. Садойи суми асбон ва бар сангҳо бархӯрдани наълҳо ва шарора пошидани сангҳо аён буд. Сайҳа кашидани асбони дамгирифта, фирқ-фирқ бинӣ афшондани онҳо ва паст-паст «чу!» гуфтани саворон ва аз пас расидани садойи гӯшхароши чархҳойи беравғанмондайи гардунаву аробаҳо оромиву хомӯшийи шабонаро халалгор буд ва баргардон шудани акси садоҳо аз шаххо ваҳмангез. Искандар дар кучое дида буд кӯҳи Нидоро, ки ҳар садоро, гуфторро бармегардонд. Аммо ҳолиё нолозим, махуф ва даҳшатбор метофт. Гӯйиё мамлукҳойи зару сим ғун оварда аз бими аз даст рафтани ғанимат худро даруни тахтасангҳо ҷой кардаанд ва ҳар гуна садоҳоро аксу талха медиҳанд. Воҳимаовар менамояд. Ба ҳар ҳол ба назари Искандари парешон чунин метобад. Ҳатто пинг-пинги шағолҳо аски садо мекунанд. Вале пайкҳойи талоя хабаре намеоранд ва сипоҳро бознамедоранд. Ва Искандар бо хотири ҷамъ пеш меравад, аммо андешаҳояшро ба касе гуфта наметавонад.

Шабҳойи тобистон кӯтоҳ, аммо роҳ тӯлонӣ. Боз Искандар хам бар гардани Бусефал мешавад ва оҳиста ба гӯши он мегӯяд: «Бисту шаш сол дорам. Ту низ баробари ман. Гумон мекунам, ки умри ҳардуямон дар корзорҳо мегузарад. Ту медониву гуфта наметавонӣ, ман гуфта метавонаму вақт надорам. Баъд шунаванда нест. Ба инҳо гуфтан чӣ ҳоҷат? Ҳамаашро худашон дидаанд, медонанд ва шояд рӯзе нависанд ҳам. Инҳо чизҳойи зоҳирӣ, Бусефал. Тохтану куштану сӯхтану бурдан ҳама рӯякианд. Асл андарун бувад. Ниҳоди одамиро дарёфтан душвор. Синайи кӯҳро шикофта чизе дарорӣ, вале синайи инсонро шикофта чизе пайдо карда нашавад. Будааш баробари нафас берун равад, колбади холӣ монад. Ман медонам инсонро. Дошта бошӣ, дида натавонанд, надошта

бошӣ, надиҳанд. Маро ҷавон, ба бисёр чизҳо ақлаш намерасад, мегӯянд... Мегӯянд, мегӯянд. Ба рӯям нагӯянд ҳам, миёни якдигар, барои тасаллийи худ гӯянд, то ақлу фаросати номукаммали хешро рӯпӯш кунанд. Ман медонам, ки ба ту мегӯям... Аз одам бипарҳез. Барои нафсашон дар як лаҳза ту барин ҳайвонҳои рамузфаҳмро кушанд...»

Бусефал хӯсид. Бероҳа шуд. Асбони паҳлӯ низ. Искандар парешон гашт ва ба чашмаш расид, ки сиёҳие пеши роҳи онҳоро бурида гузашт. «Гург!», «Шағол!» садо доданд ва чӣ балое буданашро дониста, ҷилави асбонро боз ба роҳ тофтанд.

Искандарро сахт расид пеши роҳро бурида гузаштани чорпойи зардак. Зеро шоҳи ҷавон аз гуфтори ростину ҳақиқийи хеш лаззат мебурд ва чунон ангошта буд, ки бо Бусефали вафодор сӯҳбат кардан афзалтар бувад аз он ки ба носипосон чизе бигӯйӣ. Ҳазор соат ба гӯши Бусефал гӯйӣ, ҳарфе паҳну овоза нашавад ва агар сухане ба касе гӯйӣ, рӯзи дигар ҳазор ҳарф гардад. Оҳиста-оҳиста ҳама нозукиҳойи сӯҳбату сирру савдоро дарёфту донист ва киро чӣ гуфтан омӯхт. Вале ҳолиё аз таҷрибайи рӯзгор пурра баҳра нагирифтааст. Гоҳе ки рӯ ба рӯйи бузургони эронӣ сӯҳбат мекард, дар тавонгарӣ пир метофту дар донишу таҷриба ҷавон. Вале ин нуктаро дарк накарда буд ва касе аз дӯстон наёрист ба ӯ гӯяд. Зеро суде надошт. Кадом подшоҳ сухани росту ҳақро пазируфтааст?.

Гуворо бувад дар шаби моҳтобӣ баробари лангар хӯрда, гом задани Бусефал хаёлу андеша кардан. Вале баъзан дилгир тобад барои Искандар барин тезвиру тезхунҳо. Хаёлу андешаҳойи шоҳи ҷавон пештар равад аз гашташ. Аз ин рӯ дониста ё надониста, баъзан пас гардад ва гузаштаҳоро, ки ниҳоят кам рух диҳад, пеши назар орад; гоҳи тангӣ ва зарурат ва ҳузну пушаймонӣ ёд кунад аз рӯзгори сипарӣ, аз модар, аз устод Арасту, аз шаҳрдори Пелла Антипатр, аз зару зевари ба Мақдуниё фиристода... Вале ба ёдаш наояд падар...

«А, Бусефал!? Мақдуниё обод хоҳад гашт. Ободтар аз Отину Персопол. Чун баргардем, ҷуз ободон коре надорем... Он гоҳ аз ту наслҳо хоҳам гирифт ва чунон кунам, ки Бусефал сарсулола гардад...»

Бусефал фиркид ва сар ҷунбонд ба кишна. Искандарро намуд, ки «на» гӯяд асб. Ҳайрон монд шоҳи ҷавон ва инони ҳаюнаш сахт кашид:

«Чӣ-ӣ-ӣ? Намехоҳӣ? Сухани маро рад мекунӣ?!»

Ҷонвар сар ҷунбонд, ки одати асбон бошад.

«Ту хаста шудайӣ, Бусефал, ба сухан сарфаҳм намеравӣ. Дигар ба ту чизе нагӯям, то ба худ омаданат...»

Фазо андаке рӯшан шуд. Искандар аз таҷрибайи шабгардиҳо медонист, ки субҳи фиребост ва боз торик гашта субҳи ҳақиқӣ дертар дамад.

Роҳи корвонгард аз канори Ҳарорӯд дур шуд ва ағбайи нисбатан баланд пеш омад. Ва чун онро убур карданд, гӯйӣ фурӯ рафтанд ба зер. Роҳ фарохтар метофт ва Искандарро хуш буд шабгардӣ андар чунин роҳ. Садойи рӯд омад. Искандар пиндошт давр гашта боз Ҳарорӯдро дучор омаданд. Аммо ин рӯди паси ағба буд ва низ Ҳарорӯд ном дошт ва ибтидояш аз он буд, Ҳарорӯд ба он сӯйи ағба низ мерехт. Вале бузургтар аз он. Ва зери пардайи сапедадамон метофт, ки фарохтар бувад паҳнойи ин ҷониб. Тарҳи хокиранги ҳавзае оҳиста-оҳиста рӯшан гашта, водийи бузург ва паҳнойи беохир пеш омад ва чун чашми рӯз кафид, бузургиву шаҳомат ва сабзу хуррам будани он ба назар расид. Тарҳи шаҳре низ аён гашт, ки дар торикӣ аз он манзил ду ё се ситорайи заминӣ камнур менамуду ғайб мезад. Ва водӣ кушод гашт баробари хамёзайи чини домони саҳар. Шаҳри Гекатомпил намудор шуд. Бисёр манзилҳо об доштанд, аммо мисли ин водӣ тароват надоштанд. Аён, ки некӯхислат бувад. Офтоб низ тоза медамид аз пушти кӯҳҳойи дур чун ташти зарин. Замини бороншустаро мемонд ин покбум. Токзорҳо ва киштаҳо сабз буданд. Вале ҷондоре наменамуд сари киштаҳо. Ҷо-ҷо сабадҳойи пури ангур буданд сари вотҳойи токзорон, ки гӯйӣ боройи сипоҳи Искандар омода сохта бошанд. Вале Искандар фармуд ба ангури сабадҳо даст нарасонанд.

Ва ин шаҳри водийи хуррам шукӯҳу шаҳомате, ки шаҳрҳойи дигар доштанд, надошт. Коху дижаш низ оддӣ ва сода буд. Яқин, ки водийи кашоварзон аст ин марз ва мардум бо зӯри бозу нон хӯранд.

Ду сатрапи номдори порсӣ Набарзан ва Фратофарн, ки дӯш дар маҷлиси Бесуси Бохтарӣ талоши мулки Порсро доштанд, ҳолиё бо нону намак лашкари мӯру малахи Искандарро назди дарвозайи Хазар пазиро гаштаанд. Агар сари фавҷи саворон ва дастайи мунтахаби «Дӯстон» расида буд ба дарвозайи шорсон, пойи корвон нав фарози канори Ҳарорӯдро мехамид. Он қадар тӯлонӣ буд қатори лашкару шумори корвониён, ки ҳисобу шуморашро гум карда буданд. Фирориёни мамлукҳойи эллинӣ, ки чандин сол дар хидмати зари Порс буданд, ин замон ихтиёр ба ғуломӣ дода, низ шумори корвони мақдуниро меафзуданд. Назди дарвозайи Хазар киштзорҳоро пахш карда, ҷамъ меомаданд, то пазиройийи сатрапи вилоятро бинанд.

Шаҳрдори Хазар Фратофарн, ки дар маҷлиси дӯшин пеши Бесуси Бохтарӣ эътиборе надошт, имрӯз бо шаҳрвандони ночиз сипоҳи Маликуррумро пешвоз мегирад. Бошандагони Гекатомпил, ки рӯ ба сӯйи шаҳри Задракарта овардани сатрапҳойи вилоятҳойи шарқийи Эронро дида буданд, бозгашти сатрапи Хазарро нигарон нашуда, бору буна баста, бархе ба дунболи шаҳрдорҳо рафтанд ва баъзе молу амвол ҳамроҳ гирифта, рӯ ба кӯҳистон шуданд. Чунон

рафтанд, ки шаҳр бешаҳрдор, хонаҳо бекадхудо ва киштзорҳо бекадевар монд, ҳатто боғбонҳо сабадҳойи пури ангурро набардошта, рафта буданд. Баройи шарқиён чунин нобаҳангом кӯч бастану чорпоён пеш андохта, рӯ ба кӯҳистон овардан одат шуда буд ва онҳо метавонистанд дар андаке муддат чунин амалиётро баҷо оваранд.

Фратофарн ва Набарзани сарфавҷи саворайи порсӣ аз ноомаду нобарорийи набардҳо ва ноҷавонмардийи Бесуси Бохтарӣ ба танг омада, тан ба душман доданро бартар донистанд аз маломати «нокасон». Аз ин рӯ ҳамроҳи дастайи ҳазору понсаднафарайи фирориёни зархариди порсӣ бо нону намак ба пешвози сипоҳи Искандар баромаданд.

Искандар пиёда шуд. Ҷилави Бусефал дар дасти сайис буд. Чошнӣ карданд. Искандар пай бурд, ки мардуми таҳҷойӣ наметобанд. Балки ҳама низомиёни афкандасилоҳ ва фарсудалибос ҳастанд ва чандон ба порсҳо монанд нестанд ва бо забони юнонӣ Искандарро хайра мақдам мегӯянд. Шоҳи зирак нигарист ба онҳо ва нигоҳашро сӯйи сабзазорон гурезонд, то ба онҳо диққат доданашро касе пай набарад. Аммо Фратофарн дарёфт, ки пазиройӣ хуш наомад шоҳ Искандарро. Шаҳрдор, ки нав аз назди Бесус ба ин ҷо расида буд ва чандон пазиройийи хуб надошт, хони неъмат нaороста буд, аз чунин ваҷоҳат доштани меҳмон хиҷолат кашид ва ишора сӯйи шорсон кард.

Баройи Искандар ҳамин хел ҷой лозим буд, то кӯфти роҳ барорад ва пирӯзийи беназири хешро ноаён ҷашн гирад. Аммо аз амбори холӣ танҳо чанг бархезад. Мизбонон сахт дар изтироб шуданд ва намедонистанд чӣ гуна фаҳмонанд кӯч бастани сокинонро.

Искандар ба чизе эътибор надода, рӯ ба диж овард. Вале сипоҳи мақдуниро коху кӯшк нагунҷонд. Бардаҳо, гурезаҳойи ба ғуломӣ қабулшуда, сайисон ва корвониҳо дар хонаҳойи холийи доманакӯҳ, ки соҳибонашон қад-қади Ҳарорӯд боло рафта буданд, ҷой гирифтанд. Шаҳрдор аз чунин ранг гирифтани кор осемаву беқарор гашт ва аз чӣ шурӯъ карданро надонист. Чизу чора намонда буд, касе низ, то амри иҷройиш диҳад, ҳамаро муҳайё созанд.

Фратофарн ошуфтаву парешон буд ва ҳанӯз ба худ наомада, ки Искандар чӣ гуна муомила кунад бо ӯ. Диду донист ва рӯ ба рӯ дид ҷавонписарро, ки салавоте надорад, аммо хуни дар ҷӯш дорад, шӯрида ва намояд, ки ноандешида ҳукму амрҳо кунад ва сарҳо хӯрад. Аммо ҳолиё шаҳрдор шӯридаҳуштар аз ӯст. Ношукрийи ба Бесус кардаашро аз ин ҷо бояд кашад. Ва надонад чӣ гуна ба Искандар ифода кунад аҳволро. Ва худи шоҳи мақдунӣ осон кард мушкили ӯро:

— Магар ин шаҳр шаҳрванд надорад?

Фратофарн шод шуд аз чунин пурс ва посух дод:

— Дорад. Вале рӯзе ду пештар волийи Бохтар Бесус аз ин роҳ гузашта буд. Чун мардум шоҳкушийи ӯро медонист, номаш шум гашта буд; овозайи омад-омадаш ҳамаро пароканд. Баъзе бору буна баста, рӯ пинҳон карданд, молдорон ба кӯҳи Дамованд рафтанд ва ҷавонону духтаронро Бесус бурд бо худ.

Искандар хомӯш буд, сахт диққат медод ба ҳарфи ӯ ва ковокиҳояшро пай бурда, чизе намегуфт. Чун задайи баҳона ба номи Бесус афтод ва ҳадафи наздику тиррас ӯ буд, пурсид:

— Ҳоло куҷост Бесус?

— Рӯ ба Бохтар оварда... Мераваду меравад. – ва афзуд: — Шумо осуда бошед. Муждайи омадани Искандари Мақдунӣ ба онон расад, ҳама аз кӯҳсор бозгашт хоҳанд кард.

Искандар суханони ӯро дар зеҳн таҳлил мекард ва ғайри чашмдошти сатрапҳо пурсид:

— Шумо чаро нарафтед бо Бесус?

Онҳо – Набарзану Фратофарн нигаристанд ба ҳам ва чун донистанд, ки Искандар дурӯғро аз рост ҷудо мекунад, Фратофарн гуфт:

— Маликуррумро равшан бод, ки мо то кушта шудани шоҳ Доройи Саввум дар сипоҳи ӯ будем. Чун Бесус ҳаваси шоҳи Порсро кард, бо Доройи Саввум ба баҳсу талош афтод.Шоҳ Доро ба ҳарфи сатрапҳо гӯш накард ва майли ба Бесус супоридани давлатдориро надошт. Бесус хиёнат ба шоҳ кард ва дили ҳама монд аз ӯ. Сатрапҳо ҷудо шуданд, сарбозон рӯ тофтанд, мамлукҳо орзуйи ватан карданд.

Ин ҳарфҳо дурӯғе надоштанд. Пеш аз ин ҳам шунида буд чунин гуфтаҳоро. Медонист кушандаҳойи шоҳро. Бародари Доройи Саввум Оксафр Искандарро гуфта буд ин ҳама. Ногаҳон фармуд:

— Шумо, ки шарик будед дар куштани шоҳ?

Онҳо чӣ посух гуфтанро надониста, нигоҳ ба якдигар карданд ва Искандар дилпур гашт ба гуфтааш. Афзуд:

— Ман кушандагони шоҳ Доройи Саввумро меҷӯям.

— Бесус... – кӯтоҳ гуфт Набарзан ва Искандар посух дод:

— На. Бесус фармуд, дигарон куштанд. Яке Набарзан ном дорад, дигаре Сотибарзан...

Набарзан хешро ноаён пас кашид ва наёрист иқрор кардан. Вале чун медонист, ки ҳолиё нагӯяду баъд Искандар фаҳмад, хуб намешавад. Пойи пас бурдаашро пеш овард ва зону зад, сар андохт. Фармуд:

— Пӯзиш аз шоҳи ҷаҳон! Набарзан манам...

Ва Искандар бархост. Ва надонист чӣ кор бикунад. Ҳамчу Набарзан ҳайрон буд. Набарзан тарс дошт, ки Искандар овоза карда буд, ки қасд ситонад аз қотилони шоҳ Доро. Вале чун рӯ ба рӯстанд, илоҷе ё қароре қатъӣ надоранд. Муддатҳо баъд Искандар Набарзанро ишора кард бинишинад бар курсийи сангини паҳлӯйи

дайҳим ва дигаронро ронд. «Кушандагонро меҷӯям» гуфтани Искандар воҳима ангехта буд ба дили ӯ ва тан ба тан мондан бо шоҳи макдуниро фоли бад мепиндошт.

— Чаро куштӣ?

Суоли яклухт буд ва Набарзанро лозим меомад, ки зиёд гӯяд, то шоҳ Искандар фаҳмад. Аммо аз чанд сухани ӯ рӯшан шуд, ки шоҳи румӣ ҳарфи зиёдро хуш надорад, охири амалро гуфт:

— Ман накуштаам. Ширкат кардам. Чун дашнайи шоҳ Доро дар дасти ман буд, охирин шуда он дашна ба шикамаш хастам, ки аллакай мурда буд.

— Дурӯғ магӯй, ман ҳамаашро медонам.

— Дурӯғ нагӯям, Маликуррум.

— Ва чӣ зарурат буд, ки мурдаро дашна задӣ?

— Бесуси Бохтарӣ ситам карда буд. Вагарна куштаро теғ задан мардӣ набувад. Ва он дашнаро Бесус фармуда буд, то ман аз камари шоҳ Доро бигирам ва бар худаш занам. Дилмонда шудам аз Бесус, ҳамроҳаш нарафтам.

Боқӣ ҳамаро медонист Искандар, гӯлпурсӣ накард. Вале Набарзанро лозим буд зиёд гӯяд барои муҳофизати хеш ва кори оянда.

— Шояд номайи Набарзан расида бошад Маликуррумро? – пас аз мулоҳизайи зиёд пурсид ӯ ва хомӯш монд, то аз Искандар чӣ ояд.

Искандар, ки андешааш аз базму ҷашн буд ва ақаллан баъди шабравӣ наҳор хӯрдан мехост, бад расид пурси ӯ. Ба ҳар ҳол сар ҷунбонд ба тасдиқ. Набарзан шодон гашт ва Искандар чизеро ба ёд оварданӣ шуда сохт: «На-бар-зан...»

— Бале-бале! Набарзани ҳазора. Ба ҳазор саворайи мунтахаби Доро сар.

— Оҳо... Ҳамон савораҳое, ки бо ман ҷанг карданд?

— Бале-ба... – забонаш гирифт ва оқибати кору ҳолро пеши назар оварда, хомӯш монд.

— Дар он нома чӣ фармуда будӣ, ёдам нест?

— Навишта будам, ки... А-а-а... Дархосту армонҳоямро навишта будам. Ситойиши теғи бурройи Маликуррум буд. Нома қабл аз фавти Доройи Саввум буд. Ҳама сустиҳойи Доро; раҳмдиливу, тарсуву айёш ва канизакпарасту танпарварийи ӯро навишта будам; қасди ҷони Доро кардани Бесуси Бохтариро гуфта будам...

— Чун буд?

— Доро зӯру тавон ва хоҳиши ҷангидан надошт. Сатрапи Бохтар Бесус миғфару маснадталаб буд. Барои несту нобуд кардани шоҳ ҷидду ҷаҳди зиёд дошт. Муҳимаш: нигошта будам, ки агар шоҳ Искандар дар чунин фурсату ҳолат ҳамлавар гардад, пирӯзӣ орад ба даст.

— Чунин мазмун расида буд моро. Аммо моли кӣ буд, ёд надорам.

— Моли ман буд, Маликуррум, – таваккулан гуфтани Искандарро пай набурда, фармуд Набарзан.

Дар худ ғуррид Искандар: «Ба шоҳи мулки хеш Доро, ба ҳammаслаки худ Бесус, ки хиёнат кардааст, магар бо ман созад?»

— Чӣ мурод дорӣ?

Набарзан ҳамин суоли Искандарро нигарон буд, чун оҳанги пурси ӯ ба гӯшаш нофор расид, пас-пас рафт сӯйи дар: «Ҷуз пирӯзӣ ва сиҳатмандийи шоҳи мақдунӣ чизе нахоҳам» хешро назарбаланд ва ғамхор вонамуд карда, ҳамон зайл берун омад ӯ.

Бузу гӯспандон ва кӯзаву хумҳоро сари дӯш бардошта меомаданд ва дигар чизу чора меоварданд. Ва аз кӯҳи Дамованд гову гӯспанд пеш андохта, сӯйи қаср нишеб мешуданд.

Набарзан хидматгузоронро намешинохт ва аз миёни ношиносони беҳисоб Фратофарнро меҷуст, то пешомадро муайян кунанд. Фратофарн чун меҳмондор миёни одамон ба низому тартибу омода сохтани ҷой машғул буд. Сатрапи Хазар дер шуда бошад ҳам, илоҷу коре карданӣ буд, то дар хотири меҳмонон боқӣ монад.

## БАНДИ ШАШУМ

Ва Искандар чаҳор шаборӯз базм орост. Вале касеро рӯшан набуд, ки Пирӯзийи Бузургро ид мекунанд. Шоҳи мақдунӣ ботинан шодмонӣ дошт бар ин пирӯзӣ, аммо вонамуд мекард, ки айш дорад. Фратофарнро сатрапи Хазар таъйин кард, аммо Набарзанро эътиборе надод.

Ва он шаб Бусефали номдори Искандар гум шуд. Ҳаррову кажини асб дар ҷое буд, ки сайис гузошта. Аммо Бусефалро дараке набувад... Он шаб сайҳа кашида, сӯйи Мағриб рафтани садоро шунида буданд. Вале касе гумон надошт, ки Бусефалро мебаранд. Искандарро огоҳ накарда, ба атроф ҷайшу сарбоз фиристоданд, то дарак аз Бусефал оранд, касе чизе намедонист. Чун Искандар огоҳ шуд аз ҳодиса, шӯрид ба сайисон ва чашми рӯз накафида ҳамаро ба по хезонд. Шоҳи ҷавон фоли бад донист ин рӯйдодро ва шӯридаҳуш фарёд зад: «Ҳар тойифа ё қабилае ё касе ин кор кардааст, бидонад, ки бому бунааш бо хок яксон шавад ва зану фарзандаш дар шиканҷа монад!»

Искандарро оварданд, ки Бусефал сӯйи тапуриҳо рафтааст; гурезаҳойи порсӣ низ он ҷониб рафтаанд. Шоҳи мақдунӣ шӯриду хурӯшид, ки кори онҳост; кори гурезаҳойи зишт. Рафтори сарбозони кироякйи юнонӣ, ки то ин ҷо омада, инак қатъи сафар карда, сарборӣ ба ташвишу ғамҳойи дигари Искандар шудаанд, ғазаби ӯро оташ зада, садди роҳи нақшаҳойи ояндайи ӯ мегарданд. Чунин рӯйдодҳойи берун аз нақша хуш наомад Искандарро

ва ҳамаи онҳоеро, ки майли бозгаштро доштанд, ҷудогона саф ороста, шӯридарӯҳ, тезхун аз пеши назарашон гузашт, вале ҳарфе нагуфт. Ҳарчанд гуфтаниҳойи зиёд дошт ва ё ҳар яки онҳоро ба ҷаллод супориданӣ буд, худдорӣ кард. Рафту омад, рафту омад ва якбора қарор истода садо дардод:

«Ҳар кас хоҳад, ки ӯро чун зан истифода баранд, аз сафар даст кашад!»

Ҳоҷат ба ҳарфи зиёд намонда буд. Сафбудагон баробар сар андохтанд ва дигар на садойи Искандар меомад ва на садойи онон. На танҳо дар сафи онҳо, балки дар тамоми артиши мақдунӣ ва фавҷҳойи кирояву зархарид хомӯшӣ ба миён омад. Искандар кирдору рафторҳойи дурушттар ва сахттаре дошт, аммо даҳонӣ ба сарбозон чунин муроҷиат кардан бори нахуст рух дод. Ӯ дигар суханҳоро сари забон овардан буд: «Шумо зархаридон ба умеди зар то ин ҷо омадед, чун саломат мондед, шукр накардед, ҷайбатон пур шуд, рӯйи заро дидед, ватан ба ёдатон омад, бо кисайи пуру рӯйи сурх назди табори хеш гаштаниед...» ва боз ҳарфҳойи дигар. Аммо нагуфт Искандар, ки ба назараш пеши он гуфтааш сабук метофтанд дигар ҳама.

Як кас наёрист ба рӯйи ӯ нигарад ё сухан гӯяд. Майдон чунон орому хомӯш буд, ки садойи дури рӯд шунида мешуд. Аз чунин оромийи дилгир худи Искандар дар шигифт монда, майдонро, ҷайшу сипоҳро, корвониёнро аз чашм гузаронд ва мушоҳида кард, ки баъзеҳо чун дар пӯсти хеш намегунҷанд. Баъд гӯйӣ кайҳо боз сӯҳбат дошта бошад, фармуд:

— ...ва ҳар кӣ ҷойи Бусефалро донаду нагӯяд, сари найза хоҳам бардошт!

Ҳама ба якдигар суоломез нигаристанд ва бо тааҷҷуб китф дар ҳам кашиданд. Ва ҳеҷ гоҳ шоҳи ҷавонро чунин пурғазаб, ошуфта ва тезхун надида буданд. Баъзеҳо пиндоштанд шоҳ дунёйи ба даст овардаашро бозпас дода, роҳи рафтро гум карда, ҳолиё чун шери хашмӣ ғуррад. Бархе андешиданд, ки аз падар Искандарро чизе мерос намонда ва аз моли дунё танҳо Бусефалро дорад, аз ин рӯ чунин ғашу олуғдагӣ кунад. Рост ояд, Бусефалро ба хироҷи мамлакат бихарад.

Искандар ишора кард, то ҳама гирд оянд. Дар як он гирди ӯро таниданд. Шоҳ аз шасту ғазаб нафаромада, фармуд:

— Роҳи мо дигар хоҳад шуд! Ман ба Мағриб рӯ оварданӣ набудам, вале барбарҳо коре карданд, ки хокашон безам! Ҷони ман дар сумҳойи рӯйини Бусефал бувад! Ҳамин чизро дониста асби маро рабуданд! Андеша накарданд, ки зану фарзандонашонро хоҳам бурд!

Ва Искандарро бадгӯй диданд. Ба ҷунбиш омаданд. Баройи он ки фурсат аз даст наравад, Искандар маҷлисбозӣ накарда, фармон дод:

— Фавҷҳои сипаҳсолор Кратеру Аминта, дастаи камонварон ва гурӯҳи саворон ба Тапурия роҳӣ шавад; фавҷи Эргӣ ҳамроҳи саворони хориҷӣ корвони бузургро сарвариву раҳнамоӣ мекунанд, ман ҳамроҳи дӯстонам бо роҳи душворгузар, вале кӯтоҳтар бо тапуриҳо ва мардиҳо зудтар вохӯрдан мехоҳам...

Ва дастаи мунтахаби Искандар баъди роҳпаймоиҳои пурмашаққат канори рӯди кӯҳӣ омаданд ва хайма заданд. Манзил ноошно буд ва касе намедонист чӣ пеш меояд. Искандар посу нозиронро қавӣ гардонд ва огоҳ низ кард, ки бепарво набошанд. Ва дар ҳар нуқтае сиёҳие метофт, мефармуд рафта бинанд, шояд Бусефал бошад. Зеро Искандар бо касе унс нагирифта буд чунин, ки бо Бусефал.

Дастаи хурде қадди рӯдакро боло шуда омад ва талоя пайк овард Искандарро. Ва ӯ фармуд бисанҷанду биоранд. Дидбон боздошт ононро ва сарпос, онҳоро дер надошта, хабар овард:

«Автофрадат, шаҳрдори тапуриҳо!»

Искандар ишораи даст кард, то рухсат бошад. Автофрадат аз дур пиёда шуд ва пеш омад. Ва Искандар ӯро дар пардасарой пазируфт. Ҳарчанд сатрап шоҳро хушомад мегуфт, дили шоҳ кушода набуд. Ҳолпурсӣ накарда, гуфт:

— Дуздонат асби маро дуздиданд.

Автофрадат безобита шуд ва дастон ба ду тараф кушода, гуфт:

— Ин аз имкон берун аст, шоҳ...

— Берун ё дарун, ман намедонам. Ба ҳар ҳол дуздиданд... вагарна ман ин ҷониб омаданӣ набудам. Аз паи Бусефал омадам. Чун пайдо шавад, хоҳам баргашт.

— Тапуриҳо чунин одат надоранд, шоҳ. Магар мардиҳо бошанд.

— Кистанд он мардиҳо?

— Қабилаи кӯҳнишин ва сарҳӯй ва тороҷгар... Касеро итоат накунанд.

— Бинамо моро!

Ва Автофрадат ба андеша рафт. Хеле дандон сойид, ангушт мушт кард ва фармуд:

— Тапуриҳо низ шояд ҳавас карда бошанд.

— Чӣ гуна ҳавас?

— Ҳаваси аз Бусефали шоҳ Искандар насл гирифтан. – Ва афзуд: — Ин хел орзумандон зиёданд; яке аз худи Искандар насл гирифтан армон дорад, дигаре аз асби ӯ.

Искандар табассум кард ва фармуд:

— Агар ин рост аст ва Бусефал зинда, ҳама гуноҳҳоро хоҳам бахшид.

Автофрадат ба ёронаш нигарист ва сар аз пардадар берун оварда, якеро даъват кард ва садои пурсаш омад:

— Он галайи биёбон, ки беқарорӣ дошт, галайи кӣ буд?

— Ба назарам галайи мардиҳо. Онҳо ҳар сол дар ин ҳамворӣ модиёнҳойи худро ба гушн меоранд.

Искандар аз шунидани чунин сухан ковок шуд аз ҷой ва Автофрадат ба сарой надаромада пурсид:

— Дур аст?

Чун сатрап донист, ки шоҳ аз сӯҳбати онон бохабар шуда, посух дод:

— Дур нест, аммо чап аст. Ба ҳамворӣ бояд фаромад ва боз ҷониби кӯҳ бояд рафт.

Искандар дигар қарор истода натавонист ва фарёд зад: «Битозед!»

Ва Искандар ба кандану ҷамъ овардани хайма нигарон нашуда ба асби ҳамранги Бусефал нишаст ва баумед сайисро фармуд, ки зину банди Бусефалро бигирад ва ҳамроҳи саворони тапурӣ ба роҳ даромад. Роҳ миёни биёбонро бурида мерафт то доманайи кӯҳ. Аз дур Автофрадат галайи асбонеро нишон дод, ки андар ҳамворийи доманайи кӯҳ хол-хол метофтанд ва дар ҳаракат буданд. Чун бесаброна наздик омаданд, сатрапи он вилоят Автофрадат гуфт:

— Агар ба гала айғири бегона пайдо шавад, чунин беқарорӣ ба миён ояд.

Дили шоҳ Искандар бардошта шуд ва гӯшайи дили гирифтааш равшан гашт ва асби зери пояшро пошна зад.

Гала аз як сӯ ба сӯйи дигар баробар мерафт ва баробар пас мегашт. Ду асб – яке сиёҳу дигаре саманд қад ба қад рост мешуданд ва даҳон ба даҳон мегаштанд, то зӯрӣ кунанд, вале дар ҳаво дастак зада боз ба замин мефаромаданду ба гарданхойӣ медаромаданд ва чун зӯр ояд, пушт ба ҳам гардонида лагадҷуфт мезаданд. Ва дигар асбон гирд мегаштанд атрофи онҳо ва чун канор раванд, дигарҳо низ мерафтанд канор.

Искандар тахмин кард аз дур, ки Бусефал аст. Зеро реб додану зӯрӣ карданҳояш ва рангаш Бусефалро мемонд. Чун Саманд низ бузургҳайкал менамуд, бар Бусефал зӯрӣ кардан мехост. Баногоҳ асби сиёҳ чӣ коре кард, ки гоҳи қад ба қад шудан Саманд ниҳоят баланд ҷаҳид ва харнояш ба даҳони ӯ омад. Сиёҳ гулӯйи Саманд шервор гирифт ва дер дошт. Саманд ҳарчанд сар меҷунбонд, ки раҳо кунад, Сиёҳ сар намедод. Пасон вазни Саманд пурра бар сиёҳ бор шуд ва дигар он бори гаронро бардошта натавониста хам хӯрд, аммо гардани асб раҳо накард. Саманд афтид ва дароз ёзид, он гоҳ Сиёҳ сар доду чароғпоя шуд ва сум зад бар саманди хуфта. Пасон сиёҳ дум боло карда, сайҳа кашид пирӯзиёна ва хешро афшонд, ки аз об баромада бошад. Арақи танаш пош хӯрд. Ӯ кишна карда, назди модиёне рафт, ки сапед буд ва тозаранг ва зебо чун арӯс. Бӯй кашид. Фӯк боло карда, дандон намуд. Бозӣ кард ёлу думашро боло карда ва баъд савор шуд арӯси сапедпӯшро. Ёлаш

як ваҷаб боло хеста, аз гардани модиён бӯсида буд ва аз ду канори даҳонаш хун метаровид ва гардани модиёнро ранга мекард.

Искандар завқ кард ва пештар рафта, шинохт. Асби ӯ буд. Худдорӣ карда натавониста бар зин рост шуд ва фарёд зад:

«Бу-се – фа-а-ал!!!»

Асби сиёҳмушкин баробари шунидани садойи шинос аз пушти модиёни сапед фаромад ва рӯ ба овоз овард. Нигарон монд. Модиёни сапед ба ноз рӯ ҷониби Сиёҳмушкин оварда гардани онро сабук-сабук дандон мезад.

Ва онҳо ба асбон нарасида, аз ҷониби кӯҳ саворе пайдо шуд, ки дар даст як ходайи дароз дошт, дар нӯкаш ҳалқайи ресмон. Саворони рӯ ба рӯро дида ҷилави асби пушти луч савор шударо кашид ва сари асбашро гардонд.

Автофрадат бо забони баройи Искандар нофаҳмо ба он савор чизе гуфт баланд ва ӯ боз инони асбашро кашида рӯ ба онон овард. Сипас Автофрадат ба Искандар фаҳмонд:

— Онҳо ҳамон мардиҳо, ки гуфтам. Касбашон чорподорӣ. Дар кӯҳҳо умр ба сар мебаранд. Ва бештар ба сари ҳалқони дигар тохт меоваранд.

Ва боз сӯйи он савор даст гардонда гуфт:

— Натарс, мо бо ту коре надорем!

Вале ӯ бовар накарда, асбашро маҳмез зад ва дур шуд. Автофрадат ба Искандар гуфт:

— Ман аз ӯ пурсиданиам, ки ин асб чӣ тавр ба ин ҷо омад.

— Муроди ман низ чунин, то донам ба чӣ роҳ Бусефал ба ин ҷо расида. Фарёд бизан, ӯро бидор!

— Ой! Ой! Мардибачча! Савганд мехӯрам, ки ба ту кор надорем! Ҳамон чӯбу расан лозим ба мо, то асб дорем!

Чун савор ин ҳарф шунид, пиндошт асбони ӯро медоранд, қарор истод ва сари асбашро гардонд.

Онҳо наздик омаданд ва Автофрадат ба Искандар гуфт:

— Ман савганд ёд кардам, ки ӯро кордор нахоҳем шуд. Искандар сар ҷунбонда тасдиқ кард:

— Бале, бале.

Чун бар асбон расиданд, дигарон бозистоданд ва сатрап назди он ҷавони сияҳпӯсти дар офтоб сӯхта, ки чарминайе бар дӯш андохта буд то миён, шармгоҳаш низ пӯшида, пойҳояш бараҳнайи кафида ва мӯяш то рӯйи чармина кашол рафт ва пурсид:

— Асбони ту?

— Ҳо.

— Ҳо он асби сиёҳи модиёни сапедро соҳиб шуда моли кист?

— Онро ман надонам. Ба бӯйи модиён омадааст.

— Рост бигӯй, хешкомӣ накун, суде надорад. Он асби шоҳ Искандари Мақдунист. Дӯш аз сайисхона дуздидаанд. Мебинӣ? ҳо ана худи шоҳ!

Ба ишорайи сар намуд Искандарро. Гӯё як кори оддӣ бошад, мижааш хам нахӯрд ва китф дарҳам кашид.

— Намедонам, кори ман галабонӣ. Ман набудам, нав омадам ва ҳоло фарқ накардаам, ки асби бегона миёни модиёнҳост. Пас айғири мо куҷост?

Сатрап чизе нагуфт ва ҷониби асбоне нигарист, ки гирд омада асби хуфтаро бӯй мекарданд. Галабон чизе нагуфта, он сӯ асб ронд ва самандашро хуфтаву афтида дида, худро аз асб партофт, чамшони кушодайи онро дида, оҳ кашид..

Он тараф Искандар мушоҳида мекард, ки Бусефал чун бо модиёни сапед унс гирифта ва аз он ҷудо намегардад. Хуш омад Искандарро ва ҳама ғазабу ошуфтагиҳо паст шуд.

Сайис зину банди Бусефалро пеш бурд, аммо асб худро ва сайисро ношинос биниста, сӯйи ӯ як нигоҳ кард ва баробари модиён сум зад. Искандар ин ҳолро дида, хандид: «Ишқ, муҳаббат!» Сайис кашол буд аз паси асб ва модиёни сапед онро байни асбон мебурд.

Галабон он сӯ сари асби мурда нишаста гиря мекард. Искандарро шинос буд ин ҳолат; низ дӯст медоштааст асбашро. Назди онҳо рафт ва ба Автофрадат гуфт:

— Ӯро фаҳмон, ки ман низ мисли ӯ гиристам. Вале гиряйи маро касе надидаст.

Галабон сар бардошт ва аз гиря бозистода, гуфт:

— Ту пайдо кардӣ асбатро, вале ман зинда карда наметавонам.

— Ман дидам, ки асбат қаҳрамонона мурд, дар ҷанг ҳалок гардид. Ба душмани зӯр тан додан лозим.

— Чӣ хел? – ҳайрон пурсид ӯ.

— Ҳамин хел. Ҳама диданд он ҷангро. Асбат Бусефалро душман диниста, бо вай ҷанг эълон кард. Аз рӯйи рашк. Баройи ана он модиёни сапед. Ҳар ду баробар қад ба қад шуданд. Ҳайкали асби ту баланд буд, вазн бар Бусефал андохт, ки пахш карда кушад, Бусефали размдида аз гулӯйи вай гирифт.

— Ман гумон кардам, ки кори гург аст. Ҳарчанд медонистам, ки зӯри гург ба Саманд намерасад. Чӣ бояд кард?

— Ман намедонам. Ту бигӯй. Товон хоҳӣ, товон диҳам.

— Товон? Магар ҳамон ошиқи арӯси сапедро...

Ва ин замон Бусефал ҳамроҳи модиёни сапед давр гашта, пешпеши сайис наздик ба онҳо омад. Тану сағриву рон ва гарданаш харошидаву хунӣ буд ва аз хуни ӯ модиёни сапед нақшин гашта..

«Бусефал!»

Фарёд зад Искандар ва асб бозистода, сӯйи соҳиби овози шинос нигарист. Модиёни сапед низ бозистода, ба Бусефал нигоҳ кард. Сайис наздик омада, аз ёлаш дошт. Вале Бусефал кишна карда, аз дасти ӯ раҳо ёфт ва боз ҳамроҳи модиёни сапед гурехт.

Искандарро ёд омад замоне, ки тойро бараву савора мекард. Низ азоб буд. Вале ҳоло Бусефал ноз дорад, ки зиёд монда шудааст ва соҳибонашон гузоранд, ки меҳру садоқаташро ба маҳбубааш нишон диҳад. Ва шоҳ Искандар ҳама нияту орзӯйи асбашро аз рафторҳойи ӯ хонда, ба галабон гуфт:

— Ана асбони мо, якеро ҷудо карда ба товони асбат бигир. Боз як асби дигар бигир, ки мо маҳбубайи Бусефалро низ мебарем.

— На. Шумо меҳмон будаед. Мо кӯҳистониҳо аз бозийи ҳайвонҳо ё ҷанги онон товон талаб намекунем... Фақат як муддат асбатонро монед, модиёнҳоро тозад. Насл гирем.

Искандар розӣ шуд. Бусефал аз модиёни сапед ҷудо намешуд ва дигар модиёнҳоро бӯй ҳам намекард. Дар ин муддат Искандар хуб фикр кард ва рӯ ба галабон овард:

— Пас, Бусефалро ба ҳамин ният duздиданд?

— Ман огоҳ нестам.

Ва ин замон аз доманайи кӯҳ чанге бархост ва дастайи саворон аз зери чанг падид омад. Онҳо чаҳорнаъл меомаданд ва пурсу посухро намедонистанд

— Онҳо мардиҳо! – гуфт Автофрадат, ки пештар шарҳашонро гуфта буд. Ва ба галабон фармуд: – Бихез, пеши роҳашонро бигир ва бифаҳмон, вагарна хуб нахоҳад шуд.

Галабон аз сари мурдайи асби саманд хест ва даст бардошта садо кард, то онҳо бозистанд, вале онон гӯш надода, аллакай галаро ангехта буданд ба гурез ва давр мегардониданд асбонро. Якҷоя бо асбон ҳуҷумовар шуданд меҳмонони нохондаро. Онҳо тиру камон низ доштанд ва нимлангҳо дар пушт пур аз тир буд. Пӯшокашон ба либоси ҷавони галабон монанд, аммо ҳар кадом шероза дар пешонӣ баста ва пари мурғе бар фарқ зада, ки пари уқобро монад. Аммо ба назари Искандар пари каргасҳоро мемонд ва ғаши ӯро меовард. Шамшери охта ҷавлон доданд. Искандар ҳанӯз амр ба ҷанг накарда, Автофрадат бо дастааш ба ҷанг даромад. Мардиҳойи ҷангара писанд накарданд тапуриҳоро, ки то ин рӯз гоҳ-гоҳ ғамашон медоданд.

Искандар ишора ба саворони мунтахаби хеш кард. Онҳо овехтанд ба ҷанг ва дар муддати кӯтоҳ асбу тохтовардагонро ҷониби кӯҳ ронданд. Ва ҳамин зайл ҷанг сар шуд миёни мардиҳойи кӯҳистону дастайи саворони Искандар.

— Дасту пойи ин мардӣ бубандед ва ҳамроҳи галааш нигоҳ доред! – ба сайисон амр кард Искандар ва аз паси дастайи ғоратгар шуд.

Ин замон аз сӯйи биёбон чанге бархоста буд баланд, ки гӯйӣ рӯйи офтоби бурҷи Шерро пӯшиданӣ буд. Искандар як назар дид он чангро ва пиндошт, ки фавҷҳойи Кратеру Аминта меоянд. Чун корзордида буд, ба сараш зад, ки шояд дастаҳойи ғоратгари кӯҳистонӣ бошанд. Аз ин рӯ амр ба фавҷи хеш кард, то чандон

пеш нараванд. Вале аллакай Биталомуси мисрӣ ва Файлотуси ҷанговар дастайи мардиҳоро танг дар доманайи кӯҳ карда буданд. Сахт овард мекарданд онҳо ва нағмаҳойи асбтозийи мардиҳо шоҳи мақдуниро дар ҳайрат гузошта буд. Искандарро воҳима гирифт, ки ин дастаҳо низ аз мардиҳо бошад, кори хуб нахоҳад шуд. Чун дастайи саворон наздик омаданд, Искандар дирафши зардро дид ва шодон гашт. Инони асби ҳамранг ба Бусефалро сӯйи кӯҳ тофт...

Мардиҳо чун диданд, ки биёбонро чун мӯру малах ҷайшу сипоҳ пахш кард, рӯ ба гурез оварданд. Дастайи мунтахаби Искандар, ки як гурӯҳи тирзан низ дошт, аз паси онҳо тир боронид ва раҳорах як-як ё аз асб сарозер мерафтанд ва ё рӯйи думғозаву сағриву гардани асб ва ё ба ду паҳлӯйи зин хам мехӯрданд. Ва онҳо ғайб заданд паси кӯҳ.

Искандар то омадани фавҷҳо нигарон ба Бусефал монд, ки ҳанӯз ҳам сайисро ғам медод ва фишу дум фахха карда, аз модиёни сапед ҷудо шудан нахоста, кишнаву уштулум мекард.

Дастайи саворони тозарасида Бусефали мастро миёни модиёнҳойи бешумор шӯху бебок диданд ва Кратер ҳазл кард: «Мол соҳибашро монад, агар намонад, ҳаром.» Хандиданд. Ва Кратер дастайи гурезонро ишора карда, пурсид:

— Онҳо дуздидаанд?

— Равшан набувад. Иддао доранд, ки ба бӯйи модиён омадааст.

Ва фурсати пурсу посухи зиёд нашуда, дастайи мунтахаби шоҳӣ бозпас омаданд гурезон ва аз паяшон чун галайи гургон тохт оварда буданд мардиҳо бо ҳазор нағмаву усул ва садоҳо доштанд ба тақлиди овози ҳайвонҳо. Онҳо дар нишебӣ дастайи хурди бегонагонро таъқиб накарда, баробари дидани сипоҳи бешумори биёбон сарсари кӯҳҳойи пасту баланд шиғ бастанд ва пиёдагон пайдо, шуда девор гирифтанд. Искандар фармони ҷанг накард. Балки то омадани дастайи мунтахаб амр кард, омода ба ҷанг шаванд ва корвони роҳ бор аз пушти сутурон накананд. Сафи сари бора будагон зиёд мегашт ва ба назар паси девори зинда ҳисор месохтанд. Искандар бепарво буд ва сӯйи ҷанговарони кӯҳӣ нигоҳ ҳам намекард ва ҳушу ёдаш ба нағмаҳойи Бусефал буд. Ва аз зуд-зуд пойҳо паҳн гузошта шошидани он ҳайрон мешуд: «Ин хел закин набуд.»

— Бисёр тохтааст, равғанаш об шудааст, – фармуд Кратер худро доно гирифта.

— Ё пир шуда бошад?

— На. Бусефал баробари Искандар пир хоҳад шуд.

Қийу чуви лашкари сари бора дунёеро ба ёд меовард, ки одамӣ нав аз марзи ҳайвонӣ ба майдони инсонӣ пой гузошта бошад. Ба

назар ду сипоҳи гуногун рӯ ба рӯ омадаанд; яке ба эҳсос пӯшида афзори ҷангӣ, дигаре ба ақлу таҷриба.

Аз хаму рост шуданҳо ва ҳаракату давуғеҷи мардиҳо пайдо буд, ки санг ғун меоранд. Чун Автофрадат пешопеши дастайи баргашта меомад, баробари бо Искандар рӯ ба рӯ шудан фармуд:

— Онҳо бисёр шуданд, ба гумонам хонахез ба ҷанг омадаанд. Санг ҷамъ мекунанд, ки мо ҳуҷумовар шавем, аз сарамон резанд.

Искандарро кифоя буд ин хабар, то омода гардад ва роҳи пирӯзӣ ҷӯяд. Бисёр чиз напурсид, ҷангталаб нашуд, балки ҳаллу фасл мекард масъаларо дар зеҳни худ.

Чун офтоб ба ғуруб мерафт, соя ба дашти Тапур андохт, вале ҳанӯз шуоъйи он чашми лашкариёни сари борaро мебурд. Искандар аз чӣ буд, ки ҳеҷ гуна фармон намедод, то фавҷҳо омода ба коре ва ё ҷанг гарданд. Яқин бошад, ки шоҳи шабрав шабохун заданист ғофилгир карда душманро. Онҳое, ки сари кӯҳ девора баста, ватандор буданд. Пастиву баландиҳойи дашту пуштаҳо, вартаву тангноҳоро хуб медонистанд. Баробари ба сари Замин чодари сиёҳ андохтани Фалак шоҳи мақдунӣ фармуд галайи асбони мардиҳоро ҳалқа гиранд ва ҳамчунон ғарбтар ронанд. Ӯ медонист, ки омадани бадавиҳо бештар баройи гала бувад, аз он ки ҷанг хоҳанд. Аз ин рӯ канортар рафтанд ва ҷое ки то торикӣ фаромадан галайи асбони мардиҳо меистод, нимдойира гирифтанд, ки молдорон шабохун хоҳанд зад.

Нимашаб сиёҳие чун шағоли мурғдузд синамол даштро убур карда, сӯйи кӯҳ мерафт, ки аз дур дидани он муҳол буд дар шоми бемаҳтоб. Нури ситораҳойи дур лағзидани сиёҳийи пастро нишон медод. Ба чашми касе метофт, ки эътибор бидиҳад. Вале касе эътиборе намедод ва ё гумон намекард, ки дар чунин ҳангом аз миёни лашкари Искандар ҷондоре ҳаваси гурез ё ҷосусӣ бикунад. Гоҳе ки сиёҳӣ ба доманайи кӯҳ расид, бузургтар шуд ва онро аз ду ҷониб диданд, ки сӯйи кӯҳ метохт. Искандар низ дид баъди хабари дидбонҳо. Вале нагузошт касе аз пайи ӯ равад. Ба ҷустуҷӯй даромаданд ва зуд дарёфтанд, ки галабони асир гурехтааст.

Искандар он қадар андешаву мулоҳиза кард баройи бо ин дастайи ноошно ҷангидан, ки дар ҷанги Доро накарда буд. Кратер, Аминта, Файлотус, Кен, Биталомус ва дигар корзордидагонро ҷамъ оварда, зери нури хирайи ситораҳо, дар дашти фарохи Тапур, ки ҳанӯз тафти офтоби гармгоҳ нарафта буд, сӯҳбат орост, то чӣ бикунанд бо он бузҳойи сари кӯҳ. Ва маслиҳат шуд, ки Автофрадат аз одату феълу хӯйи ин қабила маълумот бидиҳад. Сатрапи Тапурия фармуд:

— Ин тойифа ғоратгар, ҷангара, ҳамлавар, нотарс, чолок ва худписанд. Ногаҳон ҳуҷум меоранд ва беамон зарба мезананд.

— Ба пиндошти шумо имшаб аз кӯҳ фаромада ҳуҷум кунанд?

— Яқин чунин кунанд.

Ва Искандар, ки ҳанӯз табиати ин ҷойҳоро намедонист, пурсид:

— Он тарафи кӯҳ чӣ мавзеъ аст?

— Низ кӯҳ. Ноҳамвор. Шабҳангом ҷангидан сахт душвор аст. Вале баройи онҳо мувофиқ.

Искандар то чӣ андоза дуруст будани сухани ӯро намедонист, зеро гурехтани асири зери дасташон собит гардонд, ки бо ин тойифа ҳазлу шӯхӣ кардан чандон боб нест. Ҳушёр ва бедор бояд буд. Бо вуҷуди он шоҳи шабрав ҳилае сохта, шабохун задан мехост. Зиёд мулоҳиза кард.

Чун посе аз шаб гузашта буд, ҳаммонанди шубонони хуб, ки рамаро аз девлох хезонда ба чаро баранд, Искандар низ лашкари то ин дам бедору омода ба сафарро ба ҳаракат оварда, бо он ҷониби дара боло бурд ва ҳалқа гардонда аз паси дастаҳойи ғоратгари душман овард. Чун онҳо аз дашти рӯ ба рӯ нигарони омадани душман буданд, аз пас ҳуҷумовар шудани даставу фавҷҳойи Кратеру Аминтаро надиданд. Якбора ҳамла оварданд ва мардиҳойи лоилоҷ ҷанги душмани омадаро саҳл дониста, чанг ба чанг шуданд, вале чун донистанд, ки лашкари Искандар аст ва олам гирифтааст, худро ба ҳамворийи дашти Тапур заданд. Аз он ҷониб дастайи Эрги ва Кен ва пиёдагон ва фавҷи саворони хориҷӣ тохтанд ва мардиҳойи ба танг омада рост шуданд дарарo. Ягон-ягон саворони мардӣ шуҷоат карда миёни дастайи анбӯҳи саворони Кратерро бурида, бо дудамаҳойи кӯтоҳ ба ду тараф теғ зада, сафдарӣ карданӣ мешуданд, аммо ду-се саворро гузашта, сарозер мерафтанд ва зери суми асбон монда, рӯдаву рӯбчакашон берун меомад. Дарайи фарох, ки марзи Тапурро аз Мардӣ ҷудо мекард, пур аз мурда шуд. Мардиҳойи баномус ҳарчанд рӯ ба гурез оварда буданд, пас-пасравон овард мекарданд. Чун болотар рафтанд ба дасти рост гашта, рӯ ба мулки хеш оварданд ва миёни кӯҳпораҳо ҷой гаштанд, ки ба ҷустан пайдо кардан муҳол буд. Мардиҳо ҷой шуданд дар тангноҳо, то дом ниҳанд душманро.

Чун чашми рӯз кафид ва тортанаки зарин девори обийи Фалакро часпида боло шуд, дар равшанойӣ намуд, ки аз ҳар ду тараф зиёд мурдаанду зиёд куштаанд.

Каргасҳойи баднамойи лошахӯр боз пайдо гаштанд андар фазо ва ғаши Искандарро оварданд. Мурғони баднияту сархӯр бол мезаданду сар ҷунбонда бо чашмони тангашон ба олами кушод менигаристанд ва хам мехӯрданд ба рӯйи мурдаҳо. Сояашон адири самти чапро мола мекард ва андар сангу хору буттаву ҷариҳо ва арчаҳойи пасту пачақ мешикаст. «Сархӯрон» аз зеҳн гузаронд ва дурахшидани шамшерашро дар нури хуршед дид. Шамшери асоти-

рийи Ахилл ёдаш омада, ковок шуд бар зин ва Сиёҳмушкинро як давр занонд ва сӯйи тангно ҷилав гардонд, ки аллакай пиёдагони кӯҳгарди мақдунӣ ду канори тангноро часпида, баромада буданд. Рӯзбонҳо, талоя ва ҷосусони искандарӣ мавқеъ ва ҷойи пиёдагон ва саворони душманро муайян карда буданд ва сипоҳи Искандар медонист чӣ кор карданро. Аз ду ҷониб андар даҳанайи тангно дастаҳойи саворайи мардиҳо ҷой гирифта, пиёдагон бар пояҳо ва рӯйи шохҳойи буридайи дарахтон санг тӯда карда буданд, то бар сари душман бирезанд. Чун кӯҳнавардони мақдунӣ пеш аз рӯ ба рӯ омадани саворон бо сарбозони пиёдайи мардӣ андар паси ҳар харсанге ё дарахте чанг ба чанг шуданд, ресмонҳойи ба сангҳову танайи дарахтон таранг баста нобурида монд. Мардиҳо аз ҷанговарийи мақдуниҳо дар ҳайрат афтода, аз паси харсанге ба харсанги дигар гузашта, рӯ ба қулла оварда буданд ва камандҳойи сангдор ба дасти мақдуниҳо гузашта буд.

Гоҳе ки дастайи саворони мардӣ ба ҳамлаву оварди саворони мақдунӣ тоб наоварда, пас нишастанд, кӯҳнавардони мақдунӣ камандҳойи бастаро буриданд ва сангҳо рехтанд бар сари саворони мардӣ ва онҳо ё зери санг монданд ва ё сангрез садди роҳашон гашта, гурехта натавониста, ба дасти мақдуниён афтоданд ва дастаҳойи андар даҳонайи дигари тангно буда аз чунин ранг гирифтани ҳол тарсида, рӯ ба фирор оварданд.

Искандар шаҳри мардиҳоро забт кард. Хаймаву козаву кулба ва саройу хонаҳойи пасту зичи аз сангу чӯб сохтаро оташ заду вайрон кард. Занону духтарон ба ғуломӣ гирифт ва ба ҳар сарбоз хостаашро бахшид ва гуфт: «Ин қабила аз зотҳойи хуб насл гирифтан мехоҳад.» Пирони чарминапӯшу палангинаву гургинапӯш ва пӯсти гӯспанду ғизол бар дӯш андохтаро чун рама ҷониби кӯҳ ронд ва тамошо кард, ки чӣ ҳаракату мадоре доранд он пирон, ки чунин фарзандони ватанпараст, ҷангара, ғоратгар ва саркашу бадхӯро тарбия кардаанд. Чунин сифатҳо ҳини тамошо аз дилу мағзи шоҳи мақдунӣ гузашт, ки чӣ нотавонанд ин пирон ва чӣ далеранд он ҷавонон. Онҳо лангида, хазида, афтидаву хеста, базӯр пойи пасро кашола карда, аз пойи дигар пеш мегузоштанд ва аз тарси ҷону биму шамшер мисли сангпушти тарсу сари зери сангро пеш меоварданд. Пойҳойи сӯхтаву сиёҳ, пӯсту устухон, кафидаву харошёфта ва ё аз саворийи зиёд каҷгашта ва пӯсти чандиру овезони дунбаҳо, ки гоҳи лағзишу афтодан аз зери пӯстакҳо менамуданд, дунбайи обгаштайи гӯсфандони гаргинро ёд меоварданд, ки ғашбор буданд зиёдтар аз каргасҳойи лошахӯр. Дастони бараҳнайи онон низ бадтар аз болҳойи паррехтайу туллаккардайи лошахӯрон буд. Ва ҳикояҳойи дар борайи ин тойифа шунидааш ононро монанд ба лошахорони баднамо мекард. Бавижа ҳар замон ба сари халқони дигар тохта, буду шуди онҳоро ба яғмо бурда, муфтхӯрӣ карданашон ногувортар аз мурдахорийи мурғон

буд. Чуғзи баддаҳон бад гӯяд, аммо ҳароммурдагонро нахӯрад; ин мурғон чизе нагӯянду хӯранд.

Мадор накарданд пирон; раҳ ба раҳ афтода намехестанд. Ва сababи ба кӯҳҳо нагурехтанашон низ ҳамин бемадорӣ буд. Ва ҳолиё Искандар мехоҳад мурғони ҳаромхор ба сари ҳамин пирони қоқтар аз каргасҳо нишинанд.

Искандар пирӯзиро дар ҳамон вайронаҳо базм кард. Дар канори рӯдак, ки мақдуниён чунин обро то имрӯз надида буданд, базм орост. Ва амр кард, ки аз ин оби мусаффо, поку зулол ва болаззат ва баройи ин минтақа хеле сарм нӯши ҷон кунанд ва сарбозон духтарони хушкардаашонро бар ин об андохта, тамиз карда, пасон ба канор кашанд. Сипоҳи мақдунӣ роҳи тӯлонӣ ва пуршиканҷаро паймуд, бисёр чизҳо дид, бисёр чизҳо гирифт, вале чунинашро ёд надорад. Искандар ҳазар кард аз ин кӯҳиёни оламу одам надида ва донист, ки широз (айрон) чист. Аз ишкамба ба косаҳойи сафол ва чӯбӣ рехта хӯрдани широз низ ӯро нафорид... Ва фармуд гӯспандон ва говони дар рустоҳо ва гирду атрофи он будаоро оварда, ба зайли хеш пӯсту пора карда, пухта хӯрданд. Сатрапи Тапурия Автофрадат ба хидматгоронаш фармуд, сипоҳро бо шароби хазарӣ таъмин созанд. Ҳамчунон шуд. Ва аммо ин базму ҷашн Искандарро хуш наомад: ҳар гоҳ ки порайи гӯште ба даҳон мебурд, шакли каргасҳо, пойу дастони нозеби пирони дар танайи кӯҳ мадор накарда, афтидаву фавтида ва мурдаҳойи зиёди корзор пеши чашмаш меомад ва ӯ гӯшти ба даҳон бурдаро бозпас ба хон мегузошт. Пайваста шароб мехӯрд ва меғуррид: «Куҷо омадам?» Ва гоҳе ки ин ҳама нохушиҳо ва баднамоҳо аз пеши назараш рафта буданд, чизеро ёд надошт.

Замоне бедор шуд, ки ҳама ҷо торик буд. Чаҳ-чаҳи бонавбати андалебон, чир-чири малахи сиёҳ ӯро бедор кард. Садойи рӯдак меомад аз наздик. Гӯё идомайи базм буд. Ҳаво серун. Ҷой бегона. Гӯш дод. Хуб диққат кард, ки дар куҷост. Ёдаш омад, ки охирин бор мардиёни кӯҳиро ронда, дар канори рӯдак базм ороста буд ва ҳоло дарёфт, ки дар пардасаройи хеш ҳаст танҳо. Пуф-пуф нафас баровардани ҳоҷиби паси дар меояд. Равшан, ки ягон одами бедор нест. Танҳо ӯ бедор аст. Бедори бедор на, нимхобу нимбедор, ки ҳеҷ чизро намедонад. Ҳатто намедонад, ки бархезад ва ё боз хоб равад. Ҳавойи хуб. Ҳам дар як муддати кӯтоҳ аз хоб сер шудааст ва ҳам ҳаваси фароғат дорад. Даст ёзид, то донад, ки дар саройи ӯ боз ҷондоре ҳаст ё на. Касе нест. Ғел гашт ва ба андеша рафт. «Дар дунё ҷуз куштан коре набудааст... Накушӣ, мекушанд. Кас дар ин миён набояд тамошогар бошад. Куштан беҳ аз он ки кушандат... Аммо то кай? То кай мекушӣ? Рӯзе хоҳанд кушт...»

Шағоле садойи сагро тақлид кард аз кӯҳ, вале садойи саге барнаомад аз харобаҳо. Пас нағмайи хешро навохт шағол. Асбҳо сайҳа кашиданд. Искандар парешон шуд. Баъд садойи норасидайи

ҷонсӯз ва гӯшхароши духтари ҷавон баромад; ҷавон на, кӯдакона буд.

Искандар сар бардошта, диққат дод. Такрор нашуд. Ё мурд, ё даҳонашро пахш карданд. Шоҳи мақдунӣ ҳамин ҳолатро таҳлил кард. Коллисфени таърихнигорро, ки дербоз ёдаш намеомад, ба хотир оварда, аз худ пурсид: «Шунида бошад? Ва агар шунид, чӣ гӯён тасвир кунад? Даҳшат... Ё раво бошад? Замони ҷанг. Агар Коллисфен тасвир кунад, бояд он тарафашро низ гӯяд, ки тойифа киҳоянд. Ва барои чӣ сарбозони мақдунӣ чунин рафтор мекунанд. Дар ҷанг ҳама чиз раво бошад, ҳатто одамхӯрӣ...»

Ӯ натавонист хобидан. Ба сараш зад, ки шояд садо овози норасида набуд, шояд аз дур чунин омад. Боз тойифайи ғоратгарон Барзин ва ё ягон гетерро набурда бошанд?

Бархост. Хамёза кашид. Поёнтар ғалмағал шуд. Искандар ба ҷойи он ки пардадорро ҷеғ занад, сар аз дарпарда бурун овард ва пурсид:

— Чӣ мағал?

— Духтараке сар нафаровардааст. Чаҳор лахт карда ба рӯд афкандаанд.

Искандар чун муродро донист, сар боз кашид ба дарун ва ғурғур кард: «Айби худашон, медонанд, ки илоҷ нест, боз саркашӣ мекунанд.»

Ва ҳама чиз ва ҳама кас бедор шуд. Худ аз худ садоҳо пасту пахш гаштанд. Садойи гетӣ ва маъмулӣ буд: нафаскашийи умумийи ҷону ҷонварон, ҳаракати умумийи насу нос, ҳама-ҳама ва ҳатто гирд гаштани Замин, баланд шудани Хуршеди бесадо садо дошт. Аз ин рӯ олам пурмағал метофт ва садоҳойи яккаву баланд ба гӯш сахт мерасиданд. Ҳанӯз он садойи шабина дар гӯши Искандар акс медиҳад.

Аз паҳлӯйи саропардайи ӯ сайҳайи шиноси асбе омад ва Искандар сар аз парда бурун оварда Бусефалро дид. Танҳо. Модиёни сапедро ҳамроҳ наовардаанд. Лоғар, хаста, харошёфта метобад. Баробари дидани шоҳ сар афшонд. Шодбошу ҳолпурсиаш чунин буд. Искандар низ хандон омада, ёлу гардани онро дастмолу навозиш кард, ҳар як харошу лати танашро дида, дилсӯзӣ намуд ва фармуд бишӯяндаш дар ин об. Пасон худи ӯ аз миён болоро шуст дар рӯд. Гуворо буд ин об. Афсӯс ки ба ҷое бурда намешуд, вагарна Искандар метавонист бо кӯҳу дарааш бубарад чунин обро: «Оби Ҳаёт ҳамин бошад?»

Наҳор хӯрданд. Искандар фармуд сари хон аз он об гузоранд. Баъди ин сухан ҳама аз он об нӯшиданд. Сари наҳор Искандар сатрапи Тапурия Автофрадатро сатрапи Мардӣ низ эълом дошт. Ба ин хотир балбал бардоштанд. Пасон сипоҳи мақдунӣ бор баст. Баргашт бо роҳе, ки омада буд. Онҳо яқин карда буданд, ки мардиҳойи гурезон дигар барнагарданд. Хотирҷамъ роҳ месипарданд.

Вале чун ба Тангно расиданд ва сари қофила ба даҳонаи он сӯйи Тангно баробар шуд, аз ду ҷониб санг рехт. Лашкари ноогоҳи мақдунӣ осема гашта, чӣ кор карданро намедонист ва асбон аз санги ҷафойи душман ҷувозак гашта дар гирдоб монданд ва киро сар шикасту киро пойу даст. Асбон низ захм бардоштанд. Ғӯту сангҳойи азим ба асбон бархӯрда онҳоро аз пой афканданд ва саворон пиёда шуданд. Талафоти ногаҳонӣ шуд.

Равшан гашт, ки ин тойифайи роҳзан ба осонӣ ҷон нахоҳад дод. Мазмун: баъди шикаст хӯрда гурезон шудан дарёфта, ки сипоҳи Искандар роҳату фароғат мекунад ва фардо ҳатман бо ҳамин роҳ бояд баргардад, шаби дароз санг баста ба камандҳо, то қусури ҷанги дӯшинаро барорад. Аз сангҳойи рехта ва ҷо-ҷо аён мегардад, ки фурсат даста надода, то зиёдтар санг гирд оранд. Вагарна дар чунин танггирӣ ҳоли сипоҳи Искандар табоҳ мегашт. Асби зери рони Искандар низ шикастапо гардид ва Искандар шукр кард, ки Бусефалро лоғар дониста савор нашудааст. Шоҳ пиёда шуд. Сар-сари сангҳойи рӯйи роҳ хобида рафта, ҷониби кӯҳ нигарист ва паси харсанге ҷой гирифта, фармуд пиёдагон ба кӯҳ бароянд. Паси ҳар сангу харсанг як сарбози сипоҳи мақдунӣ ҷой гирифт. Ва ҷанги сахт он гоҳ шуд. Гӯё ба муроди тойифайи роҳзан буд ин овард. Пархоши пой-пойяк шуд аввал, ки ҳар сарбози тарафайн аз бун ё тори санге нигоҳ карда, душманро диду нишон мегирифт ва зуд-зуд ҷой иваз мекард. Тирҳойи пардори тойифа ва тирҳойи дупару чаҳорпару шашпари мақдунӣ ва тирҳойи чӯбийи оҳансару пайкондор ғиз-ғиз ҳаворо бурида, ба сангҳо ё нишонҳо мерасиданд ва баъзан ҷон меситониданд. Чун аз буни сангҳо рӯ ба рӯ меомаданд, ҷанги тан ба тан мешуд ва теғу ханҷарҳойи кӯтоҳ, дашнаву акинак кор медод. Сарбозони мардӣ усуле низ доштанд, ки каманд андохта, душманро банд мекарданд ва гоҳе зӯрашон нарасида, ресмон раҳо мекарданд ва сирри набарди хешро фош мегардониданд. Мешуд, ки аз сари сангҳо худро гурбавор ба сари сарбозони мушона поянда андохта, зуд ханҷар мезаданд ва ё сари санге баромада санг бар сари ҳариф мекӯфтанд.

Автофрадат, ки тариқи оварди ононро медонист, зуд худро ба Искандар расонида, маслиҳат дод, ки амр диҳад, то сарбозон рӯ ба рӯ нараванд. Балки чанд тан онҳоро дар марказ андармон доранд, дигарон ҳалқа гиранд, то душман дар миён ояд. Зеро онҳо зиёд нестанд, вале дар чунин мавқеъ чӣ гуна ҷангиданро медонанд.

Искандар пазируфт маслиҳати ӯро. Ӯ ба ҳама баробар амр карда наметавонист. Амри даҳон ба даҳон кард: Ба Кратер гуфт. Кратер ба Аминта, Аминта ба Кен, ба Гестафин, ба сарфавҷ, ба сардор, ба сарбоз, ба барда ва ҳамин тавр дар як лаҳза даҳон ба даҳон паҳн шуд. Сипоҳ низ паҳну парешон гашт ва дур ҳалқа гирифтанд. Чанд тане, ки миёни сангҳойи баланд буданд, хешро гоҳ аз як паҳлӯ, гоҳе аз бун, гоҳе аз паси санги дигар нишон дода,

гоҳ-гоҳ тири болдор мепарониданд ва душманро андармон мекарданд. Онҳо аз ҳар ҷое, ки сояе ё саре менамуд, тир меандохтанд ва дергоҳ ба он нуқта нигоҳ мекарданд. Аммо душманони он бари кӯҳ ба ёрони ин бари кӯҳ хабар медоданд бо садойи баланд ва зуд ҷой иваз мекарданд. Онҳо ба шевайи мурғону ҷонварон садо мекарданд, ки мақдуниён намефаҳмиданд, чӣ мегӯянд онҳо. Ва чунин рафтор ҳам сирри ҳарбийи мақдуниёнро фош мекард ва ҳам мавқейи роҳзанонро. Баробари чунин садоҳоро шунидан фидойиёни мардӣ рост ба қулла нигоҳ карда мерафтанд ва сарбозони сипоҳи Искандар намеёристанд расонидан.

Сарбозони мақдунӣ то ҷое ки онҳо рафтанд, дунбола гирифтанд ва баъд ба таъқиб гузаштанд. Дидбонҳо ба пас расониданд, ки мардиҳойи фирор карда ба ҳамворӣ рӯ овардаанд, асб мебод. Саворон пешгардон рафтанд ва баъди чанд муддат гурезаҳоро диданд. Онҳо аз омадани саворони Искандар хабардор гашта, боз рӯ оварданд ба кӯҳ. Ва он ҷо ба дом афтоданд, ки аллакай кӯҳнавардони мақдунӣ пеши роҳро гирифта буданд. Чунон бо шӯру шарар шамшер мезаданду дашнаву ханҷар, ки ватандорон пойи гурез намеёфтанд. Ронданду бурданду куштанд, нафаре ҷон ба саломат бурда натавонист. Пасон Искандар сипоҳро гирд овард, фавтидагонро дар ду канори роҳ дафн карданд. Сари сукут андохтанд. Шоҳи мақдунӣ Автофрадати сатрапро фармуд, то гӯрҳоро нигаҳбонӣ кунад. Ва пой гардонд ба зини Бусефали номдор.

## БАНДИ ҲАФТУМ

Яке аз шаҳрҳойи бузургу сернуфуси кишвари Хазар Задракарта баройи роҳату фароғат бобу мувофиқтар буд аз дигар шаҳрҳо. Бесуси Бохтарӣ низ чанде пеш анҷумани сатрапҳойи Шарқийи Эронро дар ин ҷо гузаронида буд. Ва имрӯз шоҳ Искандар низ худро ҳокими мустабиди ин кишвар дониста, маҷлиси тақдирсоз гузарониданист. Зеро ӯ хушҳол аст. Хушҳол аз ҳавойи кушоду мавқейи ҷойгиршавийи шаҳр ва пазиройийи шаҳрдори тозападиди кишвар Сотибарзан, ки то ин замон ҳокими Ориё низ ҳаст. Сотибарзан бо нону намак чунон пазиройӣ кард, ки назираш рух надода буд. Канизакони хушгилу хуштарҳу хушандом, ки аз ҳарири Чин пироҳани якранг пӯшида буданд ва абрӯйи маликабонуро бар пешонӣ ниҳодаанд, дар чашми меҳмонон афсонавӣ метобанд, ки шунидаҳо мефаҳманд, надидаҳо дида ва боз орзуйи дидан мекунанд. Шояд дар таърихи Шарқ чунинаш рух надода бошад, ки Сотибарзан омода сохтааст. Аммо Фратофарн ин ҳодисаро дида, моту мабҳут гашт, ки ӯ ба ин мулк чӣ нисбате дорад. Сатрапи Ориёст. Он рӯз Бесусро тарафдор буд ва имрӯз Искандарро чунин пазиройӣ мекунад. Сӯйи Набарзан нигарист, ки манам сатрапи ин ҷо. Ва Набарзан маънийи нигоҳи ӯро дарёфта,

паст гуфт: «Шояд Бесус таъйин карда бошад?» Фратофарн низ ба чунин маънӣ сар такон дод ва афзуд: «Рӯбоҳ». Набарзан тасдиқ кард ба ишораи сар.

Сотибарзан низ ҳаракатҳо ва ишораҳойи эшонро дида, дилаш дузд бурд, ки муҳокима мекунанд ӯро. Ва сипоҳигариро фаромӯш накарда, ба ишораи сар «салом» дод. Вале онҳо надида гирифта, ҷавоб нагардониданд. Сотибарзан пай бурд, ки кина гирифтаанд ва минбаъд ҷанг миёни онҳо хоҳад шуд. Ва ҳар ду тараф низ мағз об мекарданд, ки ин масъаларо бо кадом ранг ба Искандар бирасонанд.

«Ба Бесус чӣ шуда бошад?»

Фратофарн, ки зиёдтар ҳавасманд буд ва то ҳанӯз сатрапи ин кишвар ба шумор мерафт, оҳиста пурсид.

«Шояд Бесус ӯро сатрап таъйин карда бошад?»

«Шояд...»

Ва ҳоҷати миш-мишу баногӯшӣ набуд, зеро метавонад дили Искандар дузд барад, ки онон сӯйиқасд ташкил кардаанд.

Дегҳойи қатор нишонда буданд, гӯштоб меҷӯшид. Рӯйи зуғоли шукуфта ва лахчайи ҳезуми бодоми талх кабоб мепухт ва гӯспандони яклухтро бар чӯбдастаҳо гузаронида, тори оташ тоб медоданд. Онсӯтар бар қади роҳ дастархони неъмат ороста буданд, ки бояд сипоҳу қофиларо мегунҷонд. Чунин манзара хоби Искандарро ёд овард, ки шабе чунин хонро дар водийи кушод фағфури Чин ороста буд. Дилаш хавф бурд. Матбахиён ва табибони хосаашро фармуд, то чошнӣ аз таомҳо бикунанд. Хидматгорони тозалибос обдастаҳойи симину мисӣ ва ҳатто зарин дар даст, пораҳойи дебойи сапед бар дӯш одоби шарқиро риоя намуда, майл ба тавозӯъ меистоданд ва дар асл ба меҳмонони аз дуродур омада як навъ тамиз омӯзонданӣ буданд. Ва аммо сарбозони мақдунӣ ва юнонӣ ва кирояҳойи эллиниву бобулӣ тоқат ба навбати дастшӯйӣ накарда, дар оби равони ҷӯйбори канор гарду чанги роҳро шустанд. Ва гӯйӣ ҳар кас ҷойи хешро медонист; он сӯй равон шуданд. Ба дасти Искандар аз дастобайи тиллойӣ об рехтанд. Ду чашми Искандар ба он обдастайи пурнақшу нигор буд, ки сарпӯшаш гунбадро мемонд ва андар сари обдаста низ қуббае буд, ки сари бурҷҳо гузоранд ва Искандар ҳамонандашро дар Бобул дида буд. Ақли Искандарро рабуд обдаста. Ҳанӯз оби сару рӯяшро дастмол накарда, обдастаро гирифт ва ҳама ҷояшро гардонида тамошо кард ва тоқат наоварда, аз ходим пурсид: «Аз чӣ?» Ва ходим посух дод: «Аз тилло». Замоне ки шоҳ ба тахти равони баройи саҳро сохта сари хон нишаст, он обдастаро наздаш гузоштанд. Искандар боз пештар аз хӯрок гирифтан он асари санъату ҳунарро бардошта, хуб зеҳн монд, сар ҷунбонда, бозпас ба ҷояш гузошт. Пасон рӯ овард ба хони неъмат. Бо ишораву иҷозайи таббохиёни хоса ва

табибони хонадон даст ба нозу неъмат бурд ва баланд кард балбал: «Барои пирӯзиҳо!»

Ва дигарон такрор карданд: «Барои пирӯзиҳо!»

Паёпай соғари бода баланд мекарданд. Ва Искандар ба чизе эътибор надода, бархост аз тахти саҳройӣ ва ба диж рафт. Либоси шоҳийи модӣ ба бар гирифта бозпас омад. Ба назари мақдуниёну юнониён шоҳ бегона тофт. Карру фарраш дигаргуна буд. Виқор дошт сохта, сар баланд гирифта буд бо такаббур. Тоҷи мурассаъ ба сар ва ҷомаи фохири зарбафту зарнигор гирифта буд ба бар, ки медурахшид аз нури хуршед. Аввал порсиён каф кӯфтанд, сипас дигарон. Шоҳ низ шарқиёна даст бар сари сина таъзим овард ва бар маснади саҳроийи Сотибарзан сохта нишаст. Бода бихӯрд. Ширамаст шуд. Чун хумори ҳангома гирифт, тахтапушт бар муттакойи сандалӣ пахш кард ва пой ёзида, гуфт:

«Пойи шоҳи Порсро бибӯсед!»

Касе гумон накарда буд ва чашм надошт, ки аз Искандар чунин бар ояд. Сукут варзиданд. Нафаре ҳаракат накард. Искандар шӯрид:

«Мақдуниён! Юнониён! Ёд бигиред эҳтиромро аз порсиён!»

Порсиёнро сахт расид ин сухан, ки махсус бозӣ мекарда бошад. Пойи дуввумро низ ёзид шоҳ Искандар. Мақдуниёну юнониён, ки бадомӯхт нашуда буданд, чунин рафтори шоҳашон сахт расид, пеш наомаданд. Пиндоштанд, ки шоҳ аз ҳад мегузаронад, зуъм карданд.

Аз ҳама бештар Сотибарзан дар ин боб андешид: «Ӯ меҳмон аст. Ва шоҳ. Эҳтиромашро бояд баҷо овард... Ва баъд ҳар кас худаш донад.» Бархост. Пеш омад ва зону зад назди тахти шоҳ Искандар. Даст бар попӯши модийи ӯ сойида, молид ба чашм. Ва дигарон кӯркӯрона пайравӣ карданд. Аввал порсиёни мансабхоҳу сатрапҳо ва баъд юнониён, аммо мақдуниён худдорӣ мекарданд. Нафрин мехонданд нағмаҳойи рӯзафзуни лашкаркашро ва як навъ зуъм ҳам доштанд, ки ӯ шарманда кард миллати мақдуниро. Ба ҳар ҳол, навбат гирифта, қатор шуда буданд ба побӯсӣ. Пасон садойи Искандар баромад, ки мастиро пеш оварда, дил холӣ мекард:

«Шумо мақдуниён ёд намегиред! Шумо ба ситам одат кардаед! То одам шуданатон ҳоло ҳаст! Якрав, шахгардан, бадомӯз! Рӯзе ки ба саратон бало бор шуд ва гоҳе ки шайтон ба гарданатон савор шуд, шоҳ барои шумо лозим! Аммо гоҳи осудагӣ, фароғат шумо нозгунҷи шоҳед! Порсҳо одамони камақл нестанд, ки пойи шоҳро бибӯсанд! Шоҳ барои онон худост! (Ӯ ин суханро ба таъкид гуфт ва сахт расид порсиёнро. Ба ҷунбиш даромаданд. Сӯйи Сотибарзани «хушомадгӯй» каҷ нигаристанд. Сотибарзан низ каҷ нигарист ба онҳо, ки кори худатро бикун, теғ бар ман накаш. Вале ҳар кас ба қадри фаҳмишаш рафтор мекард.) Дуруст бувад рафтори порсиён: шоҳон худоянд дар рӯйи замин! Ва агар

худо на, фиристодайи ӯ, намояндайи ӯ ҳастанд. (Калавид.) Мақдуниён! Шумо ҳама писарони худойи Зевс ҳастед! Инҳо, порсҳо ҳама фарзандони худойи бузург Аҳура Маздо! Бифаҳмед, А-ху-ра-маз-до! Шумо дидед? Сотибарзан кам нашуд! Ба побӯсӣ одам кам намешавад. Аммо меҳр, садоқат ва ихлос равшан мегардад. Одамонро мешиносӣ, ботину зоҳирашон равшан мегардад. Мақдуниён! Побӯсӣ эҳтиром аст! Шумо ҳазар мекунед! Шумо худро баландтар аз шоҳ меҳисобед! Дафъ шавед аз назарам! Ман худойи худ ҳастам! На худойи шумо! На шоҳи шумо! Ман – шоҳи Порс! Шоҳи олам! Ҷавоб ба ҳамаатон! Баргардед, мақдуниён!»

Чун садо баланд шуд, ҳама ба таҳлука афтоданд ва бархостанд. Ба такопӯ даромаданд, то коло ва чизҳойи дар тӯли ҷанг ғанимат афтода ва шоҳ Искандар ҳамчун ранҷмузд бахшидаро ғун оранд. Онҳо рост бовар карданд гуфтаҳойи Искандарро. Зеро даҳон ба даҳону гӯш ба гӯш рафта буд, ки шоҳи мақдунӣ хаста ва пушаймон гашта аз ҷангҳо, ёди ватан карда, баргардад ба Мақдуниё.

Ва Искандари Сонӣ се ҳазор сарбози савора ва бист ҳазор ҷанговарони пиёдаро баргузид, барояшон нутқ эрод кард:

— Ман омода ҳастам бо «дӯстон» ва сарбозони мухтор ҷангро идома бидиҳам! Онҳое, ки хаста шудаанд, ҷанг ба дилашон задааст ва нақшаҳойи ман маъқулашон нест, метавонанд бираванд. Таъкид мекунам, ки агар шоҳро тарк кардан хоҳанд, рой эшонро. Вале бидонед, ки Искандар мақдуниёнро дунё бахшид! Ин кор на аз дасти ҳар мақдунӣ ояд.

Идомайи сухани шоҳро шунида намешуд. Сухан ба ғал-мағал гузашт. Канда-канда гӯйишҳойи ҷанговарон меомад, ки майли ҳамроҳи Искандар рафтанро доштанд. Саргӯшиву баногӯшиҳо низ зиёд буданд. Ва баройи ҳама гуна садову миш-мишҳоро пахш кардан шоҳ овоз баланд кард:

— Шояд андешаҳойи дигар низ бошад?!

Ва маҷлисгоҳ ороми ором шуд. Ҳатто ба баландтар нафас гирифтан ҷуръат намекарданд. Файлотуси пури Пармониёни сипаҳсолор гоме пеш гузошт ва андешаҳояшро иброз дошт:

— Касе ба биҳишт рафта, барнагаштааст. Вале шоҳи мақдунӣ Искандари Сониро лозим меояд, ки аз нимароҳи биҳишт баргардад. Зеро мо нав ба нимароҳ омадаем ва то биҳишт роҳ дур аст. Дар ин роҳ зиёд матлубу номатлуб чизҳоро дидем ва шунидем. Шояд ҳамин нукта шоҳи мақдуниро таъсир гузошта, ки масъалайи бозгашт ба миён омадааст.

Искандар: — Боз кӣ?

Гефестион: — Файлотус дуруст гӯяд. Пирӯз баргаштан бартар аз пирӯз мурдан.

Искандар: — Чаро шумо ҳама нияти бад доред?

Кратер: — Зеро сипоҳ чунин андеша дорад! Ҳама мехоҳанд ба ватан баргарданд. Ҷанг ба дилҳо зада.

Аминта: — Мо ҷонибдори Искандар ҳастем. Вале на ҳама кор ба муроди мост. Саҳл монда буд то мурдан. Ҳамагон бо чашми худ дидем, ки аҷал аз одам намепурсад, ки мурдан мехоҳӣ ё на? Ҳар яки мо борҳо бо марг рӯ ба рӯ шудаем. Мо бояд шукр гӯем, ки аз шаҳри мардиҳо зуд баргаштем ва онон имкони дар он тангно санг фаро овардан наёфтанд. Агар ба айшу нӯш дода шуда ба душман имкон медодем, ки хуб санг ҷамъ орад ва гоҳи дар тангно будан якбора ба сарамон резад, нишоне аз мо намемонд. Мо бояд биандешем ва маслиҳати доноёнро гӯш диҳем.

Искандар ором ва осуда вонамуд кард хешро. Ба «дӯстон» нигарист, ба ҳамрикобон ва ҳамнабардон. Ва суоли боре ба миён наомадаро пеш овард: «Коллисфен чӣ мегӯяд?»

Коллисфен: — Искандар – шоҳ, мефармояд. Дигарон – сипоҳ, фармон баҷо меоранд. Он чӣ шоҳ хоҳад, ҳамон шавад.

Баногӯшӣ шуд. Баъд шунаво ва боло шуданд садоҳо. Мағал шуд.

Искандар: — Ман чунин умед доштам аз Коллисфени таърихнигор.

Садойи якум: — Ӯ як хушомадгӯйи дигар!

Садойи дуввум: — Ӯ воқеанигор. Мехоҳад ин ҳарфаш низ дар сафҳайи торих бимонад!

Искандар: — Нагузаронед аз ҳад! Мо баройи маслиҳат гирд омадем, на баройи ғайбат!

Клит: — Пайдост аз гуфтаҳо, ки баъзе ватанро ёд карда, бархе аз набардҳойи бемаънӣ дилгир гашта. Саввумӣ ё ба эҳтироми шоҳ майли ҷанг доранд; ё худ сер аз ҷангу куштор ва ё симу зар нашудаанд.

Искандар: — Худи ту чӣ хоҳӣ? Ҳарчанд аз гуфторат ниятат равшан аст, вале рӯшод ва озод бигӯй пеши ҳамагон.

Клит: — Бозгаштан ва ё ба Биҳишт рафтан ба ройи ман набувад. Ин масъаларо шоҳ Искандар ҳаллу фасл хоҳад кард.

Искандар: — Ман донам чун ҳал карданро, Клит. Лекин ту бигӯй, ки чӣ бояд кард?

Клит: — Ман дӯст ва рафиқи деринайи шоҳ ҳастам. Ҳар чӣ ӯ гӯяд, он кунам.

Искандар: — Ҷанг ҳамайи шуморо дар хумдонҳо гудохтааст. Пухтаед. Муғамбир шудаед... Боз кӣ?

Гефестион: — Ӯ аз ибтидо чунин дурӯя буд.

Клит: (Вағгида.) Туро чӣ алам расида? Андешаатро бигӯй! Бо ман чиро тақсим карда натавонистӣ?

Гефестион: — То кай косалесӣ кунӣ? Андаке пеш гуфтӣ, ки сипоҳ бояд баргардад. Инак ҳама борро бар дӯши шоҳ меандозӣ! Шоҳ туро маслиҳат пурсида, ки...

Клит: — Пас чаро ту равшан нагӯйӣ?

Гефестион: — Охир ман гуфтам ба гӯши ту барин карон: Пирӯз баргаштан аз нимароҳ бартар аз пирӯз мурдан дар охири роҳ! Боз чӣ гӯям!?

Искандар: — Ман баҳси бебуни ҳар дуйи шуморо нафаҳмидам. Шумо чиро тақсим карда наметавонед? зари Порсро? Гетереро? Ё дӯшизайи дӯшинайи мардиро? А? Савганд меҳӯрам: бори дигар маншайи шуморо бинам, ҳар дуро хоҳам кушт!

Хомӯш гашт давра ва ба назари Искандар лошахӯрон пайдо шуданд андар фазо. Ва ӯ чашмонашро ба замин дӯхт, пасон ба Коллисфени таърихнигор, ки тез менигошт. Ба назари Искандар ӯ андешаҳойи хешро менавишт, ба вазъ ва майлу дархости шоҳ коре надошт.

Искандар: — Боз кӣ?

Ин пурси Искандар боройи он буд, ки Коллисфенро ба худ орад ва ӯ чӣ навиштанро фаҳмад. Вале таърихнигор сар боло накарда менавишт ва пархомааш бозӣ дошт. Дигарон хомӯш буданд. Шояд дарёфта, ки Искандар чӣ хоҳад аз эшон. Ӯ дилу нияти ҳар кадомро донистан в-он гаҳ амалиёт гузаронидан мехоҳад. Ва сарфавҷҳо ва мамлукҳо як-як майл карданд ба тарафдорийи ӯ, аммо сарбозон ва мамлукҳойи дунёйӣ ёфта дудила буданд.

Искандар: (Мадд кашида) Сипаҳбадон, сарбозон ва сарфавҷҳо! Шояд шуморо зиёд ранҷ додам. Бидонед, ки ин корро аз рӯйи хушӣ ё серӣ накардаам. Ҳар чӣ буд, аз рӯйи нангу номус ва ор буд. Мо абадӣ ин ҷо нахоҳем монд. Мо ин кӯҳу заминҳоро бардошта, ба Мақдуниёву Юнон бурда натавонем, ҳарчанд ки орзу дорем. Ғараз ин нест. Вале ҳолиё ин заминҳо ва ин кӯҳҳо аз они мост. Чун аз нимароҳ баргардем, касе ин мулкро мулки мақдунӣ намешуморад, ҳатто боҷу хироҷ ҳам нахоҳад дод. Аммо чун ин ҷо ҳастем, ин мулки мост. Ва ҳама гуна масъала шояд риоя шавад. Чун пушт гардонем, шӯру балво хезад ва гумоштагони моро нобуд кунанд. Пас чӣ маънӣ дорад, то ин дуриҳойи дур расида, Искандарийи Ақсо сохтани мо? То ҳастем, ин бегонагон бо мо дӯстанд, чун нестем, бо мо душмананд... Масъалайи дигар ба даст овардани Бесус аст. Ин мори захмиро ба ҳоли худ гузошта рафтан хавфнок бувад. Мори захмӣ заҳр занад бадтар аз морҳойи дигар. Шумо осема нашавед. Мақдуниёйи мо ҷое нагурезад. Аммо ин гӯри гурезон аз даст равад. Аз ин рӯ моро чаҳор рӯз лозим аст, ки бар асари Бесуси шоҳкуш биравем, дастгираш кунем, ба мардум ҳисобот диҳад, то порсиён донанд, ки шоҳи ононро Искандар накушта...

Ва аммо Искандар баъди чунин ваъдаву войиз понздаҳ рӯз дар ин шаҳр айшу ишрат кард. Миннатдор аз хидматҳойи Сотибарзан ӯро ба кишвари Ориё ҳамчун ҳоким фиристод. Магар аз хидматҳойи аз андоза зиёд ва побӯсиҳойи ҳавасмандонааш дилаш раг зада буд ва хавф кашида буд, ки сарфавҷи аконтистҳо

(найзаварон) Анаксиппи мақдуниро ҳамроҳ кард бо сатрапи Ориё. Ин даста чиҳил савори найзавар дошт, ки ба назари Искандар варзида ва размӣ тофта буданд. Ба фармуди шоҳ онҳо бояд роҳ тоза мекарданд; дар саросари роҳи Задракартаву Ориё рӯзбонон ва посбононро мегузоштанд. Ва боз дар таки ин амалиёт чӣ ниҳон буд, танҳо Искандар медонисту Анаксипп. Ба ҳар ранге, ки буд, сарбозони ба ғорату тороҷ бадомӯхт дар ин ҳавза низ бадкорийи хешро карданд: тороҷ карданд, бурданд. На танҳо шаҳрвандон, балки сокинони кӯҳнишин низ ба танг омаданд. Шӯриданд онҳо. Оташи балво забона зад. Фаро гирифт Ориёро.

## БАНДИ ҲАШТУМ

Сотибарзан сӯйи Ориё мерафт. Сар мешикасту намефаҳмид, ки чаро шоҳи мақдунӣ Анаксиппи ҳамшаҳрашро ба ӯ дум кард. Шояд ҷосусӣ бошад ва ё аз нобоварӣ. «Маълум, ки бовар надорад. Бегона донад. Ва мо дар ватани хеш дастнигар шавем ӯро. Гуфтаҳойи Бесус дуруст: «Дар хонайи худ хор гардем. Гарчӣ озод гом занем ҳам чун ҳайвон беҳуқуқ монем.» Анаксипп низ андеша дошт: «Чаро Искандар ҳаваси ба Мақдуниёву Юнон баргаштани сарбозонро ангехт ва маро ба ин сатрап дунболагир кард?» Баъд чун зиёд роҳ паймуданд, нишастанду бархостанд, луқма бо ҳам хӯрданд, ошно шуданд, қисса бо ҳам гуфтанд...то гилагузорӣ. Ҳар ду хавф мекашиданд аз якдигар.

Анаксипп: — Ҳа-а-а (Сар ҷунбонида). Сарбозони юнониву мақдунӣ хаста шуданд. Э-э-эй, Мақдуниё куҷову Ориё куҷо? Саг ҳам чунин роҳ мепаймуд, мемурд. Одамӣ ҷонсахттар аз саг бувад. Дар пойҳойи пиёдагон мағз намонд. Бераҳмӣ. Сахт бераҳмӣ.

Сотибарзан: — Ҳа-а.

Рӯшан сухан накард, ки ҷосусӣ дорад Анаксипп. Ва диққат ба суханони ӯ медиҳад, ки муғамбирона метобад.

Анаксипп: — Дарёфтӣ, ки чӣ кас аст Искандар?

Сотибарзан: — Туро рӯшан бошад. Ман нав дидам ӯро. Чун лашкаркаш аст, ҳарчӣ фармояд, он кунанд лашкариён.

Анаксипп: — На. На ҳар чӣ он гӯяд, бикунанд.

Сотибарзан: — Бикунанд... Вагарна...

Анаксипп: — Пас, чаро гоҳе ки «пойи шоҳи Порсро бибӯсед!» гӯён пой ёзид, касе аз мақдуниён набӯсид?

Сотибарзан ба андеша рафт, ки киноя ва таъна ӯро занад. Ва хушгуфторӣ кард, то сахттар аз кинояйи ӯ бошад.

Сотибарзан: — Зеро ӯ пойи шоҳи Порсро ёзид, на пойи мақдуниро.

Анаксипп: (Боз сахттар) — Ва ту бӯсидӣ?

Сотибарзан: (Баландназар) — Оре, ман бӯсидам. Вале на пойи Искандарро. Попӯши модиро бӯсидам, ки пазмон шуда будам.

Анаксипп: (Ҳайрон) — Попӯши модиро?

Сотибарзан: — Оре! Попӯши модиро, ки ба ҳар пой кашанд, зеб диҳад.

Анаксипп: — Ҳммм... Чунин бигӯй... Ҳама гумон карданд, пойи Искандарро бӯсидӣ ва дигарон пайрав шуданд.

Сотибарзан: — Оре, пайрав шуданд. Аз ҷумла Анаксипп. Вагарна туро ба Ориё нафиристода буд.

Анаксипп: (Тез шуда) — Фиристода буд!

Сотибарзан: (Қатъӣ) — Нафиристода буд!

Анаксипп: — Ва ту аз куҷо дидӣ, ки ман пойи ӯро бӯсидам?

Сотибарзан: — Ҳама диданд, ман низ дидам... Зебо буд он попӯш. Ҳар кас орзу мекард ва бо ҳавас мебӯсид. Зарнигор буд, нигин дошт ва фарқе надошт аз тоҷ.

Анаксипп: — Бале, зебо буд. Ҳоҷате надорад ба таърифи ту. Вале хосу ом диданд ва яқин карданд, ки сатрап пойи шоҳро бӯсид. Ва хеле нафрин карданд, ки сатрапи Порс пойи шоҳи Мақдуниро бӯсид. Пастист.

Сотибарзан: (Бо тамкин) — Фикри ҳар кас ба қадри фаҳмиши ӯст. Ақли ту низ. Ақлу фаҳмиши шумо ба чизе, ки гоҳи попӯш бӯсиданам гуфтам, нарасад.

Анаксипп: (Низ паст омада) — Чӣ гуфтӣ? Мехоҳам бидонам. Ва дар вақоеъномаам сабт бикунам.

Сотибарзан: — Ҷосусӣ макун. Маро рӯшан бувад, ки низ Искандарро чашми дидан надорӣ. Юнонӣ ҳастӣ. Аз зарурат ва ё эҳтиёҷ ба ин юриш омадайӣ.

Анаксипп: — Ман мақдунӣ ҳастам! Аз эҳтиёҷ на, аз эҳтиром омадаам. Ва чаро ту колойи пуч бар ман бор бандӣ?

Сотибарзан: — Ман ҳозирбинам. Агар мақдунӣ будӣ, чун дигар мақдуниён пойи Искандар набӯсидӣ. Чун бегонайӣ, аз тарс ё баройи хешро ширин кардан пойи шоҳ бӯсидӣ.

Анаксипп: — Чунон ки ту?

Сотибарзан: — Гуфтамат, ки ман попӯши зебойи модиро пазмон шуда будам, чун онро дидам, бӯйидам. Чунон ки дар роҳ гуфта будам, аслу насабам модист. Ту низ дӯст дорӣ ватанатро? Модаратро? Падаратро?

Анаксипп: — Магар ман насносам, ки дӯст надорам ватанамро, модарамро, падарамро?

Сотибарзан: — Агар ки ин сегонаро дӯст дорӣ, чаро ба д-ин ғурбат омадӣ?

Анаксипп: — Худам намедонам. Шояд зарурат буд.

Сотибарзан: — Оре, зарурат. Ман инро дарк мекунам. Мӯҳтоҷӣ ва овозайи зари Порс туро ба ин ҷо оварда, чунон ки

Искандарро ва ҳамайи лашкариёнро. Вагарна чӣ ҳаст дар бодияҳову регзорҳову кӯҳҳо?

Анаксипп: — Ба таъна задану киноя гуфтан устухон на-дорӣ.

Сотибарзан: — Туро таъна тобад, киноя пиндорӣ... Зану фарзанд дорӣ?

Анаксипп: — На.

Сотибарзан: — Аз ин рӯ туро сахт нарасад. Тасаввур бикун, ки дар хона нишастайӣ, душман даромада пеши чашмонат зану фарзанди туро чӣ корҳое карданд. Тоқат мекунӣ? Ана зану фарзанд неву падару модаратро. Сахт мерасад?

Анаксипп: — Албатта сахт мерасад.

Сотибарзан: — Моро низ сахт расид. Кӯза то кай лаби об солим рафта солим ояд? Рӯзе бояд бишканад. Ё аз беэҳтиётӣ ё аз шитобкорӣ ва ё аз бепарвойӣ. Бо Искандар ҳамайи ин сифатҳо ҳамроҳ. Бегонагон бад бинандаш, худиҳо низ.

Анаксипп: — Маро торик бувад.

Сотибарзан: — Ман сӯҳбат кардам бо чанде. Ҳама дилгиранд аз чунин ҷанг. Бархе гӯянд: «Худо донад, ки Искандар зинда баргардад аз ин ҷанг?» Магар чунин муомилаву муносибат ягон чизи ғайрирасмӣ дорад?

Анаксипп: — Ман ин чизҳоро намефаҳмам. Ҳамин қадар рӯшан, ки қисми зиёди сарбозон кироя ҳастанд, шояд хостаашонро пайдо карда бошанд. Қисме Искандарро дӯст дошта ҳамроҳаш омадаанд, ҳолиё пушаймонанд. Баъзе гумони ҷавонӣ, пиндоштаанд, ки Искандар якранг монад бо онҳо ва то мурдан якҷоя гарданд. Хаёлҳойи кӯдакона. Чунон ки бар омад, Искандар сад дар сад дигар шуда.

Сотибарзан: — Туро чӣ оварда?

Анаксипп: — Муҳаббат.

Сотибарзан: — На. Ту ба Искандар муҳаббат надорӣ...

Анаксипп: — Чаро...

Сотибарзан: — Зеро чашмонат мегӯянд, рангат гувоҳӣ медиҳад ва ларзиши лабонат шаҳодат, ки ба ӯ эътиқод надорӣ.

Анаксипп хомӯш монд. Чӣ гуфтанашро надонист ва он чӣ аз мағзаш мегузашт ба забон овард:

Анаксипп: — Чӣ гӯям ба ту? Зинда монад, зинда монам, ҳамроҳи ӯ бармегардам. Бимирам, хок бихӯрад... Вале ҳолиё бигӯй, ки гоҳи пойи Искандарро бӯсидан чӣ гуфтӣ?

Сотибарзан: — Ман пойи ӯ набӯсидаам. Гоҳи бӯйидани попӯшҳойи модӣ гуфтам, он чӣ ту ҳолиё гуфтӣ.

Анаксипп: — Яъне ман чӣ гуфтам?

Сотибарзан: — «Хок бихӯрад».

Анаксипп: — Айнан бигӯ.

Сотибарзан: — Ин пойи номуборак зудтар канда шавад аз ин хок! Агар на, хок бихӯрад он пойро!

Анаксипп: — Айнан гуфтӣ?

Сотибарзан: — Айнан гуфтам.

Анаксипп: — Ва ман гумон кардам, ки...

Сотибарзан: — Ва ту гумони бад кардӣ. Зеро худат чунин ҳастӣ!

Анаксипп: — Ман на чунинам, на чунон. Балки донам, ки хиёнат кардӣ ба Искандар.

Сотибарзан: — Чӣ гуна хиёнат? Ба хидмат – тӯҳмат?

Анаксипп: — Кадом хидмат? Он ки дар Задракарта дастархон оростӣ? Он баройи ту лозим буд. Гумон дорӣ Искандар онро пай набурд? Ӯ донист, ки бозӣ мекунӣ, маро ҳамроҳи ту фиристод. Он чӣ ту ҷосусӣ мепиндорӣ!

Сотибарзан: — Ман медонистам, ки ту ҷосусӣ ва гуфтам туро... Ва ту ҳам, шоҳат ҳам хуб пай бурдаед, ки ман он хонро ба эҳтироми Искандар наоростаам. Ман ӯро андармон кардам, то аз пайи Бесус наравад. Дар ин миён Бесуси Бохтарӣ имкон пайдо кунад, то сипоҳ гирд оварад.

Анаксипп инони асбашро кашид беихтиёр, ки гумони Искандар яқин баромад. Ба ӯ нигарист, ба пас нигарист, ки саворон меоянд ё на. Сотибарзан аз нигоҳи ӯ ва якбора сухан қатъ карда, чорахоҳ ба саворон рӯ оварданаш хавф бурд ва донист, ки мазза аз қайла гузашта. Шароби дар канори рӯдак хӯрдаашон аз бинӣ хоҳад баромад. «Илоҷ ва ҷойи гурез набувад. Чорае бояд кард. Буд-набуд, нарезондаву начакконда ҳама гуфтаҳоро ба Искандар хоҳад бурд.» Якбора шамшер кашид аз наём. Тохт бар Анаксипп. Ва Анаксипп низ шамшер охт. Ҳанӯз шамшерҳо дар фазо ҷавлон накарда, ҷанги даҳонӣ сар шуд:

Сотибарзан: — Искандарро, туро кӣ хонд ба мулки Порс?

Анаксипп: — Хишоёршоҳро кӣ хонда буд ба Юнон? Шумо сар кардед, мо омӯхтем, такрор кардем. Ҳолиё дошт бидиҳед!

Сотибарзан: — Омадан гиред, бинем, то куҷо мерасед?!

Анаксипп: — Нокас будайӣ. Гуноҳ мекунӣ, ҷурмро ба гардани дигаре меандозӣ. Туро касе лоба карда буд, ки пойи шоҳи моро бибӯсӣ? Истода-истода чун девори намкаш алам кашидӣ, ки пеши чашми он қадар гурдону ялон, сипаҳбадон, сипоҳиёну бардаву мамлукҳо, бавижа гетерҳойи нозанин пойи шоҳи бегона бӯсидӣ, ки пастие пасттар аз ин нашавад.

Сотибарзан: — Ман...

Анаксипп: (сухани ӯро бурида) — Чӣ хеле ки ҳастӣ, ҳамчунон пазируфтандат.

Сотибарзан: — Ман...

Анаксипп: (Гуфтан намонда) — Медонам. Муродат буд, ки Искандар боз туро сатрап бихонад.

Сотибарзан: (Хашмӣ) — На!!!

Анаксипп: (Беэътиноёна) — Ҳа!

Сотибарзан: — Муттаҳам танҳо Искандар набувад. Ҳамаатон муттаҳам.

Анаксипп: — Бале. Агар муттаҳам набуд, туро вазифа надода буд. Ва маро ҳамроҳи ту нафиристода буд.

Сотибарзан: — Ӯ дониста туро бо ман фиристод. Медонист, ки ба хунатон ташна ҳастам! Туро чиву маро бонӣ кардан чӣ. Бо дидбонӣ ё ҷосусӣ Шарқро, Порсро, Эронро нобуд нахоҳӣ кард! Шарқу Порсу Эрон бемаргу анӯша бувад. Садҳо Искандар оянду раванд, вале ин мулк пойдор хоҳад монд. Тамоми Мақдуниёву Юнонро ба Порс кӯчонанд ҳам, Порс Мақдуниё ё Юнон нахоҳад шуд. Эрон хоҳад монд чун Эрон. Ҳеҷ як зани эронӣ аз Искандар ё ту барин зархаридон бор нахоҳад овард; магар зӯрӣ, ҳаромӣ. Ё магар ки он зан фоҳиша бувад ва ё бетафриқа...

Анаксипп: (Заҳрханда карда) — Ҳо-ҳо! Магар надонӣ, ки тамоми ин мулк аз сипоҳи Искандар бор оварда?!

Сотибарзан: (Бо ситеза) — На! Чунин нахоҳад шуд!

Ва шамшер ҷавлон занонд. Асбҳо рӯ ба рӯ шуданд. Он пӯлод нури Хуршедро баргардонд ва чашми Анаксиппро рабуд. Даст бар чашм бурд. Сотибарзан тохт овард. Шамшер зад. Шамшери Анаксипп парид. Сотибарзан асбашро пошна зад. Азбаски пеши роҳ банд буд, фараси ӯ чароғпоя шуд ва ду дасти сапеди он бар фарқи сари Анаксипп омад. Сум зада ӯро аз зин афканд. Пойи чапаш монд андар рикоб. Асбаш гурехт соҳибашро вазза карда. Сотибарзан низ асбашро тезонд ва шамшер ҷавлон дод, фитроки рикоб бурида он мақдуниро аз шиканҷа мераҳонида бошад. Вале ба ҷойи банди рикоб шамшери пӯлодӣ сар аз тани ӯ ҷудо кард. Тани бесар хуни ҷӯшидайи ӯро пошида, кашола буд ба дунболи асб.

Ошӯб бархост. Чун забонайи оташ фаро гирифт Ортакбонро. Мардум рехтанд ба кӯчаҳо. Чиҳил савори румӣ ва сарбозони пиёдайи эллинӣ ҷойи гурез надоштанд. Ҳама ба по хеста буд. На аз набарди Сотибарзану Анаксипп, балки аз бедодийи дастайи ёрирасон, ки Искандар фиристода буд ва онон ба ҷойи рабту низом талаву тороҷро пеша карданд чун одат. Вале ду савори мақдунӣ ончунон аз миёни ошӯбгарон ва дастайи Сотибарзан раҳо гашта, бозпас рӯ ба ҷониби қароргоҳи Искандар гурехт, ки касе аз саворони ориёйӣ расонида натавонист.

❁ ❁ ❁

Омад-омади Искандар овоза шуд.

Сатрапи Ориё Сотибарзан бо ду ҳазор сарбоз рӯ овард ҷониби Бесуси Бохтарӣ.

Халқон бесардор монданд ва чӣ кор карданро надонистанд. Эшонро рӯшан буд, ки баъди кирдори Сотибарзан шоҳи мақдунӣ Искандари Сонӣ ба ҳеҷ бурҳону далели худфурӯзӣ ё худсафедкунӣ бовар нахоҳад кард. Зеро сатрап пойи мубораки шоҳро дирӯз

бӯсид ва имрӯз бар зидди ӯ шӯрид. Шоҳи мақдунӣ яқин донад, ки ҳамагон ҳаммонанди ӯстанд. Илоҷи воқеъа пеш аз вуқӯъ, гуфта, кӯч бастанд ба кӯҳ. Ба кӯҳи азиму баланд, ки онро кӯҳистониён шах ё шух меноманд. Дар бағали ин кӯҳи азим ғӯту харсангҳои сиёҳу ҷигарӣ ва испурчранг болойи ҳам ғелидаву хобида вазнеро ташкил кардаанд, ки ҷуз замин ягон тарозуйи офоқ онро набардорад. Шахи яклухти гаронтар аз сангҳои рез аст. Дар чунин як бурҷи шукӯҳманди табиӣ сездаҳ ҳазор мардуми ориёйӣ кашу пархош, ғелону хезон часпида боло шуданд. Дар ягон замон ҷони зинда ёд надорад ва ё надида, ки ҷонваре; хазандае, чарандае, паррандае, равандае мисли имрӯз чунин часпида; ба ҳазор таҳлука, тарс ва ҳарос ин фарози сахтубури дӯзахвор тафсонро синамол баромада бошад. Агар барояд мор, малах ва мӯр ба чунин усул хоҳад баромад. Дар чунин гармгоҳ ин тобайи тафсонро пой гузошта баромадан бадтар аз азоби Нор буд. Гоҳо пӯсти пойи бараҳна часпида мемонд тобаро. Онҳо аз баҳри ҳама ашёъи дунё баромада, ҷони одамӣ ширин, кӯдакон андар бағалу пуштора бо ранҷу шиканҷа аз санг ба санг, баҷонтаре парида, беҷонтаре хазида, дар танггоҳу бузроҳаҳо, завлонаҳо, сари вартаҳо чун мӯрон дунболи ҳам раддаву саф мебастанд, то зудтар ғайб зананд аз чашми душман. Вале медонистанд, ки ин шах пешбаста аст, гузаргоҳе надорад ба марзҳойи дигар. Зеро ба сохти як намуди замбӯруғ (телпаки мор) бувад. Ҷо-ҷо хитта-хитта хокзамин низ дорад, ки алафҳойи баҳорон руста зуд хазон гашта оромгоҳи морони заҳрнок мешаванд. Ва ҳолиё пеш-пеш он морон аз ҳайати одамӣ тарсида ё зери харсангҳо ё резҳо мегарданд ва ё ба танайи шах боло хазида тарсу ҳароси кӯчиёнро садчанд мекунанд. Одамон чору ночор пеш мераванд, ки дигар роҳе нест. Ё аз заҳри мор мемурӣ ё аз захми тиру шамшери душман.

Чун Искандар ба шаҳри Ориё расид, вазъу ҳолро дида ҳайрон шуд. Ҷуз пирони барҷомонда касе набуд. Гӯйӣ паррандагон тирамоҳон ба кишварҳойи гарм парвоз кардаанд, лонаҳойи шохсорон холӣ. Манзарайи ҳузновар. Бунаҳойи гилӣ, саройҳо, бомгӯшаҳойи найпӯш, таворару чапардарҳо, дарвағнаҳо, бору буна ва молҳо буданд; ва дар ҳар бунае пирмарде, пиразане буд ё набуд. Аммо ин ҳама ба муроди Искандар набуд. Зеро сипоҳи ӯ ба сарҳади Ориё (Ҳирот) нарасида аз он ҷониб ғуборе бархост бар осмон ва ду савор аз зери чанг чаҳорнаъл пайдо омада, якрост назди Искандар рафтанӣ буданд, ки боздоштанд роҳбонҳо ва чун шинохтанд, бурданд назди Искандар. Онҳо баробар, хеле чолок аз асбҳо пиёда гашта арза доштанд:

— Равшан бод шоҳ Искандарро! Сатрапи Ориё Сотибарзан шӯриду шӯронд зидди мо мардуми Ориёро. Анаксиппро бикушт...

Пайк ахбор тамом накарда, шӯрид Искандар ба он ду тан, ки ҳама гуноҳи эшон бошад.

— Шумо чӣ кор кардед?

— Мо кам будем, аконтистҳоро низ бикуштанд.

Девона гашт Искандар. Шӯрид сахттар. Афзори ҷангӣ напӯшида, фарёд зад пурғазаб:

— Ба сӯйи Ориё!!!

Ва ҳамон замон дастайи саворони сипаҳсолор Кратер, фавҷи Кени гиппарх[1], гурӯҳи таксиарх[2] Аминта, ғӯлакандозҳо, шамшерзанҳо ва найзаваронро, ки сӯйи Бохтар бурданӣ буд, ҷониби Ориё гардонд. Шашсад стадий роҳро дар ду шаборӯз паймуда, огаҳӣ ёфт, ки сатрапи кишвари ҳамсоя[3] Барзаент низ ба ошӯб ҳамроҳ шуда будааст. Чунин ошӯбу балвойи ногаҳонӣ ҳама нақшаҳойи Искандарро барбод дод ва тамоми роҳ дандон ба ҳам фишурда, на бар зин, балки то ин ҷо сари сӯзан омад ва шӯридаву ошуфта буд, то қатли ом фармояд...

Чун ҳолу аҳвол андар Ортакбон дид, аз нияташ гашт. Бар асари Сотибарзани маккор афтод...

Ба шах расид. Дарёфт, ки сенздаҳ ҳазор ортакбонӣ аз ҷафойи ошӯби Сотибарзан ва хавфи ҷазойи Искандар дар ин шахи баланду касногузар маъво гирифта, худ намедонанд, ки маргро нигаронанд ё наҷотро? Чун Сотибарзан ё Барзаент набуд, Искандар шахи Ҳисорро муҳосира фармуд ва нигаҳбониийи онро ба Кратери сипаҳсолор вогузошта, бар асари Сотибарзан ва сипоҳи ӯ рафт.

Вале Сотибарзанро дарёфт накарда, баргашт.

Кратери сипаҳсолор ҳанӯз ҳам шахи Ҳисорро муҳосира мекард. Илоҷе пайдо накарда буданд, то боло бароянд. Искандар низ илоҷе наёфт. Ба шах баромадан осон набуд. Зеро танҳо бо сангғелон онҳо метавонанд сипоҳи ба шах часпидаро нобуд созанд. Пас Искандар фармуд дарахтони доманайи кӯҳро бибуранд. Ҳамчунон карданд. Дар ҳавойи гарм дарахтон зуд хушк шуданд. Оташ заданд бешаро. Хушку тар баробар сӯхт. Оташ забона зада, тамоми кӯҳро фаро гирифт; хазону хору хас ва гиёҳҳойи хушкида равғанин месӯхтанд. Ба назар санг месӯхт. Ҷонварон мепариданду мехазиданд. Одамон роҳи гурез надоштанд, рӯйи санг бирён мешуданд чунон ки моҳӣ андар тоба. Фарёду фиғон гӯши сангро кар бикард. Магар забонайи оташ садоҳоро фурӯ мебурду месӯхт, ки касе намешунид.

Искандар чунин тамошойи бепулу беназирро, ки дар умраш надида буд, бо завқ тамошо мекард. Давидани оташ чу асби так, алангаву забона задани он, дар фазо бозӣ кардани дуду сӯхтаҳойи сабук, дар дами тези оташ тоб наоварда чун гирдбод боло шудани

1. Гиппарх – сардори сипоҳи савор.
2. Таксиарх – сардори пиёдагон.
3. Яъне Дрангиён ва Арахозиё.

хору хасу хазонҳойи сӯхтаву носӯхта; аз тафси оташ кафидану паридани сангҳо ва бисёр нағмаҳое, ки вобаста ба оташ аст, ҳавасангез буд шоҳи ҷавонро. Дарозо тамошо кард ва ҳам ба худиҳову ҳам ба тори шах будагон гӯшона зад:

— Танҳо оташ тавонад сӯзад ҳама гуна ҷурму гуноҳро! Вагарна гоҳи ҷанг некӣ бадӣ зояд! Чунон ки дидем! Замони набарду овард раҳм ва некӣ набояд кард!

Ориёйиҳо бо ҳазор роҳ ва доду фарёд кӯшиш мекарданд ҷони хешро раҳонанд. Онҳо роҳи наҷот ҷуста хешро аз баландиҳо ба ҷойҳойи беоташ меандохтанд. Зинда ва ё солим монданашон ба Худо маълум буд. Яке оташгирифта рӯйи санг меғелид, дигаре бо дастони фурӯзон оташи танашро хомӯш карданӣ мешуд, саввумӣ миёни оташро бурида, имдодхоҳ ва таслимшуда дастони оташгирифтаро мебардошт, ки суде надошт; модарон тифл ба сина пахш карда якҷоя месӯхтанд... Сенздаҳ ҳазор ҷони зинда месӯхту хокистар мешуд ва яке ба дигаре ёрӣ карда наметавонист. Баъзан чанд тан якҷоя месӯхтанд, вале ба тан додан ё илоҷ надоштанд ва ё ору номус мекарданд. Ва гумон буд, ки ҷони солиме монда бошад.

Ва он гаҳ ки хокистари наботу сабзаву гиёҳ ва дарахтон ва устухони одамиро бод мепароканд, Искандар рӯ ба Ортакбон овард. Сипаҳсолор Кратер он ҷоро низ муҳосира карда буд.

Овозайи кӯҳро оташ задани Искандар замину замонро ба ларза овард. Бурҷу борайи дижро зилзила фаро гирифт. На танҳо заминларза, балки ҳар кадомро дилларза ба амал омад. Ҳимоятгарон андаруни диж ба тарсу ваҳм афтода, даст аз ҷон шустанд. Гумон доштанд, ки ба ивази кирдорҳойи Сотибарзан ва алами кӯҳи оташгирифта Искандар аз онҳо қасд хоҳад ситонд. Вале шоҳи мақдунӣ коре кард, ки касе чашмдор набуд: он чӣ сарбозон гоҳи забту талаву тороҷ ғанимат гирифта буданд, фармуд ба соҳибонашон баргардонанд. Онунон карданд. Халқон ҳайрон монданд, ки Искандар чӣ кас аст, ба дарку фаҳмаш ақли одам намерасад. Ҳам ба пошна мезанад, ҳам ба наъл; ҳам месӯзад ва ҳам месозад.

Ва сӯхту сохт.

Халқон бору буна ва чизҳое ки сарбозони Искандар ба яғмо бурда буданд, бозпас нагирифтанд. Зеро ононро пӯзиш кардани шоҳи мақдунӣ афзунтар аз ҳама гуна молу мулки дунё буд. Шоҳ метавонист тақдири эшонро бадтар аз рӯзи сенздаҳ ҳазор сӯхтагони рӯйи тоба гардонад. Онҳо зиддияте накарда, тори шах ҷон ба саломат бурдан хостанд. Инҳо шаҳрашон Ортакбонро ҳимоя карданӣ шуда ҳисорбанд гаштанд. Шукргузор ҳастанд, ки нафас мекашанд.

Ва аммо Искандар нақшаҳояшро тағйир дод: аз пайи Бесуси гурезон ва Сотибарзани аҳдшикан нарафта хайма зад дар ин шаҳр, то Искандарийи нав бунёд кунад.

Чу Хуршед андар миёнаи бурҷҳои Хӯшаву Тарозу маъво дошт, Искандари ноогоҳ аз фаслҳои сол, бавижа аґбаҳои барфгири Ҳиндукуш лангар андохт дар Ориё ва шаҳракҳои он. Сарбозон ба кор бурд, то дар паҳлӯйи Ортакбон шаҳраки Искандарӣ бисозанд. Тӯли як моҳ шаҳрак бисохтанд шитобзада ва шоҳи мақдунӣ айш ронду фароғат кард. Ба куштану сӯхтану хароб кардан шод буд чун лашкаркаши пирӯз; ба хӯрдану нӯшидану айшу ишрат шодком буд чун шоҳи оламгир.

Вале ӯ гумон надошт, ки айши ширини ӯро талх мекунанд. Пайк омад, ки Барзаентро дастгир карда оварданд. Сатрапи вилоятҳои Дрангиён (Зарангиён) ва Арахозиё, ки ҳамроҳи Сотибарзан бар зидди фиристодагони Искандар шӯрида буд, сӯйи Ҳинд фирор кард ва ҳолиё ҳиндувон ӯро ҳамчун қотили шоҳкуш ва балвогари кӯрнамак дасту по баста пешкаш ба Искандар карданд. Шоҳи мақдуниро боз як баҳона пеш омад, то садоқати хешро дар шахсияти Доройи Саввум собит гардонад ва мардумро рӯшан шавад, ки Искандар ғаддору ноинсоф нест; шоҳони Порс ва касони номдорро қадр хоҳад кард. Пеши мардум дар борайи балвойи Барзаент чизе нагуфт, то аён нагардад, ки Искандар қасд меситонад, балки эълом дошт ширкати Барзаентро дар куштани шоҳ Доро. Пасон ҷаллодонро пеш хонд ва имойи бурут кард сӯйи Қирёси сарҷаллод. Ҷаллодон пеши назари мардум сар карданд пӯст канданро аз тори сар ва гӯшу биниву лабро пӯст дониста бо теғи тез тулумӣ мефароварданд, то коҳ ҷой кунанд дар он пӯст; васаки Барзаент пеши назари мардум бошад, то донанд, хиёнат ба шоҳ чӣ оқибат дорад. Ҳамчунон шуд. Барзаент дод мезад ва ҳиндувонро дашном медод, ки хиёнаташ карданд. Ӯ аз эшон паноҳ ҷуста буд, онҳо ба ҷойи ёрӣ хиёнат карданд... Хун мезаҳиду мешорид аз ҳама ҷойи зиндасалх; дасту теғи ҷаллодон сахт хунин буд ва онҳо зуд-зуд об мегардониданд дасту афзор, боз пӯст меканданд. Панҷаҳойи дасту пой ва тухму мардинайи маслух ба пӯст омада буд ва ҳанӯз Барзаент ҷон меканд...Ҷаллодон пӯстро коҳ ҷой карда, васак сохтанд ба шакли сатрап Барзаент ва онро андар дарвозайи шаҳр гузоштанд чун кайфару подоши хидматҳойи ӯ.

## БАНДИ НӮҲУМ

Сотибарзан ба лашкаргоҳи Бесуси Бохтарӣ нарасида дар роҳ дучор омад бо корвони дунболагарди мақдуниён. Гумоштагони Искандар Эргийи сарфавҷи саворон ва сардори фавҷи пиёдагон Қорун раҳбалад ва сорбону қофиласолор буданд. Корвон беохир буд ва фавҷу дастаҳойи Эргиву Қорун зиёд. Сатрапи порсӣ Сотибарзан баробари дидани корвону гурӯҳҳо даступо хӯрд ва пиндошт Искандар пешгардон омад ба пархош. Аммо корвонро дида яқин кард, ки сипоҳи мунтахаб ва фавҷҳойи асосӣ нестанд,

балки думи сипоҳи мақдунист ва авҷ кард, то бо онон овезад ва пирӯз омада бори корвон бирабояд. Чун рӯ ба рӯ омад, Эргийи Митилониро шинохт. Даст ба қабзайи шамшер бурд. Вале пайдо буд, ки ҳавову ҳаваси пархош надорад. Он ҷониб низ. Ва чун овозайи Анаксиппро куштани Сотибарзан ва аз пайи ӯ бебарор рафтани Искандарро ҳамагон медонистанд, гумон буд дастаҳойи Эргиву Қорун ӯро аз даст бидиҳанд ва ё то расидани сипоҳи асосийи Искандар андармон доранд. Чун Эргӣ дид, ки Сотибарзан даст ба дастайи шамшер бурд, ишора ба ҷангиён кард ва онон баробар ба ҷунбиш омаданд. Корвони азими дунболагир чанде дуртар қарор истода буд...

Ду лашкари нопурра ва ё ба назар боқимондайи сипоҳи шикастхӯрда рӯёрӯ буданд ва нигарони садо дардодани шайпуру кӯсу табли ҷангӣ. Вале яке ҷуръат надошт тохт оварад ба дигаре. Сотибарзан пиндошт ин фавҷҳо танҳо баройи ҳимояйи корвон амал мекунанд ва шамшер боло бардошт; аломати набард буд. Вале дирафше надошт ба рамз. Сипоҳи он тараф низ нишону дирафше надошт. Чун Сотибарзанро пойи гурез набуд, таваккул кард. Вале шумори зиёди фавҷҳоро дида, зиреҳниқоби хешро аз рӯй бардошт ва сӯйи Эргӣ фармуд:

— Бибояд биҷангем ба усули шоҳони каёнӣ!

Эргӣ ва ҳамроҳони ӯ нафаҳмиданд усулро ва Эргӣ пурсид:

— Чӣ гуна бувад он усул?

— Тан ба тан.

Эргӣ боз нафаҳмид ва боз ба ҳамраҳонаш рӯ овард. Онҳо низ китф дар ҳам кашиданд аз нодонӣ. Сотибарзан посух дод:

— Дар он замон шоҳон овард надоштанд, балки ялону гурдон як ба як рӯйи майдон меомаданд ва меҷангиданд. Кадоме пирӯз шудӣ, бурди он сипоҳ ва подшоҳ будӣ...

Эргӣ фаҳмид ва як-як ба ялону сарбозони шуҷоъ нигарист ва посух дод Сотибарзанро:

— Бошад. Бинамо ялону гурдонатро!

Сотибарзан чизе нагуфт ва зиреҳниқоби то ин дам ба дасти чап боло бардоштаро паст фароварда, пошна зад асбашро ва ба размгоҳ даромад. Эргӣ низ ончунон кард, ки ӯ карда буд. Асбон рӯ ба рӯ омаданд. На танҳо саворон, ба назар чунин мерасид, ки асбон чашм ба чашм зӯри ҳамдигарро меозмуданд аз нерӯйи чашм. Аммо ба назари Сотибарзан борайи Моҳрӯйи ӯ на чуноне метофт, ки рӯзи бо Анаксипп размидан буд. Он замон хавферо пай бурда чароғпоя шуд бар ҳаво ва дастони сапедашро бар сари рақиб кӯфт ва ӯ зер шуд аз хонайи зин... Ҳолиё гӯшҳояш афтида, майли набард надорад ва савор пай мебарад, ки асб пешомадеро эҳсос мекунад ва ишорае ба соҳиб менамояд, то беҳбудиашро бинад. Сотибарзан донист чунин пешомадро, аммо дер шуда буд. Ӯ талаби ҷанг кард. Пас гаштан ё бохт аст ва ё номардӣ. Аз ин рӯ инон меафшонад ва

рон мефишорад, то Моҳрӯ ҳушёр бошад. Моҳрӯ шасти пешинро надорад ва саворро ба таҳлука меандозад.

Сипар бардошт аз кӯҳайи зин, шамшер биовехт. Жӯпин гирифт. Эргӣ низ чунон кард, ки Сотибарзан. Асбон чун хурӯсони ҷангӣ ён дода, сум мезаданду гирд мегаштанд. Сипарҳо пешсинайи саворонро баста буданд, баргустувон тани асбонро. Сари асбон низ зиреҳпӯш. Тани Сотибарзанро ҷавшан ва бадани Эргиро зиреҳ пӯшида буд. Кулаҳхӯди онон низ фарқ мекард: хӯди Сотибарзан қуббадор ва кулаҳхӯди Эргӣ боли пушти моҳиро мемонд. Соқпӯшҳо, сойидкашҳо рӯйин буданд ва жӯпину дашнаву камону нимлангу шамшеру сипар доштанд. Нимланг (тирдон), сипар, ғӯлакандоз ва наёму шамшер дар кӯҳайи зин овехта, дашна дар миён ва жӯпин (найза) дар даст буданд. Чашмони барҷастайи асбон аз зери сарафзор зинда метофт. Асбону саворон асари санъатро мемонданд.

Ҳавасангез ва шавқовар буд чунин манзара. Касони дар раддаҳойи пас буда, қоматашон пастӣ карда, манзараро намедиданд ва ё гуфтаҳойи он ду ялро намешуниданд. Рӯйи зин рост шуда ва гардан ёзида, аз қатори пеш мепурсиданд, ки чӣ гуфту чӣ кард. Ҳама нигарон буданд, ки тақдири ду сипоҳ аз ҳунару зӯри ин ду тан чӣ гуна ҳал мешавад. Пиёдагон низ якдигарро тела дода, тамошо карданӣ буданд.

Саворон гирд мегардониданд асбонашонро, то фурсати боб ё имкони зарба пайдо кунанд ва ҳуҷумовар шаванд душманро. Найза дар дастон, ки чӯбаш аз зери каш гузашта, пушт рафта. Сипарҳо дар дасти чап. Пошна асб меронад. Ҷувозак мегарданд онҳо нимдойира. Асби Эргӣ дам ба дам кишна мекунад..

Онҳо дур шуданд аз якдигар, вале рӯ ба рӯ буданд. Асбон тозонданд, то жӯпин зананд. Чун рӯ ба рӯ омаданд, найзаҳо андохтанд. Жӯпинҳо ба сипарҳо бархӯрда, афтиданд ба замин ва касе осеб надид. Пас шамшерҳо кашиданд. Шамшери Эргӣ аз он шамшерҳо буд, ки бобулиён бо фармуди Искандар сохта буданд.[1] Шамшерҳо ҷавлон карданд дар ҳаво. Асб ронданд. Асби Сотибарзан тез так накард. Асби Эргӣ чу бод парид. Сотибарзан донист, ки зарбайи сахт намешавад аз рафтори фарасаш, ба ҳимоя гузашта, шамшер сахт доштанӣ шуд. Вале Эргӣ ончунон пӯлод зад, ки шамшери Сотибарзан ду шикаст. Ва ӯ гузаро шуд. Сотибарзан аз алам ва ғазаб бо шамшери шикаста чунон ба гардани асбаш бизад, ки сар аз тани ҷонвар ҷудо шуд ва савораш баробари афтидани ҳаюн аз сари зин парида пеш рафт. Ӯ аз рӯйи

1. Искандар донист, ки эрониён шамшер ва теғҳойи обдор месозанд, ба онон олоти ҷангӣ фармуд. Эрониён баҳона оварда, насохтанд. Пас ӯ ба бобулиён фармуд.

усули ҷанги тан ба тан пиндошт рақиб низ пиёда хоҳад шуд ва онон бо дашна хоҳанд ҷангид ва чанг ба чанг. Шамшери шикаста афканд, дашна аз миён кашид.

Ва аммо Эргӣ савор омад ба сари ӯ. Хеле баланд буд. Ба паст менигарист хашмӣ. Пасон қаҳқоҳ зад. Шамшер маяфканд. Пиёда нашуд. Бо виқор, пирӯзманд нигарист ба ду ҷабҳа. Аз рафтор ва намойишаш пайдо буд, ки механдад ба ҳоли Сотибарзан. Шамшер ҷавлон занонд ва якбора дар ҳаво ронд. Садойи буриданаш ҳаворо омад ва бадани ҳарифро мурғак давид. Аввалин бор пушаймон шуд, ки беҳуда кард; ба ҳарфи Бесуси Бохтарӣ гӯш дод: Доройи Саввумро куштанд, исён кард ва раҳгум зад. Усули ҷанге пеш овард ба ин мақдунӣ, ки огоҳ нест аз чунин набард. Эргийи сарсаворон шамшер ба фарқи сари ӯ бояд бизанад.

— Номардӣ ба кор наояд дар ин ҷанг.

— Яъне?

— Бояд пиёда биҷангем.

— Ҳоҳ-ҳо! Гоҳе ки исён кардӣ, мардӣ буд? Баъди побӯсиҳо ва гузашти Искандаршоҳ бо найранг сари Анаксиппи диловарро аз тан ҷудо кардан мардӣ буд?

Сотибарзан посух нагуфта, садо омад:

— Макуш ӯро! Чун Барзаенти балвогар пӯсташ бояд канд ва ба пӯсташ коҳ ҷой кард ва ба гӯшташ намак пошид!

Ва Эргӣ нашунид ҳарфи ӯро. Сахт шамшер ронд. Сотибарзан хам хӯрду сарокалла ғелид ва теғи пӯлодӣ нарасида, асбаш гузаро шуд ва ӯ мувозинатро гум карда, аз зин афтод ва шамшераш парид. Ва чолок бархоста низ дашна кашид. Асбаш сайҳа кашида майли аз дойира бурун рафтан кард. Асби бесари Сотибарзан дасту пой ёзида буд миёни майдон… Дам мекард…

Мубориза сар шуд аз нав. Сотибарзан ҷон гирифт ва чун хурӯси ҷангӣ бол кашол кард гардан афрошта. Гирди асби мурда мегаштанд.

Эргӣ пешипо хӯрд ба сари буридайи асб. Сотибарзан беҳуда карданашро даниста канортар гом зад, то гуноҳи ҷонвари беҷон бор нагардад бар дӯшаш. Донист, ки гуноҳаш зиёд. Борҳо ӯро пӯзиш карданд: Искандар, ки ягон кушандайи шоҳ Дороро омурзиш накарда буд, ӯро бахшид. Ҳамин чизро низ дарку фаросат накард ӯ. Инак подош чӣ шавад, намедонад.

Чун банди андешаҳо буд, баробари теғ пеш рондани Эргӣ як қад парида ба худ омад ва донист, ки пархош аст. Пархоши рӯёрӯ. Бояд биҷангад. Аз зери зиреҳи чашмбанд ба назараш

Эргӣ хашмӣ тофт. Гӯё нав дид ӯро: зардинайи сапедпӯсти мӯйи сар бар шонаҳояш кашолро, ки аз сӯрохиҳойи зиреҳи ба кулаҳхӯд пайвастааш бурун омада буд. Аз андоми гирифта ва зишт шуданҳояш пайдо буд, хун рехтанист. Хуш наомад Сотибарзанро ҳайати ваҳшиёнайи ӯ. Низ хашм гирифт бар ӯ ва дашна дар дасташ бозӣ

кард. Вале танаш ва дилаш намерафт ба ҷанг. Ҳолиё эҳсос кард, ки айби асби Моҳрӯ набуда, дар вуҷудаш тарсе пайдо шуда. Зеро аллакай се ҳодисайи нохуш шуд: найзааш парид, шамшераш шикаст, асбаш мурд... боз чӣ пеш меомада бошад? Андомаш ларзид. Арақ баровард. Сиёҳӣ зад пеши чашмаш. «Гуноҳе кардам, гуноҳи кабира... Шоҳро куштам, соҳиби мулкро. На Худо биомурзад, на банда. Ба ҳангомаҳойи Бесус фирефта шудам. Ҳамаро гӯл зада будааст он харгӯши тарсу. Мо бовар кардем, ки ӯ дар ғами Ватан аст... Ха-а-айр, агар мурдам, бурдаш. Агар зинда монда то ӯ расидам, донам чӣ карданро...»

«Ваъ!» ин садойи Сотибарзан буд, ки ҳушаш куҷоҳо рафта аз зарбайи дашнайи Эргӣ бехабар монд. Ханҷар ҷавшани ӯро сӯрох карда гузашта буд ба паҳлӯйи чап. Аввал дашнааш афтид ба замин пасон ҷасадаш.

Дастайи камшумори Сотибарзан умед доштанд, ки мурдайи ӯро бубаранд. Вале чун лашкари беҳисоби Эргиву Қорун шарти ҷанги тан ба танро риоя накарда, ҳамлавар шуданд. Онҳо ҷанозайи сардорашонро партофта, ҳар кас ба ҳар сӯе, ки тавонист, гурехт.

Пайғоми бо дасти Эргийи Митилонӣ кушта шудани Сотибарзани Ориёйӣ ба гӯши Бесуси Бохтарӣ расид. Ва ӯ ниҳоят андӯҳ гирифт ва баъд ошуфт, ки аз дасти ягон сатрап ё сипаҳсолор коре наомад. Ӯ низ чун Сотибарзан пушаймон шуд, ки беҳуда шоҳ Доройи Саввумро куштанд. Шоҳро куштанд ба умеде, ки ӯ шоҳ шавад ва кишварро ҳифзу дифоъ кунад аз адӯ. Бехабар, ки хидмати хирсона карданд Ватанро ва ёриву мадад Искандарро.

❁ ❁ ❁

Он замон мӯла ба мӯла дарак омад Искандари Сониро, ки Эргийи Митилонӣ кушта Сотибарзани Ориёйиро. Шодмон шуд Искандар баробари шунидани ин пайк ва гӯё дашна бар синааш зада бошанд, чизе халид ба рӯйи дилаш. Шукуфайи шодмонӣ дар андомаш пажмурид. «Чӣ гуна бошад тақдир. Ҳанӯз пушт нагардонда бадкорон ҷазояшонро мебинанд...» ва зиёд андешид аз қисмат. Таваққуф кард аз тақдири Сотибарзан, ки дирӯз пойи ӯро бӯсида буд. Шоҳ ӯро сатрапи Ориё хонд ва ӯ кӯрнамакӣ карда, чӣ дид... Он қадар фикру андеша кард, ки тӯлонитар аз зиндагиаш буд ва ягон таърихнигори ҳамроҳ овардааш чунин андешаро нигошта натавонад. Хаёл мекунад, ки замоне мерасад ва худи ӯ менигорад ҳамаро: беҳтар аз Коллисфен, хубтар аз Биталомус ва нағзтар аз дигарон; пархошашро, андешаҳояшро, пазмониҳояшро, ёд карданҳоро, меҳри ватанро, ёди кишварро, меҳри модарро, муҳаббати Барзину Гераклу гетерҳойи нозанинро ва он чизҳоеро ки ҷуз худаш касе надидаву нашунидаву аз вуҷуди хеш нагузаронида. Ҳар кас ба таври худ менависад; аз рӯйи фаҳмишу ҳиммат ва майлу

меҳр. Юнонӣ ҳеҷ гоҳ Мақдуниё ё мақдуниёнро хубтар аз Юнону юнониён наменигорад. Дили бегона ба мулки ғайр насӯзад... «Ҳа-а-а... дӯш буд, ҳолиё нест он сатрапи дурӯ. Мазан бо ангушт дареро, ки кӯбанд бо мушт даратро...» Ва сӯхтори шахи Ҳисор ёдаш омад, ки оламро бӯйи сӯхтайи одам гирифт. Баъд ӯ ортакбониҳоро биомурзид, то эрониҳову бохтариҳо нафрин нафармоянд. Шояд аз ҳамин лаҳза дар тинати ӯ дигаргуние ба вуҷуд омада буд, ки базми бода орост, то бифаҳмонад мақдуниёнрову юнониёнро ва шарқиёнро, ки мақсаду муроди лашкаркашиҳойи ӯ чист. Ӯ ин базмро дар толори Искандарийи тозабунёд гузарониданӣ буд. Чун рӯйдодҳо пайи ҳам рух мезананд ва гӯйишҳо беҳисобанд, базми ғайринавбатӣ орост. Ва он чӣ дар дилу мағз дошт, бирехт:

— Сипаҳбадон, сарфавҷҳо ва сипоҳиён! Ман ба Осиё на аз баҳри симу зар омадам! Балки орзуям ҷаҳонгирист...

Аҳли базм ба ҷунбиш омаданд. Ва ӯ рӯйи курсӣ баромад, то ҳамагон бинандаш:

— Баъзе хомхаёлҳо пиндоранд, ки дунё бар тангайи тилло бунёд шуда, бархе лоадрия донанд. Аммо тангназарон оламро дар ҷайби хеш медонанд. Чун ҷайбашон аз симу зар пур шуда, дигар ҷойи заргирӣ намонда, сим аз ҷайб афганда тилло ҷой карданд; даҳонашон низ пур шуд, ҳарфе ба некӣ гуфта натавонанд ва қасдашон ин аст, ки аз нимароҳи Биҳишт баргарданд. Кӣ карда чунин носипосӣ? Дар мушхонаҳо миш-миш кунанд, чун рӯ ба рӯ оянд ё чашм ба чашм шаванд, чизе гуфта натавонанд. Зеро даҳонҳо пур. Чун калонтар лаб во кунанд, зар резад. Пас пиндоранд Искандар низ баройи зар омада. (Шӯхиомез) Агар Искандар аз пайи симу зар омада, ҳанӯз ба даҳонаш зарае нагирифта. Ҷайбаш низ холӣ. Гӯянд зари холис андар Биҳишт.[1] Мо ҳолиё ба Биҳишт нарасидаем.

Дар нимароҳем ва аз нимароҳ баргаштан номуродист... Ман баройи шумо гетиро Мақдуниё сохтам. Вале шумо Мақдуниёро аз будаш ҳам тангтар мебинед! Гуноҳи ман набувад, ки шумо дунёро танг мебинед; чашми хурӯс мепиндоред... Дили танг, кишвари танг, дунёйи танг касро ба мурод нарасонад. Падарам гуфта буд: «Мақдуниё Искандарро тангӣ кунад.» Сабаби ба Саройи бекарона баромаданам ҳамин гуфтайи падарам бошад. Олам – Мақдуниё, Мақдуниё – Олам! Шумо ҳар чӣ хоҳед, биандешед... (Ист кард Искандар. Магар дам мегирифт баройи ҳуҷуми навбатӣ, ки одати ҷангиаш буд.) Аз бегонагон гила надорам. Сотибарзан бегона буд, бегона монд. Шумо ҳама шоҳиди побӯсийи он бешараф будед. Чӣ кард?! Мо дуртар нарафта, дар баробарамон шӯрид. Ворунабахт! Агар дуртар мерафтем, чӣ мешуд? Хаёл мекунам, ки баъди рафтанамон мақдуние ё юнонийи дар ин мулк монда

1. Яъне Суғд.

рӯзу рӯзӣ набинад ва ё ҷон ба саломат набарад. Кӯтоҳназарӣ, кӯтоҳандешӣ умрро низ кӯтоҳ гардонад! Бадӣ бад зояд... Ҳама якранг нестанд, ҳама як хел андеша накунанд. Некон дар сари мӯ аз нияти бад гарданд; дар сари куш даст боздоранд. Эргийи родмард хушдил буд. Мо чун Эргийи Митилонӣ сарфавҷҳо, ялони пирӯзбахт ва қаҳрамонон дорем! Эргий қаҳрамони Мақдуниёву Осиёст! (Каф кӯфтанд баъзеҳо.) Вале чӣ шуда худиҳоро? Баъзеҳо ҷангро диданд: куштанду сӯхтанду бурданд. Омӯхта шуданд. Чашмашон дид, даҳонашон мазза гирифт, ҷайбашон пур шуд. Кори одат шуд. Бояд идома диҳанд. Акнун мехоҳанд худиҳоро оташ зананд. Мақдуниёро сӯзанд! Нааа!!! Искандар зинда. Касеро чунин имкон ва ҳуқуқ надиҳад. Агар Искандар нест ва агар Искандри Сонӣ набувад, мақдуние пайдо мегардад, ки ба қадри Мақдуниё бирасад. Хидматҳойи Искандари Аввал ва Файлақуси Дуввумро тақдир кунад. Поянда бод Мақдуниё! Ҷовидона бод Искандари Аввал, Файлақуси Дуввум!

Миш-миш зиёд шуду саргӯшӣ, ки чаро Искандар якбора падарашро ёд карду боло бардошт. Ҳайрон монданд. Зеро медонистанд, ки то ин замон Худоёнро падари хеш мехонд ва забонаш намегашт, то Файлақуси Дуввумро падари хеш донад. Бештар юнониҳо баногӯшӣ доштанд, ки боз маҳалгаройӣ шуд. Шоҳ гумон надорад, ки юнониён низ ҳастанд ва гуфтори носипосонайи ӯ сахт расад эшонро. Ба ҷунбиш омаданд, вале илоҷе надоштанд. Гӯё шоҳ беқарорӣ ва андешаҳойи ононро пай бурд, ки садо баланд кард:

— Рухсат ба ҳамайи онҳое, ки аз нимароҳи Биҳишт вогаштанианд! Ҷавоб!!!

Ист кард, то бинад ва донад, ки чӣ андоза омода ҳастанд ба бозгашт. Як-як гардан каҷ карданд, то маслиҳат аз ҳамдигар пурсанд, аммо ҷуръати аз давра бурун рафтан надоштанд. Сиёсати Искандар дигаргуна буд. Аз ин рӯ балбалу ҷомҳо вопас мегузоштанд, ки заҳр шуд хӯрдаҳо. Авҷи гуфтори Искандар аст. Чанд ҷоми зарин ба сар кашад, сухан гуфта натавонад. Ҳолиё бо тамоми зӯр фарёд занад:

— Аршаки Порсро сатрапи Ориё мехонам!

Касе каф накӯфт. Искандар ҷом баланд кард. Аршак низ. Аммо бепарвоийи дигаронро дида ҳайрон шуд, вопас фаровард ҷомро.

— Шумо дигар шудаед! – садо дардод ӯ. – Айби ман. Шуморо озодӣ бахшидам, ба ҳоли худатон гузоштам; тохтед, рабудед, сер шудед! Акнун гӯш ба гуфти ман надиҳед. Лигоми шуморо бояд кашид! То донед, ки дунё бесоҳиб нест; ҳар кор ҳадде дорад.

— Ҷанг низ! – садойи кӯтоҳ омад, вале надонистанд, ки садойи кӣ буд.

— Кӣ гуфт?

Садойи Искандар буд, вале ба пурси ӯ касе посух надод. Оварданд, ки садойи Файлотус аст. Аммо Искандар бо сари мастӣ донист, ки садо аз дигар канор омад. Зеро Файлотус наздик аст ӯро дар канори чап ва садо омад аз тарафи рост. «Ё ба гӯши ман чапғалат расид?» гардан ёзида ба Гемосфени чуғул фармуд Искандар.

«Чапғалат. Диққат диҳем, худаш маълум мегардад.»

Искандари сархуш ҷом афканд. Дастархонро низ рӯфта, ҳама чизро чаппаву афканда кард. Донистанд, ки қиём ёфта нӯши Искандар. Чун бодахорӣ ба авҷ расад ё, паймона шиканад ва ё дастархон чаппа гардонад.

— Бинавозед! Биpақсед! – амр кард ӯ ва аз тарабгоҳ садойи табл баромад. Гетерҳойи нозанин ба майдони рақс оянд, саройи ғамро тарабобод мегардониданд. Искандар чунин хислати ононро ба инобат гирифта дар лаҳзаҳойи дилгиру ҳузн базми раққосаҳойи хушхиромро ташкил ва худ баробарашон ба майдон омада шоначунбонӣ мекард ва ҳама андӯҳи олам ва хурдаҳоро паси гӯш медод. Вале ҳолиё чунин хислати ӯ ба назар намерасид, балки гӯшбақимор буд ва ҳар гоҳ дур аз гетерҳо гашта, ба Кратер чизе мегуфт, ки ишора ва ҳатто сухани ӯро касе намешуниду намефаҳмид ҷуз ёраш. Гетерҳо аҷаб мерақсиданд. Тойис пазмон шуда Искандарро ҳамроҳи дӯстдораш Биталомуси мисрӣ рақсад ҳам, гаштаву баргашта ба ӯ менигарист, ки кай ишора шавад, то раҳо аз дасти шоҳзодайи мисрӣ гашта ба канори шоҳ Искандар равад. Ва Эрис ҳангоми чархидану пасу пеш рафтан аз паҳлӯ ва сари китфи Файлотуси писари сипаҳсолор Пармониён дуздида нигариста ҳамаро мушоҳида мекард. Медид, ки нигоҳҳо ва ишораҳо ҷониби ӯ мераванд, вале ҳадафашон маҳбуби ӯ – Файлотуси сарфавҷи саворон аст. Эриси хубчеҳру хушандомро борҳо Искандар хонда аз нияту гуфтаҳойи Файлотус пурсон мешуд, аммо раққоса ҷуз муошираву муомила дар борайи ӯ чизе гуфта наметавонист ва Искандар дилпур мегашт, ки пури сипаҳсолор ӯро бадӣ нахоҳад. Вале чун бадхоҳони Файлотус Кратер ва Гефестион ҳар гуна дасисаву бадгӯйиҳо доштанд, сари Искандарро ҳӯб мегардониданд. Пасон шоҳ чун одат ғазабашро бо дандонсойӣ ва мушт кардани ангушт рӯ меовард. Оҳиста-оҳиста метафсид чунон ки дег. Оташаш баланд мешуд ва рӯғани он дег дуд карда дар мегирифт ва дигар бо ҳеҷ чиз ё об онро хомӯш кардан имкон надошт.

Мекалавид ӯ. Чашм танг карда менигарист, намешинохт; хира метофтанд сояҳо. Чизе гуфтанӣ дошт, вале чун каси дилхоҳашро намедид, дар ҳолати лояъқилӣ низ суханашро намегуфт. Рӯ мегардонд зуд ва чун паланги дамида омодайи ҳамла ба сайде мегашт. Ва гетерҳойи нозанин вазъи ӯ дида парвона ба гирдаш мешуданд, то оне ки майл ба хоб кунад ё ба гетере. Ва Барзин кам ширкат меварзад дар чунин мавридҳо ва агар бошад Искандар эътиборе

ӯро намедиҳад ва касе намеёрад ба рақс хонадаш. Худ ба худ мепечад Барзин, баъд писараш Гераклро баҳона оварда меравад ва ё узри дигар меорад. Аммо ин бор Геракл нагузошт ӯ ҷое равад. Ҳамла мекард сӯйи раққосаҳо ва дасту пой мезад ва ифода карда наметавонист хоҳишашро. Гоҳе ки Искандар Файлотусро меҷуст, чашмаш ба писараш афтид, ки духтари Онаниюси тоҷир Тойиси Отинӣ аз дасти модараш Барзин гирифта ба рақс овардани буд. Шоҳ баҳонаи хуб донист, ки бо гетери соҳибҷамол мерақсад. Калавида омад назди Тойис, ки Биталомуси мисрӣ даст сӯйи Геракли кӯчак бурда аз дасти гетер гирифтанӣ буд. Вале Искандар якбора даст андохта тифлро гирифт ва Геракл як хандиду чеҳрааш гирифта гиряро бардошт ва касе натавонист ӯро ором кунад. Искандар пахш карда писарро ба банди дил ва даҳони бодабӯяшро ба даҳони тозаи кӯдак гузошта садойи ӯро боздоштанӣ мешуд, аммо Геракл дасту по зада ҳамаро безобита гардонд.

Барзин тозон рафт; одамонро тела додаву якбара зада, пеш омада, Гераклро аз дасти шавҳараш Искандар рабуданӣ шуд, то мастомаст ба балое гирифтор накунад. Аммо шӯ писарро надод ба зан ва ғуррид: «Донӣ, ки ин кист?»

— На! – қасдан посух дод Барзин, то шавҳар чӣ гӯяд.

— Надонӣ, бидон, ки ин Геракл бувад. Қаҳрамони Юнон. Бояд Искандар – писари Худоро кӯмак кунад дар ҷангҳо.

— Чаро Геракл? Бояд худи Худо мадад кунад писарашро...

— На. Худо фиристода Гераклро, то ӯ мадад кунад.

— Ба гумони ман ту худ Худо ҳастӣ...

— Чаро чунин гӯйӣ? – писарро андаке пас лағжонда ба рӯйи шикам овард Искандар ва ошуфтаву ҳайрон пурсид аз зан: — Магар сахт расида ягон ҳарфи ман ё ягон кирдорам?

— На.

— Рост бигӯ!

— Магар рост гуфта шавад?

— Чаро на? Магар ба назари ту чунин намояд, ки золим ҳастам? Ҳарфи касеро гӯш накунам? Касеро ранҷу озор диҳам?

— Ман ба чунин пурси ту посух гуфта натавонам, Искандар. Ва ҳоло ҷойи чунин сӯҳбат нест.

— Ранҷидайӣ. Медонам... Ба ранҷидан ҳақ ҳам дорӣ...

— Лекин ман донам, ки ҳақ надорам.

— Чаро?

— Ба қавли худат маро аз размгоҳ пайдо кардайӣ... Бодоввард донӣ маро.

— Пас дил эътибор набувад? Эътибор ақди никоҳи қонунӣ бувад?

— Оре, Искандар. Ту надонӣ, ки миёни занони корвон чӣ гӯйишҳое шавад.

— Донам.

— На. Надонӣ... Ба вижа миёни заноне, ки аз Бобулу Эроншаҳр овардӣ. Касе намефаҳмад, ки онҳо ба кӣ лозим буданд.

— Ба ман! – ғазаб кард Искандар ва афзуд: — Ба сипоҳиён!

— Оре, ба ту. Онҳо низ ҳаминро гӯянд, ки магар Искандар ин қадар дӯшизагонро пухта хӯрад?

— Ту чӣ ҳамзабон шудайӣ бо ман!? Магар надонӣ, ки ман кӣ ҳастам!?

— Донам ва ҳамагон донанд. Сухани ман низ аз ин бобат бувад, ки Искандар бо он ҳама донойӣ ва мартаба ва бузургӣ бояд қадри хешро донад ва шаъни худро паст назанад.

— Чӣ гуна? – Гераклро ба Барзин дароз карда ва гӯйӣ бедор аз хоб гашта ва ба маънийи каломи зан сарфаҳм рафта пурсид шоҳ.

Барзин писарро гирифт ва гӯйӣ ҷойи ҷони Искандарро пайдо карда ба ҳарфи ӯ дониста посух надод ва Гераклро рӯйи фарш гузошт. Пасон баъди фурсати зиёд, ки Искандар аз пас оғӯшаш карда буд, гуфт:

— Маро назди модари бузургат бифирист...

Ҳарду хомӯш монданд ва Искандар карахт шуда ба андеша рафт ва ӯро раҳо карда, сипоҳигарона пурсид:

— Модари маро шиносӣ?

— Кӣ нашиносад модари чунин шоҳро, шоҳ Искандарро? – дониста гуфт Барзин ва маккорона идома дод: — Ҳар фарзанди инсон орзу кунад, ки мисли Олимпиада модар дошта бошад... – Ва хомӯш монд, то аз Искандар чӣ ояд. Пиндошт сари мастӣ модарашро ба ёд оварда гиря хоҳад кард, вале ёд овард, ки ӯ чунин ҷондоре нест. Ва афзуд: — Маро бифирист. Ман мехоҳам модаратро бинам, бузургӣ омӯзам. Ӯ писари туро низ тарбият кунад. Ман чун ӯ фарзанд тарбият карда натавонам...

Искандар хандид ва гуфт:

— Маро, ки ӯ тарбият накарда. Олимпиада баройи тарбияйи кӯдак вақт надорад, хуш ҳам надорад. Вале ман хоҳам, ки Геракл дар миёни обу оташ бузург шавад. Ӯ роҳу равиши ҷанг омӯзад ва корҳойи накардайи маро бикунад. Агар ман натавонистам ҷаҳон гирифтан, бояд ӯ бигирад.

— Кори накардаат чист, Искандар? Бигӯй, то ман дониста бошам ва фардо ба Геракл расонам.

Искандар баргашта ба ӯ нигарист сахт ва фармуд:

— Маро куштанӣ ҳастӣ? Ё мурдани маро донӣ, ки...

— На, Искандар. Ман туро куштанӣ наям? Ягон чизро надонам ва сӯйиқасди касеро низ… – аз гуфта пушаймон барин осема шуд ва чӣ гуфтанро надониста, фармуд: — Шарқиён гӯянд: «То бад нагӯйӣ, нек пеш наояд». Борҳо гуфтамат, ки миёни занон гӯйишҳойи зиёде ҳаст. Онон ҳамаро медонанд. Ҳамаро мешунаванд ва ҳар сухан аз забони онҳо паҳн гардад.

— Аз ин рӯ ман бад бинам онҳоро...

— Чун? – тааҷҷуб кард ва зери манаҳи ӯ шуда пурсид: — Искандар бад бинад занро?

— Оре, бад бинад. Зане, ки қадру қимати хешро надонад, Искандар бад бинад. Ба вижа он занҳое, ки афсона бофанд ва сухани дурӯғин паҳн кунанд. Аз ҷумла зани худашро, ки бовар ба чунин суханҳо дорад.

— Искандар, ман бовар надорам ба чунин дасисаву суханҳойи бофтаву шунида...

— Пас чаро чунин гуйӣ?

— Охир ман туро зуд-зуд дида натавонам... Ҳамаашро ҷамъ мекунам, ки гоҳи туро дидан гӯям. Вале чун бо ту мемонам, ҳамаро фаромӯш мекунам. Вале ин бор ба танг омадам ва тасмим гирифтам, ки ҳамаашро гӯям, огоҳат кунам, пасон биравам назди модарат Олимпиадайи мардхӯ.

Искандар як навъ мот шударо мемонд ва намедонист чӣ бигӯяд. Чун Барзин зуд-зуд модарашро ном мебарад ва аз бузургию мардмиҷозиҳойи ӯ мегӯяд, шоҳ намедонад чӣ фармояд.

— Кӣ фармуд дар борайи модари ман туро?

— Ҳама гӯянд: сипаҳсолорон, сарбозон, шоҳон, сатрапҳо, ҳатто занон. Тамоми занони олам мехоҳанд, ки Олимпиада бошанд.

— Зиёд ситойиш кардӣ модари маро. Хоҳӣ, фиристамат. Лекин то он ҷо нахоҳӣ расид.

— Чаро?

— Ту зани зебо ҳастӣ...

Барзин тез нигарист ба чашмони ӯ, ки дурӯғ мегӯйӣ ва Искандар худашро гум кард.

— Пас чаро дар солу моҳ туро намебинам?

— Медонӣ, ки вақт надорам.

— Бо сияҳчашмони бобулӣ, ки хунашон бо яҳудиён омехтааст, вақт пайдо кунӣ? Ба зану фарзанди хеш вақт надорӣ. Маро бифирист, Искандар, назди модарат, то нусхайи туро барам, Геракл ҳалқайи аввали силсилайи дудмони Искандар гардад.

— Ҳааа... Пас ту модари маро дидан наравӣ. Равӣ, ки меросхӯрро муайян кунӣ?

— На, Искандар. Геракл туро меросхӯр на, номбардор бошад. Ман донам, ки минбаъд меросхӯрон зиёд гарданд ва ту натавонӣ ҳамайи онҳоро ном ба ном донистан. Хуб он бувад, ки як-як онҳоро бифиристӣ ва модарат Олимпиада дафтар кушояд ва ҳамаро ба низом номнавис кунад. Маълум гардад, ки онҳо фарзандони Искандаранд.

— Ба назари ту онҳо бисёранд?

— Бисёр нестанд. Вале зиёд хоҳанд шуд. Ҳоло як зани бобулӣ духтар зойид, як духтари эронӣ дугонагӣ – як писару як духтар

зойид, як сиёҳаки мисрӣ писар зойида буд ним сол пеш... Танҳо Тойис чӣ балое дорад, ки намезояд, дигар ҳама зойиданд...

— Айби Биталомус, ки Тойис намезояд.

Барзин ҳайрон монд аз чунин ҳарфи шавҳар ва гуфтаниҳойи зиёде, ки дошт, нагуфт. Вале Искандар дигар тоқати шунидан надошт, ки фармуд:

— Ту маро кӣ гумон кардӣ?

— Шоҳ. Шоҳ Искандар ва шоҳаншоҳи Эрон. Писари худоён...

Искандар таҳаммул кард ва сар андохта гӯё ба андеша рафт. Пасон сар боло карда гуфт:

— Ту худ Олимпиада ҳастӣ. Танҳо ҷуръат надорӣ. Вале дар ақлу макр бузургтар аз ӯстӣ.

— Магӯ. Дар дунё бузургтар аз Олимпиада зане набувад, ки туро зойида. Вале бидон, ки ман макр надорам. Раҳмдил ҳастаму дилсӯз ва пешомадро донам.

— Магар ту нагуфта будӣ: «То замоне, ки бо Барзин ҳастӣ, корат пешрав хоҳад шуд?»

— Оре, гуфта будам.

— Пас чаро майли ҷудойӣ кунӣ?

— Ба назди Олимпиада рафтани ман ҷудойӣ набувад. Балки бо ту будан аст ва эҳтиёт кардани Геракл.

Сар афшонд Искандар:

— Ту бисёр чизҳоро намефаҳмӣ. Гумон дорӣ, ки зиндагӣ ҳамвор аст ва ҳама чиз бояд чун рӯд ҷорӣ гардад. Агар Худованд дунёро ҳамвору баробару тахт меофарид, яқин кардан имкон дошт, ки ҳама чиз тахту якмаром аст. Вале Худованд дар баробари баландӣ пастӣ ва дар муқобили ҳамворӣ ноҳамворӣ сохт, то инсон дар барову фаро андеша кунад, сар шиканад, мағз об кунад ва дарёбад, ки аз куҷо то ба куҷо...

— Рост гӯйӣ, Искандар. Дунёро фаҳмидан на кори ҳар кас бувад. Ту «аз куҷо»-ро фаҳмидайӣ, аммо «то ба куҷо»-ро андеша накардайӣ.

— Чӣӣӣ!!!

—...

Барзин хомӯш монд. Медонист ин садоро: тамоми ғазаб, ҷаҳл, буғзу кина ва хастагиву алами роҳпаймойиҳо ва норозигийи сипоҳу сипоҳиён; гӯйишҳо, талабу дархостҳо, дудилагиҳо ва қасду қасосу исёну шӯру шарар ва алами беваву зани кас гирифтанаш дар ин садо фаро омада буд. Аз ҳама бадаш бароӣ Барзин ҳамин буд, ки сари манша ба рӯй мекашид Искандар аз ду бародаршӯй мондани ӯро. Барзин посух мегуфт: «Мекуштӣ, хубтар буд аз чунин таънаро шунидан». Аз ин рӯ хомӯш бувад Барзин, то аз шоҳ чӣ ояд.

Ин лаҳза аз он лаҳзаҳост, ки шоҳро безобита кардан лоимкон аст. То худаш касе ё чизеро нахоҳад, ба ҳарамсарой, саропарда ва

ё айшгоҳи ӯ наздик шудан ғайри имкон бувад. Барзин нозгунҷӣ карда, ӯро маст дида хеле гуфт, аммо дарёфт, ки кинояву талх гуфтанҳояш шӯронд шоҳро. Садо дардод ва посбонон аз берун шуниданд, аммо ҳуқуқи наздик омада пурсидан надоранд.

Барзин бар Геракл пасрӯ шуд, ки хобаш бурда буд. Вале бисёр мехост ба базмгоҳ баргардад ва бирақсад ҳамроҳи гетерҳо. Бичарходу бигардад ва лӯлиёна арғушт равад домон хиргоҳ гардонида ва ҳамон зайл рақсону чархон аз давра дур шавад, то бо ягон кас рӯ ба рӯ нагардад.

Ашкаш чакид ба рӯйи писари хуфта, ки гоҳи садо дардодани падар як қад парида буд. Ва ҳоло ашки модар ҷунбондаш. Ва модар ашки хеш бо нӯки забон аз рухсори писар лесид. Шӯрак. Аз нафаси гарму ҳаётбахши модар дар лабони писар табассум дамид. Гӯё рухдоди шавқангезеро хоб медид.

Он сӯ рӯйи бистари ноз Искандар бо сару либоси эронӣ дароз кашида буд ва нигарон, ки Барзин омада пӯшокаш аз тан бадар мекунад ва тани арақзадайи ӯро молидаву сойида, ангезу ваҷд мебахшад. Сари ӯ гарон бошад ҳам рагҳойи хунгардаш дамида, дар шохаҳойи пушти даст ва ду чаккайи пешониаш аён мегардад, шӯрида медорад ӯро. Мушташ гурзона ва бояд кӯбад ба ҷое. Аммо ҳадафе нест. Пасон он нерӯ дар вуҷудаш дамид. Ангехту бардошт. Ва олуғдааш кард. Барзинро ранҷонидан ё озор додан хуб нест Искандарро. Зеро чун ӯ зане варзидаву доно набувад андар корвону сипоҳи ӯ. Занҳое ҳастанд, ки дилкаштаранд. Орову торо мекунанд, ороставу пероста ҳастанд; умрашонро рӯ ба рӯйи ойина мегузаронанд; ғозаву гулгуна нисфи ҳуснашон аст, аммо чун рӯ ба рӯ бо Барзин меоянд, костагие дорад ҷамолашон ва ҳарчанд кӯшиши рӯпӯш кардани онро доранд, аз чашм пинҳон дошта намешавад. Дар чеҳраву андоми Барзин ҳама чиз худодод бувад. Аз қомат то андому чеҳраву ҳусну ранги рӯй, мӯю мижгону чашму абрӯй, лабу дандон ва гуфтору табассум ва нозу адо ва карашма ва нигоҳаш зебост; ҳатто гиряаш. Ҳолиё шоҳ рӯйболо ҳамаро канда-канда пеши назар меорад, чунон ки рӯйи Хуршедро лахт-лахт абрҳо гирифта даргузар мешуда бошанд.

Ва муқойиса мекунад ҷамоли ӯро бо чеҳрайи гетерҳойи юнонӣ, бо ранги духтарони мисрӣ, бо андоми занони бобулӣ ва хушгуфторийи дӯшизагони эронӣ. Ҳамайи он зебойиҳое, ки дар дигарон дидааст, дар сару рӯй ва андоми Барзин таҷассум ёфтааст. «То замоне ки бо манӣ, хушбахт хоҳӣ буд.» Садо медиҳад овози Барзин дар гӯшаш ва ӯ сар тофта ба зан менигарад, ки ҳамон зайл пасрӯ бар писараш хамида, дунбааш зери пироҳани ҳарири чинӣ чун дунбайи гӯспанд таранг аст. Як бор сар афшонд шӯ. Ва нисфи танашро бардошт ва ҳамон зайле, ки Барзин истода буд, болойи ӯ хам хӯрд...

# БАХШИ ДАҲУМ

## БАНДИ ЯКУМ

Лимни ҷавону бошарафи хелестрӣ, ки аз хонадони обрӯманде буд, тоқат карда натавонист ба носозиҳо, бешарафиҳо, бавижа ба гирӯдорҳойи номатлуби писари Худо. Чун дар дунё одами росткору ростгӯ ва дилобхӯр кам аст, балки нест, намедонист бо кӣ росткорӣ кунад. Ҳама мегуфтанд дар хусуси ноҷӯриҳо ва ёди ватан накардани шоҳ Искандар ва дар ҳар маврид: хушиву нокомиҳо худро бӯқаламун сохтани ӯ, вале касе ҷуръат надошт бигӯяд дар рӯяш. Саргӯшиҳо ва миш-мишу гурӯҳбозиҳо зиёд буд ва зиёдтар тарс. Лимни бебок раҳораҳ чанд бор ба Файлотуси кина гирифта гуфт шармсориҳоро, аммо аз писари сипаҳсолор дастгирӣ надид ё посухе нашунид, дилмонда гашт. Ба ёру ёвари нав ҷустан ҷуръат намекунад. Зеро Искандар чунон сохтааст, ки яке аз паси дигаре ҷосусӣ мекунад ва худшириниҳойи зиёд. Чунон ки ҳама Искандарро дӯстанд, ҳама ӯро душмананд. Ҳатто дар гӯшайи гумонаш нест, ки Лимни Димн қасд бар ҷони ӯ кунад. Хусумате надошт, дилаш ба Мақдуниё месӯхт, зиёдтар ҷонаш. Аммо намеёрист ба касе чизе гӯяд... Лимн баъзе андешаҳоро ҳарос-ҳарос ба Файлотус оройи он гуфт, ки шоҳ Искандар аз паси Пармониёни сипаҳсолор гиппархҳо Клеанд, Ситалк ва Менидро чун ҷосусу қотил фиристода, ӯро ба қатл расонд ва шояд писари сипаҳсолор ба нобудийи шоҳ чорае андешад, аммо пай бурд, ки писари сарсаворон дар ғами ҷони хеш аст, сӯҳбате накард бо ӯ; аз гуфта пушаймон ҳам шуд.

Ҷӯрайи ҷамолакӣ Никомахро мушоҳида кард, ки хеле гирифтор аст ба худ ва баъзан ба шӯр омада, пӯсташ тангӣ мекунад ба ҷонаш; аз кадом эҳсосу ҳаяҷон меларзад. Ва баъд оройи донистан ва ором кардани ҷӯрааш пурсон мешавад:

— Туро чӣ аҷаб, ки мепечиву меларзӣ?

— Аҷабу аҷобате набувад. Мепечаму мепурсам: чӣ балое зад моро, ки Мақдуниёйи зеборо гузошта, биёбонгард шудем? Касби одамкушӣ омӯхтем?

— Агар хазинайи шоҳӣ толоне медошт, мо ин касбро намеомӯхтем...

— Оё чашмони мо хун гирифта намемирем? Оё ба хуни хеш оганда намегардем? – ба пурси Лимн посух нагуфта пурсид Никомах ва дар чашмонаш сиришк давид.

— Ба андешайи ту чӣ бояд кард?

— Дар ин хусус андеша накардаам, Лимн. Лекин баъзан ба сарам мезанад, ки гурезам.

— Осон набувад.

— Медонам... Ва аз худ мепурсам, ки то Мақдуниёйи биҳиштосо мерасида бошам? Падару модарамро медида бошам. Онҳо зинда бошанд?

— Онҳо зиндаанд, аммо то расидани мо дар чашмонашон нур намемонад, ки моро бинанду шиносанд.

— Ҳатто аз садоям шиносанд ҳам, ман розиам. Муҳим он бувад, ки ман бинам онҳоро.

— Ман чизе гуфта наметавонам, ки он рӯз насиб кунад ё на.

— Росташро гӯям, ба қасосгирийи Искандар корам набуд. Ман баройи он ба ҷанги Порс омадам, ки...

— Медонам. Гуфта будӣ, Никомах: баройи зари Порс, то рӯзгоратонро таъмин гардонӣ.

— Ҳо. Рӯзгорамонро таъмин гардонам ва духтари дӯстдоштаам Арсинояро бигирам...

— Хоҳӣ гирифт.

— На... Ин рӯбоҳи зард ба наздикиҳо баргаштанӣ нест. Ӯ то Оби Ҳаётро нахӯрад, нахоҳад баргашт. Ва то он вақт Арсиноя маро нигарон намешавад. Шавҳар мекунад.

— На. Нигарон мешавад. Зеро ҳама ҷавонон дар ҷанганд ва касе нест, ки ӯро гирад.

— Пайдо мешавад, Лимн. Пирони бадхӯ зиёданд. Ба сад найранг духтарони хубрӯро мегиранд.

— Ман ҳарфи туро ду намегӯям. Бадбахтийи дигар рух задааст дар Мақдуниё: занону духтарон ба дигар мамлакатҳо мерафтаанд ва ё онопро харидорӣ карда мебурдаанд. Бадбахтӣ. Дигар Искандар тамоми доройии ҷаҳонро ба Мақдуниё барад, ки он мулк обод нахоҳад шуд. Мо дар ин ҷо ҷанг мекунем, Мақдуниё дар он ҷо хароб мегардад.

— Ҳааа... Хонайи бемардина хона нест. Ту хуб фармудӣ, Никомах, лекин ба мазмунаш сарфаҳм нарафтӣ. Искандар пиндорад, ки ҳама зари фиристодаашро Антипатр ғиём кунад баройи ӯ. Мазмун аз гуфтаҳо дар хазинайи шоҳӣ толоне нест. Чун пешин ҳанӯз ҳам ду ҳаштсадӣ толон[1] хазина вомдор аст.. Антипатр донистааст, ки вопас гаштани шоҳи мақдунӣ амрест муҳол, ҳар ранге хостааст сарф кардааст ва ё саришта.

1. Ҳаштсади қарзи падар ва ҳаштсад толон воми Искандар.

— Аз рӯйи шуниди ман зари Порсро барои пахш кардани ошӯбҳо корбаст кардааст.

— Дуруст аст, Никомах, исёни спартаниҳоро фурӯ нишондан кори саҳл набуд. Искандар ҳам розӣ ба он шуд, ҳама илоҷу усулро ба кор баранд, то ошӯбро пахш кунанд.

— Ба гумони ман чунин рафтори Антипатрро Искандар намедонад. Фаҳмад, ё бармегардад ва ё фалаҷ мешавад.

— Медонад... Аз шунидам Антипатр роҳи гурез пеш гирифтааст.

— Шояд... Вале он кори мо набувад. Мо бояд раҳо ёбем аз ситами Искандар.

— Нафаҳмидам, Лимн.

— Боз чанд муддат гузарад, хоҳӣ фаҳмид. Магар дар орзуйи дидори Арсиноя мурдан андар канорайи олам ситам нест?

— Оҳ Арсиноя! Чаро номи ӯро гирифтӣ, Лимн? Хоҳам гирист.

— Бигирй, чун абр дар баҳорон бигирй. Бигирй, шояд раҳме дар дили Искандар пайдо шавад ва баргардад...

— На. Ӯ барнагардад. Ӯ замоне баргардад, ки суми асбон шиканад, попӯши пиёдагон ғилбор гардад ва хуни сарбозонро шабушк макад.

— Чӣ дурандешӣ, Никомах. Ба ростӣ гумон надоштам, ки ба чунин андоза фикр мекунӣ... Вале мо танҳоем...

— Чӣ гуна танҳо, Лимн?

— Агар хоҳем, ки илоҷе карда ба Мақдуниё баргардем, кам ҳастем.

— Роҳ дорад?

— Бале, роҳ дорад. Бо сахтиҳо: яке ин ки бишӯрем ҳама; дигар ин ки якдил бошем ба нобуд сохтани шоҳ Искандар.

— Ҳо-о-о... Магӯ, Лимн... Магӯй, ки девор муш дорад ва муш – гӯш.

— Мефаҳмам. Илоҷи дигар набувад. Агар хоҳӣ, ки ба висоли Арсиноя бирасӣ, бояд чунин рафтор бикунӣ....

— Оҳҳҳ... Арсиноя! Ман ба ҳурмати ту розӣ ҳастам ба ҳама гуна кор, – ба ҳарфи ӯ гӯш надода, андешайи хешро идома медод ошиқи раҳгум ва афзуд: — Розӣ ҳастам, ки дунёро дигар кунам, ба қурбу қадру қимати олам надиҳам туро. Аммо замин сахту осмон баланд, даст кӯтоҳ.

— Агар дӯст дорӣ, ҳама корро хоҳӣ кард; ҳатто аз осмон ситора орӣ. Маълум, ки ишқ на. Ҳамааш ҳавову ҳавас.

— Чӣ хел забонат гашт, ки чунин гӯйӣ? Чӣ гуна ҳавову ҳавас!? Ман Арсинояро гуфта ба ин ҷо омадам, ту ҳавову ҳавас гӯйӣ!

— Чун? Чун ӯро гуфта омадӣ, Никомах? Охир, ту Мақдуниёро гуфта омадӣ!

— На! Ман «Арсиноя»-ро гуфта омадам. Омадам, то зару зевар пайдо кунам ва баргашта ӯро ба занӣ гирам...

— Ҳа-а-а... Маълум мешавад, ки ягон нафар баройи «Мақдуниё» наомада. Ҳар кадом бо нияте, бо ғаразе, бо ҳадафе ва мақсади муайяне омадааст... Ҳммм... Мани гӯлу гумроҳ пиндорам, ки мо Мақдуниёро обод мекунем, ин қадар зару зевари Порсро баройи ободонийи Мақдуниёйи азиз мефиристем. Ҳайҳот! Ман дигар бо ту ҳарфе надорам. Ман дигар бо ин масъала ба касе чизе нахоҳам гуфт. Ҳама хойини ватан будаем. Мақдуниёро хароб кардем. Навбат ба кишварҳойи бегона омад. Порсро, Эронро, Бохтарро, Суғдро ва баъд тамоми оламро бояд абгор бикунем. Ман ҳама суханонамро бозпас гирифтам, Никомах. Ман нагуфтам, ту нашунидӣ. Васвасайи шайтон буд, ки ба ту чанд ҳарф гуфтам. Дар дунё аз Искандар шоҳи одилтаре нест. Ӯ мазлумонро озод хоҳад кард аз ситами золимон... Ӯ гушнагонро нон хоҳад дод; ӯ шӯришгаронро ба ислоҳ хоҳад овард; ӯ номуродонро ба мурод хоҳад расонд...

— Ту девона шудайӣ, Лимн. Ман туро чӣ гуфтам, ки ин қадар киноя занӣ?

— Ту чизе нагуфтайӣ, Никомах. Ҳамаро ман гуфтам...

— Ғазаб накун. Ман ҷӯрайи қадимайи ту ҳастам. Аз ман ҳарос макун. Суханонатро руйирост бигӯй....

— Тавба кардам. Суханони гуфтаам ба ҳафт пуштам мерасад.

— На, ту тавба накардӣ, тарсидӣ. Аз суханони гуфтаат тарсидӣ. Тарс бузургтарин душман бувад.

— На. Ман аз чизе, аз касе натарсам. Ман бо номи Мақдуниё зинда ҳастам. Муборизаам низ ба хотири он бувад. Пиндоштам Искандар баройи Мақдуниё мубориза барад, чунон набудааст. Ӯ ҳадафе доштааст, мо надонистаем. Акнун пай бурдӣ, ки чаро ман месӯзам?

— Пештар пай бурда будам. Борҳо гуфта будӣ. Аммо ин бор туро намешиносам. Ҳар бор мегуфтӣ, ки Мақдуниё акнун доҳиву сарвари хешро пайдо кард. Ҳолиё мегӯйӣ, ки...

— Ман девона шудаам, Никомах, девона. Бо думи шер бозӣ кардан мехоҳам, дами шамшерро бо каф доштанӣ мешавам. Фаҳмидӣ, ки чӣ беақлист?

— Беақлӣ на, ҷонат месӯзад...

— Ҷонам месӯзад... Ҷони ту намесӯзад?

— Месӯзад...

— Медонам, ки месӯзад... Акнун забонамон месӯзад. Чунин ҳарфҳойи ногумони мо ба гӯши Мидос расид.[1]

---

1. Мидос – шоҳест золим аз Юнони қадим, ки бод гуфтаҳоро ба гӯши ӯ мерасонад. Мурод Искандар бувад.

— Расад... Корд ба устухон расида. Дар рӯяш хоҳам гуфт, ки мо ғоратгарӣ наомадаем... Номи мақдуниёну юнониёнро паст зад...

— Аз ҳад гузаронидӣ, Лимн. Бе ману ту ҳам офтоб барояд. Бе ману ту ҳам андар дидбонгоҳҳои дижи Ориё бисёр касон хоҳанд истод ва мо ду газ аз замин боло шудем, гуфта, ин қадар ҳангома карданамон бурун аз инсоф бувад. Мо, ки чунин аз худ меравем, бале подшаҳонро...

— Фаҳмидам, Никомах. Ман назди ту насиҳатшунавӣ омада будаам. Бидон, ки маро касе кушта натавонад. Пеш аз он ки маро кушанд, худамро хоҳам кушт. Баъди сари ман ба ҳама расон, ки Лимн одамкушӣ наомада буд, боройи ғорат наомада буд, аз пайи зару зевар ҳам наомада буд...

— Хуб аст, ки Лимн ин суханонатро бо Коллисфен гӯйӣ. Ҷовидона дар асарҳойи ӯ хоҳад монд...

— На. Ман донам, ки Коллисфен ба Мақдуниё барнагардад ва ӯро нагузоранд, ки нигоштаҳояшро рӯйи коғаз орад.

— Ту фолбинӣ, раммолӣ, коҳинӣ, ки чунин пешгӯйӣ кунӣ.

— Ман қойидайи давлатдорӣ ва шоҳигариро донам. Шоҳон нахоҳанд, ки шоҳиди кушторҳо, сӯхторҳо ва рабуданро дошта бошанд. Ва ҳамайи мо мушоҳиди кирдорҳойи шоҳи мақдунӣ ҳастем. Бавижа Коллисфен. Пас чӣ гуна онҳо зинда монанд.

— Ману ту низ мушоҳиди он корҳо ҳастем?

— Бале, ҳастем. Вале ману ту касони хурдем. Чун Коллисфен, Пармониён, Файлотус, Гефестион, Кен, Биталомус, Клит ва Кратер вазифа надорем. То хиёнате аз мо сар назанад, моро нахоҳанд кушт. Мо ба онҳо хидмат мекунем ва даъвою ҳаваси тоҷу тахт надорем...

— Онҳо доранд магар?

— Ва чӣ хел доранд... Ҳамаашон зери назари шоҳ Искандар бошанд.

— Бармеояд, ки мо аз беҳтаринонем, аз безарарҳоем...

— Оре.

— Пас чаро тарсем?

— На тарс, эҳтиёт.

— Бинигар, Лимн! Касе меояд! – даст ҷониби кӯҳи сӯхта ишора карда гуфт Никомах.

— Ба гумонат кас аст? Говсурат метобад. На?

— Шутурҳайат ё асберо ду савор нишаста.

— Шутур, шутур. Ду кӯҳон дорад. Мисли ду савор тобад.

— Мо ҳамин хел ҳастем, Никомах. Одамро ҳайвон мебинем ва ҳайвонро – кас. Боройи ҳамин ҳамдигарро бовар надорем.

— Чун?

— Ман ба ту назари худамро гуфтам ва қариб шабамон рӯз шуд. Ва ту ба ҳарфони ман бовар надорӣ.

— Чаро? Бовар дорам. Чунон ки гуфтам, роҳе нест.

— Гуфтам-ку... Роҳе ҳаст: Роҳи аввал душвор. Гӯшу даҳонҳоро пӯшида нашавад. Хабар баранд ба шоҳ. Роҳи дуввум ба сӯйиқасдчиён вобаста.

— Лимн, мо дӯстони нав нестем, ҳамдигарро хуб донему шиносем, вале ман намедонистам, ки ту ба ин андоза беғамӣ.

— Чӣ гуна беғам?

— Охир ман хун мехӯраму хун мегирям, ки бо Арсиноя чӣ шуд? Ту дар орзуйи сарнагун сохтани шоҳи бемеҳр ҳастӣ.

— Туро бохирад дарёфта будам, ҳолиё беақл мебинам... Магар орзуйи ҳар дуямон яке нест? – тавбаро фаромӯш карда гуфт Лимн ва аз бурҷи диж ба атроф нигарист, ки дар ин ширмоҳтоб ягон чизро мебинад ё на.

— Чун? – диққати ӯро аз атроф кашиданӣ шуда пурсид Никомах.

— Ту хоҳӣ, ки ба висоли Арсиноя расӣ...

— Оҳҳҳ... Арсиноя...

—...Ман хоҳам, ки Мақдуниё ободон гардад...

— На. Фарқ ҳаст миёни ин ду чиз.

— Чӣ гуна фарқ, Никомах?

— Охир, Арсиноя... мефаҳмӣ? Арсиноя! Ин хел духтарро дигар модараш назояд...

— Магар хушрӯйтар аз Эрис?

— Кадом Эрис?

— Гетер.

— Ҳамон раққоса?

— Ҳамон раққоса.

— Ҳамон раққосаи Файлотус?

— Ҳамон раққосаи Файлотус.

— Охир ӯ...

— Бале, ӯ Файлотусро дӯст дорад... аммо дигарон ҳам ӯро дӯст доранд ва ҳамаи сарбозон хоҳанд, ки бо он раққоса бошанд. Зан ҳамин хел чизест. Ҳама мардон хоҳанд, ки аз они онҳо бошад. Арсинояйи туро ҳам...

— Даҳонатро пӯш! Ӯ танҳо аз они ман аст! Нигарон мешавад... Ман хоҳам баргашт ба Мақдуниёйи азиз, ба он гаҳворайи ноз...

— Танҳо бо роҳи қаҳрамонӣ, Никомах.

— Чӣ гуна қаҳрамонӣ?

— Ёд дорӣ, ки ягон ошиқ бе қаҳрамониву мардонагӣ ва ё бе мубориза ба висоли маҳбуби хеш расида бошад? – гӯё то рӯз вақти зиёд ҳаст ва кӯтоҳ кардани шаб хеле бамаврид бувад.

— Дуруст. Вале ман бо кӣ мубориза барам? Магар касе Арсинояйи маро дӯст доштааст?

— На. Мубориза чунон нест, ки касе маҳбубаи туро дуздад ва ё рабояд ва ту ӯро нобуд сохта ба муродат расӣ. Мубориза он аст, ки садду монеъаҳоро бояд шикаст.

— Ягон балоро медонӣ, Лимн. Магар касе навишта, ки Арсинояйи маро касе аз роҳ задааст?

— На. Нафаҳмидӣ. Ман оддитар фаҳмонам: чӣ монеъае ҳаст, ки туро аз ӯ дур медорад?

— Дурийи роҳ.

— Пас чӣ бояд кард?

— Ин роҳро бояд паймуд.

— Магар чашм дорӣ, ки чунин шавад?

— На.

— Боз ҳамон андешайи ман... Ошиқон баройи дӯстдорашон ҷон фидо мекунанд, сар мебозанд, қурбон мешаванд...

— Аблаҳон...

— Чӣ гуфтӣ?

— Мегӯм, ки ҳамаашон аблаҳанд.

— Чӣ хел, Никомах?

— Охир ман ки фидо шавам, сар бозам, қурбон гардам, чӣ лозим чунин мубориза? Магар хуб нест, ки ман зинда бошаму ӯ хушбахт гардад? Боз ёд медиҳед ҷон фидо карданро.

— Ту одами аҷиб будайӣ – ку?

— Ба андешайи ту ман бо шоҳ мубориза барам, ӯ маро ҳамчун хойин кушад ва Арсинояро дигар кас гирад? Ҳамин тавр?

— Агар қаҳрамонона ҳалок гардӣ, ҳамин тавр. Лекин пирӯз гардӣ, дигар хел.

— Чӣ хел?

— Хоҳӣ, рафта Арсинояро ба занӣ мегирӣ. Нахоҳӣ ӯро, ҳамайи гетерҳову занони асира моли ту мегарданд.

— На. Арсиноя лозим маро.

— Пас гуфтайи ман бояд шавад.

— Лимн, ту беақл нестӣ, дидаву дониста бо аҷал бозӣ кардан чӣ маънӣ дорад?

— Никомах! Газоф магӯй! Баройи Мақдуниё касе бояд коре бикунад! Ҳолиё Мақдуниё аз ёдҳо рафта. Шоҳи мақдунӣ айшу ишрат дорад, модару ватанро фаромӯш карда, ҳар лаҳза хешро писари кадом худойи бегона мегирад...

— Ман донам инро. Рӯзе фиғонаш хоҳад баромад. Бавижа, гоҳе ки ба бод рафтани ганҷи Бодовардро фаҳмад.

— Фаҳмидааст аранге. Аммо намехоҳад, ки дар Мақдуниё Антипатр худро шоҳ эълом кунад. Боз аз пайи ганҷи Қорун ва ганҷи Равон шуданист. Аммо равшанойӣ нест, ки боз фиристад ганҷҳойи навро ва ё боздораду бо худ барад?

— Аз рӯйи тахмини ман на он насиб кунаду на ин.

— Чӣ гуна? – ҳайрон пурсид Лимн.

— Раммолон гӯянд, ки Искандар ғун овардаашро надида мирад.

Никомах гуфту ба андеша рафт, то аз Лимн чӣ ояд. Лимн низ дарёфт, ки ӯ чизе мегӯяд надониста, муғамбирона гуфт:

— На. Ҳар кӣ фармудааст, барғалат бувад. Аз гуфтайи фолбинон Искандар то ҷовидон монад.

— Бале. Инро ҳама гӯянд. Аммо ба чӣ ранг? Касе надонад. Ба бадӣ ҳам ҷовидона ном гузоштан имкон дорад. Чунон ки Заҳҳок! Чунон ки Мидос!

Андар вуҷуди Никомах ларза афтод, ки дигар ҳаргиз ба дидори духтари дӯстдоштааш нарасад. Духтарак номи зани устоди Искандар Лисимахро дорад ва Никомах хоҳарзодайи ӯст. Лисимах ҳам ҳар гоҳ Никомахро дида ҳолпурсӣ кунад ва ӯ гӯяд: «Арсинояро пазмон шудам, чунон ки шумо.» Ва Лисимах ба китфи ӯ тап-тап зада: «Сабр бикун, ба муродат хоҳӣ расид» мегӯяд. Аммо ҳарфи Лимн дигар. Бероҳа метобад ба назари Никомах. Боз ларзид танаш. Аз худ бурун рафт ва ҳаяҷонашро фурӯ нишонда натавонист:

— Ту чӣ кор кардӣ, Лимн?

Лимн нафаҳмид сабаби садо баланд кардани ӯро ва ба атроф, ба зери бора, ба дуру наздик нигариста ҳамаро ором дарёфт ва зери манаҳи Никомах омада, хеле паст пурсид:

— Ту чӣ кор кардӣ?

— Ман? Ман ҳеҷ кор...

— Медонӣ бо ин садоят чӣ кор кардӣ? Ба гӯши ҳама шунавонидӣ, ҳамаро бедор кардӣ. Ба додхоҳу додгустарон ҷавобгӯ худат мешавӣ.

— Бале. Ҷавобгӯй худам мешавам ва ба ҳама мегӯяму мефаҳмонам, ки имшаб то рӯз ману ту бо чӣ кор машғул будем...

Лимни Димн суст шуд, чунон ки дасту пояш. Бовар кард ба сухани Никомах ва ба андеша рафт, ки дар пос нобуд созад ӯро ва гурезад. Вале аз забони Никомах садойи пуралам ва ҳузнангезе омад:

— Ту маро куштӣ, Лимн. Зинда ба зинда куштӣ.

— Чӣ хел? Чӣ гуна? Чаро чунин гӯйӣ?

Аммо ин суханҳо ба гӯши Никомах намедаромаданд:

— Маро куштӣ, Лимн... Дигар ҳаргиз дидори Арсинояро набинам!

— Бинӣ, бинӣ! Ман туро ба дидори ӯ расонам!

— Чӣ гуна?

— Мубориза хоҳем бурд. Қаҳрамонӣ хоҳем кард...

— На-а-а!...

— Ҷим! Касе меояд...

— Бигузор ояд. Маро бубарад. Аз чунин рӯз мурданам беҳтар.

— Ҷим! Шарфае... Бало занад.

— Девор муш дорад, муш гӯш. Гуфта будам? Гуфта будам... Гӯш накардӣ... Сазойи сарат.

— Фаҳмидам. Донистам. Шинохтам... Дер шинохтам. Агар донам, сухане намегуфтам.

— Он қадар гуфтӣ, ки аз афсонаҳойи Юнони Қадим ҳам фузунтар.

— Бале, ба назари ту чунин тобад. Дар асл чизе нагуфтаам, роҳ нишон додам, ки чӣ гуна ба висоли дӯстдорат бояд бирасӣ. Вале ту ба осмонҳо парвоз кардӣ ва чизакҳое бофтӣ... Ист! – рост ё дурӯғ якбора садо кард Лимн. – Кистӣ?

Ҷавобе наомад. Лимн гардан ёзонда аз сари бурҷи диж ба паст нигарист ва фармуд:

— Туфу! Лаънат бод! Намедонам ноқайи бесоҳиб чӣ кор мекунад дар ин ғояти шаб.

— Ноқа? Ҳамон ки аз дур дидем? Шояд саворе дошта бошад?

— Надорад. Бесоҳиб. Вале шубҳанок. Бихезонем фавҷро?

— Лозим на. Ба пойи худ омадааст, ба пойи худ хоҳад рафт. Чу! – садо кард аз боло Лимн ва гумонаш ки ҳама бедор шуданд. Хеле нигарист. Касе пайдо нашуд. Ноқа пушти бора мегашт.

— Сабил монад, ҳама андешаҳоро пароканд. Арсинояро пеши назар доштам. Рост мегӯям, Лимн. Дар дунё хушрӯйтар аз ӯ касеро надидаам.

— Аз гетерҳо ҳам хушрӯйтар? Ҳатто аз Барзин?

— Ман нашиносам онҳоро. Медонам, ки гоҳе гетерҳо мерақсанд, пеши назари ман Арсиноя меояд. Гумон мекунам, ки ӯ мерақсаду ман тамошо мекунам.

— Агар чунин, бояд мубориза бубарӣ, Никомах. Ҳамон роҳе, ки гуфтам. Дигар роҳ нахоҳад буд.

— Мубориза?

— Бале, Никомах.

— Вале бояд бигӯям, ки ман аз он қаҳрамонони афсонавӣ нестам, ки худоён дар ҳолатҳойи танг кӯмак кунанд.

— Ту низ аз он қаҳрамононӣ. Ва нияти нек дорӣ. Худоён ёвар шаванд ва ба муродат расонанд.

— Ҳаҳ-ҳа! – баланд хандид Никомах. – Онҳо афсона. Ману ту надидаем ва ҳеҷ кас надидааст. Кадом Арастумиҷоз навиштааст.

— Магӯ чунин. Онҳое, ки чунин чизҳоро навиштаанд, низ одамони оддӣ набошанд. Онҳо низ фиристодагон ё дастёрони Худо ҳастанд. Дурусттар фикр бикун.

— Хуб, фикр кардам... Ва ман бо кӣ бояд...

— Бо Искандар...

— Ҳаҳ-ҳа! Як сари қоқ бо як лашкар?! Ту девонайӣ, Лимн. Маро зинда ба зинда ба ҷаҳаннам фиристодан хоҳӣ.

— Ман нагуфтаам, ки ту бо лашкари ӯ ҷанг бикун. Мо бояд андеша кунем. Маслиҳату машварат шавад. Роҳ ҷӯем, усул ҷӯем... Баъд...

— Баъд мирем... Ман намефаҳмам туро, андешаҳойи туро, муроди туро.

— Бале, намефаҳмӣ муроди маро. То замоне ки Искандар ҳаст, касе рӯйи Мақдуниё, дидори ёронро набинад.

— На, Лимн, хатост. Баъди сари Искандар ҳам касе набинад Мақдуниёро.

— Чун?

— Баъди сари Искандар аз замин рӯяд маснадталаб. Чунон шавад, ки на шоҳ монад, на тахт. Аммо Мақдуниё хоҳ хуб, хоҳ бад боқӣ хоҳад монд.

— Аҷаб гӯйӣ, Никомах.

— Аҷаб тобад туро. Маро муқаррарӣ бувад. Зеро душман натавонад кишвареро барафканад, нобуд созад. Тавонад, ки кохе нобуд кунад, тахт барҳам занад, аммо мулку мардумро саросар нессту нобуд карда натавонад. Агар ҷуфте аз он қавму миллат боқӣ монад, боз рӯяд он халқ.

— Ман туро нашинохта будаам, Никомах. Ё ҷанги Порс туро дигар карда, ё худ ёди Арсиноя.

— Оҳ Арсиноя! Боз ба ёдам овардӣ. Арсинояйи зебойи ман! Ба ёдат хоҳам зист! Ба бод мегӯям арзамро: фаромӯш макун. Хиёнат макун. Хоҳам вопас омад.

— Шунид. Ҳоло дар Мақдуниё дили шаб аст. Туро хоб хоҳад дид. Парешон хоҳад шуд. Беҳуда зиёд ёд кардӣ...

— Ҳар рӯзу ҳар соату ҳар лаҳза ёд мекунам Арсинояйи азизамро... Агар хоб бинад, сари субҳ ба хонайи мо меравад ва шармидаву сурх шуда, аз модарам мепурсад, ки аз писаратон чӣ паёме... Инаш хуб набувад. Зодагонро парешон ва безобита хоҳад кард.

— Баракс хуб аст. Онҳо хоҳанд донист, ки писарашон дилкашолие дорад дар он ҷо. Хоҳ – ноxоҳ вопас гардад. Қаҳрамон баргардад.

— Масхара кунӣ, а?

— Чӣ гуна масхара? Рост гӯям. Агар дӯст дорӣ, ҳар корро бикунӣ...

— Охир ман ӯро зинда дарёфтан хоҳам, дидан хоҳам...

— Ман чӣ гуфтам?

—... на чунон ки қаҳрамонӣ кунам. – андешаашро идома медод Никомах ва гӯйӣ ҳарфи Лимнро намешунид. Ва Лимн дар андешайи хеш буд:

— Ҳар ду як хел фикр мекунем, Никомах

— Қаҳрамонона ҳалок гаштан нахоҳам....

— Кӣ гуфт, ки ҳалок шавӣ?

— Қаҳрамонона ҳалок шуда, дидори ӯро набинам, чӣ зарур чунин қаҳрамонӣ?

— Зарур набувад.

— Агар мурод мурдан аст, ба ҳар ранг мурдан имкон дорад. Ҳатто туро кушта натавонанд ва ё куштан нахоҳанд, метавонӣ худкушӣ кунӣ...

— Хуб, бигузор гуфтайи ту шавад. Худатро куштӣ ё накуштӣ, кори туст. Вале бо чунин роҳ ба висол нахоҳӣ расид... Чунин худрой ва саркаш бошӣ, ман нагуфтаму ту нашунидӣ.

— На. Ту гуфтиву ман шунидам.

— Чӣ хел?

— Ба дарди ман буд гуфтаҳоят. Дер боз нигарон будам, ки касе пайдо шавад, чизе бигӯяд, то буғзи дил кафонам. Ташаккур туро, ки чунин сӯҳбат кардем. Вагарна дилам имшаб ё фардо мекафид. Ба каси ноошнову ношинос магар чизе гуфта мешавад?

— Танҳо ту на, Никомах, бисёриҳо гуфтаниҳойи зиёдро дар дил нигоҳ дошта, мадда кунонда, оганда, ба дарди ғамбодаву дилларза мубтало гашта, силу зардоб шуда, мемиранд, аммо лом гуфта наметавонанд. Зеро гӯянд, забонашонро мебуранд, нагӯянд, дилкаф мешаванд. Пас чӣ бояд кард?

— Бояд хап гашт. Нигарон шуд, то Осмон аз куҷо дарз меорад.

— Хуш фармудӣ. Аксарияти халқони рӯйи Замин чунин андеша доранд. Ба ҷуз Искандар. Искандар донад, ки агар Осмон дарз орад, эҳтиёҷ ба чизе намонад: на ба зар, на ба мубориза, на ба қаҳрамонӣ, на ба орзу, на ба ҳавас, на ба Арсиноя...

— Боз ба ёдам овардӣ... Арсиноя! Пеш аз он ки Осмон дарз орад, ман туро хоҳам дид! Арсиноя!!!

— Агар Осмон дарз орад, ҳоҷати сӯйиқасд набувад. Он гоҳ баду нек баробар хоҳад мурд...

— Ғараз чист, Лимн?

— Ғараз он аст, ки мо бояд мақдуниёнро бедор кунем ва онҳо зинда ба ватан баргарданд.

— Рост гӯй, Лимн, низ орзуйи тахту тоҷ дорӣ, ки ин қадар ҷон коҳонӣ?

— На, Никомах. Ту бояд дуруст фаҳмӣ нияти маро. Дилам сӯзад ба Мақдуниё. Охир ту донӣ, ки мо куҷо омадем? Аз пайи сайди гурезон то ин ҷо расидем, номаълум буд; ана медорем, ана мегирем, гуфта бо шавқу завқ ба умеди зару зевар ба дарвозайи Биҳишт шудем. Баргаштан аз Биҳишт осон набувад. Бозгашт азоби ҷаҳаннам бувад. Роҳи дуру дарозро паймудан азоб. Оё ҷондоре то ватан расад ё на?

— Ёди ватан, орзуйи дидори ёрон кашад, зуд хоҳем расид.

— Баройи ин аввал озод бояд шуд.

— Ҳммм...

— Беҳуда гуфтам, Никомах. Лозим набуд.

— Лозим буд.

— Чӣ-ӣ? Лозим буд? Пас чаро гӯш надиҳӣ ба ҳарфи ман?

— Чун? Магар ман аз ғайб шунидам ин қадар гуфторро? Охир ман шунидам. Посух додам.

— Дониста: шунидӣ, посух додӣ. Аммо ба хулосае наомадӣ.

— Магар ин корест, ки кас зуд хулоса барорад?

— Зиҳӣ! Бояд биандешид, ки ин масъала то куҷо расонад моро. Ман нагуфтаму ту нашунидӣ.

— Оре, ту нагуфтиву ман нашунидам... Ин ҷо субҳ медамад. Дар Мақдуниё шаб аст.

## БАНДИ ДУВВУМ

Ва Никомах хоб дид Арсинояро; баъди шабзиндадорӣ рӯзона бихусбид андар саройи дижи Искандарийи тозабунёд ва хоб дид Арсинояро: Андар харобаҳойи қасри Искандари Аввал (ки аз ҷониби Хишоёршоҳ вайрон гашта буд) арӯспӯш сапеду болдор оғӯш кушода меомад ба пешвози ӯ ва аз атроф садоҳо шунида мешуд: «Қаҳрамон омадӣ, хуш омадӣ!» Вале Никомах ба сӯйи ӯ тохта наметавонад, зеро бораш гарон аст. Дар хӯрҷини шарқӣ зару зевар бардоштааст, ҷайбу оғӯшаш низ пур ва андар мӯкийи нави кӯҳистониаш ҳам тангаҳойи сиккайи порсист, халалгор шавад гашташро ва ӯ натавонад битозад ба истиқболи дилдодааш. Ҳатто даҳонаш пур аз зар, натавонад гуфтан. Ғунг-ғунг кунад замбӯрона: «Арсиноя! Баройи ту, ҳамааш ба хотири ту!» Вале Арсиноя нашунавад. Боди тез дигар сӯй бубарад овози гунгонайи Никомахро. Арсиноя хомӯш, вале гирифтаҷигот тозад.

Бод сарандози арӯсиашро барафканд ва бурд зайле ки дар паси сараш пар-пар мезад. Ба ҳаво бардошт, бурд то абрҳо. Ӯ метохту Никомах ҳанги гаштан надошт ва ҳеҷ намерасиданд ба ҳам. Никомах сар фароз дошта менигарист сӯйи фариштайи ба сурати кабӯтари сапед гашта ва мехост тезтар гом бардорад. Чашмаш ба фаришта буд, ногоҳ пояш хӯрд ба санги фитода аз кохи вайрона ва афтод пасрӯ. Аввал зари даҳонаш пош хӯрд. Тангаҳо рехтанд аз хӯрҷин. Никомах ба лату зарби пой нигоҳ накарда, тангаву пораҳойи заро чида ба чашми хӯрҷин меандохт, то Арсиноя ба ноӯҳдабароийи ӯ нахандад. Вале маҳбуба ҳеҷ намерасид ба ӯ.

Ва аз харобот мори айнакдоре хазида омад. Никомах надида буд онро. Пештар аз Арсиноя расид мор ва дасти ба зарпораҳо дарозшудайи Никомахро неш зад. Ӯ наъра кашид ҳам аз тарсу ҳам аз хавфи марг... Аз садойи баланди хеш бедор шуд. Чашми Офтоб буд дар чашмаш. Дилаш бозӣ дошт чун дили гунҷишки ба даст уфтода. Зери обу арақ монда буд. Даст пеши чашм дошта, дида кушода, андаке ба худ омада, андешид, ки чӣ маънӣ дорад ин ҳама.

Барнахоста дер дароз кашид ва таъбир кард аз рӯйи шунидаҳояш хобашро. Хулоса баровард, ки «зарр» – ғам, «мор» – душман. Ва дилтанг шуд. «Чаро ёди ватан кардам, оворагиҳо хубтар буд» гуфт дар дил, ки ҳанӯз дар хоб бошад. Пас бори дигар хоби дидаро ёд овард ва ҳанӯз ҳам Арсиноя метохт рӯ ба рӯяш.

Лимнро дашном дод. Дашном дод, ки агар ҳизза намегиронд, чунин хоби мудҳишро намедид. «Ҳама кораш чунин... Наҳс... Бародарам Кебалин гуфта буд, ки домонат ба чунин касон расад, бурида парто...» Бузургбародараш ёдаш омад чунон ки шаб. Шаб гоҳи маслиҳат ӯро ёд оварда буд, ки аввал бо Кебалин сӯҳбат мекунад, ӯ ҳар чӣ гӯяд, он шавад.

Аз хоб сер нашуда бошад ҳам, чашмонашро молида хест. Бурун омад аз саройи хоб. Ҷӯё шуд Кебалинро. Кебалин низ омада буд ба зайли Никомах, ки чизе ба даст орад. Ҷавони орому фурӯтан, ба касе ё чизе кор надорад; ҳарфе намегӯяд ва ҳатто маслиҳат дода наметавонад. Аз ин рӯ Никомах ягон корро маслиҳат намекунад бо ӯ, вале ҳар фармоне шавад, иҷро мекунад. Ба назар чунин расад, ки ҳама корро ғайриихтиёр мекунад. Аммо ҷуз Никомах касе хислатҳойи ӯро намедонад. Вагарна кайҳо истифода мебурданд баройи корҳойи бад. Бурди Кебалин ин аст, ки ба касе чизе намегӯяд; намепурсад, намешунавад; мебинаду намебинад; медонаду намедонад; мешунаваду намешунавад. Як каси аҷиби ба касе номаълуму нонамоён. Пиёдагард. Аз Мақдуниё то ин ҷо пиёда омадааст, вале изҳори норозигӣ ва хастагӣ накардааст. Ҳар гоҳ, ки чизеро гуфтан хоҳад ва пурсиданӣ шавад, аз ройяш мегардад ва дар дил мегӯяд «Суде надорад» ва хомӯш мемонад чун пешин ва гӯё вуҷуд надорад. Касе ки ӯро надонад, пиндорад камақл аст ва баройи беақливу нодониашро зоҳир накардан ҳама умр хомӯш мегардад. Ва касе ки ин нуктаро дарёбад, Кебалинро бузургтарин ва боақлтарин инсон мешуморад. Гӯё аз донойӣ сараш вазн оварда ва бардоштанаш баройи ӯ геронӣ мекунад. Никомах ҳар қадар хоҳаду кӯшиш кунад, ки ба бародараш монанд шавад, наздик шуда наметавонад. Никомах сабукиҳо дорад ва зудбовар. Дар лаҳзаҳойи нозук ин чизро пай бурда аз роҳу рой баргаштан хоҳад ҳам намешавад. Баъзан ҳасад барад ба Кебалин, ки худро идора карда тавонад. Баъзан нафрин хонад, ки одам ин хел бепарво ва бетараф набояд бошад. Ақаллан чизи андеша карда ва ё хостаашро бояд гӯяд. На. Дунё киройи сухан надорад. «Пеш аз мо ҳама суханро гуфтаанд, акнун мо хойида, майда карда, ланҷ карда ба якдигар мефаҳмонем.» Ин андешайи Кебалин. Андешайи Никомах чунин аст: «Кас аз зиндагӣ ҳама чизро бояд бигирад.» Искандарвор андеша меронад, ки шоҳ бошад. Аз ин рӯ ҳангомаҳойи Лимн баъзан ӯро хуш меояд.

«Кебалин!»

Фарёд мезанад гӯё, то бародарро пайдо кунад, аммо овозаш намебарояд. Пас чашмонаш меҷӯянд бародарро ва фикраш кор мекунад, ки дар куҷо бошад. «Яқин ё санг мебардорад ва ё лой мекунад дар канори роҳравҳойи Искандарӣ». Андешайи Никомах аз он аст, ки Кебалин баринҳо, ки «не»-ро намедонанд, чунин корҳойи сангинро баҷо меоранд..

Никомах медонад, ки аз Кебалин маслаҳат ҷустан беҳуда аст: хоҳ-нохоҳ мегӯяд: «Маслаҳат мепурсӣ, шояд худат чизе андешида бошӣ?» Ва ё ба пурсат посух надода ба рӯят менигарад; худат пай мебарӣ, ки ӯ чӣ мехоҳад. Ба рӯят менигарад хандида ва баъзан ба хашм, ки аблаҳ мешуморад туро баройи пурсҳойи беақлонаат. Аз ҳама аҷибашро Никомах ёд дорад: маслиҳати ҷанги зидди Порс буд ва падару модар пурсиданд:

«Кебалин, ту баройи чӣ меравӣ?»

«Баройи Мақдуниё.»

«Баройи Мақдуниё? Ту ба Порс меравӣ, Мақдуниё ин ҷо мемонад...»

«На. Ман Мақдуниёро бо худ мебарам, бо худ меорам...»

«Ба онҳо чизе нагӯй, занак, – аз дари хона сар бурун карда гуфт падар ва афзуд: — Мо Мақдуниёро ободкарда натавонистем. Инҳо мардикорӣ рафта, пул пайдо карда, меоранд ва сутунҳойи қасри Пелларо аз тилло месозанд.»

Ва Кебалин он гоҳ чизе нагуфт, шакарханда кард, ки танҳо худаш сарфаҳм мерафт ба маънийи он. Вале Никомах шӯрид:

«Охир натонистед – ку, порсҳо омаданд, тохтанду куштанду бурданд, натонистед – ку, ҳимоя карда натонистед-ку?!»

«Акнун ту метавонӣ, тирронча к! Аз сояат метарсӣ, ба ҷанги Порс рафтанӣ? Медонӣ, ки ин ҷанг чӣ маънӣ дорад?»

«Медонам. Мо қасос мегирем!»

«Қасос мегиред! Порсҳо даҳони амма наянд, ки қасос гиред! Ҷавоб медиҳед! Модаратон ҳар рӯз маро гаранг мекунад, ки чӣ пайку пайғом...»

«Намеравад, ба ҳеҷ куҷо намеравад! Намемонам! Писарони мо бошанд, моро чунин зору гирён партофта намераванд.»

«Охир рафтан баройи омадан бувад, модар.»

«Зарурате нест. Мақдуниё аз ин зиёдтар хароб намешавад, обод ҳам. Боз шумо мехоҳед, ки ба сари мардумони дигар рафта мулки ободашонро харобот гардонед. Охир ба шумо чӣ лозим? Шоҳ набошед, вазир набошед!»

«Мо сарбоз модар! Сарбози Ватан!»

«Сабр кунед, ҳар гоҳ ки касе ба сари Мақдуниё тохт овард, ҳифзу ҳимоя хоҳед кард.»

«На, модар, муроди Искандар чунин нест. Ӯ мегӯяд, ки душманро дар хонааш саркӯб бояд кард, то ҳанги тохт намонад дар танаш.»

«Ту чӣ мегӯйӣ, Кебалин?»

«Ҳамин зиндагӣ ба чӣ лозим, модар?»

Ҳама хомӯш монданд. Падар хеле андешид. Модар низ. Никомах ба бародари бузургаш нигарист ҳайрон. Ва садойи Падар омад, ки ба зан ишора мекард.

«Бигузор раванд, занак...»

Даҳони модар воз монд ва нишаст ба замин, ки ин пирмард чӣ бераҳм аст. Писаронашро ба даҳони аждар мефиристад.

«Ту аз Крон[1] ҳам бераҳмтарӣ, мардак. Наход кас писари худро...»

«Сазойи фарзанди саркаш чунин, занак... Посухи Кебалинро шунидӣ. Маълум, ки ӯ аз зиндагӣ норозист.. Замони мо гузашт ба ҳар ранг. Инҳо чизи дигар мехоҳанд. – Гуфт ба зан ва ба писарон мурочиат кард: — Агар нома нависед, ба ман салом нагӯед! Ҳамин ғамам то гӯр мерасад, балки аз гӯр ҳам чун ғамбода дамида мебарояд...» – Дарро пӯшид падар ва ба Кебалин намуд, ки ӯ ба дунёйи дигар рафт...

Ва то имрӯз Никомах надида дидори падарро. Ҳолиё пазмон шудааст. Вале намедонад, ки аз Кебалин чӣ меояд… Ситезаҳойи падар ва зориҳойи модар дуруст будааст. Аз дур ба қадри ватан расӣ, аммо онро обод карда натвонӣ...

Ва ҳоло Никомах орзуманди дидори бародар аст. Гарчӣ дар як сипоҳанд: Никомах савораву Кебалин пиёда, дер-дер мебинанд ҳамдигарро ва аз ҳолу рӯзи якдигар огоҳӣ надоранд. Гом зад Никомах сӯйи соҳил, ки бояд охирин обшиканҳоро дуруст мекарданд ва медонист, ки бародараш он чост. Никомах поёндасти дижро гирд гашта то доманайи он рафт ва сари санге баромада нигарист, ки бародараш дар кучо бошад. Азбаски дар ин роҳи тӯлонӣ ҳама бо ӯ шинос шуда буданд ва медонистанд, ки бародари Кебалин аст, зуд даҳан ба даҳан расонданд. ки бародараш Никомах омадааст. Мазмун, чунин омадани Никомах гоҳи кор бародарро нафорид ва ё аз саркорон бим кард ё нохуб пиндошт, ки чандон эътиборе надод ва зуд пешрӯ наомад. Никомах медонист одату феъли ӯро, ба дил нагирифт ва тоқат кард, то рухсат шудан. Ва дертар рӯзбоне, ки сари мӯлайи ду газ аз замин боло меистод, ишора ба рухсат кард, то Никомах назди бародараш биравад....

Вале Никомах бародарашро нашинохт: ҳарчанд ҳамон Кебалин буд. Лоғар гашта, мӯйи чаккаҳояш сапед шуда буданд. Никомах мехост ӯро оғӯш карда самимияташро ва пазмон шуданашро ва гуфтаҳойи падару модарро ёдрас кунад, аммо бемеҳрӣ ва одати Кебалинро дониста, суст шуд ва танҳо ба тораҳойи мӯйи сапеди ӯ нигарист.

1. Крон – шоҳе ки кӯдакони навзодашро мебалъид, мехӯрд.

«Ҳааа, ҳамин хел шуд» нигоҳи бародарро пай бурда, сар ҷунбонд Кебалин, вале бо садо изҳор накард.

— Чӣ ҳол дорӣ?

— Мисли ҳаминҳо. – Даст ба сарбозони коргар ишора карда гуфт Кебалин ва гӯё дигар ҳарфи гуфтанӣ намонда бошад, хомӯш истод.

— Ман Мақдуниёро ёд кардам, Кебалин.

— Нағз кардӣ...

— Падару модарро ёд кардам, Кебалин.

— Нағз кардӣ.

— Арсинояро хоб дидам, Кебалин.

— Нағз кардӣ.

— Куштам.

— Нағз кардӣ.

— Ҷангро нафрин кардам.

— Нағз кардӣ.

— Туро туф кардам.

— Нағз кардӣ.

Никомах ҳайрон. Намедонад боз чӣ гӯяд ӯро. Як ҳарфро ёд гирифтааст, тӯтиёна такрор мекунад.

— Антипатр ҷанг эълон кардааст бо Искандар.

— Хуб кардааст.

— Ман Мақдуниёро дигар мекунам.

— Хуб мекунӣ.

— Ман Искандарро мекушам.

— Хуб мекунӣ.

— Туро мекушам.

— Хуб мекунӣ...

Никомах дандон сойид, ки бо ӯ коре кардан имкон надо-рад. Ё ақлаш коста ва ё зуъмаш гирифта. Сараш хам. Ё шарм медорад ё ин дунёро киройи сухан намедонад.

— Дунё нооров, Кебалин.

— Ин дунё кай ором буд?

— Нооромии нооров... Гӯйӣ дар рӯйи об мелаппад.

— Ҳамин хел буд.

— На. Ман миш-мишу фиш-фишҳоро дар назар дорам.

— Ҳамин хел буд.

— Лашкару лашкариёнро...

— ...

— Ҳама зидди шоҳ рафтор мекунанд ва ӯро...

— Ту низ?

— Ман ҳоло ба хулосае наомадаам.

— Нағз мекунӣ.

— Кори дунёро хулоса карда нашавад.

— Худаш хулоса бувад.

— Чун?
— Аз як сӯрохӣ бурун мешавӣ, ба як сӯрохӣ дурун ме-равӣ.
— Ҳаминро ки дониста будӣ, чаро омадӣ?
— Хар аз хар монад, думашро буранд.
— Пас ту розӣ ҳастӣ, ки бо дигарон ҳамроҳ шавӣ.
— Магар ҳамроҳ наям?
— На. Дар муборизайи зидди шоҳ?
—...
— Нафаҳмидӣ. Мақдуниён сӯйиқасд доранд, шоҳро куштаниянд.
— Хуб мекунанд.
— Куштаниянд.
— Хуб мекунанд.
— Охир ту чӣ хел инсонӣ?! Ягон чизи дуруст бигӯй!
— Ҳамайи гуфтаҳоям дурустанд. Ягон фикри туро рад накардаам. Агар мекушанд, кушанд. Боз чӣ мехоҳӣ?
— Ман мегӯям, ки шоҳро мекушанд, ту мегӯйӣ, ки кушанд!
— Рост мегӯям, накушанд, ӯ нахоҳад мурд. Ҳамаро хоҳад кушт!
— Чӣ хел дилсардӣ, бародар, чӣ хел хунсардӣ...
— Аблаҳ...
— Ман аблаҳ?!
— На. Ман... Ту донойӣ. Аммо намедонам, ки дилгармӣ ба чӣ дорӣ?
— Дилгармӣ ба чӣ дорам? Ба Мақдуниё! Ба Арсиноя...
— Аблаҳ...
— Ман аблаҳ?
— На. Ман... То ту бармегардӣ, ки Арсиноя даҳто мезояд...
— Чӣ-й-й?!
— Ана дидӣ... Магар ман дурӯғ гуфтам? Аблаҳият боло гирифт. Мушт бар сари ман бардоштӣ. Ҳамин муштро ту метавонӣ ба сари падару модар ҳам бардорӣ, ба сари Мақдуниё низ...

Никомах мушт фурӯ кард, вале дандонаш фишурда буд. Зери лабу дандон ғуррид:

— Ман баройи маслаҳат омадам...
— Аблаҳ... Насиҳати падару модарро напазируфтӣ, магар маслаҳати маро пазирӣ?

Никомах шӯрида чизе гуфтанӣ буд. Чун ин ҳарфи бародар шунид, суст шуд ва панҷа кушода, сарашро молид. Дарёфт, ки даққӣ шуда мӯяш ва панҷааш тораҳоро ҷудо карда натавонад. Мӯйи сари бародараш низ чунин. Маълум, ки беаҳамиятӣ зиёд шуда. Бори дигар мӯйи сапедигирифтайи Кебалин диққати бародарро ҷалб кард ва ӯ ёд овард, ки баройи чӣ омада буд.

Вале Лимн халал расонд. Лимни Димн аз хавфи он ки Никомах сӯҳбати дӯшинаро овоза карда бошад, ӯро ҷуста то ба ин ҷо омад ва барои дарёфтани вазъу ҳол аз дурӣ садо кард:

— Туро меҷӯям, Никомах! Нома ба номат!

Чун аз ҷониби онҳо посухе нашуд, Лимн бозистод ва ҳаросон нигарист. Ва Кебалини камсухан пурсон шуд аз бародар:

— Ин шайтон низ шарик?

— Аз куҷо донӣ шайтонийи ӯро?

— Кӣ надонад? Дар ҷое дуд барояд, ӯ ҳозир шавад. Агар чизе ба ӯ гуфта бошӣ, дигар магӯй.

— Шумо дар борайи ман чизе мегӯед. – пеш наомада фармуд Лимн.

Барои он ки Никомахи хом ноҷо нагӯяд, Кебалин фармуд:

— Дар борайи ту чизе нагӯем. Ман туро ошно созам бо Никомах.

— Мо шинос ҳастем. Шояд ӯ шинос кунад?

— На. Ман шинос кунам. Шинос кардан ҳам кори ҳар кас набувад.

— Хуб. Чӣ гуна шинос кунӣ?

— Одами хуб. Барояш дӯсту душман фарқ надорад.

— Чун? – ҳайрон пурсид Лимн.

— Ҳазл мекунад, Лимн. Ӯ худашро шинос мекунад. Бори аввал мебинам, ки бародари ман сухан гуфта метавонад. То ҳол аз даҳони ӯ сухан мекашидам ва орзуманди сӯҳбаташ будам. Туро дида, булбул шуд.

— Кебалин одамшинос. Медонад бо кӣ сӯҳбат карданро. – гуфт Лимн ва шерак гашта пеш омад.

Аллакай суханчинон наздик шуда буданд, то аз мақсади гирд омадани онҳо воқиф гарданд. Ва Лимн коғазпораро нишон дода, пеш омад ва ба Никомах дароз карда гуфт:

— Ишқия. Бояд бифиристӣ ба Мақдуниё.

Ва хуш наомад ин ҳарф Никомахро. Зеро асрор ҳувайдо мекард ин коғаз. Ӯ бародарро фаҳмонида буд, ки бо Лимн чизе надорад андар миён. Чун нома хонда шавад, Кебалин дарёбад, ки чизе ҳаст байни онон. Никомах коғазро аз дасти Лимн гирифт ва нахонда, пора карда, ба рӯд андохт. Лимн ҳайрон ба ӯ ва ба бародари ӯ нигарист ва пурсид:

— Чаро кардӣ чунин?

— Зеро ман саводи номанависӣ дорам ва чӣ навиштанро донам.

— Лекин саводи шеърнависӣ надорӣ.

Кебалин зуъм дошт ва намехост ба сӯҳбати онҳо шарик шавад. Якбора кафид чу пуффаки дамида:

— Магар ту ақл дорӣ?

Лимн чӣ гуфтанро надониста, ҳайрон монд ва нигарон истод ба руйи ӯ. Кебалин афзуд:

— Шеър кори ақл аст, масалан мисли ақли Арасту. Ту магар чунин ақл дорӣ, ки шеър бинависӣ?

— Баъд надорам? – ба пурси Кебалин дуруст сарфаҳм нарафта, гуфт Лимн.

— Мебинам, ки надорӣ.

— Бино ба шунидаам, Кебалин одами бафаҳм, бомулоҳиза, баду некро мефаҳмад, сиёҳу сапедро фарқ мекунад.

— Муҳобот карда касе. Ақлу хирад чизе нест, ки ба ҳар косайи сар андозанд.

— Дағал будайӣ. Бо ту баринҳо магар Мақдуниёро обод карда шавад?

— Агар бо ман баринҳо нашавад, бо ту баринҳо шавад. Он гоҳ... Вой!

— Войи чӣ?

— Войи Мақдуниё! Беҳтар, ки ту на ғами Мақдуниё, балки ғами худро бихӯрӣ.

— Ман ғаме надорам...

— Маълум... Мо беғамем. Ҳеҷ яки мо ғам надорем. Вале даҳон кафк кунонда Мақдуниё, мегӯем. Ойина нест, то бинӣ, ки чӣ гуна аз кунҷи даҳонат кафк резад.

Лимн беихтиёр кунҷи лабонашро пок бо ангуштон кард ва хашмӣ шуд, ки чаро ин қадар таъна занад. Ба Никомах нигарист, ки чизе гуфта магар? Ба назари ӯ Никомах низ гирифтахотир менамуд ва аз рафтори бародараш хиҷолатманд метофт. Ҳайрон низ буд, ки чаро якбора ӯ сухангӯй шуд. Ҳол он ки ба пурс посух доданро бори гарон медонист. Ғазаб дорад. Ҳамин хел феъл ҳам дорад, ки каси бемағз аз ҳад гузаронад ва ё аз гилем бештар пой дароз кунад, нафрин мехонад ва баъзан мешӯрад. Ҳоло даврайи шиносойӣ; онҳоро ба худашон шиносонданист, ки кӣ ҳастанду аз дасташон чӣ меояд. Ҳамин хел рафтор карданист, ки шояд худашон пай баранд хатояшонро ва аз андешайи мушт ба дарафш задан баргарданд. «Тавба... Бо шоҳ мубориза карданианд.» Тавбаашро дар дил гуфт. Зеро ҳанӯз чизе равшан нест ва сухани ноҷояш метавонад чун тир бар худи ӯ баргардад. Дигаргуна пурсид:

— Донӣ, ки чаро ба ин дуриҳо омадӣ?

— Чунон ки ту омадӣ...

Кебалин хандид:

— Гуфтам, ки ақл надорӣ! Ба зуъму гарданшахӣ чизе бадаст наояд. То зуъми туро мефаҳманд, ки устухонат мепӯсад.Нақша ва андеша ва мақсади равшану муайян бояд дошт. Дар чаҳорсӯ ҳаросон монӣ, роҳи рафтро фарқ накунӣ... Ин чӣ? Мубориза?

Лимн боз нигарист ба Никомах, ки ишора ба чӣ дорад бародарат. Аммо ӯ чизе гуфта наметавонад ва китф дарҳам мекашад. Ва якбора мекафад.

— Ту девона. Аз ман бузург бошӣ ҳам, бефаросот.

Кебалин боз хандид:

— Ман ки ин чизҳоро дар сифати шумо гуфтам, акнун шумо чизе бигӯед, ки ақаллан ба андом ё симойи ман часпад.

— Хар! Саг!

— Дидед! Ҷӯед, пайдо мекунед! – Ҳар ду ҳам беҳтарин ҷондорҳо. Хубтар аз шумо хидмат мекунад ва вафодор аст. Кадом хар аз хидмати соҳибаш саркашӣ кардааст? Кадом саг ба соҳибаш бевафойӣ кардааст? Бигӯед, шумо хуб ё хару саг?

Онҳо хомӯш буданд ва ба кинояҳойи ӯ сарфаҳм рафтанд ва якдигарро бо диққат аз назар гузаронида, хомӯш рафтагор шуданд. Чанд қадам гузошта, ҳатто ба пасаш нигоҳ накарда Никомах гуфт:

— Мурам, мурдаамро суроғ накун!

Кебалин андешайи хешро гуфт:

— Зӯри беҳуда миён шиканад.

Онҳо пойи рафт суст карданд, вале наистоданд. Лимн пурсид аз Никомах:

— Зарбулмасали ӯ чӣ маънӣ дорад?

— Дар омади сухан чунин гӯянд.

— На. Омади сухан набошад. Аз сирру савдо огоҳ, ки чунин мегӯяд. Рост бигӯй, чӣ гуфтӣ?

— Чизе нагуфтаам. Огоҳ кардам, ки вазъ нобоб аст ва низомиён баъзан изҳори норозигӣ мекунанд.

— Чизе ҳаст...

— На... Ӯ пир шудааст. Алағда аз чизе. Вале рӯшан намекунад, ки аз чӣ? Ғазаб дорад. Паланги ғазаб барин дарафтидан мехоҳад. Чӣ кор карданашро намедонад. Аз кӯдакӣ то ҳол чунин надида будам ӯро.

— Як ӯ на. Ҳама чунин: яке паланги хашмӣ, дигаре шери ғазаб, саввумӣ шағоли олуғда. Танҳо ману ту ором. Ман саросари лашкаргоҳ, коргоҳ ва дижу шаҳрро давр гаштам, сипоҳиеро надидам шодмон. Ҳама майли Мақдуниёву Юнон рафтанро доранд, илоҷе намеёбанд.

— Лимн...

— Ҳм...

— Тарсам ин аст, ки ҳама бало ба сари мо бор шавад.

— Аз чӣ рӯ? Магар...

— На. Ба Кебалин аз ин хусус ҳарфе нагуфтаам. Ӯ имкони сухан надод. Худат дидӣ.

— Мо дигар асбоби тарс надорем. Ба шуниди ман Аминтаву бародаронаш, Файлотусу бародараш ва ёрони дигар бар зидди шоҳ шӯриданианд.

— Ғайри имкон...

— Чӣ хел ғайри имкон?

— Охир тиҳидасту тиҳипо чӣ гуна тавонад бар зидди сипоҳи шоҳӣ ва низомиёни мусаллаҳ хезад?

— Низ андешидам... Ёдам омад, ки гушна ба шер занад, гӯянд.

— Дуруст, Лимн... Лекин... лекин...

— Чӣ лекин?

— Лекин онҳо ёру дӯстони нав наянд. Ба назари ман мисли дунё кӯҳна. Пас чӣ хел шавад, ки Аминта ё Файлотус...

— Замони ҷанг, ҳама чизро чашмдор будан аз имкон берун нест. Баройи молу сарвату хоста ва доройӣ чӣ бурду бохтҳо шавад. Нафсу ҳаваси дунё бало зояд. Падар ба писар раҳм надорад, писар ба падар, бародар ба бародар.

— Ба ҳар ҳол андеша бояд кард. Масалан ба сари ман осмон фурӯ оранд ҳам натавонам бародарро куштан.

— Магӯ, Никомах. Ҳар кор аз вазъу ҳолат вобаста. Кӣ мегуфт, ки Александри Линкестидӣ сари ду бародарро ба сари ду найза бардошта баройи Искандар меорад. Дида будӣ, чӣ гуна хуншор буд?

— Бале, ҳама дида буданд. Ҳанӯз ҳам ӯ зинда. Аз Искандар чизе надид. Зери назарҳост; зиндонӣ ҳисоб. Искандар дилпур нест, ки ӯ садоқат дошта бошад. Хоҳ-нохоҳ рӯзе хун ба сараш хоҳад зад, чашмонашро хун хоҳад гирифт ва...

— «Ва» надорад. Ин кӯҳнасарой аз аввал чунин сохта шудааст: писарони Одам сар карданд бародаркуширо. Ҷойи гила нест. Ту накушӣ, ӯ кушад.

— На. Имкон надорад, Лимн. Ӯ фарзанди падару модари ман аст. Магӯ! Магӯ!! Маггӯ-ӯ-ӯ-ӯй!!!

— Хуб. Нагуфтам... Худи шоҳи мақдуниро мегирем. Баройи тахту бахт бародаронашро накушт? Модари ӯ, Олимпиада, ҳама палонҷҳоро бо фарзандонашон накушт?

— Медонам, медонам... Аммо муроди мо тахтнишинӣ нест ва бародари мо низ ёди тахту бахт надорад.

— Касе дар орзуйи тахт нест, Никомах. Аммо вазъу ҳолат тақозо дорад, ки сипоҳиён хурӯшанд. Аминтаву Файлотус, ки чунин ният дошта бошанд, он тарафашро худат фикр бикун.

— На. Ман бовар надорам. Бовар надорам, ки Аминтаву Файлотуси ба ҳама кору чиз ҳаққу ҳуқуқ дошта ба ин кор даст зананд. Чӣ намерсад ба онҳо?

— Он чиз, ки барояш мубориза мебаранд.

— Бовар надорам, бовар надорам...

— Вақташ расад, бовар хоҳӣ кард.

— Хайр, Файлотус баройи хуни падар шояд шӯрад, аммо Аминта... на. Ман ҳам ба ҷойи Файлотус бошам, ба номи чунон падар сар бардоштанам мумкин... Лекин Аминтаро чӣ намерсад? Сарфавҷи пиёданизомиён... На-на... Магӯй...

— Хуб. Нагуфтам. Ман нагуфтаму ту нашунидӣ. Офтобро ба домон пӯшида нашавад. Рӯзе ҳамааш равшан гардад.

Таги дили Искандар сиёҳӣ баровард. Чунон сиёҳӣ, ки ягон ҷойи муқаддас оташ гирифта, дудаш дарун зада бошад. Беқарорӣ дошт ва намегунҷид дар Искандарийи тозабунёд. Худ аз худ ба ёдаш омад, ки дар рӯззодаш яке аз мӯъҷизаҳойи ҳафтгонайи олам ҳарами Артемидийи шаҳри Эфес оташ гирифта буд ва раммолони эфесӣ пешгӯйӣ карда буданд, ки дар чунин рӯз ба дунё омадани ин тифл беҳуда набувад; ӯ тасхиргари Осиё хоҳад буд... Ва ҳолиё ки шоҳи бистуҳафтсола андар музофоти Осиёст ва дар кохи навбунёд баробари шодкомиҳо таги дилаш ноҷӯр аст ва сиёҳӣ мезояд, хешро бад эҳсос мекунад чу беморони фишори баланд дошта, ки аз тағйири боду ҳаво ланҷу ноҷӯр гарданд. Гӯё ба сари ӯ санги осиё бор кардаанд ва дилаш фишор хӯрда дард ба дасти чап диҳад. Аз оби Ҳарорӯд нӯшидан мехоҳад ва мефармояд биоваранд. Аммо то овардани об ӯ намегунҷад андар пӯсти хеш.

Барзин беқарориҳойи ӯро дида, миш-миши занонайи саройу ҳарамро ёд меорад ва тахмин мекунад, ки чизе ҳаст. Бод навазад, наҷунбад барги дарахт. Ойинайи чашмони Барзин нишон медиҳад, ки роҳ ғубор дорад ва ҳаво чандон тоза нест. Чунон ки аз зери суми асбон ғубор бархоста пеши офтобро гирад. Айнан ба Искандар чунин намояд, ки ғуборе гирад пеши рӯшнойиро. Зан тарсад аз гуфтан ба Искандар. Хашми ӯро медонад: ба андак баҳона ӯро ронад аз саро ва боз пардозад ба айшу нӯш. Ӯ нигарон буд, то шавҳар чизе гӯяд ва ё хоҳише бикунад. Аммо чунин нашуд. Барзин пай бурда буд вазъу ҳолати шӯро, аммо худро ба нодонӣ мезад... Ва чун Геракл зинаҳойи сангини ба усули шарқӣ сохтайи кохи Искандариро як-як лағзида мефаромад, модар фарёд зад:

— Геракл! Оҳиста бош! Эҳтиёт бишав! Падаратро низ бигӯй, ки эҳтиёт кунад худро!

Барзин қасдан баланд гуфт, то бишнавад Искандар. Ӯ шунид садойи баланду музтарибҳоли занро ва шакармаст бошад ҳам, тозон ба дар омад, озод аз зинаҳо фаромадани писарро дида, ҳама чизро фаромӯш кард ва матлабро гуфт:

— Чӣ фармудӣ, Барзин?

— Гераклро ҳушдор кардам, то оҳиста пой гузорад...

— На. Боз чизе гуфтӣ. Гӯшам фиреб надиҳад, ишора ба ман буд.

— Ба Геракл фармудам, ки падарро огоҳ гардонад, то эҳтиёт бошад.

— Яъне чӣ? Фолбинакат чизе нишон дод?

Сахт расид Барзинро ва зуъм карда дуртар рафт ба кунҷи хона, чунон вонамуд, ки на шӯ лозиму на фарзанд. «Ин ҳарфро аз куҷо пайдо кардааст? Тамоман бегона барои ӯ.» Аз дил гузаронд зан ва садои ногаҳонийи Геракл хаёли ӯро парешон кард. Тозон ба дар омад, ки шоҳ бардошта буд шоҳзодаро рӯйи даст ва менигарист ба биниаш. «Ба бинӣ задӣ? Боке нест. Бузург шавӣ. Аммо зуъми модарат ба худаш мемонад. Туро ба Мақдуниё хоҳам фиристод. Момоят хуб тарбият мекунад. Ланика чу ман туро навозиш хоҳад кард...»

— На! – аз дар баромада ва писарро рабуданӣ шуда ба шӯ часпид Барзин ва афзуд: — Ман нагузорам, ки Геракл ҷангҷӯ шавад!..

Ба гумонаш бо ҳамин сухан ҳама бозхост ба Искандар гуфта бошад, хомӯш монд, то чӣ ояд аз шӯ.

Искандар пай бурд, ки зан танҳо чун шӯ бо ӯ гуфтор мекунад ва шоҳийи ӯро ба инобат нагирифта, ҳарф мезанад ва ё ноз ҳам дорад. Хуб, ки бегонагон нестанд. Рӯзбонон дуранд ва пардадор бо кори хеш машғул. Моҷаройи ноаёни онҳоро касе пай набурда.

— Эй зан, ту донӣ, ки рӯ ба рӯ бо кӣ ҳастӣ?

— Оре, донам, ки рӯ ба рӯ бо шоҳи мақдунӣ ҳастам.

— Пас чаро ҳадро надонӣ ва чунон муомила кунӣ, ки Олимпиада бо Файлақус?

— Магар бад аст?

— Бад нест. Аммо ҳадро бояд донист. Ту ҳолиё чун зан бо шӯ муомила кунӣ бо ман. Аммо фаромӯш кунӣ ва ба инобат нагирӣ, ки ман шоҳ Искандарам.

— Инро низ ба инобат гирам, шоҳ Искандар. Аммо қайсариат, якравиат, ба сухан гӯш надоданат баъзан маро ба шӯр орад ва бо рафторҳойи ғайризанонайи хеш хоҳам туро ба худ оварd, ё туро водор сохт, ки рафтор дигар, вале ту дигаргуна равӣ. Агар маро модари писарат бидонӣ ва дилсӯзу ғамхор шуморӣ, ба ҳарфам гӯш бидор...

— Шарт он аст, ки ҳақиқат ва росту дуруст бошад ва ба суханони фолбинакат гӯш надиҳӣ.

— Пас чӣ хел бо ту гӯям? Андаке ҳушёр шав ва ба худ ой. Аз нишондодҳойи Ойинайи Искандарӣ сухан гӯям.

— Бигӯй!

— Ойинайи Искандарӣ чанд муддат аст, ки чизе нанамояд. Вале ойинайи чашмони ман баъзан ҳавойи ғуборолуд нишон диҳад ва таъкид кунад, то туро огоҳ гардонам, ки дар сипоҳи ту ноҷӯриҳо рух дорад. Ва бояд ба худ ойӣ ва аз пайи дӯстон ҷосус гузорӣ ва ҷондорони хешро парҳез кунӣ...

Искандар суст шуд. Гераклро ба замин гузошт ва ғазаб кард:

— Ту донӣ, ки ман кӣ?

— Оре донам: шоҳ Искандари Мақдунӣ.

— Ва донӣ, ки панҷае набувад, ки панҷаи Искандарро қат кунад?!

— Донам... Ва боз бисёр чизҳоро донам, ки шоҳ надонад.

— Беҳуда нагӯ! Ва ба суханони фолбинакат бовар ҳам накун.

— Чихел дағалӣ, шоҳзода...

— Чӣ-ӣ-ӣ!! Шоҳзода?!

— Охир шоҳи мутлақ чунин нашавад, ҳатто сухани кӯдакро гӯш диҳад, андеша кунад. Хулоса барорад.

— Хуб гӯш кардам, аммо чизе надидам.

— Хайр, ман гуфтам. Қарзам адо. Миёни мо Геракл ҳаст, моро пайвандад. Ман намехоҳам, ки ӯ ятим монад.

— Ту девона шудаӣ, Барзин... Ку он зӯре, ки бо ман рӯ ба рӯ ояд? Ба ман ёрону ҷондоронро адӯ нишон диҳӣ. – Шӯрид Искандар: — Кӣ фармуд? Кӣ омӯхт?

— Ҳеҷ кас... Бо ту ҳамчун модари фарзандат мегӯям, Искандар. Агар ба ман бовар надорӣ, сарраммолро бихон. Бипурс. Фол гузор. Он гоҳ бо ту хоҳам гуфт боқийи суханро. Ман ба шоҳ ваъда додам, ки то замоне бо ман ҳаст, ӯро осебе нарасад... Ба ин мазмун ман бояд пешомадро гӯям ва ӯ балоҳоро пешгирӣ кунад.

Ва Искандар сабук аз ғазаб шуд ва рӯзбонро хост. Рӯзбон зуд омад ва шоҳ фармуд:

— Аристандри Талмосиро биовар!

Рӯзбон таъзим карду бирафт. Искандар чанде сар баланд гирифт мисли нимхудоён, ки муноҷот ба Худо мекарда бошад. Ва ё худ низ фол медида бошад. Парешон буд ва андешаву хаёлашро сарҷамъ карда наметавонист ва сар мешикаст, ки чӣ маънӣ дорад гуфтаҳойи зан.

— Агар бофтаҳоят дурӯғ бароянд, бесар хоҳӣ шуд.

— Ман розиам... Агар рост бароянд?

— Моро ҷудойӣ набувад.

Ва омад сарраммол Аристандри Талмосӣ. Сӯҳбати Искандар бо Барзин анҷом напазируфта буд. Ва шоҳ ҳамин қадар донистан мехост, ки суханони Барзин то чӣ андоза дурустанд. Аз ин рӯ раммоли пешгӯро рост ба ҳарам бурд ва дар ба рӯйи дигарон баста, тан ба тан розгӯйӣ кард.

— Ҳеҷ шунидастӣ, ки чӣ мақому чӣ нағма дар олам?

— Ба шунидам ҳама хуб...

— Ба донистат?

— Ба донистам низ.

— Аз Мақдуниё чӣ хабар?

— Чунон ки шоҳро рӯшан аст, андар Мақдуниё оромист. Дурӯғ бувад, ки мегӯянд: Антипатр шоҳ Искандарро хиёнат карда.

— Аз чӣ донистӣ?

— Раммолон ва пешгӯён ҳама бар инанд.

— Бошад. Аммо бубин, ки пешрӯ чӣ гуна бувад ва миёни сипоҳиён ва дӯстон ва душманон чӣ ҳарфҳост?

— Бино ба нишондоди Ойина Барзин ишораҳо карда шоҳро. Ва ҳолиё Ойинаи Искандарӣ аён гардонад, ки хубтар аз Барзин ва кӯдаки ӯ дӯсте набошад шоҳро.

— Ман аз ту ҳазён нахостаам. Бигӯй, ки чӣ гуна дӯстон душман гаштаанд?

— Агар шоҳ яқин донанд, ки дӯстон душман гашта, осуда набошад... Касе чӯб хаста ба хафоли мӯрон ва замбӯрон. Зардина. Чандон ифлосу афтода набувад ва то тухмайи шоҳон нарасад. Яъне сипоҳи пиёда ва низомиёни савораро касе аз роҳ занад ва зидди шоҳ ангезад...

— Магар Файлотус бувад, ки хуни падар ситонад?

— На шоҳ, Саркор ӯ набошад...

— Тоза бубин, Аристандр. Муайян бикун, кӣ дорад қасди ҷони маро?

— Каси танҳо наояд ба фол. Гурӯҳҳо, дастаҳо...

— Пас вазъ хуб нест...

Ва Барзин пеши назараш омад, ки рост гуфта будааст: «Офатро ҷонварон ва паррандагон пешакӣ пай мебаранд ва қасду ниятҳойи бадро занон.» Инчунин ваъдайи ба Барзин додааш ёдаш омад ва сухани раммолро тасдиқ кард, ки дӯсттар аз Барзину Геракл касе нест. Хоҳиши ҳеҷ гоҳ набуда пайдо гашт ӯро, то Барзинро назди раммол бихонад. Худдорӣ кард, ба чӣ андешаҳо худдорӣ кард. «Баъд ӯ мебозад.» Аз дил гузаронд одати занҳоро дар назар дошта ва аз раммол пурсид:

— Оқибат чӣ, Аристандр?

— Роҳ. Ва анҷоми он беғубор...

— Яъне, аввали роҳ ғубор дорад?

— Бале. Бояд оҳиста ва бедору ҳушёр буд.

— Андар Ойина намояд сурати ӯ?

— Намояд: зардина, рӯбоҳро монад. Ҷондорон ва ҷосусон зуд пайдо кунандаш...

## БАНДИ САВВУМ

Искандар Барзинро эътиборе надода, Гераклро дӯстдорӣ кард, ки ҳеҷ гоҳ чунин нашуда буд. Барзини зирак пай бурд, ки яқин раммол суханони ӯро такрор кард, ки хуш омада шоҳро. Ва аз дунболи онҳо нарафт, балки андар шабистони шоҳ даромада хешро ба хоб андохт, ки хоҳ-нохоҳ шоҳ писарро ба он ҷо баргардонад. Ду андеша як омадан Искандарро созгор буд, вале ваъдайи ба Барзин додааш ӯро пойбанди зан гардонад. Искандари озод дар ягон масъала ва бахшу боби рӯзгор нахоҳад побанд ва ё вобастайи

касе будан. Аммо ҳоло писарро дӯст дошт ва зиёдтар ҳавас кард модарашро. Беқарор баргашт ба толоре, ки истода буд Барзин. Ӯро пайдо накарда, каме дигаргун шуд тарҳу ваҷоҳати рӯяш ва рӯ ба писар овард:

— Куҷо шуд модар?

Ва Геракл даст рост кард ба дари шабистони падар. Искандар як завқ бурд ва зуд шоҳийи хешро ёд оварда ҷиддирӯй гашт ва пеш рафта писарро фармуд, то дари шабистонро кушояд. Кӯдак тела дод дарро, кушода нашуд. Ва мадад кард шоҳ. Ва баробари кушода шудани дар шоҳзода хушнудӣ карда дастон ба ҳам зад. Барзин гӯйӣ чизе надонад хешро ба хоб зада, нигарони сухан ё амали шоҳ бувад. Барзини нозанин, ки бартарийи ҳусну малоҳаташро аз гетерҳо Искандар медонаду намегӯяд, хуфта дар ҳарири чинӣ ва танаш тобанда гандумранг, зулфони сиёҳаш парешон рӯйи бистар ва рӯкаши сапеди шоҳӣ ҷангида бо гесӯйи қиргунаш. Ҳавасангез. Ба хурӯш оварад хуни шоҳро. Ӯ андаке бар рӯйи парӣ хам хӯрда чӯҷайи париро аз тори зан ба паҳлӯйи чапаш гузошт ва худ андар паҳлӯйи рости малика дароз ёзид. Ва гӯйӣ шоҳзан, ки бори нахуст хешро дар чунин мақом дарёфта буд, ноз дошт. Нози пинҳонӣ, ки танҳо худаш медонист. Геракл баробари ба паҳлӯйи модар ғелиданаш майли хестан кард ва часпида, аз болойи модар гузашта, падарро савор шуданӣ буд. Дар чунин ҳолат ҳам Барзин наҷунбид.

— Хобӣ?

Посух надод зан шӯро. Ва Искандар ба баҳонайи писарро боз ба паҳлӯйи чап гузоштан ғел гашт ва пойи рост бор кард бар зан. Барзин гӯё хоб медида бошад, хамёза кашид ва сахт оғӯш кард шоҳро. Ва шоҳзода чанд бор кӯшиши ба тори онҳо баромадан карда пас мелағзид ва гоҳе ки Искандар аз ҳаракат монд, кӯдак баромад ба тахтапушти падар ва савор гашта нағма мекард, ки низ ҷунбад.

«Дар дунё хубтар аз ту кас нашавад, Искандар.» Дастонашро ба ду тараф кушода гуфт Барзин ва хомӯш монд, то чӣ ояд аз шоҳ. Ӯ хомӯш буд ва диққат медод, то писар наафтад аз боло. Ва яқин карда, ки модар дар чунин ҳолат фаромӯш карда Гераклро ва ҳушу ёдаш шӯ ва оғӯши ӯст. Ва дер хомӯш монд, ки оқибат Искандар чизе бояд гӯяд. Аммо садое намеомад ва ҳазломез тамоми вазнашро андохта буд бар зан, чунон ки хобаш бурда бошад. Вазни писар сарборӣ. Барзин эҳсос мекунад, ки шӯ аз дилу ҷон ҷой гирифта бар тахти умр.

«Дар дунё бадтар аз ту кас нашавад, Искандар.» Ва Искандарро аҷаб омад, ки чӣ маънӣ дорад гуфтаҳойи ӯ. Зеро медонад, ки беҳуда нагӯяд зан ва зери ҳарфаш ҳатман чизе бояд бошад. Аз ин рӯ хомӯш истодан ба суди кор набувад. «Хуб»-у «бад» гуфтани Барзин дар як ҳолат тафсир хоҳад.

— Ту булаҷабӣ, Барзин...

— Медонам. Туро, ки аввалин бор баҳо мегӯям, бояд чунин намоям.

— Дар як он, дар як ҳолат ду фард тофтани як тан аҷиб бошад.

— Чӣ гуна дар як он? Ман ки туро соли чаҳорум аст медонам. Ва ин хулосаро дар як лаҳза набаровардаам.

— Пас чӣ гуна бувад?

— Агар ба дил нагирӣ, гӯям.

— Бигӯй.

— Гоҳе ки бо манӣ, хубӣ...

— Гоҳе ки бе туам, бадам?

— На...

— Гоҳе ки менӯшам, бадам...

— На.

— Гоҳе ки гетерҳоро майл мекунам...

— На.

— Гоҳе ки туро сахт меоям...

— На.

— Гоҳе ки таънаат мезанам...

— На.

— Гоҳе ки Гераклро ёд намекунам...

— На.

— Боз чӣ монд? Ба назарам дигар коре накардаам, ки бойиси маломат ё бадномӣ бошад.

— Ҳаст. Вале ту онро аз ҳама боло медонӣ ва касб пиндорӣ.

— Касб?

— Оре, касб... ки ҳеҷ касро касб набошад. Кори шайтонист.

— Дарёфтам... Ҷангро гӯйӣ...

Ва Барзин посух надод, то чӣ афзояд шоҳ. Ӯ низ дергоҳ хомӯш монд ва писарро ҳам фаромӯш карда, паҳлӯ гашт ва Геракл ба тарафи рост парида, ғелида ба девор бархӯрд.

Барзин ҷаста аз болойи шӯ гузашт ва Геракли гирёнро бардошта, гуфт:

— Ба ман нафорад роҳату фароғат. Худо маро беройи ғам офарида.

— Ҳамин чизро иқрор кардан ҳам бузургист...

— Дуруст. Лекин мо куҷову бузургӣ куҷо?

— Ман намефаҳмам, аз куҷо ба сари ту чунин хаёлҳо меояд?

— Ба сари ман хаёле наояд... Балки намояд... Ту донӣ, ки аз куҷо...

— Оре, донам аз куҷо... Низ донам, ки ҳазар аз зан.

Барзин дарёфт нияти ӯро: гумонаш, ки зан ҳамроҳ бувад ба кирдори душманони худӣ, аз ин рӯ сирру савдоро донад. Зан тезонд андешайи ӯро:

— Дуруст дарк кардӣ, Искандар. Ба коре ки зан ҳамроҳ шуд, некӣ назояд он кор. Мисолаш куштори падарат...

— Ин мисол бувад ё таъна?

— Таъна набувад, Искандар. Ту бояд дарк карда бошӣ, ки ман ҳеҷ гоҳ туро таъна ва ё киноя нагӯям. Хоҳ хуш пазирӣ, хоҳ бад, бояд ҳақиқати ҳолро гӯям. Зеро донам, ки дигарон чунин гуфта натавонанд. Агар гӯянд, ё бо хушомад гӯянд ё бо хусумат. Искандар хешро чун шоҳ, чун лашкаркаш, чун донишманд шиносад, аммо он кӣ андаруни ӯст ва ӯро чун шайтон бероҳа кунад, нашиносад.

Искандар хандид ва пешонийи ӯро дошта таҳқиромез пурсид:

— Ҷо ба ҷост?

— Оре, ҷо ба ҷост, Искандар.

— На. Он чунон ки туро гумон карда будам, набошад. Рӯзафзун шиносамат.

— Чӣ гуна?

— Ту низ аз қабили занҳое ҳастӣ, ки ба куштани шоҳон роҳ намуда тавонанд.

Хомӯш монд Барзин ва дар дил тасдиқ кард, ки гуфтан беҳуда бувад, ҳар чӣ ӯ хоҳад, он шавад.

— Искандар. Ман донам, ки ҳар чӣ шоҳ андешад ва хоҳад, он шавад. Вале бидон, ки бо чунин андешаат дар ҳаққи ман хато кунӣ.

— На. Ман хато нагӯям, дуруст гӯям... Ва гӯям, ки туро пештар бояд кушт.

— Куштани ман мушкилоте надорад, Искандар. Биниамро дорӣ, ҷонам барояд. Ва ин корро ту метавонӣ ҳар гоҳ бикунӣ. Ва агар гумонат аз ман чунин аст, худам метавонам ин корро бикунам.

— Чун?

— Ё дашна ба хеш занам ё сари хеш ба дор кашам. Вале донам, ки аз мурдани ман туро суде нарасад. Баракс осеб хоҳӣ дид. Зеро ягон раммол, пешгӯй ё фолзан рости ростро нагӯяд ба ту чунон ки ман.

— Ва бойиси ифтихорат ин аст?

— На. Маро ифтихор зарурате надорад. Ман аз ту шукргузор ҳастам. Ту он гоҳ – замоне ки маро пайдо кардӣ, метавонистӣ бикушӣ, метавонистӣ бифурӯшӣ ва ё ба ягон душманат бидиҳӣ; чунон ки бо бисёриҳо кардӣ. Вале маро бо худ гирифтӣ. Аз мо писар рӯйид... бойиси ифтихори ман ин аст. – Герклро ба банди дил пахш карда гуфт модар.

— Мапиндор, ки дер шудааст. На. Ҳолиё ман метавонам ин корро бикунам.

— На, Искандар. Дер шуд. Ту он гоҳ савори асби ғазаб будӣ ва ман бароят зани душман ном доштам. Ба сарат ҳар андешае ояд, он мешуд. Ту донӣ онро, ки чӣ буд дар сарат… Ман надонам, ки чӣ буд.

— Ту бояд донӣ, ки чӣ буд, Барзин.

— Агар гӯям, ки зан лозим буд, ҳама канизакон, ҳама гетерҳо, ҳама асираҳо аз они ту буданд; беҳтар, хубрӯйтар, барнотар... Агар гӯям, ки ҳавасат омад, кайҳо бояд пир мешуд ҳавасат... Пас чист?

— Ту донӣ, ки чист...

— Ту пайрави Фалотун, шогирди Арасту, пури Файлақусу Олимпиада, шояд зарае пай бурда бошӣ, ки ман чӣ зане ҳастам; бароят чӣ гузаштҳо мекунам; хешро нисори қадамат кардаам, оё ҳаммонандашро дучор ойӣ ё на?

Искандар мот гашт ва нарм шуд. Фаромӯш кард ҳама чизро ва надонист чӣ гӯяд ба зан. Зеро дақиқ нашуда буд чист он ки пайвандад онро. Ҳама суханони Барзин дуруст буданд, ки Искандар болотар ва бузургтар аз ҳама гуна гуфтаҳову бофтаҳо дар назари ӯст. Нигарист ба зан, ки писарро ба банди дил пахш карда ҷой андар буни девор гирифта буд. Ҳарири танаш аз пӯсти офтобхӯрда ва дар гармойи роҳ пухтааш фарқе намекард. Зону зад пеши ӯ. Ҳама чизро фаромӯш кард. Сар ниҳод ба зонӯйи таранги ӯ. Барзин аввал бепарво менамуд. Баъд Гераклро нишонд бар ӯ ва худ хилол кард бо ангуштон мӯйи зиреҳу фатилайи ӯро. Искандар осуда гашт ва хоб бурдаш. Геракл низ аз хомӯшиву оромийи хона пинак мерафт ва Барзинро бор гарон бошад ҳам такя ба девор карда вазни ононро мебардошт.

«Раммол чӣ гуфт?» муддате ки Искаандар сар бар зонуйи ӯ ниҳода хуспид, Барзин ин чизро андешид, ки Аристандри Талмосӣ чӣ гуфта бошад ӯро. Мепурсиду аз худ посухи таваккалӣ меандешид аз номи шоҳ, ки шояд чунин гӯяд. Ва умедаш бар он буд, ки раммол зиёдтар аз ӯ нагӯяд. Зеро ҳама чиз Барзинро аёнтар буд; ҳам дар фолу ҳам дар рӯзгор. Аммо шоҳ мекаловад дар бовар кардан.

— Раммол чӣ гуфт?

Ин пурси дигар буд: Искандар бедор гашта аз зери манаҳи ӯ меҳрубонона менигарист ва медонист, ки гоҳи хобиданаш зани меҳрубон мӯйи сари ӯро бо ангуштон хилол мекард. Хеле форам мерасид ангуштонаш, ки ками дар кам рух дода, ки чизе ӯро форад ва ё хуш ояд.

— Он чӣ ту гуфтӣ, Барзин. – Баъди нигоҳи дуру дароз фармуд Искандар ва занро хуш омад, ки хеле навозишкорона номи ӯро ба забон гирифт.

— Рост бигӯй, Искандар.

— Рост гӯям. Камтар аз ту гуфт ва номи касеро ба забон наовард.

— Ман хоҳам гуфт он номҳоро... Ойина менамояд, ман мегӯям... Гӯям?

— Бигӯй.

— Лимн, Никомах, Аминта бо...

— Аминта?! – тааҷҷуб карда сар бардошт Искандар ва рост ба чашмони ӯ нигарист.

— Бале! Аминта бо бародаронаш. – бовар накардани шоҳро дониста, такрор кард Барзин.

— Дуруст бисанҷ. Бо қисмат бозӣ карда нашавад. Ба ту гуфта будам хобамро: Мӯрон – пиёдагон, замбӯрон – саворон. Пешгӯиийи Аристандр низ ба он рӯбоҳи зард дуруст меояд.

— Яъне...

— Яъне, Лимн. Вале ба Аминта бовар надорам. Ҳарчанд мӯрон ҳастанд, шояд ғайри ӯ бошад. Хавфу бими ман бештар ба Файлотус ва бародари ӯ Никонор бувад, ки сабаб дорад. Қасоси падарро бояд биситонанд. Вале аз рӯйи фоли шумо онҳо беташвиш ва бетараф тобанд.

— Алҳол чунин...

— Алҳол чунин... Метавонад вазъ дигар шавад. Ҳамин тавр?

— Бале, шоҳ, вазъият метавонад ҳар лаҳза дигар шавад. Дӯстон метавонанд душман гарданд.

— Ту чун файласуфон сухан гӯйӣ, Барзин. Вале ман ба фикри ту, ки Файлотус ва бародари ӯ бетараф мегӯйӣ, бовар намекунам. Ба назари ман онҳо ташнаанд ба хуни шоҳ.

— Шояд ягон шоҳи дигар бошад, Искандар, аммо на ба хуни ту.

— Ба назари ман, онҳо созанд ин дасисаҳоро.

— На. Онҳо тарсанд. Чунон ки арз кардам, Файлотус андеша дорад, ки ҳар балое хезад, шоҳ аз ӯ донад. Аз ин рӯ ниҳоят эҳтиёт кунад. Бавижа Никонор ба чизе кор надорад. Ҳар чӣ ҳаст, рӯйи об барояд.

— Фолбинҳо, раммолон низ хато кунанд?

— Оре. Онҳо Худо нестанд. Онҳо ҳар тойифаанд: баъзе бо ойина бинанд. Бархе «одам» доранд; гурӯҳе хоб бинанд; ва ангуштшумор касонро аз ғайб хабар расад.

— Ту аз кадом гурӯҳӣ?

— Маро намояд.

— Агар нанамояд, чизе гуфта натавонӣ?

— Оре. Ин чизест, ки ба хаёлу тахмин дарёфта нашавад. Кам рӯй диҳад, ки ба гумону занн шудаҳоро дарёбанд, аммо он пешгӯйӣ набувад.

— Ту олиму оқилӣ, аммо мактабе нест, ки кӯдаконро дарс гӯйӣ.

— Чун баргардем, мактабе хоҳӣ сохт. Он гоҳ ман устоди Геракл шавам.

— Оре-оре! Вале куҷост он ойинайи шашҷиҳати арастуйӣ, ки намояд ҳама ҳодисотро!

— Магар боз хоҳӣ донистан?

— Хоҳам... Вале шумо маро қонеъ нагардонед. Ман хоҳам, ки ҳамаро яқин ва рост ва дуруст гӯед. Аммо шумо тахмин мекунед. Шояду боядатон фузун бувад.

Барзин омӯхта буд хислатҳойи Искандарро ва медонист, ки ӯ дар рӯзгор аз чизе қонеъ набошад: на аз ҷанг, на аз айш, на аз зан, на аз зар, на аз сафар, на аз куштан, на аз сӯхтан, на аз бурдан... Вагарна ӯ бояд кайҳо вогашта буд ва аз пайи ободониййи Мақдуниё шуда буд. «Обод кунам, шуморо бахт орам, шуморо сер гардонам, шуморо озодӣ бахшам... шуморо аз дараҷайи ҳайвонӣ то дараҷайи одамӣ хоҳам расонд...» шиори ҳама шоҳон будааст. Вагарна ҳайвонҳо озоданд ва мардумон банда. Ва чӣ гуна тавонӣ, касро аз дараҷайи ҳайвонӣ ба дараҷайи одамӣ расонд? Пас бандатар, бардатар аз он гардӣ, ки ҳастӣ... Оре, нашавад қонеъ гардониадан шоҳ Искандарро... Моҳийи укёнус бузургтар бувад аз моҳийи дарё.»

— ... Воқеан ҳама душманӣ доранд бо ман?

— На ҳама... Душманӣ набошад. Тарс бошад. Бисёриҳо тарсанд. Вагарна чиҳое ки шавад.

— Магар ман то чунин андоза зишт ва девсурат бошам, ки тарсанд аз ман.

— Ман нагуфтаам, ки аз ҳайат ё суратат тарсанд. Аз сиёсатат тарсанд. Аз ҳастиат тарсанд. Аз номат; овозаат… Аз бисёр чизҳойи дигар, ки ҳатто фаҳмида нашавад чист.

— Яъне будани ман баройи дигарон тарс аст?

— Хуб бувад, агар мо баҳс накунем. Зеро баҳс бало зояд..

— На. Ту ваъда додӣ маро, ки ҳақро гӯйӣ. Чунин набуд?

— Чунин буд.

— Пас бояд ошкоро бигӯйӣ, то ман донам, ки...

— Гуфтан имкон надорад, Искандар...

— Чаро?

— Пас ту бишӯрӣ ва ситезӣ... ҳамаро нобуд созӣ, танҳо бимонӣ.

— Ту гуфтӣ: «ҳамаро», Барзин... Чӣ гуна ҳамаро? – ба хаёл рафт ва бархост. Гом зад рӯйи хона ва гӯё ки чизе нашуда бошад, бо садойи паст гуфт: — Шароби талх мехоҳам.

Барзин донист, ки таъсир карда суханҳо ва ӯ маст шуда, шӯриданист. Зеро корҳое ҳастанд, ки Искандар дар ҳушёрӣ натавонад кардан.

— Шароби талх мехоҳам!

Геракл бедор шуд аз садойи ӯ. Ва ҳайрон монд. Ё чизеро дарку эҳсос намекард ва ё аз садо тарсида карахт шуда буд. Миҷа таҳ накарда, аз зери манаҳи модар нигарон буд хомӯш. Барзин яқин кард, ки писараш тарсида, оҳиста пахш кард ба банди дил. Ва якбора фарёд зад кӯдак, ки зарфи нозуке шикаста бошад.

— Нофор!

Садо дардод Искандар ва зан донист, ки суханҳо кора доранд шоҳро. Оҳиста бархост, то берун равад. Вале овози навбатийи шоҳ боздошташ:

— Ту чӣ фикр дорӣ?

Барзин бозистод ва китф дар ҳам кашид: «Нафаҳмидам.»

— Ман чӣ гуна касам?

— Шоҳ. Шоҳи мақдунӣ, шоҳи...

— На. Хуб ё бад?

Барзин хеле ҳайрон монд, ва гуфт:

— Бо бадон – бад, бо некон – накӯ.

Шоҳ пеш омад ва писарро аз дасти модар гирифта, на ба зан, балки ба кӯдак нигоҳ карда гуфт:

— Чунин бояд буд... Ман зид ҳастам, ки ба як рӯят зананд, рӯйи дигаратро низ дор, ки зананд, мегӯяд. Задаро бояд бизад.

— Ту бузургтарин инсони ин қарн бояд бимонӣ.

Искандари хашмӣ ва андешаманд сахт хандид:

— Дар ҷое ки Афлотун бувад, Арасту бошад?

— Ҳар кас ба ҷойи худ, Искандар.

— Ин ҳарф дигар аст. Аз ин чиз бояд сар мекардӣ...

— Саҳеҳ. Онҳо баройи олам хидмат кунанд. Ту ба хотири оламу Мақдуниё. Ҳеҷ фарзанде чу Искандар ватани хешро дӯст надорад ва баройи он чунин ҷоннисорӣ накунад. Мапиндор, ки мардум намефаҳманд. Мефаҳманд, вале дар ягон замон доди онҳо ба гӯши додгустарон нарасад.

— Ту бузургтарин зани ин қарн ҳастӣ, Барзин.

Барзин низ хандид баландтар аз Искандар ва фармуд:

— Ҳатто бузургтар аз Олимпиада?

— Олимпиада ба ҷойи худ...

Чунин баромад, ки як навъ посухи ситезаомез шуд. Барзин пай бурд онро ва неш зад:

— Масхара мекунӣ... Вақте ки зани қонунийи шоҳ наям, чӣ гуна метавонам бузургтарин зани аср шавам?

— Магар эътибору шукӯҳи заношӯйӣ дар қонунияти он аст?

— Ба назарам ин ҳарф туро шинос аст ва лаззати онро чашида будӣ. Ҳарфи тағойи зани қонунийи падарат Аттали сипаҳсолор дар ёдат ҳаст. Магар чашми ту аз он лаҳза ба олам кушода нашуд?

— Ин чист? Таъна? Андарз ё огоҳӣ?

— Ҳеҷ яке. Ҳамин қадар, ки Аттал кӯшиш мекард, то падари ту Клеопатрро ба никоҳи қонунийи хеш дароварад.

— Ва донистӣ, ки чандон эътиборе надоштааст он ҳама расмиятҳо? Дар ҳар замон ва баройи ҳар кас дилу ният қонун бувад. Ҳазор расмият натавонад чун хости дил бошад.

— Чӣ хел фаҳмам? Яъне Геракл писари қонунийи шоҳ Искандар?

— Магар на?... Магар на? Ин корро мо дар Мақдуниё ба расмият хоҳем даровард. Дар назди модарам Олимпиада...

Барзин хомӯш бимонд. Сар такон дод. Искандар тааҷҷуб кард:

— На? Писанд наомад? Ту хоҳӣ, ҳолиё ин кор иҷро гардад?.. Шитобзада намойӣ, гӯё ман аз ту гурезам. Шуморо гузошта ба ҷойи дигар равам. На! Ҳар ҷо равам, бо худ барам.

Геракл дастон кушода ҷониби падар чӯҷавор бол зад, то гирадаш.

— Чаро касе ба садойи шоҳ посух нагӯяд?

— Садо паст аст, Искандар.

— Магар ман баланд садо накардам? Пас бишнав: «Шароби талх мехоҳам!!!»

Ва ба дар ҳозир шуданд пардадорон, вале ҷуръати даромадан накарда, паси дар истоданд. Садойи баланди шоҳро шунида, нафаре аз онҳо дарро кӯфт. Садо омад: Филипп ё Димитриусро бигӯед шароби талх биоварад!»

Онҳо муродро дониста, рафтанд ва Барзин фармуд:

— Зарур аст, ки бинӯшӣ?

— Агар нанӯшам, баъзе корҳоро карда натавонам.

Барзин зиёд гуфтанӣ буд. Чун дар ин ҳарфи шоҳ ҳама чиз ҷамъбаст мешуд, суханро ғоз надода, ба фикр рафт: «Шояд камоли камтаҷрибагӣ ва ё ҷавонӣ бошад, ки чунин мегӯяд.»

— Ту нанӯшӣ, ба қадри он нарасӣ... Ман мехоҳам ту низ бинӯшӣ...

— Ташаккур... Шояд рӯзе расад, ки ман ҳам баройи бахту саодат ва хушрӯзиҳо бинӯшам...

— Магар ту худро хушбахт намешуморӣ?

— Мешуморам. Аз он ки зани шоҳи Мақдуниё ҳастам, худро хушбахт медонам. Вале аз он ки он рӯзи ман фаро нарасидааст, нахоҳам нӯшид.

— Он рӯз кадом рӯз бошад?

— Рӯзе ки шоҳ Искандарро андар Мақдуниё бинам.

— Боз омадӣ ба сари чунин масъала... Ку шароби талх?!

Ва ҳакимон – Димитриусу Филипп шароби талхи юнонӣ оварданд андар кӯзаҳо ва чошнӣ карданду бирафтанд, то шоҳ бовар кунад, ки бодайи ноб аст. Барзин низ писарро гирифта бурданӣ буд ба хонайи дигар, аммо Искандар нагузошт. Ду қадаҳро моломол кард аз шароб ва ҳарфе нагуфта, якеро ёзид сӯйи Барзин.

— Ман гуфтам, ки нахӯрам...

— Гераклро бидеҳ.
— Низ нахӯрад.
— Агар пури ман аст, бояд бихӯрад.
— Искандар, ҳоло ки ӯро гулахӯр накардаам, танҳо шири модар хӯрад, чӣ гуна шароб хӯрад?
— Шароб низ мисли шир аст, бояд бихӯрад.
— На. Ягон ғизо баробар нашавад ба шири модар. Дигар ин ки шоҳ шароби талхи мардафкан фармуд ва тифл натавонад тоб овардан...
— Агар пури Искандар аст, бояд бихӯрад!
Як навъ ҳукм буд ва модар намедонист чӣ кор кунад. Писарро сахттар ба банди дил пахш карда, бадар рафтанӣ шуд. Шоҳ боздошт ва қадаҳро ба лаби тифл овард. Бӯйи тезу баройи кӯдак ногувораш сахт расид ба машоми ӯ ва Геракл зуд якрӯя гашта ба модар часпид маймунвор ва баъд баргашта теғдор нигарист ба падар ва боз рӯй тофт. Искандар бори дигар ҷом бар лаби писар бурданӣ шуд ва Геракл якбора даст зад ва ҷом бипарид аз дасти ӯ. Падар кӯшиши доштан кард, натавонист. Ҷом бархӯрд ба фарш рӯйи қолийи эронӣ, нашикаст.
— Ғазабат ба ғазаби ҷадди бузургат Геракл монад. Шароб нахостанат ба модарат монад. Куҷоят ба падар монад? Надонистам... Ва ту, Барзин, бо ман баробар нашав.
— Баробар шуданӣ ҳам нестам...
— Ту бояд дурусттар андешӣ ва донӣ, ки ман кӣ ҳастам...
— Инро ҳама – аз Қоф то Қоф донанд, ки Искандар кист. Ман низ донам. Аммо кӯдак надонад. Кӯдак шоҳро аз тахт фаровардааст...
— Он шоҳон дигаранд, аммо шоҳ Искандар дигар. Ӯро касе натавонад аз тахт фаровардан.
Барзин надониста буд, ки то куҷо мағрур аст шоҳ. Чун ҳарфи ӯ шунид, чизе ба гулӯяш панҷа зад чун панҷайи аҷал ва қабз мекарду мефишурд ва нафасаш батадриҷ танг мегашт. Фишурда шуд танаш ва сахт ба ӯ нигариста баромада рафтанӣ шуд ва ҳамин қадар аз мағзаш гузашт: «Ҷавон... Боди ҷавониаш зиёд.» Ва гӯё Искандар гуноҳи хешро пай бурда бошад ва дарёфта бошад, қадаҳи дуввумро ба замин партофт. Барзин дид ва донист кирдори ӯро ва ҳамон зайле ки истода буд, наҷунбида писарро ба сари сина пахш карда, шах шуда буд. Аммо таҳаммул карда наметавонист, ки ин чӣ кори кардайи шоҳ бувад. Ситеза ва ё тамоман аз баҳри шароб гузашта. Ва шоҳ нигарон буд, шояд аз ҷониби малика садое ояд. Шоҳзан оромтар ва хомӯштар менамуд ва гӯё чизе нашуда ва рафтори шоҳро надида.
— Ҳамин лозим баройи ту?
Гӯйӣ нашунид Барзин. Чун садойи Искандар такрор шуд, Барзин посух бидод:

— Ман ҳушу ақл шуда натавонам шоҳро. Маслаҳат низ дода натавонам.

— Маслаҳатро ҳар кас дода тавонад. Ҳатто ғаши ғайриихтиёри Геракл маслаҳат буд. Муҳим ин чиз набувад. Муҳим он аст, ки маслаҳатро, пандро, андарзро кӣ гӯш кунаду чӣ гуна пазирад...

Барзин сар афшонд, аммо садо набаровард, ки беҳуда. Ҳазорон сол аст, ки панду андарз мегӯянд, аммо касе онро риоя накунад ва касе аз донистайи хеш намонад. Надонистайи ӯ афзалтар ва болотар бувад аз донистайи каси дигар. Нест нодоне, ки нодонийи худро донад.

Искандар андешид, ки бо зуъму ситеза ба ҷое нарасад; зиндагийи ӯ бояд аз амру ҳукм иборат бошад ва иҷройиши он. Аммо ҳушёр сомон нашавад чунин кор. Аз ин рӯ шоҳ хидматгоронро нахонд баройи бардоштани ҷомҳои афкандааш. Балки худ хам шуда онҳоро бардошт, ки дар кӯдакиаш ҳам накарда буд. Ҷомҳойи заринро бурда рӯйи лаълийи зарин гузошт ва баргашта ба Барзин нигарист ва гуфт:

«Ман май нахӯрда, коре карда натавонам.»

Барзин чизе нагуфт. Балки писарро майли хобондан карда уреб гирифт ва бод дод.

«Дар сипоҳ бузургсолон зиёданд, агар нанӯшида бошам, шарм дорам, ки ба онҳо амр кунам...»

Ва Барзин сар ҷунбонду гуфт:

— Рой шоҳро. Ҳар чӣ хоҳад, он шавад. Агар бо майхорӣ кори ӯ барор гирад, бояд май бихӯрад. Агар бода миёни кори ӯро мешиканад, бояд нахӯрад.

— Гуфтам, ки бузургтар аз Барзин зане набвад андар қарни мо.

— Масхара зан, шоҳ. Шоҳонро ҳама чиз раво бошад. Дарвешонро ҳама чиз мамнӯъ.

— Дар андарунат buғз дорӣ, Барзин. Вале бойиси бо ман киноя гуфтанатро дарнаёфтам.

— Ман аз дилсӯзӣ гӯям, шоҳро киноя тобад. Чунон ки шоҳ фармуд, касеро хуш наояд андарз ё маслиҳати дигаре. – Ҳарфи чанд муддат пеш гуфтайи ӯро такрор кард зан ва Искандарро табассум дамид андар лабон.

— Ту бояд маро ёр бошӣ, Барзин. – ҷом сӯйи ӯ ёзида гуфт шоҳ.

— Бале, ман дар ҳама ҳолатҳо ёри шоҳам, ба ҷуз май-хорӣ.

— Ёри хуб дар ҳама ҳолатҳо бояд ёр бошад, ҳатто дар гӯр.

— Пас чаро шоҳ сухани ёронро ба инобат нагирад?

— Чӣ гуна сухан?

— Оне ки ҳама дӯстон ва ёрони ҷонӣ шоҳро ба вогашт даъват мекунанд.

— Гуфтам, ки кори беҳуда миён шиканад. Ин масъала дар нақшайи ҷанги Порс ҳаст.

— Охир, мо ба Багдо (Бохтар) меравем, ба Согдо (Суғд) меравем,

— Агар ту худро ёри ман медонӣ, дигар аз ин боб сухан магӯй...

## БАНДИ ЧАҲОРУМ

Ва Искандари қадам ба бисту ҳафт ниҳода он шаб фармуд, то зану фарзандашро ба шабистони дигар бигузаронанд. Пасон то сияҳмаст гаштан бодапаймоӣ кард. Тамоми гуфтаҳои Барзин бори дигар дар мағзаш такрор шуданд ва он ҳамаро бо суханони сарраммол сангу посанг намуд. Дӯсту душманро фарқ кардан хост; ақлаш намегирифт, ки Аминта ё Клит ё Кратер ӯро хиёнат кунад. Маст шуду сӯҳбат бо дару девор кард. Соқа пӯшиду бозубанд ва ба тани бараҳнайи хеш камарбанд бубаст ва шамшер овехт. Кулаҳхӯд бар сар ниҳод. Пасон шамшер аз наём кашид ва чунон ки Демади устод шамшерзанӣ омӯхта буд, бозӣ кард ва базӯр мешунид, ки олоти тез чӣ гуна ҳавойи хонаро суст мебуррад. Хашм гирифт ба ногузароийи шамшер. Баргардонида ба наём андохт, боз гирифт ва бар тахт нишаст. Пойи росташро кашид пас, то бар курсӣ ниҳад ва ҳайкалашро чунон созанд. Шамшери охта тори сар дошт, сари китф бурд; даст ба пеш ёзида неши он бар муттакойи маснад халонд ва ҳазору як нағмаву усул кард, ки мувофиқтар аз ҳама кадом аст баройи ҳайкал. Ин танҳо хаёлу армони ӯ буд ва намехост касе бидонад. Соқа таранг кард зонуяшро. Бархост. Шамшер рӯйи тахт гузошт. Ҷоми бода ба сар кашид ва каф кӯфт. Дар боз шуд ва зуд пӯшида. Аз бараҳна будани шоҳ хиҷолат кашида дарбон надаромад. Аммо шоҳи маст ин чизро пай набурда, боз каф кӯфт. Ва шамшер сӯйи дар рост дошт. Дарбон боз дарро кушод ва ҳолати шоҳ дида, ин бор аз тарс пӯшид дарро. Шоҳ Искандар ҳарчанд маст буд, аммо ҳолатро медонист ё матлаб равшан буд, ки хашм гирифт ва шамшерро паст нафароварда, рост сӯйи дар омад. Ва якбора чашмаш ба сурати даруни ойинайи барқади миёни ду тирезайи толори пазиро афтид, бозистод. Сурат, ҳайат ва зебу ҷамоли хешро дида, наздиктар рафт ва шахси бараҳнайи рӯ ба рӯро шинохта, шамшер бар ойина зад ва аз гум шудани сурати хешу рехтани ойина ба худ омада, ҳушёр гашт ва зеҳн ба тани бараҳна монда, назди маснад омад, ки ҳама сару либоси шоҳӣ кашида, он ҷо афканда буд. Як бор нигарист ба дар ва зуд пушти тахт шуда соқаву бозубанду камару кулаҳхӯд бадар кард. Либоси шоҳона пӯшид. Бинишаст бар тахт. Ва хешро ҳушёру ҳушдор دониста, каф кӯфт.

Дар оҳиста нимроғ шуд ва саре дарун омад. Шоҳро ороставу тахтнишин дида, дарбон чун ҳамеша ворид гашт ва омодайи хидмат ба по истод. Гӯё чизе нашуда бошад, шоҳ фармуд:

— Гефестион, Кратер, Кен, Эргӣ, Пердикка ва Леонатро даъват кунед!

Таъзим кард пардадор ва пас-пас аз дар баромад.

Ва муаммойи сахт пеш омада буд: Искандар наметавонист дарёбад ҳалли онро. Ҷондоронашро ва ёронашро, ки ҳар кадом хешро аз ҳад зиёд наздик мегирифт, чеҳраву нигоҳу муомилаву гуфтору рафтори ононро пеши назар меовард ва хулоса мебаровард, ки ин аст ё он? Пасон аз дигар дидгоҳ менигарист, ки ба кадоме чӣ бадӣ карда бошад. Дар қатори онҳое ки аз гуфтайи раммолу Барзин гумонбар шудаанд, падари Файлотусу Никонорро фармони куш дода, ҳамчун ҷосусу қотил се тан (Клеандр, Ситалк, Менид)-ро ба Модай фиристодааст ва Лимни Димнро баройи Пармониёнро ҷонибдор шуданаш сарзаниш кардааст... «Боз киву чӣ? Ёд надорам. Мактуби қатли сипаҳсолор Пармониён рустӣ аз ҷониби ман навишта шуда буд. Аммо дигарон чӣ? Бисёриҳоро вазифа додам, дар паҳлӯйи худ гирифтам; ҷони ту – ҷони ман, ҷони ман – ҷони ту, гуфтам. Боз чӣ кунам буд? Худоён бигӯянд, ки аз ман гузашта ё аз онон? Наход ки ба Ватан зуд барнагаштан гуноҳ бошад? Ман модарамро дӯст намедоштаам... Аҷаб... Ҳама ганҷҳоро баройи ӯ мефиристодам. Аз ин раҳи дур аз ӯ маслаҳат мепурсидам. (Ҳеҷ кас нафаҳмад) Ба ӯ ёрӣ медодам, ки падарамро кушанд. Чаро дунё чунин сохта шудааст? Ба касе мадад кунӣ, зиён аз ӯ бинӣ. Касе роздону ҳолдонат бошад, гӯратро ӯ канад. Чаро касе нагӯяд, ки маро ёриву ёварӣ макун, аз ман некӣ нахоҳӣ дид! На. Касе чунин нагӯяд. Баракс гоҳи кӯмак гирифтан он қадар ситойишат кунанд, ки туро худо зойида бошад. Беақлҳо... Гумроҳон... Магар ман намедонам, ки писари кӣ ҳастам? Агар ман надонам, магар модарам намедонад, ки аз хунӣ кӣ рӯйидаам? Маълум. Ҳамааш равшан. Фарзанди ҳаромӣ зудтар маълум мешавад аз ҳалолӣ. Ва ман ҳайрон мемонам, ки чаро ин қадар мардум ба ин чиз ҳавасманданд? Ҳатто пири лаби гӯр ҳам пеш аз ҷон додан мепурсад: «Аз кӣ шудааст?». Ҳанӯз ҳам миёни хосу ом баҳсҳо мешавад, ки ман писари Филиппи Дуввум ҳастам ё на? Ҳанӯз ҳам ман дар назари баъзеҳо кӯдак ҳастам. Дунёро тасхир кардам: ҷаҳонгир шудам, ҳолиё кӯдак медонанд маро. Таънайи сипаҳсолор Пармониён ҳамин буд ва ифтихор дошт, ки бурди Искандар бурди ӯст. Агар ӯ набудӣ, мақдуниёну юнониён кайҳо ҷангро бохта буданд. Гӯё гетиро ӯ ба даст овард ва Искандар подшоҳӣ мекунад. Аҷаб. Баъди марги Пармониён ҳам пархошҳо шуд, мақдуниёну юнониён боз пирӯз омаданд. Магар ҳоло писари ӯ даъво кунад? На-а-а... Писари Филиппи Дуввум Искандари Мақдунӣ намурдааст. Ҳама

буздилҳо бираванд. Ман ҳамроҳи шердилҳо ба майдон хоҳам даромад...»

Ӯ пеш омад, то хешро бубинад андар ойинаи барқад. Андар фарш пораҳойи ойина нури хирайи машъалу шамъҳоро бозмегардониданд ва нимравшану хира ба чашм мерасиданд.

Аранге шоҳ ёд овард, ки пештар ойинаи барқадро шамшершикан карда буд. Дар боргоҳи муваққатийи шоҳӣ дигар ойина набуд, то шоҳ хешро дурусттар бинад. Хам шуда аз шикастаҳо пораеро бардошт, то хешро бинад, аммо андар реғаҳо, резаҳо, пораҳойи шикаста даҳҳо шоҳ намуданд: каҷу килеб, лоғару фаҳӯл, хаму рост, равшану хира, сиёҳу нимранг ва ҳарранга. Ҳеҷ яке монанд набуд шоҳро. Шоҳ пой зад пораҳоро ва он суратҳойи монанду номонанди ӯ дур шуданд ва ҳар кадом акси шуоъ ба сақф медоданд.

Дар садо бароварда, боз шуд. Искандар фармуд:

— Танҳо Кратер дарояд!

Ва Кратери ҳамсафу ҳамрикоби шоҳ ба толор ворид гашт. Ва баробари кушодаву пӯшида шудани дар ҳавойи толор такорӯ шуд ва шамъу машъалаҳо забона заданд. Як бор рӯшан гашт толор ва боз нимхираву нимравшан метофт ва сояйи сутунҳо низ булӯрӣ ва тира мегаштанд. Кратерро намуд, ки шоҳ назди шишапораҳо меистад ва акси шуоъи шишапораҳо ба тану сару рӯйи ӯ бармехӯранд. Ӯ ҳайрон шуд ва пеш омада, пурсид:

— Ба хайр, шоҳ?

— Ба хайр...

Хеле паст посух дод, то касони паси дар нашунаванд. Коре шуда, ки шоҳро ғамӣ медорад. Ва равон шуд сӯйи тахт. Вале бар маснад нарасида, андар пояйи он бар курсӣ нишаст ва ӯро низ хонд ба нишастан, пасон гӯё ки сабру қарораш намонда бошад, пурсид:

— Чӣ ҳарфу чӣ вазъ?

Кратер китф барҳам кашид ва гуфт:

— Вазъ хуб метобад...

Шоҳ мадд кашид, ки бепарвойӣ ва фармуд:

— Баъзеҳо меоваранд, ки вазъ нобоб аст.

— Аз кадом ҷиҳат?

— Ман бояд ин чизро пурсам, на посух диҳам.

Кратер зери хафтон кайк ё мӯре буда барин беқарор шуд ва гӯё чунин фурсатро нигарон бошад, ғурунгид.

— Ман беқарориҳойи Файлотусу бародарашро медонам. Чун шоҳ ба гуфтаҳоям эътибор надод, дигар аз ин хусус навид наовардам.

— Ва ҳоло бехабар?

— На. Бохабар. Аммо шоҳ бовар намекунад. Гумон дорад, ки ҳама чун Кратер ё Биталомус ӯро вафодор аст. Ман аз нияти бади Файлотусу падараш Пармониён ҳанӯз гоҳи дар Миср буданамон

шоҳро огоҳ карда будам, аммо шоҳ тез бо ман шуд, ки нотавонбинам ва ҷойи ӯро мехоҳам.

— Ман он гоҳ ғами сипаҳсолор Пармониёнро мехӯрдам, ки писарашро дар ҷанг қурбон кард ва якбора ба ӯ ҳуҷум шавад, мақдуниён ба шӯр меоянд ва наметавонем сафарро идома диҳем. Магар Пармониён одами андак аст?

— Медонам, ки чун Пармониён лашкаркаши бузург нагузашта. Аммо чун хиёнат ва сӯиқасд ба шоҳ кунад, магар бояд чашм пӯшид?

— На. Ҳар кор вақт дорад, инсон – аҷал. Аҷал расад, сайд ба дом ояд. Пармониёнро аз байн бардоштан кори осон набуд. Ва ҳама норозигиҳойи сипоҳ аз баройи ин аст. Ва бо писарони сипаҳсолор баногӯшӣ карданҳойи баъзеҳо аз ин рӯст.

— Лимнро дар назар дорӣ?

— Лимн ҳам, дигарон ҳам... Ҳоло Файлотус аламзада. Бо саҳл ишора ӯро ба дом овардан имкон дорад. Баройи ҳамин ӯро истифода мекунанд нодӯстон.

— Дуруст, шоҳ. Ман ин чизҳоро ба шоҳ гуфтанӣ будам, вале чун ройи ӯро дидам, дам ба дарун гирифтам... Агар поруро кобӣ, бӯяш барояд. Файлотус доро шудааст. Гуфтаҳоро низ мефиристад ба Мақдуниё, ҳам ғун меорад бо дасти маҳбубааш Эрис.

— Эрисро ман пурсидам. Дурӯғ мегӯяд. Ҳатто гуфт, ки як борҷома дорам, шоҳ метавонад ҳар касро фиристад, то хабар гирад...

— Ё шоҳро дурӯғ меоранд ё маро.

— Хуб. Фарз кардем чунин. Боз чӣ?

— Дигар ин ки нияти Файлотус дигар аст: ҳоло ӯ низомиёни савораро ташвиқ кунад, ки то шоҳ аз миён бардошта нашавад, мо ба дидори Мақдуниё нарасем, рӯйи дӯстон набинем.

— Аминта чӣ вазифа дорад дар ин сӯиқасд?

— Аминта инсони хуб. Аммо ба ҳарфи Файлотус гӯш медиҳад. Сӯиқасдчиён ният доранд, ки ба воситайи Аминта низомиёни пиёдаро зидди шоҳ барангезанд.

Искандар нишаста натавонист бар курсӣ. Бархоста гом зад тез ва бори дигар назди ойинайи шикаста омада, пораҳоро лагад зад ва фармуд:

— Беҳуда нашикастааст. Балойи омада ба ҳамин ойина занад. – ва боз ҷониби Кратер шӯрида гуфт: — Ва ту донӣ ин ҳамаро! Вале чизе нагӯйӣ! Магар ту низ...

— Чӣ фикр дорад, рой шоҳро... Аммо донистану нагуфтани ман сабаб дорад, ки гуфтам: шоҳ бовар накунад ҳарфи маро, ки аз ғараз гӯям.

— Шоҳ замоне бовар надошт ба ин ҳарфҳо, ки бойиси ташвиш набуд, ҳолиё ҳама нодӯст шудаанд шоҳро. Ман, ки бадӣ накардаам ба онон ё кардам?

— Баъзан душманро некӣ бадӣ шумор ёбад.

— Ман надонистам, ки дӯстон душмананд. Вале медонистам, ки бо баҳонае дӯсти забонӣ душман гардад.

— Яъне шоҳ бовар карда ба душманийи дӯстон?

— Бале, бовар карда.

— Пас дӯстонро ҷудо бояд кард аз душманон.

— Фардо. Фардо ин корро хоҳам кард. – Мушт сӯйи сақф баланд карда гуфт Искандар ва рӯ ба дар оварда, фармуд: — Гефестион дарояд!

Гефестион даромад. Аввал нигоҳаш ба акси нурҳо афтод, ки аз ойинапораҳо ба сақф бармехӯрд. Гумон кард коре шуда. Аммо Кратер назди шоҳ зиндаву саломат буд. Ҳарчанд одати шабкорийи шоҳи шабравро медонистанд, вале то ҳол паси дар миёни ҷондорони дар ғояти шаб даъватшуда баҳсҳо мерафт: чӣ шуда, ки нобаҳангом ононро хондааст. Гефестион аз хомӯшийи Искандару Кратер чизе нафаҳмид. Дарёфт, ки кори саҳлу андак нест.

— Кратер аз вазъу ҳоли сипоҳ ва сипоҳиён огоҳӣ надорад. Шояд ту донӣ, Гефестион, ки дӯстонро чӣ шуда?

— Дӯстонро?

— Оре, дӯстонро.

— Дӯстони ҷонӣ чун пешин дӯстанд, аммо дӯстони забонӣ нодӯстанд.

— Донӣ, ки дӯстони забонӣ кистанд?

— Магар Кратер надонад?

— На. Кратер мегӯяд, ки ҷуз Файлотус касе шоҳро бадӣ нахоҳад.

— Бадӣ нахоҳад ё бадӣ накунад?

— Бадӣ накунад...

— Аммо бадӣ хоҳад. Ва бо дасти дигарон бадӣ кунад.

— Бо дасти киҳо? – шоҳ гӯйӣ ҳама чизро дониста буд ва инак бо дасти дигарон амал кардани сарфавҷи саворонро донистан мехост.

— Бо дасти Лимну ёронаш...

— Кистанд ёронаш?

— Ёронаш... ёронаш... ёронаш... Ба назарам, писари Антипатр – Иоллай.

— Иоллай? Ҳамон косагул?

— Бале-бале...

— Ҳамон соқийи базмҳойи ман? Ҳамон бодапаймо, ки то осмонҳо маро меситояд? Магар ҳамааш баройи як ҷуръа май аст?

— Бале-бале...

— Охир ӯ маро беҳтарин шоҳ, ҷавонтарин шоҳи оламгир, беҳтарин ва бузургтарин лашкаркаш, ягона писаре, ки ба падар монанд – ҳам шоҳу ҳам лашкаркаши бузург мегӯяд-ку?

— Мегӯяд... ба забон мегӯяд. Аммо дар дилаш дигар чиз гӯяд...

— Ба ӯ чӣ намерасидаст?

— Инро аз ӯ бояд пурсид, шоҳ.

— Мақдуниёро ба ихтиёри падараш гузорам. Тамоми ганҷи Порсро ба ӯ фиристам... Кӯрнамакӣ аз ин зиёд шавад?! А? Чӣ пастист?!

Садо баланд кард шоҳ, ки паси дар будагон низ шуниданд ва худи ӯ пай бурд, ки беҳуда бувад дӯғ ба онон задан ва ё алам аз онҳо гирифтан.

— Шумо мефаҳмед? Охир, ин... ин... – ларзид Искандар, ки гоҳи набард чунин ҳолат рух намедод. – Охир ин кӯрнамакӣ дар ягон зарф намегунҷад! Ман падарашро ба ҷойи худам чун шоҳ ба тахти Мақдуниё нишонам, тамоми ҳаққу ҳуқуқро диҳам... Писараш ин ҷо... Шояд дурӯғ бошад? А? Шояд ту, Гефестион, бо ӯ хусумате дошта бошӣ?

— Ман бо ӯ чӣ хусумат дорам, шоҳ? Он чӣ медонам, мегӯям.

— Бисанҷед! Агар рост бошад, аз забони он булбулак наовезам, писари шоҳ Филипп набошам!.. Ӯ гумон карда, ки ман ҳоло ҳам кӯдакам... Ёри майгусори ман заҳр бар косайи ман андохтанист... Шумо донистед?! А? Донистед, ки душман чӣ касонро пайдо мекунад ва истифода мебарад?

Искандар намегунҷид дар пӯсташ, дар толор ҳам. Гом мезад. Ва он қадар шиддат дошт, ки пойҳояш майли давидан мекарданд. Ногаҳон истод. Ҳама чизро фаромӯш кард ва фарёд зад:

— Ҳамаашро сар мегирам! Худам сар мезанам! Ҳоҷат ба ҷаллод нест! Онҳо маҷбур месозанд, ҷаллод ҳам шавам! Онҳо тушберaро хом шумурдаанд... Ҳоло бо собуни ман ҷома нашустаанд... Ҳарчанд ҷондори мананд, маро хуб нашинохтаанд. Айби ман, ки ҳамзабон шудам, баробарам нишастанду хӯрдандy бархостанд. Ёр гуфтам, ҷондор гуфтам. Нозашонро бардоштам... оқибаташ чунин шуд.

Хомӯш монд. Сар андохт. Хеле андешид ва рӯ тофта ба дар нигарист. Садо баланд кард:

— Дароед!!!

Дар кушода шуда чанд тан пасу пеш даромаданд ва Искандар онҳоеро дид, ки фармуда буд.

— Шумо чӣ мегӯед?! – онҳоро шариксӯҳбат пиндошта, пурсид шоҳ.

Ва онон, ки огоҳ аз сӯҳбати се тан набуданд, ба ҳамдигар нигариста китфон ба ҳам кашиданд ва намедонистанд чӣ гӯянд. Танҳо ҳамин қадар дарёфтанд, ки шоҳ дар ғазаб аст ва мехоҳад аз касе алам ситонад.

— Магар он чӣ инҳо мегӯянд, рост бувад?

— Онҳо чӣ гуфтанд, мо нашунидаем, шоҳ... – хеле паст садо баровард Кен ва нигарон буд, ки ҳолиё ғазаб мекунад Искандар. Шоҳро чӣ андеша ба сар омад, ки гуфт:

— Онҳо ҳеҷ чиз нагуфтаанд... – ва рӯ ба сабӯю соғари рӯйи лаълӣ оварда, афзуд: — Шароби талх бояд хӯрд...

Ва ёрон медонистанд, ки Искандар дар ҳолатҳойи хушӣ шароби талх нахӯрад.

— Ту ба ҷойи Иоллайи писари Антипатр, Пердиккас, аз ҳамин замон косагули давраҳойи шоҳӣ. Зеро касе аз сипоҳ чун ту тобовар набошад ба шароб. Ҳатто Искандар натавонад бо ту мусобиқа кардан...

— Муболиға шуд, шоҳ...

— На, Пердиккас, медонӣ, ки ман беҳуда намегӯям ва бо ҳар кас сӯҳбат намекунам. Ту мувофиқи зӯрат боз пурбардошт низ ҳастӣ.

— Ташаккур, шоҳ... Лекин мебинам, ки шоҳ парешон...

— Аҳамият надорад. Гуфти худат: мегузарад. Шароб бирез, шароби талх. Ин шароби Димитриус оварда. Санҷида, мардафкан. Агар Пердиккас тоб наорад... Бирез!

Ва Пердиккаси пилзӯр, ки гоҳ-гоҳ Искандар зӯри ӯро ҳавас мекунад, аз кӯзайи зарини дар Домғон тақдимшуда бода рехт андар қадаҳҳо ва ба шоҳу дигарон дароз кард:

— Баройи шоҳ!

— Баройи пирӯзиҳойи шоҳ Искандар!

— Баройи Мақдуниё!

— Баройи Олимпиада!

Ва бисёр нӯшбодҳойи кӯтоҳ гуфтанд ба эҳтироми шоҳ Искандар. Аммо шоҳ ҳамайи онҳоро гӯш медоду сар меафшонд. Ва аз дил мегузаронд, ки зиёд шунида аз забони онҳое низ, ки пештар зикри душманиашон рафт. Ва ӯ низ кӯтоҳ гуфт:

— Баройи дӯстони ҷонӣ!

Ҷомҳо ба сар кашиданд. Искандар нашъайи бодаро дарёфт, ки хӯрдаҳойи аввалро такорӯ кард, кайф бурд. Дар сар он қадар андеша буд, ки намедонист кадомеро пеш орад. Ва якбора кафид:

— Ҳар касро дӯст гӯед ҳам, дӯст нагиред...

Онҳое, ки сӯҳбати андаке пеш шударо шунида буданд, матлабро дарёфтанд, вале онҳое, ки нав даромада буданд, тахмин мекарданд. Ба ҳар ҳол Искандар бахуд набуд. Гарчӣ бодайи арғувонӣ мехӯрд, ҳушаш ба дигар ҷо буд.

Машъалаву шамъҳойи дар танайи сутунҳову деворҳо васл карда месӯхтанду об мешуданд андар шамъдонҳо. Толор хираву тира мегашт ва рӯйҳоро хуб намедиданд. Магар Искандар анҷоми сӯҳбат пиндошт, ки он чӣ меандешид, ҳамон гуфт:

— Шоҳ набояд бо ҳар кас бодахорӣ кунад. Шоҳ бояд чун Худо дар паси пардаҳо пинҳон бошад...

Ва нафаҳмиданд дӯстон, ки Искандар барои чӣ чунин гуфт. Ҳар кас ҳар навъ андеша дошт, аммо намеёрист пурсад. Зеро ба ҳамагон равшан буд, ки сухани шоҳ Искандарро гардонидан ва ё ду кардан имкон надорад. Аз ин рӯ ҳама хомӯш буданд ва таҳлил мекарданд ҳарфи шоҳро. Пердиккас ҷоми зарин пеш овард ва фармуд:

— Барои касе, ки тухмааш аз худоён, нимхудоён ва қаҳрамонҳо сабз шудааст!

Ва ҳама баҳ-баҳу бай-бай ҷом баланд карданд.

❂ ❂ ❂

Дар шаҳрчаи тозабунёди Искандарӣ ҳама хуфта буданд ба ҷуз будагони толори пазиро ва шабзиндадорони сипоҳи Искандар; посбонҳо, шаббонҳо, пардадорон, дидбонҳо ва ҷосусон. Ва боз як нафари дигар, ки сари мурдаи бародараш мегирист. Кебалини росткор, ки аз дасисаҳои бародараш Никомах дилгир шуда буд ва аз сӯиқасдсозиаш ғаш мекард, гурзи ногаҳонӣ бар сари ӯ зада афканд ва дар дили шаб, гоҳе ки ҳатто сагони шаҳрак зуза надоранд, бар сари мурдаи дароз хобида хам хӯрда, ашк ба рӯйи ӯ мерезад, то тани беҷон эҳсос кунад, ки дили бародар сӯзад ба марги зӯракиву нобаҳангоми бародар.

Вале касе намедид кирдори ӯро ва касе ғамшарик набуд. Худи ӯ низ намедонист, ки ғамӣ аст ё шодмон аз мурдани бародар. Зеро ӯ дониста кушт бародарро. Ба гумони ӯ сӯиқасди чанд тан бойиси надидани мақдуниён ватанро хоҳад гашт ва ҷанги дохилийи сипоҳиён рух диҳад, касе зинда нахоҳад монд. Ба ин маънӣ Никомахи тезхунро кушт ӯ, акнун намедонад чӣ кор бикунад. Ҳамин, интиҳойи мубориза барин; он сӯ роҳи рафт нест ва касе ба доди ӯ нахоҳад расид. Ба назараш васвасаи шайтонӣ буд. Хаёл кард, ки ӯ бо роҳи бародар намеравад ва хоҳ, нохоҳ бародар ӯро хоҳад кушт. Аз ин рӯ ӯ кушт пешдастӣ карда. Ва намедонад чӣ кор кунад он мурдаро. «Коре мекунам, ки Александри Линкестидӣ карда буд: мурдаи бародарро биоварам барои шоҳ Искандар ва агар ӯ пазирад ва пурсон шавад, баъзе сиррҳоро ошкор кунам. Хоҳам гуфт, ки дарахти азими мақдунӣ кирмғӯч шудааст ва онро нав бояд кард. Гӯям, аз «дӯстон» эҳтиёт шавад, ки гӯр мекананд. Роҳи равро тоза кунад, ки пур аз чоҳ аст... Баъд чӣ, Кебалин? Кайфар чӣ шавад?...»

Баданаш ларзид. Ба назараш зери партави моҳ зишткориашро диданд, ӯро ҳукми шоҳ зарурате надорад, худи низомиён хоҳанд кушт. Ин чизро яқин медонад ва боз пеши назар меорад, ки мурдаи Никомахро касе пайдо мешавад, ки ба хок супорад, аммо мурдаи ӯро пеши сагон меандозанд ва ё дар обканде мепартоянд, ки еми каргасҳо гардад. «На, чунон нахоҳад шуд, хаёли ботил.

Александри Линкестидӣ барои сари ду бародарашро ба Искандар овардан авф карда шуд гуноҳаш. Ҳанӯз зинда аст ва дастаи саворонро сарвар аст ва ҳоло ҷон гирифта, қасди бародар аз шоҳ ситониданист. Гӯё ки бародаронашро Искандар кушта бошад.... Аблаҳ худи мо: ҳавас кардем ҷангро, бозӣ пиндоштем... ҳоло ки шарбаташро хӯрдем... На... Пушаймон нашав, Кебалин. Агар ту накушӣ, ӯ мекушт. Яқин куштанӣ омада буд маро. Нияти онҳо маълум. Гурӯҳи хурду кам нест. Қариб ҳама ранҷидаанд аз шоҳи бемулоҳиза ва қасд ситониданианд. Шоҳ Искандар хабар надорад аз ин сӯиқасд. Ман мегӯям ба ӯ. Ман мефаҳмонам, ки душманат аз мӯйи сарат зиёдтар...»

Ва ӯ бардоштанӣ шуд ҷасади беҳаракати бародарро, ки назди шоҳ Искандар бурда, нишонаш медиҳад ва сабаби куштанашро гуфта, ҳама сӯиқасдчиёнро ном мебарад. Натавонист бардоштан – зӯраш нарасид. Хеле гарон буд ва ба назараш ин ҷасад ҷасади бародараш на, балки ҷасади як марди ҳузарби бадҳайати девсурат метобад, ки ду касу се кас натавонад бардоштан. Сараш ба кӯҳ мерасад, пояш ба рӯд. Ва ӯ намедонад, ки аз кадом ҷониб бардорад. Касе нест, ки ёрӣ диҳад.

«Ёрӣ диҳед!»

Чаро гуфту киро гуфт, равшан набуд. Ва ё нагуфту аз хаёл гузаронд, ки касе пайдо нашуд ва посухе ба додаш наомад. Баъд, аз садойи нагуфтааш ҳушёр гашт ва донист, ки коре кардааст ношуданӣ.

«На. Хуб кардам... Агар ман накушам, ӯ мекушт... Вале ӯ чӣ мекард бо ҷасади ман? Инро пурсидан лозим буд: Никомах, агар маро кушӣ, мурдайи маро чӣ кор мекунӣ? А? Ба Мақдуниё мефиристӣ? Барои падару модарамон? Ҳа-а-а, ман мисли ту Арсиноя надорам... Арсинояйи ту он ҷо нигарон аст, ки ту бармегардӣ ва барояш тамоми моли дунёро меорӣ... Зеро дар Мақдуниё медонанд, ки сарбозон на барои ҷанг, балки аз барои зари Порс ба Офтобнамо рафтаанд; барои шоҳ Искандар бемаргӣ меоранду барои Мақдуниё доройӣ... Ана доройии ман. Акнун ин бори гаронро гирифта то Мақдуниё мебарам ва ба Арсинояйи нозанини ӯ месупорам. Дунёйӣ барои маҳбуба. Ба ӯ месупорам. Зеро падару модар чунин доройиро напазиранд. Ва агар онҳо фаҳманд, ки ин кори ман аст... На. Ин корро ман накардаам ва намедонам чӣ гуна шуд. Ман пайдо кардам ҷасади ӯро. Кушта партофтаанд, пайдо кардам. Лекин барои ин касеро ҷазо надиҳед, айби худаш. Айби худаш, ки мушт ба дирафш заданӣ буд аз беақлӣ ва андеша накард, ки бо подшоҳ наситезанд... Инро ту низ медонӣ-а, Никомах? Чаро хомӯшӣ? Чаро ба пурси ман посух нагӯйӣ? Қаҳрийӣ бо ман? Охир ман бародари ту ҳастам, Кебалин. Чашматро кушо, ман Кебалин. Ҳамон Кебалин, ки ба нобудийи шоҳ тарғибаш мекардӣ. Чашматро кушо, ман розӣ. Ман розӣ, ки якҷоя мубориза барем, то дар

ҷаҳон шоҳ намонад. Зеро нав дарёфтам, ки ҳама ҷангу ҷидолҳоро шоҳон ба миён меовардаанд. Зеро ҷиғилдони онҳо фарохтар аз дунёст ва чашми носери онҳо бетаҳтар аз фазост, ки бо чиз пур карда нашавад, магар бо хок. Чашматро кушо! Ман донам, ки чашми ту сер буд, фақат баройи Арсиноя ягон чиз барам, мегуфтӣ, ё гӯшвора ва ё зеби гардан. Нафсат мурда буд. Надонистам, ки ба ҳарфи кӣ гӯш додӣ... Чашматро кушо, маслиҳат бидеҳ, ки чӣ кор кунам?..»

Аз ҷониби кӯҳ шағоле пинг гуфт ва саге аз дур ак зад. Ӯ ба худ омад ва сар афшонд, ки ҳушаш куҷое рафта, чиҳое, ки гуфт. Ба кохи хомӯшу торик нигарист. Зери нури моҳу ситораҳо дижи хурде метофт нисбати он қасрҳое, ки Искандар хароб карда буд. Ба ҳар ранге шоҳ шоҳ бувад ва аз ҳашамату сиёсати ӯ тарсе ҳаст. Искандар ба сол хурд, ба овоза ва шӯҳрати ҷангӣ бузург ва боз ба дилёбӣ ва муносибат машҳур; худойи ҳар қавму миллату кофиркешонро худойи хеш хондани ӯ аз ин ҷост, мардумон имон оваранд ва бовар кунанд ба ӯ. Инро ҳама донистанд, Кебалин низ. Ӯ бовар дорад, ки Искандар гуноҳро пӯзиш карда тавонад. Аз ин рӯ умед дорад назди ӯ равад ва изҳор кунад, ки ба хотири шоҳи кабир бародар куштааст, агар тавонад, ҷурмашро бахшад...

Боз зӯр зад, то бардорад ҷасади бародарро рӯйи даст ва ҳамон зайл то боргоҳ барад ва бо рухсати ҳоҷибону иҷозати шоҳ пеши пойи Искандари Мақдунӣ андозад... ва гӯяд ҳама сирру савдоро: «Баройи шоҳи кабир, ба хотири Мақдуниё кардам ин корро… шоҳ тавонад, бубахшад маро, ки дигар илоҷе надоштам. Агар бародарро накушам, маро мекушт, ҳама асрор ниҳон мемонд ва боз қасд ба ҷони шоҳ мешуд ва он тарафашро касе намедонад. Омурзиш аз шоҳ баройи худсариам, баройи бародаркушиам... На. Агар шоҳ мулоҳиза фармояд, ман бародар накуштаам, душман куштам, қотили хешро куштам... Ман бояд ин чизро ба шоҳ мерасонидам, аммо фурсат нашуд. Сӯйиқасдчиён сахт гирифта буданд. Имконе надоданд, ки ман аз ҷой ҷунбам ё касеро дида гӯям, ки ба шоҳ Искандар расонанд; вазъ нобоб аст, душман зиёда аз мӯру малах. Дар ҳар қадам чоҳ кандаанд, дар ҳар ваҷаб одам мондаанд; бо ҳар кӣ аҳд бастаанд... то воруна созанд шоҳи мақдуниро... На! На, ӯ бовар нахоҳад кард. Мисли ҳама гуна бародарони баднафс, дунёхоҳ, меросхӯр бародаратро куштӣ, гӯяд. Мисли ҳама гуна шоҳзодаҳо дар орзуйи тоҷу тахт бародарро нобуд кардӣ, гӯяд. Мисли ман, гӯяд, ҳаммонанди шоҳони ҳахоманишӣ, гӯяд... чун фарзандони Одам, гӯяд... Ва агар ростаашро аз ман пурсад, чӣ посух гӯям? Падарам шоҳ набувад, мероси зиёд надорад, ки бойиси кушти бародар бошад... «Аз баройи шоҳ Искандари Мақдунӣ» гӯям, магар бовар кунад? На. На, бовар накунад. «Бародаркуш, падаркуш ва шоҳкуш» гӯяд. Рост гӯяд. Вале исбот карда натавонам, ки аз баройи ӯ куштам...»

— А? Кистӣ? Кӣ меояд?.. Ман? Маро мепурсӣ?... Ман бародарамро посбонӣ мекунам. Никомахро... Мурдаро кӣ посбонӣ мекунад, мегуйӣ? Чунин магӯ. Ман ҳам медонам, ки мурда ба ҷое нагурезад. Охир ӯ намурдааст... Хоб аст. Ӯ ҷавон аст, ҳамсоли шоҳ Искандар. Мани аз ӯ калонтар истода, наход вай мурад?... Чӣ? Чӣ-чӣ? Чӣ гуфтӣ? Ҷавонон намуранд, мекушанд, мегӯйӣ? Кӣ мекушад?... Ман?.. Ба назари ту ман одамкушам?.. Бародаркушам?.. Ин хел нагӯ. Ҳамсафонаш шунаванд, хафа мешаванд, дигар ба рӯйи ман нигоҳ намекунанд... На-на. Ин хел ҳам нагӯ. Ман девона нашудаам, ҳушам дар ҷояш... Чӣ? Баъди ин девона мешавам? Баъди чӣ? Баъди куштани бародарам? Охир ӯ намурдааст, зинда аст... хоб аст... Бедор шавад, мефаҳмӣ, ки ман ӯро накуштаам. Мебинӣ, ки чӣ хел бародарамро дӯст медорам. Вай ҳам маро дӯст медорад... Чӣ хел дӯст медошт? Магар дигар дӯст намедорад? На?.. На-на! Ман накуштаам ӯро. Зинда аст, хоб аст...

Ин дафъа саг ду бор ак гуфт: «ак-ак!» Хоболуд барин. Кебалин шунид ҷаҳди дилу бедилони сагро, аммо ангезайи шағолро нашунид. Ва хомӯш монда, диққат дод ва чашм чаронд, то ҳамсӯҳбати овозиро пайдо кунад, касе наменамуд. Ҳатто садое, навое, шарфае набуд, ки оромиро халал расонад. Вале он пурсу посухе, ки ба гӯшаш мерасид, ҳаяҷони ӯро афзуд. «Овози Никомахро монад овозаш... Агар ӯст, чаро худро нанамояд; пинҳонӣ сӯҳбат кунад бо ман? На. Никомах бошад, баҳс мекунад: норозигиҳояшро мегӯяд. Ғами Арсинояро пеш меорад ва Мақдуниёро ёд меорад...»

— Кистӣ? Чаро хешро пинҳон медорӣ?

Садое набуд. Аз шаҳри қадимаи Ориё фарёди мурғон омад. Кебалин донист, ки посе аз шаб гузашта, баъди се соат чашми рӯз мекафад ва мушкилоташ сангин мегардад. Мурдайи бародар сарборӣ. На ба хок супорида шавад ва на сабаби марги ӯро фаҳмонида. Бори дигар аз назар гузаронид атрофро. Пиндораш касе ҳаст дар наздикиҳо ва огоҳ аз сирру савдояш. Вагарна ин қадар дар андаруни ӯ шайтонӣ нашуда буд ва вуҷудашро ба ларза намеовард. Бардошт ҷасади бародарро, ки сард гашта буд. Акнун умедканда гашт, ки мурда будааст бародараш. Бардошт рӯйи даст кӯдаквор, ки нолакунон ба боргоҳ барад, вале беш аз чанд гоме бардоштаву гузошта натавонист ва мурда гӯйӣ ҷон гирифта бошад, аз рӯйи дастонаш шорид. Тарсида зуд бар замин гузошт осема ва сила бар рӯйҳояш зад, то бедор шавад.

«Бедор шав, Никомах! Ман шӯхӣ кардам... Наход сахт расида бошад гурз? Ҳушёр шав... Ман бештар аз ту донам сирру савдойи ин дунёро, шоҳонро, дунёхоҳонро... Мегӯям, ҳамаашро мегӯям... Агар нахезӣ, лозим меояд, ки пеши шоҳ равам, ҳамаро мӯ ба мӯ гӯям... Он гоҳ на ҷони ту раҳойӣ ёбад ва на ҷони ман. Хез. Айём фаро мерасад ва муғбаччаҳойи бодафурӯш кӯзаҳойи шароб дар даст шаҳри кӯҳнаву навро мегарданд: «Шароб! Шароб! Шароби

арғувонӣ!» мегӯянд ва бо ҳамин роҳҳо зари порсиро аз сарбозон вопас мегиранд. Бихез, эй Никомах! Ҷонам ба лаб омад, ман туро куштанӣ набудам. Он дасти Аҳриман буд, ки дасти ману гурзро бардошт... Бихез! Зӯрам нарасад, ки ҷасадатро бардорам! Бехабар мондаам, ки мардак шудайӣ, бузургу гаронвазн ва солор. Ман ҳанӯз ҳам туро кӯдак мепиндоштам, бародари кӯчаки худ. Гумонам ҳанӯз ҳам пуштора мегирам, сабукӣ ва зӯрам мерасад. Зӯрам нарасад ҳам, эҳтироми бузургиамро мекунӣ ва ҳар гоҳ суханам буррад ба ту...»

Гӯйӣ боз аз ғайб ва ё аз забони каси ноаён маслиҳате омад. Вале равшан набуд аз кадом самт. Фир гашту ҷувозак, то дарёбад соҳиби садоро ва ё самташро муайян гардонад, пайдо карданаш осон гардад. Ба назараш аз ин наздикиҳо набувад. Ба тахминаш аз кӯҳи Сӯхта меояд садо:

«Сарашро бигиру ба шоҳ бубар!»

«Шайтон... Нобоб...»

«Чаро ба чунин кор даст задӣ, ки идома намедиҳӣ?»

«Иблис... нобакор...»

«Магар муродат сари бародар ба шоҳ бурдан набуд?»

Кебалин хомӯш бимонд ва ёд овард, ки воқеан муродаш дигар буд: агар бародарро накушта буд, бародар ӯро кушта буд. Ғазаб кард. Аввал ба соҳиби садо ғазаб кард. Тахминӣ шамшер кашид ба ӯ ва баъд ғазаб кард ба бародар, ки ӯро нияти куш карда буд. Ва шамшер ба сар бардошт ва дудаста зад ба гардани бародари мурда. Сари бародар парид. Вале Кебалин намедид, ки аз сару аз тан чӣ гуна ҷудогона хуни ғафси хунукшуда метаровад. Ӯ шояд нигарон буд, ки хуни гарму тез фаввора зада ҷонибаш пош мехӯрад, либосашро лоларанг мегардонад ва шоҳиди якумрайи қотилиаш мешавад. Аммо дар чунин ғояти шаб хуни тираранги монанд ба хуни ҳаромро ҳам намедид.

Ӯ дубора кушт бародарро, ки душмани қаттол чунин накунад. Вале зиёд мулоҳиза накард. Гӯё муродаш чунин буд, ки сар занаду сари найза бардошта тозад сӯйи боргоҳ, то хуни чакони он ист накунад, хушк нашавад. Аммо хуни баста намешориду намечакид аз сари нӯки шамшер. Ва қотил тез гом мезад ва гоҳе метохт, ки зудтар расад. Ба тани бесар нигоҳ накарда ва канор накашида сари бародарро бардошта чунон мерафт, ки бод бардошта мебурда бошад...

Ва ӯро боздоштанд. Дидбони аввали бурҷи дижи Искандарӣ ба шитоб рафтани ӯро дида «Ист!» гуфт, вале қотил ё аз тарс ё аз воҳима наистода тез рафт то дари боргоҳ ва пардадорро дами дарвоза дида бозистод, вале забони сухан надошт, ки чизе гӯяд. Бо чӣ хаёлҳое то ин ҷо омада буд, ки ӯро рост ба назди шоҳ мебаранд ва ҳама андешаҳойи то ин дам аз сар гузаронидаро мегӯяд ба шоҳ. Шоҳ ҳам раҳояш мекунад ва подош медиҳад.

Аммо баробари садойи дидбон ва ӯро боздоштани ҳоҷиб чанд тан пайдо шуда дастгираш карданд ва имкони пурсу посух нашуда ба додхона кашиданд. Аввал аз ишораҳойи ӯ чизе нафаҳмиданд ва пиндоштанд, ки ӯ мақом мекунад. Ва баъд забони ӯ чун гӯши гирифт карда якбора кушода шуд ва гуфт:

— Баройи шоҳ овардам...

Аз таги воқеа огоҳ набуданд, хуб нафаҳмиданд. Ба якдигар нигоҳ карданд, ки чӣ мегӯяд ин «хидматгор».

— Чӣ гуфтӣ? – пурсид сарпос ва ӯ такрор кард:

— Баройи шоҳ овардам...

— Шоҳ фармуда буд?

— Ман бо шумо кор надорам. Маро назди шоҳ баред...

— Шоҳ хуфта, туро напазирад.

— На. Дурӯғ нагӯед. Шоҳ бедор аст. Дар чунин ҳолат шоҳ нахусбад.

— Дар чӣ гуна ҳолат?

— Гуфтам, ки маро назди шоҳ баред... Ман гӯям ҳам, шумо нафаҳмед.

— Зарурате нест назди шоҳ бурдан. Ҳарчӣ мегӯйӣ, бигӯй, мо расонем шоҳро.

— На. Шумо шоҳ наед ва ман чизе нагӯям шуморо.

— Агар чунин мехоҳӣ, сабр бояд бикунӣ то замоне ки шоҳ майли ҷамоли ту кунад...

— На. Дер шавад, ҷасади бародари маро сагҳо хӯранд...

— Ҷасади бародари туро? Магар ин сар...

— Напурс. Чизе нахоҳам гуфт магар шоҳро.

Онҳо боз ба якдигар нигаристанд ва намедонистанд чӣ бикунанд. Маълум буд, ки дӯстони хоса дар ҳузури шоҳанд, вале огаҳ набуданд, ки онҳо чӣ кор мекунанд.

Сарпос дер истоду гӯш андохт паси дар, оромӣ дарёфта, пиндошт дӯстон рафтаанд. Чун аз дарбони пушти дар донист, ки шоҳу дӯстонаш андар толоранд ва то ҳол баҳс доштанд, нохун зад дарро. Садое наомад. Боз нохун зад ва сурфид, ки агар шоҳ бедор бошад аз ин одаташ сарпосро шиносад.

— Бифармо! – садойи паст омад ва сарпос донист, ки табъи шоҳ ноҷӯр аст ва майл ба ҳар касу ҳар чиз надорад. Бо вуҷуди он дарро нимроғ карда сар халонд ва фармуд:

— Пӯзиш аз шоҳ!

Чун шоҳ ин одати сарпосро медонист, ки «пӯзиш»-у «омурзиш»-у «бахшиш»-ро махсус ба кор мебарад, гуфт:

— Бифармо!

Сарпос чизе нагуфта пеш омад ва ба чизе нигоҳ накарда, сар фарогӯши шоҳ оварда ба овози пасту ларзон фаҳмонд:

— Мақдуние сари шамшер сари одам дорад ва «баройи шоҳ овардам» мегӯяд.

Хомӯш монд шоҳ Искандар. Хеле мулоҳиза кард ва бо ҳамон садое, ки сарпос гуфта буд, пурсид:

— Аз куҷо донӣ, ки ӯ мақдунист?

— Аз шевааш...

— Биоваред!

Садойи охирини шоҳро ҳама шуниданд. Сарпос сухани итоаткоронайи аз порсҳо омӯхтаашро гуфт: «Ба чашм!» ва тез рафта, зуд баргашт. Аз паси ӯ ҷавони жӯлидамӯйи дастонаш оғушта ба хун сареро сари шамшер гирифта баландтар аз сари хеш дошта, бо тарсу ҳарос гом мебардошту пой мегузошт ва шубҳае дошт, ки саломат аз боргоҳи хоса бурун ояд. Пештар омад ва сару шамшерро ба шоҳ дароз кард. Вале шоҳ рағбат ба сару шамшер накарда пурсид:

— Ин сари кист?

Шоҳ посух нагирифта, Кебалин каловиду афтид ва сару шамшер париданд аз дасташ. Сар то домани тахт ғелида, хун гиронд мафрашро. Ҳама ба шоҳ нигаристанд, то чӣ фармояд. Шоҳ низ дар шигифт шуд ва китфон дарҳам кашид:

— Мешиносед?

— Ин аз сарбозони пиёдагард бошад... – посух дод Кен.

Искандарро хоби дида ёд омад, ки мӯрон пиёдагонанд. Ва сарпосро фармуд пизишкро пайдо кунад. Сарпос рафту дер омад. Аз табиб низ дарак набуд ва шоҳ ба танг омад. Кен аз ҳаяҷони зиёди шоҳ безобита гашта майи соғар ба рӯяш пошид ва бӯйи тези шароб ба димоғаш расида, ҷунбид ва то омадани Димитриуси табиб чашм кушод. Ва онҳоеро, ки тори сараш истех буданд, аз назар гузаронд, вале чизе гуфта натавонист ва дер чашм дӯхт Искандарро.

— Сари киро овардӣ? – хам шуда пурсид шоҳ.

Кебалин чашм дӯхта буд ба шоҳ ва посух дода наметавонист. Ҳамин қадар тавонист, ки бо ангушт хешро нишон диҳад.

— Сари худат?

Ӯ тасдиқ кард ба ишорайи сар. Ва шоҳ қоматашро рост карда гуфт:

— Девона шудааст.

Ӯ тез-тез миҷа зад, ки девона нашуда, балки ҳушу забони сухан надорад. Ва даст дароз кард, то бардорандаш.

Бардоштанд. Ба дунба нишаста ва пойҳояш дароз буданд. Чашм чаронда чизеро меҷуст. Сари ба пойгоҳи тахт ғелидаро дида, дида бозгирифт ва сар андохт.

— Ин сари кист? – пурсид шоҳ ва ӯ якбора ба забон омад.

— Ни-ко-мах...

Номи шинос буд шоҳро ва чанд муддат аст, ки андар забони фолбинҳо ва дӯстон бувад ин ном.

— Никомах? – тааҷҷуб кард шоҳ.

— Бале, шоҳ! – посух дод Кен ва дигарон тасдиқ намуданд:

— Ҳамон Никомахи овозадор.

Ва Кебалин ҳайрон монд, ки бародараш машҳур будааст, дар борайи ӯ андеша доштаанд ва чаро кушт? Як-як нигарист ба онҳо ва майли хестан кард. Димитриус мадад кард ва ӯ ба по рост шуд. Гом заданӣ буд, аммо мадор надошт ва пойҳояш меларзиданд.

— Тарсидааст. – гуфт ба шоҳ нигариста ва боз ба ӯ зеҳн монда пурсид: — Аз чӣ тарсидӣ?

Кебалин ба сари хунолуди пойгаҳи тахт нигарист ва Димитриус низ сарро дида, хеле ба шамшери хунолуди рӯйи фарш чашм дӯхта, воқеаро хуб надонад ҳам, гуфтаашро бори дигар такрор кард:

— Сахт тарсидааст.

Пас як соғар майро дод, то ошомад. Ӯ бода ба сар кашид ва хеле сукут варзид ва худро пеши пойи шоҳ андохт. Бардоштандаш ва такя ба сутуни толор дода нишонданд. Ва ӯ сархам буд ва дуздида – дуздида ба шоҳ менигарист.

— Гуноҳат кабира? – пурсид шоҳ ва Кебалин ба ишорайи сар тасдиқ кард:

«Кабира.»

— Бигӯй, чӣ ҷурме дорӣ?

— Бародарамро куштам...

— Бародаратро? Ин сари бародари туст?

— Оре, шоҳ...

— Ва чаро куштӣ?

— Ба хотири шоҳ.

— Чӣ-ӣ-ӣ?

— Баройи шоҳ.

— Чаро? Чӣ мурод дорӣ?

— Агар шоҳ имкон диҳанд, дар танҳойӣ гӯям.

Ба имойи бурут ва нигоҳи шоҳ ёрон танҳо гузоштанд онҳоро. Шоҳ нигарон буд, ки ӯ чизе мегӯяд беихтиёр, аммо Кебалин азоб мекашид дар гуфтан. Искандар имдод намуд:

— Хӯш?

— Онҳо маро азоб доданд шоҳ, ки шоҳро қасди куш кунам.

— Киҳо?

— Бародарам Никомах, Лимн ва чанд тани дигар, ки номашонро намедонам...

— Бояд донӣ... Файлотус. Аминта?

— На шоҳ, дурӯғ гуфтан чӣ лозим, ман онҳоро надидаам.

— Ман чӣ бадӣ кардаам ба онҳо, ки маро мекуштаанд?

— Сабабашро нагуфтанд. Аввал кушем, баъд маслиҳат мекунем, гуфтанд.

— Ва ту чаро розӣ нашудӣ?

— Чӣ хел розӣ шавам? Шумо шоҳ, шумо писари Худо.

— Ту аз куҷойӣ, порсӣ?

— На. Ман мақдунӣ ҳастам.

— Шумо-шумо гуфтанро аз куҷо омӯхтӣ?

— Аз эрониён. Маро писанд аст шоҳро чунин эҳтиром кардани онҳо. Ва шумо шоҳи хурд нестед, ки мисли кӯдак ҳама «ту-ту» гӯянд.

Искандар диққат дод, ки Кебалин кушода шуд, ӯро ситойиш карду шерак:

— Ҷавони аҷиб метобӣ. Ба чӣ мурод сари бародаратро гирифтӣ?

— Гуфтам, ки ба хотири шоҳ...

— Ин як тарафи масъала... Лекин бояд боз ягон чиз бошад...

— На. Тарафи дигар надорад. Онҳо мегуфтанд, ки шоҳро нобуд карда зуд ба Мақдуниё баргарданд. Ман мегуфтам, ки шоҳро кушта мо ба ҷое намерасем. Шоҳро нобуд кунем, ҳамаамон нобуд хоҳем шуд. Зеро сиёсати Искандар моро зиндаву пирӯз медорад... Ва онҳо шӯриданду ғазаб карданд, то ҷое ки номи ман «хойин» ва маро душмани хеш донистанд; баногӯшӣ карданд, ки баъди чунин ҳарфҳо набояд ман зинда монам...

Аҷаб омад Искандарро, ки ӯ рост мегӯяд ё мебофад? Душманӣ дорад дар либоси дӯстӣ ё нағма мекунад. Норавшан. Вале аз назари шоҳ Искандар ба ӯ бовар кардан ҳам мумкин, бовар накардан ҳам. Дарозо мулоҳиза кард шоҳ Искандар ва фикре ба сараш зад:

— Чӣ хидмат кунам?

— Ҳеҷ...

— Охир ба хотири ман бародаратро куштӣ. Ҳама чизро пайдо кардан имкон дорад, аммо бародари мурдаро зинда гардонда нашавад.

— Бародари ман одами бад набуд, аммо надонистам, ки чаро якбора бо душманон дӯст шуд. Зидди шоҳ шӯридан хост... Ман ӯро куштанӣ набудам. Ӯ аз ҳад баланд рафт. Ақидаҳоямон рост наомад. Ӯро намедонам нисбати ман чӣ кор мекард. Вале ман напазируфтам, андешаҳойи фиребойи ӯро.

— Хайр, намекуштӣ...

— Ман накушам, ӯ мекушт...

— Гуфтӣ, ки намедонӣ, чӣ андеша дошт?

— Рост. Намедонам чӣ андеша дошт, аммо муомилаву гуфтушунидамон то ҷое мерасид, ки бояд якдигарро бикушем. Вале ман пешдастӣ кардам. Зеро донистам, ки дигарон ӯро дастихуши рӯзгори нохуш карданианд; ҳам ӯро қурбон кунанд ва ҳам маро. Зеро дар вуҷуди Никомах бод афзунтар буд ва ӯ бо саҳл ангеза оташ мегирифт ва метавонист ҳамаро расво гардонад. Дигар ин ки ман ҳамту ба назди шоҳ омада наметавонистам.

— Чаро?

— Намегузоштанд...

— Кӣ?

— Ҳам посбонон, ҳам сӯиқасдчиён.

— Аҷаб.

— Аҷаб метобад. Лекин то назди шоҳ расидан кори осон набувад. Аввалан ман ба ҳар кас ин чизро гуфта наметавонистам, дигар ин ки касе ба суханони ман бовар намекард ва донанд, ки ман ба боргоҳ омаданиам, сӯиқасдчиён ё маро дар нимароҳ дошта чаҳорлахт мефармуданд ва ё...

— Ту ҳанӯз ҳам меларзӣ.

— Охир ин кори шӯхӣ аст? Муқобили шоҳ бархостан, муқобили мамлакат ангехтан нест? Баъд шумо шоҳи як мамлакат нестед...

— Хуб, ту осуда бош, ором бош, ҳамааш нағз хоҳад шуд.

## БАНДИ ПАНҶУМ

Шоҳ Искандар ба Кебалин бовар накард. Дурӯғ донист. Макр пиндошт. Чунон вонамуд, ки ин чизҳо барояш аҳамияте надоранд. Вале чун Кебалинро ба дигар ҷо бурданд, ларзайи тани ӯ ба вуҷуди шоҳ гузашт. Ҳаросид. Намедонист ларзайи андомашро чӣ гуна рафъ гардонад. Оҳиста-оҳиста гом зада бар тахт омад ва нишаста, нақша кашид, то чӣ корҳо кунад. Он қадар фикраш тез кор мекард, ки аз чӣ оғоз кардани корро намедонист. Киро хонаду пурсад, то суханони Кебалин тасдиқ гардад. «Бовар бикун, шоҳ, Кебалин дуруст мегӯяд». Садойи ғайбийи Барзин буд ва шоҳ баргашта нигарист ба дар ва ба дари ҳарам, вале касеро надида, ҳайрон монд. Дер нигарист, ки шояд Барзин дарояд, пайдо нашуд. Боз мулоҳиза кард. Ҳамин лаҳзаҳо Искандар шоҳони дурандешро мемонд, ки ба табиат ё феълу атвори ӯ хосу мос набуд. Ӯро бе ҳеҷ мулоҳиза ва андеша ҳукм баровардан одат шуда буд ва ҳолиё дар борайи душман шудани дӯстонаш андеша дошт. Чанд муддат, ки пайи ҳам аз ин хусус меоранду ӯ мешунавад, дудила мешавад.

Хурӯсон бори саввум фарёд заданд. Дарак аз фаророасийи рӯз медоданд. Аммо шоҳ Искандарро хоб набуд ва намехост рӯз шавад. Зеро ҳоло ба хулосае наомада буд ва намедонист чӣ мешавад.... Ҳамин қадар равшан гашт, ки дӯстон душман будаанд ва илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард. Вай аллакай дар хаёли тезу ҳушу ёдаш чандин бор тарҳу нақша кашид, ки душманонро аз бистари хобашон бардошта биоранд. Вақт имкон намедиҳад. То маслиҳату машварат мекунанд ва то ҳамаро дастгир карда меоранд, ки рӯзи равшан мешавад, миёни лашкару лашкариён овоза гашта, гунаҳкорон пешомади хешро яқин карда ба ҳар сӯ мегурезанд ё чун Никомах нобуд мегарданд; сирру савдо зери парда мемонад. Ларзайи каме бозмонда аз нав хурӯҷ кард. Ба назараш на ӯ, балки тахт меларзид. Ва пиндошт тахт бегона аст. На чуноне ки ӯро ба тахти шаҳри Пеллайи Мақдуниё устувор ва бовар ибахш нишонда буданд. Ҳол он ки ин тахти сохтайи худаш аст. Шояд

айби тахт набошад, балки мулк бегона бувад. Ё аз танҳоӣ. Ӯ ҳоло дарёфт танҳоийашро; на танҳо андар маснаду толор, балки дар зиндагӣ. Инҳо ҳама бегонаанд. Хунашон бегона. Нафаре нест, ки бо Файлақус ҳамхун бошад. «Онҳоро куштан лозим набудааст, инҳоро куштан зарур будааст. Баройи Искандар, ба хотири шоҳ наомадаанд, балки аз пайи суде омадаанд...» Искандар аз дари паҳлӯйи тахт ба хонае гузашт, ки Барзину писараш хуфта буданд. Ба ном хуфта буд Барзин, вале дилу дидааш бедор. Баробари дарро кушода, даромадани шоҳ малика барҷаст аз бистар. Дар торикӣ шӯро намедид. Искандар низ чизеро намедид, ба ҳавойи пой ҷойгаҳ меҷуст. Бӯйи шамъи сӯхта ва хомӯшгашта мерасид ба машомаш. Ва дудааш димоғро хориш медод.

— Шамъро афрӯзам, шоҳ?

— На. Рӯз шуд.

Вале ҳоло рӯз нашуда буд, аз сӯхта хомӯш гардидани шамъ тахмин кард, ки рӯз фаро расида. Ва шоҳ на майли хоб, балки майли ҳавойи тоза дошт.

— Шоҳ бояд бихусбад, ки кораш сангин буд.

— Аз куҷо донистӣ, Барзин?

— Аз сари буридайи Никомах.

— Гӯш додӣ?

— На. Гӯш надодаам, медонистам.

— Чиро медонистӣ?

— Овардани бародар сари бародарро.

Саҳл монда буд, ки фарёд занад шоҳ. Аммо фарқ накард, ки аз кадом ҷиҳат фарёд занад; аз он ки Барзин ҳамаро пешакӣ медонаду дуруст мегӯяд ё аз он ки дунбола гирифта, ҳамаро огоҳ мегардад. Ва аммо на ин гуфту на он, балки худро дар паҳлӯйи бистари писар андохт ва чизе маслиҳат накарда, хобаш бурд.

... Лошахӯрони дербоз гумшудайи фазо аз нав пайдо гаштанд дар чархи баланд ва ғаши ӯро оварда чувозак мегаштанд; қасдан сангосо ҷониби шоҳ фурӯ омада, меҳаросондандаш ва боз бодсурат боло мешуданд. Ва ин дафъа турнаосо қатор гашта, ҳуҷум меоварданд ва ташвиши ӯро меафзуданд. Ӯ кишк мегуфту сари хешро ҳимоя мекард ва дудаста чашмонашро медошт, то нӯл назананд. Зеро минқори каҷи онҳо шастосо чашмро аз сар мекашид чунон ки моҳӣ аз дарё. Вале сарбозони тирандоз аз пари лошахӯрон тир сохта, бар онҳо андохтанд ва мурғони баднамо тарсида паси диж хам хӯрданд ва баъди андаке вақт як мурдайи бесарро бардошта паси кӯҳҳо гузарониданд ва Кебалин тозон назди шоҳ омада зорӣ мекард, ки аз чанги он нобакорон раҳо кунад бародарашро.

— Ба чӣ кор ояд он тани бесар? – пурсид шоҳ.

— Сараш дар дасти ман аст, тан лозим, – посух дод бародар.

— Чаро куштӣ, агар ки гиристанӣ будӣ?

— Барои шоҳ, ба хотири шоҳ, ки ӯ зинда хоҳад монд...

«Дурӯғ! Дурӯғ! Дурӯғ!...»

— Чӣ дурӯғ? – ӯро бедор пиндошта сари зону нишаста пурсид Барзин, аммо посухе нашунида донист, ки хоб мебинад шоҳ.

Ва шоҳ хоб медид: набард дошт бо лошахӯрон, морон ва шағолон. Танҳо як гурги бӯр фӯк сӯйи осмон, гардан аз ҳад зиёд ёзонда, зуза мекашид ва лошахӯронро гирд оварда, ҷувозак мегардонд. Шоҳро намуд, ки созиш мекунанд ҷонварон, вале равшан намешавад натиҷаи корашон.

Кӯҳе, ки моҳе пеш оташ зада буд, таркид. Шахи азим порапора пош хӯрд андар фазо ва ба сари лашкар рехт. Ҳама сӯйи диж тохта, зери бомҳо паноҳ бурданд. Сангрезаҳо жолаосо бориданд бар диж ва қариб ҳар санг як лошахӯрро сарзер овард ва андар сафҳайи офоқ ҷуз хуршеди азими тобанда чизе боқӣ намонд. Диж ҳам тобанда буд чун Ҷамдиж. Кунгураву бурҷу бораҳойи он дурахш дошт ва Искандарро ситойиш мекарданд барои кохи бунёдкардааш.

Ва андар сари шахи сӯхта, ки оне пеш таркида буд, як дуди сиёҳи ноҷунбон монанд ба дарахти азим боқӣ монд ва зӯри боде намерасид, ки онро пароканда гардонад. Шоҳ дер нигарист ба он абри сиёҳ ва ҳайрон буд, ки чаро чунин шуд. Пасон ҷӯшид меғи сиёҳ, қатрон гашт ва борид. Танҳо дар сари шахи сӯхта борид ва шахи сиёҳу сӯхтаро қатронӣ гардонд. Сипас ҳама ҷо осуда шуд. Ҳаво беғубор гашт ва нафаси тоза дамид. Вале лашкари андаке пеш дар диж ҷой гирифта берун омад ва ғалмағалу давутоз зиёд шуд. Як-як сипоҳиёнро даст пушт тоб дода мебурданд, мекӯфтанд, сарашро ба зӯрӣ хам мекарданд. Шоҳ диққат медод, то шиносад, бегона метофтанд. Танҳо Файлотусро шинохт. Як малламӯйиро ба Лимни Димн монанд мекард. Аминта даст ба сари сина монда зорӣ мекард, ки гуноҳе надорад; шармандааш накунанд. «Шоҳ нафаҳмад, шоҳ!» садояш меомад. Аммо шоҳ ҳамаро медид.

«Гурехт! Гурехт!»

Садоҳо омад. Ҳарчанд шоҳ нигарист, ки бинад гурезаро, касе ба чашмаш нанамуд. Вале давуғеҷ, таҳлука ва дородору гурезогурез зиёд буд. Яке аз миёни издиҳоми шӯрида фавворае баланд шуд. Сурх буд фаввора ва чашми офтобро сурх кард. Фарохтар чашм кушода, нигарист шоҳ ва фавворайи хунро дид...

Шоҳ бедор шуд. Офтоби нимрӯзӣ хонаро равшан мекард. Садойи рӯдаки паси диж меомад. Дигар ҳеҷ чиз набуд; на зану фарзанд, на давутозҳо, на таҳлука, на ташвиш... Ҳама ҷо ором. Ва ӯ ба андеша рафт, ки ин ҳама чӣ буд? Ҳамин қадарро медонист, ки хун – рӯшнойӣ. Боқӣ ҳама он чизҳоро дид, ки дар бедорӣ ё дида буд ва ё аз сар гузаронида буд.

«Онҳо куҷо шуданд?» шарикон ва зану фарзанд ва Кебалини бародаркушро дар назар дошта, аз худ пурсид шоҳ Искандар ва

бархоста сӯйи ташноб нарафта аввал ба толори пазиро даромад, ки шояд нигаронаш бошанд. Аммо касе набуд он ҷо. Каф ба ҳам зад. Ҳоҷиб дарро кушода ба хидмат истод ва пиндошт, шоҳ ношто хоҳад. Вале хомӯш истодани султони Шарқро дида, низ сокит монд, танҳо чашмонаш мепурсиданд, ки чӣ хидмат кунад.

— Онҳо куҷо шуданд? – ҳамон пурси аз дил гузарондаашро гуфт шоҳ.

— Онҳо сар мешинонанд, шоҳам. – таъзими шарқиёна кард ҳоҷиб.

Искандар ҳолати ӯро дида, аҷаб кард ва пурсид:

— Шумо ҳама машриқӣ шудаед, суханатон шарқиёна, сарандозиатон низ.

— Шоҳ чӣ гуна, раъоё – намуна.

— Мазмуни сухани туро нафаҳмидам, ҳоҷиб; онҳо чӣ гуна сар мешинонанд?

— Ҳо, бале, шоҳ... Онҳо сар мешинонанд. Сари Никомахро, ки бародараш бурида буд...

— Мешинонанд, ки сабзад?

— На, шоҳ. Сарро ба тан медӯзанд.

— Пас чӣ шавад? Зинда шавад?

— На шоҳ. Қолаб рост шавад ва ҷасади ӯро ба Мақдуниё фиристанд...

— Ҳа-а-а... пиндоштам, аз нав зинда гардонанд... Ҳоҷиб!

— Лаббай, шоҳ!

— Бигӯй, ба падару модари Никомах нависанд, ки писаратон аз дасти шоҳ ва ё душманони ӯ кушта нашудааст, балки бародараш Кебалин сари ӯро буридааст... Ҳа, аввал куштааст ва баъд сарашро аз тан ҷудо кардааст...

— Албатта, шоҳ...

— Бирав! На! Биист!... Ҳама донанд маросими онҳоро?

— На, шоҳ. Танҳо чанд тан...

— Ҳатто бародараш надонад!

— Ба чашм.

— Кратерро бигӯй!

— Ба чашм.

Ва дере нагузашта Кратер пайдо шуд. Шоҳро миёнайи толор дида, тааҷҷуб кард. Шоҳ баргашта сӯйи ӯ нигарист ва пурсид:

— Чӣ амалиёт мегузаронед?

— Ҳеҷ амалиёте набошад, шоҳ.

— Гӯянд, ки сар ба тан медӯзед?

— Нозирон пайдо кардаанд андар канори рӯд тани бесарро. Ва мо сарро аз толор бурдем, то сар танро бишносад.

— Ва шинохт?

— Оре, шоҳ... – заҳрхандайи шоҳро сарфаҳм нарафта, посух дод Кратер. Шоҳ хандид. Кратер ҳайрон монд. Искандар қиёфа ҷиддӣ кард ва гуфт:

— Ман ин дунёро оддӣ пиндошта будам, Кратер. Дунёйи бӯқаламун будааст. Чунон ки як кас гӯяду ҳама гӯш диҳанд ва итоат кунанд, мушоҳида нашуд. Балки мушоҳида шуд, ки шал хешро аз марди хушпой бидавтар донад; кӯр худро аз бобасир бинотар хонад; аблаҳ хешро аз оқилон донотар гирад ва нашуд фаҳмидан, ки ин чӣ гардунест, ки натвонад ҳар киро ба ҷояш нишондан.

— Дунё чунин офарида шудааст, шоҳ. Ва агар дигаргуна мебуд чун дунёйи мурдагон, шояд эътиборе надошт ва касе баройи он талош накарда буд.

— Шояд, Кратер. Лекин ман шоҳам! Дунё зери дасти ман аст! Ҳар чӣ хоҳам, он шавад.

— Оре, шоҳ!

— Оре, шоҳ... – талха дод Искандар Кратерро, ки забонат дигару дилат дигар ва афзуд: — Чӣ сипаҳсолору чӣ сипоҳ, ки ба сухани шоҳ гӯш надиҳад? Онҳо фарҷоми ин чизро андеша мекунанд ё на? Қиссайи сарнавиштсози шоҳи Порс магар дарс нест, ки оқибати саркашиҳо, ҷоҳталабиҳо то куҷо расонд? Магар сипоҳи Порс фанопазир буд?

— На, шоҳ, чунон набуд, аммо шоҳ Искандар ва лашкари мақдуниву юнонӣ яктан буд...

— Ва ҳоло чаро мисли мурдайи Никомах сар ҷудову тан ҷудо метобад?.. Ягон бор аз ин хусус андеша кардӣ?!

— Шоҳ...

— На... Ягон бор андеша кардӣ?

— Магар андеша накардан имкон дорад?

— На-на... Дум наликкон... Ягон бор андеша кардӣ?

— Агар андеша накунам, ҳамроҳи шоҳи ҷаҳон мегардам?

— Пас чаро ихтилоф афтода миёни сипоҳи Искандар?

— Ихтилоф на. Кӯтаҳиҳо... нофаҳмиҳо...

— Ту ин чизро чунин шарҳ медиҳӣ? Шунидӣ, Кебалин чӣ гуфт?

— Он чӣ дар назди шоҳ гуфт, онро шунидам...

— Медонам, ки онро шунидӣ... дигар чизе надонӣ... Сипаҳсолор огоҳ набошад аз вазъи сипоҳ. Бино ба гуфтайи раммолон ва овардаҳойи Кебалин ҳама нодӯст шудаанд шоҳро... Ҳатто Аминта, ҳатто Кратер, ҳатто худи Искандар...

Аз шунидани чунин ҳарф Кратер пас-пас рафт ва хешро волаву ҳайрон вонамуд карда, ларзид ва артистона даст пеш ёзида, пурсид:

— Ва шоҳ бовар дорад?

— Чӣ ҷойи андеша ва пурсиш, ки бародар сари бародарро биоварад, ки дӯст буд шоҳро, душман шуд? Ва сипаҳсолор ҷойи гурез дорад ё хешро нодида, ношунида мегирад?

— Ман ба он бародар чизе гуфта наметавонам ва ҳанӯз таги дили ӯро намедонам... Аммо аз он ки Кратер ё худи Искандар ба шоҳи мақдунӣ душман шуда бошад, ҳазм карда наметавонам.

— Ҳамин тавр... Оварданд...

— Дидану донистан лозим, ки кӣ оварда. Агар Искандарро ба Искандар душман хонанд, магар Кратерро монанд? Ин чизи дигар ва шоҳ бояд миёни чизҳо фарқ гузоранд. Онҳо сахтгириҳойи шоҳро ситам пиндоранд ва идомайи юриши ӯро фанойи сипоҳ гуморанд. Аз ин рӯ овозаҳо кунанд, ки сипоҳ зинда барнагардад ба Мақдуниёву Юнон... Овоза бар он аст, ки шоҳ Искандар вогардад ва сипоҳиён ба дидори ёру ошно бирасанд... сабаби дигарро ман надидам. Ва ин чиз баҳона шуда, баъзе шоҳталабонро ва ҷоҳталабонро...

— Инро ман донам, Кратер... Тааҷҷуби ман бар он аст, ки чӣ гуна шуд чунин? Чаро мо роҳ додем?

— Бовар кардем...

— Пиндоштем ҳама Искандаранд... Ва онҳо хаёл карданд, ҳама Искандар шаванд... На-а-а!!! Искандар як-то! Ва Искандар мисли онҳо хаёли хом накунад! Агар ту дӯстӣ, биовар! Ҳамаашро биовар. Дастбаста ва пошикаста биовар, то рӯ ба рӯйи лашкари мақдунӣ ва юнонӣ ба забони ҳол бигӯянд, ки чӣ мехоҳанд. Биовар...

— Ба чашм...

— Биист! Ҳоло на. Ҳамаро безобита мегардонӣ. Мо бояд нақша кашем...

Ва онҳо нақша кашиданд...

Бибояд шабохун зананд. Аз рӯйи фармуди шоҳ бояд Файлотус, Аминта, Иоллай, Никонор ва чанде аз ҷондорони ӯро биоваранд. Вале чун Кратер бурун рафт, ки бо дӯстонаш тадбир андешад, шоҳ Искандар базми айш орост. Гӯё дар олам ҷунбиши мӯре нест. Кебалин бародарро сар наоварда ба ӯ; гӯё касе сӯйиқасд надорад; дурӯғ, ки дӯстон нодӯст шуда бошанд. Рӯдҳо ба маҷройи аввал ҷорианд, касе роҳи онҳоро дигар накардааст... Ҳанӯз ҳам ӯро дар ҳама мулки бегона чун султони кишвари хеш бо нону намак пазиройӣ мекунанд.

Шоҳ Искандар ғайри чашмдошт базмро аз нимарӯз сар кард, ки одати ӯ набуд. Одатан рӯз дам мегирифт, шаб кор мекард ва ин амалаш ба хотири чӣ буд, касе намедонист. Ба ҳар ҳол базми имрӯза аз базмҳойи дигар тафовут дошт: баъзе сарфавҷҳову дӯстон ва сарбозон карахт менамуданд; чандон майли базму ҳаваси рақсу бозӣ ва бодапаймойӣ надоштанд. Гумон мерафт, ки онон низ ба раммолон фол намуда, чун Искандар пешомади корро дониста бошанд.

«Рақси гетерҳоро пазмон шудам. Онҳо дербоз арғушт нарафтаанд.»

Баҳона овард Искандар ва базмро оғоз бахшид. Ҳарчанд Тойис карашма дошт ва нозу адо, дилаш гирифта буд ва он гирифт ба рӯй мезад. Эрис карахти карахт буд ва ба Файлотус наздик намешуд. Биталомус паҳлӯйи маснади шоҳ буд ва Иоллайи пури Антипатр ҳамчунон бодагусор. Ва Искандар худро сархуш гирифта ба рафторҳойи косагул диққат медод, аммо чизе мушоҳида карда наметавонист ва ё Иоллай огоҳ аз асрор гашта буд, ки ҷуз соғарҳоро бода рехтан ва ситойиши шоҳ кори дигаре надошт. Базм чун базмҳойи пешин буд ва шароби арғувонийи нав аз Юнон расидаро ҳаммонанди об мерехтанду ҷомҳо ба сар мекашиданд ва Иоллайи шеърдон Искандарро то шоҳи кабиру шоҳаншоҳӣ, писари худоёни Ғарбу Шарқ ва лашкаркаши бузург ва ягона писари монанд ба падар ситойиш мекард ва аҳён-аҳён ёд меовард, ки дӯсти наздики падари ӯ Антипатри нигаҳбони Мақдуниё низ ҳаст. Аммо шоҳ Искандар ки бештар аз ин ситойишҳоро шунида буд, чандон эътиборе ба суханони ӯ намедиҳад ва рӯ ба Пердиккаси бодахор меорад ва ба Биталомуси пилзӯр, ки бода хӯранд. Аммо Кратер навбатдор метобад ва давр мегардаду убур мекунад миёни базмиёнро, то шоҳро тобад, ки касонро меҷӯяд.

Файлотус гӯё чизе пай намебарад; ҳамчунон бода мехӯраду арғушт меравад ва намехоҳад, ки Эрис бо мардони дигар рақс кунад. Аминта низ чизе ҳувайдо намесозад дар андому чеҳрааш ва гирди маснади сайёри шоҳ мегардад ва баъзан бо кафи даст пеши биниашро бод медиҳад, ки толори тарабхона ғализу бадбӯй гашта. Ва баъзан гарданак мезанад ва ҳар замон ангушт ба нӯки бинӣ мерасонад, ки аломати ташвиши зиёд ва парешонийи ӯст. Дар нӯки биниаш як рихинаки сурх дорад ва ҳар замон ҷӯраҳояш ҳазл мекунанд, ки аломати сӯзок шудани мард аст ва ӯ гарданак зада аз назди онҳо дур мешавад ва ё тадбире меандешад, ки аз ин хусус баҳс накунад: «ҳа-ҳа-ҳа!» хандайи хунук мекунад, вале аз мағзи сараш дигар андешаҳо мегузарад ва ҳамайи ҷӯраҳоро аблаҳ мехонад. Дар асл чора меҷӯяд, то хешро мусичайи бегуноҳ вонамуд созад ва ё мушкилоте пеш омада бошад, аз об хушк бароyад.

Лимни Димн ҳамаро мушоҳида мекунад ва бештар ба Файлотус, Аминта ва бародарони хеш менигарад. Никомах ва бародари ӯ Кебалинро меҷӯяд, аммо намебинад. Аз касе пурсида ҳам наметавонад. Баъзан-баъзан ба Аминта нигариста китф дарҳам мекашад, ки «нест», аммо гуфта наметавонад. Медонад, ки ҳар кас ҳазор чашм дорад. Ва бештар ба баҳонайи рақс гирди тахт мегардад, шоҳро таъзим мекунад ва ёрони гирди маснадро дандон менамояд ва дуздида-дуздида ба рафторҳойи Иоллай менигарад, ки аз дасташ чизе меояд ё на.

«Поянда бод Мақдуниё!»

Садойи шоҳ Искандар баланд мешавад ва дигарон баробар такрор мекунанд ин ҳарфро ва ҷомҳойи бода болотар аз сарҳо мегарданд ва дасти Биталомус баробари дасти шоҳ, ки бар тахт ба по шуда соғар ба сақф рост мекунад. Ва садойи чакочаки ҷомҳо мебарояд ва овози дигар меояд:

«Поянда бод Юнон!»

Садоҳо ба сақфи пасти толор бархӯрда, зуд хомӯш мегарданд ва Искандар пай мебарад, ки ин толор баройи базм нест. Шукӯҳ ва ғулғулафканӣ надорад. Вале баройи зери назар гирифтани дӯсту душман мувофиқ аст; камсутун.

Ва чашмони Лимн боз онеро меҷӯянд, ки бештаринҳо дида барнамедоранд аз ӯ. Александри Линкестидиро меҷӯяд Лимн, ки зери назари нозирони шоҳ аст ва гумонбаранд, ки қасди дерсола дорад ба шоҳ ва ӯ метавонад балвою исён барангезад. Аммо Александри ашрофзода миёни дӯсту душман сар баланд медорад ва исрор намекунад, ки сари ду бародарро ба хотири шоҳи ҷавон оварда. Ҳарчанд пушаймон аст аз карда. Касеро чизе намегӯяд ва кина дар дил дорад, ки шоҳи шахгардан қадршинос набувад ва ӯро хидмат кардан худкуширо баробар бошад.

Ромишгарон ноогоҳ аз нақшаҳойи шоҳу баъзе дӯстонаш ҳамчунон нағма мекунанд ва баробари арғушти гетерҳо сару гардан меҷунбонанд ва баъзе миёну кавора. Нохуш мерақсанд гетерҳойи юнонӣ ва раққосаҳойи бобулӣ ва дӯшизаҳойи мисрӣ аз суст омадани гетерҳо хешро ҳунарманд пиндошта, ҳамроҳи сарбозони ба хонадорӣ паймонкарда хуб арғушт мераванд. Вале ин чизҳо шоҳро аҳамияте надорад ва шароби ошомида намедонад куҷо меравад. Танҳо Кратер медонад, ки аз дилу мағзи шоҳ чӣ мегузарад.

Ҳамчунон Иоллай шоҳ Искандару лашкари бефанойи ӯро ситойиш мекунад, Пердиккас бефиреб бода мехӯрад, Биталомус ҷом ба сақф мебардораду садо баланд мекунад, ки аз пилзӯрийи шоҳзодайи мисрӣ огоҳ бошанд. Ҳар кас вазифа дорад; ҳатто ширинкороне, ки ба таври худ дар тамоми давраҳо сарбозони камхираду сабуксорро гирифтори рафтору хушгӯйиҳойи хеш мегардонанд, имрӯз барномаашонро дигар кардаанд. Чанд масхарабози ниқобпӯш, сарҳойи бурида дар бағал, назди тахти шоҳӣ меоянд ва ба шоҳи порсипӯш рӯ оварда, сари суҷуд меандозанд ва баробари садо кардани мусиқӣ сарҳоро ба даст гирифта, ба рақс медароянд ва овозхонӣ мекунанд:

*«Бародарам, баробарам, сари дар сарам.*
*Гуфтам, ки сар барам, гуфтам, ки зар харам.*
*Бӯйи умед нест аз ёри сархарам,*
*Беҳуда сар задам сари бародарам...»*

Ва механдад шоҳи ба намуд порсӣ ва бадра меандозад сӯйи сардори масхарабозон, вале зархалтаро дошта натавониста ва ё хуши доштан накарда, ба замин меафтонад ва сари дасти шарикро гирифта, ба шоҳ меёзад ва гиряолуд мегӯяд:

«Сари бародарони худам, шоҳ...»

Шоҳ: Туро чӣ зарурате пеш омад, ки ба ин бераҳмӣ сари бародарони зойидаро ба боргоҳ овардӣ?

Масхарабоз: Зарурате набуд... Ҳамааш ба хотири шоҳам. Шумо ваъда карда будед, ки маро ба ҷойи сипаҳсолори кӯрнамак сипаҳсолор таъйин хоҳед кард..

Шоҳ: Ман? Ваъда?

Масхарабоз: На-на! На ваъда... Балки ман чунин гумон карда будам...

Шоҳ: Гумон карда будӣ?

Масхарабоз: Бале, шоҳам. Гумон карда будам, ки шоҳ чунин амалиёти бузурги маро мисли корномаҳойи Геракл қадр мекунанд ва маро озодӣ мебахшанд...

Шоҳ: Озодӣ? Чӣ гуна озодӣ?!

Масхарабоз: На-на! На маро озодӣ... Гераклро озодӣ. Он Гераклро, ки мисли ман ақл бохта зану фарзандашро кушта, аз ҷониби шоҳи мамлакат ба ҷазираҳойи самти Ҷануб бадарға шуда буд.

Шоҳ: Масхарабозиатро мон! Ман ба оне ки зану фарзанд ё бародар кушта бошад, ҳеҷ гоҳ раҳм накунам, балки ҷазояш диҳам. Ҷаллод! Қирёс!!!

Ва сарҷаллод Қирёс, ки саропояш олоту афзори куш аст, дар пояйи тахт масхарабозро медорад ва ду сари бародарро бар китфони ӯ дошта тани сесараро пеш андохта, мебарад...

Ба худ меоянд, ки ҳама аз ҳаракат рафтор ва гуфтор монда, садойи мусиқӣ хомӯш гашта, ҳушу ёд ба саҳнайи кӯтоҳи масхарабозон додаанд ва туздида-дуздида ба шоҳ Искандар менигаранд, ки чӣ мегӯяд. Вале рафтор ва ё ҳаракатҳойи ӯро то охир мушоҳида накарда, дар он ҷое ки масхарабозон тахти амонат сохта буданд, ҳанӯз тахтро хидматгорон набардошта, шахсе пайдо мегардад ва бо овози баланд дод мезанад:

«Дар ягон замоне шоҳ ба раият хидмат накардааст, балки чун шуллук хуни мардумро макидааст!»

Чун ӯ низ дар рӯй ниқоб дошт, ҳама пиндоштанд идомайи намойиш аст. Аммо шоҳ Искандар безобита шуд. Сӯйи ниқобпӯш нигарист ва дид, ки ханҷар дорад ва онро бозӣ медорад. Чун тамошобинон аз кирдори ӯ огоҳ набуданд, хаёл доштанд, ки ханҷар ба касе мезанад. Вале ӯ сухан мекард:

«Бовар накунед! Ба шоҳон бовар накунед! Ҳоло таърих чунин шоҳро назойидаст, ки ба мардум хидмат кунад! Ва умедвор ҳам нашавед, чашмдор ҳам набошед!.. Ман рост мегӯям!..»

Ва ҷунбиш ба миён омад. Ҳама безобита гаштанд, ки ин чӣ нағма? Рӯ ба шоҳ Искандар оварданд. Ҳайрон. Касе чизе намедонад, ки ин саҳнаи омода сохтаи ширинкорон аст ва ё касе аз саҳнаи онҳо истифода мебарад. Чунон хомӯшӣ ба миён омад, ки шоҳ Искандар хешро гум кард ва нигарон буд, ки чаро ҷаллод амал намекунад. Ҳарфи он шоҳи сохтаро гӯш дода пеш омад, он қотили бародаркушро дошта, ҳамроҳи сарони буридааш бурд, аммо ба ин ошӯбгар чизе намегӯяд. Якбора фарёд зад, ки касе чашм надошт:

«Масхарабозӣ ҳам ҳад дорад! Кӣ ба шумо ҳақ дод, ки шоҳро мазоҳ кунед?! Ҷаллод!»

Ва ҷаллод пайдо шуд сархуш. Рост наздики тахти шоҳ омад. Шоҳ Искандар ҳарфе нагуфт, имойи бурут кард.

Сарҷаллод Қирёс чунон ки ҷиддӣ сар баланд дошта наздики тахт омада буд, ба пошнаи пойи чапу нӯки пойи рост ним давр гашт ба чап ва якрост ҷониби масхарабози ниқобпӯш рафт. Ниқобпӯш аз омадани ҷаллод биму ибо накарда, ҳамчунон теғ бозӣ доронда, неши он гоҳ сӯйи аҳли тарабхона рост мекард, гоҳ ба сари синаи хеш медошт.

«Наё!»

Таъкид ҷаллодро буд. Вале ҷаллоди сархуш меғуррид:

«Ту бозӣ бо кӣ кунӣ, масхарабоз?!»

«Агар сер аз ҷон шудайӣ, биё!»

Чун ҷаллод мисли каллабури саҳнаи ширинкорон чорафзор набуд, шамшери паҳлӯйи чап кашол кардаро аз наём кашид ва беҳушона шав-шув ба чапу рост ронд. Аҳли толор, ки аз ҳар тойифаи лашкару корвони мақдуниву юнонӣ буданд, худро пас кашиданд, то сари шамшер нахӯранд. Гетерҳо дар пушти ёрони базм пинҳон гашта, аз паҳлӯ ба ниқобпӯшу ҷаллод менигаристанд, то муборизаи онҳо бо чӣ анҷомад.

«Кистӣ? Рӯй намо, то бенишон наравӣ!» – таъкид кард ҷаллод.

«Ин манам... Бенишон наям... Ту – хунхори хуношом эҳтиёт бош ва биталаб аз онҳое, ки беҳуда хунашон рехтайӣ, аз гуноҳат гузаранд. Ниёйиш бикун ба руҳи онон, пӯзиш бипурс аз онҳое, ки беҳуда ситам кардайӣ...»

«Ҳаҳ-ҳа-ҳа... Бузро ғами ҷону қассобро орзуйи чарбу. Туро чиву маро андарз гуфтан чӣ?»

Бо ғазаб шамшер ба ҳаво ронд ва боз тамошобинони мабҳут пас-пас рафтанд аз ғами ҷони хеш. Ва ба гӯши ҷаллод садо омад:

«Зинда бигир!»

Вале ду теғи нобаробар – шамшеру дашна рӯёрӯ омада буданд ва касе намедонист кадоме пирӯз мегардад. Медонистанд, ки пархош кори ҷаллод набувад ва Қирёс аз он ҷангиён набошад, балки

шикам бузург карда буд ва аллакай ҳишша гирифта, нафасаш тангӣ мекард. Баръакс дашнабадаст кашидашикам ва барбаста метофт ва чашмонаш аз ҳадақаи ниқоб зинда, шӯрида ва теғкашида менамуд. Ҳайрати ҷаллодро меафзуд:

«Кистӣ? Бигӯй, то бенишон наравӣ...» – аз хиҷолат ё аз тарс оҳиста такрор кард ҷаллод. Ниқобпӯш миёни лабу дандон чизе гуфт ба дашном, аммо ҷаллод нашунид. Ва баландтар афзуд:

«Бенишон туйӣ ва шӯрбахт туйӣ, ки Коллисфен ҷуз теғу панҷаи хунинат чизеро тасвир карда наметавонад. Сурати рӯсиёҳат дар саҳифаҳо нақш шудаанд.»

«Шинохтамат... Аз овозат шинохтам ту рӯсабиро. Дигар раҳойӣ надорӣ аз чанги аҷал. Хуношомиро инак хоҳӣ дид. Вазифаи ман ин аст. Барои ҳамин ба дунё омадаам, ки ту барин гаргинҳоро[1] аз миён бардорам, замону маконро аз шумо нопокон тамиз кунам.»

«Магар ман низ чунин нагуфтам, ки дасти ту мудом оғишта ба хун бошад?»

«Ай, рӯсабӣ! Ман ки аз пеши худ сар нагирам касеро. Ман ҳукм ба ҷо орам. Ва беҷурмтар аз ҳама ман бошам, ки ба нияти бад касеро накуштаам. Ва ҳолиё бо амри шоҳ ба майдон омадам, то сари ту бубарам ба ӯ.»

«На, ту натавонӣ ин корро кардан. Сар буридану сар бурдан аз дасти ман ояд. Ва ин корро ба ифтихори шоҳи оламгир ман кардаам. Хуб буд, агар ин ишора маро мекард шоҳ, то сари ту бубарам. Ҳолиё бирав ва бипурс, ки ба ивази сари ман шоҳ чӣ диҳад туро? Ва ман даҳчанди он диҳам туро.»

«Ту шаккок ва кӯрнамак кистӣ, ки чунин беҳурматӣ кунӣ шоҳро? Магар натарсӣ, ки шоҳ Искандар гуноҳи кабираро биомурзад, агар дилаш нарм бошад ва баръакс гуноҳи сағираро набахшад, агар сангдил бошад. Ту магар надонӣ шоҳи моро?»

«Хубтар аз ту донам... вале ҳоло мавриди чунин гуфтор нест, балки ӯ нигарон бувад сари хунолудро. Ва ту ҷаллодӣ. Чашмдорӣ подоши шоҳиро.»

«Сар гирифтан касби ман аст ва барои он подоше чашмдор нестам.»

«На-на! Бирав, бипурс... ва гар нафаҳмид, бифаҳмон, ки сари асилзода қимате беш дорад, ки ганҷи хазинаи шоҳийи Мақдуниё нарасад.»

«Худ бирав, ин таъна шоҳи мақдуниро бигӯй, то чӣ кайфар барӣ...»

«Кайфар насиби туст, ҷаллод! Ва ту нони хунин хӯрдайӣ. Мани асилзода нозгунҷу нозпарвард будам ва ба касе дасти ниёз пеш набурдаам...»

1. Гаргин – моли кӯтур, хоришакдор ва таги қӯтан монда.

Ва суст шуданд ҳарду. Вале гирд мегаштанд чун мурғони ҷангӣ бол кашол кардаву ён дода. Ва гӯйӣ ба зӯри нигоҳ мағлуб сохтанӣ буданд якдигарро.

«Рух бинамо, то бенишон наравӣ.» – такрор кард Ҷаллод.

Ҳамагон хомӯш буданд ва нигарон ба ҷанги хурӯсонайи ду тан. Одатан ба тамошойи тан ба тани сагон, хурӯсон ва буққаҳо шавқманд буданд ва онро бозӣ мепиндоштанд, ки яке дигареро то гурезонидан ва ё то куштан зӯрӣ мекард. Ин замон вазъу ваҷоҳат ва майдондорийи ҷаллод ва як тани ноошно зиёд мароқангез буд ва тамошобинон ҳам пархош диданӣ буданд, пирӯзро донистан мехостанд ва ҳам ниқобпӯшро шинохтан.

Бештар шоҳ Искандар ҳайрон буд, ки ин ниқобкашидайи шуҷоъ кист, ки ба унвону номи шоҳ сақат мегӯяд ва бо дашна муқобили шамшери ҷаллод меистад?

«Бигиред!»

Фармони шоҳ буд. Аммо касе ҳаракат надошт баройи ӯро гирифтан. Карахт буданд. Ниқобпӯш низ сокит монд ва илоҷе наёфта, батамкин ниқоб аз рӯй бардошт ва фармуд:

— Ин манам... Александри Линкестидӣ. Он сарҳое, ки шумо дар бағал гирифтаед, сарони ду бародарони ман бувад. Ман сар гирифтам онҳоро. Ва шумо имрӯз онро намойиш медиҳед, масхарабозон, ки аз дасти шумо сарбурӣ меомада бошад. На-а-а! Шуморо ба масхарабозӣ монанд. Аз дасти шумо бало наояд. Ва шумо аз тарси он ки шоҳ пӯстатон надаронад, мегӯед, ки ӯ сипаҳсолорӣро ваъда карду надод. Дурӯғ! Тӯҳмат назанед! Ман аз шоҳ чизе талаб накардаам! Ва шоҳ маро чизе ваъда надодааст. Эҳтиёҷ ҳам нест. Ман шоҳро гуфтам, ки ба ифтихори шоҳи ҷавон ин корро кардам. Вале ҳолиё мегӯям, ки ба хотири Мақдуниё буд сар гирифтанҳойи ман. Ман гумон надоштам, ки Мақдуниёйи азиз аз ёдҳо меравад ва мо дар оворагиҳо чун гадо мурда меравем; ифтихор аз мулки бегона мекунем; ва мешавад, ки чун мани бехирад, боз бародарон сари бародарони хеш меоранд ва ба чашми шоҳу «дӯстон» менамоянд, то биандешанд аз фарҷоми кор. Худкушиву бародаркушӣ то куҷо расонад моро?

Ноором гашт давра. Шоҳ Искандар хашм гирифта буд. Оташангезон ба оташи ғазаби шоҳ равған рехтанӣ шуда сина медамониданд ва сӯйи ҷаллод фарёд мезаданд:

— Бизан!

— Шамшер дорӣ, нобакор, биандоз!

— Дунимаш бикун!

— Он кӯрнамаки бародаркушро сар бизан!

— Оне, ки сари бародар ба хушомад оварда, магар ба касе некӣ кунад?!

— Гардан бизан, ҷаллод!!!

Ва беҳуда менамуд ин ҳама садову фарёдҳо. Касе ҷуръати ба майдон даромадан надошт, балки нигарон буданд, ки ба чӣ анҷомад ин хурӯсҷанг. Ҷаллоди фахӯлро араќи тарс пахш карда буд ва ҳар замон шамшер ба ҳаво меронд, ки тани гарм дорад, вале пеш намерафт. Ҳариф ханҷари кӯтоҳ рост мекард гоҳ сӯйи раќибу гоҳ бар синаи хеш ба таҳдид, ки ё туро мекушам ва ё худамро.

Баногоҳ як гӯшаи даврагирифтагон ба ҷунбиш омад. Онҳое, ки ҳоло андар паси сари Александри Линкестидӣ буданд, китф зада, пеш омадани касеро дида, якёна гашта, роҳ медоданд ва чашмдор буданд, ки ӯ чӣ мекунад. Як ҷавонмарди қоматбаланди зардина ва малламӯй ба майдон омад ва тез рафта Александрро оғӯш кард. Ва боз садоҳо боло шуданд:

— Лимн! Лимн!

— Офарин!

— Сахт бикап!

— Раҳош накун!

— Бикуш бародаркушро!

— Шоҳ Искандар кайҳо бояд сараш меканд!

Ва Александр рӯйи ӯро надида, аз гӯйишҳойи тамошобинон донист, ки Лимн ба хотири чизе чунин рафтор мекунад. Сар тофта, ӯро диданӣ шуд, натавонист ва миёни лабу дандон ғуррид:

«Туро нахоҳам фурӯхт. Раҳо бикун маро...»

«Чун ту сайёдони беҳунар чунин рафтор мекунанд... Вале ман сайёде ҳастам, ки пӯсти хирси шикор накардаро нафурӯшам.»

Лимн чунон гирифта буд, ки Александр наметавонист дашна бар хеш занад ё ба оне ки амалиёти ӯро халалгор мешавад. Вале кӯшиш дошт теғ занад.

Шоҳ Искандар хеле ба ваҷд омада буд ва намехост яке аз онҳо бимирад.

«Зинда гиред...»

Паст буд садо, вале ба гӯши Александр расид. Зӯр мезад раҳо ёбад аз дасти «дӯст».

«Ту сабуксорӣ, Лимн. Ҳам худро нобуд месозӣ ва ҳам маро. Гумон накун, ки шоҳ Искандар гуноҳи туро мебахшаду маро сазо мефармояд! На. Ҳар дуямонро дар ду паҳлӯйи дарвозаи шаҳр чормех мекунад, то мардум дида ибрат гиранд...»

«Ба гумони ман ӯ маро нахоҳад кушт...»

— Хоҳад ку-у-ушшшт!!!

Садойи баланди Александр ногаҳонӣ буд ва гӯё ҳамаро аз ташвишу амалиёт боздошт. Дасти Лимн низ суст шуд, вале ҳанӯз медошт ва Александр теғ зад... Дасти халалдори Александр ба сари дили Лимн нарасид, балки кӯтаҳӣ кард ва теғи раҳгум рост ба паҳлӯйи синаи чапи худаш бархӯрд ва ӯ теғро бозгирифта натавониста, қабза аз дастаи дашна суст кард, ки бар танаи Лимн лағзида, садо медод паст:

«Ин манам, Александр... Линкестидӣ...»

Лимн гӯё тани нимбисмили ӯро дошта натавонист, балки раҳо кард, ки зудтар ба замин бархӯрад, то ӯ илоҷи раҳоийи худро пайдо кунад. Чашмаш афтид, ки дӯстони шоҳ метозанд ҷониби ӯ. Ба гӯшаш расид «зинда дастгир бикунед!» мегӯянд. Ва ӯ хам хӯрда ханҷари сари синайи Александрро гирифт, таҳдид кард ба оне ки аввал расида буд. Вале чун дид, ки дигарон низ мерасанд, илоҷи раҳоӣ намемонад – роҳи гурез нест, дашнайи хунолуди Александрро бар синайи хеш зад.

Искандар билкул ҳушёр шуд ва бо ғазаб дастак зад:

— Шуморо гуфтам, ки зинда гиред! Нобакорон! Ноӯҳдабароён!

Вале касе чизе нафаҳмид аз чунин саҳнайи фоҷиъа. Намойишкорона худкушӣ кардани ду нафар мақдунӣ ба сари шоҳ намегунҷид ва хаёл мекард, ки баъди ин ҳама мақдуниён пайи ҳам худкушӣ мекунанд ва нафаре сабаби чунин рафторро намегӯяд; баъд қол мебурранду миш-миш мекунанд, ки чаро худкушийи ом шуд. Боз фоли Барзину саррammол пеши назараш меояд ва шоҳ яқин мекунад, ки ба чашми мақдуниён бад метобад ва илоҷе мебод. Чанд гом зад, то бинад, ки онҳо зиндаанд ва чашм пӯшидаанд.

Ҳар ду пасрӯ афтида буданд. Чунон метофт, ки нигоҳ ба якдигар мекунанд, аммо маҷоли сухан надоранд ва зӯри ҷунбидан низ нест. Зеро равонашон меравад ва нафас суст мегардад; чунон ки мурда ва ё зинда буданашон аён набувад. Ба ҳасрат ва ё нафрат ба ҳам менигаранд, равшан нест. Зеро зӯри нафрат намонда, як нигоҳи маъсумона, пӯзишталабона ва пушаймонона ба назар мерасад; шояд аз бемадорӣ бошад. Мисли ду кӯдаки ранҷур, ки ҳанӯз ба гуноҳ лойиқ нашуда ба дарди бедармон мубтало гашта бошанд ва донанд, ки умеди зиндагӣ нест, аммо гуфта натавониста, танҳо нигоҳи бемадорона кунанд. Нигоҳашон на баройи он аст, ки мадад кунанд ва боздоранд аз сафари он дунё, балки ноилоҷанд. Он ду тан низ медонанд, ки касе кӯмак карда натавонад, касе аз ин роҳ бознагардонад, зеро дер шуда. Аммо садойи шоҳ боло мешавад:

— Боздоред! Зинда гардонед! Онҳо лозиманд! Ҷуз он ду тан сабаби чунин масхарабозийи хунинро касе надонад! Ҳакимон! Табибон!!!

Ва айши базмиён талх шуд. Ҳанӯз садойи чир-чири гетерҳо меомад, ки тарсида буданд аз чунин саҳнайи ғайричашмдошт. Онҳо дастон ба рӯй кашида пинҳон мекарданд чашмони хешро, то набинанд. Бисёр мурдаҳоро дидаанд, аммо хандида, завқида ва хушнудона дар базму айш мурдани одамонро надида буданд.

Ҳанӯз ҳам хун мезаҳад аз сари синайи онон ва чун тифлони бекасу кӯй ғарибона менигаранд ба ҳам; на дашному нафринашон равшан аст ва на лобаву зориашон. Вале нигоҳи ҳасрат доранд ва чизе мехоҳанд...

Ҳакимон, пизишкони низомӣ, табибони халқийи бо хости шоҳ Искандар омада гирд гирифтанд маҷрӯҳонро. Димитриусу Филипп сар меафшонданд ва Искандар мушоҳида мекард, ки афсӯс мехӯранд онҳо. Инчунин ишора мекунанд шоҳро, ки умеди зиндагӣ намонда. Ҷомаҳо дарида диданд, ки тeғ ба дил расида ва умеди зиндагӣ бурда.

## БАНДИ ШАШУМ

Файлотуси писари сипаҳсолори афсонавӣ Пармониёнро гоҳе аз бистари хоб бардоштанд, ки шаҳр хуфта буд бо сипоҳу сипоҳиёнаш. Андар шаҳраки Искандарӣ шаҳриёр бедор буд ва мунтазири касони фармудааш, ки бояд меоварданд сӯйиқасдчиёнро. Аввал Файлотусро оварданд. Гӯйӣ ҳама ҷо хомӯш буд ва касе огоҳ нагашта аз кирдор. Баъд Никонори бародари ӯро оварданд. Сипас Иоллайи писари амини мақдуниё Антипатрро ба сар тӯбра кашида оварданд. Ва Аминтаро, ба даҳон латта пахш карда. Онҳое ки медонистанд имшаб шаби фоҷиъабор буд ва онҳое ки хуфта буданд, қатори мурдагон бехабар монда. Чирчиракҳо бедор ва садойи якнавохташон асаби шоҳро сӯҳон мекунад. Гарчӣ мағзи ӯ садойи занги торҳойи асаб дорад, овози малахҳойи сиёҳ пахш мекунад садойи торҳоро ва шоҳи шабрав медонад, ки дар ин ғояти шаб мағзи сараш хуб кор мекунад ва хаёлу пардозаш боло мегирад.

«Боз кӣ монд?»

Ин пурси шоҳ баройи касе набувад, баройи хештан бувад. Ва бояд бидонад, ки монда кист. Вале ӯ хашм дорад ба ҷаллоди беҳунар ва он чӣ Александри ниқобпӯш дар ҳаққи ӯ гуфт, дуруст аст. Ва шоҳ намедонад, фардо чун маънидод кунад ин ҳамаро.

«Боз?»

Касе посух намедиҳад ба пурси бесадойи ӯ, вале зиёданд онҳое ки бояд биоваранд. Қариб нисфи сипоҳ. Аммо шоҳ ин корро накунад, ки бало ангезад ба сари худ.

Онҳоеро ки меоранд, ҷудогона дар ҳар хона мегузоранд, то аз фоҷиайи якдигар огоҳ нагарданд. Аммо онҳо аз кирдори Лимну Александри Линкестидӣ яқин мекунанд, ки шоҳ огоҳ гашта аз ҳама сирру савдо. Аз сари буридайи Никомах ва пинҳон доштани Кебалин пайдост, ки Искандар сипоҳро чаппароста мегардонад...

Ва аммо шоҳи мақдунӣ нақша мекашад, то ҳама ҷурму гуноҳ ба гарданаш бор нагардад. Вале чун аламаш меафзояд аз кирдори нобакоронайи «дӯстон» мехоҳад ҳамаро танҳо ҳаллу фасл гардонад. Вале чун норозигӣ зиёд аст миёни сипоҳ, бавижа мақдуниён рӯ аз шоҳи бегонапараст гардонидаанд, намехоҳад мақдуниён домангир аз ӯ шаванд.

«Боз кӣ? Биоваред он нобакоронро, кӯрнамакҳоро, ҷоҳталабонро... Биоваред, ман ба чашми онҳо нигарам, ки чӣ қудрат, чӣ

нанг, чӣ номус доранд! Ва Мақдуниёро то куҷо дӯст медоранд? Бидонед, ки онҳо Мақдуниёро ҳеҷ гоҳ дӯст надоштаанд ва дӯст нахоҳанд дошт. Ба куни гӯзин баҳона орди ҷав. Онҳо беномусонанд, иғвогаронанд, нокорҳо, нодорҳо... Онҳо дар ҳар давру замон ҳастанд, ки ба чанд тани бефарҳанг хешро нишон додан мехоҳанд ва бо ҳавойи даҳан дунёро воруна карданӣ мешаванд. Демосфени юнонӣ ҳам ба баҳонайи «демократия» мардуми юнонро ба по хезонд. Инҳо низ тушбераро хом шумурдаанд. «Демократия» дар ҳама давру замонҳо баҳонаест баройи балвойи бекорон. Чунон ки ҳолиё бошад. Моҳест, ки афсарону сарбозон мехӯранду мехуспанд, бекорӣ ба дилашон зада ба иғвогарӣ шуғл кардаанд,чун дасташон ба кор расад, ҳамаро фаромуш хоҳанд кард....»

«Сипооох, саф бикаш!» – миёни андешаҳо ба сараш меояд, ки сипоҳро ба майдон саф ороста пасон мақсад рӯшод мекарда бошад. То ҳадде коре, ки фардо бояд бикунад, ҳолиё аз сар гузарониданист.

«Ҷаллод Аминтаро бигир! Сараш бигир! На. Ту на! Ту Қирёс на! Ҷаллод бояд дигар шавад... Файлотусро бипурс, ки чӣ мурод дорад. Магар ба хуни падар хун ситониданист? Ё шоҳ шуданист?... Лимнро чӣ нарасида буд? Хайр... Дар ин хусус андеша набояд кард. Ӯ аллакай забон газида. Чаро онҳо куштанд худашонро? Магар асроре ҳаст?...»

Ва шоҳ Искандар тезтар аз фикраш аст ва фикраш тезтар аз хунаш. Гом мезанад андар толори пазиро танҳо ва тасмим гирифта ки ҷондор, посбон ва дӯст надошта бошад. Андешаҳо яке дигареро пахшу зер карда, ӯро тезвир мегардонанд ва ҳавойи хона гулӯгир ва фазояш тангу дилгир метобад ва ӯ бо ҳамон шасте, ки гом мезанад ва тезие, ки андар хунаш ҳаст, баромада, худ рафта амалиёт гузарониданист. Аммо дарҳойи баста роҳ намедиҳанд ба рафтанаш.

Ва Кратер дами субҳ бо иҷоза наздики шоҳ омад ва ҳисобот дод, ки аз фармудаҳо ҳамаро овардаанд ва рой шоҳрост, то чӣ бикунад.

— Посбононро бовар набошад. Шояд онҳо низ дандон дошта бошанд шоҳро ва гурезонанд бандиҳоро. Бар посбонон рӯзбоне бигузор ва пардадоронро бифармой, то ҳушёр бошанд. Бирав, бихусб то офтобзард. Чун рӯз фаро расад, гӯям, ки чӣ бояд бикунем...

Ва рӯз шуд. Шоҳи шабзиндадор нахусбида рӯз шуд, аммо андешаҳояш анҷом напазируфт. Ҳарчанд сар мешикаст, ба таги он намерасид, ки чаро Александри Линкестидӣ чунин рафтор кард: ҳам бародаронро сар гирифт ва ҳам хешро нобуд сохт: «Аблаҳ мо низ бародар куштем, вале чун ту беҳадафона на. Нишон буд, мақсаду мурод буд; роҳбару раҳнамо доштем... ин чӣ сагвор куштану харгӯши тарсу барин мурдан? «Ин манам, Александри

Линкестидӣ!» гуфтан куҷову теғ бар хеш задан куҷо? Искандар аз Қоф то Қофро гирифт, вале боре нагуфт: Ин манам – Александри Мақдунӣ!.. Хокаш аз хоктӯдайи паст. Сари бародаронро овард, пиндоштам каси дуруст ва бо ору номус бошад. Ба хотири Мақдуниё чунин карда бошад... Вале аён гашт, ки ғарибтар аз мусича, тарсутар аз харгӯш будааст. Ниқоб ба рӯй кашида пеши афсару сарбоз баромадан нишонайи нокасист. Мард дар пӯсти дигар ҷилва накунад. Тарсу, номард, занмиҷоз бо ҳиллаву найранг умр ба сар барад... Охир чӣ зарурате дошт, ки сирату сурати зишти хешро аз саҳна намойӣ? Ай рӯсабӣ! Туро дониста будам, ки ақлбохтайӣ, фазлфурӯшӣ, нобародарӣ, ватанфурӯшӣ... ба саҳл муомила Офтобнамоят Офтобнишин гардад, аммо на чунон ки кардӣ. Он гоҳ дониста будам, ки андар маҷлиси аввал ҳамаро бохтӣ... Сари бародарон овардӣ, ки нуфуз ёбӣ. Аммо шинохта будам туро: бо бародарон чӣ кардӣ, ки бо Искандар кунӣ. Мурғе ки пар меканӣ, Искандар кушта буд... Ҳама кӯшишҳойи баъди пушаймониатро дониста будам ва туро амале набахшидам. Зеро муродатро медонистам. Онро медонистам, ки дар саҳна намудӣ. Бо душманонам пайвастӣ, намойишномае сохтӣ... Аҷаб буд. Андар ғору мағоку вартаҳо шуда буд чунин кушишҳо; аз баройи нафсу моли ҷаҳон. Аммо нахонда ва надида будам, ки кас хешро бо тантана назди ҳазорон теғ зада бошад... Ситеза ба кайк карда пӯстин сӯхтан камоли зоғсорист...»

— Артиши мақдуниро радда ороед!

Ин хитоба аз байни андешаҳойи зиёд ба забон омад, вале баъди зӣ-зӣ садо додани баъзе олотҳойи мисиву биринҷийи толори пазиро Искандар ба худ омад, ки киро гӯяд. Баъд донист, ки асари бехобист; мағзи сараш зӣ-зӣ мекунад. Гӯё хушк гашта мағз ва охирин қобилияти он воқеаҳоро омехтаву махлут мегардонад ва ончунон берабту тез ва пора-пора аз пеши чашмаш воқеаҳо, ҳодисаҳо, сурату симоҳо сипарӣ мешаванд, ки ӯ наметавонад якеро боздошта сӯҳбат кунад, сабаб пурсад ва ё танбеҳ бидиҳад.

«Кратер!»

Ҳамин қадар тавонист садо дардиҳад; паст ё баланд буданашро ҳам намедонист ва ё хаёлӣ буданашро низ фарқ накард. Аз он ки касе ба дар наомад, посухе ба садо набуд, яқин кард, ки дар андаруни худ гуфта будааст. Гом зада омад беихтиёр то пояйи тахт ва дида нимкофу хуморӣ нишаст бар маснад. Аммо намедид ва намедонист, ки чӣ хунгирифта буданд чашмонаш.

Хоб рабудаш. Вале миёни мижгонаш уфуқ хунин ва офтоби сӯхта оламро хунин гардонида буд.

Ғанаб карду бедор шуд. Ҳама ҷо ором метофт. Ба назар олам хуфта буд ва асабу вуҷудаш осуда. Гӯё фароғати зиёд карда, баъди хоби шаборӯзӣ орому осуда гашта, бедор шуда бошад. Ёдаш

омад, ки Кратерро хоста буд, аммо дар ин муддати тӯлонӣ пайдо нагаштааст. Шояд мушкилоте пеш омада бошад.

«Кратер!»

Садойи баланду боизтироби шоҳ ҳамаро ба ташвиш овард ва сарпос пештар аз ҳоҷиб дарро боз карда сар халонд:

— Кратер куҷост?

Сарпос посух нагуфта чун сангпушти тарсу сар фурӯ кашид ва Кратер оне нагузашта дарро боз карда даромад.

— Куҷо будӣ? Магар вақти шаборӯз ғайб задан аст?

— Чӣ гуна шаборӯз, шоҳам? Ҳамагӣ чанд соат пеш рухсат шуд, ки роҳат бикунам, аммо ман паси дарам, ки шояд шоҳ нақша дигар кунанд.

— Ҳамонанди ту нест Кратер. Вале чаро дурӯғ гӯйӣ? Ман ки шаборӯз хуфта, осудаву бардам хестам...

Кратер завқ кард аз гуфтайи ӯ, вале шоҳ дарёфт, ки хандаҳойи пешинаш нест.

— Сохта хандаат, Кратер.

— Оре, донам, ки сохта аст. Замони ханда набувад, аммо ба хотири шоҳ механдам. Дӯстонамон ханда дар лаб шикастанд ва моро бе теғ куштанӣ шуданд.

— Осуда бош, Кратер. Дӯстон дӯст хоҳанд монд. Аз дӯсти нодон беҳ бувад душмани доно. Дӯсти нодон касро хоболуд мегардонад, душмани доно хоби касро мерабояд... Аммо ҳама вақт тезвиру ҳушёр бояд буд... Боз кӣ монд?

— Ба назари ман нақша иҷро шуда, амалиёт монда.

— Амалиёт кори саҳл набувад. Пирони кор, эътиқодмандон ва дӯстони ҷониро бояд хонд.

— Магар монда, шоҳ?

— Магар...

— Бале шоҳ... Пирон ҷуз Лисимах намонда, дӯстони ҷонӣ ангуштшумор монда ва эътиқодмандонро шинохта нашавад...

— Бояд бошад...

— Оре, пайдо хоҳад шуд. Чун фардо мурофиа ба миён ояд, ҳама душманон хешро дӯст намоянд.

Шоҳ Искандар сар афшонд ва оҳиста баланд шуд аз тахт ва гом зад. Андешаманд, ки Кратер ҳеҷ гоҳ чунин надида буд. Шоҳ одати тез гуфтану тез амал кардан дошт, ҳолиё фикр мекунад ва маълум нест чӣ хоҳад. Кратер хаёл дорад, ки шоҳ гирифтори андешайи қатли дӯстдушманон аст, аммо шоҳи мақдунӣ болову баландтар андеша дорад, ки ёрон пиндоранд:

«Рӯзи сиёҳ ва саҳифайи нангини таърихи Мақдуниё ин аст. Касе надонад ва таърих нанигошта, ки ба ин миқдор дӯст дар як муддати кӯтоҳ баройи нафс, аз рӯйи кину ҳасуд душман гашта бошад. Бале, касе ёд надорад ва пасовандон бояд бихананд... Чӣ буду аз куҷо шуд? Шояд раҳиму нармдил будам ва саҳлан-

гор шудам. Ай Зевси Барроқ, куҷоӣ? Ёру ёвар бишав писари худро! Ва агар на, бубахшой Искандари Мақдуниро, ки раҳм аз дил андохтааст. Биомурз... Ба гумони онҳо ман падари хеш Зевсро фаромӯш кардаам ва худоёни ғайрро падар хондаам, аз ин рӯ мақдуниён ва юнониён ранҷида маро бегона донистаанд ва ҳамагон бар зидди шоҳи мақдунӣ ангехтаанд ва ситеза доранд. Бигӯю бифармо, Зевси тавоно, кадом писари асил падару модар ва халқу ватани хешро фаромӯш кунад? Ман агар муддате бо Шарқу шарқиён даромехта бошам, бо онҳо соз гирифта бошам, муросокорӣ кардам ба хотири Мақдуниё... Вале ин «барбарҳо» маро душман ва хойини ватан донистанд...»

— Мурофиаро набояд кашол дод, шоҳ...

Теғи алмосе буд, ки тори нозуки андешайи шоҳро бурид, вале ӯ нашунида ангошт ва аҳамият надод:

«... Мақдуниё беписар нест, беқаҳрамон нест; писарону қаҳрамонони бонангу боор дорад. Ҳар кадом омода ҳастанд ҷону тан фидо кунанд баройи пойдорийи Ватан. Ва шояд ҷунбиши онҳо низ аз ин хусус бошад. Нофаҳмӣ шуд. Ман ҳам, онҳо ҳам баройи Ватани хеш месӯзем, аммо ойинайи андудайи душман дигар чиз намойиш медиҳад... Кратер барин дӯст низ намефаҳмад, ки ҳар лаҳза тору торчаҳойи асаби маро бо теғи тез бибуранд, чӣ боқӣ хоҳад монд?...»

— А, Кратер, чӣ боқӣ хоҳад монд?!

— Чӣ хел чӣ боқӣ хоҳад монд?

— Хуб, мо машварат оростем... Ҳама душманонро куштем... Боз душман пайдо шуд. Боз дарёфтему куштем... Боз ва боз... Писарони душманон ба воя расиданд... Онҳо писардор шуданду ҳама қиссаҳоро ба писарон гуфтанд ва онҳо кина варзиданд ва... ва чӣ шуд?

— Яъне шоҳ душманонро авф хоҳад кард?

— На. На, Кратер... Ман мисол гуфтам ва ояндайи дурро андешидам...

— Шоҳ ҳозирбин буд ва надонам, ки чунин андеша аз куҷо ба сари ӯ омад... Магар мор дар остин парваридан камоли хирадмандист?

— Ман донам, Кратер... Чунин андеша на камол дорад ва на оянда... Аммо баъзан ҳисси инсонӣ пирӯз гардад бар ҳама гуна эҳсос ва кас аз Арасту андешад, на аз шоҳ Мидоси аблаҳ.

— Ман чунон дарёфтам, ки шоҳ хирадманд гашта ва мактаби Афлотуну Арасту кора карда шогирдро...

— Надонам, ки дар чунин вазъ чӣ гуна ин андеша ба сари ман омад ва дар ёди устоди некхоҳ шудам, ки сафари ҷанги Порсро маслаҳат надода буд.

— Донам, ки маслиҳат нашуда буд, аммо ҷанги зидди Порс гузашт, шоҳ Искандар пирӯз омад... Аз он чӣ дӯсту душман чашм дошт, зиёд ва хуб шуд. Аммо инак чӣ бояд кард?

— Инак? Инак машварат бояд орост... Душманонро забун бояд сохт.

— Ман чӣ бояд бикунам, шоҳ?

— Магар нагуфтам, ки пирони кор, пирони ҳарб ва дӯстон ва эътиқодмандонро хабар кунӣ?

— Гуфтам, ки намонда... Боз чӣ кор кунам?

— Фалах бикаш...

Кратер донист, ки ба танг омада шоҳ ва таъзим кард шарқиёна, то равад, аммо ба назари Искандар масхарабозӣ тофт. Ва чун Искандар ғазаб накарда буд, завқ бурд ва фармуд:

— Чоштгоҳ...

Кратер фаҳмид, ки замони маҷлисро муайян кард шоҳ, бо таъзим баромад аз дар.

❂ ❂ ❂

Чоштгоҳ андар толори пазиро фаро омаданд касоне, ки шоҳ Искандар мехост. Пеш аз он ки шурӯъ ба гуфтор кунад ё маҷлисро кушода хонад, ҳозиринро аз назар гузаронд ва дарёфт, ки зиёд касон нестанд, ки маҷлисҳои аввал ширкат меварзиданд. Фикраш ба кучоҳо рафт ва чун шоҳиии хешро ба ёд овард: «ҳамааш ба хотири Мақдуниё... Як тан намонанд ҳам, бояд Мақдуниё бошад...» Хомӯш аз назар гузаронд ҳамаро, вале аз мағзаш андешаҳои дигар мегузашт. «Ба ёди ононе, ки дар тӯли роҳи дароз аз байн рафтанд, сари суҷуд андозед.» Гуфтанӣ шуд шоҳ, аммо забонаш нагашт. Балки бархост. Ҷиддӣ менамуд, ки ҳеҷ гоҳ набуд. Бархост. Гом зад. «Ҳамаатон чунину чунон. Ба онҳо низ бовар карда будам, чунон ки ба шумо. Рӯшан шуд, ки одамӣ низ пӯст мепартофтааст морвор. Аммо пӯсти одамиро мор бинад ва пӯсти морро одамӣ. Мор, мор... Пиндоштам ҳама чун ман баройи Мақдуниё хидмат мекунад...»

Ва якбора андеша ба сухан гашт. Чун анъана маҷлису садру садорат накарда, рост сухан кард:

— Гумон доштам ҳама яктан баройи Мақдуниёву Юнон ҷон нисор мекунанд, хато будааст пиндорам. Ҳамаро дӯст дониста будам, саҳв кардаам. Ва душман шудани дӯст душворие надоштааст. Аммо ку душмане, ки дӯст шавад? Ба фикрам ҳама дарёфтед, ки аз чӣ рӯ чунин гӯям...

Садоҳо:

— Бале!

— Оре!

— Дуруст мефармояд шоҳ!

— Мусаллам аст андешаи шоҳ!

Ва шоҳ Искандар идома медиҳад андешаҳояшро: —...Ҳама роҳ андеша мекардам, ки рӯзи сиёҳе ба сар меояд. Он рӯз фаро расид. Барои шоҳи мақдунӣ гаронтар ва сиёҳтар аз он рӯзе набувад, ки дӯст гардад душман. Гумон надоштам. На! Фикр намекардам, ки бародари ҳаминону ҳамрикобу ҳамхӯроку ҳамроҳу ҳамхоби ман душман гардад маро. Хаёл надоштам, ки ҷондори ман дар қасди ҷони ман бошад. Инро ба кӣ гуфтан мумкин? Ба дӯст? Ба душман? Ба худиҳо? Ба ағёр? Намефаҳмам... Агар шумо фаҳмед, бигӯед, ки чӣ маънӣ дорад ин ҳама?...

Ба ҷунбиш омад толор. Миш-мишу фарогӯшиҳо фазойи толорро пурсадо карданд. Вале касеро ҷуръат набуд, то садо баланд кунад. Шоҳ Искандар яқин мекарду тахмин, ки гӯйишҳойи пинҳонӣ ва ғайбиро такрор мекунанд дар буни гӯши якдигар, вале намегӯянд баланд аз бим, аз тарс ва ё хашми Мақдунӣ.

— Шумо натарсед аз касе, ҳатто аз шоҳ. Шоҳ одамхор нест. Шоҳи мақдунӣ одил бувад, вале гоҳе ки ҳар чиз аз ҳаддаш гузашт, шоҳ нагузарад аз гуноҳ. Ман аз баҳри шумо ҳама корро кардам... Барои шумо ва барои Мақдуниё... Шумо медонистед аҳволи мамлакатро, вазъу ҳоли мардумро... Машаққати мақдуниёнро. Шумо медонистед хору залил гаштани ҳамватанонро. Шумо медонистед ба вом ғӯтидани Мақдуниёро... Медонистед, ки ҳамроҳи ман омадед. Ба хотири Ватан омадед... Ҳолиё чӣ шуд?... Бале, шумо посух гуфта натавонед! Ман ба ҷойи ҳамаатон ҷавобгӯй, ҷавобгар... Чӣ мефармоед?!

Касе чизе намегӯяд. Ба назар дӯстон муттаҳаманд. Устоди ҷуғрофӣ Лисимах сурфид. Искандар сӯйи ӯ нигашт. Аз нигоҳаш рамуз гирифта, фармуд:

— Бигӯй!

Лисимах гоме пеш гузошт ва гулӯ равшан кард:

— Дӯстон! Ман ҷуғрофидон ҳастам ва аз таҷриба ва мушоҳидаҳо медонам, ки обу ҳавойи ҳар кишвар дигар аст ва ба ҳар рӯҳу равон мувофиқ наояд. Гиёҳҳо, рустаниҳо метавонанд заҳролуд гардонанд тани инсонро; мисолаш банги девона. Аммо сухан аз дигар боб бувад: ба беша оташ афтад, тару хушк баробар сӯзад. Ягон кас, ягон қонун ба касе ҳаққу ҳуқуқ надодааст, вақти хатар ба Ватан, ба модар, ба падар ё бародар хиёнат кунад. Ба вижа ба Ватан. Мо медонем ва ишора низ шуд, ки ба хотири хотирҳо ва ба умеди умедҳо бародар сари бародар меорад. Ба чӣ хотир? Шоҳро интихоб кардан имкон дорад, зару зеварро пайдо кардан мумкин... аммо бародари куштаро аз куҷо пайдо мекунӣ. Дар тӯли роҳ ва сафари бардавом донистам, ки бародаркушӣ расм шудааст. Чӣ диданд онҳое ки сари бародар оварданд? Шоҳи мақдунӣ набояд бахшад чунинонро! Мо набояд гузашту раҳм кунем ба чунин саръиён! Онҳо васвасаи шайтонӣ доранд. На ҷоеро

обод мекунанд ва на худ обод мешаванд. Шумо мушоҳиди чунин саҳна будед...

Гефестион: — Устод дуруст мегӯяд!

Клит: — Устод аз номи ҳама сухан гуфт. Ба ақидайи ман: агар кас як бор одам кушад, бори дуввум ҳазар накунад. Одамкушӣ ба назараш гунҷишккушӣ тобад.

Кен: — Сухан аз одамкушийи як тану ду тан нест. Сухан аз сӯйиқасди оммавӣ меравад. Аз хидмати хирсонайи «дӯстон». Дӯстонро чӣ шуд, ки чунин хиёнат пеша карданд?

Шоҳ: — Ин суол кирост, Кен? Магар ман посух гӯям?

Кен: — Рой шоҳрост... Ман мисол гуфтам. Ҳамагон донанд, ки...

Шоҳ: — Бале, донанд ҳамагон, ки миёни сипоҳи Искандари Мақдунӣ хилоф афтода. Кист раҳбару раҳнамойи ин кор, бояд дарёфт. Баъзе чизҳо рӯшан гашта, вале то охир нарасида. Мо бояд ин чизро муайян кунем ва ба шӯройи низомӣ бисупорем, ки масъаларо ҳаллу фасл гардонад. Ман аз пеши худ наметавонам ин мушкилотро ҳал кунам. Шумо чӣ мефармоед?

Кратер: — Рафтори оқилона бувад. Масъалайи хиёнат дар шӯройи низомӣ дида шавад ва сарвари шӯро шоҳ Искандар бояд бошад. Ҳама мувофиқанд?

Ва ҳамин зайл қарор шуд. Фардо артиши мақдуниву юнонӣ саф орост андар лашкаргоҳ. Лашкаркаши беназир Искандар савори Бусефали сиёҳ пешорӯйи сипоҳ гузашт ин тарафу он тараф. Ҳама росту сарбаланд истода рӯ ба шоҳ меоварданд. Ҳар чӣ дар андарун доштанд, ба рӯ мезад, аммо Искандар ба ҳазор нигоҳ ҳамайи онро пай бурдаву яқин карда наметавонист. Медонист, ки сарсупурдагон низ ҳастанд ва ҳолиё, ки пеши онон сухан меронад, ҳамаро яксара сиёҳ нагардонад. Ӯ нигоҳ намекунад ба ононе ки даст баста ба пушт ва сархам, ҷудо аз саф бузони гаргинро мемонданд, ки ҳазар доранд баройи ба рама ҳамроҳ кардан. Иоллайи базморо он ҷо – пури амини Мақдуниё Антипатр, ки Искандар чун пайгири хеш андар ватан гузошта омадааст. Аминта сарфавҷи пиёдагардон, Файлотус – пури сипаҳсолор Пармониён, ҷондорони шоҳ Деметрий, Диоксен, инчунин наздикон – Певколай, Никонори бародари Файлотус, Афобет, Археполис мурғони сармозадаро мемонданд. Миёни онҳо Аминта ҳушёр медошт хешро ва тан ба хиёнаткор будан намедод ва Файлотус андаке ҳайратзада метофт, дигар ҳама мурғони ба об афтода буданд. Баъзеҳо меларзиданд ҳам. Иоллай истода-истода меларзид. Яқин шарманда буд, дӯш чӣ мегуфт дар ҳаққи шоҳу лашкари ӯ ва ҳолиё дар чӣ ҳол аст. Никонор сар андохта буд, касеро дидан намехост ва аз касе ҳарфе шунида посух гуфтанӣ набуд. Як хел андеша мекард: «Александр ва Лимн рафтори дуруст карданд. Ҳамчунон бояд мешуд, аммо ман дер мондам...»

Искандар чанд бор гузашт аз наздики фавҷҳо. Ба назар чанд бор шумурд, ки кӣ мондаву кӣ ронда. Ва ё чеҳрашиносӣ мекунад, ки боз кӣ монда миёни сипоҳ, аз душманон. Ҳар гоҳ, ки аз назди саф мегузарад, дили бархе аз афсарону сарбозон меларзад ва хун аз рухсорашон мегурезад. Аммо шоҳ ба ин ният инони Бусефали рамузфаҳмро намегардонад, балки хуб нигарад ба онон, ки чӣ рӯе доранд. Ва шояд буғзгирифтагон, кинаварон, бадхоҳон аз дилтангӣ ба ҷон омада ба рикоби ӯ дарафтанд.

— Боз кӣ?!

Садо дардод рӯёрӯйи артиш. Вале касе чизе нафаҳмид. Шаш ҳазор нафар сипоҳиёну корвониён ва хидматгузорони ба майдон омада хомӯш буданд. Чунон ба назар менамуд, ки хаймаҳойи рӯ ба рӯ ба ҷонашон тангӣ карда ба майдон омаданд ва ин ҷо низ тангу дилгир ва силсилайи кӯҳҳойи самти шимол пеши бодро мегардонад, гармойи Ориёно ҳаворо вазнин гардонида. Дуди ошхонайи шоҳӣ мебарояд, аммо аз мӯрийи матбахайи лашкархусб на дудеву на оташ. Гӯё имрӯз сипоҳ рӯза медорад...

— Боз ҷони кӣ тангӣ карда андар пӯсташ?!

Назди сафи горди «Дӯстон» ва ҷондорони боқимонда садо баланд кард шоҳ ва лигом зада, аз назди сафи саворон гузашта пеши фавҷи пиёдагон омад ва боз гуфт:

— Боз ҷони кӣ тангӣ карда андар пӯсташ?

Сарбозони нooғишта ба корҳойи сиёҳ араҷолуд шуданд зери либоси низомиёна, вале наметавонистанд даст бизананд ба хориши узвҳо. Ҳама ишорайи шоҳро пай бурданд, аммо касе лом гуфта наметавонад: на богуноҳу на бегуноҳ. Шаш ҳазор ҷон, ки лашкаргоҳи фароху муваққатиро пур карда буданд, гоҳ ба шоҳ менигаристанд ва гоҳ дуздида сӯйи дастбастагон чашм мечарониданд. Ва он дастайи ҳақиру гумроҳ ба чашми яке тобад, ба чашми ҳазор наменамуд, ки андар радаҳойи пасин буданд. Ва онҳо нигаронанд, ки кай маросим ва мурофиайи суди ҳарбӣ оғоз меёбад. Ҳарчанд шоҳ Искандар худ ҳукми сазову ҷазойи гунаҳкорони бегуноҳро набароварда мурофиаро ба суди ҳарбӣ вогузошт, қозиюлқуззот худи шоҳи мақдунӣ бошад.

Ӯ пешорӯйи сипоҳ гузашт. Аз вазъ, ваҷоҳат ва нигоҳҳо ва сар фурӯ кашиданҳо хеле чизҳоро ба таври хеш дарку эҳсос кард ва баргашт ба назди минбар. Минбар низ ориятӣ буд чун Искандар андар ин кишвар. Пиёда шуд аз Бусефали қиргун, ки гӯйӣ равған мечакид аз тораҳойи мӯяш. Сайис пеш омада, ҷилав кашида бурд сиёҳмушкинро ва чун аз назди минбар дур шуд, пушти зин омад ва рафта паҳлӯйи асби Кратер қарор гирифт. Кратер низ аз пушти зин зер омада, инони асбашро ба сайиси дигар дод ва равон шуд сӯйи минбар; Гефестион, Клит, Кен ва чандин касон, ки наздик буданд Искандарро, инчунин ҷондорони бовафойи шоҳ.

Сахт расид чунин манзараононеро, ки ҷояшон он ҷо буд – пасу паҳлӯйи минбар ва ҳолиё бастадаст: ҳайратзада, ҳасратолуд, болшикаста ва дилмонда аз зиндагӣ, сар андохта гоҳ – гоҳ зери абрӯ менигаристанд сӯйи онҳое, ки хушбахт менамуданд. Нав нест ин ҳама; онҳо низ дар сафи шоҳӣ буданд замоне; замони наздик – дирӯз. Ҳолиё...

Ҳолиё андар замири Файлотус захрханда омад: «Бо Пармониён чӣ кард, ки бо мо кунад, бо шумо кунад?» Ва оне ҳамайи онҳоро ба ҷойи хеш дид; як-як фаровард ононро аз гирду атрофи минбар ва Искандарро низ ва холӣ, бекас, безеб монд минбар; иборат аз чаҳор чӯби хушк. Ва якбора ҷон гирифт минбар ва ғулғула кард:

— Бузургони мақдуниву юнонӣ! Сипаҳбадон! Сипоҳиён! Мақсаду маънийи нобаҳангом дар лашкаргоҳи бекарон гирд омадани моро шумо, албатта, аз дастҳойи баста ва сарҳойи каҷи он саггургон пай мебаред. Саги баднафсу бадгуҳар ба бӯйи устухон аз баҳри соҳибу сагхонаву сагкоса гузашта бо гургон ҳамроҳ мешавад, ки озод, сарҳуй ва сер бошад. Зеро гургон мудом дунбаву гӯшт мехӯранд, вале устухонашро меафкананд. Баройи сагони баднафс устухон дунба тобад. Рӯзе мерасад, ки он саггургон, ки роҳу раста ва молхонаву оғили соҳибро хуб медонанд, роҳнамо шуда галайи гургонро ба дуздӣ меоранд, бехабар аз он ки соҳиби зирак зери мӯриву рахнаву сагроҳаҳо дом ниҳода буд. Лоҷарам аввал роҳнамойи кӯр ба дом хоҳад омад... Ман ин тамсилро баройи он гуфтам, ки миёни мо низ чунин сагони баднафси кӯр кам нестанд. Нигаред ба он фалакзадаҳо!

Искандар аз сари минбар ишора ба гунаҳгорон кард ва сипоҳ низ гардан тофт он сӯ. Онҳо сархам буданд ва ҳар кадом иддаое доштанд. Ва хуб ҳам медонистанд, ки ҳазор даъво ва худсапедгардонӣ суде набахшад.

Искандар: — Инак биоваред онҳоро! Рӯ ба рӯ бикунед бо сипоҳ, шояд нашинохтаҳо низ бишиносанд.

Оварданд дастбастагонро. Сархам буданд. Файлотус табассум мекард. Аминта низ худро ҳушдору ҳушёр вонамуд мекард. Дигарон тарсу метофтанд ва анҷоми умрашонро нигарон буданд.

Искандар: — Ин ҷо раёсати пирони кор ва ҳарб ҳузур доранд, подошу кайфари амалу гуноҳу савоби сӯйиқасдчиён ба ихтиёри онҳо вогузошта мешавад. Ҳама мувофиқанд?

Садойи ғалмағал омад. Посухи равшане нашуд. Боз шоҳ хитоб кард:

— Ҳар кӣ ҷонибдори балвогаронанд, гузаранд ба қатори онҳо!

Сипоҳ ба ҷунбиш омад. Искандарро воҳима пахш кард. Сӯйи дӯстон нигарист ва боз арз кард:

— Кратер кушояд сарриштайи бастаро!

Кратер: — Шоҳи мӯҳтарам! Сипаҳсолору сипаҳбадон ва сипоҳиён! Имрӯз рӯзи нангини сипоҳи мақдуниву юнонӣ ба шумор меравад. Бародар душмани бародар. Сарбоз бадхоҳи сипаҳбад, сипаҳсолор дар қасди ҷони шоҳ. Таърихи Мақдуниё ёд надорад чунин сӯйиқасдро. Қасд ба ҷони шоҳи ҷавону оламгир! Ман ҳар кадоми онҳоро номбар намекунам. Онҳо пеши назари шумо. Ва ин кина нав нест. Ҳанӯз дар маъбади Аммони Миср дар замири баъзеҳо ин буғз омосида буд ва он омос бузург гашту кафид ва дигаронро сироят кард. Сипаҳсолор ва писарони ӯ аз он соат кина гирифта буданд, ки...

Файлотус: — Баҳ-баҳ!

Кратер: (Сухан идома дода.) — Дидед! Шоҳид шудед? Боз механдад...

Файлотус: — Бояд хандам ба ҳоли ту барин косалесон! Ба ту ҷойи Пармониён лозим буд. Ба ҳазор дасиса ӯро бадном карда ба сараш об рехтӣ ва сипаҳсолор шудӣ. Боз чӣ мехоҳӣ? Ҷойи ман лозим аст? Бигир! Ба шоҳ наздиктар шав! Рӯзе ӯ хоҳад донист, ки ту кӣ ҳастӣ! Ҳолиё ту шахси аввал баройи шоҳ! Вазири дасти рост! Сари касеро хоҳӣ бо дасисаву морбозӣ бихӯрӣ...

Кратер: — Кӣ туро фармуд, ки чунин носазо гӯйӣ?

Файлотус: — Он ки туро...

Искандар қасдан намебурид сухани онҳоро, то гӯянду ҳувайдо гардад асрори ниҳон.

Кратер: (Рӯ ба шоҳ оварда.) — На! Касе туро сухан надода. Сухани вопасинро нигарон бош!

Файлотус: — Ҳаҳ-ҳа! Дидӣ чӣ гуна худро фош мекунӣ? Аллакай донӣ, маро чӣ дар пеш аст. Ман донам, ки гуноҳе надорам ва сӯйиқасди шоҳро надорам. Ин ҳама бофтайи туст. Ва ту хоҳӣ, ки бо дасти шоҳ баддидаатро аз миён бардорӣ ва ҳокимият кунӣ. Вале ман нагузорам! Ба сипоҳ рӯ меорам, ки агар ман гуноҳе дорам ё сӯйиқасд ба ҷони шоҳ кардаам, гӯянд, то кайфар барам!...

Аминта: (Зӯр зада, ҳаракати кушодани дасти бастаро карда.) — Дастони маро кушоед, ман худам сари ӯро гирам. Ӯ ҳамаро ба пой хезонд. Ман аз забони Лимну Никомах чунин қасдро шунида, огоҳашон кардам, ки чунин корро накунанд, онҳо гӯш накарданд. Агар ба сухани ман бовар намекунед, бародари Никомах Кебалинро биоваред, ки ӯ донад ҳама сирру савдоро. Ӯ донад киҳо оғуштаанд ба чунин зардоб...

Файлотус: — Бигӯй, туро озодӣ бахшанд!

Искандар: — Биоваред Кебалинро!

Кебалини тарошидамӯйро оварданд ва паҳлӯйи Аминта гузоштанд. Кебалин нигарист ба сӯйи сарфавҷи хеш. Аминта ҳоло низ ӯро сарбози фавҷи хеш муниста ба ишорайи сар фармуд: «Бигӯй!» Кебалин ба ишорайи ӯ аҳамият надод ва сӯйи шоҳ нигашт.

Шоҳ: — Ростанд суханони Аминта?

Кебалин: — Ман ростиву дурӯғийи суханони ӯро муайян карда наметавонам. Файлотусро ягон бор надидаам, ки бо онҳое ки дар ин масъала сар мекафониданд, ҳамроҳ бошад.

Шоҳ: — Масалан бо кӣ?

Кебалин: — Масалан бо Лимн, бо Никомах, ки назди ман омада буданд...

Шоҳ: (Маврид ёфта) — Ва ту баройи чӣ сари бародарро гирифтӣ?

Кебалин: — Баройи он ки онҳо мехостанд ман ҳама корро кунам. Бавижа сари шоҳро баройи онҳо орам. Ва ман сари бародарро баройи шоҳ овардам...

Шоҳ: — Баройи чӣ?

Кебалин: — Ба хотири Мақдуниё!

Ҷунбиш шуд миёни фавҷҳо. Баногӯшӣ низ зиёд буд.

Шоҳ: — Ва дигар ҳеҷ касро надидӣ, ки бо онҳо ҳамроҳ буд?

Кебалин: — Буданд, вале номашонро намедонам ва намешиносам. Онҳо дар торикиҳо меистоданд ва ман намедидам.

Шоҳ: — Аминтаро чӣ? Ӯро хуб мешиносӣ ва номашро медонӣ. Надидӣ?

Кебалин: — На. Надидам... Шоҳ, агар иҷозат бошад як чизро пурсам?

Шоҳ: — Бифармо!

Кебалин: — Аминта дӯсти шумо буда ва ҳамин сӯйиқасдро дониста. Пас чаро шуморо огоҳ накарда аз чунин хавф?

Шоҳ: — Ба ин пурс худи ӯ бояд посух гӯяд.

Аминта: — Гуфтанӣ будам. Хуб омӯхта, пасон гуфтанӣ будам... Дер кардам.

Шоҳ: — Шояд тарсида бошӣ?

Аминта: — Аз кӣ метарсам?

Шоҳ: — Шояд аз ҳамфикрону сӯйиқасдчиён?

Аминта: — На. Ман ба ҷуз аз шоҳ аз каси дигар ҳарос надорам. Ин ҳам ба хотири он ки шоҳро ниҳоят эҳтиром мекунам.

Шоҳ: — Ташаккур баройи эҳтиром, вале ман гумон мекунам, ки Аминта анҷоми гуфтугӯро нигарон буд.

Аминта: — На, шоҳ. Чунин гумон накунед...

Шоҳ: — Инро ман нагуфтаам, худат гуфтӣ. Медонистӣ, гуфтанӣ будӣ, дер кардӣ. Ман намедонам дигарон чӣ фаҳмиданд, ман чунон фаҳмидам, ки гуфтам... Иоллай чӣ мегӯяд?

Иоллай: — Ҳамон мегӯяд, ки дар базмҳо мегуфт.

Шоҳ: — Ман низ мисли ту дар ҳайратам, ки чаро дар базмҳо сухан дигару дар ғайб дигар?

Иоллай: — Ман дар ғайби шоҳ чизе нагуфтаам ва нагӯям. Зеро донам, ки сухан аз даҳон набаромада ба шоҳ расад.

Шоҳ: — Бале, Иоллай, ҳамааш расид... Аммо ман ҳайрон, ки туро чӣ алам расида? Падарат ба ҷойи ман амини кишвар бо-

шад. Худат гули сари сабади базмҳойи шоҳӣ бошӣ. Чӣ норасойӣ доштӣ?

Иоллай: — Норасойӣ надорам, шоҳ. Вале душман дорам. Онҳое ки худро ба шумо дӯст мегиранд, аввал душмани шумо, баъд душмани мо.

Шоҳ: — Бигӯй, ки бо Филота ва Аминта чӣ аҳду паймон доштед?

Иоллай: — Ҳеҷ аҳду паймоне надоштем, шоҳ. Ҳатто ҳамсӯҳбат набудем.

Шоҳ: — Аминта баракс мегӯяд. Гӯё роҳбару роҳнамо, каси сухандон ту ҳастӣ.

Иоллай: — Дурӯғ! Дар ин бора фикр ҳам накардаам...

Шоҳ: — Магар ҷондорони ман дурӯғ мегӯянд?

Иоллай: — Ҷондорҳойи шоҳ, ки хиёнат карда метавонанд, чаро дурӯғ нагӯянд?

Шоҳ: — Ту аз кучо донӣ хиёнати онҳоро?

Иоллай: (Танг омада) — Ман? Ман аз гуфтаҳойи кунунийи шоҳ...

Деметрий: (Худдорӣ карда натавониста.) — Ӯ донад, шоҳ! Ҳамаро ӯ ташвиқ кард ва ба ин бало гирифтор намуд.

Сипоҳиён: (Ба шӯр омада.) — Сар гиред ҳамайи ин хойинонро!

Садо аз фавҷи пиёдагон: — Моро супоредашон!

Садо аз фавҷи саворон: — Ҳама гуноҳро ба сари шоҳ мезананд. Хойини Ватан инҳо будаанд!

Шоҳ: (Ба онҳо рӯ оварда) — Чӣ гуноҳро ба сари шоҳ мезананд?

Садо: — Гӯё шоҳ аз баҳри Мақдуниёву мақдуниён баромада, мулкҳойи бегонаро мулки хеш хонда.

Садойи дигар: — Худойи кофиронро худойи худ дониста!

Шоҳ: — Душман бурҳони муттаҳам кардан наёбад, «думи сагаш кач» гӯяд! Шумо бовар кардед ба чунин дасисаҳо! Мо ба чунин рӯз афтодем! Дӯст душман шуд!

Дигар садое наомад. Шоҳ Искандар нигарист ба ду паҳлӯ шояд касе чизе бигӯяд. Ҳама хомӯш буданд. Кратер бештар сиёҳ карданӣ буд Файлотусро, даҳяки ба шоҳ гуфтаро ҳоло нагуфтааст. Аммо аз баъзе дурӯғҳо виҷдонан шарм мекунад ва медонад, ки хоки дурӯғ сабук аст, зуд бод хоҳад парронд. Ба Гефестион нигарист Кратер. Гӯё нақшайи кашидаашон дуруст мерафт.

Гефестион: — Ман ҷонибдорӣ мекунам андешайи Кратерро ва баъзе гуфтаҳойи Аминтаро, ки саркори ин вайрониҳо Файлотус бувад. Ҳама донанд муроди ӯро, ҳатто шоҳ Искандар донад, вале аз хоксорӣ ва шарм гуфта натавонад. Файлотус ҳама чизро ба даст овардааст, ҳатто доро шуда, сари саворон гашта. Танҳо монда, ки шоҳи Мақдуниё гардад. Омодагӣ баройи ин аст. Хешро аврангзеб

медонад. Умед дорад ниқори падару бародарро гирад. Бародари ӯ Никонор низ ин ҷост. Шояд ӯ донад нақшаҳои бародарро?

Никонор: — Ман писари сипаҳсолор Пармониён ҳастам ва бародари Файлотус... Вале огоҳ нестам, ки бародари ман чунин ният дошта будаст. Шояд дурӯғ бошад...

Шоҳ: (Ғазаб карда ва коғазпораеро афшонда.) — Ин низ дурӯғ аст?! Номайи падар ба писарон – ба ту ва ба Файлотус дурӯғ аст?!

Никонор: — Ман хабар надорам аз нома, шоҳ...

Шоҳ: (Бо ҳамон оҳанг.) — Агар хабар надорӣ, туро гӯям, ки падари шумо менависад: «Ҳушёр бошед ва баройи ҷойи аввал мубориза баред...» Ин чӣ маънӣ дорад? Мусобиқа?!

Файлотус: — Ман чунин номаро надидаам. Шояд кори душманон бошад... Агар рост ҳам бошад, падари мо ҷойи аввал гуфта шоҳро на, сипаҳсолорро дар назар дорад. Зеро ӯ бо сипоҳ сару кор дошт, на бо давлату ҳукумат. Агар ӯ навишта бошад, каси аввал дар сипоҳу ҷанг сипаҳсолор аст. Аз ин рӯ чунин маънӣ набарояд, ки сипаҳсолор барои нобудийи шоҳ мубориза бурда, балки мо медонем, ки шоҳ барои нестийи сипаҳсолор мубориза бурда.

Шоҳ: — Надонистам, ки то ин дараҷа нобакорӣ! Маро таъна занӣ, ки падари туро куштам!

Файлотус: — Пас кӣ кушт падари маро? Ман дигар чизи гум мекардагӣ надорам. Медонам, ки бо дасисайи ёронат Кратеру Гефестион маро нобуд хоҳӣ кард. Барои ҳамин ман аз касе муттаҳам нестам, чунон ки падари қаҳрамонам. Кратер ба хуни ман ташна ва ҳама дасисаву ғаммозӣ аз дасти ӯ меояд; Гефестионро ҷой лозим. Ӯ бояд сарфавҷи саворон бошад. Ба гумони ӯ дар ҷанг зиёдтар мерасад. Агар имрӯз навбати куши ман аст, фардо аз они Гефестион хоҳад шуд. Баъд навбати Кратер, Кен ва дигарон... Чунон мапиндоред, ки ба Мақдуниё, ба Юнон зинда хоҳед баргашт... Ҳатто... ҳатто шоҳ.

Шоҳ: — Чӣӣӣ?

Файлотус: — Он чӣ шунидӣ! Вале ман дар ғурбат, дар марзи бегона хок шуданӣ нестам. Турбати маро ба Мақдуниё бифиристед!

Хитоб кард ӯ рӯ ба фавҷи савора оварда. Фавҷ ҷунбид. Асбон беқарор гаштанд, сайҳа заданд. Ба тани Файлотус мурғак дамид.

Сукут ба миён омад. Боз садойи довар омад.

Шоҳ: — Кен! Ҳеҷ кас мисли ту хуб надонад хонадони Пармониёнро. Домод ҳастӣ. Чӣ гӯйӣ дар ҳаққи онҳо?

Кен: — Бале, шоҳ, касе чу ман надонад ин хонадонро. Хонадони бошараф. Ҷанг мардони онҳоро дигаргун карда. Аз рӯйи мушоҳидаам вақтҳойи охир Файлотус дигар шуда: касеро писанд накунад. Ман ӯро бегона на, хоҳаршӯ ҳастам. Боре барои як пула

чиз қариб маро санг зада кушта буд. Худписанд, худхоҳ, носипос гашта. Ҷояш ояд, шоҳро ҳам фурӯшад, Ватанро ҳам, артишу сипоҳро ҳам… Ин ҳарфи рост бувад.

Файлотус: — Баҳ-баҳ! Шоҳ аз ту дигар чиз пурсид, пошоҳ![1] Ту шаф-шаф мегӯйӣ. Ман рад мекунам он ҳама тӯҳмате, ки дар ҳаққам мешавад. Орзу дорам, ҳама чун ман Мақдуниёро дӯст дорад. Падарашро эҳтиром кунад. Баройи мансаб накӯшад.

Тире буд ба дили шоҳ Искандар. Ӯ пай бурд.

Шоҳ: — Ту ҳақ дорӣ, ҳама чизро рад кунӣ. Вале ҳақ надорӣ дигаронро таъна занӣ. Дигар ин ки далелу бурҳонро рад карда натавонӣ!

Файлотус: — Чӣ гуна далелу бурҳон?

Шоҳ: — Ғоз мадеҳ суханро! Хоҳаршӯят низ гӯяд, ки ташна ба ҳокимият ҳастӣ, ҷоҳу ҷалол хоҳӣ!

Файлотус: — Аз куҷо донад ӯ? Ман ки бо ӯ дар ин хусус яку ду накардаам ва бо ҳеҷ кас... Пас инҳо чунин ҳарфҳоро аз куҷо мебофанд?

Шоҳ хомӯш монд. Ба гуфти худаш суханро бо Файлотус ғоз надода рӯ ба дигаре овард.

Шоҳ: — Ту бигӯй, Деметрий, наздиктарин ҷондори шоҳ будӣ, ҷойи туро бисёриҳо орзу доранд; бигӯй, ки онҳое ки аҳд карданд баъди се рӯз шоҳро воруна хоҳанд кард, киҳо буданд?

Деметрий: — Ман надонам, шоҳ...

Шоҳ: — Донӣ! Бигӯй, кистанд онҳо?!

Деметрий: — Ба назарам...

Шоҳ: — Назари ту моро лозим набувад. Яқин бигӯй: кистанд онҳо?

Деметрий: — Ба хаёлам...

Шоҳ: — Туро гӯям! Хаёл макун! Росту дониста бигӯй!

Деметрий: (Ба гунаҳгорони паҳлӯяш нигариста.) — Файлотус, Никонор, Лимн, Александри...

Шоҳ: (Сахт.) — Дурӯғ магӯй! Набоф! Фол набин! Онҳо се тан. Касоне ки ту ном мебарӣ, дар он гуфтугӯ ҳузур надоштанд! Ҳайфи ман, ки ту барин садрӯву садзабонро паҳлӯйи худ гирифта гашта будаам... Ҳолиё донистам, ки на ту маро ҳифзу ҳимоя мекардайӣ, балки ман туро ҳофизу ҳомӣ будаам. Дареғ! Шояд ман ба ёдат биоварам, ки кистанд онҳо?

Деметрий сар андохт. Шоҳ яқин кард, ки рӯбоҳ ба дом омад.

Шоҳ: — Якеро ман ном бубарам, дигаронро ту бигӯй... Деметрий...

Як қад парид Деметрий ва надонист, ки шоҳ ба ӯ муроҷиат мекунад ва ё дар радифи сӯйиқасдчиён ном мебарад.

1. Пошоҳ – язна.

Деметрий: — Нафаҳмидам шоҳ...

Шоҳ: — Мусаллам аст; дар чунин ҳолатҳо бояд кар, кӯр, гунг бошӣ... Хуб, ки ҳоло ту забон дорӣ. Ман якеро ном бурдам. Дигаронро бигӯй!

Деметрий: — Никомах, Кебалин...

Кебалин: (Аз паси онҳо садо карда.) — Рӯта сиёҳ накун! Ман аз мурдани худ хабар дораму аз чунин аҳду паймон на. Ман кай, дар куҷо бо ту дучор шудам, ки ба чунин паймон шарик гаштам. Шоҳ номи туро мебарад. Пас ӯ донад шариконни дигарро! Вале ту чаро тӯҳмат занӣ, дурӯғ бофӣ? Нобакор! Ишора ба касоне мегӯйӣ, ки ё нестанд ва ё танба сахташон омада!

Шоҳ: — Бале, ӯ рӯ сиёҳ мекунад, Кебалин. Ту ба ин кор дахле надорӣ. Агар он нафарон мард бошанд, худашон гӯянд! (Хеле нигарон истод шоҳ. Аз касе садо наомад, афзуд.) Иоллай!

Деметрий латтайи ба об афтодаро мемонд. Мадори рост истодан надошт, афтид.

Шоҳ: (Эътибор надода.) — Кӣ мегӯяд, шахси саввум кист?

Иоллай: — Аминта!

Шоҳ чизе нагуфта ғалмағал шуд миёни сипоҳ:

— Медонистем! Он кӯрнамаки мансабхоҳро медонистем!

— Баройи мансабу вазифа Файлотусро сиёҳ кард!

— Бояд ҷазояшро бигирад!

Аминта: (Худро ба замин зада, рост шуда, хешро софу пок нишон доданӣ мешуд.) — Дурӯғ! Тӯҳмат! Ӯ маро бад мебинад, қасос гирифтан мехоҳад!

Иоллай: — Дурӯғ? Чихел дурӯғ? Магар ин масъаларо ту ба миён наовардӣ? Деметрийро нагуфтӣ, ки ту наздиктарин каси шоҳ ҳастӣ, танҳо ту метавонӣ ин корро ба сомон расонӣ? Ту Аминта нестӣ? Магар ту шоҳ шуда маро сипаҳсолор таъйин карданӣ набудӣ? Бигӯй!

Аминта: (Посухе дода натавониста.) — Туфу бар ту!

Иоллай: — Низ бар ту туфу!

Агар дастони онҳо кушода мешуд, шояд хурӯсҷангро тамошо мекард сипоҳ.

Шоҳ: — Шӯройи пирон ва сарони низомӣ қарор мекунад: Деметрий аз вазифайи ҷондори шоҳ озод карда шавад! Ба ҷояш Биталомуси Мисрӣ таъйин карда шавад!

Ҳайрон шуданд ҳама. Масъалайи Аминта ҳал нагашта ва сӯҳбати ин боб тамом нашуда шоҳ якбора қарори аҷибро эълон кард. Деметрийи афтида маҷоли хестан накарда тан ба тақдир додагӣ барин аз нав фурӯ рафт чун шикамбайи бодаш баромада. Гунаҳгорон донистанд, ки зиддияташон беҳуда бувад, шоҳ огоҳ аз ҳама сирру савдост. Деметрий хаёле аз фикр мегузаронд: «Озод кунад... Накушад...» Ва ҳамайи бастадастон андар ин андеша буданд. Танҳо Файлотус медонист, ки раҳойӣ набувад ӯро. Зеро сахт гирифта шоҳ

Искандар, то тухмаву дудмони сипаҳсолор Пармониёнро барҳам занад. Вале ҳоли Никонор чӣ мешуда бошад. Ҳанӯз ӯ хонадор нашуда. Аз бародари дар сабқат мурда нишоне набуд. Аз худи ӯ духтар ҳасту писар нест. Анҷом чӣ бошад?

Файлотус: — Шоҳ бояд пай бурда бошад, ки чӣ тӯҳматҳо бор кунанд ба сари хонадони Пармониён.

Шоҳ: — Магар инро касе пурсида аз ту?

Файлотус: — На. Ман гӯям, ки бӯҳтони рӯёрӯро чӣ гуна пазиранд лашкариён?

Шоҳ: — Осуда бош. Парво макун. Фарҷоми кор ҳама рӯшан гардад.

Файлотус: — Дуруст, шоҳ. Аммо бештар вақтҳо шитобкорӣ ва беаҳамиятӣ пушаймонӣ орад.

Шоҳ: — Яъне шӯройи ҳарбӣ ба қатли Файлотус қарор барорад ва баъд пушаймон шавад?

Файлотус: — На танҳо ба қатли Файлотус, ба бисёр масъалаҳо. Шоҳ маро душман мегирад. Аммо ман дӯстона мегӯям, ки атрофиён шоҳро бадном карданианд. Онҳо коре карданианд, ки сипоҳ яклухт рӯй тобад аз шоҳ.

Шоҳ: — Магар бо сарварийи писарони Пармониён ҳоло сипоҳ аз шоҳ рӯ натофта?

Файлотус: — Бе сарварийи писарони Пармониён рӯ тофта. Худи сипоҳ фаҳмида ҳамаро.

Шоҳ: — Чиро?

Файлотус: — Онро, ки шоҳи мақдунӣ шоҳи Порс шуда ва Мақдуниёро фаромӯш карда. Ва аз ёд дода, ки модар низ дорад. Ва корҳо беҳуда. зари Порс то Мақдуниё нарасида ва агар расида, Антипатр алорағми шоҳ Искандар ҳамаро нобуд сохта ба баҳонайи балвойи Спарта.

Шоҳ: — Ту дониву шоҳ надонад. Он чӣ падарат мегуфт, ту низ гӯйӣ. Як мактаб. Мактаби зидди шоҳи мақдунӣ. (Рӯ ба боқимондайи горди шоҳӣ оварда.) Бардоредаш!

Ҳукми шоҳ воҷиб. Ҳамон замон бардоштанд Файлотуси бастаро. Никонор чизе гуфта натавониста ашк мерехт. Яқин буд, ки ӯро мекушанд, ақаллан Никонор зинда монад. Ва гоҳе ки Файлотусро аз дигарон ҷудо карда мебурданд, ӯ бо гӯшайи чашм танҳо бародараш Никонорро медид. Садойи шоҳ боло шуд:

— Шӯройи пирон ва сарони ҳарбӣ қарор мекунад: Файлотус пури Пармониён баройи сарвариаш дар сӯйиқасди шоҳ пеши назари сипоҳ ба қатл расонда шавад! Фавҷи саворон, ки Файлотус онро сардор буд, ба ду қисм ҷудо карда шуда Гефестион ва Фалон сарвари қисмҳо дониста шавад!

Шӯре бархост миёни сипоҳ. Саворон бо пиёдагон ба ҷанг омаданд. Шоҳ тарк кард минбарро. Савор шуд Бусефали болдорро ва шамшер биохт. Гӯйӣ набарди Файлотус бо Аминта буд. Ва

моҳест, сипоҳи Искандар бо душмане овард надорад, ҷангҳойи дохилӣ, фикрӣ ва гумониву хаёлӣ меравад; оқибаташ пархошӣ худӣ бо худӣ. Шояд сипоҳи савораву пиёда биандешида, ки Файлотус мираду Аминта монад. Аз ин рӯ сар ба сар шуданд пасту баланд, ки яке аз боло шамшер мезаду дигаре ба боло менигарист.

Шоҳ: (Шамшер ҷавлон дода.) — Даст кашед! Теғ боздоред! Осуда бошед! Киро кушед? Мақдуниро! Юнониро!

Садоҳо:

— Файлотусро озод бикун, шоҳ!

— Магар кам хун рехтем!

— Хуни Пармониён бас набуд!

— Ягона талаби мо: Файлотусро озод бикун!

Ва аммо садо ба гӯши шоҳ намеомад. Чунки ӯ нашунида меангошт ва пошнаву маҳмез зада Бусефал пеш меронд, то ногумон зеҳннишин кунад соҳиби садоро. «Ҳукми шоҳ раднопазир... Ҳукми пошоҳ – воҷиб... Шумо шоҳи мақдунӣ ё ман? Шумо фисинҳо тақдири мақдуниёву мақдуниёнро муайян месозед ё шоҳ? Шумо соҳиби кишвар ё Искандар? Шумо шоҳзода – пури шоҳ Филиппи Дуввум ё Искандари Сонӣ?... Чаро хомӯшед???»

Ва якбора ба ҷойи ин ҳама андешаҳо фарёд зад Искандари Мақдунӣ:

— Боздоред! Теғҳоро боздоред!

Баъди чунин пурсиданҳо шоҳ Искандар бедор шуд ва ба худ омад, ки шоҳи олам шуда ва чаро бо чанд сарбози зархоҳ, ки кироя то ба дуриҳо расидаанд ва шояд ҳоло ҷайбашон пур аз зари Порс шуда бошад, тую ман кунад? Садойи ғайримаъмулӣ баровард:

— Сипо-о-оҳ! Саф орое-еед!!!

Аммо ба гӯши касе намерасид садо. Чакочаки шамшерҳо ва «воҳ!» гуфта ба замин афтидани сарбозон меомад. Шоҳ рӯ ба «горди шоҳӣ» овард ва онон низ ҳавсалайи хомӯш кардани ошӯбро надоштанд. Мурдаҳо зери суми асбон ва таки пойи пиёдагон монда, ягон-ягон асбони бесавор сайҳа кашида аз тӯда бурун меомаданд. Искандар бо дастайи ночиз ҳуҷумовар шуд. Кратер, Гефестион, Биталомус ва чанде дигар бераҳмона омаданд ба майдон ва ононеро, ки аввал ба майдони набард даромада буданд, каллапарид карданд. Гӯйӣ ба шири дамида оби сард рехтанд. Ҷӯши ҷанг фурӯ рафт.

Вале он ҷо – паҳлӯйи минбар бастадастон чу шери ба дом омада меғурриданду мепечиданд, ки имкон бошад бар зидди шоҳ бархезанд. Вале якбора хомӯш гаштану аз нав аланга гирифтани оташи ҷанг олуғда кардашон; дандон сойиданд.

— Сипо-о-ооҳ!

Садойи боизтироб ва чу бонги хатари шоҳ Искандар ба худ овард ҳамаро ва онҳо ҳамчун сагони тохтаву шалпар дилаку забонак зада, чалаппос мезанониданд лабҳойи карахшбастаро ва

ҳанӯз аз ҷаҳлу ғазаб нафаромада буданд. Бадтар аз онҳо Искандар шери жаён гашта буд. Ба касе чизе нагуфт ва аз нияташ нагашта, фармуд то кунда бароранд. Кундае, ки аз бисёр табарзину табару шамшеру хун хӯрдан кома шуда қолаби гарданро гирифтааст. Ҷаллодҳо низ ҳамроҳи кунда ба майдон баромаданд, ки табарзину табару теғ ва шамшер доштанд. Ҳама нигарони фармони шоҳ, ки навбати кист? Чунин маросимҳо бе иштироки шоҳ мегузашт. Ҳоло шоҳ Искандар ҳузур дорад ва касе надонад, ки чӣ шавад. Бусефал бинӣ меафшонад ва саворашро такон медиҳад; дик-дик пушти зин болову поён мешавад.

«Гардани кӣ хобад ба кунда?» – мепурсад яке ва ҳар кас тахмин мекунад аз рӯйи шунидаҳойи рафти мурофиа:

«Гардани Аминта.»

«На. Иоллай.»

«Чаро гардани Файлотус набошад?»

«Шунидӣ – ку, бегуноҳ баромад.»

«Ӯро чун душман решакан карданианд.»

«Тахминҳойи мо беҳуда. Шоҳ худаш медонад...»

«Ҳоло мебинӣ, аввал ягон бегуноҳро гардан мезананд...»

Ва Файлотусро оварданд сӯйи кунда. Аз нав ғалмағал шуд. Ва ин ғалмағал пеши назари шоҳ мағали мурғони баднамойи фазо – лошахӯронро овард. Ҳама меҷунбиданд: дар ҷойи ист; сари зинҳо, андар рада, минбару рӯйи замин меҷунбиданд; касеро ҷуръат набуд, пеш ояд ва дод занад: «Ҷаллодҳо! Даст боздоред! Ин хел кушед, як мақдуниву юнонӣ нахоҳад монд!» Дар дил такрор мекунанд, сари забонашон ин хитоба, аммо тарсашон зиёд, ки ба ҷойи гардани «хойин» гардани ӯро андар комайи кунда ниҳанд.

Файлотус механдид. Қомати баланди падарона дошт ва ҳайати қаҳрамонона. Аз Искандар ва аз Кратеру Гефестиону дигарон таҳамтан метофт, танҳо аз Биталомуси пилзӯр андаке хурд метофт. Вале шербас, кашида ва дамидамушак.

«Ҳайф мешавад. Дар сипоҳи Искандар чунин ҷавонмардону родмардон лозиманд...»

«Душмандорӣ кори сахт аст...»

«Бале, яке бояд сари дигареро бихӯрад.»

Файлотуси таҳамтан ханда дорад ва ба дуродур менигарад. Ба назараш Пармониёни корзордида ва ботадбир аз зери офтоби суйи Машриқ хунгирифта пайдо мегардад савори Бодпо ва шамшери тезаш дарав мекунад сарҳойи душманро. Дилпур, ба умед ва қавирӯҳ метобад...

Ва аммо Никонор пайдост андар паҳлӯяш ва табари қасобӣ дар даст дорад. Ҳайрати Файлотус меафзояд, ки падар бародар гашта; ҳолиё падарро медид шамшерзан, инак бародарро мебинад табарбадаст.

— Туро низ, Никонор?

— На. Маро...

Сухан гуфта натавониста табарро баланд мебардорад ва ишорайи задан мекунад. Файлотус дарёфта, ки ӯро ҷаллоду қотили бародар хонда шоҳ.

— Ва дастат равад?

— Ҳукми подшоҳ воҷиб...

Ва Файлотус хандон назди кунда рафт ва дид, кунда якпаҳлӯ. Чандон баройи табар задан боб нест. Бо пой рост кард онро ва зону зада гардан ба комайи кунда ниҳод.

Ҳайронтар ҳама. Баъзеҳо садо мебароранд, бархе меларзанд; гурӯҳе мегирянд...

... ва садойи занона баланд мешавад:

«Не-е-ееее!!!»

Гетери жӯлидамӯй Эрис метозад аз дасти Тойис раҳо гашта ва то зеркунда нарасида касе пеши пой медиҳад, меафтад. Либоси сиёҳи пешакӣ пӯшидааш мепӯшонад ӯро.

Ҳама чашмдоранд, ки таҳамтан сар бардошта ҳоли ӯро мебинад. Аммо ӯ чашм пӯшида. Бо чашми дил мебинад, ки бародараш Никонор табарро тори сар бардошта, нигарони кадом фармон аст, вале дилаш меларзад ва аксаш ба дастонаш гузашта.

Чунон метобад, ки Никонор тамошо дорад он кӯҳи хуфтаро ва ба ёд мегирад, ки чӣ бародаре дошт. Тановар, бузург. Гардани танайи дарахти чаҳормағзи юнонӣ барин сахту ғафсу сиёҳрангаш бо як табару ду табар бурида нагардад. Чанд табар бояд зад баройи аз тан ҷудо кардан. «Аз ин рӯ ба ман супорид, то бародарро хуб азоб диҳам... Файлотус қатлашро аз шоҳ надонад, аз бародар донад.» Табари тори сар бардоштайи Никонор дирафшро монад, ки бо матоъи биринҷӣ онро як зайл медошта бошад.

«Агар ту зинда мемонӣ, маро зудтар бикуш! Ман ба хотири ту ва ба хотири шаҷарайи Пармониён гардан ниҳодам, Никонор, вагарна бо ин дастони баста мубориза мебурдам бо шоҳ; бо сар мезадам...»

Таъхир кардани бародарро пай бурда, аз фикр мегузаронад Файлотуси гарданниҳода. Аммо гуфта натавонад, то осебе ба бародар нарасад.

Табар бархӯрд. Аммо садойи кунда набаромад. Лекин як садое баромад, ки шикаст. Пас тани Никонор бар тахтапушти Файлотус бархӯрд. Гӯйӣ мепӯшид бо ҷуссайи хеш бародарро.

«Ту чӣ кор кардӣ, куш буд... Зинда мемондӣ, кори Пармониёни падарро идома медодӣ. Акнун ҳар дуямонро мекушанд.»

«Ме-куш-шан-д ҳар-ду – я-ям-он-ро...»

«Ба ту чӣ шуд, Никонор?»

Бародарро дар тахтапушт бардошта мехезад Файлотус. Ва аз пойи табархӯрдайи Никонор хун мерезад. Гӯйӣ аз замин кӯҳ рӯйид. Ва сояе пайдо шуд.

Шоҳ Искандар сабр пеша карда буд, ки то охир рафтори бародаронро мушоҳида кунад ва донад чӣ анҷом мепазирад муносибаташон; аз сояйи мурғони баднамо парешон гашт. Зеро медонист: ҳар боре онҳо пайдо гарданд, хунрезӣ шавад ва сахт ғаши шоҳро орад. Ба фазо нигарист шоҳ. Дар дил дашном дод лошахӯронро ва баргашта ба бародарон нигарист. Ба назари ӯ ҳолиё Файлотус Никонорро аз пушт меафканад ва дастонаш ки баста, лагад мезанад: «ҳама кори ту; ту фурӯхтӣ моро!»

Ва чун шоҳ Искандар хостаашро надид, балки бародари кашолпоро бар дӯш бардошта ва бо дастони пуштбаста дошта, мегардонд назди онҳо:

«Шикастабанд лозим... Бибандед пояшро... Мӯмиё дар ҷайби ман аст. Падарам дода буд аз рӯйи эҳтиёт... Бигиред. Бихӯронедаш...»

— Ҷаллод!

Ин садойи шоҳ Искандар буд ва ҳамаро безобита мекард.

— Ҷаллод! Кундайи дигар биовар!

Ин маъниро танҳо Файлотус фаҳмид, ки бародаронро паҳлӯйи ҳам хоҳад хобонд. Бозистод ва андаке гардан каҷ карда пурсид:

«Поят ба дард омада?»

«На.»

Ҳамчунон посух дод Никонор ва афзуд:

«Агар мурданӣ бошем, баробар мурем...»

«Кундайи дуввумро баройи ҳамин фармуд.»

Гуфт Файлотус ва ҳис кард, ки чизе аз сари дили бародараш фурӯ рехт ва дарёфт, ки дили худаш низ ончунон фурӯ рехт зери пой.

«Азоб мекашӣ, Филота.»

«Чӣ хел?»

«Ман дидам, ки чӣ гардани сахту ғафсе дорӣ, танайи дарахти чормағз барин. Бо як табару ду табар бурида нашавад... Сахт азоб мекашӣ.»

«На. Ман мегӯям, ки шамшер зананд.»

«Шамшер набурад гардани туро, Филота.»

«Ғами ман ин нест, Никонор... Ному насаб чӣ мешавад? Шаҷара қатъ мегардад.»

Баъд ҳар ду хомӯш монданд. Сӯгворӣ доштанд бесиришк.

Зеркундайи дигарро оварданд. Ниҳоданд паҳлӯйи зеркундайи аввал. Ҷаллодон табару табарзин дар даст, саропо рӯйинпӯш, хӯди фулӯзӣ ба сар, шамшер дар миён, шикамҳо дамида чун занони бордор ҳозир шуданд. Аз гармо, фарбеҳӣ ва ҳаяҷони зиёд, ки пеши чашми шаш ҳазор нафар бародаронро гардан мезананд, арақшор буданд ва зуд-зуд сару рӯй кафмол мекарнанд.

Файлотус оҳиста ва боэҳтиёт бародари шикастапоро ба замин ниҳод, то озоре наёбад; пойи кашоли хуншор, ки либоси ҳардуро

хунбаста гардонида буд, зер монда озор надиҳадаш. Вале дошта наметавонад бо дастони баста, яқин биафтад чун пада.[1] Зону зад. Ба паҳлӯйи рост зону зад, то пойи шикаста наафтад ба зер ва ҳамон зайл оҳиста бо китфи рост такя бар замин кард ва беозор хобонд Никонорро. Чун мурдайи нав, ки ҳоло дасту пояш шах нашуда бошад, рӯболо гашт ӯ. Дар чашми Файлотус намуд, ки на ҷон дорад ва на ранги зинда. Лабонаш кабудча гашта, мадораш рафта буд. Файлотус илоҷе карда наметавонист. Ноилоҷ буданашро дарёфта, ҷуссайи азимашро бардошта хест ва гӯйӣ кӯҳ рӯйид аз замин. Наъра зад:

— Дӯсту душманатро шинохтӣ, шоҳзода?!

Искандар посух надод ва хашм гирифт, ки ҳанӯз ҳам шоҳ намедонад ӯро, шоҳзода мехонад. Ва найза андохт сӯйи он ял. Чун дастонаш баста буд, наметавонист найзайи маргбори шоҳро боздорад. Хаёле реб дод ва найза аз паҳлӯйи рости ӯ гузашта ба пойи шикастайи Никонор бархӯрд, вале ӯ на ҷунбид ва на садое баровард. Файлотус чунин ҳолро дида садо баровард:

«Дареғи бародарам!»

Садойи шӯрида ва олуғдайи шоҳ пахш кард овози ӯро ва касе нашунид, ки бародар чӣ гуфт:

— Кен!!!

Ва Кени хоҳаршӯйи бародарон он замон ҳозир шуд.

— Гардан бизан!

Амри шоҳ буд Кенро ва Файлотус хандид, сипас афзуд:

— Саворони мақдунӣ, гӯш диҳед ба охирсухани ман! Ин шоҳзода бародарро мекушад бо дасти бародар, мақдуниро мекушад бо дасти мақдунӣ, юнониро мекушад бо дасти юнонӣ, то касе аз ӯ домангир нашавад! То мақдуниёну юнониён донанд, ки Искандар шоҳи одил аст...

— Кен!!!

Кени тарсу ҷониби Файлотус тохт, ки сари зеркунда биоварад, вале сурату ҳайати ӯро дида ғайрат накард ва сипаҳсолор баландтар хандид. Садойи шоҳ омад:

— Ҷаллод!!!

Ва он ду нафар шиками дамидаро пеш оварда ба маънийи «итоат» дастонро зуд ҳаракат доданд ба чаккаву сари сина, равон шуданд ҷониби гунаҳгор. Аз ду ҷониб бозувонашро дошта бурданӣ шуданд. Файлотус аввал бозувонашро пушт майл дод ва якбора пеш зад ва ҳар ду ҷаллод ба даҳан рафтанд сӯйи замин. Файлотус боз рӯ овард ба саворон:

— Ана ҳамин зайл шоҳзода як-як ялону родмардонро нобуд месозад бо дасти дигарон ва рӯзе мерасад, ки мамлукҳойи мил-

1. Пада – кундайи пӯсида.

латҳойи ғайр гӯри мақдуниёнро мекананд, чунон ки зархаридони юнонӣ бо порсҳо карданд!

— Биафкан! Сар бизан!

Садойи шоҳ пуризтироб буд ва меларзид аз ғазаб.

— Кен! Дониста бош, ки рӯзи ман ба сари ту низ хоҳад омад! Хоҳарам донад, ки ту чунин кардӣ бо ман, худаш сари туро канад!

— Ман кайҳо рухсат додаам хоҳаратро...

— Туфу бар туйи малъун!

— Амр мекунам, ки росто гардан занӣ ӯро... Кен!!!

Ва Кен аз амру садойи шоҳ ҷон гирифта, аввал табарзинро ҷониби ӯ андохт. Файлотус бо китфи чап баргардонд табарзинро. Кен шамшер биохт. Ҷавлон дод бар ҳаво ва дамид хешро. Китфонаш бардошта шуданд чунон ки парҳойи гардани хурӯс они ҷанг.

Файлотус яқин кард, ки илоҷе намонда. Даст нест, ки сари шамшери тез бигирад. Пеш аз он ки почо[1] шамшер биронад, бар ӯ тохт ва лагад зад. Кен пушт рафту афтид ва шамшер парид аз дасташ. Файлотус назди шамшер зону зада ба дандон онро бардошт ва ҳамон зайл ҷониби шоҳ Искандар равон шуд. Шоҳ Искандар ба назари Файлотус шери жаён метофт. Кушодадаҳон буд ва хун мерехт аз камарчайи он. Чун аждар фурӯ кашиданӣ буд. Вале Файлотусро бим набуд, ки агар аждар фурӯ кашад, шамшер ё даҳони аждарро медарад ва ё даҳони худи ӯро. Ба ҷойи фурӯ кашидан баракс наъра зад ва аз даҳонаш оташ дамид. Файлотусро бим набуд. Зеро фарҷоми бади қисматашро медонист; чизе бой намедод ҷуз ҷон. Аз ин рӯ чун говони ҷангӣ шох кашида мерафт сӯйи шоҳ...

Аммо нагузоштанд, ки равад. Аз ду ҷониб доштанд. Ва ӯ бастадаҳону дастбаста чӣ кор кардану чӣ гуфтанро надониста, фир гашт ба чап ва неши шамшер гардани ҷаллодро чок кард ва афтод аз даҳони ӯ.

— Кен!!!

Омад садойи музтарибҳоли шоҳ. Ва агар Кен боз таъхир кунад, худи ӯ ба майдон омаданист.

Ҳамлавар шуд Кен баброс ва китф зада додарарӯсро то сари зеркунда бурданӣ шуд, аммо натавонист ҷунбондан. Кен ҳама ҳунарро сарф карда ба шоҳ нишон доданӣ буд зӯрашро, вале барбод рафт кӯшишаш. Баракс чун пуффаки ба харсанге бархӯрда баргашта пас рафт ва калавида хешро базӯр дошт. Ҳандиданд тамошобинон. Сахт расид почоро. Чун шағоли сайд дода аз даст дандон гиз кард. Ва он сӯ шоҳи ғазабкарда беихтиёр ба майдон омад. Як мушт ба пушти гардани Кен фаровард. Кенро чашмон

1. Почо – подшоҳ; шаҳ.

сиёҳӣ зада калавида пас рафт. «Маълум шуд, ман киро мекушаму киро нигаҳ медорам.» Таънаҳои Файлотусро ёд овард шоҳ.

«Шоҳзода, дастони маро кушо, ҳар ду набард хоҳем кард» – аз дил гузаронд Файлотус, аммо гуфта натавонист. Буд-набуд шоҳ ягон ҳарфи ночо мегӯяд, пушаймон мегардад. Нигарон шуд, то чӣ кунад шоҳ.

Шоҳ Искандар ба Файлотус эътиборе надода майдонро гом зад. Пеши сипоҳро ин бор пиёда гузашт. Ба ҳар кадом бодиққат назар карда, ба онҳо хомӯш чизе гуфтаву аз ваҷоҳат, чеҳраҳо, тарзи истоду нигоҳашон бисёр хонда; сар такон додаву афшонда ва чин дар ҷабин фикандаву миёни абрӯ гиреҳ занонда, нафрин мекард сипоҳийи ноӯҳдабароро. Ин чизро мефаҳмиданд сарбозу афсарон ва мамлукҳо. Ҷаллодон канортар меларзиданд ва Кен дасту дил аз зиндагӣ шуста буд. Ва Файлотус фарҷоми корро намедонист. Фикр мекард, хаёл дошт ва пиндораш – шояд шоҳ пӯзиш кунад гуноҳашро. Баъд рад мекард андешаашро: «На, сақат гуфтам, нафрин хондам, ҳеҷ гоҳ набахшад...»

Ва тамошобини шашҳазора медонист, ки Искандар туфи ба замин афкандаро вопас нагирад ба даҳон. Аз ин рӯ ҳама нигарон буданд анҷоми рӯзи писари сипаҳсолорро.

Бозистод рӯ ба рӯйи Файлотус шоҳ Искандар. Ба либосҳойи хунбаста ва дастони пуштбастайи ӯ нигарист. Сари диливу гулӯйӣ хандид даҳон накушода: «Ҳиҳ!» Масхара, заҳрханда, нафрин ва дашном дошт ин ҳиҷойи дароз. Ба ҳолу аҳволи ӯ механдид шоҳ ва ришханд дошт, ки мурда низ зиддият кунад. Ба қаъри чашми Файлотус нигарист аз наздик чунон ки сайёд ба чашми хирс. Ва ҳар ду бо нигоҳ ва ё зӯри чашм якдигарро зердаст гардониданӣ буданд. Вале шоҳ ба чунин сабқат тан нахоҳад дод.

Ӯ ду ангушти дасти рост тир кард ба чашмони обийи Файлотус, ки ханҷари душоха мезада бошад. Файлотус дарёфт ин маъниро ва як қадам пас рафт. Шоҳ заҳрханда кард. Теғ кашид зери абрӯ... Чӣ фикре ба сараш зад, ки бозистод ва ба сипоҳиён нигариста, фарёд зад:

— Ҷаллод!!!

Ҷаллодон на аз миёни сипоҳиён, балки аз паҳлӯ тозон омаданд ва пеши пойи шоҳ зону заданд. Ва Искандар ин замон хешро шоҳи мутлақ донист ва ба ҳамон андоза амр кард:

— Гардан занед!

Ин амри ба зеркунда гузоштани гардани ғафси Файлотус буд.

Ва Файлотус аз пеши худ ба тақдир тан дода ҷониби кунда равон шуд ва Қирёси сарҷаллодро дар пеши роҳаш дида, муносибатҳойи хуби пешинашонро ёд оварда гуфт:

— Табар назан, ҷаллод, азоб мекашӣ... шамшер бизан.

Қирёс маънийи сухани ӯро дарнаёфта киноя донист ва заҳрханда кард. Файлотус, ки ҳарфашро гуфта буд ва ин ишорайи бародараш Никонор буд, сӯйи ҷасади ноҷунбони ӯ, ки пешмарги сипоҳ шудааст, зеҳн монд. «Ман ҳам хоҳам чун ту мурдан, Никонор... Худкушӣ беҳ аз он ки Искандар кушадат.» Аз дил гузаронд Файлотус ва рӯ ба ҷаллод овард:

«Қирёс, ошно... Дастони маро бикушо... Мехоҳам хешро бикушам...»

«Чунин амр нест!»

«Набошад ҳам, бикушо... Мехоҳам худ бикушам хештанро.... Ин хубтар аст аз он ки Қирёс Файлотуси бегуноҳро кушт гӯянд.»

«Амри шоҳ – воҷиб, бояд ман кушам туро. Фармон чунин аст.»

«Бале, донам, ки фармон чунин аст. Аммо ту накуш. Зери маломат хоҳӣ монд...»

— Ҷаллод!!!

Ва Қирёс садойи ҷонгудози шоҳро аломати эътироз дониста, табар бардошт, то гардани ӯ ба зеркунда нарасида, каллапарид кунад.

Ҳайҳот! Сари ҷаллоди дигар аллакай пеши пойи Файлотус меғелид ва танаш уфтода ба замин дасту пояш раг мекашид. Гӯйӣ шоҳ боройи тарсонидани Файлотус ин корро кард; инчунин Қирёсро намуд, ки чунин сар мезананд; чунон ки шайтон баччайи одамро роҳи куш нишон дода буд… Гардан зад ӯро ба шамшер ҳамчун нишони норозигӣ. Вале Файлотус нафрат кард чунин рафтори шоҳро: «мағзаш коҳида.» Ишора ба Искандар кард ва идома дод андешаро: «Дар чунин майдонҳо касе ба касе ҳисобот надиҳад, аз ин рӯ чунин кирдорҳо хурӯҷ кунанд.»

Ва хаёлӣ Файлотус мурд. Сараш аз танаш напарида, андешаҳо париданд ва сари гаронаш афтид ба пеш, аммо канда нашуд. Шамшери ҷаллоди тарсу Қирёс гардани ғафси яли мақдуниро бурида натавонист, чунон ки бародараш Никонор гуфта буд. Тани бузурги Файлотус хеле рост истод. Калавид ва сари нимбуриди майл ба пеш карда мизонро вайрон кард, ки қадаме пеш андохта натавониста пешрӯ афтид чу сафедори бурида. Ва чанги замин баромад аз ҳавойи ба замин бархӯрдани ӯ ва як садойи ҷонгудози занона баромад аз миёни корвониён.

Дастайи саворони баргузида асб монда ба майдон омаданд. Ва савори асби сапеди заринёл пеши онҳоро гирифт:

— Суде надорад. Пештар ҳаракат кардан лозим буд...

Искандар чунин ҳарфро шунида исён пиндошт ва шӯрид:

— Биистед! Ҷонатон дар танатон гаронӣ карда бошад, бишӯред!

Ва сӯйи Кратеру Гефестион нигарист, то осуда доранд. Онҳо дастаҳойи саворони шоҳиро ишора ба ҷанг карданд, ки разми худиву дохилӣ оғоз ёфта бошад.

Фавҷи ба шӯр омада гирди ҷасади писарони сипаҳсолор Пармониён тӯда заданд ва бар зинҳо хам хӯрда ҳар ду танро бардошта ба асбон – Файлотусро ба асби худаш ва Никонорро ба асби саманд бор карда аз лашкаргоҳ бурун оварданӣ шуданд. Аммо сипоҳи итоаткори Искандар ҷилави ононро боздошт ва шоҳ амр кард, то ҳамаашонро ба шиканҷа кашанд.

## БАНДИ ҲАФТУМ

Аз ҳама ҷангҳое ки буду шуд, гаронтаринаш ва хунинаш ҳамин ҷанг буд. Зеро дар он пархошҳо душман кушт мегуфтанд, дар ин набард дӯст кушт мегӯянд. Ва Искандар ҳам хашм мегирифту ҳам нафрин мекард, ки дӯстон душман будаанд ва ӯ фарқ карда натавонистааст. Сари ғазаб фармуд, ки ҳама сӯйиқасдчиёнро низ сар гиранд. Ҳамчунон шуд: якеро гардан заданд андар кунда, дигареро ҷигар шикофтанд бо дашна. Вале Аминта зинда монд. Зеро рӯзи мурофиайи ҳарбӣ ба суди шоҳ Искандар сухан карда, гуноҳи хеш ба гардани сарфавҷ бор кард. Гарчӣ бӯҳтон буд, писанд омад шоҳро. Пасон шоҳ хулоса баровард, ки бо чунин сарфавҷу саркорҳо беҳбудӣ нашавад, коргузорӣ ва ҷо ба ҷогузорийи одамон ва ҷанговаронро дигар бояд кард. Искандар он рӯз хурӯши фавҷи савораро дида буд ва талаби мурдайи сипаҳсолорро баройи дафн кардан аз ҷониби сипоҳ низ медонист; тасмим гирифт аз нав созад артишро. Фавҷи савори Файлотусро ду қисмат кард ва ба ёрони даврони навҷавониаш Гефестиони зебо ва Клити бовафо дод. Ва он фавҷи асосийи артишро, ки сипаҳсолор Пармониён сарварӣ мекард, ба кушандагони ӯ – гипархҳо[1] Клеандр, Ситалк ва Менид қисмат кард. Ва дигар дӯстону ашхоси боварибахшро сари кор гузошт. Аммо дилаш сад дар сад пур набуд баъди чунин кирдорҳо. Андар танаш дарди хоришак пайдо шуд, вале намедонист, ки он хориш дар пӯсташ ва ё дар асабаш. Ҳакимону табибон давою дармоне пайдо накарданд, шоҳ хашм мегирифт ба Димитриусу Филипп.

Ва шаби охирини дар дижи навбунёд буданаш зану фарзандро ба ҳарам пазируфт. Вале чандон завқу ҳавасе надошт, ки бо онҳо хушнудӣ кунад. Гераклро сари даст гирифта, ба таври хеш аз ӯ мадад хост:

— Чӣ балое буд, ки рух дод?

Аммо кӯчак на посух дода тавонист ва на завқе кард. Рост ба чашмони падар менигарист ва шоҳ дарёфт, ки шоҳзода норозигӣ мекунад. Такрор кард:

— А, Геракл, чӣ балое буд, ки рух дод?

1. Гипарх – сарфавҷи саворон.

— Бояд чунин рух медод...

Ба ҷойи писар посух дод Барзин. Искандар писар сари даст хомӯш монд ва оҳиста-оҳиста писарро паст фуроварда, сӯйи зан нигарист ва ҳайратзада пурсид:

— Ту медонистӣ?

— На танҳо медонистам, балки туро гуфта будам...

— Бале-бале... Воқеан гуфта будӣ... Он тавре ки гуфта будӣ, шуд... Ва чаро пешгириашро нагуфтӣ?

— Низ гуфта будам, шоҳ... Сангинтаринаш дар пеш аст. Наздиктаринон низ бимиранд ва...

— Чӣ «ва»?

— Ва шоҳ бовар накунад ба пешгӯйиҳойи ман...

— Чаро? Бовар кунад.

— Борҳо гуфтаам ва боз гӯям: то даме ки шоҳ бо ман аст, барор гирад кораш ва рӯзе ки...

— Донам чӣ гуфтанатро... Муродатро низ.

— Донӣ. Вале ба қадри ҳиммати хеш донӣ. Албатта гӯйӣ, ки очайи Геракл хоҳад, ки як умр бо шоҳ Искандар бошад, ба дигар занону гетерҳо нигоҳ накунад, бодахорӣ накунад...

— На...

— Ман донам ҳамаро; ҳатто чӣ гузарад аз зеҳни шоҳ, донам. Ҳоҷати маро гӯл задан нест. Ту шоҳӣ. Ҳар чӣ хоҳӣ, он кунӣ. Ман аз он заноне наям, ки фаҳмидаву нафаҳмида ба руйи шӯ ханҷол кашам, ки чаро ин корро кардиву чаро кунӣ.

— Донам.

— Агар донӣ, чаро риоя накунӣ?

— Чиро?

— Онеро, ки донӣ.

— Риоя кунам.

— Масалан?

— Масалан туро ҳурмат кунам, Гераклро дӯст дорам.

— Ташаккур баройи ростгӯйиат. Донам, ки маро дӯст надорӣ, ба хотире эҳтиром кунӣ. Ташаккур. Гераклро дӯст дорӣ, кифоя. Фарзандро дӯст доштан модарашро дӯст доштан аст.

— Ҳушу ёди ман ин чизҳо набувад, Барзин. Тамоман чизи дигар.

— Инро низ донам.

— На. Он чӣ аз дилу зеҳни ман гузарад, дониста натавонӣ. Агар донӣ...

— Агар донам чӣ?

— Агар донӣ, таъзим орам туро.

— Кам.

— Агар надонӣ?

— Агар надонам, таъзим орам шоҳро.

— Кам.

— Пас чӣ бояд кард? Шоҳ бинависад ва пинҳон дорад. Ман гӯям. Муқойиса шавад.

— Навиштам.

«Коллисфен.»

Як қад паррид шоҳ ва Барзинро оғӯш карду бӯсид.

— Чун? Чун донистӣ? Хондӣ магар?

— Шарҳ лозим аст ё на?

— Шарҳ лозим набошад, Барзин. Агар лозим, ман гӯям... Шармандагист...

— Ҳаминро низ гуфтанӣ будам, шоҳ. Коллисфен ҳамаро тасвир мекард сархам ва ба ёд мегирифт бисёр чизҳоро...

— Як чашми ман ба Коллисфен буд ва чашми дигарам ба ҳама. Аз ин рӯ баъзан суст мешудам ва имкон медодам, ки Файлотус хурӯҷу руҷӯъ кунад... Бояд ҳама нигоштаҳойи ӯро бозгирам, вагарна ба фардойиён номи бад монад.

Барзин ба андеша рафт, ки кам рух медод. Баъди мулоҳизайи зиёд магар хулоса бароварда натавонист, ки пурсид?

— Гирифта чӣ кор кунӣ?

— То донам, ки таърихнигор чӣ набишта. Агар хуб набишта, таърих шавад, агар бад набишта, сарашро хӯрад.

— Искандар...

— Чӣ мефармойӣ?

— Агар аз гуноҳам гузарӣ, гӯям...

— Бигӯ!

— На. Гӯй, ки аз гуноҳат гузашатам.

— Гузаштам аз гуноҳат.

— Тасаввур мекунам, ки шоҳ Искандар як тӯбра тангайи холис мебурд. Дар ҷое хайма зад ҳини сафар. Дар он манзил муш будааст. Тӯбраро сӯрох кард. Соҳиб намедонист ва тӯбраро бардошта сафарро идома дод ва тангаҳо аз сӯрохӣ раҳорах мерехтанд. Чун Искандар хаста шуда буд, вазни тӯбраро эҳсос намекард. Ба ҷое расид, тӯбраро холӣ дид. Искандар чӣ бурд?

Шоҳ Искандар сар афшонд, мадд кашид ва сӯйи Барзин фармуд:

— Дуздӣ будаанд тангаҳо... лекин ман муроди туро дарёфтам. Ишора ба ёрони гаронқадр кунӣ. Лекин онҳо носипосӣ карданд.

— Аз куҷо донӣ носипосийи ононро?

— Ман низ ақл дорам, Барзин, мебинам, мушоҳида мекунам, ба мизони ақл бармекашам...

— Дуруст мегӯйӣ. Лекин бештар ба овардайи душманон бовар дорӣ.

— Мапиндор чунин.

— Мапиндорам, яқин донам. Ту донӣ, ки Кратер ва Гефестион Файлотусро дӯст надоштанд. Аминта ба ҳимояйи ҷони хеш он қадар ӯро сиёҳ кард. Ва ту бовар кардӣ...

— Хайр! Маро андарз гуфтан омадӣ?!

— На, Искандар. Туро андарз гуфта нашавад. Шоҳ ҳастӣ... Рой туросг... Ман ҳамчун модари Геракл туро огоҳ кардам. Тамсили гуфтаамро андеша бикун. Боқӣ чизе нагӯям.

Искандар, ки бе гуфти Барзин ҳам шаборӯз дар ин боб сар мекафонд ва алам аз бода меситонд, андешамандтар шуд. Пеши чашмаш марди мусофир меомад, ки андӯхта дар тӯбрайи сӯрох бардошта мебарад ва раҳораҳ мерезад бораш, вале аз кӯфтӣ роҳ пай намебарад, пеш меравад. Тӯбрааш тиҳӣ, мечаспад бар дӯшаш чун қабойи беостин. Осема мегардад ва меҷӯяд Барзинро. Барзин аз дари шабистон бурун рафта аз паси дар садойи базавқи Геракл меояд. Шоҳ каф ба ҳам мекӯбад. Дар боз гашта ба ҷойи пардадор доя медарояд Гераклро аз даст гирифта. Шоҳ чӣ гуфтан ва чӣ кор карданашро надониста, мепурсад:

«Ланика?»

Вале доя чизе нафаҳмида посух медиҳад:

«Ланика.»

Ва Искандар хушнуд гашта, ба пешвози ӯ меравад ва дасти ӯро бӯсида мефармояд:

— Ту фаҳмидӣ, ки ман чӣ гуфтам?

— Бале, шоҳ. Номи маро пурсидед, посух додам.

— Ва дар ҳақиқат номи ту – Ланика.

— Оре, шоҳ, Ланика.

— Номи дояйи ман Ланика буд ва туро дида, пиндоштам дояйи манӣ. Монанд. Шояд ӯ чун ту ҷавон набошад...

— Ман низ чандон ҷавон нестам, шоҳ,

— То ин вақт куҷо будӣ, ки намешиносамат?

— Бале ман чандон назаррас наям, ки шоҳ шиносанд. Гетер будам.

— Гетер будӣ?

— Оре, шоҳ, гетер будам... Барзин маро чун доя хуш кард, пазируфтам. Зеро солам рафта ва гетерӣ ҷавононро зебанда...

— Гетер будӣ, гетер будӣ?

— Оре, шоҳ, гетер будам...

«Гетер будӣ» чизеро ёд оварда паст гуфт баройи худ ва гетер лабханд кард. Ва шоҳро аз андеша дур карданӣ шуда пурсид:

— Шоҳ низ пазиранд доягийи маро?

— Оре... Хеле монандӣ ба дояйи ман...

Ва каф кӯфт шоҳ сӯҳбатро кашол надода. Сарпос омад ба дар. Фармуд:

— Коллисфенро бихон. Коллисфени таърихнигорро!

Сипас Геракли ба ҷониби ӯ ҳайрон нигаристаро бағал гирифт. Дояро аз наздик дида гуфт:

— Ба Тойис монандӣ дорӣ...

— Бале, шоҳ. Шумо маро аз аввал Тойис гуфта будед.

Ва шинохт шоҳ ӯро, ки ҳамон вақти ба кулбайи гетерҳо шабохун заданаш номи ӯро напурсида буд. Писарро бибӯсид. Баргардонида ба доя дод ва гуфт:

— Хуб. Боз сӯҳбат хоҳем кард. Ҳоло Коллисфен меояд...

Ва Коллисфени таърихнигор баъди ин қадар даҳшату фоҷиаҳоро дидану мушоҳида кардан дигар даст кашид аз нигоштани афсонаву бофтаҳо, зеро дарёфт, ки умраш кифоя нахоҳад кард барои тасвири лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ. Ва бо чунин андешаҳо ворид гашт ба толори пазиро, ки шоҳ Искандар андар маснади шоҳӣ нишаста буд чун шоҳ, вале ба ягон шоҳи мамлакати дунё монанд набуд. На мақдунӣ буданаш маълум, на юнонӣ буданаш, на мисрӣ, на бобулӣ, на эронӣ ва на порсу бохтарӣ буданаш. Шоҳ Искандар махсус чунин шакл гирифта буд, то ба таърихнигор Коллисфен аҷиб намояд. Салавот, ҳашамат, ҳайбат, тарзи нишаст (Дастҳо ба муттакойи курсӣ кушод гузошта, пой болойи пой ниҳода), ҷиддӣ ва махмур нигаристанаш хеле ва хеле ғайричашмдошт буд таърихнигорро. Коллисфен медонист, ки Искандар доност, вале ба ин андоза худро сохтани ӯро намедонист. Шояд баъди фоҷиаҳо ва бетартибиҳо ва гирӯдорҳойи «дӯстон» ба худ омада зимоми лашкар кашида бошад. Ва ё тамоман ба тарзи дигар сипоҳдорӣ кунад, ки нигоранда ноогоҳ монда бошад.

— Дурӯду шодбош мегӯем шоҳи ҷаҳонро!

Баъди таъзим чунин фармуд Коллисфен, аммо миҷайи шоҳ хам нахӯрд ва гӯё нашунид.

— Ман таърихнигорро огоҳ карда будам, ки ҳар чизро нанигорад ва нодида ба Мақдуниё нафиристад.

— Ва ҳамин тавр ҳам ҳаст, шоҳ.

— Чӣ тавр, ҳамин тавр?

— Зайле ки писанд ояд шоҳро.

— Чӣ нигоштӣ?

— Хиёнат ва душманийи дӯстонро.

— Ман гуфта будам ва ё дарёфтӣ?

— Шоҳ фармуда буданд ва ёдам ҳаст, ки онҳоро «саггург» низ ном ниҳода буданд.

— Оре, Коллисфен, ба дӯстӣ сифати нав зам карданд онҳо. – Нарм гуфт шоҳ Искандар, то чизе кашад аз андешаҳойи ӯ ва афзуд: — Вақтат кифоя накунад баройи тасвири ин ҳама? Туро шогирде мебод.

— Умрам шояд кифоя накунад баройи нигоштани корномаҳойи лашкаркаши бузург ва шоҳи ҷаҳон. Бо вуҷуди он шогирд зарурате

надорад. Танҳо халалгор шавад ва асрори рӯзгору лашкаркашиҳойи шоҳи мақдуниро ба ҳар тараф парешон кунад..

— Ҳммм... – Мадд кашид шоҳ ва пурсид: — Чӣ гуна асрор?

— Масалан асрори душман гаштани дӯстон.

— Ва Коллисфен ин асрорро нигошта?

— Коллисфен дар ин ҷо асроре намебинад, балки носипосийи «дӯстон»-ро мегӯяд. Сабабашро нафси бад медонад ва бухлу ҳасад.

— Дар борайи Файлотус чӣ меандешад?

— Он чӣ шоҳ фармуданд: ташнайи тахту тоҷ.

— Ва ту ҳамчун мушоҳидакор, таърихнигор чизе пай бурда будӣ аз ин чизҳо?

— Миш-миши занҳоро мешунидам, зуъми баъзеҳоро медидам, шӯридани беҳудайи бархе аз сарфавҷҳоро мушоҳида мекардам, аммо сабабашро намедонистам, чун хурӯсҷӯҷаҳо нӯл ба нӯл шудани сарбозон ба назар мерасид... Вале гумон накарда будам, ки касе ба шоҳ теғ кашида нигоҳ кунад. Боқӣ шабу рӯз сар аз дафтар барнамедоштам ва аз мӯй панҷа кардану андешидан тораҳойи мӯйи сар мечидам аз рӯйи коғаз... Ва дар ҳошияйи саҳифаҳо менабиштам, ки чунин шоҳу чунин лашкаркаши бузургро гетӣ назояд дигар.

— Аминта...

Шоҳ Искандар ба чӣ хаёл рафт, ки кӯтоҳ ном гирифт, аммо таърихнигор чизе нафаҳмид. Наёрист пурсидан. Искандар низ рӯшан накард андешаашро. Коллисфен чашмдор буд, то чӣ зояд чунин андешаву хомӯшӣ.

— Он чӣ аз зеҳну андеша гузарад, дарёбӣ?

Коллисфен чашмдор набуд, ки шоҳ чунин пурсад, посух дод:

— На. Баъзе чизҳоро тахмин кунам.

— Масалан?

— Носипосийи ҳамрикобонро ва таассуфи шоҳро, ки одамро шинохтан саҳл набудааст.

— Аминтаро чун дарёбӣ?

— Аминта ҳамрикоби шоҳ, хубтар аз шоҳ касе нашиносад ӯро...

— Дуруст... лекин чун инсон, чун ҳамнабард, чун ҳамсафар чӣ гуна нигоштиаш?

— Ман ӯро дар радифи шоҳи ҷаҳонгир нанигоштаам, вале чун ҳамроҳ гуфтамаш: «касе ки ба як нафар хиёнат кунад, ба ҷумла бани башар хиёнат кунад.»

Искандар ба андеша рафт ва дергоҳ чизе нагуфт, пасон мад кашид: «Ҳааа!» ва сар ҷунбонд. Бархоста рӯйи фарш гом зад. Кунҷи лаби чапаш мепарид, ки баъди кушишҳойи пай дар пай пайдо шуда буд. Вале Коллисфен бори аввал аз наздик дид чунин

ҳолати ӯро. Пиндошт ҳамин замон лаб ва чашми ӯ рагкаш каҷ хоҳад шуд. Аммо Искандар якбора наъра кашид:

«Ҳукми қатл ба ӯ ва бародарони ӯ!»

Коллисфен қасдан чизе нанавишт, балки сар андохт ва чашм дӯхт ба замин.

«Навбат киро?» аз дил гузаронд ва гӯшайи чашм андохт шоҳро, ки даст тори сар мушт карда буд. Таърихнигор намеёрист бархезад ё чизе бигӯяд. Ва чунон ки шамшер бар душман мезада бошанд, якбора даст бар ҳаво ронд.

«Нагузорам!.. Нагузорам, ки касе хиёнат кунад!.. Нагузорам, ки касе Мақдуниёро хароб гардонад!.. Ай Коллисфен! Медонӣ инро!? Нагузорам! Нагузорам!.. Ман туро... Ман туро ба ҷойи Аристотолиси бузург овардам ба ин ҷо! Вале ту чӣ корҳо мекунӣ?! (Коллисфен посух надод, балки хомӯшу ҳайрон менигарист сӯйи шоҳ, то чӣ ояд аз ӯ, ҳамзамон аз фикр мегузаронд, ки навбаташ низ расида ва шоҳ ӯро низ ҳаммаслаку ҳамфикри мунофиқон медонад). Ман туро овардам, ки пирӯзиҳойи мақдуниёнро нависӣ, ту юнониёнро ситойиш мекунӣ... Ман туро ҳамроҳ овардам, ки «Таърихи ҷаҳонгирӣ» нависӣ, ту афсона гирд меоварӣ! (Коллисфен таҳдиду хавферо пай бурд ва нимрӯя гашт ҷониби шоҳ.) Худоёни юнонӣ чун офариданду тарбият карданд инсонро, ки кас бовар надорад касеро, сар нафарорад дигареро, написанданд ҳамдигарро... Гӯйӣ ҷуз макру найрангу фиреб чизе наомӯхтаанд аз якдигар...»

— Одамро худоён баройи қасду ҷон ситонидани якдигар офаридаанд...

Искандар сахт ба рӯйи таърихнигор нигарист ва надонист чӣ бигӯяд. Пеш омад. Андаке сар хам кард ва фармуд:

— Ҷанги Порсро дар назар дорӣ?

— На! Хунхориҳойи инсониятро дар назар дорам. Пеш аз мо буданд чунонон, баъди мо низ рӯянд чунинон. Таърихнигорӣ баройи он аст, ки пасовандон низ доданд чиҳо шуда андар рӯзгорӣ сипарӣ.

— Агар Искандар набуд ва туро ҳамроҳ наоварда буд, чӣ навишта будӣ таърихро?

— Ободонийи Юнонро, рӯзгори файласуфони бузургро, осоиширо ва ҳар чизи хубро...

— Ва таърих шуда буд?

— Шояд таърихи хунин набуд, аммо таърихи маърифат, фарҳанг ва тамаддун хоҳад буд.

— Ту низ аз қабили онҳойӣ, Коллисфен...

—...

Коллисфен посух надод. Ба худ печид ва андешид, ки замони ӯ низ расида. Зеро касе чун таърихнигор ба гуфтору рафтори шоҳ эътибори махсус надода. Искандар боре аз ройи хеш нагашта ва

гуфтааш ё ҳукму фармонаш иҷро нашуда намонда. Таги чашм кардааст, оқибаташ ба хайр шавад.

— Магар чизеро аз хосту муроди шоҳ берун нигоштаам?

— Ман ҳоло надонам, ки пас аз марги Пармониёну писаронаш чӣ нигоштӣ, вале пиндорам, ки бо таассуф ва сӯзу гудоз ва доду фарёди сарбозон нигошта бошӣ ва бо хаёлу пиндору тахминҳо, ки шоҳ эшонро қасду қасос дошт, чунин рафтор кард.

— Ман, ки овардам ва супурдам шоҳро, то бихонанд ва бигӯянд...

— На, ман пораҳойи овардаро дар назар надорам. Таърихи куллро дар назар дорам, ки Коллисфен бояд аз хеш мерос гузорад.

— Ташаккур, шоҳи ҷаҳон! Чунин андеша дар сари ман наомада. Агар шоҳ фармоянд, ба хотири бузургиву таърихи Юнон ин корро хоҳам кард...

— Ҳммм... Таърихи Юнон... Мақдуниёро чӣ шудааст? Юнон... Юнон... Туро аз барои он овардам, ки саропойи таърих «Юнон» бошад? Пирӯзиҳойи шоҳ Искандарро аз зӯри бозуйи юнониҳо донӣ? Магар дар аввалин набарде, ки мани кӯдак андар шимоли Мақдуниё пирӯз омадам, юнониҳо забардаст буданд? Магар дар ҷанги мақдуниёну юнониҳо низ юнониён кишвари худашонро ғабсу тасарруф карданд? Магар нигорандагон пеш аз навиштан андеша намекунанд? Ё чунин корҳо ҷавобгарӣ надорад?

— Шоҳо! Ман сари баҳс надорам ва чунин андешаҳойи хом ба сарам наомада. Агар шумо гӯед, ки таърих масоз ё манигор чунин воқаву ҳодисаҳоро, пархошҳоро, нахоҳам нигошт ва он чӣ навиштаам, хоҳам сӯхт. Бо хоҳиши холи бузург Аристотолис омадам, то дар хидмати шоҳ бошам. Ва агар ягон зара майли юнонӣ карда бошам, бо майли шумо шуд. Зеро шоҳ кам ёд карданд Мақдуниёву мақдуниёнро...

— Бадбахт! Касе ватани бегонаро аз зодгоҳи худ боло ва бартар нагузоштааст! Касе хоки ғайрро аз хоке, ки хуни нофаш чакидааст, муқаддас надонистааст! Ин суханҳоро барои наҳ задани кас ё беэътибор донистани хидматҳойи ӯ бофта мебароранд. Ман зардхоки Мақдуниёро бо зархоки буму марзи бегона баробар намекунам... Маро баъд мешиносед. Дилу нияти маро, меҳру муҳаббати маро нисбати Мақдуниёйи азиз пасовандон дарк хоҳанд кард. Рӯзе хоҳанд гуфт, ки Мақдуниё як фарзанди ҷонсӯз дошт. Дигарон ба хотири ӯ барои Мақдуниё хидмат мекарданд... Ту ягон зара чунин андеша кардӣ?

— Ман андешайи худамро дар таърихи лашкаркашиҳойи шоҳ ҳамроҳ нахоҳам кард. Ман набарду пирӯзиҳойи шоҳро ва сипоҳи ӯро хоҳам навишт... Он чӣ шоҳ мехоҳанд ва он чӣ бо таърихи овардҳойи шоҳи мақдунӣ пайванд бувад.

— Таърихи Дориюшу Бесус чӣ?
— Ин ҳам пайваста бо набардҳои Искандарӣ Мақдунӣ.

## БАНДИ ҲАШТУМ

Шоҳи мақдунӣ андар шаҳраки навбунёди Искандарӣ, Бесус андар Хуросон. Ҳар ду якдигарро хоб мебинанд, вале огоҳӣ аз якдигар надоранд. Искандар иддао дорад, ки кушандайи Доройи Саввумро пайдо карда қасос биситонад, Бесус ният дорад, ки нерӯ ғун оварда «меҳмони нохонда»-ро аз мулки Порс биронад. Вале сарбозон аз кардайи Бесус норозианд ва касе намеёрад, ки бо шоҳи худноми Порс Бесуси бохтарӣ ҳамкорӣ кунад. Ҳарчанд ӯ мехонад, ки ин нияту армони Доройи Кудумон буд ва пайваста таъкид мекард, ки пояш ба Хуросон расад, лашкар фаро меорад, касе гӯш накунад ва сарбоз шудан нахоҳад. Зеро Бесус шаҷарайи Ҳахоманишиёнро баргусаст, на Искандари Мақдунӣ.

Ва ин користон Искандарро баҳона шуд, то аз пайи гӯри гурезон овезад. Вале зимистони замҳарири Ҳиндукуш ӯро аз сафар боздошт. Чун баҳор даррасид, лашкари нопурра ва талафёфта дилу бедил роҳи Бохтарро пеш гирифт. Аммо барфи соярӯйи кӯҳҳойи Ҳиндукуш ҷо-ҷо мисли маскайи аз гармо зубгашта мелапид, боқӣ барфи зимистонро аз сар гузаронида ях баста буданд. Аз бими он, ки Бесус андар тангноҳо доми тазвир гузоштааст ва кӯҳистони пурхавф ва Бомиён хатари зиёд дорад, Искандар тасмим гирифт, баҳорро дар ин боғи минӯ гузаронад ва тобистон раҳ сипарад сӯйи Шимол.

Чун Бесус роҳ тоза карда рафта ва дар пайи хеш ҳамаро рӯфтаву сӯхтаву рабуда буд, Искандару сипоҳашро азоби алим пеш омад. Дар чарогоҳҳо мол наметофт ва дар канори роҳҳо сӯзишворӣ. Гуруснагӣ таҳдид кард ва лашкари мақдуниву юнониро лозим омад, улаву борайи савориро кушта, пухта бихӯранд. Тарбоди сарди шабона ба устухону ҷони сарбозон кора дошт ва шоҳ гоҳи сархушӣ сар афшонда тасдиқ мекард, ки гуфтайи «дӯстон» ҷон доштааст. Вале чун ба худ омада қаҳрамониҳойи хешро аз пеши назар мегузаронд, тунду тез мешуд ва мушт бар девору сутуну зину сари зонуйи хеш мезад, ки писари худо андар рӯйи замин вуҷуд дорад; ҳарфи касеро ба гӯш нахоҳад гирифт. Андар талу теппаҳо ҳарбак мегузаронд ва сарбозони пиёдагардро муҳити кӯҳистон меомӯхт. Зеро ин кӯҳҳо ба кӯҳҳойи то имрӯз дидаву убур кардааш монанд набуданд; ҳавлангез, мудҳиш, махуф ва пурасрору сеҳрнок менамуданд. Боройи шоҳи шабрав мувофиқ набуд ин роҳ.

Вале ғуборе ки аз дидбонгоҳи роҳи Арахозияву Паропамис боло шуда буд, машқу тамрини сипоҳи мақдуниву юнониро боз-

дошт. Тезтак меомад саворе. Ва баробари наздик омадан хешро аз пушти зин ба замин андохт ва сари суҷуд овард лашкаркашро.

— Кушандайи Дориюшро овarданд.

— Бесусро?

— На. Барзаенти балвогарро.

Искандар тааҷҷуб кард ва сафу раддаҳойи сипоҳи хешро аз назар гузаронд, боз рӯ ба пайк овард:

— Шинохтиаш?

— На. Ман ки ӯро надида будам. Ҳиндуҳойи Арахозӣ гуфтанд, ки ин асир Барзаент бувад. Гоҳи ошӯб карданаш ва ҳамроҳи Сотибарзан бар зидди лашкари рум шӯриданаш аз бебарорӣ сӯйи Синд фирор карда будааст. Ҳиндувон ин кӯрнамаки шоҳкушро дастгир карда овarданд.

— Низ биоваред.

Ӯ таъзим овард ва борасавор пас гашт ва фурсати зиёд нагузашта биоварданд бандиро.

Искандар андар саропардайи хеш ангушт мушт кард, ки чаро ҳокимон, волиён, сатрапҳо, муҳиббон, наздикон, ҳамрикобон ва мансабдорон бадхоҳи шоҳон мешаванд ва сӯйиқасд ба эшон мекунанд. Сарбоз гоҳе шикоят кунад ҳам, аз пайи нобудийи сарварон намегардад. Пешгардҳо, пешкорон исён кунанд, онҳо чун ҳақиқатхоҳ шарик мегарданд, ки шояд беҳрӯзӣ пеш ояд. Чун ангехта гарданд, ба обу оташ задани хештанро эҳсос наҳоҳанд кард.

Сипаҳсолор реҷайи сӯҳбат мекашид ва нақшайи ҳукм. Вале чун ин шайтонро дид, андар Арахозия думак задану хушомадгуфтанҳояш пеши назар омад, димоғаш дуд кард. Ӯро шинохт; ҳамон буд, ки аз пазиройиаш Искандар бовар карда ба вазифааш аз нав таъйин кард, вале надониста буд, ки ӯ чанд рӯю чанд пӯст дорад, ки чунин лоғару сиёҳу афтода метобад. «Тфу!» Ҳатто наёрист ба рӯйи ӯ туф кунад, ба ҳаво туф кард; ба рӯйи ҳама бадкорон, ҳама носипосон. Боди сари кӯҳ нами аз лаб бурун омадайи ӯро пош дод. Нафрат дошт, ғазаб кард, шӯрид ботинан. Вале намеёрист чизе гӯяд ӯро ё пурсон шавад.

«Чаҳорлахташ кунед!»

Бепурсу посух ҳукм кард ва рӯй тофт. Гом зад рӯ ба сӯйи Бохтар, ки қотили бузург Бесуси Бохтариро меҷуста бошад.

Вале ҷаллодон намедонистанд ин тарзи кушторро чӣ гуна ба ҷо оранд. Аз ин рӯ часпиданд ба ӯ ва моломол доштанд, ки садойи шоҳ Искандар омад:

«Сазойи касе, ки худовандкуш бошад!»

Ин ҳарф гӯшона буд мақдуниёнро низ. То донанд, ки бо думи шер бозӣ кардан хуб набувад. Искандар махсус таъкид кард шоҳкуширо, вале балвою бар зидди лашкари ӯ шӯридани Барзаентро

ёдрас нашуд. Сипоҳ пиндошт шоҳ аз ин боб сухан мекунад, таъна мезанад хиёнаткорро. Аммо маликуррум носипосийи ӯро таъкид мекунад нисбати шоҳи Порс. Шоҳи пурфан ҳанӯз ҳам ишора дорад, ки Дориюшро зинда дидан мехост ва бо ӯ аҳди бародарӣ карданӣ буд. Намуданӣ буд ба Порсу Богдову Маргову Согдо, ки родмард аст, шоҳи одил аст; чунон ки бани одам орзу дорад чунин шоҳи рисолавиро. Ӯ метавонист хешро ба олам муаррифӣ кардан.

«Чаҳорлахташ кунед!»

Вале намедонистанд чаҳорлахт карданро.

Искандар пеш омад. Фармуд рӯйи ӯро пӯшанд, то набинадаш. Ҳамчунон карданд. Фармуд ба дастону пойҳойи гунаҳгор фитрок андозанд ва ба чаҳор сӯ кашанд. Бастанд ва нӯки фитрок ба кӯҳайи зини асбон пайвастанд. Баробари садойи рӯзбон (ҷаллод) асбонро тозона заданд ва ҷисми рӯболойи Барзаенти ватанхоҳ аз замин бардошта шуд гӯйӣ бар тобут. Чун саворон ситому пошна заданд, асбон ба чаҳор сӯ кашиданд. Ду лахт шуд ҷисми ӯ. Дуасба ба ду ҷониб тохтанд. Яке шона канд. Дигаре пою нимтану сар мебурд баъди одамкашӣ. Вале ними тани бесар ҳанӯз миёни ду асби ба як самт равон рӯдакашол буду хуншор. Бисёриҳо каф ба чашм бурданд, бархе сар андохтанд, то набинанд; садоҳо омад нохуш. Шоҳи мақдунӣ дарёфт, ки тир ба ҳадаф расида.

Ва аз ҷониби Бохтар гард хест сӯйи фалак. Пиндоштанд қасдситон меояд. Вале андар паси теппа ғубори меғосо фурӯ рехт. Оне нагузашта боз чанги замин боло шуд ва таковаре расид. Аз димоғи сангсуми ӯ дуд мехест. Поймарде ситоми асби ӯ гирифт ва савор бар замин шуд ва таъзим овард Искандарро.

— Фиристодае омада аз ҷониби Бесуси Бохтарӣ.

— Зуд оредаш! – чун номи Бесусро шунид, фармуд шоҳ.

Савора чун расид пеши шоҳ пиёда гашт ва суҷуд карду фармуд:

— Ман аз зулми Бесуси шоҳкуш фирор кардам...

Искандар таваҷҷӯҳ кард ин пайкро ва рӯ овард:

— Дар куҷост Бесус?

— Андар кӯҳи Набид.

— Номи ту чист?

— Кобар.

— Куҷойӣ?

— Лидӣ.

— Аз чӣ рӯ омадӣ?

— Аз зулми Бесус гурехтам.

— Чӣ зулме дорад ӯ?

— Ӯ тоҷи шоҳаншоҳӣ бар сар ниҳода, хешро шоҳи Порс эълом карда, ситам бар мардум дорад, аммо тахту пойтахт надорад.

Мардум аз пайи ӯ нараванд. Ошӯб хоҳад шуд. Бо андак зӯр талаф ёбад.

Шоҳ намедонист бовар кунад ё на. Андешаманд гашт. Пасон вонамуд, ки ҳарфҳо барои ӯ эътиборе надорад ва Бесус барояш касе нест. «Бало ҷуфт-ҷуфт меояд» мақоли шарқиёнро ёд овард, озмуд: «Кӣ фиристод туро?»

— Ҳеҷ кас, аз пеши худ омадам.

— Бовар намекунам. Ин роҳе нест, ки аз пеши худ биёйӣ.

— Корд, ки бар сутухон расид, кас ба ҳар роҳ меравад.

— Чун?

— Бесус Доройи Кудумонро таъна зада буд ба беҳунарӣ. Худ беҳунартар аз ӯ баромад. Ҳама рӯ аз шоҳи худному худком гардониданд. Ман баҳс кардам бо ӯ. Нафоридаш ва маро куштанӣ шуд. Гурехтам. Рӯ ба шоҳи одил овардам. Инак пушти ману табари қассоб.

— Оё надонӣ, ки хурӯс дар ҳама ҷо як хел фарёд занад?

— Ҳамин тавр, шоҳ, аммо шоҳ аз шоҳ фарқ дорад. Чун донистам, ки шумо кушандагони Дориюшро меҷӯед, омадам, то пинҳонгоҳи ӯро аён созам.

— Дар куҷост он кӯҳе, ки гуфтӣ?

— Дар он сӯйи Окс, дар шимолийи Богдову Морго.

— Агар рост аст, бурдӣ. Агар дурӯғ бувад, мурдӣ.

— Бошад!

# КИТОБИ ШАШУМ

## БАХШИ ЁЗДАҲУМ

### БАНДИ ЯКУМ

Канори Окс (Ҷайҳун). Сипоҳи мағлубу талафёфта ва нокомили порсӣ андар канори росту паҳнойи рӯд нафас рост мекунад. Парешону осема; гӯйӣ чу ашк дар сари миҷгон истода. Ба назар нони хушки хеш тар ба об сохта мехӯрад. Гӯё чу сипоҳи мақдунӣ андар ағбаҳойи барфгир монда, шиканҷа кашида ва аз нобудийи нозу неъмат асбони зери рони хешро кушта, хӯрда то ба ин манзил расида бошанд. Вале чунон буд, ки Бесуси Бохтарӣ баъди куштани охирин шоҳаншоҳ Доройи Саввум ҳама гулу гиёҳи гетӣ ҳамроҳ мебурд ва хуш мегузаронд айёмро. Ӯ аз фурсати танг ва бими даррасидану ғофилгир кардани лашкари мақдунӣ ба таҳлука афтода, сарбозонро имкони рӯй ба об шустан ҳам намедод. Хаймаву пардасаро, хони айш надоштанд ва ёройи фароғат кардан. Танҳо шоҳи худном сари санги байни рӯд нишаста каргасеро ба хотир меорад, ки сукут варзида лошаеро хоб медида бошад. Сиёҳ. Ришу мӯю пашми сарсинайи аз гиребон бурун омадааш ҳам сиёҳ ва мӯйи банди пойи ба об андохтааш низ қатронӣ. Мисли восӯхтаҳойи ғаддапули дароз, ки баъди убур бо амри шоҳи худноми худовандкуш оташ зада буданд; сӯхта ба рӯд афтода, ҷо-ҷо дуд мебарояд ва сутунҳойи то дами об нимсӯхта сиёҳ метобанд чун соқҳойи Бесуси пашмин. Гӯри гурезон андеша накард; ин пули ларзон, ки вазни асбу сутурон базӯр мебардорад, рӯзе ба кор хоҳад омад. Аммо мурод дигар: душман нагузарад. На ҳама сипоҳиёнро форид чунин амри ӯ, ҳарчанд усули ҷанг чунин аст.

Ӯ бо касе ҳарф намезанад ва нафареро низ пеш намехонад. Гӯйӣ ҷангист бо ҳама. Кафки таги шаррок ва рӯ-рӯйи об рафта поёнтар нобуд шударо бодиққат аз назар мегузаронад; чашм медавонад то ҷойи рафта нест шудани кафку қуббаву ҳубобчаҳо. Пештар аз ин ба алангайи оташи пули сӯхта менигаристу ба восӯхтаҳойи рӯйи об, ба лахчаҳойи сиёҳу хингоб ва ифтихор дошт, ки кори

бузурге кунад; пеши роҳи адӯро гирад. Зеро аз Ому убур кардан на кори ҳар нодон бувад.

Ва пароканд хаёли ӯро море, ки моҳӣ ба даҳон уреб дошта, майли канор омадан дошт ва андар буни санг нағма карда оҳиста-оҳиста даҳони моҳӣ ба даҳон рост кард ва зӯр зада-зӯр зада, фурӯ бурд, ки мисли ҳаво танашро дамонда рафтанаш метофт. «Тавоно хӯрад нотавонро» аз дил гузаронд ва як қад парид, ки ҳамон моҳиро монад. Ба назар фурсати зиёд гузашт ва бояд гурезад. Зеро Искандар то ҳол Дороро думболагир буд, акнун ӯро таъқиб мекунад. Чун чашмаш ба асбони тар афтод, ки аксар сиёҳ метофтанд, дарёфт, ки ҳоло фурсати зиёд нагузашта. Посбонҳо ва рӯзбонҳо сари мӯлаҳойи сангӣ роҳ мепоянд, ки аз сӯйи роҳи сипарда ғуборе боло мешавад ё на. Оромӣ. Ҷо-ҷо сарбозон сар ба ҳам наздик оварда баногӯшӣ мекунанд, Бесус гумонҳо дорад. Андешаву хаёлҳо мегузарад аз дилу мағзаш ва пиндорад, ки замини зери пояш меларзад ва Ҷайҳун медамад. Фурсати фирор набувад, зеро гоҳи заминларза пой ё ягон узв шиканад, умрбод пайванд нахоҳад гашт. Ба лашкари ночиз менигарад. То ҳол гурезон буд, акнун раҳорах сарбоз ҷамъ карданист; агар ихтиёриён бошанд. Зеро хазинайи шоҳӣ дар дасти ӯ набувад, ки сарбозони зархарид ё бардаҳо фаро оварад. Аммо сарбозони буда як-як кам мегарданд, ки сабабашро ӯ намедонад. Намедонад, ки сипоҳиёни ҳақиқӣ чӣ нафрате доранд ба ин шоҳи худному худком. Зеро онҳо ба Доро бовар доштанд, ки пояш ба Хуросон расад, лашкари бохтариву суғдӣ ва масагетиву сакойӣ гирд меоварад. Афсӯс... Аз Ардашери IV бӯйи шоҳӣ намеояд.

Хаёли Бесус парешон. Зуд-зуд ба роҳи сипарда менигарад, ки ғуборе боло мешавад ё на. Ба раҳбонҳо ва рӯзбонҳо чандон эътиқод надорад. Зеро вазъ нобоб ва сарбозон норозигӣ мекунанд. Инро Бесус аз он медонад, ки меоранд. Дар ҳолатҳойи танг ҳам худширинкунакҳо ҳастанд. Ҳолиё саргӯшиҳо карда ба санггирди нав ташкил кардаашон ҷамъ меоянд ва шоҳ намедонад, ки чӣ нағмаҳо доранд. Гумоштагон, ҷондорон, ҳамрикобони шоҳ низ чизе намедонанд. Бесус он сӯ нигашта аҳволи ғайричашмдоштро дид ва дам кард; буғз кард; нигарист сӯйи наздиконаш, ки чаро ноогоҳанд аз чунин ҷамъомад. Зеро баройи дамгирийи зиёд маҷлису машварат пиёда нашудааст ва ҳатто зини асб накандааст. Ба ёд овард, ки Искандар Дороро «гӯри гурезон» номида буд ва шояд ҳолиё ин лақабро ба ӯ часпонда бошад.

— Саф кашед!

Тару тиҳипо бархост ва мӯза ба пой накашида сангпарро ҷаҳида ба соҳил омад. Вале касе ӯро эътибор намедод ва амраш ба ҷо оварда нашуд. Балки гирду давра омаданд ва баройи шоҳ роҳ кушоданд, то ба ҳалқа дарояд. Аммо шоҳ бозистод ва зеҳн монд, ки ҷондоронаш низ дар саф омадаанд. «Бозӣ... Як бозийи

номаълум...» андеша кард ӯ; ёд овард, ки чунин бозиҳоро зиёд дида ва ҳеҷ кадоме хушӣ наоварда.

— Эй Кобари Лидӣ! Ту сар кардӣ бозиро?

— Ин ҷо бозие набувад, шоҳи бохтарӣ. – бо ҳамон оҳанг посух дод Кобар. – Мо базм карданием! Зеро ҳоло Ардашери IV тоҷи шоҳӣ бар сар наниҳода ва ҷомайи зарбафти аз тани мурдайи шоҳ Доро рабударо ба дӯш наандохта. Чӣ гуна бувад, ки шоҳ аз расмият гурез кунад?

— Мурғе ки шумо пар меканед, Бесус куштааст. Аз ин рӯ раво набошад бо думи шер бозӣ кардан.

— Бозӣ набувад... – Ҳамроҳ шуд ашрофзодайи бохтарӣ Датафарн. – Ва агар бозист, бозийи ҷиддӣ.

— Ёд дорӣ, ки Дороро ба чӣ бадном карда будӣ? – Боз ҳамроҳ шуд Кобар. Вале Бесус аз рафтори ӯ ғаш кард, ки посух надода фарёд зад:

— Ту чӣ алам дорӣ!? Низ шоҳи Порс шудан хоҳӣ!?

— Чунон ки ту хостиву шудӣ? На! Хуб буд, агар ту даҳон дарронда шоҳи қонунийи Порсро бадном намекардӣ, наҳ намезадӣ, балки ҳамагон кӯмакаш мекардем ва собит мегардонидем, ки мо низ ватан дорем ва баройи ватани хеш ҷон медиҳем.

— Ку ҷон бидеҳ, то дигарон дида пайравӣ кунанд!

— Ҷон додан ба даҳон намешавад, чунон ки ту зиёд гуфтӣ, даъвойи зиёд кардӣ; мушт бар сарсина задӣ, ки ҷуз Бесус касе натавонад мулкро ҳимоя кардан. Ҳамрикобонат низ пардайи гулӯ дарронданд... Вале куҷост он ҳама? Бо пушт ба душман гардонида гурехтан пирӯзӣ нашавад.

— Он рӯз мо ба ту бовар кардем, Бесус. Ҳатто сатрапҳойи он сӯйи Ҳиндукуш бовар карда сар бохтанд. Аз кушандагони шоҳ Доро танҳо Бесуси Бохтарӣ зинда монда ва ҳамаро шарманда сохта.

— Туро чӣ расида, Датафарн? Ту, ки ҳамватани ман ҳастӣ... Бадтар аз бегонагон таъна занӣ. Шояд ту ҳокими Бохтар шудан хоҳӣ? Беҳуда набувад бо Спитамони Суғдӣ унс гирифтанат.

— Спитамони Суғдӣ ор донад дар ин боб сухан карданро. Нангаш ояд аз даҳмардагӯйиҳойи ту.

— Ӯ забон надорад, ки ту ба ҷояш посух мегӯйӣ?

— Забон дорад, аммо пастӣ донад забон кушоданро.

— Ин рост аст, Спитамон?

Спитамон пойи бараҳнайи шоҳро нигарист, чизе нагуфт.

Бесус низ нигарист ба пойи хеш ва хиҷолатманд чокаронро (хидматгорон) ҷуст. «Инҳо маро девона мекунанд... Пайдост, ки чокарон низ ҷонибдори адӯ... Ман он чӣ гуфтам, баройи шумо гуфтам. Доро фурӯхтанӣ буд шумову ватанро. Барда гардониданӣ буд. Зану духтаронатонро ба сарбозони мақдунӣ супориданӣ буд...

Шумо носипосҳо, шумо хомсӯзҳо, шумо нодидаҳо, шумо беандешаҳо таъна бар ман мезанед аз рӯйи донишу фаҳмиши хеш.»

Ҳолиё низ сарсупурдаҳо будаанд, курсиеро оварданд ва гузоштанд пеши шоҳ, то биншинад ва мӯза ба пой кашад. Аммо шоҳи тиҳипо лагад зад курсийи сафариро:

— Шумо низ аз қабили онҳоед! Аз сар шона занед, аз так фона! Магар ман баройи шумо ҷонбозӣ накардам?

— На, Бесус! Ту баройи хеш ва нафси хеш ҷон кохонидӣ!

Спитамони Суғдӣ, ки то алвақт хомӯш буд, ҳатто ба ишораву кинояҳо сухан намегуфт, тоб наоварда ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд.

— Вагарна чӣ зарурате буд, ки шоҳро сарнагун созӣ?

— Ту низ ҳушёр бош, бедор бош, то чунин рӯз ба сарат наояд. Зарурат, ҳолат ва муҳити зист ҳама бурду балоро пеш орад. Он замон ҳамаатон шоҳиди давлатдорӣ ва набардҳойи шоҳ Доро будед. Норозӣ будед аз сарвариву сарлашкарийи ӯ. Маро пеш андохтеду худро пас кашидед, то ҳар балое пеш ояд, маро расад. Баройи шумо ҷон ба гарав мондам, пеши шумо бадном гаштам. Шумо кӯрнамакҳо! Бо ҳама шоҳон кунед ин корро! Агар шумо якдил будед, агар шумо ватанхоҳу ватанпараст будед, агар шумо гӯри падару модари хешро ҳимоя карда метавонистед, магар мақдунӣ хонайи шуморо пахш мекард, оташ мезад? Зану духтари шоҳ Дороро канизу ҳамболин мегирифт? Нааа! Шумо номус надоред! Шумо нанг надоред! Шумо одат кардаед ба бадном кардану куштану фурӯхтан. Магар Доро дар ҷанги соҳили Граника пирӯз набуд? Пирӯз буд! Искандарро гурезонд... Шумо рахна овардед баройи лашкаркаши падаркуш! Шумо танҳо гузоштед Дороро! Шумо ёр шудед ба юнониёни зархариди сипоҳи порсӣ, то Порсро фурӯшед, Эронро фурӯшед, якдигарро кушта-кушта мулкро бесарвару бесоҳиб кунед ва баъд худатонро, занатонро, модаратонро фурӯшед! баройи ҳимояйи пӯсти нокандайи хеш, баройи нафси ҳароми хеш, баройи ҷоҳу ҷалол, баройи айшу нӯш ҳамагон ва ҳама чизро арзон диҳед ба душман.

— Ту хушгуфторӣ, Бесус! – фармуд Кобар. – Ба сухан ҷома пӯшонӣ, вале қадри суханро надонӣ. Ба сайд дом андохта, ба даст орӣ, аммо сайдро ром кардаву парварда натавонӣ. Инчунин сарбозонро. Ба хушгӯйиҳоят бовар карда ҳашт ҳазор саворони бохтарӣ дунболат омаданд, амалатро дида, ихлосашон гашт...

— Бас! – пой бар замин кӯфта дод зад, ба санги теғдор бархӯрда хуншор шуд. Вале ӯ эҳсос намекард, ки хун шорад аз пояш. – Ман шоҳам ё ту!? Бохтарийи бехирад!

— Мо ҳар ду ҳамин сон бохтарӣ ҳастем, вале яке шоҳ наем! Шоҳи қонунӣ Искандарӣ Мақдунӣ. Аз рӯйи васияти шоҳ Доро валиаҳд ӯст.

— Эй бехирад! Кадом сарвар васият кунад, ки душман ҷойнишинаш гардад? Ту ақл дорӣ? Фаросот дорӣ? Ин ҳама бофтайи

ману ту. Барои хешро ба Искандар ширин кардан чунин бофтаҳо баровардем. Вагарна Искандар Дороро дастгир карда зинда ба зинда пӯст канданӣ буд. Ҳолиё ба баҳонаи кушандагони Доройи Саввумро дастгир кардан сӯйи Шимол меояд. Находд шумо, гумроҳон, нафаҳмед, ки чун Искандар шоҳи маккоре нарӯяд дигар. – Дарди пойро фаромӯш карда меафзуд Бесус: — Ҳолиё ду бохтарӣ аз хубиву бадийи шоҳи мақдунӣ баҳс мекунанд. Оё намедонед, ки қасди ӯ то Истахрро гирифтан буд. Вале ӯ Оби Ҳаётро баҳона карда то Офтобнамо омаданист. Ғараз ҷаҳонгирист. Донист, ки мо нотифоқем, донист, ки мо сари якдигарро мехӯрем; дид, ки чизе наем, бо дасти адаб кишварро ба душман медиҳем; гӯри падару модари хешро лагад мезанем; якдигарро чашми дидан надорем; худро бо дасти хеш мекушем – ҳоҷат ба теғу туфанги душман набувад... Худ надонем, ки кистем... Ва ман ин ҳамаро дониста, аз номи шумо садо додам, шумо маро сарзаниш мекунед. Ку! Бароед! Ягон багурда! Ягон говҷигар! Ягон бонанг ҳаст?!

— Нӯлпоккуниро чӣ заруратест? Мурғи минқор ба мурдорӣ зада покдон нашавад.

— Ту низ даъвойи шоҳ шудан дорӣ, Спитамон! Вале беҳуда. Туро чӣ нисбатест бо шоҳони эронӣ?

— Чунон ки бохтариро нисбатест, суғдиро онҷунон нисбатест. Хеши дури Доро.

— Ҳааа... Ба шунидам, домоди Доройи Кудумон... Агар даъвойи шоҳӣ дорад, занат бояд даъво кунад...

Сахт расид ин ҳарф Спитамони суғдиро. Зеро дар таомули суғдиён аз зан ном бурдан ё занро дар миёна даровардани марди бегона раво набувад. Спитамон аз чунин бефаросотиву бехирадӣ ва қасдона гуфтани Бесус шӯрид, вале ғазабашро фурӯ нишонд, ки шоҳи сохта авбоше беш нест.

— Хуб аст, агар маҷлис оройӣ ва тоҷи шоҳӣ бар сар ниҳӣ, ҷомайи шоҳӣ ба бар гирӣ, то туро шиносанд ва гӯш ба ҳарфат диҳанд. Вагарна ботил бувад он чӣ мегӯйӣ. Зеро касе туро шоҳ нахонда ва чун шоҳ нашинохта. Ва ту натавонӣ касеро ҳукм баровардан ва ё ҷазо додан. Магар чунон, ки бо шоҳ Доро кардӣ!

— Забони туро бояд бурид, Спитамон! Зеро ҷавонӣ ва даъвойи зиёд пеш хоҳӣ овард.

— Ман даъвое надорам. Ҳавасу ҳуқуқи шоҳ шудан ҳам набошад маро. Аз ин рӯ моро зарур бувад, то якпорагӣ пеша кунем.

— Мехоҳӣ моро гӯл занӣ?! Бо чунин касон, бо чунин сарбозони ланг магар якпорагӣ кардан имкон дорад? Аз якдил будан андеша ҳам накун. Чунон ки арз кардам, моро ба нобуд сохтани якдигар офаридаанд.

— Моро на, Бесус! Туро!

— На! Моро! Агар ман бо ёрийи шумо як нафар куштам, шумо садҳо хоҳед кушт... куштан дар пеш аст. Зеро гумони ботил доред,

ки шоҳи оламгир Искандари Мақдунӣ шуморо пирӯзӣ бахшад? Бахт орад?… Умедатон ба он шоҳи рисолавист.

— Мо медонем; он чӣ аз Бесус расад, аз Искандар низ он расад: ҳубоб, ки нуса андарун дорад. Дигар ҳеҷ.

— Гуфтам, ки забони туро бояд бурид, Спитамон!

— Осуда бош. Замоне хоҳад расид, то забонамон бибуранд.

— На! Ман бояд забони туро бибурам... Ҷаллод!!!

Касе наҷунбид аз ҷой. Амр иҷро нашуд. Бесус пиндошт нашуниданд ё садояш набаромад.

— Ҷаллод!!!

Баландтар аз пештара буд ин садо. Вале боз касе рӯ наовард. Пасон шамшер пуршаст аз наём кашид:

— Ҷаллод!!!

Посух ба садойи шоҳ шамшерҳойи дигар охта гаштанд. Баъзе аз онҳо шуоъйи хуршедро мунъакис карданд, вале сайфи ҷаллодон набуданд. Шамшерҳо аз касоне буданд, ки шоҳро гирд гирифта буданд ва баҳсу талош доштанд.

Бесус дарёфт, ки тиҳипост ва тоҷ ҳам бар сар надорад. Механданд бар ӯ. Тамасхур мекунанд. Андар домани рӯд ва атроф сипоҳ бепарво дам мегирад, гӯйӣ воқиф набувад аз кирдори шоҳ.

«Сипооох!!!»

Садойи Бесус. Ларзон баромад. Ба д-он монад, ки гоҳи ҷонбаройӣ васияти ларзон кунанд. Вопасин нафаси умедканда. Ва шояд аз рафтору гуфтори ҳамсафон гумон карда бошад, ки дигар умеди зиндагӣ набувад, ягона роҳ сарбозонро амр карда, ба по хезонидан аст. Аммо гӯш намедиҳад сипоҳ.

«Сипоҳ, бишнав амри маро! Ҳар кӣ ҷонибдори Порсу Эрон аст, рахти сафар бандад, сӯйи Суғд хоҳем рафт!»

Сипоҳиён ба ҷунбиш даромаданд. Ғалмағал шуд. Саф-саф ҷудо гаштанд, ба сафоройӣ монанд набуд. Бал гурӯҳбозиро мемонд. Садойи дигаре омад:

«Зудтар! Искандари Мақдунӣ баройи сари Бесуси Бохтарӣ хазинайи Порсро гаравгон мондааст!»

Садойи Кобар буд, ки заҳр мезад Бесусро.

— Бигиред ин ҷосуси лидиро! Зинда пӯсташ канед!!!

Аммо касе набуд, ки амрро ба ҷо орад.

— Ай саворони бохтарӣ! Куҷо шудед!?

Низ посухе ё ҷуръате набуд аз ҷониби сарбозон.

Бесус ҳамон зайл бараҳнапой сӯйи Сиёҳмушкин омад. Сайисе бовафо, ки ҳанӯз аз шоҳ бадӣ надида ва ё наранҷида буд ва чун саворони бохтарӣ ба хотири ҷониби Синд рафтани Искандар умед ба шоҳ Ардашери IV баста буд, Сиёҳмушкин пеш овард ва рикоб дошт, то шоҳ пушти зин ояд. Ҳамчунон Бесус пушти зин омад ва шамшер охт: «Сӯйи Суғд!»

Саворон ягон-ягон меомаданд ҷониби ӯ. Дигарон инон сӯйи дигар метофтанд, ки Искандар аз Бомиён гузашта; моро амон надиҳад, хуб аст, агар назди табори хеш зинда равем.

«Суғдиён! Саф ороед!!!»

Спитамон низ аз пушти асбаш пой бар рикоб тира карда овоз баровард. Суғдиён зуд гирд омаданд ва Спитамон ҳарфе нагуфта, фавҷи хеш рӯ ба Шимол гардонд.

Бесус чандон аз Спитамон наранҷида буд, ки аз саворони бохтарӣ ва аз Кобар. Кина гирифт бар ӯ. Дуздида – дуздида теғи нигоҳ мекард сӯйи ӯ, вале илоҷи ба даст овարданашро намедонист. Дандон сойид чун шағоли олуғда, кина гиреҳ зад андар сари дилаш. Ва ба паҳно нигарист, ки аз баландийи сари зин дунё, дарё, сипоҳ, фавҷҳо, сарбозон ва ҳатто душманони ҳақиру бечора дигаргуна метобанд. Хурӯшид ботинаш, тез шуд хунаш ва савори Сиёҳмушкин дашна дар даст тохт бар Кобар овард. Ӯро боздоштанд.

Фавҷи суғдӣ бо роҳе рафт, ки набояд мерафт. Баройи Бесусро гӯл задан он сӯ рафт. Вагарна ҳамфикрон Датафарну Кобару чанд тани дигар ҳамроҳи шоҳ монданд. Гӯйӣ дар ҳамин паҳно Ому ба шохобҳо ҷудо шуд ва шӯру ҳашамату бузургийи хешро гум кард.

Лашкари хоболуд аз бими он ки сипоҳи Искандар даррасад, тезтак чанги заминро бароварда, ҷониби кӯҳи Набид раҳ сипард. Бим дар вуҷуди Бесус пайдо гашта буд ва ин таҳлука ҳамаро сироят кард. Ҳатто Кобару Датафарни бохтарӣ, ки ҳамроҳи шоҳи дурӯғин рафтанро нанг медонистанд, беихтиёр аз пайи сипоҳи раҳгум равон шуданд. Гӯё таваккул ба худо карда мерафтанд. Ва гоҳ-гоҳе асбон ба ҳам наздик оварда саргӯшӣ мекарданд ва боз дур мешуданд. Зеро медонистанд, ки Бесуси бадтол дандон дорад ба онҳо, вале илоҷ надорад. Умед бар он доранд, ки шояд аз амри ноҷойи шоҳи нохонда косайи сабри сипоҳ бишканад ва якбора шӯранд бар ӯ...

Ба назар хомӯшийи сипоҳ чун пуфаки дамида буд, ки неше аз ин хорҳойи сари роҳ бар он расад ва хори мағелону шутурхорҳойи биёбон бар он части, бояд бикафад. Дуруштийи реги Ому ва биёбони пурчанг ва талу теппаҳойи роҳи ғарибкуш дилгир метофт ва хеле вазнину гарон сипоҳро. Бавижа сипоҳи гирифта ва дар худ пӯсидаву гандидаро. Артиши шикаставу коставу нимбисмил ва ҳолиё номуроду бемақсад, ки баройи кӣ ва баройи чӣ роҳ паймуданашро намедонист, чун сангпуштони рамида аз бими душман сар миёни шонаҳо фурӯ дода, танҳо баройи роҳро дидан каме гардан ёзида ҳаракат мекард. Вагарна имкон меёфт дар ин биёбони тафсон чун тухми сангпушт зери рег мешуд.

Силсилайи кӯҳҳо, қатори теппаҳо марзи ҳар водӣ буданд ва чун кӯҳу кӯҳайи нори бӯр метофтанд. Ҳарройи фараси Бесус, ки

раҳораҳ ҳунармандон оро дода буданд, дар ин роҳи ноҳамвор садо баровард; ғиж-ғижаш ба гӯши шоҳ намефорид, аммо ҷойи сухан набуд. Гумонаш касе ҳарфашро гӯш нахоҳад кард ва аламаш меояд: устовони камҳунар гоҳи тарошидан ва васл кардани ҳарро[1] аз пӯсту пайи ҳайвонҳо хуб истифода накардаанд ё осема шудаанд, ки дар муддати кӯтоҳ нағма баровард зин. Ба назари Бесуси беқарор сӯҳоне рӯйи тори асабаш мелағзад, ӯ бо ин олоти асабхӯр коре карда наметавонад; ҳатто ҳанг ё нерӯе надорад, ки ин бори сангинро бардорад ё фармояд, бардоранд. Ба зарбу оҳанги суми асб сӯҳон арра мекунад, то дарди дандон бозмонад, аммо фузун мегардад лату озораш. Беихтиёр кунҷи лабаш мепаррад; асаб бозӣ мекунад. Вале ягон чиз ба хотири ӯ намеояд; ҳатто намедонад, ки ин сӯҳону арра аз куҷост ва чаро?

Миёни дастае меравад, ки ба ӯ бовар мекарданд; ӯ низ ба онон бовар дошт. Ҳолиё ду тараф ба якдигар бо шубҳа менигаранд, ки бовар мекарда бошад? Ба чашми якдигар нигоҳ карда наметавонанд ва ё аз якдигар чизе пурсидан имкон надорад. Муаммойи сарбаста. Бесус медонад: рахна дар эътиқоди эшон пайдо шуда. Аммо сабабаш рӯшан набувад. Аҳли рикобаш дудилаанд: бо ӯ ҳастанд; бо ӯ нестанд. Чун шоҳ забардаст гардад, онҳо ёри шоҳанд. Чун зердаст шавад, ёрон душмани ӯянд. Танҳо ба хотири он ҳамроҳи Ардашери IV меравconfigured, ки агар Искандар ба ин мулк наояд, Бесус шоҳи Порс хоҳад монд...

Сари Бесус занбӯрхонаро мемонд. Баъд чӯбкаду шуд. Ҳолиё мисли кулаҳхӯди фулузиаш сарду гарону беҳис. Фикр карда наметавонад. Мағзаш низ оҳанист. Ягон-ягон симойи шоҳ Доро: айшу нӯши ӯ, базмҳояш, бепарвойиаш, тарсӯйиаш, ноҷавонмардиву беҷасоратиаш ва давлату савлатхоҳиаш, тахту тоҷпарастиаш пеши назар меояд ва рад мекунад, ки худи ӯ чунон набувад. Ягона бувад ва нотарсу ҷасуру родмарду худрой. Сар меафшонад ба сони мурғи аз об бурун омада, то тариву гаронӣ афканад. Вале гаронтар мешавад бораш. Пой бар рикоб тира карда вазни хешро донистан мехоҳад, лекин пай намебарад, ки вазн дорад ё на. Баъд шинухез мекунад пушти зин, ки ба лангару сум задани асб мувофиқ бошад. Аммо дигарон рафтори ӯро пай бурда, пиндоранд, ки васвос шудааст. Нигоҳ ба касе надорад, ҳарфе намегӯяд; якрост ба пеш менигарад ва сари рикоб аст, дунбайи рехтааш ба муттакойи товусийи зин дакка мехӯрад. Ба якдигар нигоҳу имову ишораҳо мекунанд ҳамраҳон, ибо аз чизе доранд. Яқин аз ҳолати шоҳ: ба назар хӯса мебарад сипоҳи шикастхӯрда, ё сарвари мурдаро пушти зин зинда ороста. То адӯ огоҳ набошад аз шикасту фавти шоҳ. Душман надонад бохти артиши Бесусро.

---

1. Ҳар – зини пурнигор.

Ӯ гоҳ-гоҳ хона равшан кунад чун бемори сари сакарот; ба худ омада аз дил гузаронад, ки куҷо раванд? Ҳеҷ чиз дар ёдаш нест. Пас аз худ суол кунад: «Куҷо баранд?» Боз чизе надонад. Сарфаҳм ба чизе наравад. Сар таконад аз нав. Ногоҳ даст сӯйи кӯҳҳо тир кунад. «Ба пеш!» Мазмун дорад ишорайи ӯ, аммо гуфта наметавонад. Ононе ин ишораро дарёбанд, ки борҳо дидаанду шунидаанд.

«Навииид!!!»

Садойи мастонаро мемонд. Аммо ӯ беҳушона ово дод. Ҳайрон монданд, ки сарвари хуштолеъ шурби шароб надорад ва чаро чунин кунад. Хешро ё ба девонагӣ занад ва ё ҳамаро шикебойӣ озмояд.

«Нидооо!!!»

«Девона шудааст шоҳ...»

Бисёриҳо мегӯянд паст. Аммо баройи Кобари ин калимаҳо ноошно ҳайратовар аст.

— Чӣ мефармояд?

— Ӯ номи кӯҳеро мегӯяд, – шарҳ медиҳанд ба ӯ. – Кӯҳи Навид; номи дигараш – Нидо. Кӯҳест, ки ҳар чӣ, гӯйӣ бозгардонад. Ба он ҷо расида манзил карданист.

— Боз чӣ хосият дорад он кӯҳ?

— Тангно бошад ва душворгузар ва душманро доми хуб.

— Ҳа-а-а...

Баройи Кобари Лидӣ ҳамин маълумот лозим буд. Ситоми бораашро кашид. Асб сар баланд бардошту даҳона хойид ва гӯшҳояш сих гашта, пой суст кард. Гашташ дигар шуд ва асбони дигарро пеш гузаронд. Баъд савор ба баҳонайи дашт асб паси теппа ронд ва аз пойи сипоҳ монд...

❁ ❁ ❁

Кӯҳи Навид. Кам касон аз тангнойи он воқифанд. Азбаски сатрапи Бохтар Бесус гоҳ-гоҳе дар ин кӯҳҳо ба шикор мебаромад, ҷойи хуб буданашро медонист ва ҳолиё мехост андар макони хушбод, дур аз роҳи калон хайма занад. Ӯ хуб медонист, ки бо чунин ёрон ва бо чунин сипоҳ ба ҷое расидан ва ё лашкар фаро овардан амрест муҳол. Аммо баройи роҳату фароғат ва аз чашми душман пинҳон шудан ин манзил беҳтарин бувад. Роҳи тӯлониро паймуд. Аз ҳамраҳу ҳамрадаву ҳамрастааш кӣ омаду кӣ нарасид, намедонад. Танҳо мебинад, ки Датафарни ҳамдиёраш бо вуҷуди ин қадар пасту баланд гуфтанҳо аз ӯ ҷудойӣ надорад.

— Ту чаро ҳамроҳи Спитамон нарафтӣ? – чашм танг карда пурсид Бесус.

— Спитамон баройи ман ҳамнабард бувад. Бесус – ҳамдиёр, пасон ҳамнабард.

— Инро ки донӣ, чаро андар канори Ҷайҳун тую ман кардӣ?

— Охир айби якдигар чун ойина рӯ ба рӯ мо нагӯем, кӣ гӯяд?

— Ту рӯ ба рӯ нагуфтӣ. Миёни сипаҳбадону сатрапону сипоҳ шарманда кардӣ маро. Магар наметавонистӣ, ки бо ман гӯйӣ? Танҳо ба танҳо гӯйӣ?

— На! Агар танҳо ба танҳо гӯям, бовар накарда будӣ. Ғараз пиндоштӣ. Чунон ки фармудӣ: ман ҷоҳталаб будам. Ғарази ман дигар буд: пеши бегонагон туро нотавон ва тарсу дидан нахостам. Хостам донанд, ки ту тарсу найӣ, танпарвар найӣ. Ватанхоҳ ҳастӣ, ватанпараст ҳастӣ. Баройи мардум ва кишвари хеш ҷон диҳӣ. Ва онро бояд аз омадаҳо, аҷнабиҳо, ситамгорон, мустабидон ҳифзу ҳимоя бикунӣ!

— Ҳанӯз ҳам маро нашинохтайӣ, Датафарн! Ман агар Доророо накушта будам ва сари роҳи Искандар наниҳода будам, ҳолиё ин мулку макон зери наъли асбони юнониёну мақдуниён дуд мекард. Аз Моргову Богдову Согдо нишон намонда, кишвари мақдуниён шуда буд. Ҳама забони модарӣ гум карда ба юнонӣ ҳарф мезаданд. Ту зинда будӣ ё на... Аммо зану фарзандат навкар гашта, худат ё поймарди эшон будӣ ва ё куштаашон.

— На, Бесус! Чӯҷаро дар тирамоҳ шуморанд. Хаёл яке, амал дигаре, натиҷа ҷудогона.

— На. Ҳама яке. Ва ҳама инсонҳо як чиз хоҳанд: дунё аз они онҳо бошад. Касеро дучор наомадаам, ки ба кам қаноат карда бошад; аз набуда шукр гузорида бошад. Магар шумо пиндоред, ки ман костахирадам, ақлбохтаам ва ҳарфи гуфтаамро сарфаҳм намеравам. Нааа... Ман ҳамаро сарфаҳм меравам. Ҳама чизро медонам. Метавонам дар як он аз баҳри ҳама чиз бароям. Лекин оне ки ба ҷойи ман менишинад, хубтар нахоҳад буд. Чунон ки ба гуфти шумо, ман ба ҷойи Доро нишаста хубтар нашудам. (Датафарн сухани ӯро бурида, ба ҷойи шоҳ Доро нишастанашро рад карданӣ буд, аммо худдорӣ кард, зеро ӯ иқрор мекард ба нотавонийи хеш) Хаёл мекунед, ман чени шумо ҳушу ёд надорам? Дорам! Аз шумо зиёдтарашро дорам, лекин худдорӣ мекунам. Бо одам мубориза мебарам. Кадоми шумо дарку фаҳм кардед, ки аз ҷабри Доройи танпарвари ишратхоҳ раҳо ёфта, ситоми сипоҳ ба даст бояд бигирад. Ақли ман гирифт ин чизро. Лекин дер шуд. Зимоми давлатдорӣ ва ватанхоҳиро андар рӯдбори Граника ба даст овардан лозим буд... Ё дар Йусус ё дар Говгомол... Мо он вақт ҳам ҷудо-ҷудо меҷангидем, ҳоло низ ҷудогона ба чизе соҳиб шудан мехоҳем. Ин одати шарқиёна: ҳоло ки пойи маро пахш накардааст, сари маро нагирифтааст, осудаам. Ҳоло ки туро мекӯбад, ҷони ман дард намебарад. Ҳоло ки зиндаам, худо подшост.

— Мо Доророо куштем, Бесус; ба хотире куштем. Агар моро мекушанд, низ ба хотире мекушанд.

— На, ҳамдиёри ман. Моро кушта наметавонанд. Лекин мо маҷбур мешавем, ки худкушӣ кунем. Зеро дигар роҳ намемонад. Гоҳе ки сари варта танҳо бимонӣ ва бубинӣ, ки пас гаштан имкон надорад, дар зарурат хештан ба зер биандозӣ.

— Хас каму ҷаҳон пок.

— Оре. Лекин агар он хасҳо раддаву барбаста шаванд, чапар мегарданд. Пеши чашми душманро мегиранд.

— Ҳамин тавр бояд мешуд, аммо нашуд.

— Чаро?

— Инро Бесус бояд донад...

— На... инро Датафарн, Спитамон, Кобар ва чанде дигарон бояд донанд, ки ҳаммаслаканд.

— Шояд...

— Чӣ гуна «шояд?» Ту низ бояд донӣ. Бояд донӣ, ки то чӣ андоза чашми дидан надоред маро.

— Ҳар кӣ расондааст ин матлабро, дурӯғин гуфтааст. Агар муроди Спитамону Кобар нобудийи шоҳ буд, ҷудо намешуданд...

— Чӣ гуна ҷудо?

— Кобар дар нимароҳ ғайб зад. Спитамон бо фавҷи хеш роҳи Суғдро пеш гирифт, ки аз тори кӯҳҳойи Ҳисор бигзарад.

— Ва ин чӣ маънӣ дорад, ҳамдиёри ман?

— Ба назари ман ҷангҳойи бемаънӣ ва бенатиҷа ба дилашон зада, пазмони ёру диёр гаштаанд.

— Магар Кобар ба Лидия баргашт?

— Чунин матлабро нагуфтааст. Баҳонааш «дашт» буд. Рафту наомад. Ё мо натавонистем ӯро мунтазир шавем.

— На! Ин ҷо асрорест! Ту ниҳон дорӣ!

Яке шунид, ки садояш аз дур меояд. Чунон ки касе талха диҳадаш. Гӯш дод. Хомӯшӣ буд. Пас сӯйи Датафарн сар такон дод.

— Садойи кӯҳи Нидо...

Бесус қаноат кард, ки воқеан кӯҳ чунин хислат дорад, вале аз чунин дурӣ набояд ҷавоб гӯяд. Мазмун, хеле сахт садо кардааст.

— Спитамон чӣ мехоҳад? – ягона каси ба сарварӣ сазоворро дар симойи ӯ мехонад, дилаш раг мезанаду кина мегирад ба Спитамон ва кӯшиш дорад, ки аз ҳамдиёраш чизе дарёфт кунад, аммо Датафарн хешро гӯл мегирад:

— Спитамон кӯдак набувад. Чун шоҳ Бесус сухани гуфтааш ва кори кардаашро андешамандона мекунад. Ва ӯ касе нест, ки баройи тоҷу тахт мубориза барад. Ягона муродаш ин аст, ки кишвару мардумро ҳифзу ҳимоя кунад.

— Пинҳон медорӣ розҳойи ӯро! Кадом волӣ нахоҳад, ки шоҳ бошад?

— Ҳар кас шояд хоҳад, аммо Спитамон аз ин хусус чизе нагуфтааст.

— Ман ӯро... Ман ӯро... Охир ман шоҳ ҳастам! Амри онҳо дар даҳони ман аст. Ман дастур диҳам, ӯ сатрапи Суғд хоҳад монд ва агар рухсат надиҳам, ӯ касе нест!

Датафарн чизе нагуфт, ҳарчанд ки гуфтаниҳо буданд. Дергоҳ худдорӣ кард. Бори дигар ҳама шунидаву дидаҳоро аз зеҳн гузаронд, вале посухи ба ҳарфи Бесус нӯги забон омадаро гуфта натавонист. «Охир ҳаққу ҳуқуқ надорӣ, Бесус! Чаро даҳмардагӯйӣ кунӣ?» ва ин замон беихтиёр чунон ҳаракате карда аз шоҳи худном рӯй тофт, ки аслан баройи вай вуҷуд надошта бошад.

— Гумонат, ман кӣ будани шуморо намедонам!?

Суоли ғайричашмдошт ва тунду тези ӯ оҳанги таҳдид низ дошт. Датафарн ҳамчуноне ки аз шоҳ рӯ тофта буд, баргашта ӯро нигарист; чашм нимкоф карда:

— Пиндорӣ, мо кӣ будани туро намедонем? Кадом роҳзан шоҳ шуда, ки ту шавӣ?

Бесуси аз восӯхта сиёҳтар гашта моту мабҳут ба ҳамдиёраш нигарон монд; чӣ гуфтанро надониста ба атроф чашм чаронд ва каф кӯфт. Ба умеде каф кӯфт, ки ёрону ҷондоронаш чун ҳарвақта бо амри шоҳ мерасанд. Ва омаданд ҳам. Ҳафт тан омаданд. Датафарнро на, шоҳро дастон пас тофта бастанд ва ба замин пасрӯ хобониданд.

— Эй нобакорон! Ӯро бигиред! Ӯро бубандед! Датафарнро, Датафарни носипосро, хойинро! Ман шоҳам! Шоҳи Порс! Бесуси Бохтарӣ! Ҳар неку баде кардам, баройи шумо кардам. Барору нобарорийи кори ман аз шумо вобаста буд, чаро шумо ҳама ҷурмро ба сари ман бор мекунед, ки ҷангро ман бохта бошам; кишварро ман ба дасти душман дода бошам; Искандарро ман дар хонаам меҳмон карда бошам! А, чаро? Гӯсола чаппа ояд, сари говро мегиранд, ки ҳаром намурад. Шумо низ чунон кунед бо ман. Аз куштан ё накуштани мо Дороро ҳеҷ сиёҳе сапед нагардад. Зеро мо кайҳо ҷангро бохта будем...

Сухани Бесус тамом нагашта ва ҳукме набароварда гурӯҳе пардайи саройи ӯро бардошта якбора тохт оварданд ба фароғатгоҳи ӯ ва саркардайи ниқобпӯш сухани шоҳи худкомро идома дод:

— Аз будан ва ё набудани ту низ ҳеҷ сиёҳе сапед нагардад.

Бесус лаҳҷайи ошнороро шинохт, аммо ҷуръат накард, ки номашро гирад. Мадд кашиду ришак ва аз дил гузаронд, ки рӯзе шаваду ин нобакор ба дасташ афтад, чӣ кор карданашро медонад.

— Ту Спитамони Суғдӣ найӣ?

Посух наёмад. Бесус гӯш дод, ки касе чизе мегӯяд, аммо садое шунида нашуд. Ва Бесуси рӯ ба замин яқину аниқ карданӣ буд, ки соҳиби овоз кист:

— Ту нагӯйӣ ҳам мо медонем, ки Спитамон ҳастӣ. Армони деринаат буд, ки шоҳро сарнагун созӣ ва шоҳ шавӣ. Вале дониста бош, ки касе туро «Зиҳӣ шоҳ!» нагӯяд, зеро ту аз наҷоди шоҳон

найӣ. На хуни каёнӣ дорӣ, на хуни шоҳаншоҳӣ дорӣ ва на хуни шоҳӣ. Дастнишонда чу ман. Дастнишондайи ҳахоманишиҳо. Ҳоло, ки аз дудмон танҳо ман мондаам, амр мекунам, то ба дарвозайи Согдо ду нимтаҳ зада туро бичаспонанд, то суғдиён донанд, ки чӣ сарваре доранд.

Баланд хандид ниқобдори палангинапӯш, ки ба басту бозу Спитамони диловарро мемонд. Гуфтораш низ. Аммо хандааш дигаргуна. Хандайи бебокеро монад, ки ба андак зар хештанро барда гардонад.

— Ва инак туро бубарем пеши Спитамон, то андар паҳлӯҳойи дарвозайи Согдо ду нимтаҳатро часпонад, то суғдиён донанд, ки кӣ ба сари эшон ғам meборад. Спитамони меҳанпараст туро андар канори он дарвоза нигарон аст.

— Пас ту кистӣ?

— Зарурате надорад, ки ту номи маро дониста бошӣ. Яке аз палангинапӯшони суғдӣ.

— Аз муғбаччагон бигӯ!

— Оре, аз муғиёни кӯҳи Муғ, ки Урмузди бузург баройи салхи шумо офаридааст.

— Ғалат мекунӣ, муғбачча! Бесуси Бохтарӣ ягона ҷонзодест, ки баройи ин кишвар ҷон медиҳад. Дигар шумо ҳама лошахӯр! Шикори шерро нигарон мешавед.

Ин бор баробар хандиданд ниқобпӯшон. Бесус гардан қаҷ карда сахт нигарист ба Датафарн. Ӯ китфон ба ҳам кашид, ки огоҳ набувад аз ин кирдор. Вале Бесус бовар накард.

— Кӣ фармуд шуморо, ки шоҳро дар чунин хорӣ доред?

— Кӣ фармуда буд туро, ки шоҳи Порсро чунон хору зор бикушӣ?

— Охир ӯро Сотибарзан, Набарзан, Барзаенту шумо куштед-ку!?

— Агар шоҳ Дороро мо кушта бошем, туро низ мо хоҳем кушт!

— На! Шумо маро кушта натавонед! Ман ягона фарзанди ин кишварам, ки ҳимояаш хоҳам кард. Дили шумо ба ин кишвар нахоҳад сӯхт. Шумо шояд Суғдро ҳимоя карда тавонед! Шояд дилатон баройи Эрон бисӯзад. Аммо яки шумо Бохтарро дилбастагӣ надорад. Шумо ҳама бардаҳоед... ҳар кӣ тангае изофа кунад, он сӯ мегардед, чунон ки зархаридони юнонӣ. Баъд дар лаҳзаҳойи танг метавонед ба як пули пуччак оламро бифурӯшед...

— Ин олойӣ мегӯяд... Бардоредаш!

Бесусро бурун оварданд аз пардасаро. Касе намеёрист наздик бишавад, чизе бипурсад ва ба ҳифзу ҳимояйи шоҳ бихезад. Болорӯ мебурданд шоҳро: бастадаст, пешандоз. Бесуси сиёҳришу сиёҳмӯй вазнин гом мезад ва кӯҳҳойи баландро тамошо мекард. Гӯйӣ то ҳол ин баландиву чунин бузургиву сахтиву сахтҷониро надида

буд. Намедонист, ки чунин ҳашамат дорад кӯҳи Навид. Ба шуниди ӯ танҳо Албурз бузург, баланд ва боҳашамат бувад. Дигар ҳама кӯҳпора. Вале танҳо бо нигоҳ баландиву бузургийи шаххойи осмонсоро чен кардан имкон дорад ва ба он ҷо расидан. Баланд, сахт, дастнорас... Як лаҳза истод. Чашмон бузургтар кушод ва нигарист. Кулоҳи кас меафтад, вале ҳоло ӯ сарлуч аст. На тоҷи шоҳӣ дорад, на тарг, на кулаҳхӯд.

Бурдандаш ба ҷое, ки орзу ҳам надошт.

«Ана дар ҳамин ҷо аз ҳама гуна хавфу хатар эмин хоҳӣ буд. Ин ғори дастнорас. Искандар ҳам надонад, ки дар ин ҷо чунин ғор вуҷуд дорад. Худи ту ҳамин ғорро гуфта ба ин ҷо омадӣ. Акнун манзилу макону гаҳвораву тобутат ҳамин ғори тира хоҳад шуд. Осуда бош, Бесус, туро осебе нахоҳад расид.

Зеро дари ғорро бо харсанге мепӯшанд ва касе натавонад онро кушодан. Лашкари мақдунӣ ҳам чунин зӯрро надорад. Муҳим он ки ту рӯйи ношустайи онҳоро нахоҳӣ дид ва онҳо рӯйи зишти туро. Ту чӣ қадр зишту палидӣ, Бесус. Баройи тахту бахт дудаву дудмони Ҳахоманишиёнро барҳам задӣ...»

Бесус менигарад ба даҳони ҳар кас, вале намедонад, ки садо аз зери лаби кӣ бурун меояд. Ҳама хомӯшанд. Касе ба ӯ наменигарад, касе чизе намегӯяд, вале садо меояд ба гӯши ӯ. Аммо Бесус надонад ва натавонад посух додан. Дарёфт: «Инҳо гӯри маро муайян сохтаанд. На! Ман дар чунин гӯри кушоду боҳашамат зинда ба зинда нахоҳам хуфт. Шумо маро гӯл задед. шумо маро фирефтед. Пиндоштам маро сӯйи тахти Порс хоҳед бурд, ба гӯр овардед. Охир ман шоҳи Порсам!...» Беқарор шуд ӯ. Дар андарунаш ғулғула пайдо гашт. Худдорӣ накарда фарёд зад:

— Кадоме аз шумо шоҳ шуданист? Маро гузоред! Озод кунед! Тахту тоҷро хоҳам бахшид!

Баробар хандиданд онҳо:

«Гӯсола мурад ҳам, алоийи чашмаш монад!»

Ва садойи сойидани санге ба санг омад. Бесус торикиро эҳсосу мушоҳида кард ва харсанг дари ғорро пӯшид; чунон пӯшид, ки зарайи нур наметофт. Вале садойи одамӣ базӯр ба гӯш мерасид:

«То расидани Искандар. Агар намирад, пешкашаш мекунем. Ӯ кушандагони шоҳ Дороро меҷӯяд.»

## БАНДИ ДУВВУМ

Шоҳи шабрав зери нури ситораҳо сипоҳи коста ва навсохтайи хешро пеш мебурд ва бовар надошт, ки аз Ҳиндукушу Бомиён чунин осон мегузарад. Зери нури моҳи мунир низ шебу фарози кӯҳҳоро паймуд ва инак регзори Омую биёбони Бохтарро убур мекунад ба душворӣ. Ӯ таҷрибаандӯхта. Медонад, ки регзори тафсонро шабҳангом гузаштан ҳам ба чорпою ҳам ба дупоён са-

буктар ояд аз рӯз. Вале роҳи тӯлонӣ ва бенаво, ки Бесуси Бохтарӣ аз паси хеш рабудаву сӯхтаву рӯфта аст азоби лашкари Румро афзояд. Хавфи лашкаркаши бузург аз камингоҳҳо, сипоҳи ҷангарайи бохтарӣ, мардуми ватанпарасти он; мавқеи нобобу ношинос низ ӯро парешон медошт. Агар ин роҳро Бесус беҳушона ва пурҳарос ва гирифтори ғами хештан паймуда бошад, Искандар бо ташвиш мегузарад, ки Бохтару бохтариҳо ба ҳеҷ «кишваркушо» ба осонӣ дарвоза накушодаанд. Дижи Бохтарро ҳеҷ мустабид ба даст оварда натавонистааст ҷуз Куруш, ки аз он вақт то ҳол Бохтар ба Эрон боҷу хироҷ месупурд. Ба ҳар тақдир Искандар огоҳ буд, ки марвиёну суғдиёну бохтариён бадавиҳо ва кӯчиҳо наянд, балки мардуми пешқадаму бедор ҳастанд. Оҳиста рафтор мекунад ӯ ва бим дорад, ки беразму набарду пархош озод то рӯдбори Окс лашкар овардани ӯ муаммост. Зеро Искандари таълимдида аз китоби «Киропед» ҳама хосияти Бохтар ва махсусияти бохтариёнро хондааст ва раҳораҳ аз донишмандон пурсидааст. Хомӯшийи дарё қабл аз тӯфон. Хеле бо ҳаросу эҳтиёт роҳ паймояд сипоҳ. Гузаргоҳҳойи канда ва пулҳойи вайрон, бешаҳойи сӯхта Искандарро дарс медиҳанд, ки душман рӯй пинҳон кардааст. Ва ҳар ҷое хайма задаву нафас рост кардааст, сутухону осӯхтаву хокистар боқист ва саргини асбон. Аммо шоҳ умедвор буд, ки андар ин мулки ободон, агарчӣ бо душвориҳо рӯ ба рӯ меояд, ранҷу шиканҷайи бенавойӣ нахоҳад кашид. Ҳама қурбониҳойи ба ёди худоён дар дилаш гиреҳ задаро дар ин кишвар ба ҷо хоҳад овард.

Ҷо-ҷо шабҳангом ба сари лашкар аз тори кӯҳ санг андохтани кӯҳнишинони ориёйӣ ва шабохун задани эшон ба дастаҳойи баройи ҳезуму хӯроки чорво ва навою наволайи сарбозон рафта ҳайрати Искандар ва ҳамраҳони ӯро меафзуд; балоест андар ин кӯҳистон, ки кас сураташро намебинад. Чун Искандар ба куштану оташ задани рустоҳойи сари кӯҳҳо шурӯъ кард ва пирону занону кӯдаконро ба шиканҷа кашид, басанда шуд рафтори партизанонайи ҷавонмардони ориёйӣ.

Пасон Искандар дижи Аорнро осон гирифт. Касе муқобилат накард. В-онгаҳе Ориёро ба даст овард, ки мардон набуданд ва пирону кӯдакон бенаво менишастанд. Мардум ҳама нуқлу навое, ки доштанд, бо худ бурда ва ё зери хок карда буданд; ҳамчун сарбозони мақдунӣ ниёз ба рӯзӣ доштанд ва ранҷ мебурданд. Искандар пай бурд, ки ҳар чӣ шуда низ аз дастурҳойи Бесус бувад. Сатрапи Бохтар чунин усулро ягона роҳи мубориза медонист ва қасдситонӣ. Вале огаҳ набуд, ки чунин роҳи мубориза як навъ таслим шудан аст. Искандари ҷаррор метавонад ба ҳар роҳ мӯй аз даҳони бечора кашад. Ӯ омӯхта буд ва дониста, ки ба пирон ва ё кӯдакони Шарқ чанд сухани хуш гӯйӣ ва ё инъоме ваъда кунӣ, дар як он ҳама рози ниҳон ошкор созанд.

Искандар ҳайратзада, ки чаро бохтариҳойи ватанпарасту ҷанговар ба чунин ҳол кишвару пойтахту дижи хешро вогузошта, рӯй пинҳон кардаанд. Бесуси хунӣ, ки ба орият Дороро кушта, марзи ориёйӣ аз аҷнабиёну омадагон ва бегонагон ҳифзу ҳимоя карданӣ буд, низ ҳамаро ба ҳоли худ гузоштааст. Сар андохта ба андеша меравад шоҳи мақдунӣ: «Дом бувад ин ҳама; доми фиреб...» Вале ба касе чизе гуфта наметавонад, зеро ба назар дӯсту душман ва «дӯстон»-у бардаҳо якранг метобанд: муғамбир, найрангбоз, кинавар. Намедонад чӣ кор бикунад. Бесуси худхоҳу худкорро бояд ба даст овард. «Кобарро биоваред.» Фармони шоҳ зуд иҷро шуд: оварданд Кобари бастадастро, ки харобу абгор гашта буд. Зеро Искандар ба ҳарфи ӯ бовар накарда, чун ҷосус ӯро нигаҳ медошт, то замоне ки ҳаққу ноҳақ будани ин ҳарфро донista бошад.

— Ту чӣ овардиву мулк ба чӣ ҳол аст?

Кобар чандон сарфаҳм нарафт пурси Искандарро, мулзам монд.

— Ту нагуфтӣ, ки Бесуси Бохтариро дастгир кардаанд ва нигарони омадани сипоҳи мақдунӣ ҳастанд.

— Оре, шоҳ! Ман овардам, ки сатрапи Бохтарро дасту пой баста, баройи шоҳ Искандар пешкаш мекунанд...

— Ку он, ки...

— Ӯ дар ин ҷо набувад, шоҳ. Дар кӯҳи Набид. То он кӯҳ роҳ тӯлонист.

Искандар ба дигарон нигарист, то чӣ ояд. Ҳама хомӯш буданд ва якдигарро менигаристанд, ки шояд касе чизе фармояд. Аммо ба ҷойи ҳама боз Кобар сухан пурсид:

— Иҷоза фармоед, шоҳ!

— Бифармо!

— Спитамони Суғдӣ ва Датафарни Бохтарӣ Бесуси худномро сари шоҳроҳ бояд нигаҳ бидоранд ва пеши пойи шоҳ Искандар хун кунанд.

— На!!! Қотили Доройи Саввум бояд зинда ба дасти ман ояд ва ман пурсида, донам, ки аз чӣ рӯ носипосӣ кард хоҷайи худро! Ай Биталомуси Пилтан, лашкар бигир ва шитоб бикун! Се дастайи саворайи «дӯстон», фавҷи саворони найзавар, ними сарбозони тирандоз, сипардорони хилиарх[1] ва сипоҳи пиёдагард туро бахшидам. Фармон турост, рой турост! Ту дониву аъмолат. Бесус бояд зинда ба даст ояд!

— Итоат!

Искандар ҳолиё низ он қадар парешону осема буд ва тунду тез, ки замоне аз пайи Доро. Он замон низ ҷуз ба даст овардани

1. Хилиарх – поймардони шоҳ.

Доройи Саввум муроде надошт. Ва гоҳе мурдайи ӯро дарёфт, афсӯс хӯрд, ки зинда надид.

— Ай Мисрӣ! Ай шоҳзода! Бибояд роҳи даҳрӯзаро дар чаҳор рӯз бипаймойӣ ва Бесуси носипосро зинда ба даст орӣ!

— Итоат, шоҳам!

Искандарро армон чунин буд, ки ба Бохтар расад, аз асбони тезтаку таковари ин марз фавҷи саворагон созад ва аз паси қотили Доро биовезад. Чун Аорну Ориёро (Ҳирот) ба меҳмон гузошта пинҳон шудаанд ва ҳама чорвою наво гурезондаанду бурдаанд, номурод монд. Ба тақдир тан дода бо ҳамон асбони лоғару хаста лашкари Биталомус ба роҳ даромад. Азобу шиканҷа пеш омад. Андар биёбони хушку беоб ва реги тафсон асбони нимҷон на танҳо саворашонро кашида наметавонистанд, ҳатто вазни лоғари хеш гарон афтода буд барояшон. Вале Биталомуси пилзӯр наъра мезад, ки пошна зананд ё ситом кашанд, то зудтар ба қароргоҳи Бесус бирасанд, ки амри шоҳ аст. Ҳангу фара намонда, оби танҳо рафта, лабҳо карахш баста буданд чунон ки андар моваройи Эрон. Сипоҳро ва асбонро мадор намонда буд, ки бо кӯҳҳойи мушкилгузар ва баланд раванд. Бо ҳамвориҳойи сӯйи Морго мерафт сӯхтаву тафсида. Агар амри шоҳ набуд, сипоҳ метавонист бо усули шабравийи Искандар роҳ паймоянд. Вале чун амри зудтар ба даст овардани Бесус буд, Биталомус асби арақшорро маҳмез мезаду пошнаву ситом. Сарбозон ба танг омаданд. Асбон низ кафки даҳон рехта базӯр сум мезаданд.

Чун бо ранҷу азоб даҳ фарсах роҳро паси сар гузоштанд, ба рӯдбори Ому расиданд. Он қадар говкаш об хӯрданд, ки баъзе сарбозони ҷигарсӯхта ва аз ҷон сер ба дарду мариз мубтало гаштанд. Инҳо сарбозони пешгард ва саворони асбонашон ҷонбатан буданд. Вале фавҷи барҷомонда, нимҷонҳо, пиёдагардон, корвон ва бақияйи дастайи «дӯстон»-и Искандар таноби роҳ мекашиданд.

Сипаҳсолор тавилапули сӯхта ва валу вайронро дида, ҳаждаҳаш ба замин зад ва фикраш ба бозӣ даромад, ки Бесус ба осонӣ ҷон нахоҳад дод ва он чӣ Кобари ҷосус овардааст, найранг ва фан бувад.

Биталомус ҳарчанд кори хурд набудани убури Оксро медонист, умед ба неру ва тавоноийи сипоҳи хеш дошт ва илоҷи воқеа меҷуст. Ақлу фаросоти хеш ба кор андохта, аввал ду асби нерӯманд ва як яли тановар ҷудо кард то машкҳо ва кӯзаҳоро об пур карда дар халтаву хӯрҷин пушти асбон бор банданд ва ӯро бозпас фиристанд, то суде орад ба роҳмондагони ташна. Ва баъд сипоҳро амр дод, то Ҷайҳунро убур кунанд. Зеро то расидани Искандар шояд дер шавад. Аммо убур кардани рӯдбори жарфу паҳно машаққати зиёдеро пеш овард. Нимҷонҳо ва фартутонро рухсат шуд ва ҳатто фармон, ки наҳри азимро нагузаранд ва ин ҷо монанд ва рамақе дар ҷон дошта бошанд, ба Ориё баргарданд. Окси тезоб

ва шӯх гузар намедод меҳмонони нохондаро. Биталомус чашм ба атроф чаронд ва дарахти сабзе надид, то бурида оранду гузаргоҳ созанд. Зеро мақдуниён дар тӯли роҳ ба чунин убургоҳҳо зиёд дучор омада буданд ва туфайли сангу чӯбу гил убургоҳ пур карда аз наҳрҳову баҳрҳо мегузаштанд. Аз тарси он ки Искандар даррасаду эшонро дар чунин ҳол бинад, нохуб мешавад, саворонро болообу пасоб фиристод, то бинанд, ки пуле, убургоҳе, паҳнобе ҳаст ё на. Вале фиристодагон то омаданд, ки Искандару ёронаш расиданд. Чун хабари пулҳойи харобгаштаву сӯхтаву валангорро оварданд, димоғи шоҳ сӯхт ва амр кард саворон асбони нерӯманд ба об андозанд. Асбон то гӯш ба об фурӯ рафта шино бо чараёну рафти об мекарданд. Зӯрон зудтар аз об бурун меомаданд, вале асбони нимҷонро об мебурд бо савораш. Губсару машку пӯстҳойи тулумиву ишкамбаҳоро даму коҳ пур карда, ба сарсинаҳо гирифта убур мекарданд. Чунон душвор буд, ки сарбозон ин замон ҷанг бо марг доштанд: ё ҳаёт ё мамот?

Искандар ин ҳама ранҷу машаққатро медид ва боз ба пули сӯхта нигариста хашм мегирифт ба Бесус, ки дарёбад, чунин хоҳад сӯхт. Ва агар дар наздикиҳо беша буд ё деҳа, Искандар ҳамаро бурида ва ё харобу валангор карда чӯбу тахта ба рӯдхона кашонда ғаддапул ё пайроҳа сохта пиёдагони барҷомондаро мегузаронд, вале ҳолиё илоҷе надорад ҷуз ангушти ҳайрат газидан. Ӯ мушоҳида мекард, ки кадом савор гузашту кадомеро об бурд ва они аз ҷон сершуда аз пушти зин хешро ба рӯд андохт. Аввалин бор лашкаркаш дарёфт ва дарк кард, ки чӣ душвор аст ба марзи бегона ҳукмравойӣ кардан. Аммо тан намедод ӯ. Бояд ҳукм биронад, фармонфармо бошад ва касе наёрад аз амри ӯ сар печидан.

Аз санг ба харсанг сар мезанад рӯд. Пора мегардад ва боз меомезад. Хосияти обу симоб чунин бувад. Вале одамӣ бо андак дуруштӣ, нобакорӣ, буғзу кина ва хуш надоштану хуш накардани кирдору рафтору гуфтори якдигар метавонад умрбод аз ҳам ҷудо бошад ва бар қасду қасос кӯшад. Аз дилу мағз мегузаронад ӯ, вале ба ёдаш намезанад, ки чӣ корҳое кард дар тӯли сафари хеш. Чӣ дӯстонро ранҷонд, чӣ ёронро нобуд кард, чӣ касонро номурод сохт. «Бусефал бояд илоҷе карда гузарад, аммо занону кӯдаконро чӣ илоҷ бояд кард?»

Рӯ-рӯйи об амадҳо омаданд, аммо соҳибонашон набуданд. Искандар амр кард боздоранд. Баъзеро тавонистанд доштан, баъзе аспу саворро зада чаппа мекард. Сарлашкар амр кард, ки канори сутунҳойи нимсӯхтайи пул истода боздоранд салҳоро. Ҳамчунон карданд. Вале об бо фишори сахт сарбозони бо ин кор машғулро ба танг меовард. Зеро об ниҳоят сард буд ва дер тоқат кардан имкон надошт. Чун тахтҳойи обовардро дошта ба сутунҳойи восӯхта бо каманду бо фитроку ситоми асбон бастанд, амаде омад, ки саворе дошт. Ӯ тори амад пойҳо кушод гузошта, рост меистод

ва ходайи дароз даруни рӯд андохта, ҷилави завракашро ҳар сӯ мегардонд ва бо рафти об шино мекард. Амадрон сипоҳу азоби он ва мардуми шиғосо канори рӯдхона ситодаро дида ҳайрон нашуд, балки хода ба об зада орому кушодачеҳра сӯйи Искандар равон шуд. Андар канора фӯки амад бар рег бархӯрда бозистод ва ӯ аз рӯйи тахта фурӯд омада ҷониби шоҳ таъзим овард, вале чизе нагуфт. Искандар ишора кард, ки боздоранду бозпурс кунанд. Вале ӯ чашм ба «киштӣ» дӯхт. Онҳо имойи убур карданд. Ӯ боз даст пеши бар Искандарро таъзим овард ва хода ба ӯ ёзид, то савор шуда гузарад. Искандарро хуш омад имову ишораҳойи ӯ, вале ҳайрон буд, ки чаро сухан намегӯяд. Ба назар чизе дар даҳон дошта, лунҷонаш дамида буданд.

— Кистӣ?

Гом зада наздик омад Искандар, вале боз посух гирифта натавонист.

— Шоҳ мепурсанд, ки кистӣ ва чӣ ном дорӣ? – ба порсӣ пурсид нафаре ва ӯ базӯр лабонашро кушода бо машаққат нӯки забони бурида ва варамида намуд. Ҳайрон монданд.

— Кӣ кард?

Ӯ пули сӯхтаро нишон дод ва бо ишорайи даст аз об гузашта ва рӯ сӯйи шимол рафтани касе ё гурӯҳеро фаҳмониданӣ шуд.

Искандари зирак пай бурд имову ишораҳойи ӯро ва гуфт:

— Кори Бесус?

Ӯ ба ишорайи сар тасдиқ кард. Искандар низ ба ишора фаҳмонд, ки осуда бошад, ӯро дарёфта сар аз тан ҷудо хоҳад кард. Пас ба мардуми соҳил ва обу амад ишора карда, фармуд, ки инҳоро бояд гузаронд. Ӯ аз байни тахтаҳойи амад чанд хода бароварда ба сарбозон дод ва бо ҳидояти даст фаҳмондан хост, ки ба амади ӯ савор шаванд. Сарбозон савор шуданд ва ӯ назди ҳар амади боздошта рафта, сарбозони ходабадастро ба тахтаҳо тақсим кард ва гуфт, ки ҷӯб зада назди шоҳ биронанд. Бо азоб бурданд амадҳоро ба соҳил ва нишонданд сарбозони пиёдаро. Аммо сарбозон умед надоштанд, ки хода ба об зада убур мекунанд Омуро. Амадҳоро бурдаанду оварданд. Ва он марди бохтарийи буридазабон гӯйӣ аз Бесус қасд меситонда бошад, дар як раҳи онҳо ду бор рафта меомад.

Ва гузаштанд ҷуз барҷомондагон, ки бозгашташон душвортар буд аз пеш рафтан. Искандар тунд буду хашмӣ ва андар хаёлаш ба чанд ранг мекушт Бесуси ноошноро. Сипоҳ низ ба рагҳойи таранггаштайи пешонӣ ва чаккаҳойи дамидайи сипаҳсолори бузург пайравӣ карда таҷангу таранг дам карда, сиёҳу кабуд гашта, гарди замин ба осмон бардошта, роҳ месипарданд ва ду чашм дар пешонӣ пешу паҳлӯ менигаристанд, ки Бесус куҷо бошад.

Аз доманайи кӯҳе дур, аз дасти рост гарде сӯйи осмон боло шуд, ки сипоҳи Биталомусро боздошт. Саворе меомад тезтак. Асби

чаҳорнаъли ӯ баробари ба сипоҳ наздик омадан чароғпоя шуд ва боз пой ба замин кӯфта як бор ҷувозак гирд гашт ва дастон бозӣ доронда ва кишна карда, сӯйи сипоҳи мақдунӣ сум зад.

Рӯзбонони сипоҳи Биталомус ба ишорайи сипаҳбад роз пурсиданд ӯро. Фиристода лигоми асби шӯридайи бохтариро бозкашида гуфт:

— Спитамони суғдӣ ва Датафарни бохтарӣ Бесусро сари роҳ медоранд, то ба лашкаркаши бузурги мақдунӣ шоҳ Искандар пешкаш кунанд.

Дигар ҳоҷат ба шарҳу эзоҳ набуд. Яке аз рӯзбонон бо рухсати Биталомус сӯйи Искандар так тез кард, то мужда ба Искандар расонад. Ва дере нагузашта дастайи саворайи «дӯстон» даррасид ва Искандар ба яккасавори рӯ ба рӯйи сипоҳи Биталомус истода рӯ овард. Фиристода таъзим кард ва фармуд.

— Дурӯду сипоси беандоза мар шоҳро!

— Бозгӯ! Чӣ хоҳӣ?

— Маро Спитамони суғдӣ ва Датафарни бохтарӣ фиристоданд...

— Хӯш! Дар куҷоянд?

— Андар ғори Набид...

Искандар дигар пурсу посух накард, балки огоҳ буд аз ин асрор ва ба роҳ афтод.

Фиристода пешопешу сипоҳи мақдунӣ аз пас мерафтанд сӯйи кӯҳ ва ҳеҷ пайдо набуд ҷонзоде, навое, борае. Дар андаруни лашкаркаш, ки ҳолиё ҷилавтар аз фавҷи сипаҳбад Биталомус мерафт, оташе ғулғула зад. Вале намедонист аз чист. Гӯё боде ё боле бузург мебардошт ӯрову Бусефалро ва гӯйӣ миёни замину осмон мерафт. Ҳарчанд ситоми асб мекашид, ки заминӣ равад, фараси рамузфаҳм андар ҳаво наъл мезад чунон ки моҳӣ дар об. Аммо хуш набуд шоҳро, duздида-дуздида ба Кобару фиристодайи бохтарӣ менигарист, ки чӣ асроре бошад, ба чашмаш ҳама ҳамвору заминӣ метофт, вале шитобзада. Танҳо асби ӯ болдор чунон ки дар асотири юнонӣ. Кобар ҳанӯз ҳам дастбаста; ин пайки бохтарӣ хандон, ки ба мурод расида, аз он золими сиёҳ – Бесус халос мехӯранд. Аммо Искандар ба ӯ эътибор намедиҳад. Таваҷҷӯҳаш фиристодаро. Шубҳа дорад ва найранг пиндорад ҳамаро. Дилаш об нахӯрад Кобару фиристодаро. Ва агар рост аст, чаро ин мардум чунин хӯ доранд, ҳама аз пайи якдигар бошанд ва сари якдигар хӯранд: «На. Ин танҳо кирдори шарқиён набувад, балки кулли башар бар чунин тахти муаллақ ва устувор бору савор ҳастанд чун бори амонат. Вагарна лашкари мақдунӣ талаф наёфта буд...» ҳам куштори хешро дар назар дошт ва ҳам шикасти сипоҳи фиребхӯрдайи порсро.

Ва андар канори фавҷ Кобар чунин андешаҳо дорад ва пушаймон бошад аз кирдору рафтори хеш, зеро ӯ пиндошта буд, ки

бо овардани хабари фирору пинҳон шудани Бесус Искандар ӯро навозад, хоста диҳад, мансабу маснади вилоятеро бахшад; бавижа Бохтарро. Аммо Искандар ӯро бандӣ медорад ва бовар надорад, ки ӯ росту дуруст оварда бошад. Аз ин рӯ гӯшайи чашм мекунад нигоҳи ӯро дуздида. Кобар сар андохта чун мусичайи сармозада ва гардан фурӯ кашида миёни шонаҳо. Бовар надорад, ки шоҳи истилогар ӯро озодӣ бахшад. «Бадбахтист... Худованд шӯри касро хушк гардонад, ҳамин тавр бо хасм рӯ ба рӯ мекунад. Ин хунхор маро бо Бесус рӯ ба рӯ хоҳад кард. Ва баъд... Ӯ донад чӣ кор карданашро: ба сатрап супорад ё миёни сипоҳи хешу лашкари бохтарӣ шармсор созад ё чун Барзаенти ориёйӣ чаҳорлахт кунад?» Фиғонаш андар гулӯ печид. Чашмонаш сиёҳӣ заданд, ки фарёди андар даҳони баста печида бо роҳи чашм бурун омада бошад. То алвақт саҳл дониста буд чунин рафторро ва умеди зиёд дошт аз шоҳи «одил». Аммо ҳолиё дилаш тапид чунон ки гоҳи бо Искандар бори аввал рӯ ба рӯ омадан тапида буд. Он лаҳза ба дунёйи равшан, ба чизе умед баста буд, ҳолиё умедканда ва дасту дил аз ҳама чиз шуста.

Ва аз пеш сари мӯлаҳо сарони сиёҳ чун зоғи тори дарахти хушк нишаста тофтанд. Яқин дидбонҳойи бохтарӣ. Омадани шоҳро нигаронанд. Вале ин нишона боройи ӯ нохуш тофт ва дилаш тапид, то ҷое ки аз ҳолат рафт. Аммо касе ба ӯ эътиборе намедод ва касе намедид, ки Кобар бар кӯҳони зин ба шикам хам хӯрд. Ҳама нигарон буданд ба пеш, то чӣ ояд аз он сӯ.

Биталомус андаке инони асбашро кашид ва сипоҳро ба бозистодан ишора кард. Пасон рӯ ба Искандар овард, то чӣ фармояд. Искандар низ ба аломати бозист кафи дасти ба ҳаво бардоштаро сӯйи сипаҳбад намуд ва ӯ амри бозистодан дод.

Асби Кобар низ қарор гирифт ва савораш ба паҳлӯйи чапи зин хам хӯрд. Ҳолиё низ касеро парво набуд, ки ин хойини қавму миллат ба чӣ ҳол афтода. Он замон, гоҳе ки рӯёрӯйи раддаву растайи сипоҳи мақдунӣ ӯ сипаҳсолори хешро муфт мефурӯхт ва нокасӣ мекард, сарбозони бонанги мақдунӣ паҳлӯйи гардани фараси хеш туф карда буданд, ки чӣ носипосӣ. Сарбозони заргӯшҷигар ӯро сано мехонданд, ки корашонро осон мегардонад; саввумӣ, ки ба ҳама кор, ба ҳама гуна ваъда, ба ҳама саҳлангориҳо бо шубҳа менигаристанд, заҳрханд мекарданд. Вале ҳоло ҳама бепарво, дида ба дидбонҳо доранд, то чӣ ояд.

Пеш омаданд чанд тан. Искандар миёни эшон гунаҳгорро намедид. Балки рӯйи дастон нону намак доштанд. Хеле мехост донад, ки кадоме аз онҳо Спитамони Суғдист. Симойи равшан, тани багурда ва ё тановаре миёнашон наметофт. Шоҳи доно яқин кард, ки аз тановарон нестанд, масхарабозон фан мекунанд, чунон ки хоқони Чин дар хобаш чунин фан дода буд. Искандар аз нону намак чошнӣ накард, балки ба бузургону ҷондоронаш фармуд.

Чашмонаш касеро меҷустанд. Бар баландие касеро маслуб дид ва тез ба сарони пазиро нигарист. Онҳо дарёфтанд нигоҳи ӯро ва фармуданд.

— Ӯ Бесус набошад, шоҳ.

— Пас кист дар чунин ҳол?

— Он, ки Бесусро аз банд раҳо карда гурезониданӣ буд.

Искандар ба ягон ҳарф бовар намекард, бавижа баъди аз ҷониби ҷондорону дӯстон хиёнат дидан. Ҳоло низ гумон дорад, ки фан мекунанд. Бесусро гурезонданӣ ва ӯро ёрмандӣ карданӣ бошанд, ҷойи якдиливу якгумонӣ набувад.

— Сипооҳ!!!

Бонги хатар буд аз ҷониби Искандар ва саворону пиёдагон ҳама омода ба овард шуданд. Он тараф дар ҳайрат монданд. Фиристода пеши Искандар омад:

— На! На маншаву на ҷанг!

Вале шоҳ ишора кард, то ӯро бардоранд.

Аз пеши рӯйи Искандар фиристодаро гирифтанд. Ӯ дод мезад: «На! Пархош на!»

Искандар тавила нигарист шахси маслубро ва ёдаш омад, ки андар ҷазирайи Тир чӣ зиёд ҷавонони ватанпарастро чунин мехкӯб карда дар офтоб азоб дода, кушта, хушк карда буд. Сари марди чаҳормехшуда ба пеш афтида буд ва сару рӯяшро магас пахш карда. «Ҳар ҷонзоде душман дорад, ҳар чиз неъматест баройи ин ё он.» Валек ин чизҳо баройи Искандар зарурате надоранд. Ҳамайи ин чизҳоро ӯ медонад, дидааст ва худ ба сомон расонидааст. Ӯро Бесус лозим, то донад, ки аз чӣ рӯ шоҳи Порсро кушта хешро шоҳ хондааст. Аммо нишон намедиҳанд Бесусро.

«Куҷост Бесуси шоҳкуш!?»

Ба назари баъзеҳо замин ларзид ва кӯҳи Нидо аз дур садойи ӯро бозгардонд ва Искандар овози шиносу нерӯмандро шунида як лаҳза гӯш дод, ки бори дигар такрор шавад, аммо ҳама ҷо – сипоҳ, майдон, талу теппаҳо, кӯҳ, марди маслуб хомӯш буданд; аз паҳлӯйи рост сарири ҷӯйбор меомад.

— Ҳамаатон мисли ӯ ҳастед?

Ба марди маслуби гарданхамида нигариста пурсидани шоҳро дида онҳо фаҳмида ё нафаҳмида посух доданд: «На!» Искандар хандид ба ҷавоби онҳо ва сар такон дод: «Донистам: шумо муттаҳамтар аз ӯ ҳастед!»

Онҳо кӯчабоғи зинда кушоданд Искандарро, то пеш ояд ва сӯйи дара майл кунад. Шоҳ Искандар ба рафторҳойи онҳо эътибор надода, Кобарро меҷуст, ки дуруст будани лафзи ӯро тасдиқ кунад, ки воқеан Бесусро дар кӯҳи Нидо боздоштаанд. Кобарро афтида ба паҳлӯйи зин дида, ҷилав зад бораашро, то наздаш равад, аммо сарбозон аз нигоҳи ӯ рамуз гирифта, даррасида бардоштандаш, ки сард гашта буд ҷисмаш. Ҳарчанд ҷойи ханда набуд, Искандар

андарун заҳрханда кард: «Ватанпараст мемирад, ватанфурӯш низ ҳам.»

«Куҷост ӯ!?»

Наъра баровард шоҳ Искандар. Кӯчайи зинда фарохтар шуд ва Искандару Биталомус пешопеш ва дигарон аз дунбол равон гаштанд ҷониби кӯҳи Навид. Искандар ва сипоҳи ӯро то ҷое бурданд, ки санги азим бар даҳони ғор гузошта буданд.

Аммо санги гаронвазн зайле ки гузошта буданд, даҳони сиёҳи ғорро намебаст, бал роғе дошт, ки бемалол кас баромада метавонист. Муғбаччаҳое ки ғоррову Бесусро посбонӣ мекарданд, низ набуданд. Ҷасаде поёнтар аз даҳони ғор, дар лаби рӯдак хобида буд. Искандару ёронаш ба он ҷасад эътиборе надода, бохтариёнро иҳота карданд ва ба шиканҷа кашиданд.

Ногоҳ аз тори кӯҳ санге ғелида омад ва ҳамаро безобита гардонд. Сипоҳи мақдунӣ омода ба ҷанг гашта андар даҳони ғор ва атрофи он ҷой шуданд, ки бохтариён ва суғдиён дар кӯҳ маскан гузида сангрез онҳоро нобуд месохта бошанд. Вале дигар санг нафаромад ва ҳама ҷо ором буд. Биталомус бо рухсати Искандар кӯҳнавардони юнониро фармуд, то ба кӯҳ бароянд. Онҳо ларзону тарсон бун-буни харсангҳо, пас-паси буттаву дарахтон боло рафтанд, аммо касеро надиданд. Ногоҳ аз кӯҳи Нидо садое омад, акси садо буд. «Озор мадеҳ!» Ва ҳамагон ба чаҳор сӯ нигаристанд, касеро надиданд. Ба ташвишу таҳлука афтоданд, ки сипоҳи мақдуниву юнониро бо ребу фиреб ба ин тангно оварда қасд мегирифта бошанд. Ҳарчанд ҷасади посбон гувоҳӣ ба гурези Бесус медод, Искандару ёронаш бовар надоштанд.

Садойи кӯҳи Нидо наздиктар меомад. Чунон ки Бесус андаруни шахи лайси Нидо ҷой шуда овоз медода бошад; садо аз паҳлу, тори сар, зери пой ва аз замири ҳар кас меомад. Аз чунин мӯъҷизайи кас надидаву нашунида ҳайратзада монданд.

Ва аз пастӣ ба рафти рӯдак чанд тан пиёдагон бо таҳлука, ташвиш ва осема рӯ ба сипоҳи мақдунӣ меомаданд. Изтиробашон аз ташвишашон фузунтар буд. Марди бараҳнайи монанд ба маймунро доштаву пешандоз меоварданд, ки аз шоҳ то сарбозро дар ҳайрат мегузошт; сиёҳи сермӯй буд ӯ ва занҷирайи гарданаш аз нури хуршед медурахшид. Ҳуши баъзеро пашмӣ бадани ӯ рабуда бошад, ақли бархеро занҷирайи гарони зеби гарданаш бурда буд. Искандар аввал нафрат хонд баройи диққати ҳамсафонашро ҷалб кардан. Баъд хомӯш монда нигоҳаш ба овезайи ғафси гардани марди бараҳна буд. Чун марди бараҳнайи дастбастаро тела додатела дода бо зарбу лату зӯрӣ назди Искандар оварданд, шоҳ чизе напурсидаву нагуфта, бар зин хам хӯрда, аз занҷирайи гардани ӯ дошта се бор бардошт. Умедаш бар он буд, ки аз вазни соҳибу силтави дасти ӯ канда хоҳад шуд. Аммо занҷира чунон васлу кафшер шуда буд, ки ҷуз буридан роҳи дигар надошт. Искандар аз

кори кардааш шарм кард ва барои он ки ҳамроҳон гумон кунанд, ки ӯ ин мардро бо ҳамин роҳ куштанист, бори дигар аз силсила дошта боло кашид ва қоматашро рост карда дуру дароз ҷуссаи андаке лоғаргаштаро паҳлуйи асб кашол дошт. Марди тановари ботамкин на ҷунбид, на сурфид ва на чизе гуфт. Искандар аз сабру тоқати ӯ рамуз гирифта бозпас ба замин гузошташ ва раҳо кард занҷирайи заринро. Гумонаш он мард бояд биафтад, аммо ӯ рост истод ва баргашта сахт нигарист ба Искандар.

— Ту куштӣ Дориюшро? —...

— Бесуси шоҳкуш ту ҳастӣ? —...

— Забони туро низ буридаанд? —...

«Тозона бизанед!»

Амри шоҳ – воҷиб. Ончунон тозона заданд, ки тани мӯйпӯшаш рах-раху ҷӯя-ҷӯя гашт ва аз он ҷӯяҳо хун мешорид. Вале он марди монанд ба маймуни одамшакл ончунон дамбадарун буд, ки аслан забони одамиро намефаҳмида бошад.

Ва гоҳе ки саворон Бесуси ғӯлро тозиёна мезаданд, Искандар менигарист ба роҳу қадоба; сипоҳи фаровони ӯ чун мӯру малах ҳама ҷоро пахш карда бӯрранг метофтанд андар манзари кӯҳҳо ва ҳамайи онҳо сафарбар буданд барои ба даст овардани як ғӯл. Искандар намедонист, ки Бесус ба ғӯл монанд аст ва одам дар чунин пӯст низ мешавад. Вале шоҳро шаклу пашми ӯ аҷиб набувад пеши он ки дар чунин ҳайат чунон гарданбанди зарин. Равшан, ки то сар наканӣ, он гарданбанд нагирӣ. Вале Искандар зиёд мехоҳад, ки занҷирайи зарин хунолуд нагашта бигирад. Дукордайи оҳанбурӣ мебод. Вале он ҳамроҳи оҳангарон.

Андар фазо каргаси лошахӯр пайдо шуд ва Искандар ғаш кард. Ин мурғи баднамо ба дили ӯ задааст. Чанд гоҳ аз Ориё то Бохтар ин лошахӯри баднияти туллаккардайи гарданхунинро надида буд, чашмони тезу минқори баргаштааш ба назараш наметофт ва ӯ бе ҷангу ҷадал роҳ мерафт ва кишварҳойи ғайр худ аз худ зери тасарруфаш меомаданд. Ҳолиё як маймуни безабон ҳамаро маймунбоз кардааст.

«Биист!!!»

Вале дастони ҷаллоди хаёлиро боздоштан Бесусро суде намебахшид ва ё дар чунин ҳолат аз ӯ чизе шунидану дарёфтан имкон надошт. Бо вуҷуди он Искандар Бусефали сиёҳи бузургҳайкалро рӯйи ӯ ронд, то чӣ зояд ин кирдор.

— Аз чӣ рӯ шоҳро куштӣ, нобакор!?

— ... – ба ҳамон тартиб посухе набуд аз ҷониби Бесус. Пурсиш шоҳ Искандар чун бодоварде ба гӯшаш расид, вале аниқу яқин накард, ки ӯ чӣ мегӯяд. Посух низ нахоҳад шуд. Бал сараш чун сари он марди маслуб ба пеш хам хӯрд, лек ҳоло ба пой буд. Пойҳояшро фарох гузошта, дастони бастаашро гиреҳ дошта мушаки банду

бозуро дамонда чун ҳайкали қавӣ ва тановару нерӯманд меистод ва дар олам чизеро намедиду намешунид.

«Чӣ гуна бо чунинон Дориюш тавонист размро бохтан?» Дар замираш чунин пурс ғулғул афканд ва якбора наъра зад.

— Чаҳорлахташ кунед! Ҳоло аз тухми инҳо зиёданд!

Вале Биталомуси то алвақт амри шоҳро нигарон ба шоҳ зеҳн монд. Мазмуни нигоҳаш ҳамон занҷира буд, ки шоҳ дилкашолӣ дошт. Искандар аз ин боб чизе нагуфт. Сахт нигарист Биталомусро. Ва ӯ миҷа таҳ карду ишора зад, то сипаҳбад фармон баҷо орад.

Ва сипаҳбад коре кард, ки бо Барзаенти ориёйӣ карда буд: чаҳор савор аз чаҳор сӯ асбонашонро наздик оварданд ба Бесуси Бохтарӣ. Фитрокҳойи аблақ аз кӯҳайи зин кушода нӯкашро ба чаҳор ҷаллод доданд ва онҳо фитрокҳо ба чаҳор дасту пойи ӯ бастанд ва ишкели дасташро кушоданд. Чун сари асбон ба чаҳор сӯ гардонда омодайи фармон шуданд, садойи Искандар омад:

— Панҷлахт кунед!

Валекин касе панҷлахтро намедонист. Биталомус нигарист Искандарро. Ӯ фаҳмонд:

— Ба гарданаш низ ҳалқа андозед!

Ва асби панҷум пеш омад. Каманди ҳалқадор ба рӯзбоне дод ва ӯ ҳалқаро ба гардани хами Бесус андохт.

Бесус намедонист ва дарку эҳсос намекард, ки онҳо чӣ кор мекунанд. Танҳо гоҳе ки асбон ба панҷ рӯ бастаҳоро кашиданд, аввал рӯйболо афтид ва як бор ҳаракати раҳойӣ кард. Баъд аз кӯҳи Нидо садое омад, ки санг кафида хуни дилаш пош хӯрда бошад.

«Сазойи касе, ки шоҳ кушад!»

Пеш ҳам гуфта буд ин ҳарфро, ҳолиё такрор кард Искандар. Ва нигарист ба сипоҳи беҳисоб, ки ин намуди тозайи саҳнаҳойи юнониро бо чӣ завқ тамошо мекунанд. Баъзеҳо сар хам медоштанд, бархе завқ мебурданд аз чунин намойиш, ягон-ягон мегиристанд, ки чунин рӯз ба сари ҳар кас хоҳад омад. Вале шоҳ ба ҳама якранг менигарист: «Ай бехабарон, чунин бодо!»

Вале ҷисми ӯ чун ҷисми Барзаент аз чатан ду надаррид, балки дастонаш ҷудо шуданд, фитроки яке канд. Аммо гардани ӯ канда намешуд. Ду асб монд: он ки гардан баста буд ва оне ки пойи чап. Ба ду тараф мекашиданд, аммо чун гургони гушнафтода ба сӯе намерафтанд. Ҷаллоде тозон назди онҳо омад ва бо теғи тез харпайи пойи Бесуси мурдаро бурид. Яке мурда дароз шуд ва сар аз тан рафт ва аз пасаш харпайи дароз рӯдайи кашол шуд ва асбон борро сабук дида яке тан бурд, дигаре сар.

Ҳарчанд Искандар ишора дошт, ки савори сарбурда бозистад, ӯ на медид ҳаракатҳойи шоҳро, на мешунид садояшро, на медонист муродашро; сари зин шину хез мекунад, то асби ӯро доранд, вале савор баройи хешро хуб нишон додан боз тозона мезад фарасашро

ва ҷонвар чаҳорнаъл мешуд. Мақсаду муроди Искандар дигар чунин набуд. Пиндораш зеби гардани зарин ҳамроҳи сар миёни хоку хун ва регу хасу хошок омехтаву олуда меравад ва касе онро намебинад.

Ва аммо чун асби ӯро боздошта оварданд, дар ҳалқайи фитрок на сар буду на харпаю на овеза. Аввал фиғони ботинийи Искандар харош дод дилу гулӯяшро ва чун гози зери замин гулӯяшро тарконд:

«Чӣ кардӣӣӣ!?»

Савори сарбурда як қад парид, ки амр амри шоҳ буд, ӯ иҷро кард. Ноогоҳ аз муроду дилу нияти шоҳ карахт шуд. Китф дарҳам кашид.

«Сараш гиред!»

Танҳо Биталомус мефаҳмид муроди ӯро. Ишора ба ҷаллодон кард ва чанд тани дигарро фармуд сари Бесусро пайдо карда оранд. Аммо Искандарро нафорид фармони Биталомус, ки хоҳ-нохоҳ онҳо силсиларо нахоҳанд овард.

«Биистед!!!»

Фармуд Искандар ва ба баногӯши Биталомус чизе гуфт. Ӯ боз дошт онҳоеро, ки равон шуда буданд сӯйи об. Сипаҳбад ду нафарро пеш хонда фармуд раванд бо пайи асбе, ки сар бурда буд. Онҳо рафтанд. Сагвор бӯй гирифтанд. Сару харпай оварданду занҷира на.

«Занҷира бо тан рафта буд.» – ҳукми марги хешро фаромӯш карда гуфт савори аз асб фаромада ва ба ҳамчабҳаҳо фаҳмонданӣ шуд, ки ин ҳама бозӣ баройи як гардановез бувад.

Чунин берухсат ба сухан омада шоҳро шарманда сохтани ӯ Искандарро хуш наомад ва рӯй турш кард, ки қасдашро гирифт. Зеро шоҳи доно хуб медонист, ки овеза бо тан рафтанаш ҳеҷ имкон надорад; магар ки яке аз мурдакашҳо гирифта бошанд. На. Искандар аз аввал то охир мушоҳида мекард, яке аз саворон сӯйи мақтулу замин хам нашуда, магар қассоби харпайро бурида ин корро карда бошад. Ва ҳолиё ӯ наметобад. Ақли мардумро ба асбон баста худ коре кардааст.

«Ҷаллодро биоваред!»

Вале рӯзбон пайдо набуд. Искандарро дарак надода дар ҷустуҷӯ даромаданд; дер ҷустанд. Пайдо накарданд ва Искандарро оварданд, ки кори он қалтабон бувад, ки занҷираро рабуда ғайб задааст

«Пайдо кунед, биоваред!»

Биталомус дар бало монд. Медонист, ки пайдо кардани чунинон саҳл набувад. Бо вуҷуди он ба ҳар сӯ кас фиристод. Шаб шуду ӯ пайдо нагашт.

## БАНДИ САВВУМ

Ва ин мурғони лаззат аз гӯшти одамӣ бурда соли панҷум аст, ки чун абр тори сари сипоҳи мақдунӣ мегарданд ва хубтар аз Искандар касе рафтору кирдор ва хосияти пайдо шудани онҳоро мушоҳида намекунад. Аз ин рӯ баробари дар фазо ҳозир гаштани ин ҳаромхорон табъи шоҳи мақдунӣ мегирад, вале ба касе чизе намегӯяд, зеро ягон коҳин ё фолбин хосияти пайдо шудани онҳоро пешгӯйӣ карда наметавонад. Танҳо мегӯянд, ки ин мурғи бадният дар хобаш мебинад, ки дар фулон макон лошае хуфта бесоҳиб. Ва бедор шуда ба ҳамон самт парвоз мекунад. Вале хубтар аз ҳама Барзин медонад ва таваҷҷӯҳу мушоҳида, инчунин эътибори зиёд додану ба дил гирифтани шоҳро дида, мегӯяд: «Ба онҳо эътибор мадеҳ. Онҳо хислати фиребо доранд. Бавижа гоҳи набард. Ақли касро рабуданашон имкон дорад. Онҳо бадният: тори сари кас мегардануду мегӯянд: «Илоҳо зудтар мурӣ, ки чашмонатро кофта хӯрам». Эътибор мадеҳ, Искандар. Аммо бидон, ки онҳо ёри ту ҳастанд ва баъзан ба сари сипоҳат соя меафкананд». Рост ин чизро шоҳ мушоҳида кардааст. Рӯзе ки рез кардани онҳоро бар сари шоҳ Доройи Саввум дид, пай бурд, ки барояшон шоҳу гадо, ҳарому ҳалол фарқ надорад. Ҳолиё чунин аст, ки андар Кешу Насаф низ вуҷуд доранд. Пешопеш мераванд аз сипоҳ. Баъзан пой ёзида фаромаданӣ мешаванд. Сар ба зер андохта менигаранд, аммо чизе надида боз боло мераванд. Онҳо ба хушбахтиву бадбахтийи шоҳ кор надоранд; менигаранд, ки боз кадом асб канори роҳ меафтад ва ё кадом сарбози фавтида бегӯру чӯб монда тӯъмайи онон мегардад. Зеро зиёд дидаанд майитҳойи бегӯрро, мурдаҳойи бесоҳибро, ки ё аз бекасӣ ва ё аз вазъу фурсати нобоб андар майдону корзорҳо ва дар вартаву обканҳо ва зери деворҳойи кӯшку дижу шорсонҳо гандидаанд. Шуда, ки дар зарурат лашкар ба фавтидагон эътибор надода, душманро дунбола гирифтааст ва мурдагон бегӯр мондаанд, ҳарчанд ки ҳар сипоҳ соқа (паслашкар) дорад. Мақдуниёну юнониҳо аз ҷафойи дурийи роҳ ҳама сарбозони нобудгаштаро ба ақибгоҳ фиристода наметавонанд, сипоҳи Порс гоҳи гурез мурдаашро партофта меравад; ва ин ҳама тӯъмайи шағолу каргасҳо хоҳад шуд. Тарси Искандар аз ҳамин аст. Вале ба ҳеҷ чиз тан надода, ба умеди ҷаҳонгирӣ пеш меравад, ки нияташро ҷуз хештан касе намедонад.

Худованд ризқи ин мурғони бадниятu зиштро фаровон гардондааст. Агар ҳайвоне баройи нафсу луқмайи инҳо ҳайвони дигарро кушта натавонад ва ё куштан нахоҳад, бояд ин корро инсон кунад. Ҳарчанд Искандар омӯхтааст хислату нияти онҳоро ва медонад, ки онҳо хавфу хатарро пешгӯйӣ мекунанд ва сипаҳсолорро аз пешомад огоҳ мегардонанд, ӯро ба омодагиву ҳушёрӣ мехонанд, дилбазан шудаанд; зеро ташвишро зиёд мегардонанд. Яке ба са-

раш зад, ки сарбозонаш аз ин лошахӯрон камӣ надоранд. Баъди ситезу пирӯзӣ ситонанд ҳама чизро ва рабоянд ва хӯранд ва сӯзанд... Монанд ба лошахӯрон. Инро танҳо Искандар медонад ва мушоҳида кардааст. Аммо намегӯяд. Дигарон низ агар мушоҳида карда бошанд, дамбадарунанд, зеро ҳамагон як хӯ доранд: рабудан. Мурғон танҳо барои шикамашон мехӯранд; сарбозон мехӯранд, низ ғун мекунанд, ҳам мефиристанд. Сарбозон мекушанд, каргасҳо мехӯранд. Инҳо ба ҳам монанд ва номонанд. Ба ҳар ҳол мурғон дар баландиҳоянд. Гоҳе ки паст мефароянд, аз саг ҳам пасттар мешаванд.

Гоҳи дар кӯҳҳои Ҳиндукуш дарозо монданаш ба сипоҳи макдуниву юнонӣ дастаҳойи ёрирасон ҳамроҳ шуда, сафи лашкарро зиёд гардонида буданд ва ҳолиё чун мӯрони ба хафолашон об рехта тамоми водиро пахшу иҳота карда меравандн. Онҳо ба сарзамине расиданд, ки ободметобад аз ҳама водиву кишварҳо ва оби рӯдаш хингу регу гилолуд. Шаҳри азим дорад ва дудевора иҳота шудааст. Диж низ дорад. Пойтахтро монад. Ба назар сахтҷон метобад.

Ин шаҳр Мароқанд бувад – пойтахти Суғдиён. Бино ба донишу фаҳмиши Искандар ҳокими вилоят Спитамони Суғдӣ дар ин ҷо паноҳ бурда, сипоҳи суғдиву бохтарӣ сохта, пеши роҳи лашкари ҷаҳонгарди макдуниро гирифтанист. Искандар дар беруни шаҳр дарвозаҳойи ҷанубиву ғарбиву шарқиро зери назорат гирифт ва рустойи атрофро тохт овард. Мардуми рустоҳо, ки ба чунин набард одат накарда буданд ва медонистанд, ки ҷанг шавад, аввал дар пойтахту диж мешавад ва ҳар ҷонибе, ки пирӯз омад, рустоҳо хоҳ-нохоҳ зери тасарруфи забардаст қарор мегирифтанд. Вале аз кирдору корзори Искандари номдор ҳама дар ҳайрат афтода, косакуҷомонам шуданд, муқобилият карда натавонистанд. Сипоҳи Искандар ба тарсу ваҳми деҳотиён қаноат накарда оташ зад рустоҳоро, то чашми мароқандиҳоро битарсонад. Вале пойтахтнишинон ба рафтори нохуби лашкари Рум нафрин хонда шаҳру дижи Мароқанди зебoро ҳимоя карданӣ шуданд.

Искандар сатрапи Суғд Спитамонро даруни қалъа пиндошта, аз сар нафаровардани суғдиён хашмӣ гашта, сипоҳро амр кард, ки деворшиканӣ кунад. Аммо ҳушу ёдаш бар он буд, ки чаро ин шарқиён якдигарро кушта-кушта сари мансабу тахт омадан мехоҳанд. Қариб ҳама корҳойи ношоями порсҳо пеши назараш омад: аз кирдорҳойи хоҷасарой Боҳуй то шоҳкушийи Бесусу рафтори сатрапҳо ва қасди шоҳ Доройи саввумро ситонидани Спитамон аз Бесус. Ҳамаро ё ба ӯ хондаанд ё овардаанд, донистааст. Аҷаб он аст, ки ҳеҷ гоҳ аз кушторҳойи боргоҳи Файлақуси Дуввум ва ё нобуд сохтани ҳамсафону ҳамраҳону ҳамрикобон ёд намекунад; гӯё чунин бояд шавад. Ба ҳар тақдир нафрин хонад сатрапони ноӯҳдаборову нотавони шарқиро. Ғазаб кунад, ангушт мушт гардонад, дандон сояд, ки чӣ нотавону ноӯҳдабароянд онҳо. Пасон

меболад аз разму ситезу набардҳойи хеш ва ғулғул шавад дар вуҷудаш; бардорад ӯро, ки болу пар дошта бошад. Ҷунун дорад ӯ. Дар ду ҳолат мегирад: гоҳе ки ба майдони набард дарояд ва оне ки пирӯз гардад. Вале андаке шикаст пеш ояд, шери жаён назди ӯ чизе нест. Баъд ба худ ояд ва андешад...

Ҳолиё низ сахт олуғда бувад, ки суғдиёнро на ҷанг аён бошад, на гурез, на муросо. Оташ задани рустойи атроф кам будааст. Бештар бояд сӯхт. Аз ин рӯ гурӯҳу дастаҳо ҷудо кард баройи фаро овардани хасу хошок ва ҳезуму сӯзишвориҳойи дигар, то оташ занад марзу бумро. Вале шабҳангом гурӯҳи номаълуме (ба андешайи мақдуниён роҳзанҳойи барбарӣ) бо усули шабравиҳойи Искандар тохт овард бар онҳову сипоҳи атрофи шаҳр. Талафоти зиёд доду рабуд ва ғайб зад ҷониби рӯди Политимитет (Фушун, Согдо, Нимич, Зарафшон). Искандар бо ҳамон нафрату хашме, ки дошт, ситехту овехт аз пайи онҳо. Ва донист, ки бо «барбарҳо» андар кӯҳистон ситезидан саҳл нест, бардаҳойи чолоку кӯҳгарду ҷасурро пазируфт ба ҷанги эшон. Гарчӣ хавф зиёд буд, бар асари онон рафт Искандар. Роҳзанҳойи сиҳазорайи суғдӣ чу мӯру малах ва мору сусмор часпиданд ба кӯҳ; ҷой гирифтанд андар камару вартаву паси сангу харсангҳо ва нигарон шуданд наздик омадани мақдуниёнро. Чун пеш омаданд сарбозони сипоҳи Искандар, суғдиён тирборон карданд ногаҳон. Кӯҳнавардони мақдунӣ, ки омӯхта буданд кӯҳҳойи Машриқро ва медонистанд усули ҷанги эшонро, осема ва шитобзада нагашта, бо тамкин, гургонаву рӯбоҳиёна аз санге паси санге мехазиданд. Аз осмон чу жола мерехт тирҳойи «роҳзанҳо» ва безобита мекард душманро. Яке тир расид бар шонайи Искандар. Сипаҳсолор аз ҷанг бозмонд. Вале фармуд, то барбарҳоро хок бибезанд, мурдаашон буни сангҳо бошад; каргасҳойи баднамо хӯранд онҳоро. Сипоҳи ғазабкардайи мақдунӣ ончунон шӯрид ва ситезид, ки тирборони онҳоро баргардонд. Гӯйӣ миёни ду шохи каждум гирифт барбарҳоро, то дурусттар нешу заҳр занад. Қариб сари ҳар харсанг ё пасу буни он як ё ду ҷасад мехобид. Ончунон ҷангиданд, ки мурдапӯш шуд кӯҳ. Сари сангҳо ва тани шаххо хун ҷӯя баста буд. Аз дур чун лола метобид санг. Ва ҷо-ҷо хун омехт бо рӯди Согдо. Аз дастайи сиҳазорайи суғдиён ҳашт ҳазор сарбози зинда боқӣ монд, ки асири мақдуниён гашт.

Бо фармуди Искандар сарбозони савораву пиёда ҳезумчинони дучори роҳзанҳо шуда аз кӯҳпора пешдаргирону ҳезуму хасу хошок оварданд, то дубора рустоҳоро ва атрофи шаҳрро оташ зананд. Ва мақдуниён сари ғазаб чунин рафтор карданд ва Мароқанд оташистон шуд. Андар диж будагон забони оштӣ пеш оварданд. Дарвозаҳо кушоданд. Хони нону намак баровcovarданд. Ва Искандар Мароқандро соҳиб шуд. Аммо дар ин ҷо низ Спитамон набуд. Искандар шағолеро мемонд, ки сайд аз даст дода бошад. Он рӯҳияе ки гоҳи пирӯзӣ ва ба даст овардани шаҳрҳойи Эрон дошт, ҳолиё

надошт; пирӯзӣ ва шодкомӣ ва базму тараб кардан намехост. Гордҳо, фавҷҳо ва дастаҳойи махсус, инчунин барҷомондагони юнониву мақдуниро ҷой кард андар ин шаҳри зебойи канори рӯдбор ва теппаҳойи Афросиёбу Сияҳоб...

Мароқанд монанд набуд ба шаҳрҳойи дигар. Боду ҳаво, хок ва меваю зироати хоса дошт, ки мақдуниён дар ҷое надида. Боғҳойи ангуру анҷир ва полезҳойи шаҳдбораш дар дигар музофотҳо дучор наомада буд. Ва Искандар мардуми онро ҳунарманд дарёфт ва соҳиби касбҳойи гуногун. Тарзи истифодайи санг дар ин мулк Истахрро ба ёд меовард, аммо аз санг фаршу роҳ сохтани мароқандиён ҳайратовар буд ва зери наъли асбони лашкари Рум шарора мепарид. Мавқеи ҷойгиршавийи пойтахти Согдо хеле хуш омад Искандарро, лекин истода, роҳату фароғат карда натавонист. Зеро Спитамони диловар пайдо набуд ва касе намеовард, ки куҷост.

Искандарро баҳонае пеш омад, то дар ҳар ҷо Спитамони суғдиро ҷӯяд, чунон ки Дорову Бесусро. Ва шаҳру рустойи қаламрави Суғдро тохт оварад ва бо хок яксон созад. Зеро ғазаби шоҳи мақдунӣ ончунон буд, ки шери бастаро ангезанд.

Чун пизишкони хосаву ҳарбӣ шонайи захмийи Искандарро табобат карданд, юриши хешро идома дод. Аз Мароқанд то Танайис (Сайҳун). Ва ёдаш омад, ки Оби Ҳаёт меҷуст ва то Офтобнамо рафтанӣ буд, аммо сароб метобад аз пеш. Дар ҳама ҷо хуршед як хел тулӯъ мекунад ва як ранг ғуруб. Вале чун Дорову Бесус дар ҷое наметобад Спитамон.

Искандар чун аз Мароқанд бадар рафт сӯйи шимол, пушаймон шуд, ки дар ин мулки ободу зебо ва мардумаш хушсурати сапедпӯст ва занонаш ситорагарм бояд каме фароғат ва бо Гераклу модараш Барзин андаке роҳат мекард ва базм меорост ва арғушти гетерҳойи нозанинро медид. Охирин бор они фароғати тӯлонӣ бар қуллаҳойи Ҳиндукуш чунин ҳолат рух дода буд. Дигар ҳама роҳ ташвишу изтиробу ҳаяҷон дошт.

Маликуррум то ин манзил кӯҳу баландиҳойи зиёдеро убур карда, то биёбонҳо расид, аммо кӯҳи Ғул пеши чашмаш чунон намуд, ки канори олам ҳамин бошад. Пешбанд ва садди вопасинро мемонд. Ва Сайҳуни паҳновару ҷорӣ бо маром ба назар гузар намедод касро. Хайма зад андар каронайи Яксарти орому минӯйӣ. Вале ҳавойи дам ва гирифта дошт ва хомӯшаку пашшаҳойи тезнеш. Бо вуҷуди он лангар андохт, ки ба ақсойи олам расид, дигар роҳ набувад. Ӯ низ ба мурод расида; чунин мегӯянд ҳамраҳону ҳамнабардон. Аммо худи Искандар он чӣ меҷусту мехост, пайдо накардааст; ба ёрони хаставу ба танг омада ва дар ёди ватан сӯхта ҳарфе гуфта наметавонад...

Боз Искандарӣ бояд сохт – Искандарийи Ақсо (дур, канора.) Дар муддати кӯтоҳ ва агар илоҷе пайдо шавад, дар тӯли бист рӯз. Зеро дар ин дуриҳо ҳар чизу ҳар кор ғайричашмдошт рух

медиҳад. Тамоми сипоҳиёну сипаҳбаду сипаҳсолорҳо ва онҳое ки аз дасташон кор меомад, машғул гаштанд бо сохтмон.

Кӯҳи ҳалқаву пешгардон осуда сохт шоҳи мақдуниро, ки дар он сӯ зиндагийи касона набувад ва кӯчиҳойи оворагарду ломакон умр ба сар мебаранд, ки ройи тохт овардан накунад. Вале ғайричашмдошт, андар соҳили рости Яксарт мардумони тангчашми сияҳпӯст гургинаву палангинапӯш ва пӯстинҳойи чаъд дар тан, бозуву рону соқҳо бараҳна пайдо шуданд, ҳар кадом нимлангу тиркашҳо ва камарбанду камонғӯла доштанд ва рӯ ба рӯйи сохтмончиҳо аз он канора ҳар гуна ишораҳо ва гоҳ-гоҳе тирборон мекарданд. Тирҳойи аз пар ва най сохта ё бар об мезаданд ё ба соҳил ва гоҳе то сохтмон мерасиданд, ки оҳани тези фулузӣ ё мисӣ доштанд дар неш. Бо амри Искандар сипоҳиён сохтмонро қатъ карда низомӣ гаштанд ва саф кашиданд андар канора, ки чашми массагетҳо сиёҳӣ зад, вале майдонро тарк накарда ғӯлакандозӣ мекарданд. Искандар аз чунин ҳуҷуми пашша ба хояйи фил дар ғазаб шуд ва фармуд убур кунанд рӯдборро. Ҳамчунон тирборон мекарданд массагетҳойи пиёда. Искандар дар аҷаб низ буд, ки куҷостанд он саворони ҷангийи скифиву сакойӣ? Оё дом набувад ин бозийи пиёдагон?

Ва чун бо ёрийи гупсару шикамбайи дамидаву пӯстҳойи коҳҷойкарда рӯдро гузаштанд ва бо тирандозони кӯчӣ рӯ ба рӯ омаданд, найзаварону синонзанон ва шамшербозон ҳамлавар гаштанд бар эшон. Массагетҳойи найрангбоз сипоҳи мақдуниро ба дом кашидан шуда пас нишастанд, ки дар пас саворони чобуки массагетӣ – скифҳову саккҳо омодайи тохт буданд. Аммо онҳо ҳуҷумовар нагашта, фавҷҳойи саворайи размида ва пархошдидайи мақдунӣ расиданд. Сарбозони пиёдайи саф-сафу радда-раддайи сӯйи кӯчиҳо равон роҳ кушоданд саворонро. Ва гурӯҳҳойи массагетӣ ҳамла наоварда, ситезиданд мақдуниҳо. Ва ҳарду тараф овехтанд. Куштори зиёд шуд ва бодиянишинони он сӯйи Сайҳун рӯ ба фирор оварданд. Куштаҳо рӯйи реги тафсон монданд ва боз Искандарро ёд омад аз мурғони баднамо. Онҳо аллакай ҷувозак мегаштанд дар фазо. Шоҳро ғаш омад. Бар асари саворони массагетӣ нарафт.

Андар Искандарийи тозабунёди навсохт шоҳ дилу бедил фароғат карданӣ буд. Аммо аз парешонӣ ва вазъи нобобу номаълум, ки чаҳор тарафи мавзеъ кушод буд, ӯ чӣ карданро намедонист. Пайк фиристод сӯйи Бохтар, то сипаҳбадони савора ва саркорҳо филфавр ба хидмати ӯ расанд. Сипаҳбадони савора сар кашиданд аз хидмат; акси ҳол шӯру ошӯб карданд андар Бохтару Суғд. Искандар биандешид, ки исёнгарон гурӯҳу тойифаҳо буванд, чун Спитамону Датафарну Катани баройи ӯ Бесусро дошта; онҳоро ба хидмат хонад, хоҳанд омад. Шоҳи мақдунӣ ё асли ҳолро намедонист ва ё худро гӯл мезад, ки наздиктарин фардҳо барояш инҳо бошанд. Лашкаркаши сипоҳ аз ҳар маврид, лаҳза, фурсат

ва фардҳойи ҷудогона истифода бурдан мехост. Аммо пайкҳойи баройи онҳо рафта барнагаштанд ва баъд Искандар дарёфт, ки наҳзатро онҳо ангехтаанд ва даъвати ӯро напазируфтаанд. Шоҳро расонданд, ки дар шаҳрҳойи Истрӯшан пайи ҳам оташи исён фурӯзон мегардад, безобита гашт ва сохтмони Искандарийи Ақсоро қатъ карда, лашкар ба по хезонд, то ба ҳафт шаҳри исёнгар сипоҳ қисмат кунад.

Ба Кирополь – бузургтарин шаҳри Истрӯшан фавҷи сипаҳбади озмудаву бовафо Кратери шуҷоъро фиристод[1]. Ва таъкид карду фармуд: «Ончунон Киропольро муҳосира бикунӣ, ки ҳеҷ балвогаре ба онҳо пайваста натавонад. Ҳафт шаҳри ошӯбиро дур доред аз якдигар.»

Ва худ ба шаҳри Ғазза ҳуҷум овард. Шаҳри Ғазза чандон мустаҳкам ва садди сангин надошт чунон ки Курушгирд. Деворҳояш гиливу похса буданд ва ба андак зарбу нам фурӯ мерафтанд. Ин шаҳр дар назди таҷрибайи ҷангӣ ва нерӯйи қавийи Искандар, тирҳойи гаронвазни садшикан, пайкони синашикофи камонак ва ҳамлайи сангини сипоҳи мақдунӣ истодагарӣ карда натавонист. Зуд таслим гашт. Чун шӯриш аз ҷониби фавҷи баргузидаву горди «Дӯстон» пахш гардид, шаҳр зуд мутеъ шуд. Искандари ошуфта ва пурғазаб фармуд сари мардон ҷудо аз тан кунанд; зану фарзандон ва буду буна ва молу хоста сарбозонро насиб гардад. Баъди амри шоҳ зулму бераҳмӣ ва бетартибиву кушторе, ки андар Ғазза шуд, дар ҷое нашуда. Чунон ки аз шаҳри Ғазза нишоне намонд. Агар ҷавонмарде ё духтаре ҷон ба саломат бурд, чанд ҷуфте буданд, ки ағбаро убур карда, дар болооби рӯди Кӯҳак манзил гузиданд.

Ба рағми ошӯбҳойи Суғду Бохтарро фаро гирифта Искандари хашмӣ ончунон шӯриду валангор карду сӯхт, ки худойи барроқ Зевс мададёр гашта бошад. Бо чунин ҳамлаву зарбу набард ва ситезу шӯру ситабр дар зарфи ду рӯз Искандар ошуби панҷ шаҳрро фурӯ нишонд. Гӯйӣ лашкар на, санги гарону азиме аз тори шаҳрҳо мегузашт ва ҳама чиз чун дона зери он орд мегашт. Гӯйи суми асбон оташ дошт ва буда хокистар мегашт. Искандар усулу роҳеро пеша карда буд, ки сарбозе, сипаҳбаде, сипаҳсолоре надида: гоҳе ки соқа ва сарбозони пиёда шаҳри мағлубу саркӯфтаро ғорат мекарду оташ мезад, мурдаҳо месӯхтанд, мурғони баднамойи фазо фиғон мебаровtotalЬанд, ки шоҳи мақдунӣ бори нахуст медид. Онҳо мардон мекуштанд, зану фарзанду коло мерабуданд, ба танӯри оташ мардони канормондаро меандохтанд. Ва дар чунин айём

1. Шаҳре ки дувист сол муқаддам Куруши Кабир ба ин ҷо омада бо машаққате ин дижро забт карда, ба номи хеш гардонда буд. Ва баъд бисёр корномаву қаҳрамониҳойи Куруш ба номи Зулқарнайн гузашт, ки бо саҳви баъзе тафсиргарон лақаби Зулқарнайн ба Искандар часпонида шуд. Аз қабили се ҷанги бузург, бунёди Садди Чин ва пайғамбарийи Куруши Кабир.

саворасипоҳи макдунӣ дигар шаҳри ошуфтаро муҳосира мекард, то яке напайвандад бо дигаре. Макдуниён ҳар ангуштро ҷудогона мебуриданд.

Дуди шаҳрҳойи сӯхта чу абр пеши офтобро гирифт ва мурғони ҳаворо безобита гардонд.. Бӯйи ғализи гӯшти сӯхтайи одамӣ биниҳоро кар кард. Садойи зузайи сагони балогардон то қабатҳойи осмон расид. Нолаву шевани занону кӯдакони асирафтода сангро об мекард. Ва замини сӯхта боз нам гирифт аз ашку хун. Додрас набуд. Касе намедонист, ки Урмузди бузург ба кадом хидмати ин мардум чунин подош насиб гардонидааст. Шояд нотифоқӣ, чуғулӣ ва ё парокандагӣ бошад, ки то ин рӯз расонд ва шаҳрҳо низ чун узвҳойи буридайи бадан ҷудо-ҷудо месӯхтанд. Дар забон, дар ваъдаву войиз ва дар аҳди лисонӣ гӯё мушт шуданд ангуштон; гӯё узвҳо як тану ҷон. Ин мавзеъ тохтутозҳойи кӯчиёни он сӯйи Танайис ва баъзе ғоратгарон ва омадани шоҳаншоҳи Эрон Курушро ёд дорад, аммо чунин бедодӣ, осиёмол поймол кардану аҳриманона сӯхтанро надидааст.

Ва ниҳоят Искандар даррасид ба Киропол. Ба шаҳри сохтайи Куруши Кабир. Шаҳр то андозае Мароқандро мемонд. Тарзи меъморӣ, иҳотайи дураддайи девор, диж, ҳараму кирёс ва сангфаршу роҳу растааш монанд буд.

Чун Искандар бо сарфавҷҳойи дигар – Гефестиону Кену Биталомус шаҳрҳойи дигарро шикаста ба ёрийи Кратер омаданд, сипаҳбад ҳама фармудаҳойи шоҳро баҷо оварда буд: шаҳрро иҳота карда, ба даробаройи касе роҳ намедод, хандақ кофт, паси деворҳойи баландро хокрез кард, то гузаштан осон шавад, асбобҳойи деворшикан муҳайё гардонд, зинапояву нардбонҳо сохт, расану каманду ресмонҳо пайдо кард баройи бастану гузаштан, вале деворҳойи баланду дуқатора гузар намедод. Шоҳи макдунӣ аҳвол дид ва ба эҳтироми Куруши Кабир, ки гӯё осори дасти ӯст, деворшиканиро манъ кард ва фармуд осебе нарасад шаҳру дижро. Дер нигарон шуд, аз дарун посух ё амру итоат нашунид ва донист, ки суғдиён ба осонӣ ҷон намедиҳанд, аз қавлу фармонаш гашта, ба деворшиканӣ пардохт. Дастгоҳҳойи садшикан ба кор даромаданд: зарбаҳо мезаданд девори баланду мустаҳкамро. Лекин илоҷи ба шаҳр даромаданро пайдо намекард. Гирди шаҳр гашт ва андар самти шарқийи он рӯдхонайи хушкида дид, ки рӯбоҳе бурун омад. Ҳайратзада нигарист саворонро ва сарболо битохт бо селроҳа. Искандар низ ҳайрон монд аз рафтори рӯбоҳ, ки ӯро раҳ намуд. Пасон зер шуд аз асб ва обмӯриро аз назар гузаронд. Рӯбаҳвор миён дуздонд, то убур кунад чокаро. Шохе гузошта буданд аз дӯлонайи хордор. Ба нӯги найза тела дод ва озод даромад. Шоҳи пурдону пурҳиял, ки ҳазору як макру ҳилаву найрангу усулу илоҷ ба кор мебурд, ҳамроҳи ҷондорон, сипарбардорон, найзаварон, шамшерзанон, камонварон ва касони дилпуру дилобхӯр чу сели

нобаҳангом убур кард обмӯриро. Чу барқи Зевс сӯйи дарвоза шитофт, қуфлу ғалақаву занҷирҳоро шикасту барканд ва боз кард дарвозаи шаҳрро. Сарбозони мақдунӣ чу пешбодаи сели бузург ҳуҷумовар шуданд ба шаҳр.

Кирополиҳои машғул бо деворшиканони мақдунӣ аз чунин тадбири онҳо бехабар монданд. Гоҳе рӯ ба рӯ шуданд, ки аллакай мақдуниён ба шаҳр рехта буданд.

Сипаҳсолор Кратер, ки аз аввал фармони ҳуҷум гирифта буд, зинаву нардбонҳо ба девор гузошта, расану ресмон карда ворид шуд ба шаҳр ва саворонаш аз дарвозаи боз даромаданд. Садойи сайҳаи асбон, ак-аку зузаи сагон, чакочаки шамшеру найзаву сипар ва оҳу афғони тиру шамшеру найзахӯрдагон боло шуд. Дуд бархост аз миёни размандагон, нафиру овози аҳлу аёл ва овойи сарбозони ҷондеҳ меомад. Садойи ҷонхарош доштанд ҳаюнони захмӣ ва чароғпоя гашта сум бар ҳар касу ҷонвари пешомада мезаданд. Замин мегазиданд сарбозони тирхӯрда ва ё синаашон синон шикофта. Касеро имкони дасти ёрӣ ёзидан ва ё ҷон ба саломат бурдан набуд.

Ба назари Искандар ҳама дуде, ки ба осмон печид, каргас шуд, Искандарро пешгӯйӣ буд, ки бо селроҳаи хушки Кирópол хун ҷорӣ хоҳад гашт. Чашм пӯшид шоҳ, то набинад. Вале ба гӯшаш ғалмағале расид, ки зиёдтар аз ғавғойи мурғон буд: Кирополиҳо ба ҳуҷум гузаштанд. Онҳо сангу чӯб мезаданд ва тиру шамшеру найза. Чунин набард назди тохти саворони мақдунӣ сабук метофт. Ба ҳар тақдир ҷанги понздаҳҳазорайи шаҳриён ба осонӣ рафъ нахоҳад гашт. Шоҳи мақдунӣ аз зарби санги душман сахт лат ёфт, вале майдони овардро тарк накард. Искандар кулоҳи душохаи ҳахоманишӣ аз сар гирифта кулаҳхӯди ҷангӣ пӯшида буд, то душман зуд нашиносад.

Дар чунин пархоши ноҷӯр бисёре аз сарбозон ва сипаҳбадон захмӣ гаштанд, аз ҷумла Кратери бовафо тир хӯрд.

Суғдиёни ватанпараст тан ба мурдан медоданду ба таслим шудан на. Аммо сипоҳи тороҷгари мақдунӣ, ки аз чаҳор самт сари девор парида ба шаҳр даромада буданд, суғдиёнро муҳосира гирифта, қадам-қадам, ваҷаб-ваҷаб, ангушт-ангушт ҳомиёну муҳофизони Кирополро ба ҳалқа оварда ва танг карда, андар канораҳойи рӯдхонаи хушк нигоҳ медоштанд. Дер нигоҳ медоштанд, то аз беобиву бенавойӣ ё миранд ё таслим шаванд. Азоби алим диданд онҳо ва бо маслиҳату машварат таслим шуданд. Нисфи зиёди шӯришгарон нобуд гаштанд ва Искандари кинавар бо он ҳама хашму ғазабе ки дошт, шаҳри Кирополро аз рӯйи замин бардошт... Захми дӯшу лату дарди гардан зуд гузашта бошад ҳам, алам аз дили лашкаркаш нарафта буд: бо амри ӯ Кирópол ончунон сӯхту дуд кард, ки шаҳреро насиб нагашта мислаш. Искандар ба дуди фалакгир чашм дӯхта дида танг мекард чу шикорчиёни кинавари

массагетӣ, ки рӯзе алами ин ҳама хоҳанд гирифт. Бо вуҷуди он Искандар ифтихор дошт аз кори карда, дар ҳар макон бо тарзу усули тозайи ҷангӣ пирӯз мегардад ва оташи чашми душманонро мегирад. Гуморид, ки баъди чунин пирӯзӣ дар ҳеҷ гӯшайи Суғд шӯру балво нахоҳад шуд. Бипардохт ба идомайи сохтмони Искандарийи Ақсо. Ҳар ҷо рӯду дарёйи хуб дид, он ҷо фароғат кард, шаҳраке сохт бо номи хеш. Шаҳраки диждори зеборо дар муддате сохт, ки кас бовар намекунад. Ҳама пардохтанд дар ин сохтмон баҳсмабаҳс. Ин бор Искандар аз сохтмони Мароқанд тақлид кард: девори баланди касногузар бардошт ва дижи мустаҳакам. Асиру бандиҳойи суғдироончунон кор фармуд, ки пӯсту устухон гаштанд. Искандар шитоб дошт ва ё хатареро бӯй гирифта буд. Вале бо дили пур мегуфт, ки дигар каси багурдае пайдо нахоҳад шуд, ки оташи ҷанг барафрӯзад.

## БАНДИ ЧАҲОРУМ

Ва аммо Искандарро хабар расид, ки Спитамони Суғдӣ сар бардошта дар Мароқанд. Майдони ҳарбийи мақдуниёнро танг карда, сипоҳаш ронда аз шаҳр. Худ маъво гирифта андар баландийи Афросиёб ва Чорраҳа. Искандар, ки аз пирӯзиҳойи хеш шод буд, имон дошт чунон чашми душман тарсонда, ки дигар родмарде, яле дар ин музофот пайдо нахоҳад гашт, то зидди лашкари нерӯманди ӯ биҷангад. Аммо аз чунин расонайи шум дилтанг шуд ва сар ба каф гирифта андешид, то чӣ кунад. Зеро скифҳойи ғарбиву шарқӣ як шуда аз нав бо ӯ ситезида буданд ва Искандар наметавонист ба Мароқанд биравад. Машварати фавқулоддайи ҳарбӣ даъват кард, андар Искандарийи Ақсо нахустин маҷлиси сарони фавҷу горду дастаҳоро орост ва сипаҳбадони пурдидаву размида Андромеди ҳамсаф, Менодеми ҳамрикоб ва Қоруни таксиархро сари се ҳазор сипоҳи савораву пиёда ба кӯмаки фавҷҳойи дар Мароқанд гузошта фиристод. Инчунин Фарнуки суғдидонро ба онҳо ҳамроҳ кард, то мақсади тарафайнро ба якдигар фаҳмонад.

Бунёди шаҳраки Искандарийи Ақсо хуш наомад бодиянишинони он сӯйи Яксартро, ки махсус боройи ҳуҷумҳо ва тохтутозҳойи онҳоро шикастан ин «Аҷалхона»-ро сохта бошанд.[1] Аз ин рӯ онҳо намехостанд, ки ин шаҳраки гӯё бар об бунёд гашта дерёз пойдор бошад. Пешвойи скифҳо Сатрак маҷлис орост ва ба бародараш Картасис фармуд:

— Убур бикун Танайисро! Шаҳраки ӯро яксон гардон ба хок ва бирон меҳмонони нохондаро аз канори рӯди пок!

---

1. Скифҳо чунин ном ниҳоданд.

Картасис сар фаровард фармони шоҳро. Ҷанговарони чобуки скифиро ҷой дод андар канори рӯдбор ва тирҳо партов кард сӯйи мақдуниён. Чун паҳновар буд рӯдбор, намерасид тири онҳо ба нишон. Ғарази скифҳо ин буд, ки сипоҳи мақдуниро мазоху масхара доранд ва эшон тоб наоварда тарк кунанд манзилро. Аммо Искандар масхарабардор набуд. Чора меандешид ва илоҷи кор меҷуст пинҳонӣ аз кӯчиён.

Картасиси тарсу фармони бародарро иҷро накард. То соҳили рӯд омад, тирҳо партов карда, мақдуниёнро ангехт. Тарсид аз гузаштан он сӯйи Сайҳун, ки бозгашташ хатар дорад. Вале чунин рафтор Сатракро хуш наомад ва кас фиристод, ки бародараш ба номи скифҳо иснод наоварад. Дер шуда буд: Искандар кӣ будани онҳоро дарёфт:

«Саге, ки зиёд ҷакад, ғайрати газидан накунад. Бубинед онҳоро! Он тарсуҳоро! Ҷавҳари мардӣ надорӣ, чаро дигаронро безобита кунӣ?!» Ишора ба скифҳойи он сӯйи рӯдбор кард... Пасон он гуна ғазабе ки дар андарун дошт, бурун дод: «Гупсару шикамбаҳоро бод диҳед! Тулуму пӯстҳоро коҳ ҷой кунед!»

Сипоҳи ӯ дарёфту дарк кард, ки шоҳ чӣ мехоҳад. Шабҳангом, гоҳе ки скифҳойи батангомада аз ташвишу омодагийи зиёд ва таҳлукаву хатар шалпару хаста гашта пинак мерафтанд ва худро посбонӣ карда наметавонистанд, Искандар чун одат шабохун заданӣ шуда, муқобили ҷараён сӯйи боло рафт, то убургоҳе пайдо кунад дуртар аз чашми адӯ.

«Ай Искандар, хуб аст, агар ба хонайи занбӯр чӯб назанӣ.» баногӯшӣ кард чун маслиҳат Аристандри раммол, вале якбора танашро вараҷа гирифт, ки шоҳ ба маслиҳати хоми ӯ чӣ мегуфта бошад.

«На, Аристандр... Гарчӣ ту ғайбдонӣ ва пешомадро хуб бинӣ, аммо рӯҳи ман, хуни ман, тухмайи ман набардорад чунин масхараро.»

«Рой шоҳрост...» – гӯё муфт аз банди ғазаби шоҳ раҳо ёфта бошад, суханро кӯтоҳ кард коҳин ва гоме канор зад.

Валек шоҳ дар худ меҷӯшид ва худ ба худ мехурӯшид, ки чӣ касонанд, ки бо ӯ ҳамрикоб гаштаанд. Ва таҳлил кунад Искандар ин ҳамаро, ки онон дӯстанд ӯро ё душман? Ба ҳар тақдир то ҳанӯз дӯсту душмани хешро фарқу ҷудо накардааст.

Сӯйи Аристандр нигашт, ки ӯ дар торикӣ надид майли шоҳро. Шоҳ ном гирифт ӯро: «Аристандр!» Паст буд садо чунон ки рӯди бесадоро халалгор шуданӣ набуд ва ғаразаш аз душман буд, ба гӯшаш нарасад. Раммол пеш омад ва гӯш ба шоҳ дод: «Ё тарсидӣ, ки Искандар ҳама сипоҳиёнро сӯйи Мароқанд фиристод ва ҷангро ба ин барбарҳо хоҳад бохт?»

«На, Искандар... Онҳо аз тарс чунин рафтор кунанд ва ҳоҷати бори дигар саркӯб карданашон набошад...»

«Нааа... Касе ҳаст, ки онҳоро пешгард кардааст ва худ аз пас истад.»

«Шояд...»

«Нагузорам! Ҳеҷ ҷонзодеро нагузорам, ки ба сипоҳи Мақдунӣ нешханд кунад!»

Дастгоҳи тирандози Мақдунӣ сапедадамон партов кард тирҳоро аз ин соҳил ба д-он соҳил. Тире бидарид сипари скифи саворро ва сарбозро аз зин афканд. Скифҳо чун замбӯрони ба хонаашон чӯб хаста осемаву пурташвиш шуданд. Сарбозони гупсару шикамбасавор ва тулуму пӯстҳо зери сина хешро аз боло ба об андохта, рӯ-рӯйи об омада аз зери фӯки масхарабозони скифӣ баромаданд. Хасми дӯғмастончунон гурехт, ки рӯбоҳ аз шер. Камонварон, сангандозҳойи фалахмонӣ пешгиру пешгардон карда буданд скифҳойи гурезонро, то боздоранду истинтоқ кунанд. Вале сарон ва намояндагони онҳо пеш омаданд чун фиристода, то бо шоҳи ҷанговару ҷаҳонгир гуфтугӯ кунанд. Искандар андаке андешид; найранг пиндошт нобаҳангом омадани онҳоро. Напазируфт. Зеро ҳолиё ҳама сарбозон наомада буданд, дар соҳилҳо машғули рондану дастгир кардани чобуксаворони биёбонӣ буданд. Дар чунин ҳол Искандар салоҳ намедонист гуфтушунидро.

Пеш омадани пирмарди скифӣ вазъро дигаргуна кард: «Ё бикуш маро, ё бипазир моро!»

Искандар хеле андешаманд монд. Ба ёрон ва дӯстон нигарист. Боз пирмардро синча кард:

— Бошад!

Пирмарди тангчашми фарохпешонӣ дерёз нигарист ба ҷавони мусаллаҳи нерӯманд, вале дар синну сол ҷавон, миёнақади малламӯй ва фикр накард, ки ӯ Искандар аст.

— Моро шоҳи ҷаҳонгир Искандари Мақдунӣ мебод!

— Манам Искандар... – сипоҳигарӣ накарда рост бигуфт шоҳ.

— Ай шоҳи ҷаҳонгир! Назди ту омадем, то даст кашӣ аз ҷанг ва оштӣ пеш орӣ.

Искандар баланд хандид ва фармуд:

— Агар ҳарфат рост аст, масхарабозӣ аз баройи чӣ буд?

— Шоҳо! Масхарае нашуда аз ҷониби мо. Кӯтоҳие гузашт. Мо скифҳо хуб донем, ки пархош нозебост инсонро.

Искандар пиндошт ҳазён гӯяд. Чун диққат дод, дарёфт муроди пирмардро.

— Аҷаб шоҳӣ, аҷаб ҷанговарӣ. Туро фарқ набувад, ки бо кӣ ҷангӣ. Порс ҳам баройи ту як, сак ҳам, скиф ҳам, массагет ҳам, суғдӣ ҳам, бохтарӣ ҳам, хоразмӣ ҳам... Ҳамаро зеру забар кардан мехоҳӣ. Агар чунин ту, бояд бо обу оташ биҷангӣ, бо даррандаву чаррандаву хазанда низ биҷангӣ...

Искандар дамид, тафсид, сурх шуд. Таҳқир донист чунин фармудани пирмардро ва оташ гирифт:

— Чӣ иддао дорӣ?

— Иддао ин аст, бозгардӣ. Ҳеҷ кас ба куштан сер нашуда, ҳеҷ мулк ба сӯхтан обод нагашта, ҳеҷ дузд ба бурдан қаноат накарда... Ту чизеро хоҳӣ, лоимкон бувад: миёни забардасту зердаст, ҷанобу ғулом дӯстӣ набошад ҳеҷ гоҳ.

— Бирав! Туро кӣ хонда ба ин ҷо? – сахт гуфт шоҳ ва донисту дарёфт, ки касе чунин таҳқир накарда шоҳро: нарм, баодобона ва бохирадона.

— Ай шоҳ, агар майли бо скифҳо ҷангидан дорӣ, хоҳиши ҷанги ҷаҳониро дорӣ. Агар чунин, тамоми мардуми озодихоҳи дунё зидди ту хоҳад бархест.

— Бигӯй ҳамагонро! Хоҳанд, ки замин газанд, бархезанд!

Пирмард норозиёна бирафт.

Искандар гумон надошт, ки миёни бодиянишинон низ доноён ҳастанд.

Дар ин фурсат сипоҳи Искандар пурра убур кард рӯдро. Ва ҳамин ки саворони зарбазани як ҳазору дувистнафара Яксартро гузаштанд, тохтанд бар скифҳо. Аз рӯйи нақша бойист нобаҳангом зарба мезаданд. Бодиягардон низ сахт омодагӣ доштанд. Аммо ба макру ҳиял вонамуданд, ки тарсустанд, тоби овард надоранд, рӯ ба фирор оварданд. Ва андар биёбон камонак шуданд; сари асбонашон боз сӯйи сипоҳи мақдунӣ гашт. Нимдойира шуданд ва ғайричашмдошт якбора саворони мусаллаҳи мақдуниро дар ҳалқа оварданд. Тирборон карданд ва ғайб заданд.

Лашкаркаши беназир усули набарди ононро донист ва пиндошт боз чунин тохт оваранд. Ӯ низ тарзи ситези хешро дигаргуна орост: камонварону саворони шамшерзан ва сипоҳи пиёдаро пеш андохт; аз пас саворони зарбазану найзавару сипардорро гузошт. Ва чунон омода ба набард шуд, ки бо Доро ҳарб мекарда бошад.

Пайдо гаштанд скифҳойи асбтоз бо усули ҷанги аввал.

— Кушодтар! Фарохтар!!!

Ҳамин қадар садо дардод Искандар ва сипоҳ донист, ки нагузоранд скифҳо ҳалқаро танг гиранд. Онҳо, ки умеди танг кардани ҳалқаро доштанд, чандон омода набуданд ба чунин ҳарб; ҳолиё пештар рафта ҳамлавар шуданӣ буданд.

— Бидарронед!!!

Маънийи ин амр низ рӯшан буд. Майдони сипоҳи мақдунӣ фарохтар мешуд. Онҳо ба ҳуҷуми сахт гузаштанд. Гӯйӣ ҳалқаҳойи силсилайи амонати скифҳо бо зарбаҳойи гарону сангини искандарӣ баргусаст. Мақдуниён раҳо шуданд аз ҳалқа.

Скифҳойи тарсу гӯё ки ҷон дар каф дошта бошанд, «пушти ману тири мақдуниён» гурехтанд. Онҳо ба гармову тамузи тобистон ва саҳройи беоб нигоҳ накарда, то аз пой мондани асбон, то

рӯ ба регзорҳо афтидани пиёдагон; аз ташнагиву гушнагӣ ноҳол то охир тохтанд. То замоне ки хуршед даруни реги тафсон фурӯ рафт. Ва шабаҳу ангорайи онҳо даруни пардайи сиёҳ нопадид гашт.

Искандар низ дунбола нагирифт, ки мавзеъ ва мавқеи бодияро намедонист. Лашкари мақдунӣ зиёд кушт, зиёд бандӣ кард. Шуморайи асирон аз ҳазор гузашта буд. Искандар фавҷеро асир гирифт, ки саду панҷоҳ ҷанговар дошт ва миёни онҳо пешвойи эшон Сатраки бо нангу ор буд.

Сатракро гоҳе назди Искандар оварданд, ки сараш дард дошт ва аз талафи ин ҷанги бемаънӣ фикр мекард, ки дар набарди Говгомол чунин талафот надода буд. Ҳам месӯхт, ҳам мегирист ва ҳам нафрат дошт; ҳатто ба ҷанг нафрат дошт, ки бори нахуст чунин андеша ба сараш зад.

— Сари туро мор газид, ки дубора хурӯҷ кардӣ?

— На ман, шоҳ. Скифҳойи он сӯйи Танайис (Дон) ин корро карданд.

— Ту чаро сарвар шудӣ?

— Ман чун гаравгон будам, шоҳ. Агар ба ин новард сар набудам, сари маро гирифта буданд.

— Дурӯғат зиёд бошад. Картасис бародари туст?

— Оре, шоҳ!

— Пеш аз мурданаш гуфт, ки бародарам маро фармуд, ки Искандарийи сохтайи шуморо вайрон созам. Ту бародари Картасис ҳастӣ?

— Оре, шоҳ!

— Пас, ту дурӯғ гӯйӣ ё бародарат?

Китф дарҳам кашид Сатрак.

— Агар ту нафармуда будӣ, ӯ нагуфта буд.

— Шояд... Лекин ӯ баройи ҷонашро раҳонидан ба ман тӯҳмат задааст. Чунон ки арз кардам: моро скифҳойи ғарбӣ ба танг оварданд.

— Агар ин рост аст, чаро шумо бо скифҳойи он сӯйи Танайис наситезидед, то ман шуморо ҷонибдор бошам?

— Ба чунин пурси шоҳ ман танҳо посух дода наметавонам, зеро мо ҳамхун, ҳамзабон ва ҳамҷавор ҳастем.

— Пас, мо – бегона, бо бегонагон ҷангидан осонтар бувад. Ҳамин тавр?

— На. Бо бегонайи зӯр ва доно ва сарфармондеҳи бузург чун шумо ҷангидан саҳл набувад. Ман ёд надорам, ки ягон бор ҷангро бохта бошем. Ҳатто Куруши оламгир аз дасти масагетҳо сар гум кард. Вале ба зӯр тан бояд дод.

— Ҳм... Маккор... – он чӣ дар сар дошт, ба забон овард Искандар ва поймардонро ишора кард: — Биоваред!

Сатрак як қад парид, ки амри шоҳ чӣ маънӣ дошта бошад. Пас онҳо Картасиси бастадастро оварданд ва аз дари саройи шоҳ

ворид гардонида, боздоштанд. Бародарон ҳайратзада ба якдигар нигаристанд. Искандар пурсид Картасисро:

— Ҳамин шоҳи скифҳо туро фармуд, ки Искандариро оташ занӣ?

Аммо Картасис посух нагуфт. Искандар Сатракро пурсид:

— Ту амр кардӣ, ки бародарат Картасис оташ занад Искандариро?

— Чунин амру фармон набуд, шоҳ. Скифҳо рӯдро убур накардаанд, чӣ гуна шаҳракро хароб гардонанд. Агар чанд тан омаданд, ба тамошо омаданд, ки чаро ақли мо нагирад чунин рӯйи об бино сохтанро... Агар бародари ман Картасис чизе ноҷо гуфтааст, ҷон ширинӣ кардааст.

Картасис мисли асби ситомаш сахт кашида пойи беқарорӣ мекӯфт, ки чаро бародараш чунин дурӯғ гӯяд ва ӯро ба коми аҷал андозад.

— Оре, ҷон ширин, бародар, вагарна ту пеши шоҳи мақдунӣ чунин дурӯғ набофта будӣ. Ту он найӣ, ки боройи рӯдро убур накарданам ва шаҳракро оташ назаданам маро силаву гӯшмол кардӣ? Тарсу хондӣ?

— Тут...тут...

— Осуда бошед, одати бародарони тахтхоҳ чунин бувад: ҳарду кӯшанд, то якеро кушанд. Зеро «ду подшоҳ дар як иқлим нагунҷад.» – фармуд Искандар.

— На, шоҳ, – эзоҳ доданӣ шуд Картасис: — Маро тахту бахт зарурате надорад. Ман хостам ҷанг нашавад. Аз ин рӯ гуфти бародарамро иҷро накардам. Зеро мо як бор паймон баста будем, то наситезем ба ҳамдигар. Паймоншиканӣ кори безеб. Мартабаву обрӯйро паст мекунад. Ва дигар бор чун паймон бандем...

— Чӣ гуна паймон?! – сахт гуфт Искандар. – Шумо миёни худ муайян созед, ки кадоме ҷурм доред! Ман зиёд дидам чунин саҳнаҳоро. Бахти ман: бародарон дар ҳар мулк боройи хешро сапеду озод гардонидан ҳама бори гуноҳро ба сари якдигар бор мекунанд. То мӯй аз хамир ҷудо кунӣ, сарҳо ҷудо шаванд. Ман надонистам, ки худоён чӣ гуна инсон халқ кардаанд? Мард он бувад, ки шамшер дар гарданаш гузоранд, қавл дигар накунад.

— Аз сар то ҳол як чиз гуфтам, шоҳ: Сатрак маро фармуд, ки Искандарӣ хароб кунам, накардам. Боқӣ шоҳ донаду ӯ.

— Ҳммм... Сатрак чӣ пешниҳод дорад? – гардан тофта пурсид Искандар.

— Агар аҳду паймон дигар шавад, чӣ бойигарие скифҳо дошта бошанд, аз они Искандар гардад...

Сатрак хомӯш монд, то Искандар чӣ фармояд. Искандар хомӯш буд, то сарвари скифҳо чӣ афзояд:

— Беҳтарин зану духтари скифӣ они Искандар гардад...

—...

— Ва беҳтарин асб...

—...

— Ва беҳтарин доройии скифҳо...

— Беҳтарин доройии скифҳо чист? – таваҷҷӯҳ кард Искандр.

— Беҳтарин доройии скифҳо – Сатрак...

— Сари Сатрак! – пурра кард Картасис.

— Ман, ки дорам Сатраку сари Сатракро?!

— Пас мулк они Искандар бувад!

Фармуд Картасис ва Искандар ҷониби Сатрак нигарист.

Сатрак: — Ҳамин тавр, шоҳ.

Искандар: — На! Маро Спитамон мебод!

Сартак: — Спитома гурги борондида бувад, сари ӯро овардан...

Искандар: — На. Сари ӯ маро лозим набувад. Ӯро зинда биёваред.

Сатрак: — Ин кор аз дасти ман наояд. Сарам гиред!

Искандар: — Искандар то имрӯз сари шоҳеро нагирифтааст...

Сатрак: — Магар Доро...

Искандар: — На, Дороро ман накуштаам, шумо куштед, дӯстонаш.

Сатрак: — Чӣ гуна мо? Мо, ки ӯро надидаем, нашинохтаем...

Искандар: — Шумо на, вале шумо баринҳо...

Сатрак: — Нааа... Моро расид, ки Искандари мақдунӣ кушта шоҳи Порсро.

Искандар: — Дидед, бод чӣ дурӯғ меорад аз Порс то Суғд: Воқеан, шумо бо суғдиҳову бохтариҳо дӯст наед. Ҳар гоҳ тохт меоваред, нобуд мекунед ва ғорат. Тохтҳойи шумо бодиянишинон ба олам паҳн шуда. Агар тохтутозу ғорат ва бедодиатон набуд, мо ин шаҳракро насохта будем. Шаҳрак саддест, ки дигар шумо ба ин соҳил нагузаред. Мардумони тамаддунашон ба ҷое расидаро нороҳат накунед.

Картасис: — Мо накардаем чунин. Мо дӯст ҳастем бо суғдҳо. Паймони иттифоқ дорем. Якдигарро мадад кунем.

Искандар: — Чун?

Картасис: — Духтар диҳем, духтар гирем.

Искандар: — Агар душман ба сари яке ситезад, мададёр шавед?

Сатрак: — Нашудааст. Дар чунин ҳол ҳар тойифа бори хешро кашад.

Искандар: — Ҳо, донистам: шумо дар ин ҷо ҷангед, Спитамон дар Мароқанд ситезад, бохтариҳо дар Ориё овард кунанд ва...

Якбора таъхиру таваққуф кард Искандар, то чӣ ояд аз эшон. Онҳо низ хомӯш буданд, ки шоҳи мақдунӣ имтиҳон кунад, то чӣ ояд аз забонашон. Искандар боз кунҷкобӣ кард.

Искандар: — Яъне шумо бо Спитамон дӯст ҳастед ва ӯро фурӯхтан нахоҳед?

Сатрак: — Фурӯхта натавонем...

Искандар: — Чун?

Сатрак: — Зӯрамон нарасад.

Искандар: — Агар зӯр надорӣ, чаро ҷанг хоҳӣ?

Сатрак: — Ҳеҷ гоҳ нахостаам. Зарурате пеш ояд, аз рӯйи тавон ватанро ҳимоя хоҳам кард.

Искандар: — Ватанро андаруни хона ҳимоя накунанд. Барои он ки ватан осуда бошад, бояд битозӣ! Биситезӣ.

Бародарон беихтиёр ба ҳамдигар нигаристанд, валек чизе нагуфтанд.

Искандар: — А? Тавонӣ? – ба Сатрак рӯ овард.

Сатрак: — Чиро?

Искандар: — Спитамонро!

Сатрак: — На! Ин кор аз дасти ман наояд! Сарам гиред!

Искандар ишора кард. Сатракро бурданд. Картасисро гузоштанд.

Картасис: — Ман хоҳам овард Спитамонро...

Искандар: — Чӣ гуна? Шумо, ки аз сояйи ӯ метарсед?

Картасис: — Дигарон тарсанд. Ман тарсу наям.

Искандар: — Пас чаро бародарат туро тарсу хонд?

Картасис: — Зеро ки амрашро иҷро накардам.

Искандар: — Ва амри маро иҷро кунӣ?

Картасис: — Оре, шоҳ!

Искандар: — На! Шумо паймон доред. Набояд паймон шиканед.

Картасис: — Чӣ гуна паймон, шоҳ?

Искандар: — Шумо бояд зидди мақдуниён яктан биҷангед, аммо имкон надоданд.

Картасис: — На, шоҳ. Ман аз аввал зӯру тавони лашкари мақдуниро дониста будам. Зеро шикастани миёни сипоҳи Порс кори хурд набуд. Мо ҳама аз ин ҷанг сабақ гирифтем, ки бар зидди артиши Искандар наситезем.

Искандар: — Ва орӣ Спитамонро?

Картасис: — Бале, орам!

Искандар: — Ту озодӣ, Картасис. Аз пайи Спитамон бишав!

❁ ❁ ❁

Ва баъд Искандар тасмим гирифт, ки андар шаҳраки Искандарийи таъҷилӣ сохтааш базми пирӯзӣ ороял ва кӯфти роҳи дуру

пархошҳоро барорад. Рӯзи аввал бо Барзину писари дӯстрӯяш Геракл фароғат кард. Валек хеле парешон буд. Зеро талафоте ки дар ҷанги дирӯза дод, дар ҷанги бузурги Говгомол надода буд. Ва чунин пархош суде наовард мақдуниёнро. Душман на шаҳр дошт, на диж дошт, на хазина дошт ва сарвате. Ҷуз зиён ва талафи дӯстон ва асбон чизе набардошт. Аммо ба пирӯзӣ шод бувад шоҳ. Рӯзи дигар ҳама сипоҳи пирӯзро ба боргоҳ хонд: дар саҳни фарохи Искандарӣ ҷой дод; горди махсуси «Дӯстон» наздиктар буд ва ҷондорону табори ӯ дар айвони кушоди бар об сохта маъво гирифта. Геракл ҳамроҳи модараш лаби айвон нишаста ба об менигарист, оби равон чашмашро рабуд ва ӯ пиндошт, ки кӯшки нишастааш рӯ-рӯйи об боло медавад. Завқ буд ё ҳаяҷон, ки писарак як ларзиду хам хӯрд ва модари ҳушаш ба моҳиёни аз об боло ҷаста буд ва надонист чӣ гуна писар ба об рафт. Фарёд зад ва зуд обдонҳо хештан ба об андохта Геракли рӯйи об даҳонкушодаро дошта бароварданд. Искандар аз ин ҳол ғазаб накард, балки бо ифтихор гуфт: «Воқеан ту Гераклӣ, писарам!» – бузургиву қаҳрамониҳойи Геракли диловари асотириро ёд овард Искандар.

Ва базм орост. Мисли базмҳое, ки дар пирӯзиҳо дар толору тарабхонаҳойи худиву ғайр ороста буд. Ҳолиё низ тамоми шаҳракро тарабхонайи хеш дониста ончунон пирӯзиро базм карданӣ буд, ки мардумони дуру наздики мулку макон донанд. Бавижа ҳалқони шимолӣ, ки бо ҳар баҳона он сӯйи рӯд пайдо мегарданд. Ва ҳамин чизро Искандар дониста дар он сӯйи рӯдбор сарпосу посбонҳо гузоштааст, то ҷашни пирӯзиаш хубу хуш гузарад. Базм аз шабнишиниҳойи анъанавийи искандарӣ. Ҳамон дӯстони зиндамонда, сипаҳсолору сипаҳбаду сарфавҷу сарбозони ҷангида ва гетерҳойи нозанину табор ва ҳама гуна хидматгузорони сипоҳу хонадони шоҳ. Ромишгарону ширинкорҳо. Боз Тойису Эрис арғушт мераванд дар пояйи тахти сафарийи шоҳ зону зада ва лӯлиёна як даст дар миёну як даст болойи сар домани кушоди пироҳан давраву чанбар гардонида. Майгусорӣ доранд. Бо ҷоми зарини порсӣ майи юнонӣ мехӯрад ва баъзан шароби арғувонийи ориёйиро ҳавас мекунад.

Ланика – гетери собиқадору ҳолиё доя Гераклро либоси тоза пӯшонида меорад. Искандар ишора мекунад, ки шоҳзодаро наздаш оранд. Ӯ либоси фохири шоҳзодагӣ дорад порсиёна ва шоҳ ӯро сари даст бардошта «Шарқзод!» мегӯяд ва ҳушёру маст баробар каф мекӯбанд. Садойи мусиқӣ аз нав баланд мегардад ба хотири шоҳзода ва садоҳо меояд:

«Баройи шоҳзода!»

«Баройи толеи неку бахти баланди Геракл!»

«Баройи оне ки аз об баромад чу Мӯсо!»

Гарчӣ шоҳзода ҳамаи инро дарку фаҳм намекунад, ҳамагон баробар каф мекӯбанд ва Искандар писарро ҳар гоҳ болотар мебардорад ва Барзин табассум мекунад.

«Ягона шоҳзодае ки побапойи лашкаркаши бузург мегардад! Зиндаву ҷовид бод!»

Искандар писарро ба майдон меорад ва ишора ба Барзин мекунад, ки низ ба майдон ояд. Вале ӯ чандон ба рақсидан майл надорад; дилаш меларзад ва мадораш суст мегардад. Шохҷоме меоранд Искандарро ва Барзин онро аз дасти сартаббох гирифта ба замин мерезад.

— Чаро чунин кардӣ, Барзин?

— Охир, бояд аввал ба ёди дӯстон ҷуръае ба замин мерехтӣ ва баъд майгусорӣ мекардӣ. – Баҳона овард Барзин.

— Мо ин корро кардем, Барзин, ту дар ҳарам будӣ.

— Густохӣ аз ҷониби ман шуд... Ту шоҳ ҳастӣ, набояд аз шохҷом бода хӯрӣ. Туро соғари шоҳӣ мебод!

Искандар сар меафшонад сӯйи Барзин, ки беҳуда накунӣ чунин. Бояд чизе бошад ва фаросоти ман нарасад ба он. Баъд яккалинг ба рақс даромада, Шарқзодро гирд мегардонад ва Ланика пеш омада Гераклро аз дасти падар гирифтанӣ мешавад, аммо писар ба гардани шоҳ мечаспад, ки маро хуш аст чунин ҳол, зеро Искандар на ҳар гоҳ ба ӯ чунин имкон диҳад. Ва шоҳ шоҳзодаро ба замин гузорад, то мустақил пой кӯбад. Вале шоҳзода тарсида, магар аз об, ки ба по истодан нахоҳад. Барзин бардорад ӯро ва шоҳзода аламзада гиряд.

Гетерҳо гирдгардон; дастафшону покӯбон арғушт мераванд ва хандонанд. Баъзе ба ҳунари хеш ғарра, масти ҳавойи мусиқиву рақси хеш ба тан, дасту бозу, домону нӯки пойафзори худ нигариста, мустағриқ ба олами зебойӣ ончунон ҷилваю нозу карашма доранд, ки тазарв гоҳи мастӣ.

Валек Искандар парешонӣ дорад, ба касе изҳор карда наметавонад. Ошӯби Мароқанд ёд меояд, дар таҳлука аст. Базмро парешон карда наметавонад. Агар якбора кӯч бандад, дар чунин ҳол шаҳраки сохтаашро нобуд гардонанд. Зеро пурра барпо нагашта ва бегона тобад. Гоҳе ба он сӯйи рӯд менигарад, ки тамошо доранд базми ӯро ва ваҳшиёна менигаранд ба базми мураттабу бонизоми мағрибиён. Зеро базмҳойи онҳо ҳанӯз ҳалқист ва гоҳ-гоҳе рух медиҳад; ҷаҳру ҷаҳл дорад ва баъзан худфурӯзӣ, худнамойӣ, худафшонӣ. Пойҳоро паҳну фарох гузошта, дастҳоро болсурат дошта, ба сар пару боли мурғон зада, ба рӯй рангҳо кашида, ба садойи таблаку табира, гоҳо зарби даст ва садойи махсуси гулӯйӣ ва авҷи ларзиши лабҳо рақс мекунанд. Ҳолиё аз дур мепоянд чашми дидбонҳоро дуздида аз паси буттаҳову найистони лаби об.

Шабҳангом зебову хушрӯ тобад ин манзара: гоҳе ки машъалҳойи сари чароғпоя, тани сутунҳо, равоқу шаҳнишин ва

гӯшабомҳо фурӯзон гарданд. Ҳар он чӣ андар канори рӯдбор аст, андаруни Сайҳун низ намоёну фурӯзон бувад. Вале воруна. Ҳатто сутунҳойи дар об шикастайи кӯшк. Оташи зери дег ҳам метобад дар об. Ва ин чиз кӯчиёни биёбониро мароқангез бувад. Онҳо андаруни об хуршеду моҳу ситораҳо ва баъзан сурати чангу гардгирифтайи хешро дидаанд, аммо чунин манзарайи зеборо, ки ҳам дар ҳаво бошаду ҳам дар об бори аввал мебинанд. Ва фардо ин мушоҳидаҳоро ба ҳамнишинони нодида қисса хоҳанд кард.

Вале шоҳи мақдунӣ ноҷӯрӣ дорад ва дар чунин вазъу ҳол аз Аристандр ё Барзин чизе пурсида наметавонад, балки бодахорӣ карданист то сияҳмастӣ, ки ғуборҳойи дашти сӯхтаро барорад. Ва зери пардайи тира гоҳ-гоҳ Мароқанд ёдаш меояд, ки оташ гирифта бошад. Худ аз зуд меғуррад, ки касе дилу гурдае надорад, ки баъди оташ гирифтани рустойи Суғд овард кунад. Ҷайши мақдунӣ бо сарфавҷҳойи боэътимоду размида сафарбар шуд ба ёрийи даставу гурӯҳҳойи дар маркази Суғд буда. Ба назари ӯ, бойиси ташвиш набояд бошад.

## БАНДИ ПАНҶУМ

Лашкари сеҳазорайи Менодеми сипаҳсолор шаборӯз асб меронд, ки биёбони гармизоро убур карда, аз канори Танайис то маркази шӯридайи Суғд Мароқанди ободон расад, ки дар он ҷо Спитамони ватанхоҳ хурӯҷ кардааст. Муроди яли суғдӣ пайи меҳмонони нохондайи ҷоҳталаби мақдуниро аз ин покбум рӯфтан буд. Аз рӯзе ки Доройи Кудумон андар канори рӯдбори Граника пушт ба душман гардонда рӯ ба гурез овард, Спитамон андеша мекунад: «Чӣ бояд кард?» Ба пурси хеш посух ёфта наметавонад. Зеро сатрапҳойи вилоятҳойи Порс, сарлашкарон, сарфавҷҳо, солорони сипоҳу гурӯҳҳо дар сухан якканду дар амал ҷудо. Ҳамон тарзе ки мақдуниён таъна бар порсҳо зананд. Зайле ки раҳораҳ Спитамон диду донист ва гоҳе дар чунин нобакориҳо шарик низ буд. Ва ҳолиё андеша дорад, ки иттифоқчиёнаш масагетҳо, скифҳову сакойиҳо ва дигар тойифаву қабилаҳойи кӯчӣ, бохтариҳо, эрониҳо дар лаҳзаҳойи танг аз ӯ рӯй хоҳанд тофт. Медонад одати эшонро. Аз ин рӯ Спитамони Суғдӣ танҳо ба донишу маҳорати ҷангиву бозуйи мардуми хеш бовар дорад. Бисёр дидаву бовар карда, то ба ин ҷо расид. Ва медонад, ки аллакай хабари ошуфтани ӯро ба Искандар расониданд ва аз ӯ дастур гирифтанд. Ба роҳ афтодани сипоҳи сеҳазорaро низ донад.

Аз ин рӯ роҳу равиши ҷангийи хешро дигар кард: ӯ омӯхта буд усули набарди мақдуниёнро. Онҳо душмани гурезонро то охир дунбола мегирифтанд, то замоне ё ҷое ки дар тангное ё убургоҳе гулӯгираш кунанд. Бино бар чунин ҷанг Искандар чун сипоҳи мағлуб рӯ ба фирор оварда андар биёбони моваройи Мароқанду

Сайҳун. Сипоҳи тозафиристодайи Искандар ба фавҷҳойи андар Мароқанд гузоштааш нарасида, чун фавҷи шикастхӯрда гурехт. Ӯ рӯ ба скифҳо фирор кард ва якбора дар биёбони кушод ғайб зад.

Дар чунин гирӯдор сипоҳи дунболагири мақдунӣ дучор омад бо скифҳо. Онҳо то дарёфтанд, ки бо скифҳойи паймонбаста меҷанганд, кор аз кор гузашта буд. Спитамон аз фурсат истифода карда, бо скифҳо ёр шуд ва овехтанд андар биёбони кушод. Скифиҳо шашсад нафар саворони чобуксавор буданд. Ончунон овезу ситез шуд, ки дашт дуд кард. Сипоҳи нопуррайи мақдунӣ аввалин бор бо фавҷи тавонойи шарқӣ дучор омад ва тавону нерӯйи душманро дида, пас нишаст. Гӯйӣ асбони ҷангийи мақдунӣ имкони рӯ ба гурез овардан наёфта пас-пас мерафтанд ва ҳамон зайл ба думғоза менишастанд. Гумон меравад, ки скифҳо аз паймоне ки бародари шоҳи скифӣ Картасис бо Искандар бастааст, огоҳӣ надоранд. Спитамон низ аз чунин паймон воқиф нест. Вагарна аввал бо онҳо овард мекард ё бо онон намеомехт.

Сипоҳи тозарасидайи мақдунӣ на ба Кирополь расид ва на ба Мароқанд. Балки дар нимароҳ биомехт бо фавҷҳойи кӯҳнайи дар Мароқанд чун дастаҳойи пирӯз монда. Вале ба зӯру зарб ва диловарийи сипоҳи суғдӣ ва чобуксавориони скифӣ тоб наоварда пас нишаст ва аз ҳамворию биёбон ба доманайи кӯҳҳо дакка хӯрд. Чунки онҳо шаройит ва мавқеи сарзаминро намедонистанд ва гӯйӣ дар тирашабон аз таваккул роҳ мепаймуданд. Тахтапушт ба қаторкӯҳҳойи рӯди Нимич ва рӯй ба лашкари суғд, тақрибан панҷ фарсах дуртар аз шаҳри Мароқанд меҷангиданд. Чунон ки лашкари Спитамон ногаҳон дар биёбон ғайб зада буд, сипоҳи паснишини мақдунӣ низ андар канори рӯдбор ғайб зад. Ва чун харгӯшони тарсу якбора даруни бешайи сабз фурӯ рафт.

Спитамони сурхпӯсти бузургчашм, ки рагчаҳойи сурхи хунгард дар сапедиаш дида мешуд, як даста оташро мемонд. Мӯяш фатила ва пӯсти рӯяш таранг, биниаш теғдори рост, пешонӣ фарох, абрӯвонаш низ рост, дандони раддайи симзада дорад аз миёни ришу мӯйлаб дандони мор барин метобад. Барбастайи расоқомати китфу бозудор, сарсина бурунҷаста. Чашмонаш тез, нафасаш тез ва хунаш тез. Зуд дармегирад; чун равғанаш зиёд аст, ба зудӣ хомӯш намегардад. На Доро монад ӯро ва на Бесус. Макраш кам, вагарна Искандарро мемонд. Ба ҳайат бузургтар аз Искандар... Ҳолиё дар баландийи Саразм болотар аз дижу кӯшк нишаста дарёободи сердарахту бо буттаҳойи ангату сияҳбеду зарбеду гули газ пӯшидаро аз назар мегузаронад ва пиндорад, ки бехи ҳар бутта куштае хобида ва нимҷонҳо аз чавгони бедҳо мадад ҷуста даст меёзанд, то дошта аз ҷой боло шаванд, аммо мадорашон намерасад. Ҷанги хунин буд ҷанги имрӯза. Ҳоло ҳам нафаси Спитамони диловар тез аст, набзаш тезтар мезанад, дилаш зудтар метапад ва шукри

Яздон мекунад, ки мададёр ва ёрманд бувад. Агар ранги нишасташ ҷангро идома надода, омада бар ин теппача менишаст, мақдуниёни ҳаллагар ва ботаҷриба роҳу равиш пайдо карда, сипоҳи суғдиро дар буни буттаҳо якмарг мекарданд ва онгоҳ рӯдбор аз хуни суғдиён ранг дигар мекард, вале дар ин пархош хуни мақдуниён оби мусаффоро сурх гардонд. Чун савора ба дунболи гурезаҳойи мақдунӣ даруни беша рафтан имкон надошт, Спитамон фармуд пиёдагон дунбола гиранд ва саворон пешгардон бо роҳи Саразм рафта чун найҳойи беша сарбозонро сар зананд.

Саворсолори мақдунӣ Қорун худсарона фавҷи савори мақдуниро ба соҳили дигари Нимич гузаронидани шуд, даставу гурӯҳҳойи дигар раҳгум буданд. Ҳар кас ба сари худ амал мекард, рӯзи сипоҳи Порс ба сари сипоҳи мақдунӣ омада буд.

Пиёдагардони якунимҳазорайи мақдунӣ бо шасти аз беша баромадан худро ба рӯд заданд, то онро убур карда дар ҳимояйи саворони Қорун бирасанд. Саворони суғдӣ чун бесомонийи эшон диданд, фурсат ғанимат дониста, тохтанд ба сари онҳо. Тир мезаданду найзаву синон шиноваронро ва онҳоеро, ки ба карона расида буданд, бозмекашиданд ба об ва сар даруни об дошта, нафасгардон мекуштанд. Ҳар олоту аслиҳайи ҷангӣ, ки буд, ба кор даромад, ба ҷуз табира ва карраной. Хун омехт обро ва дуд баровард рӯд.

Поёнтар аз дижи Саразм ҷазирайи хурдест сабзпӯш: оби соҳили рост хингу регдор ва ҷӯйбори чап тоза меояд; зеро ин об аз Фушун ҷудо шуда зери рег меравад ва полида гашта, бо наҳри миёни беша суст ҷорӣ шуда, поёнтар мазраъҳоро шодоб мегардонад ва пасобаш боз ба рӯди бузург мерезад. Ҳолиё сипоҳи саворау пиёдайи мақдунӣ андар ин ҷазирайи сохта ҷойгиранд ва аз гуруснагӣ заргӯшҳоро дунбола мегиранд. Аммо рӯҳи сайёдӣ надоранд ва баъзе аз бемадорӣ даст сӯйи гӯшдарози зери бутта ҷой гирифта наёзанд. Дастайи Менодем, фавҷи Андромен ва тарҷумон Фарнух аз зарурат ин ҷо маъво гирифтаанд, вале ёройи набард кардан ё аз ҳалқа баромадан надоранд.

Скифҳойи савора тохт оранд онspecific онро ва баробари ба ҳаво паридани товусҳо тир бар онҳо зананд.

Спитамони тезҳуш фурсат мувофиқ донист ва ҳалқаро танг кард. Дили ҷанговарони мақдунӣ тангтар шуд. Аз чунин азоби дерёз ҷон ба лаб доштанд ва лаҳзайи пошхӯрдан расида буд. Аммо умед доштанд, ки ҳолиё Искандар даррасад ва онҳоро аз банди обӣ раҳонад. Сарфавҷҳо, сипаҳбадон ва ялони мақдунӣ машварат оростанд: сӯҳбат кӯтоҳ карданд, ки аз чунин бандҳо зиёд растаанд ва боз як зӯри Искандарӣ зананд. Ва якбора ҳалқайи тангомадаро гусастанӣ шуда, дамиданд. Пархош карданд тан ба тану даста-даста ва мемонд ин овард ҷангҳойи қабилавию авлодиро. Шамшерзанони суғдӣ далериву диловарӣ доштанд; камонварони

скифӣ тир мезаданд. Канори об, буни дарахт ва зери ҳар бутта мурдае буд ва қисми зиёди мурдаҳо даруни об буданд. Рӯдбор сар ҷудо мебурд ва тан ҷудо. Зиёд куштанду бисёр асир гирифтанд. Ҳайратзада буданд бандиёни мақдунӣ, ки чӣ рух дод бо онон, ки ба чунин ҳол афтоданд. Зиёда аз ду ҳазор сипоҳи мақдунӣ нобуд шуд.

Хабари талафоти бемислу монанди мақдуниён андар рӯдхонаю бешайи Политимет[1] Искандари Мақдуниро ғамӣ гардонд. Айши шоҳ мунағғас шуд ва дер гоҳ сар ба каф ниҳода ба андеша рафт, ки асбоби бебарорийи сипоҳи мақдунӣ дар чӣ бошад. Вале дарёфт накард. Худ ба худ ба хулосае омад, ки норизо будани сарбозони мақдунӣ ва дигар иштирок накардани шоҳ дар набард. Ва боз андеша дорад, ки Спитамон қасди ҳамаро биситонад аз онҳо. Сарони лашкар, устодон, пирони корро бозхонд ба девони Искандарийи Ақсо ва машварат орост. Дарёфту ба касе нагуфт, ки Пармониёни сипаҳсолор нарасад сипоҳи ӯро, раёсати ӯро, машварати ӯро. Беқарорӣ дошт ва зуд-зуд аз пайки оварда хабар пурсон мешуд, ки Спитамон чӣ мардест.

Пеши назараш суғди зардинапӯсти сурхмӯйи ажриқичашм меомад ва шоҳи ҷаҳонгир дандон гиз мекард, ки нарасад лашкари ӯро чунинон. Олуғда буду мехурӯшиду ситез дошт, ки пӯсти ин рӯйинтани таҳҷойиро зинда ба зинда канад. На Порс дошт чунин шерро, на Бохтар ва на Ориё...

«Ба сӯйи Политимет!!!»

Ҳар чизе дар дил дошт, бо ин садо бурун овард. Сипоҳи савору пиёдайи ӯ дарёфтанд, ки шоҳ ташна шуда ба хуни сатрапи Суғд. На шаҳраки Искандарӣ, на кӯшку кошона ва ҳараму ҷоҳу ҷалол ба назараш натофтанд. Ӯ нимпӯшидаву ним нопӯшида якпой дар рикобу пойи дигар кашол ҷилави Бусефали пир гардонд сӯйи Суғд. Чаҳорнаъл гиронд асбонро. Сипоҳи пиёда супурд Кратерро. Он қадар тунду тез мерафт горди ӯ ва фавҷи савора, ки гарди тира боло шуда аз замин рӯйи хуршедро мепӯшид. Он чунон таку тоз дошт, ки ҳеҷ лашкар надошта. Ба назар менамуд ва аз дили баъзеҳо мегузашт, ки асбон то Политимет нарасида пешпо хӯрда, аз ташнагиву бемадорӣ мемиранд. Вале лашкаркаши бузург ба чӣ умед дошт, ки болдор мерафт. Агар дар ҳама лашкаркашиҳояш осуда, ором ва бо таҳаммул буд, ҳолиё ошуфта, парешон ва тунду тез метофт. Ва хаёлаш пештар мерафт ба овардгоҳ ва тасаввур мекард, ки разми рӯёрӯ мешавад ва Бусефали ӯ ҳама асбонро зери сум меорад.

Ба чанд рангу навъ хаёлан пархош дорад ӯ ва дар ҳама намудҳо пирӯз меояд. Сонӣ усули куштани Спитамонро пеши назар меорад:

---

1. Политимет – Зарафшон.

бо шамшер мепарронад сарашро; жӯпин мезанад синаашро, ханҷар мехалад ҷигарашро; сари найза бардорад танашро... ва боз зиёд. Чун ҳаяҷони зиёд аракшораш мекард, боди таки асб ҳам онро хушк карда наметавонист. Ва ҳар бор, ки бо пушти даст аракро виреҷ мекард, лаҳзае Спитамон ва ҷанги ӯ аз пеши назараш мерафт. Боз мехурӯшид чу шери жаён ва медамид сари зин, ба назари худ кӯҳ мегашт, ки кӯҳи дигарро зада чаппа мегардонда бошад.

Биёбони канори Танайис ва регзорҳо паси сар шуданд ва Искандар субҳи чаҳорум ба Киропол расид. Ба назари ӯ ин роҳ он қадар тӯлонӣ намуд, ки аз Пелла то Яксарт чунин дарозу пуразоб набуд. Бо ҳамон ҷаҳл, ғазаб ва шӯру шаре, ки шоҳи мақдунӣ роҳ паймуду ба Мароқанд ворид гашт, Спитамони Суғдиро меҷуст. Аммо ӯро дар ин мулки обод пайдо накарда чу шери жаён ғуррид ва чун шағоли сайд аз даст дода дандон сойид. Бо ҳамон оташи фурӯзони тану даст рӯ ба рӯдбори Политимет оварду ва тару хушк бисӯхт. Мардуми қадоба ба кӯҳпора рӯ оварданд ва паноҳ бурданд андар ғору камар. Овозайи омадани Искандар водиро ба ларза овард. Рабуду хароб карду сӯхту қатл кард. Бетафовут бикушт хурду бузург. Тира гашт фазо аз дуди сӯхтор ва оҳи заифон. Хуршед рӯй пинҳон кард аз чунин кирдор.

Ва аммо дар ҷое пайдо накард Спитамони Суғдиро. Скифҳойи паймоншиканро. Пасон оварданд, ки Спитамон фирор карда болорӯ. Дунболагир шуд Искандар ва сари роҳ ҳар чӣ пайдо шуд, бисӯхту хароб кард, ҳар кӣ пеш омад, бикушт. Чу болотар бирафт, назди дижи хокиранги Саразм сӣ тан ҷавонони баҳушу сарбаландро бидид, ки дастобадаст силсилабанд гашта, пеши роҳи сипоҳи Искандарро мегирифтанд. Искандар, ки аз муроди эшон воқиф набуд, фармуд иҳота кунанд ва даст гиранд. Вале дасти ҷавонони беҷангу ситез таслимгашта чунон ба ҳам печида буданд, ки баъзеро бо шамшер ҷудо карданд. Баъд гоҳи саф оростан Искандар аз эшон пурсид, ки чӣ иддао доранд? Ба сурӯдан оғозиданд:

«Сар медиҳему ба душман тан намедиҳем!

Ҷон медиҳему ватан ба душман намедиҳем!»

Искандар донист, ки мурод чист, давоми сурӯди сӣ танро гӯш накард. Фармуд:

«Ба дор кашед!»

Ва ҷустанд пояйи дор, пайдо накарданд.

Пирмарди аз ҷон гузар карда, ки набераащ миёни эшон буд, пеш омад ва гуфт:

«Дар ин мулк расм нест, ки касро ба дор кашанд.»

«Агар нест, расм хоҳад шуд!» – сахт гуфт Искандар ва бори дигар амр кард, то пояҳойи дор пайдо кунанд.

Сӯйи қаср рафтанд, ба беша хамиданд. Сӣ пояйи дор сохтанд дар тали баланди канори Политимет. Дуртар аз дижи Хинг тал дар ҷое воқеъ гашта буд, ки чаҳор ҷиҳат метофт: Мароқанд, қа-

торкӯҳи Фушун, силсилакӯҳҳои Ҳисор ва кӯҳҳои зина-зинайи Офтобнамо. Чун имрӯз тира буд ва рӯйи рӯдбор меғгирифта, ҷуз ғубор чизе ба чашм намерасид.

Сӣ ҳалқа кашол буд ва аз боди рӯди Фушун алвонҷ мерафт чун ятимони беқарор. Ва сӣ қотил назди пояҳо истода мунтазир буданд фурсати ҳалқа ба гардани ҷавонсуғдиёни бедор андохтанро.

Сӣ тан на орзуйи ситез доштанд, на пойи гурез. На сахт мегуфтанд, на сақат. Хомӯш, вале сарбаланд ва сарсинаҳо дамида ба ранги пирӯз.

Чун фармуданд, ки сӣ тан зери дор раванд, боз даст ба даст шуданд онҳо; ҳатто панҷаҳойи шамшербуридайи хуншор печиданд бо панҷаву бозувон ва сурӯданд шеъри озодӣ:

«Сар медиҳему ба душман тан намедиҳем!

Ҷон медиҳему ватан ба душман намедиҳем!»

Искандар биандешид ба хеш, ки агар ҷасуру родмарду диловаранд, чаро набард накарданд; ба пешвози марг бо сурӯди миллийи озодихоҳӣ баромаданд? Хеле сар шикаст Искандар, то замоне ки онҳо сурӯдхонон як ҷону як тан зери дор шуданд ва паҳлӯйи ҳалқайи муҳаррик қарор гирифтанд: «Ё баройи гурезонидани сарварашон Спитамон буд?» Чашми шоҳи мақдунӣ ба онон афтид, ки сарашон абр месояд.

Хуршед ҳанӯз ҳам рух наменамуд. Вале якбора намуд, ки дар сақфи осмон метозад. Вале ҳарчанд он сӣ тан сӯйи боло нигариста муайян кардани шуданд, ки хуршед чӣ гуна давад, яқин карда натавонистанд, балки дарёфтанд, ки бод вазида меғро сӯйи машриқ мебарад ва ин хокистар рӯйи ойинаро тоза мекунад. Рух намуд хуршед ва чашми он сӣ танро рабуд. Зеро он сӣ ватанхоҳи суғдӣ заминро паст дониста, сарбаланд бар он ташти зарини гунбади минуйӣ менигаристанд, то сарбаландона беҷурму гуноҳ сар супуранд. Аҳура Маздойи бузург донад, ки маликурруми оламсӯз ононро ҷабран нобуд мекунад.

Қотилони мақдунӣ дудаста ҳалқаҳоро кушод медоштанд, то ба гардани озодмардони суғдӣ биандозанд ва падаҳойи нимпӯсидайи аз ҳар ҷо овардаашонро пой зада, аз зери пойи онон дур андозанд ва ҷасади ҷавонони суғднаҷод муаллақ монад андар сари дор. Вале Искандар дид, ки ҷавонон болобаландаид ва пояйи дор пастӣ мекунад, кор бо задани зеркундаҳо сомон наёбад, балки пойи онон ба замин расад. Масхарабозие шавад.

Сӣ тан беист гоҳе чашм пӯшидаву гоҳе кушода рӯй ба хуршед сурӯди миллӣ мехонданд. Гоҳ ғаши Искандарро меовард ва гоҳ ба ҳарфи тарҷумон бодиққат гӯш дода мефаҳмид, ки радон чӣ хуб мегӯянд, то чӣ андоза ватану халқу ин кӯҳсору обу гилро дӯст медоранд «покбум», «биҳишт» ном баранд онҳо. Чизе танг омад гулӯяшро. Даст бар гулӯ бурд ва сойид. Донайи буғзӣ на фурӯ мерафт ва на бурун меомад. Ғайри ихтиёр буд чунин рафтори ӯ.

Чашмдор буд, ки ҳолиё пада аз зери пояшон меравад ва ҳалқа бар гарданашон танг меояд ва гулӯйи озодагон низ чунин донадор мегардад ва баъд...

Пой заданд ҷаллодон падаҳоро. Вале на ҳама аз зери вазни гарони онҳо бурун рафт. Зеро пойу вазни онон пахш мекард падаҳойи нимпӯсидаро. Оне ки рафт, пойи суғдӣ ба замин расид, оне ки нарафт, ҷавонсуғдиро баланд медошт.

Ва ҳолиё низ сурӯди миллийи озодагон аз як забон садо медод.

— Озодӣ бахшидам эшонро!!!

Садо дардод Искандар родмардийи ононро дарёфта. Ва боз чизе буд, ки бори нахуст амри ӯ аз ғайб иҷро нашуд: ҳалқаҳо надавиданд ба гардан.

Қотилони ҳайрону ба ларза омада дасту по хӯрда, ҳалқаҳо аз сари маҳкумони марг бозпас мекашиданд, ки чӣ шуда бо шоҳ.

Сӣ тан ҳанӯз сурӯданро идома медоданд, то Искандар бифаҳмад, ки муроди онон озодийи сӣ тан набуда, намойишашон зидди ҷангу хунрезист ва забткорист ва тохт ба сари дигар халқон овардан бувад. Искандари таълими Арасту гирифта аз рӯйи тарҷумайи порсҳойи забондон ҳама рамзу маъниҳойи сурӯдро фаҳмида буд. Озодӣ бахшиданашро шарҳу эзоҳ надода, дигарбора ба озодон пурсу посух накарда, ба дижи хинги назарногир нигоҳе накарда, дунболагир шуд Спитамони Суғдиро, ки ба назари шоҳи мақдунӣ яғмогар тобад. Яғмогар, роҳзан ном мебурд ӯро. Вале чун ангорайи Спитамон пеши назараш меомад, танашро мурғак медамид ва хештанро меафшонд чун фарди сармохӯрда.

Бар бадали ду ҳазор сарбози мақдунӣ, ки суғдиён кушта буданд, Искандар як саду бист ҳазор сарбози сипоҳи Спитамонро аз дами шамшер гузаронду нӯки тиру неши теғу жупин овард. Лек қаноат накард ба чунин қасосгирӣ. Зеро коре, ки Спитамон кард, мислашро шоҳи мақдунӣ надида. Ва боз соли пур мешавад, ки ӯро сарсону саргардон медорад ва дар ҷанги рӯ ба рӯ намеояд. Сарлашкари бузург хаставу монда шуд аз тохту тоз ва дунболагирийи зиёд ва донист, ки аз кӯчиёни биёбон ва рӯ пинҳон карданҳойи Спитамон чизе ба даст наояд; саргардониҳойи беҳуда ва талафоти зиёд.

Искандари сонӣ Спитамони нотандеҳро дар ҳама майдонҳову биёбонҳо ва рустову шаҳрҳо меҷуст, вале пайдо намекард. Ҷӯё расид то канори Танайис ва донист, ки боз бо скифҳо пайвастааст ва андар моваройи Яксарт нерӯ ғун меорад. Тасмим гирифт, ки ӯ найранг мекунад ва мақдуниёнро аз рӯдбор гузаронида, бо иттифоқчиёнаш дод ситониданист.

Чун даймоҳ фаро расида даштҳойи массагетиро боди тунд хокрӯб мекард, Искандар нахост боз азоби сармо бикашад. Баргашт. Лашкари сеҳазорайи хешро дар марзи Суғд гузошт ва си-

паҳбад Певколайро сарвару раҳбар гузошта, ба Бохтар баргашт, то зимистонро дар он мавзеи муросокор гузаронад.

Дар он ҷо низ оромӣ надошт, ки суғдҳову скифҳо амон нахоҳанд дод. «Бадгуҳаранд скифҳо, паймон шикананд...»

Ҳанӯз бо бохтариҳо нақшаҳойи набарди зидди суғдиёнро паймон набаста, асбони бохтариро ба овардҳойи тоза муҳайё насохта ва ҳолиё шоҳ нафас рост накарда ва аз базму рақсҳойи гетерҳойи нозанин сер нашуда; умуман реҷайи корҳойи бузургро накашида, фиристодаҳо, тарсуҳо ва корафтодаҳо омаданд аз ҳар мулку кишвар. Ҳокими Хоразм Фарозмон бо як ҳазору понсад савори хеш фармуд, то Искандар бипазирад. Чун Искандар аз чунин ҳоким ва мулки ӯ иттилое надошт, аввал омӯхт, пасон пазируфт.

— Равшан бод Маликуррумро, ки ҳокими Хоразм ба хидматашон расида.

— Хидмат?

— Дар ин дунё аз мӯр то аждар ҳама душман доранд, вале душмани тавонову нерӯмандро эътироф мекунанд. Шоҳи ягонайи гетӣ Искандари Мақдунист, ки душманонаш ҳама мӯру малаханд. Нерӯву лашкари ӯ ношикастанист. Аз ин рӯ мо хоразмиҳо ба хидмати шоҳ расидем, то дар иттифоқ бошем ва ягона. Мо низ душман дорем: колхҳо ва амазонҳо. Бо сарварийи шумо бояд бар зидди онон биҷангем.

— Ҳммм... – мадд кашид Искандар: — Ин амалиётро мо бояд мавқуф гузорем. Ҳоло ҷойҳойи забт нашуда зиёданд; баъди забти Синд дигар мулкҳоро низ бояд зери тасарруф овард: ба мисли Геллеспонт, Пропонтида ва Понти Эвксин. Вале бадтар аз ҳама Спитамони Суғдӣ ва скифҳо...

— Спитамони Суғдиро ба иттифоқчиёни ӯ супоред, шоҳ. Скифҳойи саҳройӣ худ аз худ таслим хоҳанд шуд. Ба шунидам, пешвояшон Сатрак аз олам гузашта, бародари ӯ Картасис хони скифҳо шудааст.

— Шунидам... Вале онҳо кӯчиёни ноустуворанд...

Искандар метавонист қиссайи ба даст афтодани бародарони скифиро ба меҳмони хоразмӣ якояк бигӯяд, аммо худдорӣ кард. Фақат пурсид, ки асбони хоразмӣ ҷангро ба кор оянд? «На, инҳо савориaнд. Асбони ҷангӣ дар Хоразманд.» Искандар донист, ки бо кӣ иттифоқ мебандад. Тӯҳфаю хостайи эшон напазируфт ва гуфт:

— Ҷангҳо тамом шаванд, то шумо хоҳам расид...

Ва хоразмиҳоро гусел накарда, фиристодаҳойи скифӣ расиданд. Искандар эшонро баъдтар пазируфт.

— Пайғоми дӯстӣ овардем, – фармуд сарфиристода ва инъому хостайи шоҳи скифиро пеш овард. – Хоса аз Картасис... Пешвойи мо аҳди дӯстӣ ва бародарӣ дорад.

— Дар ин боб паймон кардаем.

— Пешвойи мо фармуд, то пайванди хунӣ дошта бошем... Занону духтарони скифӣ бояд аз Искандар ва модиёнҳойи мо аз айғири Искандар насл гиранд.

— Напазирам. Агар муроди Искандар зану духтари шумо буд, то ин ҷо намерасид. Гетерҳойи юнонӣ хубтарин занони дунё, хубони порсӣ назире надоранд дар олам. Ба Картасис расонед, то паймони аввалро ба ҷо орад...

Сарраммол Аристандр фориғи кор ба ҳузури Искандар омада раҳорах андеша мекард, ки боз чӣ рух дода бошад. Ба назари ӯ ҳама рафтору кирдорҳо дурустанд; чунон ки ӯ гӯяд, рӯй диҳад. Аз ин рӯ эҳтироми коҳин зиёд аст назди шоҳ. Аммо Барзин баъзан донотарошӣ карда халал мерасонад, шоҳ тез мешавад ҷониби ӯ ва чун баъди таъхиру гирифтҳо гуфти Аристандр рост мебарояд, боз ӯро ситойиш мекунад. Вале ба хотири рост наомадани тахмину натиҷа Барзини доноро сарзаниш намекунад. Аристандр ҳамин чизро мехоҳад; мехоҳад шоҳ ӯро сарзаниш кунад ва ширкаташро дар чунин корҳо манъ гардонад. Зеро на ҳама фолу пешгӯийиҳо дуруст бароянд. Барзин пешакӣ росту дурӯғ будани гуфтаҳойи ононро донад, зеро нафорад эшонро. То алвақт ҳама пешбиниву пешгӯийиҳойи ӯ яқин мегардид. Гоҳи андар дарёободи Политимет шикаст хӯрдани сипоҳи мақдунӣ Искандар ба сарраммол хашм гирифт, ки дурӯғ гуфт. Вале чун бо сарварийи худи шоҳ мақдуниён бар суғдиён пирӯз омаданд, боз имон овард Аристандрро. Ҳолиё намедонад, ки шоҳ чӣ фармояд.

— Пешомад чист, Аристандр?

Коҳини ғайбдон чашм пӯшид, чашм кушод бар косайи об, ки ойинайи Искандарӣ бошад, вале сӯйи шоҳ нанигарист, бал сар андохт. Шоҳ пай бурд пешомадро ва фармуд:

— Ҳар чӣ ҳаст, бозгӯй!

— Мамолики нав туро нигарон набувад, Искандар. Бояд пас гардӣ ба мулки суғдиён. Онҳо ҳокими дастнишондайи шоҳро хуш надоранд. Сар бардоштаанд дар Мароқанд ва тамоми музофоти Суғд ва ҳатто дар Бохтар.

— Аз чӣ рӯ?

— Чун скифҳо бо Искандар паймони дӯстӣ карданд, Спитамон хурӯшида, онҳоро дурӯя хонда, ситезидааст.

— Бар скифҳо?

— На. Бар мақдуниёни дар Суғд монда. Азоби сахт дар пеш аст, Искандар. Хушрӯзӣ аз паси он…

Лашкаркаши монанд ба падар зану фарзанди хеш бозгузошт андар Бохтар. Гетерҳойи нозанин, саворони чолок пазируфт. Ҳамроҳи сипоҳи кирояйи юнонӣ, мақдуниёни бовафо ва панҷ дастайи мусаллаҳ убур кард Оксро. Панҷ фавҷ ба сипаҳбадон Гефестион, Биталомус, Пердикка, Кен ва Ортабози падарзанаш, ки ҳама фарзандонаш хуни юнонӣ доштанд ва аз ҷабри Доро бо

писаронаш сӯйи Искандар гузашта буд, супурд ва пеш гирифт роҳи Мароқандро, ки аз фоли сарраммол Аристандр азоби алим дар пеш аст. Чун дар Бохтар низ шӯрида буданд, Искандар қисме аз сипоҳро дар ин марз бозгузошт, то оташи исён ҳама ҷоро фаро нагирад. Хавфи Искандар аз он буд, ки саросари Осиёйи Марказиро ин оташ аланга назанад.

Искандар мешитобид сӯйи Суғд. Чун роҳро дидаву омӯхта буд, миёнбур мекард роҳҳорову кӯҳҳоро. Ғазаб дошт ба Спитамони чун гурги ёлдор фиребо, ки ҳеҷ гоҳ дар ҷое қарор надорад; шӯрида буд, ки нагузошт айш кунад. Айшаш талх шуд ва он суғди сурхмӯйро ҳалоҳил хоҳад хӯронд. Чунон ки аз Яксарт сӯйи Мароқанд шитофта буд, ҳолиё бо ҳамон ғазаб ва тундӣ меравад. Ҳар гоҳ ба осмон менигарад, ки мурғони бадрӯ пайдостанд ё на. Намебинад онҳоро. Гумон дорад, ки дар Суғд гӯшти одам мехӯранд... Ва тозона мезанад, ки баландийи паси Кешро ба шитоб бароядд. Ҳамин ки кӯҳҳоро убур кард, ба қатли ом пардохт ва ҳар шаҳру рустойи пешомадайи Суғдро ба хок яксон сохт. То Мароқанд нарасида дарак аз хеш дод, ки бо ҳазор ҷабру ситам меояд. Гефестиони сипаҳбадро фармуд: шаҳрҳойи Суғдро, ки аз куштори зиёд бекас шуда буд, нуфус пайдо гардонад; одамдор кунад. Сипаҳбади ба боварийи шоҳ даромада ишорайи ӯро дарёфт ва шаҳрҳойи суғдӣ пур аз юнониву суғдӣ шуд. Мурод ин буд, ки шаҳрҳо низ мақдуниву юнонӣ гарданд ва халқони он дигар зидди сиёсату давлатдорийи Искандар сар бардошта натавонанд. Ягона роҳи худӣ гардонидани мулки Суғдро чунин донистанд. Ва мардуми шаҳру рустойи ҳанӯз мақдуниён ворид нагардида хонахез ба Кӯҳистон бор бастанд.

Спитамони родмард танҳойӣ мекашид. Иттифоқчиёни ба дасту фиреби Искандар афтода аз ӯ сарфи назар кардагӣ барин. Яли суғдӣ пай бурда буд, шунида буд ва оварда буданд, ки скифҳо бо паланги мақдунӣ забон як кардаанд. Ӯ худро хаставу абгор дарёфт, ки дар ҷангҳойи зидди сипоҳи Певколай хеле монда шудааст. Ҳарчӣ кардааст, баройи озодиву пойдорийи Суғд кардааст; баройи аз ситами мақдуниён раҳо додани Мароқанд. Чун ин кор ба ҷо омад, боз рӯ овард ба биёбониҳо. Вале ҷое рафт, ки скифҳо надонанд.

Искандар огоҳ шуд аз фирори Спитамон ва ду дастайи пурзӯрро ҷудо кард ва зери роҳбариву роҳнамойийи Кену Ортабоз бар асари шери суғдӣ фиристод. Ду фавҷи нерӯманди мақдунӣ биёбонгард шуданд аз пайи Спитамон, вале пайдо накарданд. Роҳнамойийи скифҳойи дурӯя низ мадад накард. Зеро Спитамони доно шаборӯз ҷой дигар мекард.

Спитамон чу донист, ки Искандар дар Мароқанд хайма зада, ба ҷойи мардуми ба ҳар мулку саҳро рӯ овардайи суғдиён одамони хеш – мақдуниҳову юнониёнро маскун кардааст ва баройи дастгир кардани ӯ ду фавҷи пурзӯри мақдунӣ ҷудо кардааст, усулу равиши

ҷанг ва ҷойи зисти худро сад дар сад дигар кард. Гарчӣ скифҳо бо Искандар аҳди дӯстӣ кардаанд ва ба ивази сари Спитамон гуноҳи скифҳоро бахшидааст, сатрапи Суғд бекас намонда. Ӯ низ миёни скифҳо дӯстон дошт ва ҳар чӣ мешуд, ӯро мерасониданд. Аз ин рӯ Спитамон шашсад савори бовафову чобук гирифт ва бо кӯҳҳойи баланди Суғд роҳ паймуд сӯйи Бохтар. Чун ба марзи Бохтар расид, шабохун зад ба дастайи марзбонон. Рабуд ҳама чизрову сарпосро чу асир. Пасон аз барори кор болида, рӯ ба Зариасп (Маркази Бохтар) овард. Вале ӯ нияти забт кардан ва ё хароб сохтани Зариаспро надошт. Ғанимат зиёд гирифт.

Дастайи ҳаштоднафарайи сарбозони кироя, ки баройи нигоҳубин ва парасторийи бемороні аз дастайи «Дӯстон» монда бо ду сардор таъйин гашта буданд, ба таъқиби онҳо афтоданд.

Онҳоро расонда ва дастгир карда, ғаниматҳо бозгирифта ва бисёриҳоро кушта бозгаштанд ба Бохтар, ки дар назди Искандар рӯсурх хоҳанд буд. Вале чун ба шаҳр расиданд, дар муҳосира афтоданд, ғанимат доданд ва нобуд шуданд.

Сипаҳсолор Кратер огоҳ гашт аз ин кирдор ва ба ҷанги Спитамон омад. Сипоҳи кироякйи мақдуниву юнониро ангехт ӯ, чун малахи гурусна рехтанд ба кишта.

Спитамон панҷайи ҷанг надошт, дар овардгоҳ наистода, фирор кард.

Кратер бар асари ӯ мерафт. Биёбони хушку сахт хӯрда гашт аз наълу суми асбон. Бар само мехест гарди замин. Тира мегашт ҳавову фазо чу шоми нобаҳангом.

Спитамон аз усулу тарзи оварди хеш намемонд: дуртар мерафт, то сипоҳи румӣ хаста гардонад, вале Кратер аз таҷрибайи корзор ва одати Спитамон хулоса бароварда, усули ҷанги Искандарӣ ба кор бурд: «Таъқиб бояд бо пирӯзӣ анҷом пазирад.» Чун Спитамон ба канори биёбон расид, боз ҳазор массагетийи биёбоннавард биомехт бо ӯ. Ва онҳо таваққуф карданд.

Дар ин муддат сипоҳи саворайи Кратер даррасид ва бе ягон огоҳийи ҷангӣ ду лашкар овехтанд ба ҳам: оташ рехт аз шамшерҳо, хун шорид ба қадди найзаҳо; бидариданд сипарҳо, бол бароварданд тирҳойи заҳрогин; ба сар рафтанд асбон, сайҳакашон чароғпоя шуданд сӯйи осмон ва саворон париданд аз тори зин.

Массагетиҳо тоб наоварданд ба оварди мақдуниён. Пеш гирифтанд роҳи гурез. Миёни овардгоҳи фарох фазо чунон метофт, ки ҳама хори мағелон ғун оварда, якҷоя бо саргини асбон дуд андохтаву оташ афрӯхта куштаҳо месӯхта бошанд. Бӯйи хун ва бӯйи гӯшти нимсӯз ва гӯшти хом ва ҷини одамӣ меомад ва бӯйи ғинҷ.

Кратер қаноат кард ба чунин набард. Дигар пай нагирифт Спитамонро. Балки ба соқа фармуд аз миёни пуштайи кушта бишиносанд мақдуниёну юнониҳоро. Ва тори зин қомат афрохта

ба сӯе, ки дастайи гурезони Спитамон мерафт, нигарист. Ва дид, ки дар пеш кӯҳи баланд қомат рост карда, убур кардани он машаққат бувад. Нафаси дароз баровард ва сари синаро дамонда ҳаво гирифт, ки аз Искандар таъна нахоҳад шунид, зеро ба хотири ӯ фавҷи Файлотуси диловари писари сипаҳсолор Пармониёнро ду қисмат карда буд.

## БАНДИ ШАШУМ

Спитамони далер тамоми сол чун архари кӯҳӣ ҷой иваз мекард. Кӯҳ ба кӯҳу шах ба шаху камар ба камару ғор ба ғор; зарурат пеш ояд, ба ҳамвориҳо ва шаҳрҳо ва рустоҳо мерафт, ба хотири аз покбум рондани бегонагон ва омадаҳо. Аммо нашудааст, ки ӯ дар тӯли оворагиҳо ва ҷой бадал карданҳо сокине ва ё дорову нодореро зиён оварда бошад; ғоратгарӣ аз дасти ӯ наомад, бавижа бо худиҳо. Ва дар ин миён ӯ зану фарзандашро ҳамроҳи касони боэътимод дар рустоҳойи дигар ё макони табор мегузошт, аммо дилаш об намехӯрд, ки як умр дар он ҷо бехавф монад. Зеро одамро хуб омӯхта буд дар ин миён ва ҳама вақт дар биму ҳарос ва хавфу хатар медонист зиндагийи хешрову таборро. Ба ғорҳо мебурд, дар камарҳо ҷой мекард. Ва фурсат пайдо карда, рамуз гирифта тохт меовард ба душман. Чунин тарзи ба сар бурдани умр занашро хуш наомад:

— Спитамон, агар пешаат ҷангу ҷидол буд, чаро маро ба занӣ гирифтӣ?

Спитамони рӯйболо хобида, ки ситораҳойи бешумори осмонро тамошо мекарду дар зеҳн ҳисоб ва мегуфт, ки аз Роҳи Каҳкашон он тарафаш лашкари Искандар ва ин тарафаш аз они ман, зеро дар ин ҷониб зара ҳаст. Ва агар дар миён Каҳкашон набошад, инҳо як мешаванд ва ба ҳам меовезанд, осмон шарорабор мегардад ва осмону замин месӯзад.

Ва зан низ чунин манзара ва осмони софро медид, аммо барояш аҳамият надошт, ӯро Спитамони орому ботаҳаммулу ҳозиру нозир лозим аст, на ҷанговари кӯҳ ба кӯҳ. Пиндошт шавҳар ҳарфи ӯро нашунид:

— А, Спитамон?

— Чӣ?

— Чаро маро гирифтӣ?

Спитамон чашм аз ситораҳо канд. Паҳлӯ гашт ва пурсид:

— Киро бояд мегирифтам?

— Касеро, ки чун худат ҷангу ҷидолро дӯст дорад.

— Магар ман ҷангу ҷидолро дӯст дорам?

— Магар на?

— На! Ман Ватан ҳимоя кунам. Донӣ, ки ба кишваре лашкар кашида бошам? Дидӣ, ки касеро бар беҳуда кушта бошам? Моли касеро ба яғмо бурда бошам? А, дидӣ?

— На...

— ... Дидӣ, ки шаҳреро хароб кардам, хонаеро оташ задам? Зану аёли касеро рабудам? Касеро навкару чокар кардам? А? Дидӣ?

— На...

— Пас аз куҷост ин ҳама? Кӣ омӯхту кӣ фармуд туро чунин ҳарфҳо?

— Гумони бад мабар, Спитамон, сер шудам аз ҷонам.

— Баҳ-баҳ...

— Бовар бикун... Ту ба ҷанг меравӣ, ман дар таҳлукаву ҳаросам. Писарат мепурсад туро, афсона мебофам, ки падарат бозургонӣ рафта, ба ту бозичаҳо меорад, қанд меорад. Ғаш мекунаду мегӯяд, ки асб биоварад.

— Оҳ!

— Туро чӣ азоб?

— Намехоҳам, ки ин покбум зери пойи шуму нопоки бегонагон гардад; зану фарзанди ман хор шавад. Магар нашунидӣ хориҳойи зану фарзанди Дороро? Агар ӯ дар хонайи хеш буд, сари зо нарафта буд.

— Тақдир, Спитамон.

— Тақдирро, ки донӣ, эрод нагир ба ман!

— Ман эрод нагирам, мардум гӯянд. «Агар инҳо Дороро намекуштанд... Агар ҳокими Бохтар Бесусро баста ба Искандар намедоданд...» ва ҳарфҳойи зиёд, ки дар ҳамааш Спитамон гунаҳгор бошад...

— Кӣ фармуда туро ин ҳама!?

— На касе! Спитамон! Туро дӯст дорам! Дилам сӯзад! Туро кушанд, ҳоли ман чӣ шавад?

— Ҳоли зани Доро шавад!

— Бод барад аз забонат...

— Туро кушанд, ман қасд ситонам. Лекин маро кушанд, ту чӣ кунӣ?

— Ту мурӣ, ман низ мирам, Спитамон...

Сӯҳбат тӯлонӣ шуд, андешайи Спитамон тӯлонитар. Хомӯшӣ. Ӯ пиндошт хоби зара бурда. Даст аз болойи сари ӯ гардонда мӯйи ғуллийи писарашро панҷа зад, ки бедор шавад, сухане дорад. Аммо ӯ аз кӯфти рӯзона шалпар гашта сахт хуфта буд. Паҳлӯ гашт падар ва ними вазнаш бар зара дергоҳ ба писар нигарист зери нури моҳ ва табассуми шакарини ӯро дид. Дарёфт, ки писар дилгир набуда, дар дил завқе дорад, ки гирди лабон ҳувайдо мегардад. Боз рӯй ба боло гашт ва моҳи пурраро тамошо кард, ки намеҷунбад. Чун бепарво монӣ, фурӯ рафтанашро дарёбӣ... Вале ҳолиё ин чиз муҳим набувад ӯро.

Рафтору гуфтори зара ташвишовар бувад. Суханон тоза, аммо самимият ва меҳрубонӣ дигаргуна. Гӯё касе ҳама чизро гуфта ва омӯхта. То ин лаҳза нагуфта буд ҳарфи «Дӯст доштанро». Балки ифода мекард: бо рафтору гуфтору хидмат ва амали хеш, бо навозиш, ламс, нигоҳ, нозу адо, ишваву карашма; ҳатто бо ғаму андӯҳ, ғусса ва ба танг омаданҳову гиряаш. Тамоман дигар. Чунон ки бо зараи хеш на, бо кадом зани ноошно сӯҳбат дошта бошад... Шаҳрҳойи хароб, кӯшкҳойи сӯхта, кошонаҳойи фурӯрафта, пулҳойи гусаста, куштаҳойи пушта, шамшерҳойи шикаста, сарони ғелон, асбони ба сар рафта, чеҳраҳойи ниқобпӯш, пирони шикастақомат, тифлони нолон, сайҳайи асбон, мурғони мурдахор ва бисёр-бисёр чизҳойи нобобу зишту мурдор пеши назараш барқвор гузаштанд, беқарораш карданд, ки имшаб чӣ шаб аст?

— Ҷоно! Туро кӣ гуфт, ки...

Зарра ҳарфе надошт. Ҳатто нафаскашиаш маълум набуд. Бедори хуфта буд. Низ андеша мекард, вале ба жарфи маъниҳо намерасид. Спитамон низ хомӯш монд, то чӣ ояд.

— Чаро чунин фикр кунӣ?

— Чӣ гуна? – сипоҳӣ кард Спитамон, ки чӣ ояд аз ӯ.

— Гумон дорӣ, касе омӯхта маро?

— Гумон надорам. Дилам гувоҳӣ диҳад. Гӯсфанде, ки ба девлох надарояд, рамида аз чизе. Ё аз асойи шубон ё аз теғи қассоб.

— Гумони бад накун...

— Гумони бад на, душмандорӣ. Донӣ, ки дар дунё аз душмандорӣ бадтар коре набувад. Туро осуда нагузорад. Хоби ором надорӣ, хӯрди ҳалол надорӣ... Ҳама умр сари сӯзан истӣ.

— Магар ба душмандорийи касе яки дигар айбдор аст?

— На. Ҳар кас баройи мурдайи хеш гиряд.

— Ва инсоне, ки одам кушад, чӣ кас бувад?

— Кас набувад, бадтар аз ҳайвон. Ту дидӣ, ки ҳайвонҳойи ҳамҷинс аз баройи нафс якдигарро кушанд? А! Дидӣ?

— Ман бояд инро пурсам...

— Нааа, надидайӣ! Онҳо шох зананд, лагад андозанд, газанд, вале накушанд...

— Ту магар пасттарӣ аз ҳайвон, ки одам кушӣ?

— Гуфтам: Ман одам накушам! Ҳифз кунам хокамро, Ватанамро, халқамро! Инро халқон донанд... Тахтапушти гурбаро сила кунӣ, думак занад; думашро пахш кунӣ, чанг андозад. Инсон низ мисли гурба. Искандар фақат дум пахш мекард, як бало буд. Ӯ сар мекӯбад чу шайтон морро, ки дигарон низ омӯзанд. Баройи Искандар одам мор бувад. Гумонаш: ҳолиё ва ё фардо газадаш. Баройи ҳамин саркӯб кунад ҳамаро.

Спитамон андеша дорад: сар ба рост ғал дода, кадом садойи дурро гӯш медиҳад, вале фарқ карда наметавонад, ки садойи чист. Шарфаи пой, шалфайи об, сарири ба ҳам сойидани шохо-

ни дарахтон, рез кардани реги кӯҳӣ ё сайҳайи дури асбон? Фарқ накунад. Лекин парешонӣ дорад. Бавижа баъди чунин сӯҳбати маҳрамона. Андеша дорад аз офариниши Оламу Одам, ки чаро Аҳура Маздойи нек ҳамаро хислати якранг надода. Балки ба ҳар кадом феълу хӯйи яке аз ҳайвонҳоро бахшида, аммо онон хислату хӯйи он ҳайвонро такрор мекунанду пай намебаранд. Баъзан аз канор наззора шавад, мушоҳид дарёбад чунин нозукиҳоро. Лекин қандатро бизан, агар ба он кас чунин атворро гуфта тавонӣ. Ту барра, ту гӯспанд... гӯйӣ, бурдӣ. Ту – саг, гӯйӣ, мурдӣ. Ҳол он ки наздиктарин ва бовафотарин ёри кас саг бувад...

Воқеан, Спитамон фикр мекунад, ки чаро офаридгор бадонро дар оташи поки хеш намесӯзад? Балки Искандари аҳримантухма некиҳоро, бегуноҳонро дар оташи ғазабаш бирён мекунад...

— зара!

Посухе надод зан, ки хуфта бошад. Шӯ бовар накард ба хуфтани ӯ, ки то ҳол баҳс дошт. Вале дигар номи ӯро нагирифт ба забон. Балки андешид аз рафтору гуфторҳойи ӯ. «Бебало набувад...» Сахт парешон буд. Хоб гурехта аз сараш. Нерӯе ҳаст, ки бардораш медиҳад ва дар андарунаш касе ҳаст, ки ба оташ шабоҳат дорад. Бархост, ки душманон дониста манзили ӯро. Пиндорад, ки шоми вопасин аст.

— Фирор бояд кард, зара!!!

— Омаданд магар?

Спитамон бозистод, сар тофт ба пас ва пурсид:

— Кӣ бояд биёяд?

— Душманҳо!

— Кистанд душманҳо?

— Магар надонӣ душмани хешро?

— Искандар?

— На! Искандар душмани ту набувад! Ӯ туро инак дониста. Душманат иттифоқчиёнат.

— Чун донӣ?

— Фармуданд маро, то сарат биёрам бароящон...

Ва Искандар хомӯш монд. Сӯҳбати занаш бори дигар дар гӯшаш садо дод. Ба муҳаббат ва боварие, ин занро дошт, нафрин хонд. Хун ҷӯшид дар вуҷудаш ва ханҷар кашид аз миён, ки дигар чизе напурсад аз чунин зан, ки расми суғдиёнро поймол карда бо мардони бегона, бавижа бо душманон ҳамсухан шудааст ва сирру савдойи шавҳарашро фурӯхтааст. Вале...

— Ва ба ивазаш чӣ ваъда доданд?

— Ҳама чиз... – дер андешидани Спитамонро дониста қасдан чунин посух дод.

— Ту чӣ гуфтӣ?

—...

Спитамон олуғда шуд: ҳам аз тарзи гуфтор, ҳам аз ноҳурматийи зан, ҳам аз хобида сӯҳбат кардани ӯ:

— Картасис фармуд?

— Кист ӯ?

— Сипаҳсолори Искандар.

— Нашиносам.

— Кен?

— Кист ӯ?

— Сипаҳбади Искандар...

— На, нашиносам... Ӯ ба рӯй чарм кашида буд, танҳо ду чашмаш метофт.

— Чӣ гуфт?

— Он чӣ гуфтам.

— Пас чаро сари маро нагирӣ?

— Агар куштанӣ будам, нагуфтаме... Ту бохирадӣ, Спитамон. Ҳарфи зиёд лозим набувад.

Спитамон сар андохт. Сарфаҳм нарафт чизеро. «Бозист ё яқин аст? Ва ё дилгир ва олуғда гашта зан аз ману аз дунё? Магар сер шуда аз ҷон?» Ангехт хуни ӯ. Бардораш кард. Ҷӯшид мағзи сараш. Шамшер кашид аз наём, то ду ним созад занро. Ва боз хирад боло гирифт, ки шояд Аҳриман бардораш кунад.

— Чанд будааст баҳойи сари ман?

— Надонистам.

— Магар нагуфтанд, ки ба ивази фулон толон сари шавҳаратро биёр?

— На. Толонаш чӣ?

— Ин як миқдор зарест, ки Искандар баройи он аз Мақдуниё ба ин ҷо омадааст.

— На, Спитамон, чизе нагуфтанд. Онҳо нарху қимати сари туро надонанд, инро танҳо ман донам.

— Хуб, чанд?

— Он қадар, ки замин вазну қимат дорад...

Суст шуд дасти Спитамон. Шамшер хам хӯрд. Вале ял бовар накард. Зеро зара он зани суғдӣ, ки ӯ шиносад, набуд. Зани бегонайи фармуда, ки каҷдору марез кунад бо шӯ. Неши шамшер ба замин зад, саҳл монда буд пояшро шикофад. Гӯё дар ин миён ҳарфе нашуда, фармуд:

— Ман бояд биравам.

— Моро низ бубар, вагарна мекушанд...

Спитамон боз дами дари боғхонайи бобоийи Кӯҳак пойи рафт боздошт:

— Паймон чӣ шавад?

— Кадом паймон?

— Паймон, ки сари маро ба онҳо бидиҳӣ?

— Агар ту дар чунин ҳолат афтода будӣ, чӣ мекардӣ?

— Чунон ки ту. Лекин бигӯй, ки онҳо чӣ гуна донанд, ки ту сари маро буридаӣ ва бояд оянд?

— Аз рӯйи аҳд: бояд ман дар шохи тут шамъ фурӯзон кунам.

— Фурӯзон бикун...

— Чӣ гуна?

— Фурӯзон бикун, ӯро пешвоз бигир ва дарор ба боғхона, то сари маро бар ташт дида, шод гардад.

— Нааа!!!

— Ту матарс, ҳамчунон ки гуфтам, бикун, ман паси дар хоҳам буд.

Зарра ҳайрон ва карахт монд. Танаш ба ларза даромад. Китфонаш лоғар гашта, ғунча шуда, бемадор ба танайи гилдевори дағал лағзид, ки тахтапушташро ғозид.

— Чӣ шуд бо ту? Ман дуруст мегӯям. Ту бояд ин корро бикунӣ ва ман ӯро дошта, бинам, ки кист.

Зарра суханони шӯро баркаш мекард, ки ба чӣ маънӣ гӯяд. Баъд танаш ба ларза даромад:

— Маро бикуш, Спитамон. Ман набояд чунин мекардам, бояд худро мекуштам, вале ба гуфти онҳо розӣ намешудам. Аммо ман туро нигарон шудам, то ту биёйӣ, гӯямат ва илоҷе пайдо кунем.

— Агар маро нигарон будӣ ва баройи ман ин корро кардӣ, бояд фармудайи маро низ бикунӣ.

— Надонам, ки дар ин тирашабон санги шарар дар кучост ва шамъро аз кучо пайдо кунам.

— Магар тайёрӣ надидаӣ?

— На, Спитамон... ман медонам, ки он шамъ ҳеҷ гоҳе фурӯзон нагардад, аз ин рӯ омода нашудам.

— Биҷӯй, пайдо шавад.

— На, Спитамон, пайдо нашавад. Зеро ин чизҳо дар ин хона нест.

— Пас ба онҳо чӣ гуна ваъда додӣ?

— Ман медонистам, ки рӯзе хоҳӣ омад. Ва то ту наойӣ, ин кор нахоҳад шуд. Илоҷи ин корро танҳо ту донӣ.

— Агар ман донам, гуфтайи маро бикун.

— Бовар бикун, Спитамон, нест он чиз, ки бояд.

Пас Спитамон аз анбони сафарӣ санги шарар баровард ва шамъе. Санг бар санг зад чу Ҳушангшоҳ ва оташ афрӯхт, шамъро фурӯзон кард. Дод ба дасти зан, то дар шохи дарахти тут биовезад.

— Спитамон! Онҳо зиёд бошанд, чӣ шавад?

— Биовез!

Зан despite онтчунон кард, ки бояд мекард.

Вақти зиёд гузашт. Шамъ сӯхта, тамом мешуд. Ва яке садойи саги ҳамсоябоғ баромад. зара тарсону ларзон дами дар баромад.

— Ҳарфи зиёд магӯй! – таъкид кард шӯ.

Фурсатҳо гузашт ва сиёҳиеро нури хирайи шамъ соя андохт. Ва ӯ он ҷо қарор гирифт. Зан имову ишора кард, ки дарояд. Марди ниқобдор наздики дар омад. Ва тӯрид. Зан ба дар омада, гуфт: «Бо табар задам, гарданашро бурида натавонистам.» Мард бовар кард ва сар хам дошта даромад.

Спитамон ханҷар ба пушти ӯ зад ва чарм аз рӯяш кашид. Дар партави хирайи чироғ ӯро шинохт: Оксарт, ки дар Мароқанд девордармиён зиндагӣ мекарданд. Спитамон теғи дигар зад ва пурсид:

«Туро кӣ фармуд?»

«Ҷаллобҳойи мароқандӣ.»

«Нархи сари ман чанд будааст?»

«Надонистам, онҳо донанд.»

«Ҳамроҳ дорӣ?»

«На!»

«Дорӣ?» – ханҷар кашида боз зада пурсид Спитамон.

«Нафаре ҳаст.»

«Кӣ?»

«Ҳамсояйи дасти чапат.»

«Ӯ ба чӣ ишора ояд?»

«Ӯ наояд. Асбон дорад.»

Спитамон дигар пурсу пос накард. Либоси ӯро кашид. Сараш гирифт. Бар ташт гузошт. Рӯяшро бо латтае пӯшид. Либоси худ низ кашид. Либоси ҷосус пӯшид. Ва таштро бардошта назди асбон рафт. Ҳарфе нагуфта ташт ба «ҳамроҳ» дароз кард. Ӯ таштро гирифту рӯ гардонд. Спитамон бо шамшер сари ӯ низ парронд. Ва асбонашро аз шохи дарахт кушода, ба роҳи омадааш ронд. Асбҳо каме рафтанду бозистоданд ва сайҳа кашиданд, кишна карданд. Баъд гулдурросзанон кӯчабоғиро нишеб шуда рафтанд.

Ӯ писарашро пеши зин гирифт ва занашро пушти хеш бар асб нишонда, бо канори Кӯҳак роҳ пеш гирифт ҷониби Кӯҳистони баланд. Дар ягон ҷо манзил нагузид. Назди ҳамроҳон ва ба қароргоҳ низ нарафт. «Ҳоло вақт ҳаст» аз дил гузаронд ва роҳи Ғори Суғдиёнро пеш гирифт. Рафту рафт, рӯз шуду шаб. Ба шахи баланде расид, ки танҳо уқоб метавонист нишеман кунад. Ӯ аввал дур рафт, асбашро инон тофта, боз пас омад бо баландӣ. Дар тори шахи фалаксо асбро баст. Бо уреброҳайи борик, ки бузони кӯҳӣ ё гурезагон роҳ карда буданд, рӯ ба шимол, дасти писарашро дошта ва занро «ҳушёр бош!» гуфта хеле роҳ рафт. Кӯза ба даст чанд тан аз пеш баромаданд: «Боройи об равем».

Ва он ҷо суғдиёни мусаллаҳро дид, ки пеш омада касро муойинаву тафтиш мекарданд. Аллакай ғори бузурги ба рӯзи мабод пайдо кардайи суғдиёнро ашрофзодагони мароқандӣ ва суғдиёни қадоба пур карда буданд. Занону кӯдакон ва мардони обрӯманди

солдида низ буданд. Ғори бузургу фарох, ки ба назар пешгоҳ надошт, танҳо пардайи сиёҳ пешгоҳи онро девора гирифта буд, гурезагони зиёдро мегунҷонд. Ва ҳар кас барои хеш ҷой мегирифт ва чун рамайи гӯсфанд зичу шафат ба сар мебурданд айём.

Овардани ҳоким зану фарзандашро ба ин ғор беҳуда набуд. Маълум шуд, ки сипаҳсолори суғдӣ таҳлука дорад ва хатареро донад. Коҳинони суғдӣ об ба даҳон гирифта, аз пешомад ва қисмати суғдиёну сарвари он Спитамон чизе нагӯянд. (Вале сарраммол Аристандри юнонӣ ҳар гоҳ димоғи Искандарро хуш доштанӣ шуда аз пирӯзиву «оламгир» гаштани шоҳ Искандар гуфтору гузориш кунад.)

«Бифармо, Спитамон! – Рӯзбеҳи ашрофзода дами ғор пешвоз гирифт сарварро. – Омаданат дарак диҳад аз ноомади кор.»

«На, Рӯзбеҳ... Ман омадам, ки охирин донаро аз тухмайи Ҳахоманишиён ва суғдиён ин ҷо нигаҳ дорам. Ана инро, Ардашерро...»

«Дар паноҳи Ҳурмузд бод... Ва худи ту чӣ кор бояд бикунӣ?»

«Ба ҷанги Искандар равам, то интиқоми суғдиён биситонам».

— Агар интиқом нагирӣ, намешавад, Спитамон?

— Ман нагирам, кӣ гирад? Ман ба ашрофзодагони шаҳрӣ ва иттифоқчиён бовар надорам. Онҳо дар нахустин таҳдиду даранг тавонанд ҳама чизро фурӯхтан.

— Агар чунин, пуштбонат Худо бод!

Спитамон ба чунин дуойи пирон даст сӯйи осмон бардошту ниёйиш кард, омурзиш низ пурсид. Пасон писари дӯстрӯяшро канор гирифту бӯсид ва ба китфаш каф гузошта афшонд: «Интиқомро ту бояд гирӣ!» Писар ба қомати баланди падар нигарист ва бо ифтихор китфонаш боло шуданд, ки падари бузургу номдор ӯро бовар дорад. Пас якбора ҷасту ба гардани падар чу овеза часпид, ки барои ҷудо кардани он ситорайи осмон кандан лозим мешуда бошад.

«Сабр бикун, Ардашер, туро чизе диҳам.»

Тӯмори секунҷайи симин, ки ҳар гоҳ писар дар сари синайи падар бозӣ медоронд, миёни ҳар ду монда буд, Спитамон гирифта наметавонист. Ӯ даст даровард, аз чоки гиребон пайдо кард тӯморро ва кашида ба писар намуданӣ шуд. Аммо чашмони Ардашер пӯшида, ба он чиз нигоҳ кардан нахост.

«Нарав...»

Бехи гӯши падар нафаси писар баромад. Ва ӯ низ паст гуфт, то дигарон нашунаванд:

«Нарафта нашавад...»

«Нарав...»

«Мулкро оташ зананд. Дар оташи худӣ худамонро сӯзанд...»

«Очамро кушанд...»

Дастони Спитамон суст шуданд, ки ҳарфи раммолон нагуфтаро писари маъсум гуфт.

«Боройи ҳамин ман бояд биравам ва онҳоро нагузорам, ки ба ин мулк оянд.»

«На. Нарав, падар... Туро низ...»

Ва мадор намонд Спитамонро. Пас бузургон ӯро раҳо карданӣ шуданд аз ҳалқайи дасти писар. Вале модар ашк мерехту ҳамроҳ намешуд, то падар наравад. Зеро бо чашмонаш дид кирдорҳоро ва яқин мекард, ки чунин кирдору рафтор беподош нахоҳад монд. Рӯзе фаро расад он лаҳза... лаҳзае ки ҳамаро ба ларза оварад, аз ҷумла дилу тани зараро.

«Наравӣ, чӣ шавад, Спитамон?»

«Онҳо то маро нагиранд ё то зердаст нагарданд, аз ин мулк нараванд. Ва мардум як умр дар азоб монанд.»

«Пас... пас... пас...»

«Бале... Пас ман бояд...»

Писар сахттар часпид; канавор. Спитамон пай бурд, ки дер шавад: ҳамроҳон нигаронанд. Нақшаҳо зиёд. Ба зани ларзон ишора дорад, ки писарро бигирад аз гардани ӯ.

«Биё, ҷонам, падаратро дер шавад, шикорчиҳо ӯро нигаронанд. Туро оҳубарра оваранд.»

Вале кӯдак чизеро пай бурда бошад, ки падар раҳо накунад. Ба гуфти мардони дигар низ гӯш надорад.

«Баччам, бигзор падарро, равад. Ягона наҷотбахши мо ин аст. Вагарна Суғду суғдиён қурбон хоҳанд шуд.»

«Спитамон, баччаро гӯш накун! Бирав, ки дер шавад!»

Дилу нияти тифлакро танҳо модар пай барад:

«Наравӣ-чӣ, Спитамон? Тифли пок чизеро пай бурда магар, ки ин қадар якравӣ дорад.»

«Дуруст гӯйӣ, зара... Касе пайдо шаваду биравад, ман нахоҳам рафт.»

Модар дастони кӯчаки тифлро, ки ба таври хеш харпанҷа андохта буд, сахт дошт, то озодаш кунад, натавонист. Ғаш кард писар. По зад.

«Хӯш, наравам. Биё бинишинем.»

Спитамон бинишаст. Пешонибанди сабзи латтагиро, аз сар кушода ба пешонийи писар баст. Баҳузур чорзону нишаст. Тӯморро низ аз гардан гирифта, ба гардани ӯ андохт. Писар нигоҳ дошту чизе нагуфт ё рағбат зоҳир намекард. Балки ҳиқ-ҳиқ дошт, идомайи гиря. Пасон уреб гирифт рӯйи зонуҳо. Аз гиряву талош хаста шуда буд, ки ғанаб кард. Сараш пушти бозуйи падар хамид. Спитамон оҳиста ӯро ба рӯйи дастони модар гузаронд. Ардашер як ларзид, чашм кушоду пӯшид ва оҳи дарозу бадарде кашида хобаш бурд.

Ашк ҳалқа зад дар чашмони обийи Спитамони род, ки кам рух медод. Чизе гирифт гулӯяшро. Фурӯ бурданӣ шуд донайи бозмондаро, вале андармон буд донайи ғам. Часпак, ширешвор андар гулӯ монда ва роҳи рафт надорад.

«Хайр...»

Паст гуфт Спитамон. зара дарёфт, ки садояш меларзад. Гиряолуд. Гиряйи чашму вуҷуд на, дилаш ларзон аст. Зан аз ҷой барнахост. Фақат сар ҷунбонд. Мардони дигар то дами ғор гуселаш карданд.

«Худо ёру мададгор бод!»

Дар сар ҳазору як андешаву хаёл, ситоми бора ба сӯе гардонд, ки нигарон буданд ёрон. Ҳанӯз ба гӯшаш садойи писар буду зорийи зан ва миёни дидагонаш ғаши ӯву рухсати рафтан надодани Ардашер. Фоли хуб надонист рафтору кирдори писарро. Аммо вазифайи муқаддаси хеш донист, ки биравад. Ҳарчанд миёни ёрон нафаре ғайр набуд ва массагетиву скифҳо набуданд, таги дилаш ҳам оташ дошт ва ҳам дуд. Ҳамин дуд сиёҳӣ овард дар замираш. Суханони зараву омадани ҷосусон ва боздоштани тифл сахт парешонаш кард. Ҳолиё на Спитамони далеру диловар ва родмарду ял, балки як нафар тарсуеро мемонд, ки нахустин бор ба корзор равад. Дилаш ваҳмак шуда, кам-кам ларзон гаштааст, ки ана-ана кушанда пайдо шавад аз буни харсанге, аз пушти дарахте, хамгарди роҳ, ҷару ҷӯе ва ё аз осмон. Вале дер напойид ваҳм андар дили қавийи ӯ. Хешро афшонд. Рӯйи пӯсташ мурғак дамид, сард гашту осуда шуд.

Чун ёрони чашмдорро дарёфт, машварат карданду маслиҳат ва кашиданд нақшайи аз Мароқанду Суғд рондани Искандарро. Боз биомехт бо скифҳо. Зеро илоҷ ва ёри дигаре пайдо набуд.

❁ ❁ ❁

Овозайи омадани Спитамон ба Мароқанд пештар расид аз худи ӯ. Искандар сипаҳсолор Кенро бо сипоҳу дастаҳойи зиёд дар Суғд гузошт ва худ ба кӯҳи Навид рафт, то зимистонро осуда гузаронад. Зеро роҳату фароғаташро дар Бохтар яли суғдӣ миёншикан карда буд. Спитамон чу донист рафтори назарбаландона ё назарфиребонайи Искандарро, ки далерро паст зада ва ё киройи набард надониста, рафтааст ба кӯҳи Навид, ғазаб кард. Боз массагетҳоро ёр гирифт, ки ҳамсояйи наздик беҳ аз хеши дур. Сипоҳи сеҳазорайи скифҳо ҳамроҳ шуда буд ба дастайи Спитамон. Аз ин рӯ ӯ сипоҳи дар Мароқанд мондайи мақдуниву юнониро ҳақиру нотавон дониста, якросту якҳукм бирафт сӯйи пойтахти суғдиён.

Лашкари Кен баромад ба пешвози ӯ. Ва якбора шайпури ҷангӣ навохтанд ва табира заданд. Чунон омехтанду овехтанд, ки Спитамон чашмдор набуд. Тирагард арзро бидӯхт ба само.

Спитамон парешон буд, ки фирефта гашт ба овозаи шаҳрро тарк кардани Искандар. Фирефтатар шуд ба ҳамроҳ гаштани скифҳои бо Искандар паймон карда. Гарчӣ пешрӯ шамшер мезаду синон, бим аз паси сар дошт, то скифҳо бадкирдорӣ накунанд. Буд-набуд Спитамон ба зарбайи сахт дучор омад. Ӯ фирефта шуд ва анг монд. Кени сипаҳбад аз рӯйи дастури Искандар ҳама гуна усули ҷангу найрангро истифода мебурд. Ончунон биҷангид, ки ҷӯйбори хушкидайи Мароқандро хун ҷорӣ шуд. Спитамони ноогоҳ якросту якзарб ҷангида ба қалби сипоҳи Кен даромад ва хешро дар иҳота дарёфта, осема гашт ва дудилагиву калавиш ба миён омад. Бесарусомонӣ шуд андар сипоҳу дастаҳойи ёвар ва иттифоқчиён. Чунон ки гоҳи ба танг омадан саг соҳиб наёбад, сарбозони суғдӣ сарвар гум карданд. Гурӯҳ-гурӯҳу даста-даста суғдиёну бохтариҳо ҷониби Кен гузаштанд. Талу теппаҳойи Мароқанд мурдапӯш шуд.

Массагетҳо низ ҷангро пазируфтаанҷом пиндошта ба талаву тороҷ ва ғорат пардохтанд; чунон шуд, ки бунаву колойи қофилайи иттифоқчиёни хешро ба яғмо бурданд. Спитамон чизе нафаҳмид. Ҳатто намедонист, ки овард кунад ва ё тамошо. Чун дар чаҳорсӯ дид хешро, ҷуз фирор чорае пайдо накард. Гурехт ҷониби биёбон. Баъзе иттифоқчиёни ватанпараст ҳамроҳаш буданд.

Шабгун гӯш хобонда, дум бардошта ва хеле борик гашта андар биёбон чаҳорнаъл буд, то дами бодро гирифта такаш суст нагардад. Миёни боди зимистону ҳавойи нам сармо кора дошт устухонро. Ва ӯ эҳсос накарда тозона мезад асбро, то зудтар ба канори биёбон ояд ва Яксартро убур карда, байни массагетҳо паноҳ барад. Аммо ғашу ба гарданаш часпиданҳойи писараш Ардашер ва гуфтаҳойи зара ёду пеши чашмаш меомад. Зан дар борайи скифҳо гуфта буд ӯро. Он, ки суғдиён ва бохтариҳо дар лаҳзаҳойи танг ӯро хиёнат кунанд, забон накушуд. Лекин ҳолиё аз хеш пурсад: «Аз чӣ рӯ?» Посух набувад. Суғдиёни ашрофзода набуданд, бохтариҳойи асилзода нестад, ки аз Искандар мансабу вазифа ва ё ҷоҳу ҷалол хоҳанд. Ё ҳама найранг аст; аз кирдори Искандар то хиёнати ҳамнабардон ва ё аз буздилист; ё баройи ҳифзи ҷони хеш.

Спитамон ёд меорад сӣ тан миллатдӯсти ватанпарасти суғдиро, ки дар зери ҳалқайи дор чӣ сари баланд доштанд; баландтар аз пояйи дор. Яке ба худ омад, ки ба ёди онон сар андохта... Сар боло гирифт. Ва Танайиси минӯранги софро дид. Рӯй шуст. Сардийи форамеро эҳсос кард. Назар ба атроф андохт. Бегона дарёфт ҳамаро. Гӯё оби ҷонбахши рӯд ӯро бедор карду ба худ овард; шинохт ҳамаро: мавзеъро, скифҳойи дурӯяро, Ҳамнабардонро.

Боди сахт талотум кард якбора ва оби рӯдборро пош медод берун аз рӯдхона. Хуршед нопадид. Осмонро чодари сиёҳи мотамӣ пӯшида. Ва аз зери он сардбоди самум вазад. Хушк, сард, корагар.

Гӯйӣ сияҳбод бувад. Дере нагузашта рӯйи рӯд коша баста, замин заранг гашта. Ба назари Спитамон андар биёбони барфпӯш сайгаке пайдо шуд, ки тамоми саворон аз пайи он тозанд. Дида буд ӯ аз пайи як заргӯши сапед галайи гургон тохта, чоку барчок карда, барфро чу холе лоларанг гардонида ва баъд аз нарасидани тӯъма якдигарро дарронда буданд.

Манзараҳо аз пеши назараш дур нагашта ва илоҷи воқеа пайдо накарда, як даста саворони массагетӣ расиданд аз он сӯйи Танайис, омехтанд ба фавҷи Спитамон. Ҳарчанд таги дилаш ноҷӯр буд, пиндошт, ки онҳо ба кӯмак омаданд. Онҳо рӯ ба рӯ на, балки иҳота гирифтанд дастайи суғдиёнро. Якбора шӯру мағал бардоштанд, ки ҳайратангез ваҳшиёна буд. Тирборон карданд ва Спитамону сипоҳаш дасту по хӯрда, чӣ чора андешиданро надонистанд. Чунон буд, ки на роҳи гурез, на илоҷи воқеа, на забони оштӣ доштанд. Сари суғдиён ҷуз ҳарфи зану рафтори писар чизеро ёд оварда натавонист. Пасон як зӯре, нерӯе дамид дар танаш. Пархош кард. Лоларанг гашт барфи сапед аз хун. Ҷавшану кулаҳхӯди ҷангийи Спитамон тиру найзаву дами шамшерро бозмедошт. Ва ӯ шамшер меандохт қаҳрамонона.

Шабгуни размдида ва рамузфаҳми ӯ сайҳа кашида чароғпоя шуд, то дасти касе ба савораш нарасад. Асбу саворони дигарро зери сум гирад. Чароғпоя шуд сӯйи осмон, то ҳалқайи қавийи массагетиро гусаста, бурун аз дойира ояд, натавонист. Тирҳо бархӯрданд зери шикамаш, найза расид. Тирҳойи заҳрогин кора карданд танашро ва ӯ натавонист ба по истад. Вопасин бор сайҳайи талх кашид, ки рост шавад, зӯраш нарасид. Биафтид ба зону. Спитамон низ ба сар рафт. Ва қомат рост накарда, чанд тан массагетӣ аз сари зинҳо парида пахшаш карданд. Спитамон он чанд танро сари китфу бозувонаш бардошта хест. Чу гарди либос афшонданӣ шуд. Эшон чу кана часпида будандаш... Ҳамгӯшаҳо ягон-ягон аз ҳалқа бурун мешуданд, ки гӯйӣ скифҳо ононро кордор набуванд.

Ғаниме[1] скифӣ ханҷар бизад ба дамгаҳи ҳузарб, ки гоҳи алвонҷ хӯрда канаҳоро аз тан афканданаш бараҳна гашта буд. Хуни зиёд шорид аз захм. Мадор суст шуд Спитамонро. Тавони набарду ҳанги ситез намонд. Биафтод рӯйи барфи сарду сапед ва такя бар танайи гарми Шабгуни вафодор зад. Пахш карданд чунон ки гургон сайдро. Осмон тира буд ва онҳо бар сари ӯ рехта тиратар карданд. Яке онҳо дур шуданд ва як деви сиёҳи дароз тори сараш омад ва хандид.

«Картасис! Сараш бигир!» – чанг-чунг расид ба гӯшаш, ки забони онҳоро омӯхта буд, аммо дилашонро надониста.

---

1. Ғаним – душман, рақиб.

Спитамони далер оне мурдайи Доро ёд овард, вале он лаҳза зуд гузашта, пеши назараш даҳонайи сиёҳи Ғори Суғдиён омад. Хандайи ваҳшиёнайи иттифоқчиён сахттар расид аз теғ: «Худовандо, зӯр ато бикун, то шиканам хандайи эшон дар лабонашон...»

Вале ба ҷойи зӯр ато шудан дарёфт, ки чизи тезу сарде ба гулӯяш расид ва ҷуз ҳамин сардӣ чизе дар хотираш намонд. Сараш ҷудо шуд аз тан. Дар ойинайи чашмонаш сурати зану писараш боқӣ монд ва ғори сиёҳи Суғдиён.

Пой мезаду ҷон меканд. Барфро мехарошиду мепошид ҳар сӯ. Аз хуни гармаш барф зуб гашт ва доғе боқӣ монд, ки дар ҳазор сол як бор пайдо гардад чунин доғ...

## БАНДИ ҲАФТУМ

Чун сари сипаҳсолори суғдӣ Спитамон расид ба дасти Искандар, шоҳи ҷаҳон чашмони бози ӯро дида сахт хандид, шодмонӣ кард ва ҳамон зайл ҳайрон монд. Ҳайрон монд, ки ӯ зинда ва ҳар коре шавад ва ҳар кӣ бошад, хоҳад дид. Бавижа Картасисро, ки паҳлӯйи шоҳи мақдунӣ нишаста аз барори кори хеш меболид ва назди малик рӯсурх буд, ки паймон нашикаст. Гумон низ дорад, ки маликуррум сарвари скифиҳоро сатрапи Суғд низ хонад. Аммо шоҳ ба пирӯзиву шодмонийи хеш андармон аст ва ин чизҳо дар гумонаш набувад. Ҳайраташ аз чашми бози сари Спитамон, ки чӣ хоҳад. «Чаро чунин?» пурсад аз Картасиси шоҳи массагетӣ. Ӯ нафаҳмида ва пай набурда, китфон дарҳам кашад: «Нафаҳме.» Пас Искандар ангушт ишора ба сари Спитамон кунад ва ба чашми хеш молад. «Чаро молида напӯшонидӣ?»

— Ҳааа... Овардам, ки шоҳи ҷаҳонро ба чашми худ бинад...

Гӯё хушгӯйӣ карда Искандарро хандониданӣ шуд.

Воқеан Искандар хандид; на ба сухани ӯ, балки ба тарзи ифодааш ва гоҳи хандидан чашмони тангаш тамоман пӯшида гаштанд, ки хандайи шоҳро овард. Чашмаш ба чашми кадом ҳайвон монанд. Ба чашми гург ё рӯбоҳ, ё кӯрмуш бошад? Риши тор-тораш ҳам ғариб. Гӯё худованд дар ҳамин ҷиҳат хасисӣ карда, риши ононро ба бузон додааст, ки ришдор ба дунё оянд. Дандонҳойи зардчайи мисвокнадида низ ғашовар. «Такка бошаду шир диҳад» аз дил гузаронд Искандар. Вале чизи дигар гуфт:

— Боройи далерийи скифҳо!

— Тасаккул, соҳи жаҳон! [Ташаккур, шоҳи ҷаҳон!]

— Ин кор танҳо аз дасти шумо скифҳо меомад.

— Тасаккул, соҳи жаҳон!

— Дигар ҳеҷ кас чунин дилу гурда надорад...

— Тасаккул, соҳи жаҳон!

Сар андохт Картасис ва ёдаш омад, ки Искандар метавонист бикушадаш. Картасис бародараш Сатракро кушт, шоҳ ӯро сарвар

кард. Ҳолиё ҳар қадар саҷдаву тавозӯъ оварад, кам бувад. «Тасаккул! Тасаккул! Тасаккул!»

Аммо базми пирӯзийи Искандар танҳо баройи Картасис набувад. Ӯ шаҳрдорҳо, сатрапҳо, волиёни вилоятҳойи наздикро хондааст; асилзодаву ашроф ва касони намоёни музофотро даъват кардааст ҷуз суғдиён. Зеро суғдиён мотам доранд ва касе дар шаҳру русто намонда. Ҳама парешу пароканда шуданд ба кӯҳистон – ба ғору камару вартаҳо ва ба вилояту мулкҳойи бегона. Ё тухмашон парешон ба олам гардад ва ё ба тухму тухмаашон қирон ояд. Аз ин рӯ Искандар ҳайрон буд чӣ кор бикунад. Агар ягон ашрофзодайи суғдӣ дар Мароқанд монда бошад ва ҳузур дошта бошад, аз онҳоест, ки Искандар ба ин мулк нарасида Суғду суғдиёнро якҷоя фурӯхта буд ва ё ҳамхуну ҳамгӯшайи Спитамон набуд. Оби Фушун[1] аз ин рӯ хинг ояд. Обҳойи поку софу зулоли сарчашмаҳойи баланд, ки гил полояд, ба пастиҳо ҷорӣ гашта шарм аз кирдорҳо дошта, гилолудаву хинг гардад, то зараҳойи зарашро нокасон набинанд.

Аз базми пирӯзийи зимистони соли сесаду бисту ҳашт ба бисту ҳафти то милод танҳо Искандар компрон буд ва Картасиси скифӣ шодмонӣ дошт, ки қаҳрамонӣ кард. Дигар ҳама дамбадарун буданд.

«Дӯстон ва меҳмонони арҷу азиз, қаҳрамониҳойи шумо назир надорад. Бадтарин душман Спитамони Суғдӣ, ки охирин намояндагони давлати Ҳахоманишӣ – Доройи Саввум ва Бесуси Бохтарӣ аз дасти ин роҳзан мурданд, ба қатл расид. Вале ҳоло ҳам ӯ аз хун сер набувад ва бо чашми боз менигарад... Ҳолиё бояд шодмонӣ кунем, ки лашкари мақдунӣ дигар душман надорад!»

Ба назари Искандар сари Спитамон хандид ва ӯ ҳаросида гӯшайи чашм кард.

— Парда андозед ба сари ӯ! Пинҳон кунед дидори шумашро!

Ҳамон замон бар ташт сарандоз кашиданд ва сари Спитамон симойи пайкарайи хурде шуд, ки баъди гуфтору гузориш Искандар парда аз рӯйи муҷассамайи таърихӣ мекашида бошад. Ҳамин буд ягона пайкарае, ки яли тановарн суғдиро гузоштанд, аммо Искандар дигар ин дидорро ба касе намойиш надод.

«Ҳоло ҳаст аз тухмайи Ҳахоманишиҳо!»

Садо омад. Искандар чандон фаҳм накард ва пурсид аз тарзабон:

«Чӣ мегӯяд?»

«Мазмун, ҳанӯз тухми Ҳахоманишиҳо пок нашуда.»

«Кӣ?»

1. Фушун – Афшон, Зарафшон.

Искандар шахси луқма андохтаро пурсид, посухи дигар омад:

«Писари Спитамони суғдӣ!»

Искандар рағбат зоҳир кард:

«Чӣ фармудӣ? Бифаҳмон!»

«Пури Спитамони Суғдӣ Ардашер аз тухмайи Ҳахоманишиён бувад!»

«Чӣ гуна?»

«Зани Спитамон духти Ардашери Дуввуми Ҳахоманишист!»

Ва Искандар ба хаёл рафт. Пасон ба Картасис нигарист. Ӯ пиндошт, ки шоҳ ин амалиёт низ фармояд эшонро, дандоннамо хандид ва «Тасаккул!» гуфт. Ду каф ба ҳам оварда, миёни ду чашм дошта таъзим кард.

«Дигар дар сарзамини Согдо оташи шӯру балво забона нахоҳад зад!»

Баланд эълон дошт Искандар, ки дар ин бора сухан накунанд. Ҷомҳо баланд гаштанд. Садойи мусиқӣ боло шуд. Толор ончунон буд, ки дар базмҳойи пешин. Вале чизе халалгор низ буд. Он шӯру шараре, ки дар базмҳойи искандарӣ буд, ин бор коста метофт. Зеро сарзамин мотамзада. Дар ин марз ҳама чиз аз замин боло шавад чу сабза, ҳатто оҳангу мусиқӣ ва сухан. Гарчӣ Искандар аз Юнон оварда ҳамаро. Ин бумро чизи дигар мебод. Омада ва овардаҳойи самовӣ низ заминӣ гарданд. Ин нуктаро шоҳи мақдунӣ надонад ва пайхас накунад. Аммо дарк кунад, ки чизе халалгор бувад. Шояд он ҳайкалчайи аз ташт як ваҷаб боло бошад, ки ҳавойи айшу базми ӯро дигар медорад. Шояд ӯ низ дар Юнон буд, худо, нимхудо ва ё қаҳрамон хонда буданд. Вале Искандар роҳзанаш хонд. Ҳеҷ роҳзан мулки хешро ҳимоя накарда. Роҳзанон, дуздон, нобакорон худо гӯянд, то мулк вайрон гардад, нобасомониҳо шавад ва онон бурд кунанд...

...ва аммо андар сарзамини Суғд – Мароқанду Кирополу Политимет оташи барафрӯхтайи Спитамон ҷо-ҷо дуд мекард ва зери хокистар лухе буд.

Искандар медонист чунин вазъу ҳолро. Аз ин рӯ бовар надошт касеро. Фориғи базми пирӯзӣ сатрапу шаҳрдоронро эълон кард, ки ҳама тозаву нав буданд ҷуз Картасиси массагетӣ. Ба маънийи суол дерёз нигаристаш. Картасис боз хандиду ба хидмат омода будани хешро вонамуд кард: таъзим овард. Искандар ишорайи ангушт кард то пеш ояд.

«Зану фарзандони ӯ дар куҷо?»

Аз саргӯшийи шоҳ хидматгор маънӣ гирифт ва баройи ба ҳама рӯшод нашуданаш «Тасаккул! Тасаккул!» гӯён пас-пас рафт.

Шоҳ низ ором ва ногумон ба базми дубора оғозид. Онҳое ки базмро анҷомпазируфта пиндошта бадар рафта буданд, боз даромаданд ба тарабхонайи мармарӣ ва кандакориҳойи суғдиёна.

Модархондайи гетерҳо Ланикайи дояйи Геракл низ аз дастафшониву покӯбиҳойи шоҳи сархуш ба ваҷд омада, хиромон гашт. Аз чӣ рӯ Барзин ҳаваси арғушт надошт. Вале Геракл ҳар дам ба модар менигарист, ки ҳаваси рақсидан дорад. Аммо модар даст ба гардани ӯ гардонида пас мекашид, ки ба скифҳо наздик нашавад. Ҳоло онҳо низ ба рақс даромадаанд бо шоҳ ва миёна гирифта, қарс ба покӯбиҳойи ӯ зада, бод диҳанд дӯстона ё душманона. Шоҳи ҷавон ин ҳамаро ҷиддӣ пиндошта ва гоҳ-гоҳе сӯяшон нигашта, мастона зону хам карда ва гоҳо ба як по чарх гашта ҳунар намояд. Скифҳойи «бовафо», ки тамоми базмҳояшон чунин бо кафкӯбиву садойи гулӯ оҳанг мегирад, хуш карда чунин базмро, баробари шоҳи пирӯз дунба ҷунбонанд. Вале шоҳ пай набарад, ки варорӯдиҳо гуруснатар аз гургон чун нигаранд гетерҳоро.

«Ҳарфи мард яке!»

Садойи мастонайи Искандар боло гирифт.

«Яке! Яке!»

Посух низ омад.

Ва аз миён сари Спитамон гум шуд. Ташти хунолуд паҳлӯйи тахти равони суғдӣ, аммо сари сарварро рабудаанд.

Дер огоҳ карданд Искандарро. Вале ӯ аллакай аз ҳолат рафта буд ва ба гӯшаш номи Спитамон ҳам намедаромад. Гоҳе ӯ ин кирдорро фаҳму дарк кард, ки рӯз шуда буд. Вале сарро аз ҷое пайдо накарданд. Завқ кард дар дил, ки аз назараш дур шуда он сари пеши чашмаш нозебо. Вале дониста наъра мезад, ки дар шаъни шоҳи ҷаҳонгир хуб нест, ки сар аз пеши дидааш бурда бошанд.

«Агар пайдо накунед, ин сари сархӯр бисёр сарҳоро бихӯрад!»

Ва Коллисфени таърихнигор намедонист, ки ин рухдодро чӣ гуна қаламдод кунад, зеро ҳар ҷо, ки бо Искандар буд, рухдодҳоро қаламдод мекард, ҷое ки дар ғойиби ӯ шӯру исёну балво ва ё ҷангу ҷадал рух медод, аз рӯйи шунидаҳо менавишт. Баногӯшиҳо, шиквaю шикоят ва норизоийи мақдуниёну юнониҳоро дар ҷое нанигошта буд, то ба чашми шоҳ нахӯрад ва гӯшаш нашнавад. Дар ёд мегирифт ҳамаро. Гоҳе ки нобарорие пеш меомад ва ё аз ҷониби шоҳ сарзанишу носипосӣ медид, андеша мебурдаш: «То Юнон мебурда бошам ёдҳоро?» Баъд баъзе чизҳоро ба Биталомус гӯшзад мекард, ки ё нигорад ё дар ёд дорад.

Искандар бедор шуд. Сараш вазнин ва дардманд метофт. Аз болин сар набардошта гӯш дод: ғал меомад. Пиндошт суғдиён баройи сари пешвояшон шӯридаанд. Сар бардошта гӯш доду диққат, на ғал буд, на мағал. Хомӯшӣ буду оромӣ. Ӯ намедонист, ки андар шаҳру русто суғдие намонда, ҳама дар ғурбат афтодаанд: харсавор ба кӯҳ рафта буд, асбсавор ба мулкҳой дур ва пиёдагон ба камару бешаҳо. Суғдийи шаҳрнишин кӯҳнаворд шуд ва биёбонгард. Оромиро фоли нек донист ӯ ва дар сараш ҷуз симойи

Спитамони суғдӣ ва орзӯйи дидани зану фарзанди ӯ чизе набуд. Ҳолиё аз оли Ҳахоманиш тухмие боқӣ будааст.

Хидматгорон пӯшоки тоза оварданд, таббохону хонсолор хон оростанд ва Ланика Гераклро доровард. Новақт овард писарро доя. Зеро Искандар дар борайи Ардашер фикр мекард, ки рӯзе ин гургзод ба рамайи онҳо дандон тез кунад. Ӯ ба чизе нигоҳ накарда либоси ҷангӣ ба бар кард ва пой ба пушти зини Бусефал гардонд.

Рӯди Фушун сӯйи Мароқанд мешорид, сели лашкари мақдуниву юнонӣ бар муқобили ҷараён мерафт. Дирафши зарди мақдуниро боди баҳорийи водӣ парафшон буд, то ба пас баргардад. Скифҳойи морбоз роҳ менамуданд Искандарро. Дӯсти кӯдакийи шоҳзода Клити нозгунҷ хеле мехост Искандар аз ин сафар баргардад, зеро дигар чизе намонда, ки бойиси ташвиши шоҳи мақдунӣ бошад. Яқин он чӣ Искандар мехоҳад дар миёни ин сангҳову кӯҳҳойи баланд ва тангроҳаҳо набувад. Вале гуфта натавонад дарди дилро. Яқин рӯзе, гоҳи сархуш будан ин муродро расонад. Зеро ба гуфтайи доя Ланика ин ду ба ҳам бародар шудаанд. Искандар набояд сухани ӯро рад кунад.

Вале боди сард меояд аз пеш, ки ҳолиё соярӯйи кӯҳҳо ва ҳаму шиканҳо ва сою сойчаҳо барфгиранд. То ҳадде гашту зистро душвор гардонад. Искандар аз борону селҳойи сахти ин водӣ огоҳ набувад. Ва пире пеш наояд, ки пурсон шавад. Ҳама ба кӯҳу камар часпидаанд; ҳатто ҷонзоде наметобад, ки бойиси нишони зиндагӣ гардад. Кӯҳистони сахт суми асбон хӯраду наъли онон шиканад ва кори сайисону устоҳойи оҳангар зиёд гардонад.

Ба ҳар тақдир, сипоҳи баргузидайи Искандар биму ҳарос паси сар карда, аз зери камарҳо, шаххойи азими як лаб овезон ва канда гашта дар сари мӯй истода, борикроҳаҳойи канори рӯд, сангҳойи лағжон, убургоҳҳойи жарфро пиёдаву савора гузашта, то ҷое расид, ки ғори Суғдиён ё Ориёмаз ном дошт. Скифҳо оварданд ӯро. Аммо дар он мавзеъ ғоре ё ҷондоре надида дар хашм шуд. Скифҳо кӯҳи баланди бероҳу равишро нишон доданд. Дар сари санге мурғе монанд ба лошахӯрони баддидайи Искандар нишаста буд ва ҳар гоҳ сар тофта ба ин ё он сӯ менигарист ва боз орому сокит мемонд, ки ҷуз чашмони тезбинаш чизе ҳаракат надошт. Боз парҳойи ӯ меҷунбид аз бод. Чашми тезбини Искандар низ ӯро хуб мебинад ва ӯ муқойиса мекунад, ки аз ҳамон тойифайи мурғони лошахӯр метобад, аммо пару болаш лайс, гарданаш пардор, минқораш зайли минқори каргасҳо сахт баргаштайи беҷон на, балки қавӣ, сахт, баробар низ ҳастанд нӯли таку боло. Ҳушёр, тезгир, тезшунав, тезбин ва хеле омода ба шикор. Гарангу ҳатӯлу хоболуд на, балки бедори зирак. Аз чизе бим надорад, ки шоҳи кӯҳистон бошад ва душмане надошта бошад. «Чу!!!» садо баровард. Ё ҷӯра ва ё ёрашро хонд ба бедорӣ ва ё хатареро пай бурд. Яке афшонд

хешро. Нигарист ба зер, ки хеле жарф метофт ва асбон ба чашмаш чу харгӯш метофтанд. Ӯ ба шикор нафаромад. Балки чу-чу садо дардод ва акси садояшро гӯш дод.

Диққати сарлашкарро рабуд. Аз Мақдуниё то ин ҷо бисёр уқобоне ранга дида буд, ҳатто уқобони сарсапед, синасапед, саропой сапедро, аммо чунин сиёҳи мойил ба рангҳойи ҳархеларо бори аввал мебинад. Шояд аз дурӣ ба чашмаш чунин тобад ва шаъшаъайи хуршед чунин рангҳоро ба ин мурғ арзонӣ дорад. Ба ҳар ҳол Искандарро хуш наомад, ки чаро ин мурғ ин қадар бо виқор аз он баландӣ нигарад ӯро: «Ин мурғ набувад. Рӯҳи Спитамон бувад, ки аз он баландӣ садо дода маро масхара дорад.»

Баланд, ниҳоят баланд маъво гирифтааст. Тир нарасад то он. Ва баромада ҳам нашавад. «Кишк гӯед онро! Парронед!» Аммо садойи хаёлийи ӯро касе нашунавад. Баланд. Болотар аз он касе натавонад будан...

Искандар сар боло карда ва кулаҳхӯд бо дасти чап дошта, нигарад шаххҳойи баланди дами уфуқ пӯшидаро ва надонад чӣ карданро. Ҷо-ҷо, ки хока дорад, сабза дамида дар танайи шах. Ҳайратовар метобад меҳмонони раҳи дурро. Гули сапеди бодоми талхак, гули баҳмани сапеду зард, сияҳгӯшу наврӯзӣ, ки доманаву тани шаххову канори роҳро ранга гардонида буданд, омадаҳоро ғариб метофт. Калтакалосҳои монанд ба сусморҳойи биёбонӣ тани сангу шаххоро чолокона тохта, зери сангҳо мешуданд ва ё тори сангҳо сар баланд дошта, ҳаму рост нағма мекарданд. Инҳо сиёҳранганд мисли ин шаххҳойи ё аз тафси худ ё аз ғами мардум сӯхта. Вале шоҳи сисоларо ҳеҷ яке аз ин чизҳо ҷолиб набувад. Диққати ӯ ба ин кӯҳи баланд ва шаххҳойи сахту сиёҳ, ки ғор дар кучост ва одамонаш кучоянд.

Шохи буз хорад, кӯши шубон кобад. Аз тор пинҳоншудагон ба тамошойи сипоҳи ҳайрон нигаристанд. Ё ҷосус буданд ё ҳавасманд ва ё гӯл, ки дар чунин вазъ худнамойӣ карданд. Пасон садойи қаҳқаҳа омад.

Искандар гуморид, ки ӯро ханданд. Шармзада вонамуд кард хешро. Лекин ҳаяҷоне ғулғула дошт дар мағзу дилу хун. Дандон ба ҳам сойид, чашмони ҳаросонаш роҳ меҷустанд. Модом ки онҳо дар он баландиянд, роҳе ҳаст. Рост рафт, роҳ ҷуст; чап рафт, роҳ ҷуст, пайроҳае наёфта, сарбозонро фармуд, то роҳ пайдо кунанд. Садо омад аз боло:

— Ай Искандари хунхор! Баройи ба ин баландӣ расидан туро пару бол бояд!

Суғдидоне Искандарро тарҷума кард нарму мулойим. Чун ӯ пару бол бароварда ба ин баландӣ расиданро шунид, ғазабаш афзун гашт, ки таҳқир кунад. Гирди Бусефал гашт. Уқобро нигарист ва хаёлан парвоз кард ба он баландӣ. Тир мезаданд онҳо. Тирашон хазони бодовар барин дар ҳаво бозӣ мекарду парвози дур

надошт. Баъд як деви болдори афсонавӣ пайдо шуд, ки ашкаш аз паси сараш буд, як чашм пасу як чашм пеш. Искандар чун қаҳрамонҳойи асотирӣ аз ашки бузурги паси сари ӯ дошт ва шамшер кашида пару болашро зада мутта кард ва сар дод ӯро. Чун донайи чаҳормағзи кӯрак, ки зоғон аз ҳаво бар санг андохта, шикастаашро ҷӯянд, раҳо кард деврo. Ва ӯ лӯнда гашта ба шахи чукка зад ва шахи тез чун сихи кабоб аз тахтапушт сар баровард.

«Ваҳ-ваҳ-ваҳ!»

Аспи Искандар сайҳа кашид дар ҷавоб, ҳушёр кард соҳибро. «Саворат шавам, бол мебарорӣ, ҷонвар?» аз дил гузаронд Искандар ва нигарист ба шахҳойи пасту баланд, ки чун дарахти азиме шох-шох руста бошанд; ҷо-ҷо зина-зина, дандонадор, баъзан обшуста, шӯшабастайи монанд ба адраси ранга, ба атласи сиёҳу сапед. Вале дар соҳили дигар кӯҳи Чилдухтарон. Раҳорaҳ ҳикояйи чунин кӯҳҳоро Коллисфен борҳо шунида: «Бегонагон тохт овардaнд замоне. Ҷабру ситам зиёд шуд русто ба русто ва духтарони суғдӣ чиҳил тан аз шаҳр баромада ба ин ҷо омадаанд ва даст ба даст гирифта, Ҳурмузди бузургро зориву тавалло кардаанд, ки то ба дасти ин золим гирифтор кардана, беҳ, ки моро санг гардонӣ. Ва дуову зорийи духтарон мустаҷоб гашта, чиҳил духтар ба шакли санг гаштаанд ва «Чилдухтарон» ном гирифтаанд.»

— Онҳо (ба ғор ишора карда) чунин дуову дархост накунанд? – пурсид аз ҳамраҳонаш.

Эшон китф дарҳам кашиданд.

«Ай Зевси баррок, падари ман, мадад бикун!»

Дар замираш ғулғула зад ин зорӣ ва донист, ки чандин сол боз худоён ва нимхудоён, ҳатто падару модар ва устодро ёд наоварда буд ва ҳоло ба танг омада, ки фарзанди худоёни Осмону Замин Зевси тавонойи худовандкушро ёд меорад.

Скифе пеш омад:

— Дар ин ғор аъёну ашроф ҷой гирифта.

— Роҳ куҷост?

Марди кӯсайи скифӣ ба пояйи шах рафт ва чун раҳнамо часпида баромад.

Искандар чунон ки сипоҳ бозмедошта бошад, даст аз сари китф боло кард. Марди скифӣ боз фаромад.

Бусефал сум мекӯфт, даҳана мехойид, ҳарф зада наметавонист. Искандар зиёд мехост, чизе гӯяд ҷонвар, зеро ҳайвонҳо зирак мешаванд, он чӣ онҳо пай баранду фаҳманд, соҳибонашон дарку эҳсос накунанд.

Коҳинро пеш хонд Искандар ва фармуд асбоби беқарорийи асби ӯро гӯяд; инчунин пешомадро муайян кунад.

— Шоҳо, асби шумо таассуф мехӯрад, ки бол надорам, то соҳибро ба он баландӣ барорам.

— Чора чист?

— Шоҳ осуда бошанд... Кӯҳнавардон лозим, то шабҳангом ба он баландӣ бароянд. Роҳ аз болост, на аз паст.

Ин замон пиёдагардони мақдунӣ низ расиданд. Офтоб ғуруб мекард. Искандар саф орост пиёдаву савора ва амр кард:

— Ҳар кӣ кӯҳнавардӣ донад, гоме пеш шавад!

Сесад нафар пеш омаданд. Дар партави нури офтоби андар қуллаҳо аксандоз рӯйи онҳоро Искандар медид. Як бор гузашт пешашонро гом зада. Пасон фармуд:

— Вазифайи мо шабҳангом ин шахро ишғол кардан. Касе пештару болотар барояд, даҳ талант зар подош хоҳад гирифт; касе аз паси ӯ, нӯҳ талант!

Гӯйӣ суғдиёни ғор нимашабон кӯч баста бошанд, Искандар осема кӯҳнавардонро ба шах рост кард. Дере нагузашта фарёди онҳо пайи ҳам меомад. Кӯҳнавардони нобалад чу ғӯраҳойи норасида зер меомаданд. Аввал садойи талвосайи ҷон, баъд зарбу овози ба замин заданашон меомад. Бархе дод мезаду дар хаволӣ ва чокиҳо андармон мегашт, ё аз шах ба шахе мезад.

Хуршед дар сари қуллаҳойи муқобил теғ кашид. Искандар аз амалиёти бебарори имшаба хешро мағлуб ҳисобид. Чанд тан боз дами ғори баланд омада мақдуниёнро масхара карданд:

«Болат куҷо шуд, Искандар?»

Искандар посух нагуфт эшонро эътиборе надод, балки суғдӣ меҷуст аз миёни бардаҳойи сипоҳи хеш:

«Ту суғдӣ ҳастӣ?»

«На, бохтарӣ!»

«Ту чӣ?»

«Суғдӣ.»

«Ту?»

«Ман низ суғдӣ.»

«Ту ҳам?»

«На, юнонӣ.»

Ва аз суғдиёни асиру барда дастае орост Искандар. Дастур дод, хоста эълон кард:

«Даҳ талантӣ ба ҳар кадоми шумо. Чашми рӯз накафида, тори ғор бошед.»

Вале суғдиёнро танҳо нагузошта, аз мақдуниён чашму гӯш ҳамроҳ кард ва шаби дигар ҳам нигарони амали онон шуд.

Посе гузашт аз шаб. Ҳама ҷо хомӯшу ором. Танҳо садойи чучуйи уқоб меояд ва гоҳ-гоҳ чак-чуки ба санге бархӯрдани сангпорае. Кӯҳнавардон ғорро дид карда аз ду ҷониб шахро рост шуданд, то мавзеъро дар иҳота гиранд.

Искандар аз доманайи кӯҳ дур намерафт. Ҳар як садоро бадиққат гӯш медод ва чизи афтидаро муайян мекард ва мешумурд. «Зиёд шуд, зиёд афтиданд сарбозон.» Ҳама меҳру муҳаббат ва дилсӯзийи хешро чунин ифода кард ӯ ва заҳрханда зад: «Талант,

ҳама бало талант... Борои он ҷонро дареғ надоранд. Бузургтар аз ҳама...» Аз дил гузаронд ва аз чӣ рӯ ба Шарқ лашкар кашиданашро ёд оварда, сурфид. Сурфид, то касе чизе пай набарад.

Касе бозпас наомад, то Искандар донад, ки чӣ ҳол доранд. То рӯз қадам зад дар доманаи кӯҳ.

Чун чашми рӯз кафид, шахпаймоёни кирояро дид, ки болотар аз қароргоҳи суғдиён баромада, нигаронанд фармони сарлашкарро. Искандар чизе нагуфт, ишорае накард, бал менигарист сӯйи ғор, намедид касеро. Садойи ханда намеомад, таҳдиду тамасхур ва кинояе набуд. Танҳо уқоб зайле ки дӯш нишаста буд, сари шах аст, чунон ки шиҳеш баста бошад.

Нафаре шубон бо қадоба омад ва дидбонҳо ӯро назди шоҳ оварданд. Искандар ишора кард. Ӯ асли воқеаро надониста, пиндошт роҳи ғор меҷӯянд:

«Одамраҳа аз тор бувад.»

Ва ба ишорайи даст фаҳмонд, ки қад-қади рӯд боло рафта, аз тори ғор бояд омад. Искандар дар ёд гирифту пайкро миннатдор шуд ба ишорайи сар ва амр кард дастаро навозанд. Шайпури ҷангӣ навохта шуд, садойи дафу табира баромад. Аз ҷониби суғдҳо ҷавобе наомад.

Ба амру ишорайи Искандар аз тору паҳлӯ иҳота карданд ғорро, буриданд уреброҳаро. Ва чун ба даҳонайи ғор наздик шуданд, тирборон карданд ғориён. Сарбозони мақдунӣ пиндоштанд, ки дар ғор ҳама ҷанговарони суғдӣ; ё боройи фиреб пас нишастанд бо пайроҳайи борик. Ғориён шерак гашта ба ҳуҷум гузаштанд. Пасон аз паси онон ва тори ғор бардаҳойи мақдунӣ суғдиёнро нишон гирифтанд ва ҳатто аз тор сангҳо рехтанд. Ғориён маҷбуран пас гаштанд ва андар даҳонайи ғор оварди хунине шуд. Шамшеру сипар ва жӯпину акинак кору кора мекард ва аз бора ба зер афтодани размандагон дида мешуд ва дар сари шахҳойи чукка, рӯйи харсанг ва буни шахчаҳо маъво мегирифтанд.

Чун занони суғдӣ диданд, ки мардон ба ҳалқайи танг омадаанд, мардонапӯш ба майдон омаданд. Садойи шамшеру сипар, жӯпину хӯдҳойи ба сангҳо бархӯрда, овози мирандаҳо, захмиҳо аксандоз буд андар шахи Ориёмаз. Ва тори сари уқоби сари кӯҳ каргасҳо пайдо гашта хайлу сайл ҷувозак мегаштанд.

Сияҳпӯши шамшерзан аз даруни ғор танг кард мақдуниёнро. Касе натавонист ҳамнабард бошад бо ӯ. Чун сипоҳи Искандар зиёд буд ва боз дам ба дам мададёрон мерасиданд, ғориёнро ёройи пархош намонд. Сияҳпӯш бо шамшерзанони душман овард карда, дарунтари ғор шуд. Ба назар адӯро мефирефт. Андар дами ғор мақдуниён мардони суғдиро куштаву асир гирифта, ба шиканҷа мекашиданд ва суғдиёни бонангу ор пархошкунон хешро меафканданд аз сари бора ба зер. Ва касе аз пайи мурдаву зиндайи эшон набуд.

Ҳай ҷувозак мегаштанд лошахӯрон.

Мақдуниёни пирӯз даруни ғор шуданд. Занону духтарони зиёд ба фиғон омаданд. Зани Спитамон зара ва писари ӯ Ардашер низ он ҷо буни санге паноҳ гирифта буданд ва модар ҳар гоҳ омода буд, ки хешро ба дами ғор расонад ва аз дасти писар дошта ба вартайи ҳалокат андозад. Аммо аз буни торики санг ҷунбидан муҳол буд.

Сияҳпӯш афғони занону духтарон ва тифлонро мешунид ва баробари шамшер рондан фикр дошт, то чӣ кунад. Ҳамайи онҳоро аз дами теғ гузаронида натавонад. Фурӯтар рафт дар торикӣ ва ҷанговари мақдунӣ низ шамшер мезаду бар асари ӯ мерафт, то ҷое ки дигар якдигарро намедиданд. Сияҳпӯш дастмол хами санг омад ва онеро, ки пеши тирарӯшаниро мегирифт, шамшер зад. Дигаре омад ва беохир. Сияҳпӯш донист, ки ҷуз мурдан ё асир афтодан чорае нест, пинҳон шуд. Касе ӯро намедид дар торикӣ.

Ғалмағал шуд даҳонайи ғор. Искандар омада. Ба ӯ гуфтанд торикийи ғорро. Искандар фармуд машъала афрӯзанд. Машъалаҳо афрӯхтанд. Аввал чанде ба дами ғор андохтанд, ки ғорро оташ мезада бошанд. Машъалбардорон пешопеш ва ӯ аз пас вориди ғор шуданд ва Искандар дид, ки зану духтарони суғдӣ аз сипоҳи ҳамроҳ ба ин ҷо овардааш изофа бувад. Ва ӯ менигарист ба зани порсийи писардор. Дарёфт накард. Чун пешгаҳтар рафт, ӯро фаҳмониданд, ки сияҳпӯше даруни ғори торик пинҳон шуд. Ва шоҳи ҷавон ҳама чизро фаромӯш карда аз пайи дарёфти ӯ шуд. Дар равшаноийи машъал сияҳпӯш якбора аз паси санге баромад ва қад ба қад шуд бо Искандар. Нафису чолок буд ва Искандарро дар ҳайрат гузошт, ки қаҳрамонони асотирийи юнонӣ бошад. Шамшер мезад бо Искандар ва ҳар гоҳ ки шӯълайи машъала аз боди набарди онҳо хира мегашт, сияҳпӯш хешро паси санге мегирифт. Ва дар сари ӯ фикри наҷоти занону духтарон буд.

Чун машъалайи тоза фурӯзон гашт ва ғор равшантар бишуд, сияҳпӯш шамшер бар санге заду афканд ва кулаҳхӯд аз сар гирифт, ки зулфонаш бар қадди ниҳоли ӯ кашол шуданд ва Искандар даст аз набард боздошт. Ба як нигоҳ волаю шайдойи ҷамоли ӯ гашт. Даст боло карду пушт гардонд, то ҳамраҳонаш орому осуда бошанд. Низ шамшер андохт:

«Ай духти суғдӣ! Бидон, ки чунин размгоҳ баройи ман набувад. Ва ман бо занон овард накунам...»

Духтар теғ кашид аз зери чашмбанд ва бардошт онро. Ба назари Искандар ғор равшантар шуд ва чашми ӯро рабуд. Сипоҳро фармуд: «Бароед! Бароред!!!»

Баромаданд. Духтар монду шоҳи ҷавон:

«Бо ту оҳанги ҷанг надорам. Бигӯй, ки кистӣ ва аз кадом дудмонӣ?»

Духтар посух надод ба пурси шоҳ. Ҳанӯз ҳам теғи нигоҳ мекашид. Искандар ханҷари зери камарбанд хастайи ӯро дид ва ханҷари хеш кашид аз наём. Духтар низ. Ва афканд ба хок. Искандар низ. Искандар хандид. Духтар ҷиддӣ буд.

«Кистӣ ва духтар киростӣ?»

Духтар заҳрханда кард, ки пурси содалавҳона кунад шоҳи ҷавон. Ӯ даҳон пур мекард, то чизе пурсон шавад аз шоҳи ҷаҳонгир, забон мегазид.

Дерёз истоданд рӯ ба рӯ ва Искандар ҷуз ному насаб чизе намепурсид. Муродаш ба забон овардани духтар буд ва донистани зану фарзанди Спитамон. Оқибат, чунон ки аз санг шарора хезад, духтар ба забон омад:

«Ай родмард! Чаро хунхорӣ?!»

Акнун Искандар хомӯш буд: зеро чашмдор набуд, ки духтар чунин пурс кунад ва нисбати ӯ чунин нафрат дошта бошад.

«...Магар пешайи дигар надорӣ?!»

Искандарро зуъм гирифта буд ва то ҷое ғазаб.

Духтар боз пурсид:

«Чаро касби устодат Арастуро пеша накардӣ?»

Искандар сар боло кард. Нигарист ҷиддитар:

— Устоди маро аз куҷо донӣ?

— Ҳама донанд Арастуро... Хирадмандро.

— … бале, ҳама донанд хирадмандийи ӯро... Вале ман касби падар пеша кардам.

— Ҷангҷӯйӣ... Хунхорӣ?

— Саҳв кардӣ, духтар... Ман хунхор наям... Кишваркушоям...

— Баҳ-баҳ!!!

—... Ҷаҳонгирам...

— Баҳ-баҳ!!! Чунон ки ҳолиё?

— Бале. Чунон ки ҳолиё!

— Ва ин кишвари тираро низ кушодӣ?

— Оре... Ва туро ёфтам...

Ҳар ду хомӯш монданд. Духтар алам тоза кард:

— Нааа... Дар ҷаҳон ҳама кишварҳо кушодаанд. Аммо аз ҷониби бегонагон забт накардаашон ҳастанд. Ту ҳоло ин корро кардӣ: баройи хеш ин ғорро пайдо кардӣ. Вале ин ҷо симу зар набувад. Ҷуз санги сахт чизе нест... Лоф мазан, шоҳи ҷавон. Дар ин гетӣ ягона писаре, ки ба падар рафтааст, ту ҳастӣ...

— Бойиси ифтихор бувад: писаре, ки касби падар пеша накард, хор шуд.

— Бидон, ки кори падари ту касб набувад. Ҷангҷӯйист; одамкушӣ, хунхорист... Магар ин касб бувад? Бойиси ифтихор низ?

Искандар посух надод. Ба андеша рафт: «Таҳқир... Аз касе нашунида чунин; ҳатто аз душманони пурзӯр...» Ба назар ҳолиё

машъалҳо сӯхта тамом мешаванд ва ғор тира мегардад; аз гӯр ҳам тиратар. Вале он қадар сарбозони ду ҷаҳон дар корзорҳо ва обу оташҳо нобуд гаштанд, ки гӯри яке кас надонад. Лашкаркашҳойи бузург низ надонанд. Ва ҳамайи ононро ғун оварда дар ин гӯри азим ҷой мекарданд ва даҳонашро сангбаст мекарданд, чӣ савобе буд. Лошайи каргасҳо низ намегаштанд. Андеша дорад Искандар ва духтар аз дил мегузаронад, ки чӣ меандешида бошад шоҳ. Як машъал сӯхта аз сари санг ба замин афтид. Ториктар шуд ғор. Хуш омад духтарро. Орзу дошт зудтар ҳамааш сӯхта тамом шавад.

Нигоҳи Искандар ба шамшери рӯйи замин. Аз дили ӯ чӣ гузарад, духтар надонад. Нигоҳаш ҳасадолуд ба шамшер мерасад. Ва духтар хоҳад, ки ғор бетак бошад ва хешро он ҷо андозад. Вале машъалбадасте аз омади худ парешон кунад хаёлу андешаҳоро. Шоҳи ҷавон ба худ ояд: «Чӣ ройзане, чӣ доное? Андешаҳойи модари маро гӯяд. Аз ҳама асрор воқиф, аз расму русуми юнониҳо огаҳ. Хонадони моро низ донад.»

«Туро модар бузург, шоҳи ҷавон. Олимпиада... бузургтарин зани олам. Модари шоҳи ҷаҳонгир.»

Искандар аз худ пурсад: «Ин ҳама аз куҷо донад?» Вале натавонад аз ӯ пурсидан. Лаҳзае гетерҳойи соҳибҷамоли ҳозирҷавоб аз ёди шоҳ рафтанд, зеро онҳо ба мисли ин духтари кӯҳистонӣ набуванд; дар ҳусну малоҳат ҳам, дар гуфтор ҳам.

— Духтарони соҳибҷамол, ҳозирҷавоб ва зираку бохирадро дӯст дорам.

— Яъне, гетерҳоро?

— Бале!.. Хоҳам ту низ гетер бошӣ.

— На. Саҳв кардӣ, шоҳзода...

— Ман шоҳам, на шоҳзода!

— Шоҳаншоҳ бош!... Бидон, ки ман ҳамрой ва ҳаммаслаки он сӣ танам, ки сурӯдхонон зери дор рафта буданд.

— Ҳммм... Фаҳмост. Он сӣ танро пӯзиш карда будам, хоҳӣ, туро низ биомурзам?

— На! Маро гузашт мабод! Ман хоҳари он родмардонам.

— Ту духти Спитамонӣ!

— Оре, аз ҳамон хунам.

— Пас зани ӯ куҷост? Пури ӯ куҷост?

— Оварданд, ки Искандар ҳамроҳи Спитамон онҳоро низ қатл карда.

— На!!! Ман накуштаам Спитамонро! Ман надидаам зану фарзанди ӯро! Гуфтанд, ки онҳо дар ин ғоранд!

— Касе дурӯғ бурдааст туро. Онҳо аз наҷоде набуванд, ки дар ғор ҷой шаванд.

— Пас ту баройи чӣ ҷой шудӣ?

— Ман дигарам.

— Дигарӣ? Андаке пеш гуфтӣ, ки аз он хунӣ?!

— Оре, аз хуни суғдӣ, на аз хуни Спитамон. Суғдиён сар диҳанду тан надиҳанд.

— Зӯр ояд, тан низ диҳанд. Ҳарфи зиёд шуд. Биё аз ғор бадар равем, то сӯҳбати дарозоямон бойиси маломат нагардад.

Духтар ба андеша рафт. Искандар ба фикр: «Дунё ба шамшер гирифтам, дилҳо ба сухан. Ва ин духтарак маро гӯл заданист.» Ва духтарро мотшуда пиндошта гом зад сӯйи равшанойӣ. Духтар ҳанӯз банди андеша буд ва чашм аз пеши пой канда натавонист. Искандар баргашт ва рӯ овард ӯро:

— Хоҳӣ чу асира барандат?

Вале посух нагирифта ғалмағал шуд дар беруни ғор. Искандар шитоб баромад. Духтар низ бо тааҷҷуб омад. Ҳама мегуфтанду ба пастӣ менигаристанд, оҳу воҳ доштанд:

«Ҷабр шуд. Модару писар.»

«Касе намонд аз оли Ҳахоманишӣ...»

«Ардашер чунон монанд буд ба Спитамон, ки як себи дукафон.»

Духтар дарёфт ҳамаро, ки зану фарзанди Спитамон тоб наоварда, якҷоя ба варта андохтаанд хешро. Ашк рехт, аммо чизе нагуфт Искандарро...

## БАНДИ ҲАШТУМ

Асир гирифта буданд ҳамаро. Занону кӯдаконро мебурданд, пиронро касе кор надошт. Мардони қайсару гарданшахро мусла мекарданд ва меафканданд баройи каргасҳо. Ориёмазро даст баста буданд ба пушт.

Қоф: Ин туйӣ, пирхар?

Ориёмаз посух нагӯяд.

Қоф: Искандар ду бор маро назди ту фиристод, ки солортарӣ, соҳиби ин ғорӣ, мардумро ба сулҳ хонӣ...

Ориёмаз: Магар сулҳи шумо чунин бувад?

Қоф: Айби худат, пирхар! Агар он вақт розӣ шуда будӣ, ҳолиё ҳама озода буд.

Ориёмаз: Шинохтам ту мочахарро. Пури Ортабози ватанфурӯш. Искандар домодам, гуфта, аз баҳри ватану, халқу нангу номус гузашт кардӣ… Вагарна ту кучҷову фиристодайи Искандар шудан. Баройи он туро назди ман фиристод, ки забонамон якест. Вале надонист, ки диламон дигар аст.

Қоф пушаймон шуд аз гуфта, ки пеши мардум шармсораш кард. Дашна кашид аз миён. Доштандаш.

Баройи зану фарзанди Спитамон Искандар ғам хӯрад:

«Ҳама кӯшиш баройи он буд, ки писари ӯро бинам ва ин тухми охиринро ба Юнон бурда сабз гардонам.»

Ханда.

Ориёмаз: Маро низ сабз гардонӣ, Искандар?

Искандар: Туро Қоф сабз хоҳад кард!

Ориёмаз: Пас ман беҳуда бо ӯ тую ман кардам. Гумонам ӯ танҳо фиристода бувад, ӯ ҷаллод низ ҳаст?

Искандар: Оре, пир... Он ту нестӣ, ки аз баландӣ маро бол «хостӣ», то наздат бароям.

Ориёмаз: Масхара набуд, туро болдор дидан хостам ва Қофро думдор.

Ориёмаз дид, ки онҳо чандон ба суханаш аҳамият надоданд, афзуд: «Ана он хел, мисли каргасҳо...»

Безобита гашт Искандар. Ин замон духтари сияҳпӯш миёни асиронро бурида ва сипоҳиёнро тела дода гузашт. Ӯ падари хешро меҷуст:

— Ай родмард! Чӣ карданд бо падари ман, ки миёни мардум набувад?

— Ман падари туро нашиносам. Магар ин нест, ки даст ба пушт баста?

— На. Ин Ориёмаз бувад; ашрофзодайи суғдӣ, сари ин қабила. Падари ман асилзода.

— Зардуштӣ? Оташпараст? – пештар омада пурсид Искандар ва хуб ба чеҳрайи пирмард нигарист, ки сари Спитамонро монад. Чеҳрааш чеҳрайи сари бурида, ки оварда ба гардани ин марди нуронӣ дӯхта бошанд. Солаш фарқ кунад ва мӯйи сапедаш.

Ва гоҳе ки пирмард сар афшонда сухани шоҳро тасдиқ кард монанд шуд гурди суғдиро. Вале миёни мардумро убур кардани духтар диққати Искандарро рабуд. Ишора кард, то аз мадди назар дур нашавад. Духтар падар меҷуст ва ё бо найранге аз миёни тӯдайи касони афтам-наафтам дар роҳи борику лаби бора истода, гузашта, қасдан баъзе сарбозони мақдуниро тела дода, ба озодийи кушод баромаданӣ буд, аммо оҳанги нияти ӯро ба шоҳ расониданд ва ҳамон замон амр кард, то боздоранд. Чунин рафтори духтар ёди зану фарзанди Спитамонро аз сари Искандар бурд.

— Оксарт гуфтӣ падаратро?

— Шумо гуфтед, Оксарт. Ман ёд гирифтам. Аслаш Рӯзбеҳ.

— Номи худат чист?

— Ман ном надорам.

— Чӣ хел?

— Ошхӯри нонхӯри ҷомадаррон...

— Девона гӯям, девонаро намонӣ... Якрави гарданшахи суғдӣ!

— Ёфтӣ, номам низ чунин.

— Агар ном надорӣ, туро ном гузорам. Хуршедро монӣ.

— Ёфтӣ. Чунин.

— Хуршед?

— Рахшон.

— Монанд... монанд... монанд... Рахшон! Ман падаратро пурсам, ки бо розигийи Урмузд туро насиби ман гардонад, чӣ гӯйӣ?

— Агар Аҳура Маздойи бузург розист ва маро лойиқи ту донад, ҳама мувофиқанд. Лек Аҳура Маздо ба ин кор розӣ нахоҳад шуд, зеро ту ҳама расму ойини моро поймол кардӣ.

— Чун?

— Худовандони мо дигар-дигаранд. Мо худойи некӣ Аҳура Маздоро саҷда барем, шумо Зевси Баррокро.

— Магар барқу оташ як чиз набувад?

— Монанд, вале ҷудогонаанд. Мо сулҳу оштӣ хоҳем, шумо ҷанг ҷӯед.

— На, саҳв кардӣ, Рахшон. Порсҳо Юнонро зеру забар карданд. Отинро оташ заданд. Ҳамаро рабуданд. Мо сӯхтанро аз эшон омӯхтем.

— Пас шумо қасди порсиёнро аз суғдон ситонед?

— Чӣ фарқ дорад? Ҳама аз Офтобнамоед!

— Рост гӯйӣ, ҷаллодро чӣ фарқ, ки киро кушад. Баройи ӯ хун рехтан муҳим бувад, на киро куштан.

Искандар хомӯш монд, ки чаро ин духтар ҳамзабон шуда бо ман. Чун нигарист; рафта ҳама ва чанд ҷондори шоҳ дуртар нигарони Искандаранд. Ба танг омада шоҳ. Хун дамида ба тану сараш. Ишора карданист, ки бибаранд ин духтари рӯйинатанро. Чизе забону чашми ӯро аз ишораву фармон боздорад.

— Ай родмард! Агар расам туро, аз ҷангу ҷидол даст кашӣ?

— Ман шоҳам, ту – асира. Ман бояд шарт гузорам, на ту.

— Дар ойини мо шартро духтар гузорад, на шоҳ.

— Шарти ту шарт набувад, Рахшон, зеро ман писари худоён – Зевс ва Аммонам. Онҳо ваҳй дода маро, ки ҷаҳонгир шавам. дар ҳама нуқоти рӯйи замин сухани ман пеш бошад. Пас чӣ гуна сухани худоён ба хок занам?

— Пас нерӯ бояд ба кор бубарӣ!

— На! Духтарро зӯрӣ кардан кори бозуйи ман набувад!

— Пас чӣ бояд кард?

— Ман туро чун маликайи суғдӣ хоҳам пазируфт.

— Дину ойини суғдӣ низ хоҳӣ пазируфт?

— Оре! Ман пазируфтаам ойини шуморо...

Ғалмағали сипоҳу асирон чун ғавғойи каргасҳо мағзи Искандарро хӯрд. Дар фазойи кӯҳи Ориёмаз дер гирд гаштану давр задани онҳо дилгираш кард. Гумонаш, ҳолиё рӯ ба рӯ меоянд, пеши чашмашро мегиранд ва Рахшон ғайб мезанад; онҳо чанг андозанд, пушти болашон нишонанд, баранд ба ҷое, ки пойи одамизод нарасад. Шоҳ нахоҳад ин маликайи хубонро аз даст додан. Хаёл дорад; ҳама чиз баҳона буд баройи ба дидори ин паричӯҷа расидан. Қомати мавзун дорад, сияҳҷурда, мӯяш зиреҳу

қатронӣ; чашмони ғизолӣ ва мижгони дарози баргашта дорад ва гардани фароз. Даҳони пиставу дандони раддайи сапеди симзадааш ҳазор духтар.

«Кишк!»

Дар хаёлаш чунин рӯй дод, ки каргасҳо ба сараш ҳуҷум оварда бошанд. Дар асл мурғон баробари қуллаҳо ва сари шаххҳо пар мезаданд. Акнун рафтани одамонро дида ҳалқа-ҳалқа давр гашта паст мефаромаданд ва пару бол ҷамъ карда сангосо ба қабати шаххҳо фурӯ мерафтанд. Соли шашум аст, ки Искандар аз гӯшти одамӣ ин мурғони бадафтро сер мекунад, вале онҳо сипосгузориро намедонанд.

Ва марди банури аз ташвиши айём андаке лоғаргашта ва зери чашмонаш обилаосо дамида пайдо шуд пеши онҳо. Ришдор, озодалибос. Ва Рахшон баробари пайдо шудани ӯ худро сӯяш андохт:

«Падар!»

Искандар асилзода будани ӯро аз забони духтар шунида буд ва яқин кард, ки дурӯғ нагуфта. Солор ва салавоте дорад.

Искандар сабук ва боодобона таъзим кард чун шоҳзодагони таълимдида, ки одатан назди шоҳдухтарон чунин майл кунанд.

— Шодбош мегӯем шоҳзодаро!

Искандар ба таъзими хеш табассум афзуд, ки мард низ чун духтар ӯро шоҳзода медонад, на шоҳ. Чун вақти гила ва ё ройзанӣ набуд, ӯ иддао кард:

— Эй марди накӯ, Оксарт! Чун ин духтар бузург кардӣ, ки ба чашми шоҳзодагон нахӯрд?

— Чаро? Овозайи ҳусну ҷамоли духтар аз Қоф то Қоф рафта. Шоҳзодагон донанд. Чун шарти духтар гарон аст, омадагон пас нишинанд.

— Чун бувад шарти духтар?

— Довталаб аввал ойини мо пазирад...

— Пазируфтам...

— Дуввум: аз дижи Ориёмаз то дижи Ҳурон роҳ кушояд ба зери замин...

— Пазируфтам...

— Саввум: ҷангҷӯ набошад...

— Пазируфтам... Аммо Рахшон дар борайи ғори Ҳурон чизе нагуфт.

— Рахшон донад, ки кори сангин вақти зиёд талаб кунад. Чун шоҳзода...

— Шоҳ!

— Оре. Чун шоҳ раҳгузаранд, ӯ чизе нагуфта.

— Се шарти ӯ пазирам ва амалӣ гардонам. Вале бигӯй, ки ғори Ҳурон дар куҷост ва чӣ ғорест?

— Дар қаъри замин бувад. Девону ҷинҳо дифоъ кунанд онро.

— Ай асилзода! Асир гирам то он замон турову духтаратро ва озодӣ бахшам?

— Рой туроcт. Агар шарт ба ҷо ояд, Рахшон ҳозир аст равшан кунад хонаи шоҳи мақдуниро.

— Ай асилзода! Бигӯй, ки ягон каргас уқоб шудааст?

— Нашудааст? Аммо кӯшидааст, вонамуд кардааст, ки уқобам.

— А, Рахшон! Чӣ фармоӣ?

— Аз чӣ бойис?

— Асир дорам ё раҳо созам?

— Рой шоҳрост... Агар ба ҷанги дижи Ҳурон ҳамроҳ гирӣ, хубтар бошад.

Искандар чашмдор набуд, ки духтар чунин гӯяд. Ба андеша рафт. Барзину Гераклро пеши назар овард. Роҳу илоҷу тадбир ҷуст. Садойи Барзин ба гӯшаш расид: «То замоне ки бо манӣ, осебе нарасад туро. Чун маро хор доштӣ, хор гардӣ.»

— Ё Оксарт! Бирав ба хонаат. Ҳар гоҳ, ки талаб кардам, бозовар Рахшонро. Қавли мардӣ?

— Қавли мардӣ!

Чизе наменамуд ба чашми Искандар ҷуз Рахшон ва дижи хаёлийи зери замин. Вале тасаввур мекард, ки чун Тахти Ҷамшед аст ороста ба мармар ва машъалҳо фурӯзон ва зери замин равшантар аз рӯз аст. Ва ба он ҷо аз ин гулҳойи сари роҳ, буни шаххо, зери тармаҳо ва сабзаҳойи канори рӯдбор бояд кӯчонд. Ба хотири Рахшон чунон бояд кард, ки на дар Порс бошаду на дар Юнон.

Шоҳ намехост ба хаймайи хеш ворид гардад. Зеро баъди ҳавойи кӯҳистони Суғд боз ба саропарда даромада пеши ҳаворо ба рӯйи худ бастан маънӣ надошт. Ӯ парешон аст ва ранги рӯй дигаргун дорад, Барзини зирак чизеро пай хоҳад бурд.

— Хуҷаста бод пирӯзийи шоҳ!

Кам рух медод, ки Барзин пирӯзиҳойи Искандарро хушнудона пазируфта ва чунин муборак дониста бошад. Аз ин рӯ сар афшонду чизе нагуфт, ки зани коҳинтабиаташ аллакай дониста пайдо гаштани Рахшонро.

— Ноҷӯр тобӣ, Искандар?

— Бале, андаке. Хаёлам вараҷа маро пайгир аст.

— Магар дилат аз чизе ҳаросид ё...

— На.

— Кӯҳистони махуф, дилам гувоҳӣ диҳад, ки...

— Дилат гувоҳӣ диҳад, ки дар паят ҳастанд?

— Оре, кӯҳистон бунаю камингоҳҳойи зиёд дорад ва кас пай набарад, ки бало аз куҷо ояд.

— Бало? Чӣ гуна бало?

— Балоҳойи осмониву заминӣ.

— Ин чӣ ҳарф аст?

— Аз рӯйи гуфтаҳо андар ин кӯҳистон ғоре махуф бувад бо номи «Ҳурон» ва дар он деву ҷинҳо умр ба сар баранд ва касе бо он ғор кордор шуда зинда намондааст.

— Кордор нашав, Искандар. Зинда хоҳӣ монд.

— На. Ман бояд кордор шавам... вагарна зинда аз ин ҷо баргаштан имкон надорад.

— Ҳааа... Фаҳмидам, ки дар ду ҳолат ҳам зинда баргаштан машаққате дорад.

— Ту оқилаӣ, Барзин, хушбахтийи ман дар ҳамин аст. Вале ҳоло бояд назди гетерҳо биравӣ ва маро танҳо гузорӣ.

Барзин чизеро пай бурда буд. Пеши чашмонаш талотуме, тӯфоне менамуд, аммо аз чисту аз куҷост, равшан нагардад. Пиндошт ҳамин чизро Искандар низ пай бурда, аз ин рӯ якеро эҳтиёт кардаанист: худро ё Гераклро. Ҳарф зиёд накард, ки одати Искандарро медонист. Ҳолиё ӯро ба шӯр овардан маънӣ надорад. Гераклро ҳамроҳ гирифт ва сабзаҳойи соҳили рӯдхонаро тамошо карда ва хаймаҳойи зиёди сипаҳбадону сарфавҷҳоро дида, саропардайи чун дирафши Мақдуниё зарди шоҳро аз назар гузаронида, ба яке аз хаймаҳойи монанд ба ранги хаймайи Искандар даромад. Ланика ба пешвоз баромад.

Шоҳ Искандар сарраммол Аристандрро бихонд:

— Мо бояд дижи Ҳуронро ба даст орем.

Аристандр посух нагуфт, балки ба андеша рафт, чӣ гуна дижест, ки шоҳ чизе нагуфтаву нафаҳмонида, аз забти он ҳарф занад. То ҳол ки дар ҳисоби ҷанговарони кӯҳнавард буд, кулаҳхӯд аз сар гирифт, рӯболо ба паҳлӯ гузошт, андаке нигарист ба он. Чизе надид ва Искандарро гуфт:

— Гӯл задаанд шоҳро. Чунин диж дар рӯйи замин набувад.

— Ман низ донам инро, лекин дар зери замин бувад.

— Зери замин?

— Бале, дар зери замин.

— Духтар фирефта шоҳро.

— На. Ҳаст чунин диж. Аз ғори Ориёмаз то он диж роҳи зери замин ҳаст. Ва ту бояд онро муайян гардонӣ ва дарҳойи бастайи онро кушойӣ.

— На, шоҳ. Дурӯғ...

— Рост! Он асилзода ва духтари ӯ Рахшон дурӯғ нагӯянд.

— Шоҳо! Дар олам касе набувад, ки дурӯғ нагуфта бошад ва ё нагӯяд. Аммо касоне ҳастанд, ки дурӯғ гуфта пушаймон шудаанд ва гӯянд, ки дигар нагӯям. Вале боз гӯянд...

— Туро беройи панд шунидан нахондаам. Агар маро панду андарз зарур буд, аз паҳлӯйи Арасту дур нашуда будам. Бихон ҳама раммолҳоро, ситорашиносонро, коҳину фолбинҳоро... Муайян бикун, роҳ куҷосту чора чист.

Андар айлохи мардуми музофот Искандар хайма зад, то дижи Ҳуронро кашф кунад. Ду канори рӯдбор ҳамворие буд, ки аз Наврӯз то Тир мардум бо молу ҳолашон омада, хаймаву хиргоҳ зада, равғани зарду кашку чакка ҳосил карда танги тирамоҳ бармегаштанд. То омадани мардум пиёзи анзур сабз мешуд, пасон поймол мегашт. Ана дар ҳамин мавзеи хуб сипоҳи Мақдунӣ маъво гирифт, ҳарчанд мувофиқ набуд; ҳам ҷой танг буд баройи лашкари Искандар ва ҳам жолаву боронҳойи сахт ва ҳавойи сард рафъ нагардида. Искандар айни муддао донист ҷойро ва авло шумурд аз Мароқанд рафтан. Зеро пеши назари ӯ табиат зинда мегашт ва дар Истахр ба ӯ фаҳмонида буданд, ки Суғд – биҳишти рӯйи замин. Шоҳи Мақдунӣ ба чизе қаноат накунад. Ба андешайи хеш рӯйи заминро гирифт, акнун зери заминро низ бояд гирад.

Аристандр баройи он ки Искандар ба пешгӯйиҳойи эшон бовар кунад, ҳамаро ба ройзанийи ӯ хонд. Пардасаройи шоҳӣ нагунҷонид ҳамаро, дами пардадар низ нишастанд.

— Роҳ ба куҷост ва чора чист?

Ба чунин пурси шоҳ раммолон ва ситорашиносон арз карданд, ки чунин диж ё ғоре вуҷуд дорад андар зери замин ё жарфное, аммо роҳ надорад.

— Он ҷо кас зист дорад ё девон?

— Касони девсурат.

— Дар куҷо қарор дорад?

— Дар паси кӯҳҳо?

— Паси кӯҳи Қоф?

— Ҳамин тавр...

— Роҳ ҷӯед ва маро намоед!

Андешиданду роҳ ҷустанд ва шоҳро фармуданд:

— Шоҳо, нардбонҳо бояд сохт, ба қуллаҳову сангҳо сахт бояд кард. Чун жарф бувад диж, зинаҳо ба ҳам васл бояд кард ва аз чаҳор самт ба як замон бояд фаромад ва ба ҷанги девон омода шуд. Ҳамчунон ки ба ғори Ориёмаз рафта буданд, шабохун бояд зад.

Ва Искандар фаро хонд ҳунармандонро. Сарбозонро фармуд чӯб пайдо кунанд. Чун аз ин шахзор чӯб пайдо кардан имкон надошт, сипоҳиён фурӯ рехтанд ба арчазорони соярӯҳо ва бешайи дарёобод. Бешаҳойи Согдоро бориданд: ҳама ангату зарбеду сияҳбеду сурхбедро. Аммо чӯби коройи бешаву арчазорон кифоя накард, рему чолбурсҳоро низ буриданд. Ба рустоҳо рафтанд баройи фитроку каманду расан ва ҳар чӣ пашм буду мӯйина, низ рабуданд...

... аммо ҳолиё дараке аз дижи Ҳурон набуд ва ҷояшро муайян накарда буданд. Бино ба гуфтайи Рахшон, аз ғори Ориёмаз то дижи Ҳурон бояд нақб бикананд; ба гуфтан наздик, вале кас надонад дар куҷост. Раммолон дар паси кӯҳҳое донанд, ки истодаанд.

Талоя[1] фиристод Искандар бо ҳар роҳ ба кӯҳҳойи шикан андар шикан. Пӯяндагон ва ҷӯяндагон обҳойи нӯшин пайдо мекарданд ва дучор меомаданд бо даду домҳо, вале пайдо набуд диж. Рахшони нозанинро пеши назар овард Искандар ва худ аз худ пурсон шуд, ки ғараз аз чунин шарт чист? Шояд раҳо хӯрдан аз дасти ӯ бошад. Фикру хаёлҳойи зиёде омад ба сараш ва яқин кард, ки духтар дил надошт ӯро... Вале падар паймони мардона дод.

«Ман Оксартро сатрап хонам, чаро чунин носипосӣ?»

— Биоваред ӯро! Оксартро!

Оксартро биоварданд. Аммо дар қароргоҳи ӯ посбонҳо ва дидбонҳо гузошта буданд, то ғайб назанад Рахшон. Оксарт фармуд:

— Ман низ надонам он дижро ва роҳи равиши онро. Магар шубонон, сайёдон.

Шубонон низ оварданд, сайёдон низ.

Шубоне гуфт:

«Дар паси ин кӯҳҳо кӯҳест сурххок. Аз паҳлӯйи он роҳест. Харкорон бо ин роҳ пайванданд бо шаҳриён ва ғориён. Он ҷо бояд таваққуф кард ва харкоронро пайдо.»

Ҳамчунон рафтор карданд. Харкоре ба харҳо бор меовард. Ба дасти роҳзанҳойи Искандар афтид.

— Ин роҳ то кучо барад?

— То девлох.

Мақдуниён «девлох»-ро макони девон фаҳмиданд ва фармуданд:

— Бинамо моро!

— Дур аст.

— Ин пайроҳа?

— Бале... На! Ин пайроҳа паси кӯҳҳойи дигар барад... барад...

— Бошишгоҳи девон он ҷо?

— Девон? На. Он ҷо девлох, чарогоҳи чорпоён.

— Пас диж дар куҷост?

— Диж? Диж? Надонам.

— Ғор!

— Дар ин кӯҳҳо ғорҳо зиёданд.

— Ғори Ҳурон.

— Ғори Ҳурон... Ғори Ҳурон... Ғори Ҳурон... Надонам.

— Донӣ! Ва он ҷо равӣ!

Харкор нав тарсид ва ларзид.

— Моро ҳамроҳ бубарӣ!

Рӯйи роҳ нишаст ӯ ва сар афшонд:

1. Талоя – разведка, пешгард.

— На. Маро кушанд.

Хандид сарвар ва фармуд:

— Чӣ фарқ дорад? Онҳо кушанд ё мо кушем. Бигӯ!

Харкор чизе гуфта натавонист ва ба пайроҳайи каҷу килеб, ки суми харҳо заминро газида ва канданӣ шуда ба боло зӯр мезад, нигарист.

— Аз пайи харҳо бишавем?

Харкор рост ба чашмони пурсанда нигарист, аммо гуфта натавонист.

Дижи Ҳурон дӯлшакл буд ва ниҳоят жарф, ки дар замонҳойи қадимтар замин фурӯ рафта, чунин шакл гирифтааст ва мардум аз бими душманони ғаддор ин ҷо паноҳ бурдаанд. Ва гӯё чун бӯзинайи хонагийи аз бими гург дар шах зиста, ваҳшӣ гаштаанд. Шояд аз ин рӯ девсурат ном баранд. Ё ин ҳарф аз забони шубонон бошад, ки гоҳ-гоҳ ба рамаашон ҳуҷум оварда молашон баранд. Аз гӯш ба гӯш расад чунин ҳарфҳо, дар биму ҳарос дорад мардумро, ба вижа шубононро.

Роҳ надорад диж. Харкор пас монд ва сарбозон пайроҳаро нишон гирифта омаданд. Оқибат пайроҳа гум шуд. Ҳама ҷой сангзор. Бо вуҷуди он тарҳи ғори гуфтаро дарёфтанд, аммо аз диж нишоне нест. Он чӣ пешакӣ фаҳмонида буданд, ки ба ғори Ҳурон бо нардбонҳо фурӯд омадан имкон дорад, аён бувад. Сарсари девора ва борайи баланд сарбозҳо гаштанӣ шуданд, сарони лашкар нагузоштанд, ки ҳурон ё девон бошанд ва аз омадани онҳо дарак ёбанд, илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ хоҳанд кард...

Ва Искандар даррасид. Мавқеъ ва шакли жарфноро дида Аристандрро офарин хонд, ки нодида илоҷи корро пеш гуфт. Агар ҳар сарбози аз пас омада як нардбони аз чӯбу ресмон сохтаро оварда бошад, хидмати саррамол бувад. Оксартро низ шоҳ ҳамроҳ гирифта, то паймоншиканӣ нашавад. Искандар хайма зад. Се шаборӯзи дигар зинаву нардбон сохтанд ва бофтанд аз химчаҳойи зирку заранг; бо камандҳойи румӣ ва суғдӣ пайвастанд. Ба шаххойи сари бора сахт карданд. Андохтанд ба зер ва нигарон шуданд поси дуввуми шабро. Чун фурсат фаро расид, аз давродаври девораву канорайи замини шишта рехтанд ба мағоки азим ва мунтазир гаштанд кафидани чашми хуршедрову амри сарфармондеҳро.

Дар торикийи жарфно чизе ба назар намерасид ҷуз ситораҳойи ниҳоят рахшону баланд ва як лаби моҳ, ки он ҳам аз чашм мегурехт. Хурӯше набуд, чунон ки ҳаёт набошад. Искандар нишаста андар сари бора аз хомӯшиву торикийи жарфнойи ваҳмангез дилаш раг зад, ки доми тазвир бувад. Бадиққат гӯш дод ба ин даҳанайи бузург ва ҳатто будан ё набудани фиристодаҳойи хешро фарқ накард; нафасе ё хурӯҷе намеомад. Як пой ба нардбони ҳамойили сари бора гузошт ва андешид аз дижу Рахшону падараш. Аз он ки

дар ин маъво бӯйи зиндагӣ нест, донист. Пас печид ба хеш, ки ба ҳарфи духтар бовар кард ва ин қадар оворагист. «Оворагӣ» намуд Искандарро. Зеро муаммо ҳаллу фасл металабид ва хеле мушкил метофт. Вале аз Мақдуниё то рӯдбори Яксарт ва ғори Ориёмаз машаққате надошт; осонгир буд ва сиёҳие ба дили шоҳи ҷаҳонгир наандохта буд. Ин ҷо ишколе ҳаст, асроре ҳаст. «Дар ин девбум базми арӯсийи ту барпо нахоҳад гашт, Рахшон!» Ҳукм кард дар дил ва Оксартро хонд:

«Фурӯд о, пайки зиндагӣ биёр!»

«Шоҳо, ман низ чун шумо бори аввал ба ин ҷо омадам ва надонам, ки ҳаёт ҳаст ё на!»

«Охир фармудӣ: диж бувад, девсуратон буванд...»

«Аз афсонаҳо шунидаам, аммо чӣ донам, ки...»

Баъд дастон ба лаб карнай карда, паст-паст сӯйи жарфно садо баровард:

«Кен!.. Кен!!. Кен!!!»

Ва гӯш дод ё шир-шири ҷӯйборе буд ва сарири ба ҳам сойиш хӯрдани найҳо ё шарфайи пасти по.

«Кеееееен!!!»

Нардбони зери пойи Искандар ҷунбид ва ӯ ваҳм кашида хешро пас кашид.

«Кен?!»

«Бале, шоҳ!» – аз наздик садо омад ва ӯ дар зинаҳойи аввалини нардбон қарор истод.

«Зиндагӣ ҳаст, Кен?»

«Ҷуз ғиҷобайи борик чизе наметобад, шоҳ!»

«Чашми рӯз кафад, ҳамааш равшан мегардад. Бирав, эҳтиёт бош!»

Искандар ба Офтобнамо дида дӯзад, ки дарозтарин шаби умри ӯ кай поён пазирад?

Боди серун вазид. Искандар аз таҷрибаҳойи биёбонгардӣ ва шабравиҳо тахмин кард, ки субҳ наздик бувад. Аммо ин бод мисли субҳи козиб фиребо буд; на он боде, ки ӯ хоҳад. На аз ситорайи Корвонкуш дарак бувад ва на аз Корвонкаш. На аз ситорайи субҳ, ки ҳамеша пеш-пеши Хуршед ояд. Искандари саропо мусаллаҳ ба либосу олоти ҳарбӣ шикебойӣ ва тамкин дода аз даст, осема бувад ва чизеро фаврӣ ба даст овардан хоҳад. Аммо вақту ҷойи ройсозӣ набувад ва касеро чизе гуфта натавонад. Ҷанг дорад фикрану хаёлан бо пардайи тирайи шаб, то пора гардад зудтар, вале қодир набувад ба чунин амал. Дарёфт, ки тавоноён ва зӯроварон ва ялону гурдон низ бе кӯмаки офаридгор ночиз будаанд. Ин замон талабид аз худованди баррок Зевси тавоно: бидарад пардайи тира, мунаввар созад Гардун, то ӯ жарфноро зудтар бубинад, дижи афсонавиро ишғол кунад ва базми арӯсийи Рахшонро барпо гардонад:

«Зевси баррок̣! Худованди рӯшноӣ, каромот бикун!»

Вале аз ҷониби Зевс – падари Искандар каромоте нашуд. Сар андохт писари худо ва ба андеша рафт, ки муддатҳо аз падарон ёд наоварда ва дар роҳи онҳо қурбоние накард, шояд рӯҳашон малул гашта бошад.

Бод вазид ва садои ҷӯйбори зерро гӯшрас кард. Ӯро равшан набуд, ки об аз кадом самт ҷорӣ гардад. Ва яке ба сараш зад, ки ҳоло шоҳро намонад, балки нафареро монад, ки чизи гум накардаашро ҷӯяд. Пасон хешро қаҳрамон пиндошт аз кадом афсона. Боз афсонаҳои кӯдакиву ҷавониии Зевс ёдаш омад, ки дар ғор бузург шуда бар зидди падар – худои Осмон Крон шӯрид. Ё чун Геракли диловар ҷонгарав ба иҷрои шартҳои шоҳ рафта бошад. Ба назараш шартҳои Рахшон сабуктар бувад ба шартҳое, ки назди Геракл барои сабук кардани гуноҳи зану фарзандкушиаш гузошта буданд.

Фикру андешаҳояш парешон, ба назараш андар аъмоқ оташаке намуд ниҳоят дур. Фарқ кардан душвор буд, ки оташак бувад ё аз чашми ҷонваре шӯъла бурун ҷаҳад.

«Дидӣ?»

Ҷондорашро ишора кард Искандар, ки паҳлӯйи ӯ истода буд.

«На. Чизеро намебинам.»

«Оташакро...» – ангушт тир кард ба умқи жарфно.

«На!»

«Ба зер нигар, ба қаър!»

«Намебинам!»

«Кӯрӣ?!»

Ба шиддату оҳанги сухани ӯ гӯё оташак ғайб зад, ки худи Искандар низ чизеро намедид. Чашм наканда, касеро чизе нагуфта ва нафас ба дарун гирифта менигарист, ки шояд боз бинад. Наомад ба чашм дигарбора. Балки ситораи субҳ сар кашид дар фазои баланди машриқ ва сари қуллаҳо як пардаи ғуборолуд паҳн шуд. Жарфно тира буд ҳанӯз ҳам. Искандар ба худ омада хешро аз сари бора паси харсанге кашид, ки дар чунин ҳолат тобад; аз паст бинандаш. Нигарон истод, то аз пас чӣ пайғом ояд.

Шафақ дамид. Ҳанӯз қаър тира буд. Як ғубори хокиранги ноҳунбон чу сарпӯши чоҳ баробари хамёза кашидани пардаи сиёҳи дами субҳ фурӯтар мерафт.

Хуршед рух намуд. Пардаи ғубор пароканда шуд. Қаър тофт. Вале касе наменамуд. Касе зинаро боло шуд. дар нимароҳи нардбон сӯйи Искандар овоз дод:

«Дар диж касе нест!»

Искандар донист, ки диж будааст. Пурсид:

«Кистӣ?»

«Кени сипаҳсолор!»

«Чӣ гуфтӣ?»
«Дар диж ҷонзоде набувад!»
«Магар деву ҷинҳо ба осмонҳо рафтаанд?»
«На! Нишоне натобад!»

Искандар Кенро аз роҳ гардонд, рӯзбонҳову посбонҳоро огоҳ кард, ки ҳушёр бошанд, зеро муаммойи сарбастаро монад чунин ҳол. Пас бо нардбон фурӯ рафт. Жарфно дӯлеро мемонд; даҳонфарохи зертанг. Поёнтар обест пайдо, ки аз қаъри замин фаввора занад. Сард чу ях. Сангу сангчаҳойи таки ҷӯйбор тобад ва бо ҳамон ҷӯйбор ҷорӣ гардад нишебо. Искандар даст шушт, об ба рӯй кашид. Гуворо. Нӯшид. Нӯшид; сари дилашро рӯшан кард.

«Ҳамин бошад Оби Ҳаёт?» – аз дил гузаронд, касеро чизе нагуфт.

Аз карона то карона мерасид диж. Гирдогирд девори баланди гилу сангӣ дошт. Аз зери деворҳо ва дижу хонаҳойи хурд оби чашмайи хурӯшон ҷорӣ мешуд. Дарҳо чӯбӣ ва дудакашидаву сиёҳгашта буданд. Дарҳо андар девораҳойи офтоббарову офтобнишин пӯшидаву кушода мешуданд. Роҳ ва ё хона будани онҳо маълум набуд. Машъал афрӯхтанд мақдуниён ва ворид шуданд якҷоя ба дари хонайи офтобнамо. Деворҳойи паҳни аз танайи кӯҳ тарошида ва хоначаҳойи хурд-хурд дошт диж. Сақфи хонаҳо низ чунон лайс тарошида ва андуда буд, ки гуландоваро мемонд. Хоначаҳо сохтан ҳам беройи нигоҳ доштани шифти он буд. Дар буни девори пешгоҳ ва ду паҳлӯ суфачаҳойи барқад тарошида буданд, ки толори пазироро монад. Тарзи хонасозийи суғдиёна, на хонайи деву ҷин. Зеро бӯрё густурда ба фарш ва шоли пашмӣ низ ҳаст. Пӯстакҳо ва пӯсти хирсу сайд. Андар хонайи шафат низ чунин ҳол, аммо роҳи баромад пайдо набувад. Дари офтобнамо бар кас кашида мешавад. Чун аз дар сар бурун орӣ, пешонӣ ба девор бархӯрад.

Искандари ҳайрон роҳу пайроҳа меҷуст беройи аз ин варта бурун рафтан ва ё роҳи омадшуди онро пайдо кардан. Паси деворҳо гузашт, роҳ пайдо набуд, дилаш раг зад, ки духтари донову маккора Рахшон доми фиреб густурда. Дер ё зуд сипоҳи суғдӣ сари бораҳо пайдо гардад ва ё ғурфаву равзанайи дижро дониставу кушода ояд ва ба сари лашкари ба дом омадайи ӯ резад. «Он асилзодаро биоваред!» Дилаш фарёд зад, аммо худдорӣ кард: «Андаке сабр.» Бурун аз хонаҳо омада ба дидбонҳойи сари бораҳо нигарист. Ором буданд. Бепарво сӯйи диж менигаристанд; хавфе надоштанд. Пайроҳа пайдо нашуд. Искандар коҳинро пайк фиристод.

Аз тарафи чапи даромади дарвозайи соҳили рости рӯдаки аз зери диж равон пайроҳае кашол меёфт. Искандар онро дида шод гашт ва чанде гом зад. Мисхорҳойи кандаву шикастаро дарёфт, ки сари роҳро пӯшида буданд ва гӯё огоҳ мекарданд, ки он сӯ роҳ нест. Ӯ баргашт: ҳам бовар кард, ки роҳ нест ва ҳам бим, ки ҷойи

ноозмуда. Нигарон шуд Аристандрро. Боз дижро аз назар гузаронд ва дарёфт, ки баройи гузаронидани базми арӯсийи Рахшон саҳни зебову фарохе дорад. Шоҳзодайи дар таъсири афсонаву ривоятҳойи асотирийи юнонӣ тарбият ёфтаро хуш аст чунин ҷою чунин манзара. Вале хавфе дорад. Дар ин жарфно барпо кардани базм пирӯзийи душманон бувад. Ёдаш омад, ки падарашро шаби базми арӯсиву теотрравӣ дами дарвозайи теотр кушта буданд. Ӯро монанд ба падар гӯянд ва қазову қадар низ бояд монанд шавад. Ҳолиё бояд эҳтиёткор бошад ва висоли Рахшонро бинад. То омадани сарраммол боз сари чашмайи аҷойиб омад, хеле нигарон шуд ва яқин кард, ки Оби Ҳаёт ҳамин аст ва биҳишт дар ҳамин сарзамин.

Аристандри пешгӯйиро овара ва чашмаро нишон доданд.

— Оби Ҳаёт ҳамин нест?

— Мемонад.

— Деву ҷинҳо чунин ҷойро гузошта ба осмонҳо рафтаанд.

Аристандр киноя пиндошт ҳарфи Искандарро ва фармуд:

— Магар нарафта шавад? Сиёсату зарби шоҳ Искандар аз Қоф ба Қоф рафта.

— Яъне аз дев ҳам Искандар бадҳайаттар?

— На-на! Тавонотар ва зӯртар.

— Офариин!

— Кӣ гуфт, ки ин ҷо дев дорад? Одамонаш девсуратанд. Бузургҳайат ва тарсовар.

— Чаро дурӯғ гӯйӣ, фиребгар? Касе нест он ҷо!

— Ҳаст. Ба чашми шумо натофтаанд...

— Маро кӯр ҳисобӣ?

— На! Шумо биноед. Онҳо ба чашматон нанамудаанд.

— Ту коҳини дурӯғгӯйӣ, Аристандр. Роҳ ҳаст, гуфтӣ, роҳ нест; одам ҳаст, гуфтӣ, одам нест!

— Ҳаст. Шоҳ надидаанд.

— Ман кӯрам!

— На. Дида натавонистаед.

— Пас дар куҷо?!

Аристандр дерёз нигарон монд ба оби фаввора. Як каф об гирифта рӯй шуст ва афзуд:

— Роҳ дорад он ҷо; сарбаста, пурхатар.

— Бинамо!

— Равшан набувад, ки роҳ дар куҷост!

— Маккор!!!

Аз наърайи Искандар диж садо дод ва дӯли замини фурӯрафта моломол гардид ва худи шоҳ низ дам кард; тафсид, сурх шуд. Ӯ бояд коре бикунад, ки дар лаҳзаҳойи косайи сабраш лабрез гаштан мекард. Бахуд буд ё бехуд сахт шамшер аз наём кашид ва ронд... Сари Аристандр бипарид ба даруни об фурӯ рафт андар

фаввора, боло омад ва тани ӯ низ афтид ба об, ки фаввораро бозмедошта бошад. Оне об нафасгир гашта дамма кард. Фаввора рангин омад ва оби ҷӯйбор низ рангин шорид. Пасон об танро бардошт. Аз паҳлӯ сар луппӣ болойи об баромад ва бо ҷӯйбори хунин равон гашт; тан низ равон шуд аз паси сар, ки дошта дар ҷояш мечаспонида бошад...

Ҳанӯз Искандар ба худ наомада сарбозе омад. «Шоҳам...» гуфт чанд бор ва таваҷҷӯҳ накардани шоҳро дида ҳайрон монд ва хомӯш истод. Ба оби хунин нигарист, ки дигарон низ менигаристанд. Ин он сарбозе, ки аввалин ба ғори Ориёмаз баромада, ба ҷойи даҳ толон аз Искандар дувоздаҳ толон подош гирифта буд ва ҳолиё Искандар диққат надиҳад, ки ӯ чӣ гӯяд.

— Шоҳам! Пайроҳае меравад...

Искандар шунид ин ҳарфро ва рӯ овард:

— Куҷо меравад?

— Канори рости рӯдак...

— То куҷо?

— То санги азиме, ки сари роҳ гузошта шудааст.

Искандар ба худ омад ва печ хӯрд дар тани хеш. Андӯҳаш гаронтар гашт. Ва парешону ошуфта ба об нигарист, ки пайдо кунад сари бетан ва ё тани бесарро. Об бурда буд онҳоро ҷудо-ҷудо таки диж. «Хок бар ғазаб!» Пушаймониаш дар андешааш пинҳон буд. Даст сӯйи ҷӯйбор ёзид: «Доред! Пайдо кунед ӯро!!!»

Об хунҳойи каронайи ҷӯйборро шуста буд, вале ҳар ҷо хунҳойи баста тарҳ доштанд ва қатра-қатра нақш гузошта буданд. Аз қатраҳойи оби хуногини фаввора, ки ба сангҳо пош хӯрда буданд як ранги нимҳол хол-хол монда буд. Искандар гирифтори кирдори бад пайғоми сарбозро ҳазм накарда, посухе низ нагуфта. Сарбоз чун аз шамшери хунини дасти шоҳ донист, ки вазъу ҳолат нобоб аст, гоме пас рафт ва хешро дар паноҳи дигарон гирифтанӣ шуд. Шоҳи муғамбир (доғулӣ) ӯро низ дод зад:

— Чӣ овардӣ?

— Роҳ, шоҳам! Роҳ...

— Роҳ? Роҳи диж!?

— На... Пайроҳа, ки рафта ба санги азиме бархӯрад ва гум шавад.

Боз хомӯш монд Искандар ва ба оби равон, қатраҳойи хуни нақшгузошта ва шамшери тези дасти хеш нигарист ва аввалин бор чӣ андешае ба сараш зад, ки шамшер ба ҷӯши фаввора афканд. Як бор ҷило дод шамшери нуқрадастайи алмоскӯби шоҳӣ ва пинҳон гашт.

Клити нозгунҷ, ки аз кӯдакӣ то ҳол ҳамроҳи ӯст, тозон омада Искандарро оғӯш кард ва бӯсид:

— Охирин? А, Александр, охирин касе буд, ки шамшери ту сарашро бурид. Ман хеле мехоҳам, ки охирин бошад.

Искандар чизе нагуфт Клитро. Аммо дар дил гиреҳе баст. Вонамуд накарда, месохт, ки чашмонаш он сарбозро меҷӯянд, ки пайғоме оварда буд:

— Чӣ фармудӣ?

— Шоҳам, пайроҳае бо соҳили рост меравад...

— Ин ҳамон ки ба мисхорҳо бархӯрад?

— Бале...

— Дидам онро.

— На шоҳам, аз мисхорҳо гузарад ва ба санги азиме бархӯрад.

— Бинамо!

Бирафтанд он сӯ. Ҷондори шоҳ чанде гом зад ва дар ҳар қадам даҳон пур мекард, ки бипурсад аз ӯ: «Шамшер аз об гирам ё на?» Шоҳ нафаҳмад хаёлҳойи ӯро. Ҷондор ояд аз дунболаш ва шодмон бувад, ки нашнавад пурсҳойи ботинийи ӯро. «Коҳин ҳамаро пешгӯйӣ мекард, чаро сари бетани хешро як бор надид?» Раҳораҳ мепурсиду посух намегирифт: «Магар навбати ман нест?»

Бозистод Искандар. Хаёлҳойи ӯро пароканд. Шоҳ нигарист ба ӯ. Вай ларзид. Искандар ҳайрон монд ва пурсид:

— Ту нотоб ҳастӣ?

— На, шоҳ!

— Тарсидӣ?

— На, шоҳ!

— Чаро ларзӣ?

— Чизе пурсиданӣ ҳастам аз шоҳ... вале...

— Бипурс!

— Шамшер...

Искандар давоми сухани ӯро гӯш накарда, нописандона гом зад. Ҷондор хомӯш монд, ки гоҳи ғазаб ва парешониаш сухан накунад. Зеро ҷавонишро ҳӯйи бад ёр бувад. Ин дам шоҳ бозистод ва ба ҷондор нигарист: «Чӣ шамшер?» дар сараш тоб хӯрд ин пурс, вале нагуфту андешид, ки ӯ чӣ гуфтанӣ буд?

«Шамшерро пайдо кунам? Ё дигар шамшер ба даст нагирӣ? Сафари Порс бо ҳамин тамом?»

— Ҳоло чизе гуфта натавонам.

Ҳама ҳайрон монданд, ки шоҳ чӣ гӯяд. Худи ӯ низ ҳайратзада буд. Илоҷи кор пайдо накарда боз ба ҷондор рӯ овард:

— Пеш даро! Бинамо, ки роҳ то куҷост!?

Сипоҳӣ пеш даромад. То пайроҳае омад, ки Искандар онро пайдо карду пеш нарафт, зеро сари роҳро мисхор гирифта буд. Сарбоз мисхорро неши пой зада, роҳро кушод ва пасттар рафт. Пайраҳае пайдо шуд, ки мӯрон аз раву ойи зиёд сохта бошанд. Пайроҳа то санги азими абррангу лайс расида, қатъ гашт. Дили Искандар нолид. Зеро ҳамин пайроҳа, чунин санг ва дар зери санги бузурги ноҷунбон нопадид гаштани пайроҳаро сарраммол

гуфта буд: «Ва дари роҳи зери замин бо санги азиме баста.» Ҳолиё Искандар донист, ки шитобу ғазаб чӣ аломатҳойи нохубанд: «Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ?»

Шоҳ атрофи сангро аз назар гузаронд ва роғе надид. Санг тоза ва бечангу ғубор буд.

— Ту тоза кардӣ ин сангро?

Сарбоз пеш омад ва низ сангро аз назар гузаронида ҳайрон шуд. Дигар сангҳоро низ дид; чанголуд ва ғуборгирифта. Ба Искандар нигарист ва ба санги лайс. Пасон ба шоҳ намуданӣ шуда, хам хӯрд ба пойи санг ва наздик нигарист ба пайи лағзидайи санг.

— Шоҳо, мисле ки санг лағзида. Магар ин пайи санг набувад?

Искандар низ сари пой хам хӯрд ва сахт нигоҳ карда, гуфтайи сарбозро ҷонибдорӣ кард ба ишорайи сар ва фармуд сарбозонро тела диҳанд ба зӯри дасту бозу. Чун нерӯманд буданд, онҳо ба як зӯр сангро ҷунбониданд ва оҳиста-оҳиста санги азимро ноҷо карданд ва роғе пайдо гашт ниҳоят тира. Искандар чашм аз даҳана намеканд, ки деву ҷин маъво гирифта бошанд, чун мӯру малах бояд бирезанд. Боз андешид, ки ҳама андарун бошанд, сангро кӣ гузошта андар даҳони ғор? Санг боз лағзид ва даҳони сиёҳи ғор пайдо шуд, ки чунин ҳолро дар ғори (Навид) Бохтар дида буд, ки Бесуси худовандкушро он ҷо маҳкам карда буданд.

«Ҳоло... Ҳолиё ҷанги хунин бояд бишавад. Ана-ана...» аз дилу хаёли шоҳ гузарад ва хешро канор гирад, ки тир назананд аз дарун. Аммо чунон нест, ки аз ин даҳони танг сипоҳ резад. Садое наояд, саре нанамояд. Дарун торик. Машъала афрӯхтанд. Сарбози гармхун пешопеш як-як ворид гаштанд, ки ғор набуд, балки идомайи пайроҳа, ки дар баъзе ҷойҳо қомати расо сар хам карда мегузашт. Хеле рафтанд, нишони зиндагӣ набувад. Паймуданд нақби тӯлониро ва боз бархӯрданд ба санги азиме. Берун тела додани он осонтар буд. Чун бо зӯр сангро якбара карданд, рӯшноӣ даромад ва ҳавойи тоза, ки то ҳол онҳо аз ҳавойи дамзада нафас мегирифтанд. Ва он сарбози шераку пешгард сар аз нақб бурун оварда ба чаҳор самт нигарист; шаххҳойи баланду бегиёҳ, дар баъзе новагиҳойи соярӯ барфи баста ва поёнтар оби равонро дид, ки яқин оби жарфно буд, ки дар охири жарфно зери замин гум шуда аз ин ҷо рӯ мезад. Дуртар рафт сарбоз, поёнтар талу теппаҳо ва фарохно метофт, ки нав ранги заминро сабза пӯшида буд. Ҳамагон баромаданд аз накб. Гумон доштанд ба назди хаймаҳойи майдон мебароянд, вале дарайи ноошноро диданд.

Искандар ҳайрон, ки ҳама пешгӯйиҳойи Аристандр дуруст омад, ҷуз одамони девсурати диж. Онҳо куҷо шуда бошанд? Ӯ бисёр мағз об накард дар ин боб. Аз ду ҷониб посбон гузошт нақби дударро ва баргашта бо зинаҳо баромад сари бора. Оксарти суғдӣ ҳамроҳи ӯ буд.

— Қасос ситониданӣ буд духтарат?
— Чӣ гуна қасос?
— Қасоси Спитамонро!
— На, ҳеҷ қасосе набувад; шарти нангу номуси духтарӣ гузошта.
— Ҳеҷ асира ҳақ надорад шоҳро шарт гузорад.
— Пас чаро шоҳ он гоҳ нагуфтанд?
— Ман туро пурсам, на ту маро!
Оксарт дигар пурсу посух накард, балки ранҷид ва ба дил гирифт густохийи шоҳро, ки аз чизе озурда ва парешон гашта, алам аз ӯ ситонад.
— Диж, гуфтанд, девсуратон ҳаст, гуфтанд, пиндоштам чунон диже, ки ҳама доройӣ ва хостайи суғдиён он ҷо бошад; худат ба чашмат дидӣ, ки ҷуз бӯрёйи ворафта ва дарида чизе нест он ҷо.
— Бале, дидам шоҳ... Ман ҳам чун шумо бори нахуст дидам...
— Дар чунин диж чӣ гуна базми арӯсӣ гузарад?
— Рой шоҳро, агар нахоҳанд, нагузаронанд.

## БАНДИ НӮҲУМ

... Ва базми арӯсийи асилдухти суғдӣ Рахшон ва шоҳи мақдунӣ Искандари Сонӣ оғоз ёфт. Саросари диж шамъ афрӯхта буданд: аз ду дари нақб то даромадгоҳ чу рӯз равшан буд. Андар каронаҳойи жарфнойи Ҳурон, қад-қади нардбонҳойи ҳамойил, сари бораҳо, сари чашмайи фаввоeffected, паҳлӯдариҳойи гиливу чӯбӣ, роҳравҳову кафшканҳо шамъ афрӯхта буданд; тарзе ки Рахшон орзу дошт. Дар саҳни диж, ки сангфарш буд, оташ афрӯхта буданд ва падаҳо сарбасар чида, ки чарс-чарс сӯхта шарора мепошид. Шӯълаву партави он девораҳоро нигорин мекард ва даруни фаввора месӯхт. Се давр гаштанд Рахшону Искандар гирди оташро.
«Ин чӣ маънӣ дорад, Рахшон?»
«Гуноҳсӯзӣ. Оташпарастон гирди оташ мегарданд, то бегуноҳ ба хонайи нав дароянд.»
«Магар мо гуноҳ дорем, Рахшон?»
«Туро надонам, лекин ман гуноҳ дорам.»
«Гуноҳат чист?»
«Гуноҳам ин аст, ки туро ба кеши хеш даровардам.»
«Чӣ гуна?»
«Низ оташпараст шудӣ.»
«Ман дар оғоз гуфта будам, ки мо аз як ойину кеш ҳастем. Оташ аз барқ бувад.»
«Ё барқ аз оташ.»
«Фарқ намекунад.»

Пасон бар суфачае нишастанд, ки барои ҳокиму ашрофзодаҳо месохтанд. Рӯ ба рӯ мутрибону ромишгарон нағмаҳои румиву суғдӣ навохтанд, гӯйӣ ромишгарони чандин вақт боз аз ҳунари хеш дам гирифта ба тааннӣ ба авҷ мерасиданд ва шодмон буданд, ки шоҳ шамшер ба об афканда дигар хунрезӣ накунад ва дар рӯзҳои наздик ба ватан баргарданд.

Искандар шароби суғдӣ мехӯрд, ҳарчанд ашрофзодаҳои суғдӣ ба эҳтироми асилзода Оксарт шароби арғувониии суғдӣ оварда буданд, ӯ майи ноби юнониро авло медонист ва эмин аз ҳар гуна хатар. Оксартро низ пешкаш мекард, то аз шароби юнонӣ хӯрад. Ҳолиё Оксарт аз тарафи рости шоҳ менишаст ва Рахшон аз паҳлӯйи чап, ки ба дили ӯ наздик бошад.

Базм тафсид. Искандар сархуш буд. Бархост ва фармуд:

— Оксарти некдилро сатрапи Суғд мехонам!

Ғуғула боло шуд. Магар ба оташ равған рехтанд, ки аланга гирифт ва равшан кард жарфноро. Садоҳо баланд гаштанд:

«Шод бош, Оксарт!»

«Хуҷаста бод Оксарт!»

«Поянда бод Искандари бемаргу анӯша!»

Искандар фаромӯш кард ҳамаро, ҳатто ваҳми дар жарфно буданро. Гӯё дунё аз они ӯст, касе ҳад надорад ва ё наёрад даст ёзад ба дижу сипоҳи ӯ. Сархуш бархост Искандар. Гетерҳои соҳибҷамолро дархост кард, то битафсонанд базмро. Аввал надонистанд чӣ гӯянд шоҳро, то осуда гардад аз ваҷҳи гетерҳо, сонӣ фаҳмониданд, ки баъзе гетерҳо ҳамроҳи Барзину писараш бозпас бирафтанд ба шаҳрак. Магар шоҳ базми арӯсиву Рахшонро фаромӯш карда буд, ки шерона наъра зад:

— Биоваред онҳоро!!!

Осемасар гаштанд. Касе намедонист кӣ бояд иҷро кунад фармонро. Афтоданд дар такопӯ. Искандар ҳоло ба худ наомада буд ва мағзаш хуб кор намекард, ки чаро гетерҳо ҳамроҳи Барзин рафта. Зеро онҳо унс гирифта буданд ва хубиҳои ин зани зираку доноро медонистанд. Вақтҳои ба набарду корзор рафтани Искандар онҳо ҳамроҳи Барзин буданд ва писарашро чун доя парасторӣ мекарданд.

— Бинвозед!!!

Навохтанд. Вале гетерҳои соҳибҷамолу доно ҳозир набуданд.

Ҳар кӣ сархуш буд, ба майдон омад. Искандари махмур каф мекӯфт, ки гӯё гетерҳои нозанин мерақсанд. Гаштаву баргашта ба Рахшон менигарист шоҳ, то ҳунари онон бубинад ва қойил гардад. Рахшони зирак дарёфта буд ҳоли шоҳро ва сар меҷунбонд, ки қойил аст. Дар амал базми арӯсӣ набуд, балки базми майгусории лашкари Искандар буд, ки арӯс баҳона шуд.

Тӯл кашид базм. Искандар ёд накард аз гетерҳо. Барзину писарашро ҳам напурсид. Балки сархуш буду хушнуд ва даст боло мекард: «Бинавоз!» Ӯ каси азиятдида, шалпаргашта, рӯзгоркӯфтаро мемонд, ки имрӯз ба хушӣ расида, чу оби шӯрхӯрдайи ташнагиаш нашикаста, алорағми ҳама ташвишу нокомиҳо фароғат мекарда бошад.

Баъзе суғдиён андеша доштанд, ки шоҳи бемулк арӯс ба шабистон бурда натавонад, саропардайи шаҳраки ҳарбиро Барзину писараш банд кардаанд, аз ин рӯ шабро дар ин дижи бекасу бесоҳиб рӯз кардан хоҳад.

«Ту беназирӣ, Раксана! Ҳама умр туро ҷустам, дарёфтам... Оби Ҳаёт ту ҳастӣ. Ҷовидона бод Арастуйи бохирад, ки маро аз пайи Оби Ҳаёт фиристод!» Ба назари Рахшон ҳама чиз, ҳама кас бегона метофт. Ҳатто падараш, ки аз ваъдайи шоҳ даҳонаш воз монда ҳадди майгусориро надонад. Диж ҳам, суханҳо ҳам, оҳангҳо низ ҳам бегона метофтанд. Вале дигарон хушнуду хушҳол. Худро ба мастӣ зада ҳама чизро аз ёд додаанд. Баракс Рахшон аз зану фарзанди Спитамон ёд мекунад, ки ҳамроҳ буд дар ғори Ориёмаз ва куҷо шуданд, ки дигар надид. Одат карда буд бо онҳо. Ардашерро навозиш карда мегуфт, ки пайгири падар шавад. Ва пешонабанди ранги офтоб доштаро дар сари писарак аз нав баста, тамошо мекард, ки чӣ банур аст ин кӯдак. Ҳолиё ҳоли онҳоро аз касе пурсида натавонад. Ва касе надонад ҷуз Ардашеру он шубон.

Гоҳи кӯфту лату кушу тираву телайи даҳонайи ғори Ориёмаз зара дарёфта буд, ки ба дасти сарбозони мақдунӣ афтад ва ё Искандар аз савдойи модару писар огоҳ гардад, рӯз нахоҳад дид. Шояд худашро ягон сарбози заннодидайи мақдунӣ ба занӣ гирад, вале писарашро аз хуни Спитамон, охирин тухма аз оли Ҳахоманиш гуфта, шоҳ ба шиканҷа кашад. Зиёд андешид зара. Рӯҳан низ зиёд азоб кашид. Ба таги кору ҳол нарасид. Ҳатто то омадани Искандар шабҳо дар хоб азобу уқубату шиканҷаҳо медид ва хорийи писарро тоқат карда натавониста чун модашер ба душман дарафтид ва подоши амал аз сарбозони омада дид. Доду фарёд зада ҳамаро нороҳат кард ва тарсида хеста, оҳи ҳасрат кашид... Ва акнун андеша дар сари оянда дошт. Аммо он гоҳ, оне ки тира-тира худро ба нодонӣ зада сарбозҳоро низ ба варта меафканданд, ӯ фурсат боб дониста, писар оғӯш карда пинҳонӣ аз чашми дӯстон худро ба варта андохт... аввал ба санге бархӯрд. Писарро боло дошт. Миёнаш шикаст. Ғел гашта ба хамӣ зад. Боз писар боло буд. Ин дафъа тахтапушт зад ба санг ва дамаш дарун афтида, як-ду ҷунбид ва пой дароз кард. Ардашер чизе хабар надорад ва паҳлӯйи модар мурдаосо хобида буд... ё хоб буд ё беёд буд ва ё худро ба хоб зада буд, ки гоҳи як чизи вазнин бар тахтапушташ бор шудан чашм кушод. Як чизи сиёҳи баднамо дар пушташ часпида ду-се бор пойҳояшро бардоштаву монда дурусттар ҷой гирифт. Ва нӯл

дароз кард, ки ба чашмаш минқор занад, бачча ҷунбид ва он паррандаи бадафти сиёҳ бархост. Сахт тарсид бачча ва аз паси он нигоҳ кард. Уқоб медонист онро, вале намедонист, ки каргаси бадният лошахор аст.

Баъд рӯболо шуда гирд гаштани мурғони бадафтро дар фазои баланд, паст, пасттар, сари сангҳо, рӯйи мурдаҳо дида, ҳайрон монд ва намедонист чӣ кор карданро. Ба модари ноҷунбон ва бенафас нигариста ӯро хобида пиндошт ва ба гиря даромад, то бедор шавад. Аммо модар чизеро дарку эҳсос намекард:

«Нана! Нана! Бихез, дер хобидӣ... Ин уқоби баднаморо бубин, тори сарамон мегардад. Минқораш каҷ, чанголаш тез. Воҳимаангез. Худо нишон надиҳад, ки ба чашмам занад... Бихез, нана! Ҳама рафтанд. Э Худо! Нана! Наначон! Ман метарсам! Бихез! Онҳо бисёранд. Сари шаххҳоро нигар. Ҳо зоғҳо барин, ки шохи чормағз менишастанд... Нана! Онҳо рафтанду дигар барнагаштанд. Ту дуру дароз хобидӣ.»

Баъд Ардашер бадани модарро даст-даст кард. Он гармие, ки вақтҳои оғӯш гирифтанаш эҳсос мекард, ҳолиё набуд. Чашмони модар боз, сӯйи осмон менигарад, ба назари писар «уқобон»-и зиёдро, гирду ҷувозак гаштани онҳоро, сангосо сӯйи замин хамиданашонро ва паси сангҳо нопадид гаштанашонро мебинад. Тамошо дорад, аз ин рӯ ба писар чизе намегӯяд. Ҳамин тавр андеша дорад, зеро ҳолиё мурданро намедонад. Шунидааст, аммо надидааст, ки мурда чӣ гуна бояд шавад.

Пасон, вақте ки шув-шуввв аз пеши чашму бари гӯшаш гузаштани мурғонро дид ва дилашро ваҳму тарс фаро гирифт, дигар тоқат карда натавонист. Зиёд дод зад; фарёд зад. Агар чун ӯ ягон каси аз сари бора парида зинда монда буд миёни сангҳо ё садо дода буд ва ё бархоста кашолу молон то ин ҷо расида ва аз сари шаху харсангҳо сар бардошта дида ва ё чизе гуфта буд. Аммо садое нест.

«Нана! Нана! Нана!» аз шах акси садои худи ӯ меояд ва гумон дорад, ки ҷуз ӯ боз каси дигар ба чунин ҳол афтода, ки модарашро ҷеғ мезанад. Дарозо гӯш медиҳад, ки садо меояд: намеояд. Такрор мекунад: «Нана! Нана! Нана!» ва мешунавад. Аммо надонад, ки чист; чунон ки маънийи мурданро надонад. Надонад, ки одам бимирад ва колбади тиҳийи ӯ ба чизе лозим нашавад.

«Кишк!» гӯё ба сараш нишаста бори гарон мешуда бошанд, даст аз баногӯш пушт бурда меронад лошахӯронро. Беихтиёр чунон ки Искандар мурғони хаёлиашро меронд. «Кишк!» бо дасти дигараш меронад. Зеро ӯ гоҳи бархоста ба атроф нигариста аз ҷонзоде мадад хостанаш дид, ки мурғони каҷминқор чӣ гуна бар касе бор шуда, ҳамдигарро танг карда меронанду мепарронанд ва ба чашму гӯшу лабу рӯйи майит нӯл мезананд ва пӯсти ӯро кашида медарронанд ва пӯшокашро низ бо минқор кашида-кашида пора

мекунанд ва хӯрда-хӯрда поён мераванд. Аз гурбайи онҳо ҳам бадтар, ки чӯҷаро мехӯрд. Чӯҷайи сапедаки дӯстдоштайи ӯро.

Ӯ ларзид. Лек надонист аз чӣ. Дар вуҷудаш як сардӣ пайдо гашт ва ларзид. Ӯ воҳима, тарсро намедонист, лекин медонист, ки гоҳи сахт гурусна монда оби сард хӯрданаш танаш чунин вараҷа мекард, ба сараш дард медаромад, оби биниаш кашол мегашт ва модараш испанд дуд карда, шири гарм хӯронда ва дар танаш равғани шишак молида дуруст мекард. Ӯ умед дорад, ки модараш аз хоб хеста, ҳолати ӯро дида ҳакимиву табибиашро такрор мекунад.

«Нана!!!»

Аксаш меояд аз шаххо; такрор шуда, аз яке ба дигаре гузашта, силсила мебандад. Вале мурғони ҳаром намеҳаросанд. Гушнаҳойи нав аз тори ҳаво пойҳояшонро кашол карда фаромада ӯро ба таҳлука оварданд.

«Нана-нана-нана!» тез-тез модарро ҷунбонида ва хатарро фаҳмониданӣ шуда, садо дод, вале ӯ наҷунбид. Балки мурғ сари санги рӯ ба рӯ, ки даст ёзӣ, расад, нишаст ва гардан тофта ба атроф нигарист. Касе ё чизе ё хатаре набуд, ки аз ҳамон ҷо гардан дароз кард. Ардашер даст афшонда «кишк» гуфт, напарид. Сангчае пайдо карда ҷонибаш андохт, бол кушода париданӣ шуд, аммо писаракро писанд накарда, боз болашро ҷамъ кард. Писарчайи панҷсола аз ин зиёд коре карда натавонист. Аз сангзор чӯбе пайдо карданӣ шуд, наёфт. Пас гирист, ки мисли модар раҳмаш омада ба ӯ кӯмак мекарда бошад.

Ово ва нолаву шевани писарак аз шаххо акси садо медод. Каргасҳо писанд намекарданд, додрасе набуд.

«Додо!» Ба гӯшаш расид ин садо ва ӯ орому хомӯш гашт. Гӯш дод, ки такрор ёбад ё на. Наомад садо. Ба ҳар ҳол ёд овард падарро, Спитамони бузургро, ки сифатҳойи беҳтаринро аз модар ва пайванду табори хеш шунида буд. Ба пиндори Ардашер зӯртар аз падари ӯ падаре нест ва ӯ ҳоло бар зидди душман меҷангад ва душманонро аз кишвар зада меронад ва баъд омада онҳоро мебарад. Аҳду паймон чунин буд. Тасмалаттайи рамзийи ба пешониаш бастайи падар ҳоло дар гарданаш. Бозубанди аз китфу зери каши чап гузаронидааш барҷост. Худаш омада мекушояд. Ва то он вақт ӯ бояд модарро нигаҳбон бошад. Чунки Спитамони бузург ӯро ба модарашу модарро ба ӯ супорида рафта буд... «Додо!» Нашунавад падар. Посухе нагӯяд. Ва ӯ бархоста ба он болойи баланди шах менигарад ҷониби ғор, ки шояд падар он ҷо ояд ҷуста. Қарордодашон чунин буд... Вале наомад падар. Шаби дигар наздик, шӯълайи хуршед дар қуллаҳо боқист ва зардӣ дорад. Ва кӯдакро воҳима гирифта...

«Их!»

Аз паст, аз ҷое, ки шарфайи пасти об меояд, шунида шуд садо. Ин маъниро кӯдак мефаҳмад: касе хар дорад. Такрор намешавад садо. Ардашер зиёд диққат медиҳад, такрор намешавад.

«Нана!»

Гӯё посух мегӯяд ба овози харкор ва хомӯш мемонад; гӯш медиҳад.

«Иишшш!»

Ин аломати боздоштани хар. Дониста ё надониста баланд овоз баровард, ки хараш кар бошад.

«Додо!»

«Ҳӯ-ҳӯ-ҳӯ!»

Садойи дарак аз хеш додан буд.

«Ҳӯ-ҳӯ-ҳӯ!»

Тақлид кард ва дар ин ҷо буданашро фаҳмонд. Пас бар тори сари модар хам хӯрда, ҷунбонд:

«Нана! Падарам омад! Бихез!»

Ҳайҳот, аз шоҳдухтари порсӣ ҷавобе, ишорае набуд.

«Охир чаро намехезӣ, нана? Ба падарам чӣ гӯям?!»

Пасон сари борайи сангӣ омад боз, то нигарад ба паст ва падарро бубинад. Вале харе метофт бӯрранг ва дар пушт хӯрҷин дорад ва дастайи табар бурун аз чашми хӯрҷин метобад. Соҳиби хар натобад.

«Додо!»

«Ин манам, писар! Ту дар ин санглох[1] чӣ кор мекунӣ?»

Писар сари аз шахча каме намоён шударо дида, фарёд зад:

«На! Ту падари ман найӣ!.. Нана! Ӯ падарам нест! Онҳо боз омаданд! маро бубаранд! Бихез, нана!»

Боз сӯйи модар тохта ва худро бар сари синайи ӯ партофта фарёд зад аз тарс писар ва ғаш кард:

«Нана! Нана! Агар нахезӣ... агар нахезӣ... агар нахезӣ...»

«Ту натарс, писарҷон! Ман аз онҳо нестам! Ман одамони Искандар нестам. Ман шубон! Ман баройи ту омадам...»

Ва чашми марди чакманпӯши асобадаст ва поликпӯш[2] ба зани хуфтайи даридалибос афтод ва даҳони хеш боздошт, ки худ хомӯш бошад ва писараки гирён ӯро дида низ ором гардад. Писарак, ки чашм пӯшида мегирист, ҳолати ӯро намедид.

«Писарам!..»

Шубон давоми сухан нагуфта писар бозмонд аз гиря ва чашм кушода ба ӯ нигарист. Марди офтобхӯрдайи сиёҳ, болойи биниаш пӯстпартофта; лабонаш карахшбастайи аз ҳам дур ва аз қатори дандонҳойи зардчааш дандони чапи пеш афтида.

1. Санглох – сангзори шаххояш афтида ва камару ғорақҳо дошта.
2. Поликпӯш – наъе аз мӯкӣ, ки ресмонаш ба банди пой печонанд.

«Ба шумо чӣ шуд, писарам?»

Писарак ӯро бегона дониста посух надод ва ё ҳиқ-ҳиқи гулӯяш намегузошт, то чизе бигӯяд. Ва мард, ки фоҷиаи ғорро шунида буд ва барои ба дасти мақдуниён наафтодан роҳҳоро чапғалат зада сароқир омада то ин ҷо расида буд, дигар писаракро кунҷкобӣ накарда, назди ҷасади шоҳдухтар нишаста пурсид:

— Нанат?

Писарак ба тасдиқ сар ҷунбонд.

— Чӣ ном дорӣ?

— А... ар... арда-ше-ер.

— Ардашер? Писари Спитамон?

— Ҳҳа...

— Ин шоҳдухтар?

— Ҳҳа...

— Модаратро кушта партофтанд?

— Нна... Нанам...

— Нанат партофт?

— Ҳҳа...

— Чаро?

— Ба дасти хунхорҳо наафтем, гуфта...

Шубон дигар чизе напурсид. Балки сангу ғари зӯррас бардошта гирдогирди ҷасади модар чидан гирифт...

— Чич-чи-чӣ...

— Шаб фаро мерасад, писарам. Ҳозир мо нанатро бардошта бурда наметавонем. Ҳозир гирдашро ғарпӯш кунем, пагоҳ одамонро оварда мурдаро бурда...

— Наааааа!!!

— Ором бишав, писарам, Искандар наояд...

Писар ҳиқ-ҳиқ мегирист, шубон гирди мурда санг мечид. То ҷое ки қади сангдевор аз тану сари ӯ боло шуд. Пас шохчаҳои хушкида ва аз танаи шах афтидаро чида тори ӯву деворғар ниҳод ва боз тори сангҳо санг гузошт, то болои ҷасад рӯбаҳгузар ва каргасдаро набошад.

— Гард, биравем.

— На! Ман назди нанам истам.

— Рош... Фардо каргасҳо бедор нашуда оем.

— На-на!

— Сари мол барамат.

— На-на!

— Ба девлох...

— На-на, на!

— Ба деҳа, назди падарат.

— ...

— Падарат – пешвои мо...

Ардашер бозубанди андар сари сина аз сари китфи росту зери каши чап гузаронидаро даст-даст карда хабар гирифт ва пешонабанди ба гардан фаромадаро низ даст зада, боло бардошта ба пешонӣ оварданӣ шуд ва бо чунин рафтораш ба шубон фаҳмониданӣ низ, ки ман пури Спитамонам.

— Хуб, шаб шуд, чӣ кор кунем? Ба девлох биравем, ба деҳа?

— Шумо равед, ман назди нанам истам.

— Шаб мондани ту мумкин набувад. Даррандаҳо зиёданд.

— Охир, ман равам, нанамро гург хӯрад.

— На, гург мурдаро нахӯрад, лошахӯру шағол хӯрад. Торашро маҳкам кардем, хӯрда натавонад.

— На. Шумо равед, ман истам.

— Биё, шери амак, Ардашери амак, равем.

— На!

— Хайр, ба деҳа намебарам. Рост гӯйӣ, ба одамони Искандар хабар дода, фурӯхтанашон мумкин. Сари мол барам, касе хабар наёбад. Рафтем, ҷони амак. Субҳ надамида меоем. Модарро бурда гӯру чӯб мекунем.

— Э худо!...

❁ ❁ ❁

Рахшон гирифтори хаёлҳост, ки ба шоҳ бирасад, ба шоҳи бегона; диж бегона, базм бегона, одамон бегона, ҳатто падари хуниаш бегона тобад бо рафторҳойи хеш. Ба назари духтар ин базми арӯсийи ӯ набошад, балки шоҳи мақдунӣ пирӯзиҳояшро ҷашн гирад ва ба баҳойи сари Спитамон нӯшанду рақсанд. Искандар бадном кунад барбарҳоро, кӯчиҳоро, ки ҷойи зисту манзилу маъвойи дойимӣ надоранд ва ҳар ҷо рост ояд, айём ба сар баранд. Ҳолиё чунин рӯз ба сари худаш афтода, ору номус накарда мулки дигарон хонайи худ донад ва ҳар ҷо пеш ояд, хуш ояд. Ба назари Рахшон гарчӣ ватани ӯст, ин макон бегона тобад. Макони девон ном гирифта. Вале касе собит нагардонида, ки воқеан чӣ маъвоест. Маъвойи деву ҷин бувад ё макони гурезаҳо ё макони суғдиёни дунёбезор, ки аз ваъдайи дурӯғи ҳокимони замонҳойи пеш ба ҷон омада, тарки ватан карда, ваҳшӣ буданро авло дониста, ин ҷо манзил гузидаанд. Ва бархе гӯянд: «Худойи бузург оҳи моро шунида, заминро ин ҷо фурӯ нишонд, то пинҳон аз чашми ҳама бошем.» Ва ҳоло ҳамин ҷойи аз чашм дурро низ бадрӯд гуфтаанд, то набинанд…

Набинад, ки касони хунхору дунёталаб чунин манзили бероҳаро низ пайдо кардаанд. Аз чашми гетипӯйу дунёҷӯй чизе пинҳон намонад.

— Ту беназирӣ, Рахшон. Умре туро меҷустам.

Вале Рахшон чизе нагӯяд, ки дурӯғи навбатист. Ва сухан суде надорад, зеро Искандар сархуш аст.

— Чаро шодмон нестӣ? Чаро ракс накунӣ?

— Наомӯхтаанд.

— Туро хоҳам омӯхт. Гетерҳо ёд хоҳанд дод.

— Хуш надорам...

Искандар магар дунёро фаромӯш карда буд, ки даст бар гардани Рахшон ҳалқа гардонд. Оксарт вазъро мушоҳида дошт ва чун ҳокими тозаамал даст ба ишора бардошт, то хотима бахшанд базмро. Искандарро ёронаш ба хонаи зери кӯҳи сӯйи Офтобнамо бурданд, вале Рахшон ҳавасе надошт, ки назди шоҳ баранд. Зеро орзуву ҳаваси ӯ дигар буд ва аз диди аввал ҳамааш барбод рафт. Баъд овозаи нобуд гаштани Спитамон ва бедарак ғайб задани зану фарзанди даҳойи суғдӣ дилтанг кардаш. Садойи чашмаоби ҷӯшон, ки зери дижро убур карда онсӯтар зери замин нопадид мегашт, ношунаво буд аз ғавғову маъали ромишгарону сияҳмастон ва по кӯфтанҳойи лӯлиёнайи гетерҳойи юнонӣ.

Чизе сари дилу роҳи нафаси суғдидухтро гирифт. Садди сахте буд, ки пеши роҳи ӯро дошт. Нагузорад назди шоҳи овозадори гетипӯй дарояд. Гетерҳо гирд кардаанд. Гетери сарагар Ланикайи ботаҷриба, гарчӣ доя буд, ҳамроҳи Барзину Геракл ба саропардайи шоҳӣ нарафта, бозмонд, то канизаку мураббию раҳнамо бошад ва арӯсро то шабистони шоҳ ҳидоят кунад.

«Ман ҳама чизро афсонавӣ пиндошта будам, ҳатто дижи ҳуру париёнро. Гумон кардам дар ин ҷо бо онҳо дучор меоям ва аз ин олам ҳамроҳашон ба ҷое меравам, ки рӯйи одамиро набинам. Аз ин рӯ шартҳоям сахт буданд... Дареғи Спитамон.»

Аз фикр гузаронду хомӯш гашт Рахшон ва чашм ба пардаҳойи сӯхта дӯхт. Сӯхта-сӯхта луху лахча гашта, ба рӯйи ҳамдигар рехта ва тӯдайи хокистар боқӣ гузоштанашонро дид ва донист, ки оташи ҳар чиз ҳам фанопазир бувад. Ранги одам: ба дунё омада оҳиста-оҳиста нумӯъ кунад, сӯзаду афрӯзад ва фано гардад. Чизе пойдор набувад. Шоҳон ҳам, шоҳаншоҳон ҳам, Искандар ҳам; онон ҳам, инон низ ҳам. Машъалаҳо ягон-ягон дар тани девораҳойи диж, андар роҳравҳо, сари сангҳо, сари бораҳо, поёни нардбонҳо, гирди чашма ва ҳама ҷойҳойи зарурийи жарфно хомӯш мегаштанд. Касеро ақл ё амал нарасад, ки иваз кунад машъалаҳоро. Шамъҳойи хонаи шаҳ низ камнур гарданд.

— Ту чаро гирифтори ғами хештанӣ? Магар ғазаби шоҳро надонӣ?

— Ғазаби шоҳ маро чӣ зарурате, падар?

— Тани туро бахшидем ба ӯ. Ризоият додӣ, аз они шоҳ шудӣ. Дуо диҳам, то ба ғазаби ӯ гирифтор нагардӣ!

— Ман инак дарёфтам, ки Спитамон сар бохтааст. Андӯҳ доштам гоҳи базм. Вале шодам, ки падари бузурги маро Искандар ба ҷойи Спитамон сатрапи Суғд хонд... Хуҷаста бод!

Оксарт надонист чӣ посух диҳад духтарро, зеро ӯ муборак гӯяд ё киноя занад, равшан набувад. Мағзи аз шароб тирагаштаи ӯро суханони духтар тиратар карданд ва ӯ пилки чашмон ба ҳам мефишурд ва чашм кушода хубтар ӯро менигарист, ки чӣ рух дода. «Спитамон... Спитамон... Буд. Ҳоло нобуд...»

— Андешайи Спитамон ва оли ӯро аз сар андоз.

— На, падар, ман ғами Спитамонро надорам. Аён набувад, ки зараву Ардашер чӣ ҳол доранд.

— Ғами онҳоро низ нахӯр!

— Ғами киро хӯрам?

— Ғами хешро!.. Дигар ҳама ҳеҷ... Бирав назди шоҳ Искандар. Агар бо зара коре шавад, туро огоҳ хоҳам кард. Акнун калиди дили шоҳи мақдунӣ дар дасти туст. Ту духти бохиради манӣ.

Шоҳ Искандари зирак хоб ҳам набудааст, маст ҳам. Баробари пой аз остона дарун гузоштани арӯс шоҳ бархест ва ӯро хуш пазируфт. Ҳарчанд ният дошт, ки худро ба мастӣ зада, рафтору кирдори суғдидухтарро сахт мушоҳида кунад. Рӯёрӯ истод ва дар партави шамъу машъалаҳо ӯро тамошо кард: панҷа ба мӯйи сиёҳу зиреҳороста ва равғанину атрогину мушкбӯяш зада, пурсид:

— Кӣ киро андарз гуфт?

Рахшон филфавр посух надод. Ба худ андешид, то чӣ гӯяд. Пасон фармуд:

— Кадом фарзанд падарро андарз гуфта?

Искандарро хуш омад посух. Магар баҳона пайдо шуд, ки сахт ба танг кашид арӯсро.

## БАНДИ ДАҲУМ

Маликуррум се шаборӯз аз дижи Ҳурон набаромада ҳамроҳи духти суғдӣ Рахшон умр ба сар бурд ва чашми айём кӯр кард. Чун Искандар ба худ омада ва аз ҳама гуна бадхӯйиҳо раста, хешро дар саройи бегона дарёфт; ба ҷойи шоҳона базм оростан ғарибона ҷашну сур карданашро донист, сӯҳбат дароз кард бо нисбаташ. Рахшон хуш пазируфт родмарди доно ва рамузфаҳми дунёдидаро. Духти асилзода – Рахшони таълимдида низ хуш омад шоҳи мақдуниро. Ончунон ҳамдигарро дӯст доштанд, ки овозайи муҳаббаташон Суғду Бохтарро гирифт ва аз Машриқ рафт то Мағриб. Хонадони Оксарти суғдӣ низ писанд буд шоҳи ҷавонро. Ӯро рухсати ҳукмронӣ дод андар Суғд ва духти ӯ Рахшонро чун гетайр (савори дастайи шоҳӣ) ба горди хеш пазируфт, то дар ҳама ҳолат дур аз ҳамдигар набошанд. Вале коре шуд, ки касе чашмдор набуд: Барзинро зани ғайриқонунӣ дониста, сиға кард, то ҳамроҳи писарашон Геракл бошад ва дигар дар корҳойи шоҳийи ӯ даxолат накунад. Ва акнун донисту дарк кард, ки зани ғайриқонунӣ даъвойи чизе надорад ва писари аз ӯ ба дунё омада иддаойи валиаҳдӣ

ва ё вориси тоҷу тахт надорад. Ёдаш омад он рӯз, ки гоҳи никоҳи зани дуввум падараш Файлақуси Дуввумро холи Клеопатр Аттали сипаҳсолор таъна зада буд ба ҳаромийи Искандар. Он рӯз ба сари шоҳи ҷавон омад, ки Геракли аз хунаш шударо дур кунад аз ворисӣ. Зеро Искандар чӣ будани духтари хонаро дар вуҷуди Рахшон дарёфт ва он қадар гирифтору масти тани нафисайи ӯ гашт, ки таъкиди Барзин аз ёдаш рафт: «Искандар, то замоне ки бо манӣ, хушбахту пирӯзӣ, рӯзе ки маро фаромӯш кардӣ, ҳолу рӯзатро худо донад.»

Искандари тавоно хуни гарму тез дошт ва дерёз дар ҷое қарор истода наметавонист; дар диж низ. Тасмим гирифт бурун равад. Ва то гузаштани моҳи гулангубин набарду пархош накунад, балки сайру саёҳат кунад, беҳтарин ҷойҳоро бубинад. Рахшон хоҳиш кард, сайр кунанд то сароби Нимич. Зеро ситойиши манзараҳойи кӯҳистони Суғдро шунида, аммо надида. Хуш омад пешниҳоди Рахшон Искандарро. Ҳокими тозаҷулуси Суғд Оксарт пеш аз сафари шоҳ роҳ тоза кард ва қад-қади рӯдбор рӯзбонону намояндагони маҳалҳоро ҷо ба ҷо гузошт ва хонд, ки шоҳи ҷаҳонгир меояд. Кӯч бастанд сӯйи Сарвода ва Искодаркӯл. Талоя пешопеш, соқа аз пас ва гетайрҳо[1].

«Ин ҷо Фарғар ном дорад – шаххҳойи бошукӯҳу баланд дорад, маъниаш низ чунин.»

Фаҳмониданд Искандарро. Ӯ низ мушоҳида кард, ки як фурсати танг чашми офтоб тобад аз паси шаххҳойи баланд, пас соя пӯшонад роҳро. Кори рӯди шӯхи Нимич, ки бо мурури замон, шояд дар тӯли миллионҳо сол, чун дандонайи арра шаххҳоро хӯрдаву бурида то ба қаър фаромада ва об дастнорас дар зер аст. Искандар ҳам болоро тамошо кунад, ҳам зерро.

Сатрапи Суғд Оксарт низ ҳамрикоб бувад бо шоҳу малика ва болидарӯҳ, ки бо шоҳи ҷаҳон гардад, зеро падарон пирӯзийи фарзандонро орзу кунанд. Меболад ва кифоя донад, зеро зиёда аз ин чизе надонад аз таърихи сарзамини хеш мисли ҳама гуна ашрофзодаҳо ва асилзодагон, ки баройи донистан ба дунё намеомада бошанд. Онон феъле доранд, ки дигарон гӯянд ва эшон аз рӯйи шунида амал кунанд. Ӯ як ҳарф гуфтанист: «Вайрониҳо аз дасти об... вагарна кӣ тавонад аз қулла то қаър чунин шаххҳойи азимро арра кунад?» Вале аз нигоҳи Рахшон рамуз гирифта чизе нагӯяд, то ҳарфаш ноҷо набарояд.

Рахшони худованд ин қадар бо ҳавсала ӯро зебову банур офарида ба шаххҳойи боло, ки аз нигоҳашон гардан ба дард ояд, дида дӯхта ва гоҳо ба рӯдбори шӯху тезоб, ба чанги аз сар ба сангҳо задани он рӯйида, шӯшайи танайи шаххо, шаххҳойи атласнусха

1. Гетайрҳо – дастайи хосайи аз ёру дӯстон мураттабёфта.

нигашта завқи хеш пинҳон дорад ва баъзан ба ситойиши бузургийи олами сангӣ сар афшонад, ки зебост ҳар сангу буттайи Кӯҳистон ва манзараҳойи беназири он.

Хеле рафтанд ҳаловат бурдаву ҷилави асбҳоро кашидаву доштаву пеш зада. Ва Оксарт фармуд талояро хабар кунанд, ки ба рост тобанд инони асбон ва қад-қади шохоби шӯх бираванд. Ҳаваси Рахшонро дар тангроҳае рӯдак рабуд, ки ду даста мӯйи ғулливу ғафси об аз баландӣ шорида, ба сангҳойи азими дар зер хобида ва гирдашон ушнабаста бархӯрда чангаш ба ҳаво хезад ва бод орад ба сару рӯй. Зеботарин нуса бувад, ки рӯйи камар рангинкамонак гашта ин манзараро ба боғҳойи минӯ шабеҳ гардонад. Рахшон намехост биравад аз ин ҷо ва фараси хеш пошна намезад. Балки Искандарро хоҳиш кунад ин ҷо бимонад ва дар радифи рангинкамон пуле бисозад аз ин кӯҳ то он кӯҳ ва бар он кохе бунёд кунад, ки киройи дурӯза зиндагйи инсонӣ бошад.

«Дидан дар пеш аст...»

Фармуд падар. Духтарро сахт расид, ки ноҷо ва нобаҳангом сухан кард ӯ. Хуш наомад Рахшонро. Сипоҳро дошта буданд дар роҳ ва шояд Оксарт ин чизро дар назар дошта хост пеш раванд ва ё духтарро сода напиндорад шоҳ. Ва муродаш аз пешрафтан дидани кӯли баланд – Искодар буд. Ба ривояти мардум Панҷрӯд. Инаш маълум: зери шахе аз панҷ ной об мерезад, ки намуди панҷайи кушодро дорад. Худи кӯл азиму аҷиб. Чунон ки корсони бузурги олам пур аз оби минӯйӣ. Осмону офтобу кӯҳи баланди тори сараш низ андаруни он. Ҳатто шабҳойи соф моҳу ситораҳо аз қаъраш метобанд. Гирдандар ҳама девораю гулу гиёҳ ё бутта вожуна бар он хобида, ки решайи бунёди кӯҳҳойи баланд бошанд.

Онҳо зери дарахтони рем хайма заданд ва сипоҳро гунҷойиш дошт мавзеъ. Искандар моту мабҳут буд ва зиёда аз ӯ Рахшон. Лекин шоҳи мақдунӣ чандон воҳима надошт, худдорӣ мекард, ки ӯро нодида наангоранд. Сипоҳиён завқу шодмонийи хешро пинҳон дошта наметавонистанд. Муддате ҳама чизро фаромӯш кард шоҳ. Баъд онҳо лаби об рафтанд. Диданд ҳама чизро андаруни кӯл. Искандар даст бар он зад, ҳама чизи наздики даруни он гум шуд баробари ларзиш хӯрдани об. Ӯ рӯй шуст. Об равғанӣ тофт ба назараш.

— Ин кӯл чӣ ном дорад? – даст ба рӯй кашида пурсид шоҳ.

— Искандаркӯл...

— Нешханд мазан!..

— Чӣ гуна нешханд? Падарро бипурс! – Сӯйи хаймаҳо нигариста фармуд Рахшон: — Падар! Магар ин кӯл Искандаркӯл нест?

— Оре, Искодаркӯл! – Чунон ки дар роҳ гуфтам, маънояш – кӯли баланд!

Садо дардод Оксарт ва пеш нарафт, то шоҳ таҳпурсӣ накунад. Ва шоҳ фарқи ҳарфҳойи ду номро пайхас нарафт.

Гулангубинмоҳ хуш мегузашт. Искандар фармуд киштӣ бисозанд, то онҳо аз назари ҳамроҳон дуртар рафта, рӯйи тахтасангҳойи он соҳил фароғат кунанд. То омода сохтани киштӣ тахтасанги сапеди раххойи абрӣ доштаро савор шуда пиндорашон бар кӯл шиноваранд, хешро аз ҳама гуна ташвишу ноороми ҳойи рӯзгор канор медонистанд ва сафойи зиндагиро медиданд. Рахшон худашонро даруни об воруна дида, хандид.

— Чаро хандӣ?

— На. Ханда на, завқ. Ҳурмузди Кабирро шукр гузорам, ки туро овард...

— Аз куҷо донӣ?

— Аз ту донистан хоҳам, ки рост бувад? Ё чизи дигарест, ки туро ба ин ҷо оварда?

— Бале. Оби Ҳаёт!

— Ва пайдо кардӣ онро?

— Магар... на?

— Ин аст? — кӯлро намуда пурсид Рахшон.

— На! Ин аст! – Рахшонро оғӯш карда гуфт Искандар ва бар тахтасанг хобонд.

Заврақчайи мурғобисохт оварданд, ки барой ду тан буд. Агар то миёни кӯл равад, чу бат метофт.

— Шиноварӣ донӣ? – пурсид Искандар.

— На.

— Ба умед будам, ки ғарқ шавам, наҷотам диҳӣ.

— Наҷотат хоҳам дод, Искандар. Дар баҳр на, андар бар.

Тааҷҷуб кард Искандар, ки Рахшон чун коҳинон пешгӯйӣ кунад.

— Пешгӯйӣ низ кунӣ?

— На. Одате дорам: ҳар чӣ аз дил гузарад, бар забон орам.

— Аз дилат гузашт, ки мо ғарқ хоҳем шуд?

— Бале, гузашт.

— Пас, нанишинем?

— Рой шоҳрост.

— Дили шоҳ гӯяд: нишинед!

Нишастанд. Искандар баройи таҷриба нишаст. Рахшон ҳаросида, пойи тар бар заврақ ниҳод ва такон хӯрда пойи дигар бар заврақ гузоштанӣ шуд. Заврақ якпаҳлӯ гашт ва ҳардуро ба зер гирифт. Хандон буданд ҳар ду ва Искандар Рахшонро бардошта боз бар тахтасанг бурд.

— Гуфтам, коҳинӣ дорӣ. Дар лаби оби мусаффо туро коҳин хонам ва аз ҳарфат берун наравам.

— Бисёр чиз бой додӣ, Искандар.

— Бошад!

— Нахустхоҳиши ман ин аст, ки дигар корзор накунӣ, – оби домон ҷафида гуфт Рахшон. Ва ҳам домон ғиҷ карда хомӯш истод, то аз шоҳ чӣ ояд. Ниҳоят кафид:

— Аз фаросоти хеш гӯйӣ ё касе фармуда туро?

— Огоҳ кардам: ҳар чӣ дилам фармояд, он гӯям.

— Гувоҳийи дилат барҳақ бувад. Устодам Арасту низ дар руқъааш чунин фармояд. Ӯ ғазаб карда, ки ман давлати Юнону Машриқро ба ҳам омехтаниам. Устод маро ба бозгашт мехонад ва мефармояд, ки он чӣ мурод доштам, ба он расидам. Ҳолиё Юнонро ҳукмрон ва «барбарҳо»-ро забардаст ҳастам.

Дергоҳ ҳарду хомӯш монданд ва надонистанд бо чӣ ҳарфе идома бахшанд сӯҳбатро. Рахшон дер хомӯш монда натавонист:

— Андешайи шоҳ чӣ гуна?

— Ҷиддӣ наандешидаам. Худойи Аммон дар маъбадаш ваҳй дода буд, ки ҷаҳонгир бояд бишавам.

— Магар ҳоло ҷаҳонгир нашудайӣ? Аз ин боло дигар роҳ набувад. Ин ҷо каронайи Гардун. Офтоб аз ин ҷо тулӯъ кунад, Оби Ҳаёт ин аст. Ва устод дарёфта, ки ба мурод расидайӣ.

— Мазмун, чунин! Аз номайи дигараш равшан:

«Рӯзе бародарзодайи аллома Арасту Коллисфени таърихнигор як руқъайи илмӣ-фалсафийи устодро овард ба Искандар. Нома баҳси тӯлоние дошт дар хусуси ба ҳаракат доровarandайи дойимӣ, ки худ ҳаракат надорад ё муҳаррики дойимӣ бидуни ҳаракат бошад.» Ту чӣ гӯйӣ ба чунин масъалагузорӣ? Оё мумкин бувад, ки як муҳаррик вуҷуд дошта, ки худ фоқиди ҳаракат[1] бошад?

— Ман файласуф ё донишманд нестам, лекин бояд бошад. Он ки ин дунёро офарид, низ бояд гардонад.

— Ба ҳар ҳол ман ба ӯ посух набиштам.

— Чӣ набиштӣ?

«Аз Искандар хитоб ба Арасту... номае, ки шумо набиштаед, мисли ин ки фақат дархури фаҳми хос аст ва баъд аз ин номаҳо ва рисолаҳойи худро тавре нависед, ки ҳама мардум битавонанд аз он истифода кунанд...»

— Қабл аз ин ҳам ба устодат чунин хитоб менавиштӣ, Искандар?

— На. Номаҳойи шогирдона дигаргуна буданд.

— Чӣ гуна?

— Чунин оғоз мешуданд: «Аз тарафи шогирди мутавозеъи шумо хитоб ба устоди бузургвор...»

— Сад дар сад дигар шудайӣ, Искандар. Устод низ дигар шуда.

— Чӣ гуна?

1. Фоқиди ҳаракат – беҳаракат.

— Хитобаат нисбати устод тунд ва носипосона. Вале устод наздик ба ҳақ ва офаридгор. Ӯ бовар надорад, ки чунин олам бе дасте, худ аз худ ба вуҷуд ояд. Охир нигар бузургон хурдонро зинда фурӯ баранд, чунон ки наҳанг моҳиёнро.

— Туро ба Киса[1] бояд бурд, то фалсафа биомӯзӣ.

— Зарурате надорад.

— Панҷ сол аст, ки аз он донишгоҳ дурам ва ба ишораҳойи рамзийи устод таваҷҷӯҳ надорам ё сарфаҳм наравам.

— Дар фалсафайи Машриқзамин чунин фикр ҷой дорад, Искандар. «Худованди Кайҳону Гардонсипеҳр, фурӯзандайи Моҳу Ноҳиду Меҳр.»

— Ин замон ҳама чизи ман ту ҳастӣ, ҳатто ақлам. Зеро ақламро рабудӣ, нодон шудам.

## БАНДИ ЁЗДАҲУМ

Муддате чанд шорсони овозадор ва сахтдевори Мароқанд чунин шукӯҳу шаҳомати чашмнадидаву гӯшнашунидаро надошт. Гоҳе ки Хуршед андар бурҷи Тир буд (соли 328 то милод) шоҳи макдунӣ баъди базми арӯсийи беназири дижи Ҳурон орамида аз ташвишҳо ва сафари болооби Нимич ҷашни худованд Диониси писари Зевси Баррокро ид карданӣ шуд. Ҳамгӯшаҳойи Искандар дар ҳайрат буданд, ки чаро шоҳ худоёнеро фаромӯш кард, ки хешро писари онон мехонд, чаро Гераклу Ахилли нимхудоёнро ёд накарда, якбора ба ҷашн гирифтани писари худойи Зевс камар баст? Гоҳе ёдрас мекард, ки Диониси диловар замонҳое ба сарзамини Шарқ пой ниҳода. Вале ин чиз бойиси базму сурури Искандар нахоҳад буд. Шояд баройи худситойӣ намойише ороста бошад, ки Рахшонро дар ҳайрат гузорад.

Дар ҷашн гетайрҳойи ба ӯ наздик, солорони сипоҳ, сипаҳбадон, сарфавҷҳо, сарбозони шинохта, ёрони даврони кӯдакиву ҳамрикоби ҷангӣ, гетерҳойи нозанину боҳунару соҳибҷамол, бонувони эронӣ, ашрофзодагони суғдиву бохтарӣ, ширинкорон ва наздикони хешро фаро хонд ҷуз Барзину Геракли писараш.

Шоҳ қурбонийи зиёде кард рӯзи иди Диониси худованд, ки бисёрийи чорпоёнро хокими тозакори кишвари Суғд Оксарт омода сохта буд. Вале чунон шуд, ки Искандар ҷашнро ба номи Дионису ба коми Диоскур гардонд ва ҳамватанони шоҳ дар шигифт афтоданд аз чунин рухдод. Гургони борондидайи базм, шағолони маккор ва палангони хунхор гардан миёни шонаҳо фурӯ кашиданд сангпуштвор, ки Искандар огоҳ набуд, ки рамааш чунинон низ

1. Киса – донишгоҳи фалсафийи Юнон.

дорад. Эрониён ва суғдиёну бохтариён низ ҳам намедонистанд асрори азалу амалро.

Ба ҷунбиш омад давра. Миш-мишу саргӯшиҳо шуд. Мағал карданд.Чизе дамид ба сони шири тезоташ. Фазову ҳавойи диж дам кард. Калавиданду сурӯданду гуна-гуна гуфтанд сархушон, нафрин хонданд бедорон, ҳайрон монданд меҳмонон, ки чӣ сирру савдое. Аммо ширинкорон кори худро мекарданд, гетерҳо ҳунари хешро намойиш медоданд. Шароби суғдӣ дарун ва мағзи сипоҳиёнро ба ғалаён овард; мекалавиданд.

«Аройи Диоскури диловар!»[1]

Кратери сипаҳсолори бовафо ба сипаҳбади қисми аввали сипоҳи саворайи мақдунӣ Гефестиони хубчеҳр нигарист ва Гефестион низ ба Кратер, ки бисёр ҳаваси рутбаву унвонҳойи олӣ дошт, аммо дар як мавқеъ пой мекӯфт. Аз нигоҳи эшон дилу нияташон равшан буд, лек ба ҷуз худашон касе намефаҳмид, ки чӣ маънӣ дорад теғ кашиданҳояшон. Низ мекалавиданд, гӯйӣ ҳуш дар сар надоштанд ва хешро идора карда наметавонистанд. Баъд нигоҳашон ба хурӯсҷанг монанд шуд; ба ҷанги хурӯсони хеле набард карда, хаста гашта, рӯ ба рӯ ёли гардан фахха карда ва дилак зада, парҳо дамонда, омодайи ҳуҷум бошанд. Баъд нӯл ба нӯл шуданд, вале зӯру тавони ҷанг надоштанд. Ва якбора теғи нигоҳ ба теғкашийи ҷангӣ бадал гашт ва ёрон имкон надоданд, то хуни ҳамдигар бирезанд. Оғӯш карда, теғҳо аз дасташон рабуда, бурун оварданд аз толори тараб.

Клит низ мекалавид. Клите, ки Искандар пас аз падар ӯро чун низомӣ мешинохт. Овони кӯдакиаш Клит хоҳараш Ланикаро ба боргоҳи Файлақус хабаргирӣ меомад. Ланика дояйи Искандар буд ва шоҳзода ҳамон вақтҳо либоси низомийи Клитро дида ҳавас мекард, ки низ чунин пӯшад. Клитро зуд рафтан намегузошт Искандар; бисёр мехост бо ӯ бозиҳо кунад ва машқи ҳарбӣ омӯзад. Аз ҳамон вақт Клит азиз буд Искандарро ва ӯро чун бародари бузург медонист. Ӯ мекалавид, вале ба кӣ дарафтиданро намедонист. Ба назар ҳама дам карда буданд чун ҳавойи толор ва якбора гетери боҳунар Эрида равған пошид ба оташи тозаафрӯхта. «Зевс куҷо монд? Геракл чӣ шуд? Ахилли шуҷоъ ку?»

Ширинкорону бадеҳасароёни юнонӣ таронахониву гуна-гуна нағмаҳо мекарданд, то об зананд оташро. Дар асл киноя мегуфтанд ва оташро доман мезаданд. Нобароривӯ забунийи дастаҳойи артиши мақдуниро андар канори Политимет таъна мекарданд, фавҷи мададгори Мақдуниё низ масхара мешуд дар бадеҳа. Ширингӯйиҳойи онон шоҳро хуш омад. Ба назари Клит найранги онҳо хидмати хирсона буд. Нафоридаш, ки ҷасурону родмардони

1. Диоскур – қаҳрамони асари Арасту «Аретэ» – «Накӯкорон».

дар корзор ҳалок гаштаро масхара кунанд. Сипаҳбадони ҷангдида шӯриданд, ки сагро аҷал расад, дар меҳроби маъбад мезад; ва онҳо наҳ заданд эҷоду иҷройи бадеҳаҳойи сохтакоронаро. Аммо шоҳи махмур ҷонибдорӣ кард бадеҳасароёнро, ки сахту бад расид Клити сархушу камҳушро ва шарафи қурбониёнро ҳимоя карданӣ шуд:

«Хуб набувад дар мулки бегона ба мурдайи мақдуниён хандидан; бадбахтийи мақдуниён беҳ аз хушбахтийи масхарабозон!»

Искандар хашмӣ шуд ва ҳар чӣ сари забон омад, гуфт:

«Касе, ки тарсро бадбахтӣ хонад, хештанро фош гардонад.»

Аҷаб намуд Клитро, ки каси аз миёни хоку хуни овардгоҳ ӯро раҳо кардаро шоҳ тарсу хонад. Ӯ ба ваҷду хурӯш омад, баланд шуд ба китфу қомат ва шоҳи бемулоҳизаро гуфт:

«Магар тарсуйӣ он нест, ки гоҳи пушт ба шамшери порсӣ гардониданат, тухмаву дудмони худоёнро ёд мекардӣ? Бидон, ки танҳо хуни мақдуниён ва ана ин захму доғҳо туро Искандар карданд... Гоҳе ки аз падари мақдунийи хеш рӯ мегардонӣ, худро писари худойи Аммон мехонӣ.»

Клити сархуш ба иззати нафси шоҳ расид. Ӯ шоҳи ҷаҳонгир ва беҷурму муқаддасро баройи худопарастиҳояш таъна зад. Искандар чашм танг кард чун ҳамеша ва мушт гиреҳ зад. Вале забон ба кор бурд:

«Ай нокас! Хаёл мекунӣ таънаҳойи ту маро хуш бувад, ки мудом такрор кунӣ ва мақдуниёнро тараф гириву бегуноҳ хонӣ!?»

Аз ғазаб ларзид Искандар ва ҷониби Клит шуд, чунон ки Гефестиону Кратер омода гашта буданд ба хурӯсҷанг.

«Оре, шоҳ! Хуш фармудӣ: нокас манам... Кас туйӣ, нокас манам. Лекин як бор фикр намекунӣ, ки мақдуниён чӣ бадӣ карданд туро? Магар ҳамин мақдуниён набуданд, ки дасти ба паси гарданат шамшер овардаро кӯтоҳ карданд. Магар ҳамгӯшаҳоят набуданд, ки дар канори рӯдбори Граника туро аз чанголи Дориюш раҳониданд? Гурезониданд ва боз бо мадади бардаҳойи юнонийи порсӣ қалби сипоҳи Дороро шикофта, туро роҳ кушоданд, то бар шоҳаншоҳи порсӣ пирӯз шудӣ?»

«Ту ба ҷуз таъна задан коре надорӣ. Зеро осон ба боргоҳи шоҳӣ роҳ ёфтӣ, нозгунҷ гаштӣ; худат, хоҳарат ва ҷиянат зери пӯсти Олимпиада ҷой гирифта, пиндорӣ ҳолиё чунон ҳастӣ! На! Ин манам Искандари ҷаҳонгир! Ҳар чӣ хоҳам, он шавад ва чӣ гуна хоҳам, чунон шавад!»

Фурсат фаро расид, ки Клит ҳама дарду алами худро фурӯ резад. Аммо миёни ғубори сар чунин расид ба гӯши ӯ, ки шоҳ таҳқираш кард; як навъ резахӯри хони шоҳӣ хонд.

«Шоҳ шарм накунад, бигӯяд он чӣ дар дил дорад. Хоҳари ман Ланика ба боргоҳ нон талабида нарафта, балки ба тарбияйи шоҳзода рафта. Ва Клит низ нонхӯрӣ нарафта, хоҳарро дидорбинӣ рафта. Вале Олимпиада модари ту маро боздошта, ки шоҳзодаро

бо бозиҳо андармон кунам, то хушҳолу дилкушо бошад. Инак подоши ҳама хушрӯзиву накӯкориҳоро мебинад. Шоҳи барбарҳо, писари худойи мисриҳо шарм накунад, бирезад он чӣ дар сиришт дорад!»

Косайи сабри шоҳ лабрез шуд. Он қадар шӯриду ғурриду ғазаб кард, ки аз дур даҳон меандохт, газида гирад. Чун ӯро аз рӯйи одат беаслиҳа гардонида буданд, аз рӯйи дастархон себро бардошта сӯйи Клит андохт. Ларзиду дандон сойид ва теғ меҷуст ё шамшер. Касе теғро пас гирифт. Ҳаво омад ба дасти ӯ. Хуморӣ ҷониби ӯ дида духт: «Ту низ бадхоҳӣ манӣ!?»

Ба пурси Искандар касе посух надод. Балки ӯро гирд гирифтанд. Боздоштанд аз нобакорӣ. Искандар зӯри раҳойӣ мекард; хурӯшид ва фарёд зад:

«Бинавозед!»

Ромишгарон пиндоштанд оҳангҳойи рақсӣ навозанд, то аламҳо ва таънабозиҳо аз миён бардошта шавад.

«Шайпури хатар бинавозед!»

Ромишгарон, ки то ҳол тамошогар буданд, асбобҳойи нав ба навохтан омода сохтаашонро паст фуровfarданд. Вале садойи шайпури ҷангӣ намеомад. Искандар дарафтид ба шайпурнавоз ва ончунон кӯфт, ки алами Мӯсо аз Исо ситонд.

Биталомуси пилзӯр чун ҳама ҳайратзада буд ва имон овард, ки Искандар хотир карда Клити чу бародар ба воя расидаро кордор нашуда, алам аз шайпурнавоз гирифт:

«Сараш гиред!!!»

Равшан набуд киро гӯяд. Клитро ва ё шайпурнавозро. Ёрони Клит ӯро аз толори тараб бурун оварданд. Ва имон доштанд, ки ӯ бар нахоҳад гашт. Ӯ калавида дуртар рафт ва сахт алам кард таънаҳойи Искандар. Шӯру ғазаб дошт, дар пӯсти хеш намегунҷид, чунон ки баҳр дар канорайи хеш нагунҷида мадд кунад. Пеши назараш омад, ки чандин Искандарро қабза гирифта, фишурда обашро мебарорад. Лашкар пеши зӯри ӯ чизе набувад. Сари дилаш мисли дами кӯрайи оҳангарӣ шинухез дошт ва нафаси ӯро тез мекард ва бардор медод, ки пояш аз замин канда мешуда бошад. Нафасро боздошт. Ба чизе гӯш дод. Дамаш гашт. Садойи тапиши дилро мешунид. Гӯё путки оҳангарӣ буд дил, ки дари синаро мекӯфт. Аз ҳавойи тоза гӯё набзу гардиши хун андаке ба низом даромад, вале худи ӯ ба худ наомад. Чашми ҳамаро фирефта, тозон боз даромад ба толор ва рӯ ба рӯйи Искандар қарор гирифт:

«Ҷангро дигарон кунанд, сипаҳсолору сипаҳбаду сипоҳ пирӯз гардад... Вале достонҳо, корномаҳо, ҷангномаҳо ба номи шоҳи ҷаҳонгир... Пармониёни диловар туро то Порс расонд... Он чӣ мехостӣ, ба чашми хеш дидӣ. Аммо ӯро ҷосус монда, кас фиристода, бо макру ҳиял куштӣ...»

Искандари хурӯшида дигар идора карда натавонист сари шӯрида ва хуни ҷӯшидайи хешро. Дашна аз посбон рабуд ва бар синайи Клит бизад. Шоҳи равонкоста аз шӯри шароб гоҳе ба худ омад, ки хун аз сарсинайи Клит ҷаставу шорида буд.

Гӯё дар базм ҳама кӯрону карон ҳузур доштанд, ки чизеро намедиданд, чизеро намешуниданд. Шоҳ низ ба худ омада чунин андешид, ки тамошобинанд онҳо ё бетарафанд; аз моту мабҳут мондани аҳли толор дарёфт, ки коре шуда. Нигоҳаш ба Клити афтида ба фарш, дашнайи сари синайи ӯ ва хуни равон афтод, ки аллакай заминро тар карда буд. Ӯ низ чун дигарон ҳайратзада ва натавонад коре кардан. Назди ӯ зону зада дашна аз синайи ӯ кашид ва ба сарсинайи хеш рост кард. Биталомуси зираку чолок ҷаҳида бар ӯ расид ва бо як ҳаракат дашна аз дасти шоҳ рабуд...

Боз давра ба ҷунбиш омад, гӯйӣ пирчи Нимич об кушод. Ба ҳаракат даромаданд. Баъзе чизҳоро медиданд, миш-мишҳоро мешуниданд, ҳатто овойи дӯстонро.

Искандар паси мурдайи ӯ то дар омаду ҳайрону нигарон остонаро зери пойи рост дошта истод. Парешону пушаймон. Бовар надошт, ки Клити хушхӯро, ки дар кӯдакиаш орзуйи мисли ӯ шуданро дошт, кушта бошад. Ҳарчанд сар мешикаст, ки чӣ шуду чӣ монд ва чӣ гузашт аз миён, ба ёд оварда наметавонист. Як назар мурдайи хунини Клит пеши назараш омад ва зуд гум гашт. Вале дар пардаҳойи гӯшаш садойи Ланикайи доя бозмонд: «Туро шири сина надодаам, Искандар, шири даст додаам. Ту писари манӣ, Искандар. Бародари ман Клит бародари туст!» Боздошт гӯшҳояшро шоҳ ва фармуд: «Маро танҳо гузоред!» Сар набардошта амр кард, вале сар набардошт, ки рафтораш шоҳона набуд, ҷавонмардона набуд, балки нокасона, дуздона ва заифона буд. Симойи Ланикайи меҳрубон, ки шоҳзодаро рӯйи даст бардошта ба воя расонидааст, пеши назараш омад ва худ ба худ печид: «Фардо, ки бо ӯ рӯ ба рӯ омадам, чӣ гӯямаш? Ӯро дилдориву дилбардорӣ карда натавонам, ки бо дасти худ куштам. Дареғи бародар...»

Нахустбор Искандар аз куштани кас пушаймон буд. Зеро чунин амали нохуб раво набувад писари худоро.

Рахшони ба тамошо ва шодмонӣ омада ҳар лаҳза чашм мепӯшид, то набинад чунин манзараҳоро; пушаймон аз омадану расидан ба шоҳ. Зеро Искандар ӯро паймон карда буд, ки дигар хун нарезад. Дере нагузашта паймон шикаст ва базмро ба саҳнайи хунин табдил дод. Оксарт вазъу ҳоли духтарро дида «Ором бош, осуда бош!» мегуфт. Чун ларзидани тани ӯро медид, садо аз зери дандон мебаровард: «Замони ноз набувад.» Чун духтар ором намегашт ва ҳиқ-ҳиқи гиряйи наварӯсонааш мебаромад, дандонҳойи ҳоким фишурдатар мегашт: «Бо инҳо бозӣ карда нашава-ааад... Худро ба дааст гииир...»

«Маро бубар, падар, даррандагон чунин накунанд, ки инҳо кунанд...»

«Хомӯш, осуда, мо зердаст ҳастем, бар зидди забардастон шӯрида нашавад...»

«Охир ӯ маро лафзу қавл кард, ки дигар хун нарезад... Вагарна мемурдаму ба ӯ намерасидам...»

«Хаб, хаб... овоз набарор...»

«Маро бубар, падар.»

«Хомӯш... Ҳам сари худатро хӯрӣ, ҳам сари маро.»

«Ин хуб аст. Агар донистa будам, ҳамроҳи зану фарзанди Спитамон худро ба варта...»

«Чӣ!!! Хуб аст?! Сари маро хӯранд, хуб аст!!!»

«Бале падар, хуб аст. Сар бохтан аз нанг фурӯхтан хубтар аст...»

Дандони ҳокими Суғд газ-газ шуд. Вале наметавонист ба духтар садо баланд кунад ё даст. Тафсиду сурх шуду дар гирифт, вале дур аз духтар нарафт, то балое барнахезад.

Искандар сӯйи эшон менигарист. Махмур, гирифта, хаста ва андаке пажмурида метофт. Чӣ андеша дошт ва нигоҳаш чӣ мехост ва дар борайи духтару падар ва ишораву хаму рост шуданҳойи Оксарт ва норозиёна сар афшондани занаш чӣ фикр мекард, ҷуз худаш касе чизе намедонист. Ҳанӯз ҳам шоҳ сари зону буд ва ҷисми беҷонро мемонд.

Бардоштанд ӯро ва бурданд. Зиддияте надошт. Майли Рахшон накард, сӯйи хеш ҳам нахонд.

Вале дертар гетерҳойи солхӯрда чун соҳибу канизакони шоҳ омада ӯро назди Искандар бурданд. Шоҳи хирасар ба зудӣ нанигарист ҷониби зан; ё писанд намекард ва ё аз карда пушаймон буд, ки Рахшон дар ҳаққи ӯ андешаҳойи ноҷо кунад. Шаҳбону чизе нагуфта дуртар аз шоҳ рост истод. Гетерҳо ҳама дастҳо пеши бар бо усули шарқӣ пас-пас рафтанд то дами дар ва ҳамон зайл ғайб заданд аз чашми Искандар. Шоҳ бонуро ба паҳлӯйи хеш хонд. Рахшон ҳамоне ки истода буд, қарор дошт. Шоҳ худ бархост ва омада даст бар дӯши ӯ ниҳода узрхоҳона майли бари тахт рафтан кард. Нишаст. Вале хомӯш буд Рахшон чунон ки шоҳ. Яқин нахоста буданд, ки хомӯшийи толори пазироро халалгор гарданд. Зеро ҳама ҷо хомӯшу ором буд ба марги Клит. Ба назар олам сукут варзида буд. Ҳамин чизро Искандар дарк карда хомӯширо авло медонист, Рахшон аз нафрини зиёд забони сухан надошт. Ҳарду дам ба дарун нигарон буданд, ки кадоме пеш лаб ба сухан во мекунад. Дер кашид хомӯшӣ. Искандар чанд бор ба маънийи пӯзиш сурфид. Аммо Рахшон эътибор надода ҳамчунон дилтангу гирифтори андешаҳо менишаст ва кӯшиш дошт, ки ҳавойи нафасгириашро шоҳ нашнавад. Ҳолату вазъу фазойи танги толор

тангтар мекард дилу гулӯву қафаси синаро. Ниҳоят аз гаронийи бори қаноат Рахшон кафид:

«Гуноҳи тифл гирифт моро...»

Искандар ҳатто нафаси вазнини гулӯро дарун занонд; хеле андешид ва ба мазмуни ҳарфи ӯ сарфаҳм нарафта, пурсид:

«Кадом тифл? Кадом гуноҳ?»

«Беҳуда Барзину писарашро рондӣ... Худо донад, ки ҳолашон чун аст...»

Искандар посух надод. Дер андешид. Пасон мадд кашид:

«Рост... Худойи Осмон Крон писарони навзодашро мебалъид ва оқибат аз дасти писари охиринаш Зевси Барроқ кушта шуд... Фарҷоми нохуш... Чӣ бояд кард?»

«Шоҳро равшан аст. Шоҳи бохирад чӣ кор карданро донад.»

Искандар каф кӯфт. Сарпос биомад. Шоҳ фармуд Барзину писараш Гераклро биоваранд. Рафтанд. Ҷустанд. Пайдо накарданд. Сарпос бозомад:

«Шоҳо, пайдо нестанд зану фарзанди шумо.»

«Ту низ нопайдо!» сари ғазаб гуфт шоҳ, ки қурбонийи навбатӣ буд. Баъд ба Рахшон рӯ овард: «Ту нопайдо будани онҳоро дониста чунин фармудӣ, Рахшон?»

«На, шоҳ! Ман аз қисмати онҳо огоҳӣ надорам. Аз рӯйи кеши зардуштӣ донам, ки зану фарзандро хор доштан ба хорӣ барад.»

«Ту зани порсойӣ, шоҳи хубонӣ. На ҳар зан чунин рафтори нек кунад, ки ту бикунӣ».

# БАХШИ ДУВОЗДАҲУМ

## БАНДИ ЯКУМ

Рӯдбори Нимич аз самти шимолийи Мароқанд убур мекунад. Ва дар ҳамин мавзеъ баробар мегардад бо мазраъҳо ва гоҳи селобҳову зуби яххо бурун аз маҷро гашта киштаҳоро мешӯяд, гоҳ ба ин карона мезанаду гоҳ ба он карона ва аз Панҷакат то дарёободи Мароқанд мардум ҳар сол ба сохтани банду обшикан машғул мешаванд. Болообро мебурраду меканаду мешӯяду жарф мегардонад, вале зари офтобрангу реги хокистариро дар ҳамвориҳо хобонида, худро боло мебардорад. Зар мефишонад аз боло, мебарад то Бухоро. Аз ин рӯ бархе Фушуни зарфишон хонандаш. Хоки нарми регошурдайи Мароқанд самаровар бувад.

Барзин андар канори ин рӯд аст ва гардиши обро мушоҳида дорад, ки мастона он сӯ раваду ин сӯ ояд. Дилшикаста ба писари аз оламу одам ноогоҳаш чизе нагӯяд. Гӯё ба тамошо оварда писарро ва бо ҳамин баҳона хобу хаёлашро ба об гӯяд. Оби хинги рӯд, дар тирамоҳ каму соф мегардад, ҳолиё киройи саргузашт гуфтан дорад. Минӯранг, вазнин ва хеле болаззат бувад; гӯйӣ ғуборе напазирад дар хеш. Барзин безабон ҳама саргузашташро ҳикоят кунад ба ин пири хирад, ки аз офариниш то имрӯз ҳама рухдодҳойи ин сарзаминро донад. Фузунтар аз қиссаҳойи Барзин. Хунҳойи дар хок ниҳон кардаашро низ ёд дорад Нимич. Мурдаҳоро, бурдаҳоро... низ. Ончунон ором резад сӯйи мағриб, ки гаронтар аз ин сари пурмағзро гетӣ надонад.

Ва Барзин қисса кунад духти сипаҳсолори Порс буданашро; гӯяд ба ду бародар зан шуданашро ва дар набардҳо фавтидани ононрову ба шоҳ Искандар расиданашро ва инак, ба чунин рӯз гирифтор шуданашро… Баъди ба дидори падар ва бародарони гумкарда расидан; бавижа ба дидори падари сипаҳсолор, ки ҳама мурда мепиндоштанд, бахтгашта шуд ва андешаду ба рӯд гӯяд, ки кадоме хубтар: бо Искандар будан ва ё ҳамроҳи падар мондан?

… Ва чӣ шуда, ки шоҳ ёд накунад зану фарзандро? Ё феълу атвори ҳама шоҳон чунин бошад, ки навро бинад, кӯҳнаро фаромӯш кунад? «Бояд қад-қади ин рӯд биравам то ғори Ҳурон ва маскан кунам он ҷо, ки на кас бинаду на кас бинам.»

— А Геракл! Меравӣ?

— Куҷо?

— Ба ғори Ҳурон.

— Ғоли Ҳулон?

— Бале, писарам. Ҳамон ҷое ки падарат базми арӯсӣ кард ва моро аз ёд дод.

— Зевс шавам?

— Бале, писарам. Зевс бишав ва ҳама дод биситон. Худоёни бадкорро ба адлу инсоф бихон.

— Лош![1] Ба он ғол лавем...

Барзин хандид, писарро ба сари дил пахш кард, то сиришкашро набинад. Ин гиряйи гуна-гунайи зан, ки ба касе чизе нагуфта ҳама дарду аламро пинҳонӣ бо оби чашм барорад.

— Зудтар бузург бишав, писарам...

— Ана бубин, ман чӣ хел бузулг... – Нами чашми модарро дида карахт шуд писар ва бо ангуштони кӯчак онро сутурд: — Гиля долӣ, оча? Аз чӣ лӯ?

— На-на! Гиря надорам, писарам...

— Аз балойи шоҳ?

— На... Андеша дорам, ки Геракли ман кай ба қаҳрамониву диловарӣ мерасида бошад...

Заргӯше аз беша бурун омада аз хавфи ҷондоре бо карона ҷониби онҳо метохт. Баногоҳ эшонро диду гардиши гурез кард, ки ба рӯд зад. Дасту по мезад, то раҳо ёбад, вале танҳо гӯшҳойи бузургаш рӯйи об метофт. Ва оҳиста – оҳиста фурӯ мерафт. Писар ҳавола хӯрд сӯйи заргӯш ва аз гӯшҳояш дошта беруни об кашид. Модар ҳама чизро фаромӯш кард ва ба ёрийи писар тохт дaруни об ва ҳамроҳ ҷонварро кашида аз об бароварданд. Чашмони бузурги заргӯш, миҷаҳойи дарозаш ва мӯйлаби сиёҳи синониаш ҳавас ва завқи Гераклро оварданд.

— Ту Геракли ҳақиқӣ ҳастӣ, писарам. Ёдат ҳаст, Геракли қаҳрамони юнонӣ чӣ гуна аз пайи ғизоли зариншохи симинсоқ тохта, бо машаққатҳо онро дастгир карда, ба шоҳ оварда буд...

— Ман ҳам ин гӯшдалозло ба шоҳ балам...

Барзин дарёфт, ки Геракл меҳр дорад падарро ва ҳоло бисёр чизҳоро дарку эҳсос намекунад.

— Шоҳро дӯст дорӣ, писарам?

— Вай дӯст надолад...

— Феълу хӯйи ӯ чунин аст, писарам. Ҳатто падару модарашро дӯст надорад. Вале ту бояд дигаргуна бошӣ. Ту низ шоҳзода ҳастӣ. Надонам, ки падару модаратро дӯст дошта тавонӣ ё на?

— Ман туло дӯст долам, оча.

---

1. Яъне рош – роҳӣ бишав.

— Агар маро дӯст дорӣ, раҳо бикун ин ҷонварро ва дигар натарсон.

Геракл, ки аз гӯшҳойи заргӯш сахт медошт, раҳо кардаш. Ва заргӯш пеши пойи кӯдак биниву мӯйлаб ҷунбонида, ба ӯ менигаристу замин мебӯйид. Ва якбора ҷаҳида фосилае дур шуд ва боз истода, гӯйӣ бо ӯ сухан мегуфта бошад, лабу биниву мӯйлаб ҷунбондан гирифт. Ва Геракл дид, ки пойҳойи пеши заргӯш кӯтоҳу пойҳойи пас дарозанд ва гӯшҳойи дарозаш дар офтоб шишагуна метобанд. Завқ кард ӯ аз зебоийи ҷонварак ва гом зад ба пеш, то ӯро боз дорад. Аммо баробари пой андохтани Геракл заргӯш низ ҷаҳида дур мешуд. Геракл даст пеш бурда доштанӣ шуд, заргӯш низ тез-тез ҷаҳид. Ӯ бозистода ба модар нигарист:

— Бигзор равад, ӯро аз табораш ҷудо макун.

Геракл ба гиря даромад. Ва тохт. Заргӯш низ тохт. Дик-дик тохт ва ҳар бори ҷаҳиданаш думи кӯтоҳу пойҳойи дарози пас болову поён мешуданд. Геракл тохт ва аз паси заргӯш ба беша даромад. Барзин низ бар асари онҳо тохт ва дар паси буттайи газгулу луху дарахтони хингбеду ангату зарбед, ки чавгонаш ранги почайи зоғчаро дошт, гумашон кард.

«Геракл! Ге-ракл!! Ге-ра-а-акл!!!»

Дар гӯшаш беша пур аз садо шуд, вале писари ӯ намешунид. Баъд ӯ дар таъсири афсонаҳойи донистааш монда пиндошт, ки ин ҷонвараки ҳамранги замини соҳил заргӯш набуда, худро заргӯш сохта, омада писарашро фирефта бурд. Чунон ки Зевс гови зебое гашта духтараки нозанин Аврораро ба пушт савор карда бурда буд. Такрор шаванд қисматҳо. Ҳаросид Барзин, ки аз ҳама кас монд. Дар бешайи бегона, ки ин қадар мақдуниёну юнониёнро ба хунашон оғишта буд, ӯ низ ғайб хоҳад зад.

«Ге-еера-а-а-кл!»

Боз посухе нест. Вале садойи суми асбон омад, ки санглохро убур мекард. Барзин аз тарс фарёди писархоҳиро низ бас кард ва хомӯш дар буни лухе ҷой гирифт. Мазмун, саворон фарёди занро шунида буданд, ки даруни беша мерафтанд ва ба саросари он парешон гаштанд, то соҳиби садоро пайдо кунанд. Зеро номи Геракл ба гӯшашон садо дода буд, яқин доштанд, ки каси хосташон дар ин манзили сабзи ҷо-ҷо хазондида маъво гирифта.

«Геракл!»

Садо дардоданд онҳо ва Барзин шунида, донист, ки фиристодаҳойи Искандаранд. Овоз баланд накарда Барзин баромад аз байни лухзор ва рӯ ба рӯйи саворе истод. Савор ӯро нашинохта ситоми бора пас кашид ва рӯ ба рӯйи зан қарор гирифт:

«Геракл куҷост?» – тахминан пурсид ӯ.

«Аз паси заргӯш бирафт, гумаш кардам... Ба он сӯ... Ба дунболи хуршед...»

Ва чанд савор дар оне гирд омаданд ва занро дида, ҷӯё аз фарзанд шуданд ва ба сӯйи ишорайи зан рафтанд. Баъд Биталомуси сипаҳсолор амри онҳоро пайдо кардани Искандарро расонд ва писарро низ пурсид. Барзин боз сӯйи мағрибро намуд. Гарчӣ ӯ ором гирифта буд ва ҳаргиз нияти баргаштан надошт; чунин шӯву шоҳро дидан намехост, баройи дарёфти писар басеч ба қурбонӣ буд. Биталомус назди Барзин истод ва амр кард буну бехи ҳар буттаву дарахтро бинанд.

Барзинро ҳам дил меларзид, ҳам тан, ки ягона тухмие, ки аз начодаш монда Геракл бувад, дигар ҳамаро дод ба фано. Инак олам диҳад, ҷон диҳад, аммо Геракл надиҳад:

«Ай Биталомуси номдор, биҷӯй, пайдо бикун Гераклро, ки Искандар дигар нишоне надорад. Ва дигар аз ӯ нишоне нарӯяд...»

«Чӣ гуфтӣ, ай зан?»

«Бовар бикун маро, Искандар минбаъд забун гардад... Чун ту шоҳзодайи асили мисрӣ ҳастӣ, гӯямат. Касеро магӯ. Шоҳро низ гуфта будам: «Чун маро хор дорӣ, хор шавӣ.»

«Шоҳ туро хор надорад. Чун гирифтор буд, натавонист ҳурмати туро дорад. Агар хор дошта буд, маро нафиристода буд пеши ту.»

«Шоҳ фиристод туро ё гетерҳо хоҳиш карданд?»

«На. Ба хоҳиши гетерҳо гурба набарояд ба офтоб. Шоҳ ба худ омад, писар пурсид. Чун дарёфт, ки шумо аз диж бурун рафтаед, ҳамаро ба по хезонд. Пардадор бигуфт, ки ба ин сӯ омада.»

«Гераклро пайдо бикун, Биталомуси бонанг!»

Ва ғалмағал шуд миёни беша. Баъд саворон пасопеш бо дастонашон шоххойи зичу ҳамойили дарахтонро ба ду тараф тела дода меомаданд. Гераклро савори асби саманд, ки ёлаш сапеди дамида ва ба рост хамида буд, пеши зин гирифта меомад ва шоҳзода заргӯши аблақ дар бағал дошт. Барзин ҳайрон буд, ки чӣ гуна дар як муддати кӯтоҳ заргӯши Геракл дигаргун гашта. Вале асрор ҳувайдо накард ва касеро чизе нагуфт. Писарро якҷоя аз пушти асб бо заргӯшаш гирифт ва боз Геракл оби чашми модарро сутурд.

Барзини дар роҳҳойи тӯлонӣ асбсаворӣ омӯхтаро бо писараш ба асбе сурх нишонданд ва сӯйи шаҳр равонданд. Геракл аз моли дунё як заргӯши ба меҳнати ҳалол сайд карда дошт, вале касе намедонист, ки чӣ гуна ӯро дастгир кард ва чун ранги он дигаргуна шуд.

Шодон буд Барзин, ки писарашро пайдо кард; дилтангу парешон буд, ки шоҳ чун пазирад ононро... Вале шоҳ Искандар онҳоро пазиройӣ накард, бал оварданд назди гетерҳо. Ҳама часпиданд модару писарро ва Барзин ғам хӯрд, ки чаро омад. Дилаш фарёд мекард бесадо, то Биталомусро биоваранд ва ӯ ба пурсҳояш посух гирад; агар хуш наояд, бозпас ӯро ба беша раҳо кунад ё рухсат диҳад худ баромада биравад.

Вале ғайричашмдошт шоҳарӯс Рахшон пайдо гашт ва ҳама гетерҳо ва канизакон аз хона бадар рафтанд ва арӯс бонуро таъзим овард, ки беҳтарин ва ягона маҳрами шоҳ Искандар дар олами рӯшан ҳамин бошад. Вале шоҳзода Геракл, ки хешро писари ягонайи Искандари Румӣ медонист, аз наздик омадани наварӯс рамид. Ба модар хешро ҷафс кард ва дуздидаву ҳаросида ба ӯ менигарист, ки осебе мерасида бошад. Дили Барзин аз чунин рафтор ва эҳсоси кӯдакӣ раг зад ва ёдаш омад, ки қисматҳо такрор шаванд. Чунон ки модари Искандар Олимпиада бо палонҷаш Клеопатра ва духтари ӯ Европа карда буд: модарро кушта, духтарчаро дар пояйи кат ҳаф андохта кушта буд.

Ларзид Барзин ва бархост. Геракл аз домони ӯ дошта сахт кашид. Модар каме ба худ омад ва чеҳрайи кушоду нуронӣ, андоми суғдиёнайи ӯро дид, аммо дилу нияти ӯро аз чеҳри зебояш хонда натавонист.

Геракл ҳайрон буд аз нигоҳу рӯёрӯ истодану чанд бор сар андохта посух нагирифтани ӯ ва худ аз худ заргӯшро рӯйи хона раҳо кард. Заргӯш рост давида зери домони дарози арӯсонайи Рахшон ҷой шуд; суғдидухтар беозор ва тарсу будани ҷонваракро медонист, биме накард ва пой ҳам назад, ки он аз зери домонаш барояд. Шоҳзода пиндошт, ки моядар пой кӯфта дарозгӯши алоро мекушта бошад, домони модар раҳо карда тозон ҷониби Рахшон рафт ва пеши пойи арӯс хам хӯрд, то заргӯшро бигирад. Аммо моядар хам шуда шоҳзодайи бегуноҳро бардошт ва рӯ ба рӯй дошта рост ба чашмонаш нигарист: «Ту аз ман наҳарос, зиёне аз ман нахоҳад расид...»

Геракл аз он ки арӯсро посухе гӯяд, сӯйи модар нигашт ва завқ бурд. Барзин низ табассум кард ва гом зад сӯйи онҳо.

«Пиндоштам дилсофтар аз худ занеро дучор нахоҳам шуд, вале будааст.»

«Низ дарёфтам, ки дар ин саройи дурушт зане буда, ки шодкомийи дигареро аз шодкомийи хеш пеш гузорад.»

«Ва ин кори туст, ки моро баргардонидӣ?»

«Оре... Донистам, ки бону ранҷида аз ман барбеҳуда...»

«На. Ранҷурӣ набуд... Балки бахт хостам туро... Зеро шоҳзан шудам, кӯчӣ гаштам... ва...»

«Ҳоҷат набувад... Мо бояд якҷо бошем ва Гераклро (ӯро ба замин гузошта) ҳамроҳ тарбият кунем.»

«Чӣ зарурате?»

«Зарурате набувад... Хостам пури Спитамон Ардашерро ҳамроҳи модараш зара тарбият кунам. Аммо онҳо гоҳи дар ғор набард кардани юнониҳо хешро ба вартайи ҳалокат андохта нобуд сохтанд.»

«Чӣ буд он? Ниҳеб ё нанг?»

«Ман надонистам... Шояд нангу ор буд.»

«Инак хоҳӣ Гераклро тарбият бикунӣ?»

«Оре, хоҳам, ки модараш тарбияйи юнонӣ бидиҳад ва мояндараш тарбияйи суғдӣ. Ва ӯ бояд шӯри миёни ду кишварро аз байн бибарад.»

«Ман ҳамроҳи сипоҳи Искандар дунёро дидам, бо бисёр занон дучор омадам, зиёд омӯхтам, мисли ту касеро надидам, ки душман дар хона роҳ диҳад.»

«Магар мо душман ҳастем?»

«Оре, ҳама гуна палонҷ душман бошанд якдигарро.»

«Мо палонҷ нестем, Барзин. Мо дугона ҳастем ва ё чун модару духтар.»

Барзин сар андохт ва ба андеша рафт, ки ин ҳама чӣ маънӣ дорад, ки як духтари нав арӯс гашта зани таҷрибаандӯхтаро андарз гӯяд, рой занад ва чизҳоеро пеш орад, ки аз ақл бурун бошад. Зеро нашуда, ки ду тан дар як пӯст гунҷад.

«Моро нашояд ранҷидан... Бале?»

«Бале...»

«Ойини шоҳон чунин бувад: ҳар кишварро, ки забту тороҷ кунанд ва зану духтаронашро асир гиранд, шоҳ ё сипаҳсолори пирӯз бояд зан ва духтари мулки тороҷгаштаро ба занӣ бигирад.»

«Равшан аст, Рахшон... равшан... Ин қонуни ҷанг бувад, аммо дил чизи дигар аст.»

«Ман низ дар ин чанд рӯз зиёд чизҳоро дидам. Шоҳонро аз дур шинохтан хуб аст. Ё дар орзуйи шоҳон будан хуб аст. Аммо бо эшон ҳампо шудан азоби ҷаҳаннам бувад.»

Гуфтугӯйи шиносоӣ, озмунӣ ва санҷишийи онҳо ба сомон нарасида ва ҳанӯз Геракл аз зери домони Рахшон заргӯшро набаровардаа ва аз сари дасти наварӯс нафаромада, шоҳ Искандар аз дар даромад. Занҳо карахт шуданд. Геракл зуд аз сари дасти Рахшон фурӯд омад, ки ҷониби падар метохта бошад, аммо ба падар нигоҳ накарда, лаби домони заминрӯби арӯсро каме бардошта, заргӯшро аз он ҷо баровардан шуд. Заргӯш аз пушти пойи Рахшон баромад ва рӯ-рӯйи хона лӯк-лӯк давид. Онҳо карахттар шуданд ва Искандар ҳайрон, ки ин чӣ мақомест. Ӯ чизеро дид, ки чашмдор набуд. Намедонист, ки Гераклу модараш ба дарёобод рафта, заргӯш шикор кардаанд. Аз зери домони наварӯс бурун омадани заргӯш ҳайратзада гардонд шоҳро ва ӯ намедонист чӣ бигӯяд. Занҳо низ намеёристанд ва ё намедонистанд чӣ гуфтанро. Заргӯш боз давида зери домони Рахшон даромад ва арӯс аз чунин рухдод шарм дошта, хам хӯрда заргӯшро аз паси гардан чанг зада бардошт ва сӯйи Геракл дароз кард. Шоҳзода бо завқ гирифт ҷонваракро ва бо вай андармон гашта ба падар эътибор намедод ё чун касони доно худро нодида мегирифт; қасдан нигоҳ намекард.

Искандари тафсида ҳоло ҳам ҳайрону парешон буд ва намедонист сухан аз кучо оғозад ва аввалсуханро ба кӣ гӯяд. Ҳамин қадар аз мағзи ӯ гузашт: «Магар инҳо низ қасди маро доранд?»

— А, шумо низ...?!

Рахшон хешро тозаарӯс ва нозгунчи шоҳ дониста пеш омад ва сар андохт.

— Чӣ дард дорӣ?

Ба гӯши Барзин расид, ки шоҳ сухани вопасини Рахшонро пурсид; як қад парид. Вале садойи пасти Рахшон баромад:

— Ман хостам онҳоро, шоҳ... Агар кӯтоҳие гузашта, пӯзиш аз шоҳ.

— Мурод чист?

— Мо бояд якдигарро хубтар шиносем ва Гераклро ҳамчоя бузург кунем.

Шоҳ хомӯш, аммо дарозо ба чашми Рахшон дида дӯхт, ки пурси зиёд дошт. Рахшон ба пурси ӯ чунин ният доштанро ба тарбияйи пури Спитамон Ардашер гуфтанӣ шуд, вале забон газид.

«Аҷаб...» – зери лаб гуфт Искандар ва ғуррид: «Аҷаб! Аҷабам ояд, ки кори ягон палонҷ накардаро шумо кунед! Агар дар ҷаҳон ду қавми ба ҳам душмани ашаддӣ бошад, яке палонҷҳо буванд. Агар муроди шумо оштист, донед, ки гетӣ ба оштӣ гардад.»

Писарро ҳам дӯстдорӣ накарда баромад.

Номеҳрубонийи падар ҳам Барзинро сахт расиду ҳам Рахшонро. Вале Гераклро баъд алам кард, ки ӯ ноз карда бо заргӯш андармон гашт, падар напурсид, навозише накард. Ӯ заргӯшро сахт ба банди дил пахш карда ду дида ба рӯйи модар хомӯш бозистод. Рахшон алами кӯдакийи ӯро дарёфта пеш омад ва ӯро бо заргӯш якчоя ба оғӯш гирифт ва сар силаву навозиш кард.

«Падарат сари ғазаб, Геракл, хуб, ки аз ин зиёд чизе нагуфту коре накард, ман зиёдтар чашмдор будам. Ту донӣ, ки Клитро дашна зада кушт...»

«Клитро? Клити бовафоро? Ҳамонро, ки дар ҳама ҷангҳо сипару ҷавшани Искандар буд?»

Пурсид Барзин, ки гоҳи базм дуриро авло дониста писар ба канори Фушун бурда буд ва аз оқибати ҳангомайи базм ноогоҳ монд. Ҳолиё ҳайратзада пурсид қатор ва натавонист давом диҳад пурсашро. Аз ҳолу мадор рафт. Ҳар умеде, аз ин ҷаҳону касон дошт, барбод рафт. Аввал чашмони пурсон ба наварӯс дӯхт: «Чӣ гӯён моро баргардонидӣ?» Сонӣ ба писар нигарист: «Моро низ зинда нахоҳад гузошт.» Чун писар нашунид садое ва ба маънийи нигоҳи модар сарфаҳм нарафт, боз чашми суол ба Рахшон дӯхт. «Оқибат ҳама Клит хоҳем шуд?»

Рахшон сари Геракл дастмол карда худ аз худ ба сухан оғозид:

«Шоҳ сари шӯрида дорад, бо ӯ баҳс ё тую ман кардан нашояд. Чун ба худ ояд, даргузарад ҳама парешониҳо ва ҳайраташ.»

«Ту будӣ, дидӣ, ки чӣ шуд?»

«Ҷурми Клит низ буд, ки бо ӯ ҳамзабон гашт ва шоҳро таънаборон кард...»

«Дигар пеши ин рӯдбори хунро баста нашавад...»

«Чӣ гуна рӯдбори хун?»

«Кори одат шуд куштану хун рехтан Искандарро. Чашмаш хун гирифта; хунро хун шӯяд. Агар хун нарезад, равонаш коста гардад... Нашнавад суханони моро... Хуни мо низ бирезад...»

«Заргӯшакро низ, оча?»

Онҳо ба чашмони ҳамдигар нигарон монданд ва писарро чизе гуфта натавонистанд. Писар хеле нигарон истод сӯйи онҳо, то посухе бишнавад, аммо онҳо дар ҳаққи Искандар ҳарфи ноҷо гуфтанӣ набуданд.

«А! Заргӯшаки маро низ ку...?»

«На, баччаҷон... Ин нахустшикори туст, падарат надонад. Чаро ӯро нагуфтӣ, ки ин ҷонваракро шикор кардӣ.»

«На, имкон надолад гуфтан. Ӯ ғазаб кунад, ки чало бе лухсати ман ба шикол лафтӣ.»

«Баҳона кунад ва моро ҷазо диҳад?»

«Оле. Хуб аст, агал надонад.»

«Ва хуб аст агар донад, ки ту шикорчӣ шудайӣ.» – Фармуд Рахшон.

Хеле хомуш монд Геракл ва арза дошт:

«На. Ман назди ӯ нахоҳам лафт.»

❁ ❁ ❁

Базмҳойи паёпай ва кушторҳойи мусалсал Коллисфени таърихнигори ботаҷриба ва аз сафару набардҳо баҳрамандро дилгир кард. Пайваста шароб хӯрдану базму айш рондану шӯридану куштану сӯхтану рабуданҳойи якранг ба дилаш зад; дар сафҳаҳойи баъдин ҷой додани шӯру шарро раво надид. Марги Пармониёни сипаҳсолору писаронаш, фоҷиаҳойи ёрону ҳамрикобон, бавижа куштори нобаҳангоми Клити вафодор ваҳоеънависро бурун аз худ овард, аммо шӯри пешонийи сипаҳбад Клит дарс шуд, ки нигоранда сахт аз худ наравад ва бо шоҳ тую ман накунад. Зеро шамшери тез ва дашнайи хунолуди ӯ ҳар гуна гарданро бурад ва сарсинаҳойи рӯйинро сӯрох кунад. Ҳама андеша, гуфтор, саргӯшӣ, миш-мишҳо, норизойиҳо, таънаву нафрин хонданҳо; ёди ватан карданҳо, пазмони дидори табору пайванд шуданҳо андар дилу дида ва мадди назару сари забони ин мирзо буд, аммо чизеро намедид, намешунид, намедонист. Таҷрибайи рӯзгор чунин омӯхташ. Вале ҳамайи ин чун ҳалоҳили андак зара-зарра кора ба

ҷисму ҷонаш дошт. Ӯ сабурӣ ва шикебоӣ пеша карда буд, то чӣ пеш ояд. Нигоштаҳояш як рӯ, нонабиштаҳояш як сӯ ташвишаш медоданд: ҳамвора аз қисмати Искандар, аз тақдири Юнону тамаддуни эллониҳо андеша дошт ва ангушти ҳайрат мегазид, ки чаро лашкаркаши монанд ба падар тахти шоҳаншоҳии Порсро аз маснади Юнону мулки падарӣ боло мегузорад. «Моҷарои шоҳи мақдуниву Клити вафодор фардо достон хоҳад шуд. Агар ман наситоям, дигаре хоҳад сутуд. Сабуксориҳои шоҳи сархуш нафрини пасовандонро афзояд. Худоёни юнонӣ аз ёди шоҳ рафтанд; ба як ваҳйи коҳинони маъбади Миср падари хунӣ бифурӯхт. Кӣ замонат диҳад, ки дар оянда чиҳо кунад?»

Таърихнигориҳои Коллисфен дилу бедилон шуд. Юнониёнро дилаш месӯхт, ки боумед омаданду ноумед шуданд; касдор буданду бекас шуданд. Онҳо шоҳзодаро Искандари оламгир карданд, вале назди ӯ беэътибор гаштанд. Ҷигараш сӯрох гашта буд аз ҳамдигарро куштанҳои бардаҳои юнонийи лашкари Искандару сипоҳи Доро. Ба вижа гоҳи дар Ориё асирони юнонийи Хишоёршоҳ аз Отин оварда, ки шоҳ Искандарро бо гулу шукуфаҳо ва шохаҳои сабз пазиро шуданду садо доданд, ки наҷотбахши мо омад ва шоҳи мақдунӣ ба ҷойи дилдориву наҷот ононро қатли ом фармуд, таърихнависро осудаву ором гузошта натавонад. Коллисфен дар гӯшайи дафтари хотирот «ваҳшоният» набишт ва зерашро хат кашид, то фаромӯш накунад он рӯзро. Дилаш гиристу гирист, вале аз ҷабру ситами Искандар сиришк рехта натавонист, магар гоҳи хоб.

Ба танг омада буд таърихнигори юнонӣ. Дарку эҳсос мекард, ки косайи сабр лабрез гашта, оё худдорӣ карда тавонад ё на? Зеро ду роҳ пеш омада: яке роҳи шоҳ Искандар, дигаре роҳи фарҳанги юнонӣ. Дар аҷаб аст, то бо кадом роҳ биравад?

Файласуфи шаккок Анаксархи шогирди Демокрит, ки Коллисфенро дандон дошт ва ҳамеша зидди ӯ рафтор мекард, аз куҷо дарак ёфта, ки аз дили таърихнигор чунин андешаҳо гузарад, хешро ҳамдарду ҳамақидайи шогирди Арасту Искандар дониста, ба оташи дили таърихнигор равған мезад:

«Аз он ки Дионису Геракли юнониро худо хонем, беҳ бувад, ки Искандарро худо донем! Хуб нест магар, ки худойи мо мақдунӣ бошад?»

Мақдуниён каф кӯфтанд, дигар ҳама хомӯш буданд. Коллисфен дар гирифт:

«Ман ин файласуфмаоби шаккокро, албатта, ҷонибдорӣ мекунам. Бешубҳа шоҳ Искандар сазовори эҳтиром бувад, ки инсонро хос аст. Вале мо бояд фаромӯш накунем, ки эллониҳо расму ойини хешро доранд: онҳо худоро худо шиносанд, касро кас. Ин ду чизро ба ҳам омехтан носавоб бувад! Худоён ҷурми бандагони носипосро набахшанд.!»

Чунин гуфтори Коллисфени доно эллониёнро шод гардонд, вале Искандарро ба хашму ғазаб овард:

«Фаромӯш кунед чунин лофу газофро!»

Баъзеҳо аз хитоби Искандар рӯҳ гирифта бо ҳай-ҳай ва сарҷунбониҳо Коллисфенро айбу эрод карданд ва шоҳро шерак гардониданд, ки ғазаб бар сари таърихнависи носипос бирезад. Аммо Искандар аз роҳу рою усули кори хеш нагашт. Ӯ ҷоми зарин баланд кард ва шароб нӯшид. Дигарон нигарон буданд, ки навбати кист? Кӣ бояд аз ҷоми зарини шоҳона шароби навбатӣ хӯрад ва шоҳ Искандари Мақдуниро саҷда орад, бархоста бо шоҳ лаб ба лаб бӯса занад, то шоҳи ҷаҳон донад, ки шаробхор гаравидайи ӯст. Искандар ҷоми зарин пур кард ва банавбат гардонд. Аввал аз наздикон ва дилобхӯрон. Онҳо ҷом ба сар мекашиданд, пеши пойи шоҳ сар меандохтанд ва бархоста шоҳро бӯса мезаданд.

Навбат ба Коллисфени хирадманд расид. Ӯ назди шоҳ рафт. Аз дасти шоҳ ҷоми зарин гирифту шаробаш бихӯрд. Вале зону назад, сар пеши пойи ӯ наандохт. Ҷом ба хидматгузоре баргардонду наздик шуд ба шоҳ, то бӯса занад... Аз канор садоҳо омад:

«Шоҳ! Бӯса мазан бо он носипос!»

Шоҳ, мехост ё намехост, бӯса накард бо таърихнигори аз шурби шароб андаке мағрургашта. Балки кафи даст пеш дошт ба рӯйи ӯ, то наздик нагардад. Коллисфен низ паст наомад:

«Боке набувад: ман агар гум кардам, танҳо як бӯса гум кардам!»

Шоҳ Искандар сухани ӯ нашунида ангошт. Ҷоми зарини дуввум, ки дар дасти ӯ буд, баланд медошт хомӯшу било ҳаракат ва ноҷунбон. Дар асл хаёлаш ба дуродур рафта буд: «Чӣ касест, ки Арасту бо ӯ ҳамроҳ кард?» Чун абру барқу барфу борон хира-хира ҳама шудаву буда аз назараш гузаштанд ва надонист андар миёни онҳо рӯшнойие буд ё на.

Коллисфен медонист подоши ин ҳақиқат ё густохиро. Аммо тир аз камон ҷаст ва шоҳ ба ҳар ранге пазирад, рой ӯрост. Таърихнигор ба чашми Искандар нанигарист, балки дида ба ҷоми баланди дасти ӯ ва сукуту андаке сар андохта, ба кирдори муҷассама истодани ӯ дӯхт. Медонист ҳамайи ин чӣ маънӣ дорад. Шоҳ андеша дошт. Чунон ки бо Клиту дигарон карда буд, нашӯрид ва ғазаби зардинагийи хешро ба кор набурд. Фаҳмиданд ҳама мақсади истоди шоҳро ва як-як бурун рафтанд. Аммо Коллисфен бурун нарафт. Рӯ ба рӯ монданд.

Субҳ дамид; субҳи деринтизор. Шоҳ буду таърихнигор. Ҳамчунон шоҳ ҳайкал гашта ва кас намедонист аз дилаш чӣ гузарад. Коллисфен аз зеҳну андеша мегузаронд, ки умр боқӣ бошад, чунин шакл гирифтани шоҳ Искандарро дар ҷое хоҳад кашид. Пурсу пос, лофу газофашон тамом шуда буд; яке амалро диранг дошт, дигаре подош нигарон.

Шогирдони Коллисфен, ки дар мактаби ҳарбийи аз замони Файлақус боқимонда дарсу таълим медод, ворид гаштанд ба толор. Ҳама устодро шинос буданд. Онҳо дар хидмати шоҳ шуданд, на дар хидмати устод. Зеро эшон дар ҳама ҷо нигаҳбону ҷондори шоҳ буданд; ҳамроҳаш ба сайру саёҳату шикор мерафтанд, хидматашро ба ҷо меоварданд.

Рӯзе дар шикоргоҳ гурозе пайдо гашт ва ба шитоб ҷониби шоҳ омад. Гермолайи Балканӣ аз ҳайату рафтори гуроз ба ниҳеб афтода ва ҷони шоҳро дар хатар дида, тир зад чорпоро. Чунин пешхезӣ ва пешдастийи ҷавони худрой хуш наомад Искандарро ва хашм гирифт ба ҷавон: «Магар надонӣ, ки гурозро ребу фиреб диҳанд? Ӯ рост ояд, ту чап рав ва гардани гуроз гоҳи тохт каҷ нашавад ва рост гузаро шавад ва ба кас осебе нарасад. Ман туро ҳамроҳ гирифтам ба шикор, а?»

Гермолай ҳайрон бимонд ва чизе нагуфт шоҳро; гунаҳгорона сар андохт. Ва Искандар хашм зери дандон гирифт. Ҷавонро шиканҷа накард. Вале асбашро оташ зад. Тамошойи дигар буд чунин усули ҷазо ва ҳамватанонро огоҳ карданӣ буд, ки андар ин мулк гунаҳгоронро ва ҳама гуна ҷурму гуноҳро дар оташи зардуштӣ хоҳад сӯхт. Баробари оташ задани асб сайҳа кашида сӯйи осмон чароғпоя шуд ва суми сахти хеш ба замин зада, рӯ ба саҳро ниҳод ва хирмани оташи фурӯзони нафт ҷонварро тезтак мекард. Гермолай гоҳи сайҳа кашида чароғпоя шудани бора як назар ҷонварро диду бо кафи дастон чашмро пӯшид ва наёрист дигарбора аз паси оташи фурӯзон нигарад. Баъд ба ӯ оварданд, ки асби пеши чашмашро оташ пӯшида худро ба беша зада бисёр ҷойҳоро сӯхтааст.

Гарчӣ рафтори шоҳи мақдунӣ намойишкорона буд, мақдуниёнро хуш наомад. Хашмашонро афзуд ва норозигиашонро зиёд гардонд. Чунин ҳукми худсарона ва тамасхуронайи шоҳ хуни Гермолайро ба ҷӯш овард. Аммо асрор ҳувайдо накард. Шарм дошт аз ёрону атрофиён, ки шоҳ кайфар бидодаш; бо сад азоб ғазабу хурӯшу оташи дарунро фурӯ нишонд. Ҷавони ба таълими ҳақиқату росткорийи коллисфенӣ хӯ гирифта ҳайрон буд, то чӣ кор кунад. Зиёд андешид, бисёр фикр кард, натавонист чизе бигӯяд шоҳро. Кина гирифт. Чун ёрони наздикаш гирду фаро меомаданд, ройсозӣ мекард. Ҳолу рӯзе ки ӯ дошт, дӯсти зиёд пайдо накард. Панҷ тан шуданд. Панҷа мушт гашт бар қасди шоҳ.

Онҳо бонавбат хаймаву саропардаву кӯшки шоҳиро посбонӣ мекарданд. Рой заданд, тасмим гирифтанд, ки Искандаро гоҳи сияҳмастӣ андар нозболини шоҳӣ сар гиранд, зеро ҳама безор гашта аз шоҳ; ҳатто мақдуниён. Сарбозҳо, сипаҳбадон, корвониён, зану фарзанди ӯ. Ва агар чунин кор ба вуқӯъ пайвандад, ҳама шодмон гарданд; аз зулми «шоҳи Порс» озод шаванд. Ситоми бораву ҳаюни хеш сӯйи Юнону Мақдуниё тобанд.

Шаби посдорийи Гермолай ва ёронаш буд. Чун паймон баста буданд, навбатдориро ғанимат дониста, нигарони омадани шоҳ шуданд. Зеро ҳар гоҳ, ки шоҳ аз базму тараб баргардад, беҳушу беёд ба шабистон медарояд ва танҳо хоб мекунад. Рахшони наварӯс андар шабистони дигар, вале сӯиқасдчиён огоҳ нестанд, ки Барзину Геракл дар куҷоянд.

Ва он шаб аз шоҳ дараке нашуд. Сапеда дамид. Искандар наомад. Дар пӯстини Гермолай кайк даромад, ки касе ҷосусӣ карда пайк ба шоҳ бурда ва ӯ аз нияти онон огоҳ гашта ба ҳарам надаромад. «Агар маро кушта, авлотар буд аз он ки ҷонварро. Чӣ гуноҳе дошт?» Он гоҳ оби чашми Гермолайро касе надида буд. Ҳоло зери пардайи бунафшранги сӯйи ховар сиришкаш сари синаашро тар кард ва гулӯяшро буғз панҷа зад.

Садойи пойи касон ӯро ба худ овард ва оби дида бо мушт сутурд. Дилаш ба тапиш даромад, ки аз баройи ӯ омаданд, зеро новақт меоянд. Посбонони мусаллаҳ буданд. Дили Гермолай тапид ва ёронаш гардан миёни шонаҳо кашиданд. Вале чун ҳаррӯза сарпос посбонони навбатиро оварду гурӯҳи Гермолайро рухсат дод. Гермолай ёронашро таъкид кард, то даҳон сахт доранд, ки ҳаёташон дар сари мӯй кашол аст.

Аммо сирре, ки ду тан донад, саввумӣ низ огоҳ гардад. Дуздиву ғаррӣ паси саргини хар. Асрор ҳувайдо шуд: яке аз ёрон сархуш гашта, ба касе лаққидааст, он кас мужда ба Биталомус бурдааст ва Биталомус ба шоҳ.

Шоҳ фармуд Гермолайро ба маҷлиси низомиён кашиданд.

— Сӯиқасд кардӣ, Гермолай?

— Сӯиқасд кардам!

— Чаро?

— Ба марги Файлотусу падараш Пармониён ва Клити бегуноҳ ва шабҳойи бехобиву базмҳойи бемаънӣ.

— Ройзану раҳнамоят кист?

— Он хуки Гуроз! – киноя зад Гермолай.

Хандиданд маънийи сухани ӯро сарфаҳм нарафта. Гермолай низ сахт хандид. Ёронаш меларзиданд.

Искандар хашму ғазаби хешро фурӯ нишонда натавонист: «Оташ занед!»

Шоҳи мақдунӣ бовар надошт, ки чунин берӯву риё бо ӯ сухан гуфтани Гермолайи ҷавон ройи худи ӯ бошад: «зери коса нимкосае бояд бошад.» Дар ҷавонӣ худи шоҳ низ якравию ноҷокориҳойи зиёде карда, аммо на чунин, ки Гермолай кард. Бовар надошт, ки Гермолай, ёронаш ва мураббийи пурдон қасди ҷони ӯро доштанд. Гоҳи дод ҷавонони бегуноҳ андар додхона пурси додгустарро посух доданд, ки касе ба ин кор ёр нест, шоҳ бовар накард. Бавижа баъди он ки Коллисфен аз зону задани пеши пойи ӯ рӯй тофт, шоҳ бовар надошт, ки устоди ҷавонони мактаби ҳарбӣ – Коллисфен

ба ин суйиқасд ҳамроҳ набошад. Ғазаб кард ва хашмаш афзуд, то баҳонае пайдо гардад ва адаби таърихнигорро диҳад. Таассуф мехӯрд, ки дар базми оншаба ӯро аз пайи Клит нафиристод.

Боз базм орост Искандар ва фармуд Коллисфени хушгуфтор суханронӣ кунад. Таърихнигор, ки солҳойи дароз сари дил пур карда буд, айни муддао донист чунин базмро, то дил холӣ кунад. Зеро ғарази новақт базм оростани шоҳро дониста, худро омода сохта буд ҳам ба набард ва ҳам ба ҷанги даҳанакӣ. Аз мушоҳидайи нобакориҳо, нобасомониҳо ва аз худройиву худкомийи шоҳи ҷаҳонгир ба танг омада буд ва мехост дили пур ва ғами сарсинайи дамидаро холӣ бикунад; ё бо гуфтор ва ё бо теғ. Синайи моломоли дард илоҷи дигаргуна холӣ шудан надошт; ё гӯяд… ё теғ зада, сӯрох карда, боди гардони дилу синаву мағзи ӯро бароранд:

— Шоҳо, он чӣ аён бувад, чӣ ҳоҷати баён бувад. Ман аз рӯйдодҳойи пешину пасин дарёфтам, ки юнониёнро роҳи бозгашт нест. Лекин шоҳ набояд ҳама гумонбарҳоро якранг кайфар бахшад. Шоҳи ҷаҳонгир бояд бидонад ва фаромӯш накунад, ки баройи шӯҳрат ва овозайи Искандар хомайи Коллисфен зиёдтар хидмат карда аз шамшери мақдунӣ!

Искандар чунин гуфторро умедвор буд, то ӯро ангезад ва бар равғани оташу ғазабаш равған резад. Вале ӯ нашӯрид, наёшуфт, балки найранг ва доми тазвир ба кор бурд:

— Ай устоди суханвари базморо! Имрӯз хештанро ситойиш макун, балки бартариву пирӯзиҳойи мақдуниёнро бигӯ, то онҳо донанд, ки кистанд, чӣ арзише доранд, то огоҳу омода бошанд, ки боз чӣ корномаҳое бисозанд. Онҳо бояд аз забони ту бифаҳманд, ки эътиборе доранд назди шоҳу таъриху таърихнигор!

Коллисфени суханвар сар андохт, ки ба дом омад, вале устодаш Арастуро ёд овард ва он сӣ тан ҷавонмардони суғдиро, ки «Сар медиҳему ватан ба душман намедиҳем!» мехонданд гоҳи зери дор рафтан.

Каф кӯфтанд мақдуниён, офарин хонданд ва гулафшон карданд Коллисфенро. Искандар дарёфт, ки ният ба муроди ӯ нахӯрд, найранги дигар пеш овард:

— Чизи сазовор ва арзандаро ситойиш кардан саҳл бувад. Инак, агар хоҳӣ, устоди сухан будани хешро собит гардонӣ, чун айбҷӯ ва хурдагир ҳарф бизан, то мақдуниён чашм аз норасойӣ ва нотавонийи хеш напӯшанд ва ба ислоҳаш бикӯшанд!

Таърихнигор дарёфт муроди шоҳро. «Ё тир бикафад ё кунда» гуфт. Медонист, ки бародарони эллонӣ аз дасти худкомони мақдунӣ ба танг омада буданд. Нисбати онҳо нафрат доштанд ва дар дил кина мепарвариданд. Гуфтору рафтори шоҳ худи ӯро дилгир карда буд. Аз ин рӯ маҳорати суханвариашро ба кор бурда, ба сари мақдуниён бирехт иддаояшро:

Чӣ ҷойи баду нек гуфтан аст? Магар Файлақуси дуввум – падари шоҳ Искандар набуд, ки баъди тохти порсҳо дубора хоки Отинро бехт? Танҳо низоу нотифоқийи юнониён Порсро шӯҳратёр гардонд. – андаке хомуш монд Коллисфен, то чӣ ояд аз шоҳу атрофиёнаш. Хомӯш буданд ҳама. Таърихнигор афзуд:

— Шоҳо! Магар мақдуниён наянд, ки ин қадар бедодӣ кунанд? Шоҳзода Искандари Сонӣ ягона касест, ки дар лашкаркашӣ ба падар рафта. Искандар ягона писарест, ки нақшайи падарро амалӣ гардонида, орзушиканӣ кард; ба Порс лашкар кашид, вале аз ҳадду марзи Порс бурун рафт. Ҷаҳонпӯю ҷаҳонҷӯй шуд. Боройи мақдуниён фарқ надорад, ки шабро дар куҷо рӯз мекунанд ва қабрашон дар куҷо баланд мегардад...

Ғалмағал шуд миёни мақдуниён, ки масхара гаштанд. Коллисфени юнонӣ беҳурматӣ кунад нисбати эшон.

«Ҳунари суханварӣ эътибор набувад! Эътибор он бошад, ки Коллисфени таърихнигор он чӣ дар дил дошт ба забон овард..!» – заҳрханда дошт шоҳ Искандар ва ҳамаро огоҳ кард, то бидонанд, ки ӯ кист?

Коллисфени юнонӣ пурра дарёфт, ки аз содадиливу ростӣ ба доми бало зад. Акнун чу магас аз танайи анкабуд болу пар ҷустан ва пойи гурез раҳо кардан имкон надорад. Ба ҳар тақдир ҳоло бояд аз чунин базми бадбӯ, ки аз базми шоҳона дида бештар базми бепадарон ва бепарасторонро монад, бадар равад. Побаста барин. Ӯ натавонист бинӣ пӯшад, то бӯйи туршу ғализи шароб камтар ба димоғаш расад; натавонист ба гӯш пунба занад, то нешханду мазоқи эшон нашнавад; чашм пӯшида натвонист, то симойи шӯридаву ваҳшиёнайи ононро набинад... Хеле худдорӣ кард, то лаҳзаҳойи зишту нофор гузаранд ва хандайи заҳрогини мақдуниён афзун нагардад. Ба гирду пеш нигарист ва мирзойи хеш Стреброро пеш хонд ва фармуд тарку бадрӯд гӯянд ин базми дилгиру сархӯрро:

— Стреб, ту кунун таҷриба андӯхтӣ ва мушоҳиди ҳама кирдорҳову қисматҳо ҳастӣ! Магар дарёфтӣ, ки маро чӣ пеш ояд?

— Нахоҳам донистан, устод...

— На! Қисмат ба дасти мо набувад... Мо намонем дар ин хок, Искандарҳо низ нахоҳанд монд. Вале он чӣ дидему нигоштему рақам кардем, бояд бимонад. Пасовандон бояд ҳақиқати ҳолро бидонанд... Ин ба ту вобаста аст!

— Ҳамаро дар сар дорам, устод!

— Пармониёни сипаҳсолор низ ҳамаро дар сар дошт. Чун сараш гирифтанд, ҳамаро бо сари хеш бурд. Хубийи набишта он аст, ки сарҳо ҷой мешавад, якеро буранду баранд, ҳазорҳойи дигар бимонад. Бояд ҳамаро нигорӣ ва ба шогирдони Арастуйи бузург назари нек дошта бошӣ. Дили бузурги онҳоро пай бурда тавонӣ, нияти неки ононро ситойиш кунӣ. Аввалин касе, ки пешниҳоди

Искандарро ба ҷанги Порс рад кард, Арасту буд. Ӯ фиристод маро ба ҷойи хеш; гумон дошт Искандар шоҳи одилу рисолавӣ мешавад; ҷаҳонгардӣ мекунад баройи ҷаҳонкушойӣ; баройи донистану дарёфтани олам. Баройи беҳрӯзийи кас ба пешвози Хуршед меравад; баройи бемаргийи одам Оби Ҳаёт меҷӯяд. Дареғ! Ҳама андеша доштанд, ки аз нури Хуршед ва оташи зардуштӣ покӣ меомӯзад, зеро покизатар аз оташу хуршед чизе нест... Маро амон набувад, ту бояд дар амон бошӣ...

— Бе устод маро чӣ кор ояд амонӣ?

— Кор зиёд аст, Стреб. Ҳақиқатро бояд нависӣ. Лекин ман нияту армони дигар доштам: ба замми таърихнигорӣ, воқеа, руҳдоду бедод навиштан, дар сар нақшайи навиштани фоҷиъаҳоро доштам. Зеро Юнон бо фоҷиъаҳойи асотирийи хеш номдор аст. Ба назари ман ҳанӯз Геракл дар қуллайи кӯҳи Олимп месӯзад ва нури он марзи Юнонро мунаввар месозад. Вале шоҳ Искандари мақдунӣ ин оташро намебинад. На танҳо оташ, балки худоёни юнониро фаромӯш кард; оташи зардуштро пазируфту худоёни бегона – Аммону Диоскурро. Дар фаромарзи Юнон фоҷиъаҳо сохт; оламро фоҷиъабор кард. Касе нахоҳад бахшид чунин писарро. Ҳатто худоёни сохтаву қалбакиаш.

Базмгоҳ паси сар шуд. Устоду шогирд гирифтори сӯҳбат аз кох бурун рафтанд, касе пеши роҳи онҳоро надошт. Вале Коллисфен зиёд мехост, ки аз шогирд ҷудо гашта аз пайи кори хеш шавад. Зеро ба сараш васвасйи шайтонӣ буд ва ӯ умеди зиндагӣ надошт, хешро ба худкушӣ омода месохт. Хоҳ-нохоҳ чунин кор шавад, агар худаш накунад, ин кор бо ҳукм шавад. Аз ин рӯ зудтар ба қароргоҳ расида чанд чизи нотамомро анҷом дода сабаби худкушиашро низ набишта, пасон фоҷиъа сохтанӣ буд.

— Стреб, ту бирав ба базмгоҳ, ҳама рӯйдодҳоро бубин, бишунав... ба кор ояд.

— Базм анҷом пазируфт, устод, – муроди Коллисфенро пай бурда, фармуд Стреб.

— На, Стреб... Базми искандарӣ бо чунин зудӣ анҷом нагирад. Онҳо мардумро бо базму шароб машғул доранд ва тақдири моро ройсозӣ кунанд.

Вале Коллисфен ба мурод нарасид. Ба манзил нарасида, сӯҳбаташон анҷом напазируфта ва аз шогирд ҷудо нагашта, боздоштандаш фиристодагони шоҳ ва завлона ба дастонаш зада бибурданд назди Искандар.

Шоҳ хеле таваққуф карду дандон сойид ва хашмашро фурӯ нишонданӣ шуда, гом зад назди ӯ ва боз найранг кард:

— Шогирдонат иқрор карданд, ки сарвари сӯйиқасдчиён ту ҳастӣ. Рост аст?!

— Агар шогирдони ман таълими арастуйӣ нагирифта бошанд, имону дину ойинашонро фурӯхта бошанд, чунин гӯянд. Вагарна ба гулӯйи онҳо шамшери тез гузорӣ ҳам, дурӯғ нагӯянд.

— Пас мо дурӯғ гӯем?

— Ман надонам... Биоваред шогирдонро бо ман чашм ба чашм шаванд ва агар ҷуръат доранд, дурӯғ бигӯянд.

— Шогирдон нестанд!

Коллисфен сар андохт аз андӯҳ, ки ба даст завлона задан даст аз зиндагӣ шустан бувад. Бо вуҷуди он хост росто бимирад.

Шоҳ ба дӯсташ Антипатр рӯ оварда гӯшона гуфт асирро:

— Мақдуниён шогирдонро сангсор карданд. Адаби ин софистро[1] худам медиҳам ва адаби онҳоеро низ, ки ин найрангбозро фиристоданд ва дар набудани ман дарвозаҳойи Юнонро ба рӯйи душманон кушоданд.

Коллисфен дарёфт, ки шоҳ Арастуро дар назар дорад. Дилаш гирифт. Вале ҳайҳот, ба устод нома карда натавонад. Ӯ назар афканд ба атроф, то Стребро бинад, пайдо набуд шогирд…

❁ ❁ ❁

Рахшони ҳайрон зиндагийи шоҳонаро дигаргуна тасаввур мекард. Чунон ки аз афсонаҳойи шоҳони каёнӣ ва шоҳаншоҳӣ шунида буд, шоҳ бояд шоҳ бошад ва шаҳбону маликайи хубон. Шоҳ бояд марз, коху диж ва тахту бахти хешро дошта бошад. Ӯ бо орзуву армони зиёд шоҳеро ҷуфти хеш пазируфт, ки оворагарду кӯчӣ бувад. Тахте ва рахте надорад баройи хеш ва баройи малика. Бо вуҷуди забардастӣ ва овозайи зиёд пеши сипоҳ ва онҳое ки андак хирад доранд, бӯқаламун ва найрангбоз ва беандеша тобад. Баройи Рахшона низ шоҳе натофт, ки мехост. Бадпаймон баромад. Аҳд карда буданд, ки дигар хун нарезад, инак месӯзад. Искандар дер истод андар Мароқанд. Инак рахти сафар бастанист, Рахшон майли мусофират надорад. Шоҳи дилпур нест, метавонад дар ҳар қадам ӯро хор дорад. Ҳамин ниятро духтар гуфт ба падар. Вале падари ҷоҳхоҳ ба маънийи сухани духтар сарфаҳм нарафта, дӯғу даранг кард, ки чунин ният доштанашро шоҳ нафаҳмад.

Искандар биҳишти рӯйи заминро бадрӯд гуфт. Сипоҳи ӯ тезтаку шамшерафшону маҳмеззан набуд, балки паруболрехта мерафт. Гӯши асбон афтида ва сари пиёдагардон хамида, базӯр гом мезаданд. Онҳо на пирӯзу забардаст метофтанд, балки мағлубро мемонданд. Шояд аз он бошад, ки ба ҳавойи қадами таърихнигори асир гом мезаданд. Хеле ногувор тобад Рахшонро, ки Коллисфен андар завлона, баста ба дунболи корвон чу саг, афтодаву абгор ба

---

1. Софист – муаллими пулакийи фалсафа дар Юнони қадим; найрангҳойи забонийи гумроҳкунанда.

кирдори девонайи занҷирбанд гом мебардорад ба пойи сутурон. Соқа тамошо кунад азоби таърихнигорро ва ҳар гоҳ, ки по ба по зада афтид, асби фитроки банди дасти асир ба зини ӯ баста вазза кашад рӯйи роҳ, бинанд ҳама. Рахшон пардайи гардунаро бардошта ҳоли ӯ бинад ва аз дил гузаронад, ки шоҳ ба чунин ҳол кушад, то хун рехтанаш маълум нагардад.

Корвон мегардад ба пойи сутурон. Пирону зодагони ҷангу гетерҳо ва зану фарзанди шоҳ, ғаниматҳову рабудаҳо дар ин корвон аст ва соқа ояд аз пайи он. Коллисфен гоҳ-гоҳ ба худ омада бинад, ки роҳи сипардаро бозгашт тай кунанд. Хонаҳойи сиёҳи канорайи роҳ ва ҳавзаҳо сӯхторҳойи ваҳшиёна ва қатли оми Искандарро пеши назараш оварад ва ӯ низ сӯзад; арақ пахш кунад, аз ҳангу нерӯ равад ва боз афтад рӯйи роҳ. Вазза кашад ҳаюн. Аҳли соқа боз бардошта ба по рост кунанд ӯро, об зананд ба рӯяш. Вале ӯ чизе нагӯяд, сафҳа-сафҳа таърих гузарад пеши рӯяш. Дудҳойи сӯхта фазойи осмонро пӯшад; оқибати ҷангҳойи Искандар.

Малика андар гардунайи шоҳӣ, Барзину писараш андар гардунайи гетерҳо. Рахшон ҳар гоҳ Гераклро ба гардунайи хеш хонад, вале бим аз ғазаби шоҳ ӯ наравад назди малика. Аҷаб аст, ки дар чунин синну сол писар падарро номеҳрубон дарёбад. Ҳама як сӯ бувад, андар завлона рафтани Коллисфени таърихнигор як сӯ. Рахшон ин чизро ҳазм карда натавонад. Кӯшиш дорад, ки ҳоли чунин марди фарзонаро набинад. Ба пеш нигарад, чашм пӯшад ва пардайи ғурфайи гардунаро накушояд. Аммо чашми дилаш бинад ӯро, дарк кунад ҳолу аҳволашро. Аз даму нафаси сӯзони малика гардуна пур аз нафрат гашта.

Муддати мадид завлонакаш афтону хезон, гушнаву ташна чу саге баста ба дунболи корвон аст рӯзаш сиёҳтар аз шаби тор. Расидаву парешон мӯю ришаш, кафидаву сӯхта пойҳояш ва харошу ворафта пӯсти зонуву оринҷҳояш. Костахирад ва равонгусастаро монад, ки суду зиёни хеш надонад. Ва ақлу хирадаш нарасад ба раҳидан аз чунин банд.

«Ман ӯро ба чунин ҳол назди устодаш Арасту бубарам!»

Аз хитобаҳойи навбатийи шоҳ буд, ки ба таваккул гуфт ба касе рӯ наоварда ва касе аз ӯ напурсида. Андеша накард, ки дуру дарозост роҳ. То ба д-он манзил расидан як умри одамӣ лозим шавад. Зеро аз он сӯ ба ҳавас ва умеди зиёд омада буданд, аз ин сӯ оҳиставу бо дирангу таъхир раванд. Дар он ҷо хазинайи холийи мақдунист бо ҳамон ҳаштсад толони вомии искандарӣ.

Ба Бохтар расиданд... Ҳафт моҳ гузашт. Дар ин муддат рухдоде нашуда, ки сазовори нигоштан бошад. Искандар дар ғами он буд, ки осорхона, дижи қадима ва хазинайи зеризаминийи Бохтарро пайдо кунад. Дергоҳ манзил гузидани шоҳи мақдунӣ аз ин рӯ буд. Вале ин чизҳоро пайдо накард. Ҳарчанд гумоштагон

ва афсару сарбозон дар ҳама ҷо ҳозиру нозир буданд, чизе ба даст наоварданд.

Дар ин миён ба Коллисфен оварданд, ки шоҳ дар Иттифоқи Коринф дар ҳузури донишмандон ва файласуфи бузургу дилогоҳ Арасту таърихнигор Коллисфенро ба додхона кашида, худ додгустар шуда, шоҳидонро пурсида, ҳукми одилона хоҳад баровард, то Арастуйи бузург аз ӯ наранҷад...

Рост буд ё дурӯғ Искандар майли ватан накард. Дар ин миён обҳойи зиёде ҷорӣ шуданд, рӯзи таърихнигор беҳ нагашт. Искандар хоҳиши Рахшонро низ ба инобат нагирифт:

— Олам хандад, Искандар... Ҳама ханданд, ки шоҳи мақдунӣ таърихнигори хешро ба чӣ рӯз расонидааст.

— Модари ман Олимпиадайи номдор ҳеҷ гоҳ ба корҳойи давлатийи падарам шарик нашуда буд, – фармуд Искандар ва чунин посух баройи Рахшон гарон омад.

Рахшон лаб фурӯ баст ва дилсард гашт аз шоҳ. Аммо дилаш ба Коллисфен месӯхт, ки марди фарҳангиро ба чунин ҳол овардан аз рӯйи адлу инсоф набувад.

Коллисфен дар пӯсти бӯзинайи дарозмӯе гашта буд, ки дар офтобрӯяе шабуши бехи мӯй тоза мекарда бошад. Нохунҳо расида, чашмони ба қаъри хонааш фурӯ рафта аз миёни мӯйҳойи парешон камнур метофтанд. лабҳо карахш баста ва дандонҳо зарду зангор баста низ ҷо-ҷо фурӯ рехта буданд ва қомати сарваш камон гашта. Ин марди хирадманду қайсару ҳақгӯй гумон ҳам накарда буд, ки ҷаҳоншоҳ то ин андоза хандахариш мекунадаш. Ҳукми кушро чашмдор буд, чунин азобу мазҳакаро на.

«Худоё! Касе пайдо гардад, ки ғаму шиканҷаву оҳу ҳасрати маро рақам кунад? Ман ҳама уқубатҳоро менигоштам, ногуфтаниҳоро дар сар медоштам. Инак он ҳама бо худ бубарам ва касе надонад, ки чиҳо низ буд андар аҳди Искандар. Он чӣ аз устодам омӯхтам, нигоштам: ҳақиқат ҷустам, фош гуфтам... ва бояд чунин подошро нигарон мешудам. Эй, кистӣ, ки пеш наойӣ? Стреб! Чаро наздик наойӣ, чаро рух нанамойӣ? Манъ кардаанд? Ё рӯҳи Стреб ҳастӣ? Магар туро низ... Худоё! Кӣ монд дар сипоҳи Искандар?! Хамидақоматоне чу ман мондаанд, ки то Юнон нарасанд. Онҳое, ки ҳанӯз равон доранд ва амонатро бардошта тавонанд, бардаҳоянд, ки дар ҳар ҳолат тавонанд шоҳро бадрӯд гӯянд... Эй худойи Зевс, илтиҷо дорам: бо он барқи сӯзонат бишикоф синайи маро, то аз ин азоби алим раҳо ёбам! Ай Зевс! Наход худоён ҳама тарафдори зӯр бошанд?»

— Ай Искандар, шоҳи ҷаҳонпӯй! Агар имкон дорӣ ва майл дорӣ, рухсат бидеҳ, то ба мулки падарам баргардам.

Искандар андеша накарда баланд хандид:

— То ба он ҷо расӣ, ки падарат бемулк гардад.

— Хубтар бувад аз он ки мулк дошта бошад. – танҳо маънийи мулкдориро дарёфта гуфт Рахшон, аммо фаҳм накард, ки шоҳ ба чӣ ишора дорад.

— Ин чӣ андешаест, ки гӯйӣ?

— Андешае набувад, Искандар. Боре чашмам ба он таърихнигор хӯрд ва андешидам, ки ҳайвон будан бартар бувад аз он, ки инсон.

— Ҳмм... Ту танҳо уқубати ба ӯ расидаро андеша кунӣ, аммо ҷони суханро сарфаҳм наравӣ. Охир саги устухон дода бузург карда аз поят газад, кайфари носипосиашро низ бояд бидиҳӣ! Ту беҳуда аз ман ранҷӣ ва киноягҳойи ноҷо занӣ. Агар сагро танбеҳ надиҳӣ, бори дигар ба хирной дандон занад.

Рахшон фаҳмад чунинонро, аммо тасаллӣ наёбад бо чунин суханҳо. Зеро ҳар кор ҳад дорад ва мулк сарҳад. Малика андак-андак дарку фаҳм кунад хӯю атвори Искандарро: мор аст – аз пасаш наравӣ, гурба бувад – думашро пахш накунӣ, гуроз аст – рӯ ба рӯ наситезӣ, шер бувад – ба ғазабаш гирифтор нагардӣ... Ва аз одамияташ чизеро дарёфт накарда. Шояд аз он бошад, ки асилзодайи суғдӣ айёми рушди ваҳшонияти Искандар ӯро дучор омад. Шоҳеро надида ҷуз ӯ. Аммо шунида аз афсонаҳо, ки шоҳон одил бошанд ва гуноҳи бузургро баъзан биомурзанд.

Ва аммо Искандар масали хешро дорад: «Сангро санг шиканад.»

Коллисфен як бори дигар «Искандарнома»-ро навишт. Ин бор на дар дафтару коғаз, балки дар сафҳаҳойи носутурданийи мағзи сараш; дар шишайи чашму ойинайи дилаш. Начакконда, нарезонда, андаку зиёд нагардонида, чунон ки шоҳи мақдунӣ буд, чунон ки ҳамрикобону балегӯёнаш ҳастанд, чунон ки буду чунон ки шуд... Вале ҳайҳот сурати хешро дида наметавонист, ки бо чунон ҳайат дар радифи шоҳи ҷаҳонгир бигзорад. Гоҳ-гоҳ сурати хеш дар ойинайи обҳо медид ва он обҳо ҳама хунин ва гилолуд гаштанд.

Акнун шоҳ симо ва чеҳрайи ба шодӣ монанди ӯро дидан нахоҳад ва ору номус кунад аз дидори ӯ. Мардуми таҳҷойӣ ва аҳли сипоҳ, агар бинанд, шоҳро ҳам бо ангушт ишора кунанд, маймунодамро ҳам. Миш-мишу саргӯшиҳову ишораҳоро ба шоҳ расониданд. Ҳатто таънаҳоро.

Рост буд ё дурӯғ, баройи аз ин таърихнигори ҳайвонсурат халос шудан ё хешро ширин кардан Биталомуси пилзӯр овард, ки чунин ҳайвони бетамизро, ки костахирад ва гусастаравон гашта, айб аст миёни сипоҳ доштан ва ҳамроҳ гардонидан. Зери чакманаш пур аз шабуш ва кана низ дорад, ки аз калламушҳо гузашта.

Ҷаҳонгир Искандари писари худо хашм гирифт ва мурофиайи Иттифоқи Коринф ва дидори Арастуро нигарон нашуда амр кард:

«Бардоред аз миён ин махлуқи зиштро!!!» Коллисфенро аз миён бардоштанд ва овоза шуд, ки шабуш зада ва кирму кана карда мурд...

## БАНДИ ДУВВУМ

Гоҳе ки Искандарро роҳи рафт гум буд; дар Суғду Бохтар бозмондан ва ё ба Мақдуниё баргаштанро равшан муайян накарда буд, аз номи роҷаи ҳиндӣ Таксил (Осиф) фиристода омад. Шоҳи мақдунӣ фиристодаро пазируфт ва аз боби Ҳинду мардумони он ва мулку мулкдорӣ зиёд пурсид. Фиристода хеле ба шавқ дар борайи мӯъҷизаосо будани кишвари Ҳинд ва ба он ҷо омадани писарони худойи барроқ Зевси юнонӣ – Гераклу Дионис ҳикоятҳо кард ва шоҳ Искандарро ангехт ба ҳирси доройӣ. Аз гуфтори фиристода баромад, ки симу зари Эрону Суғду Бохтар дар муқойисайи лаълу лоҷуварду зумуррад ва дигар сангҳойи пурқиммати Ҳинд чизе нест. Пас Искандар андар зеҳн зиёд нақшаҳо кашид, пур андешид; имкони ба Иттифоқи Коринф ба ин зуддӣ нарасиданро дарёфт; вонамуд, ки танҳо аз омадани фиристода фикр мекунад:

— Муроди ту чист?

Фиристода қиссайи нав оғоз кард:

— Панҷоби Ҳинд се роҷа дорад: Осиф[1], Пор ва Абисар. Ин ду Пор ва Абисар бо ҳам муттафиқ гаштанд бар зидди Таксил. Мудом арбадаву пархош доранд. Таксил сахт ба дод омада. Ва инак маро фиристод бо ҳазор урзу маънӣ назди шоҳи олампаноҳ. Инак ин руқъайи роҷа, то гуфтаҳойи ман тасдиқ гардад.

Чун Искандар аз нома огоҳ шуд, ки Таксил мададу ёрӣ мехоҳад, фиристодаро паймон баст, ки ба ёрийи роҷа бирасад. Вале чун кӯҳҳо барфгир буданд ва айёми зимистон лашкари зиёд сӯйи Ҳинд бурдан осон набуд, шоҳ Искандар то баҳор бозмонд дар Бохтар ва чун нафаси баҳори соли се саду бисту шаши то милод заминро рӯҳ бахшид, Искандар лашкар кашид сӯйи Ҳинд. Роҷа ба пешвози Искандар омад то Ориё (Кобул). Ва ӯро бо роҳе бурд, ки пеш аз ин шоҳ надида буд. Аз дижи кӯҳийи Аорни Бохтар то қасри кӯҳийи Аорни канори рӯди Ҳинд.

Сипоҳи румӣ андар рӯдбори Ҳинд хайма зад, зеро роҳи убургоҳе, ки миқдори зиёди сипоҳи Искандарро гунҷонад, набуд. Гефестиони сипаҳсолор сафинаҳоро оварда бар ба бар гузошт, то пуле гардад, нашуд. Пас оғозид ба сохтмони пули Ҳинд. Волийи Таксил ёриву кӯмаки зиёде кард, то пул зудтар ду соҳилро ба ҳам пайвандад. Роҷа мол, хӯрокворӣ, қуввайи бозӯ ва пилҳойи зиёде

---

1. Осиф баъд номи шаҳри Таксилро гирифт.

бахшид. Искандар қурбониҳо кард, сипоҳро зиёфат дод, базм ороcт ва эълом дошт, ки сафари Ҳинд оғоз хоҳад ёфт.

Шаҳрдор Искандарро бо нону намак пазируфт андар шаҳри Таксил. Шаҳр андар канори рӯдбор ҷойгир буд ва деворҳойи баланду зебое дошт. Чунон мавқеъ гирифта буд, ки кӯҳҳойи барфпӯшу нуқрафоми Кашмир метофт. Шаҳри зинда ба савдо аз омади сипоҳи Искандар меҷӯшид. Мақдуниён ва юнониён дар ин мулк чизҳое диданд, ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ куҷо надида буданд. Шаҳрсозӣ дигар буд, меъморӣ дигаргуна буд; тарзи зиндагӣ низ. Мардум гӯё ба табақаҳо ҷудо буданд: шоҳу гадо. Сокинонаш сияҳпӯст буданд ва риши хеш ранг мекарданд; либоси пахтагин мепӯшиданд; асбоби орову торояшон махсус буд, ки дар дигар мамолик дучор намеомад. Ҳар кадоме дар даст ё ҷайб ойинае мегардонд. Раммолон ва фолбинҳо рӯйи роҳҳо нишаста, касеро нигарон мешуданд. Аҷибтар он ки мардони камбизоат ва ниёзманд духтари хешро дар бозор мефурӯхтанд ё ба занӣ пешкаш мекарданд. Оҳангҳойи шӯхи кӯчаву бозориро меписандиданд ва ҳунар менамуданд: яке боду борону офтоби тамузи тобистон нагуфта рӯйи замин мехуфт, дигаре ду пой паси гардан гузаронида менишаст; саввумӣ лангарчӯб дар даст тамоми рӯз якпоя мурғона меистод.

Искандар чун донист, ки ҳиндувон писари Зевси юнонӣ Дионисро худойи хеш медонанд, дар ҳайрат афтод. Зеро фиристодайи Таксил дар Суғд Искандарро огоҳ карда буд, ки Гераклу Дионис дар Ҳинд будаанд, аммо нагуфта буд, ки онҳо писари худойи Зевс Дионисро худойи худ медонанд. Ҳайраташ афзуд, кунҷкобӣ кард, ҳама чизро донист ва аҳд кард, то корҳое ба сомон расонад, ки зиёдтар аз писарони Зевси барроқ шӯҳрат пайдо кунад.

Дар ин миён роҷа Абисар ба шаҳри Таксил намоянда фиристод ба эҳтироми Искандар, вале худ наомад. Роҷа Пор саркашӣ кард аз итоати Искандар. Чун шоҳи мақдунӣ хешро шаҳриёри Таксил низ медонист, бе ҳеҷ ройсозӣ роҷа Таксилро ҳоким хонд ва ҳудуди мулки ӯро фарох гардонд ва дар шаҳр фавҷу гурӯҳу дастаҳойи ҳарбийи румиро ситод кард.

Роҷайи бузургу мағруру саркаш Пор дар канори рӯдбори Гидасп омода шуд ба ҷанги Искандар. Ӯ ба кӯмаки роҷа Абисар умед баста буд ва аз рӯйи паймон дар мавридҳойи танг бояд ба ҳамдигар мадад мекарданд. Аз ин рӯ Пор сарсина бардамонда ва мушт бар он кӯфта ба мардум мефаҳмонд, ки ба ҷанги шоҳи ҷаҳон, баҳодури бедорбахт, Искандари оламгир мебарояд. Вале аллакай миёни мардум овоза шуд, ки Искандар низ яке аз писарони худойи Зевс аст. Вале Пор садо медод, ки ҳоло аз ҷабри писарони худойи юнонӣ озод нагаштаанд.

Ва аммо роҷайи тарсу Абисар Порро мадад накард...

... Чун дар афсонаҳо худойи осмону замин ба кӯмаки Пор расид: ончунон борону жолаву бод фиристод, ки рӯдбори Гидасп

дамид. Мадд кард, моломол гашт. Аз кӯҳҳои Ҳимолой он қадар об ҷорӣ шуд, ки роҳу раста намонд. Об киштиҳоро бардошт, ки ба сони бату моғ метофтанд. Об медамид. Пор сипоҳи хеш дар карона саф орост, то Искандарро имкони убур набошад.

Андар канори рост чанд фарсах болотар аз Дуоба Искандар омода буд барои гузар. Сипоҳе, ки рӯдҳои Оксу Яксарту Политиметро убур кардааст, аз Гидасп низ гузаргоҳ хоҳад ёфт.

Лашкаркаши бузург бифармуд сафинаҳои канори рӯдбори Ҳиндро ба соҳили наҳри Гидасп оваранд. Чунон карданд. Салу гупсару саноҷу ишкамбаҳоро ба кор бурданд. Ва ӯ чун медонист, ки душман дар рӯ ба рӯ сипоҳ ороста ва пилҳои зиёди ҳиндӣ девори пешгир шудаанд, усули набард дигар кард чун одат. Сипоҳи пиёдагарди сипаҳбад Кратер рӯ ба рӯйи сипоҳи Пор рӯддармиён бозмонд ва вонамуд, ки овард кунад. Искандар дастайи хешро сӯйи болооб бибурд то се-чаҳор фарсах.

Ӯ чунон кард, ки дар ҳама набардҳояш мекард; касе огаҳ намешуд ва чашмдор набуд, ки Искандар ин бор чунин кунад ё чунон. Он шаб тамоми шаб раъд меғурриду тундар чароғак мезад; жола мебориду борон. Оби рӯд медамиду мешӯрид ва аз худу аз маҷро бурун мерафт. Дар чунин вазъи маҳшар Искандар аз байни анбӯҳи дарахтон завраҳу сафинаҳоро бар об андохт, ки касе гумон надошт. То субҳ бо машаққати зиёд дастайи ӯ убур кард рӯдро. Раставу радда шуданд ва нигарон истоданд убури фавҷи саворонро. Салу амаду завракчаҳои ҳамвор пайи ҳам рӯдбори пурталотумро гузаштанд ва дар чунин тӯфони нобаҳангом чӣ қадар саворони нобалад тӯъмайи рӯд гаштанд; чанд тан ношиноварон чу гупсар дам карданд, ки касе ҳисобашро намегирифт. Ҳамин қадар маълум, ки сипоҳи мақдунӣ чун моҳихӯракҳо села-села бар соҳили душман мерехтанд. Чун дидбону раҳбонҳойи ҳиндӣ огоҳ аз омадани адӯ гаштанд, бонги изтироб заданд ва Порро расониданд. Панҷ ҳазор савор ва шаш ҳазор гипаспист[1] ҳамроҳи пиёдагони чобук низ ба он карона гузашта буданд. Мақдуниёни аз размгоҳ ноогоҳ ба ҷанг омаданд, вале аз пеш шохобе баромад, ки касро гӯр мекард. Саворон гузаштанд, пиёдагонро душворӣ пеш омад. Низ убур карданд бо азобу машаққат. Ин замон даррасид сипоҳи Пор ва Искандару сипоҳи бехобӣ кашидаро ба воҳима овард. Ӯ пиндошт, ки ҳама сипоҳи Пор ҳамлавар гашта, канора кашид дастайи хешро. Чун дид, ки ҷуз саворону гардунаҳойи низомӣ беш нест, орому осуда гашт. Ин фавҷи писари Пор буд. Гардунаҳо чунон суст ҳаракат доштанд, ки ба пойи сангпушт баста бошанд. Ҷаҳонбон Искандар фурсат ғанимат дониста дастайи скифҳойи аз озмун гузаштаро пеш андохт. Овард карданд. Чунон буд, ки

1. Гипаспист – пиёдагони мусаллаҳ, ки ҳамроҳи шоҳ гарданд.

Пор дар чунин гоҳу ҳолат набард кардани сипоҳи Искандарро гумон надошта, ғафлатзада монд. Чун скифҳойи шимолӣ корзор карданд, Искандар ҳамлавар шуд аз пайи эшон ва дуд кард овардгоҳ. Шохоби Гидасп рангин шуд. Борон монда, охирин ғижобаҳо хунҳоро шуста ба оби наҳр меомехт.

Дер напойид ҷанги эшон. Писари роҷайи Пор кушта шуд. Гардунаҳойи ҷангӣ ғанимат афтоданд. Даставу гурӯҳҳо пароканда гаштанд.

Искандар бовар накард ба чунин сурат гирифтани корзор. Зеро шоҳи ҷаҳонпӯй дар ин муддат бисёр чизҳоро диду донист, ки асбон аз пилон рам кунанд ва ҷанги пилони ҳиндӣ сахт бувад. Аз ин рӯ фирор кардани сипоҳи Пор шоҳи мақдуниро рӯҳбаланд кард. Пеш рафт, то рӯ ба рӯ шавад бо Пори саркаш. Фавҷҳойи найзавару тирандоз равон гаштанд ба дунболи ӯ.

Чун хабари марги писар расид Порро, роҷайи бузург фаҳмид, ки бало наздик омада. То ҳол ангошта буд, ки Искандар чун ӯ дар ақибгоҳ мавқеъ дорад. Чун донист, ки шоҳи мақдунӣ ба ҷанг даромада ва писарро кушта, хашм гирифт, ғазаб кард ва аз нав лашкар фаро овард. Чаҳор ҳазор савор, сӣ ҳазор пиёдагон ва сесад гардунайи ҷангӣ фиристод ба ҷанги зидди Искандари мақдунӣ.

Дар ин миён роҷа Абисари Кашмирӣ, ки диранг карда буд ба кӯмаку ёварӣ, пешомаду қисмати хешро андешида, сипоҳи зиёд фиристод ба иттифоқчиаш роҷайи Пор, ки камтар аз артиши ӯ набуд.

Чун Искандар сарбозони савораву пиёдайи беҳисоб ва бенизомро дид, бозистод, андешид: «Ниҳоят, хавфи бузурге пеш омада...» ва чора ҷуст. Боздошт сипоҳу саворонро, то нафас рост кунанд.

Сипаҳдори озмудаҷанг Искандар тарзу усули тозайи разм кор фармуданӣ буд, чун дид, ки ҳиндувон чандон набардошно наянд ва аз ҷангҳойи искандарӣ ноогоҳ, ҳамлавар нашуд, балки таъхир кард то расидани душман.

Роҷайи Пор пилонро сафу радда ороста андар қалбу пеш, саворон аз ямину ясор ҷой дод. Ту гӯйӣ тамоми рӯйи замини Ҳинд то домони уфуқ лашкар танида буд. Вале сахт ошуфтаву парешон буд Роҷа. Симойи писари тозаталаф андар гавҳараки чашмонаш буд дилшикаста, бепаноҳ ва бекас. Танҳо оби дида сурати зебойи писари ҳузабрро аз ойинайи чашмаш мешуст ва боз пайдо мегашт. Пилони дарозхартум садо мекарданд аз омади нохуш ва чашмони ниммурдаашонро сӯйи асбони хасм танг медоштанд. Гӯё тарафҳо ҷанг намехостанд, вале кадом нерӯйи аҳриманӣ ононро ба ҳам бархӯронданӣ буд. Садойи нақораву таблаку табира намеомад ва ё касе шайпур навохтан намехост...

...вале чунон шуд, ки Искандар қалбу талоя ба инобат нагирифта, пилони садди роҳ гаштаро сарфи назар карда яке ҳамла

овард ба майсарайи сипоҳи ҳиндувон. Зеро нақша чунон буд, ки агар гардунаҳойи ҷангийи ӯ ба маймана ҳамлавар гарданд, фавҷи пиёдайи сипаҳбад Кен битозад аз пас ва тирандозону найзаварон бирезанд ба сари пилону саворони душман. Чунин нақшаву чунон овард ба д-он расонд, ки хун омехт бо об. Саворони ҳиндӣ андар паноҳи пилон рӯ ба фирор оварданд. Искандар ончунон овард кард, ки корзор бадал шуд ба гирдоб; чунон ки дар чунин ҳолатҳо саг соҳиби хеш наёбад; пиёда бархӯрд ба савора, асбон заданд ба пилон; найза ба сипар, ба тахтапушт бархӯрд, шамшер ба ҳаво ва тир ба ёрон. Гирдоб шуд. Ва Бусефали Искандар андар даҳанайи гирдоб ба сар рафт ва дигар мадори хестан накард. Искандари ҷавону чолок биҷаҳид бар асби бесавор. Нишаст бар зину идома дод пархошро. Ба назар оне нафаси тоза дамид, ҳиндуҳо ба худ омаданд, боз ҳуҷумовар шуданд. Пилон тохтанд бар пиёдагон ва помол карданд чу мушон. Сипас пилони зиёд савор гум карданду захмӣ гаштанд ва обсару девонаву сарчархак шуданд. Онҳо хартумҳойи хеш алвонҷ дода, гӯшҳойи ба кирдори барги карам паҳну бузургашонро афшондаву бод гиронда, сумҳойи рафида сахту гарон зада худиву бегонаро яксон зери пой мекарданд то рамақе доштанд; ё то қатраҳойи хуни вопасин ҷасту хезу нолон помол мекарданд.

Дар чунин вазъу ҳол фавҷи саворони сарсипоҳ Кратер рӯдро убур карда даррасид ба корзор. Қалбу талояйи мақдунӣ низ расид. Ҳалқа гирифтанд лашкари Порро. Зи нав оғозид ҷанг, хунин ва сангин шуд. Роҷайи Пор миёни чашмонаш сурати хунолуди писар девонавор шамшери обдори ҳиндӣ меронд ва найза меандохт душманро. Савори пили кӯҳтан шамшер ба ҳар ҷониб меронд ва наъра мезад, то ҳиндуҳо паси сар ба душман надоранд, балки шерона биҷанганд ва марзу буми хеш аз омадагон ҳимоя кунанд. Пили ӯ низ касони ҳалқа гирифта ва наздик омадаро ба хартум мезаду зери рафидайи суми бузургаш пахш мекард. Вале чун дар миён монда, пилаш роҳи рафт гум карда ҷувозак мегашт, ҳадафи хуби тирандозони душман низ гашта буд. Акнун тирҳо мерасиданд ба китфу бозуяш ва оҳиста-оҳиста мадораш суст мегашт. Нӯҳ тир буд андар баданаш. Тан намедод. Ӯ аз ҳалқа бурун рафтан мехост; душмани пурзӯри нохондаро зада, ба хок яксон карда раҳо ёфтанӣ буд. Ва баногоҳ пили пурзӯри тамоми баданаш пур аз тир ҳамлавар шуд ба сӯйи ҷануб ва сарбозони пеш омадаро задаву ғелонда ва сутӯҳ карда, бурун рафт аз гирдбод...

Мурдайи хуногини ҷанговарон, лошайи асбону пилон пуштаҳо сохтанд андар канори рӯдбори Гидасп. Искандари пирӯз бояд шодмонӣ бикунад, вале чашм пӯшид аз мурдайи беҳисоби насу нос. Ва сукут варзид, ки чунин бераҳмиву беадолатиро надида буд, нашунида буд, накарда буд. Се ҳазор савор ва бист ҳазор

пиёдагони ҳиндӣ кушта шуданд, ки миёни онҳо ду пури азизтар аз кӯки чашми роҷайи Пор низ буданд.

Роҷайи Пор низ рӯ ба гурез овард. Чун захмиву ланг гашта буд, дур рафта натавонист. Пили ӯ хуни зиёд талаф дод ва ҳанге намонда, рӯйи роҳ афтод. Чун ба фирориёни дигар расида буд, иҳотааш карданд ва ба сутури дигар нишонда дуртар рафтанд.

Посбонони роҷайи Пор оварданд, ки Искандар пайк фиристода. Хоҳиши пазиройӣ дорад. «Биоваред!» рухсат дод роҷа. Чун оварданд, Пор иттифоқчийи паймоншикан Таксилро дид ва ғазаб кард:

— Туйӣ фиристодайи Искандар?

— Оре.

— Чун ту ба ин бузургӣ расидӣ? – кинoя зад Пор ва Таксил посухи рӯшан дода натавонист.

— На бузургӣ... Балки баройи наҷоти мардум чунин рафтор кардам.

— На! Аз тарси ҷон, то гӯшу забони дурӯғгӯятро набурранд.

Таксил ҳарчӣ Пор гӯяд, мепазируфт ва бо ишораҳойи чашму абрӯву сар тасдиқ мекард, ки суханони ӯ дурустанд, аммо рафтори ман низ дуруст. Вале Пор сахт ба танг омада буд ва ин озорро аз нотифоқийи ҳиндувон медонист, занги синаву дил зудуданӣ буд:

— Магар то Суғд кас фиристода, Искандарро ту ба Ҳинд нахондӣ?

— Фиристода рафта буд, баҳри оштӣ...

— Чӣ гуна оштӣ, ки Искандар бо ту ҷанг накарда буд?

— Хоҳ-нохоҳ ӯ бояд меомад?

— Чун?

— Ситорашиносони ҳиндӣ ва раммолон дида буданд, ки шоҳи мақдунӣ бояд биёяд аз баройи доройи Ҳинд. Зеро ӯ дониста, ки доройи Ҳиндро дигар мамолики олам надорад.

— На. Искандар аз ин кишвар чизеро намедонист, ҳатто Диониси юнониро худойи худ хондани ҳиндувонро. Ин ҳамаро аз забони фиристодайи ту донист ва хоҳиши туро пазируфта, омад.

— На. Чунин мапиндор. Искандар аз забони Арасту медонист ҳамаро. Ӯро Арастуйи бузург дарс дода ва ҳама чизро дар хусуси Ҳинду Машриқ гуфта...

— Ай Таксил! Дурӯғ магӯй! Магар ту то Ориё ба пешвози ӯ нарафтӣ?

— Ай роҷайи бузург, чӣ зарурате дорад чунин баҳсу пурс? Кӣ хоҳад хешро ба коми аждар андозад? Ман на танҳо ғами таксилиҳо, балки ғами ҳама ҳиндувонро хӯрдам...

— На! Ту танҳо ғами хешро хӯрдӣ. Вагарна мо муттафиқ будем ва бояд кӯмаку ёварӣ мекардем.

— Охир...

— Пароканда гаштем ва Ҳинд зери пойи омадаҳо шуд...

— Охир ба ҳеҷ нерӯ сипоҳи Искандарро пас гардонидан имкон надорад. Порс натавонист, Бохтар натавонист, Суғду Скиф натавонист, магар мо...

— Зеро ҳар кадоми онҳо чун мо ба сари худ буданд ва ҷудогона набард карданд. Ту барин хиёнаткорон зиёд буданд. Вагарна Искандар дар ягон набарад пирӯз нашуда буд. Онҳо ҳамдигарро кушта-кушта Искандарро ҷаҳонгир карданд.

— Роҷа Абисар сипоҳ фиристод, натавонистед-ку... Пеши лашкари Искандарро гирифта натавонистед-ку!?

— Зеро ту набудӣ дар паҳлӯйи ман. Агар медидӣ, ки мани танҳо андар гирдоби бало чун ҷангидам...

— Искандар дидааст, гуфт ва маро фиристод, ки бо ту оштӣ ва ошнойӣ кунад.

— Бирав ва ба Искандарат бигӯй, ки гургу гӯспандро ошнойӣ нашояд.

Таксил баумед омада буд, ноумед баргашт.

Пори якраву қайсар, ки табибони ҳиндӣ андар саропардааш захмҳо марҳам мекарданд, он қадар аз омадани Таксил ба худ мепечид, ки аз озору дарди пайи тирҳо намепечид. Аввалин бор донист, ки дӯст ва ҳамнабарду ҳаммаслак душман гардад ва бавижа аз номи адӯ миёнҷӣ бошад, дарду алам чӣ андоза сангин шавад. Ғазаби роҷайи бузург паст нагашта, озори захмҳояш сабук нагашта; ҳанӯз берӯйиву бешармийи Таксилро ҳазм накарда ва бори гарони тазйиқи корзор аз дӯшаш нарафта ва ба ҳеҷ хулосае наомада, рӯзбонҳо ва пардадор ба саропарда омад:

«Нафаре омада, хешро дӯсти роҷайи бузург хонад ва ном Марой гӯяд ва хоҳиши дидор кунад.»

«Биоваред!»

Оварданд дӯстро. Ҳоли роҷа дида, ниёйиш кард худоро ва ду каф ба ҳам дошта миёни ду чашму рӯйи бинӣ қарор дод ва шукргузорӣ кард, ки раҳида аз бало:

— Роҷайи растагор, дӯсти дерини ман, худоён нигаҳдор буданд туро, вагарна растан аз ин бало саҳл набуд.

— Дарди маро ду ним карданӣ ҳастӣ, дӯстам?

— Бале, роҷайи бузург. Дарди ту андак набувад. Писаронро талаф додӣ. Чӣ гуна ман ҳамдарду ғамшарики дӯсти ҷавониам набошам?

— Миннатпазирам, дӯстам... Аламам зиёд аз мӯйи сарам...

— Ҳамин тавр, дӯстам. Ғами андак набувад... Сухан пайдо набувад роҷа. Омадам, дардатро ҳисса кунам.

— Сипоси беҳад...

— Агар роҷайи бузург рухсат диҳанд, хоҳише низ дорам.

— Бифармо!

— Фавтидагонро худоён биомурзанд... Вале ғами зиндагонро низ бояд хӯрд...

— Ҳамин тавр.
— Бо Искандари оламгир пархош кардан маънӣ надорад...
— Низ ӯ фиристод туро?! – хурӯшид Пор.
— На! Худам омадам, то бинамат ва гӯямат, ки хешро бар оташ назанӣ.
— Суханони Таксили хойину ватанфурӯшро гуйӣ... Андак монда буд, ки бо шамшер гардан занам.
— Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ?
— На. Барои марзу бум ва ҳимояйи он мурдан пушаймонӣ надорад. Шараф бувад. Вале чунин ҷонфидойиро тарсуён кори хато шуморанд. Фарзандони халқу миллат ба ору нанг бошанд.
— Роҷаи растагор, ту донӣ маро аз кӯдакӣ, ки ҷонат ба дард ояд, дили ман дард кунад. Ман нахоҳам, ки беҳуда нобуд гардӣ. Искандар аз онон нест, ки душманро пӯзиш кунад. Вале чун бузургиву ҷавонмардӣ дорад ва шогирди Арастуйи бузург бошад, тан диҳад мардро ва бахшадаш бо ҳама душманиаш. Ӯ туро писандида. Бавижа гоҳи набардат мушоҳида карда ва гуфта, ки маро чунин ёр мебод.
Пор ин бор посух надод дӯстро, зеро чунин ҳарфҳо аз Таксил низ шунида буд ва муқойиса мекард. Китфу бозу палмосид бо каф, ки ба дард омада буд. Захмҳо озораш медоданд. Тез мегашту мехурӯшид дар андарун ва раги рости аз фарқи сар то миёни абрӯ омада медамид, ки зери пӯсти сиёҳранг дидан чандон осон набуд. Баъд захми рону соқи рост ба дард омад.
— Ман шумо барин дӯстон ва Искандари омадаро ба худоёни ҳиндиву юнонӣ супурдам...
— Аз ҷаҳл бифаро. Ҷаҳолат касро ёр набошад...
— Чун?! Бигӯй! Он хунхор ба хонаат дарояд, ҳамаро кушаду рабояд. Занатро тозад! Духтаратро барад! Писаратро ғулом кунад... Ва ту ӯро бо нону намак пазиройӣ?! А!? Дар кадом қонуни дӯстиву душманӣ чунин нигошта?!
— Душманро ба шакар куштаанд, роҷайи растагор...
— На!!!
— Забони ширин мор барорад аз хафол.
— Ман надонам, ман нахоҳам, ман нафаҳмам... Роҳҳойи мо дигаранд... Таксил ҳам ба роҳи худ, Абисар ҳам... Роҳи ман ҳам. Роҳи тамоми ҳиндувони озодихоҳ роҳи ман бувад! Бирав, Искандарро бигӯй, ки агар ӯ писари Макдуниёст, Пор писари Ҳинд аст!
Марой сар андохт ва андешид, ки роҷа ройгон нобуд гардад. Вале намеёрист бигӯяд. Зеро Пори Ғазаб дар ҳар лаҳза дигаргун гардад чун Искандари Макдунӣ.
— Ман меравам, роҷайи бузург, ту бояд биандешӣ. Искандар бори дигар касеро фиристад, то ту ба ҳарфи ӯ гуш кунӣ. Ва ӯ туро дар қатори беҳтарин сипаҳбадон донад ва мулк бахшад ва ту боз андар қаламрави хеш роҷа бошӣ.

— Ҳммм...

— Агар пеши ту арҷу азизам, маро гӯш деҳ. Хуб аст, ки ман пайғоми неки туро ба шоҳ Искандар расонам, аз он ки дигарон барғалат баранд. Ту бояд писарони рафтаро ёд кунӣ ва зиндагонро шукр гузорӣ... Боқӣ ҳарфе надорам.

Пор чизе нагуфт. Дӯсташ Марой баромад аз пардасарой. Роҷа фармуд баргардонандаш.

Баргардониданд. Роҷа фармуд:

— Бигзор гуфтайи ту шавад. Ман боз писарҳо дорам...

## БАНДИ САВВУМ

Бисёр наздикони Искандар андар ин ҷанги тӯлонӣ чун донаҳойи гирдакон рехтанд аз тӯбрайи сӯрох; фавтиданд. Якеро хок хӯрду якеро лошахӯрон, дигареро шағолу зоғу заған; бархе сӯхт андар оташ ва бисёриҳоро кушт ғазаби искандарийи шоҳ. Ва ба якейи онҳо Искандар оби дида нарехт. Аммо ба марги Бусефали вафодораш гирист. Баъди пирӯзӣ баргашт ба корзор ва ҷасади дамидайи асбро пайдо кард. Сару гардан ва ёлу бари ӯро палмосид. Баъд тирҳойи ба танаш фурӯ рафтаро як-як кашида бурун овард. Аламовар он буд, ки чашми рости ҷонварро тир фурӯ нишонда, пуч гардонида, андар хонааш боқӣ мондааст ва Искандари говҷигари шердил наёрад онро кашида гирад. Пиндорад сахт озор ёбад Бусефал. Ҳама азобу ранҷу шиканҷае, ки аз Пелла то ин ҷо кашид, як рӯ ва озори чашми тезбини ӯ, ки андар шабҳойи тира чун шоҳи шабрав манзил ба манзил мерафт, як рӯ. Искандар намехоҳад чунин озорро раво бинад. Бусефали шабранг андар гилу хун оғушта ранг дигар кардааст ва варамида ба кирдори пили Пор гаштааст. Вале пеши назари шоҳ Сукроти бонангро орад, ки ҳалоҳил хӯрда, чунин варам карда, ба хуми азим табдил ёфта мурда буд. «Оооҳҳҳ!»

Он сиёҳмушкини бодпойи андар бар чун оҳуву дар баҳр чун моҳӣ гоҳи так ёли ба тарафи рост шоназадаро фаххондаву бардошта чаҳорнаъл мешуд ва аз садойи ба сангҳо бархӯрда шарорапош гаштани онҳо савораш шодмон буд ва ҳоҷате набуд, ки онро боз маҳмез ё тозона занад. Гӯйӣ пару бол дошт ба гоҳи таку тоз ва тозандаро фараҳ мебахшид. Гоҳи тоз ва ба касе ё чизе ҳуҷумовар гаштани ҷонвар гӯш хобонда чун мор сар борик кардани ӯ аҷиб метофт Искандарро. Айёми курра буданаш ва асб шудану таковар гаштанаш низ дар ёди шоҳи ҷавон ҳаст.

Искандар беҳтар аз Бусефал ёре ё мададгоре надида. Баробари шоҳи мақдунӣ роҳ паймуд, набард кард ва дам гирифт. Гоҳи разм даҳон андохтаву газида душман меафканд, ҷуфтаку лагадҷуфт андохта адӯро парч ба хок мекард, чароғпоя гашта ба фарқи сари хасм суму наъл мезад ва пиёдагон зери сум оварда баробари Ис-

кандар қаҳрамонӣ менамуд. Андар ойинайи чашмони фарас биёбонҳо, кӯҳҳо, рӯдҳо ва наҳрҳо, одамони зиёде, ҷангҳойи бисёре, мурдаҳойи пуштагашта, хунҳойи равон ва сӯхторҳойи мудҳиш ва хуршеду моҳу ситораҳо, баъзан каргасҳойи бадномо мунъакис гашта буданд, ки шояд баъзеашон аз назари Коллисфени таърихнигор афтида бошанд. Андаку бисёр чизҳову рухдодҳоро ҳамроҳ дидаанд...

...ва аммо гоҳе ки Бусефал ба замин афтиду саворашро аз зин бурун овард ва шоҳ аз тарси ҷон борайи бесаворро ситом дошта пушти зинаш нишаста, ба корзор даромад, дигар надид, ки фараси ҷонфидову ҷонгарави якҷоя бузург гаштаву бо ҳам дунё дида дар чӣ ҳол буд.

Ба хок афтид Бусефал. Бад он буд, ки чашмбанд пеши назарро мегирифт, бадтар он буд, ки танги ҳарро миёну шиками ӯро тангтар медошт ва асб наметавонист дурусттар ҳаво гирад. Наметавонист охирин бор ҳама чизро рӯшан бинад. Як чашми дамида, ки ба ҷойи ду чашм бисёр чизҳоро диданӣ буд, саворашро меҷуст, ки дар нафаси вопасин чӣ муомилае кунад бо ӯ. Забон мебаровард, ки зиреҳи болойи чашми бар замин баробар омадаро дур кунад, забонаш кӯтаҳӣ мекард. Дасту пой меандохт, то пеши чашмашро кушояд, дасту пояш намерасид ва ҳанги сар бардошта нигаристанро надошт. Саворашро меҷуст. Зӯре надошт, то сайҳа кашад ва он садойи ошноро Искандар шунида биёяд. Гардан дарозу сар сангин рӯйи хоки хуноғуштаву тари гилу лой мехобид якпаҳлӯ. Аз озору азоби ҷон чаҳор дасту пой бар ҳаво карданӣ мешуд, аммо зину банди шоҳонайи он имкон намедод. Тирҳойи андар рону сағриву думғоза ва чашми рост фурӯрафта ӯро ҷунбидан ва паҳлӯ гаштан намегузоштанд.

Ба танг омада дилаш. Саворашро нигарон. Сахт шиҳа кашида ӯро оварданист. Зӯре надорад. Нерӯе нест, ки бо тамоми ҳаракат наъра зада, дами дарун бурун орад ва бо он зӯр тирҳо аз танаш паранд ва танаш чаҳорпой гашта рӯйи замин истад ва аз нав ба размгоҳ дарояд. Онҳоеро, ки тирборон карданду ба чунин ҳол афкananд, зери сум гирад, наълкӯб кунад, даҳону дандон андохта сар аз тан ҷудо гардонад.

Дареғ!

Гардан дароз, чашми сиҳат зеру чашми кафида забар нафас мегирад тез; гӯйӣ ғанимат мегирад. Нафаси тезаш гилу оби борону хунро пош медиҳад аз дами сӯрохийи бинӣ ва боз он комайи аз зарбу тезийи нафас пайдо шуда аз обу хун пур мегардад. Андак-андак комак пуру моломол шуда, бо сӯрохийи бинӣ баробар мегардад ва зӯри нафаси Бусефал намерасад, то пош диҳад моеъро. Тадриҷан мадор кам ва нафас суст шуда, фарохийи бинӣ ҳам танг мегардад.

Ҳеҷ яке аз ин ҳолатҳоро Искандар надид. Ҷон кандани Бусефали бовафоро низ. Надид, ки чун бо чашми бино ба чашми кафида нигариста он тири дардоварро дидан мехоҳад; оҳиста-оҳиста забон баровард ба тири заҳрогин расониданӣ мешавад, то канаду афканад. Вале имконе нест. Пас тан диҳад, ки нотавонӣ чунин бошад. Натавонӣ озори тани хешро рафъ кунӣ.

Наъли дасти рост ба як мех андармон аст ва гоҳи рагу пояш ларзидан ва ё аз сардийи замин баданаш варача бароварда ҷунбидан наълу мех сойиш хӯрда садо диҳанд. Ва ӯ ҳамин чизро шунавад. Базӯр ва хеле паст. Шеван, нола ва ҳам ово мерасид ба гӯшаш, ҳолиё хомӯш гашт. Ё ҷон доданд ҳама ва ё гӯшаш қуфл зад, дигар зӯру мадори шунидан надорад. Ва боз дарк кунад, ки ҷуз зину баргустувон чизе ҳаст андар паҳлӯяш, ки ба паҳлӯ гаштанаш халалгор шавад. Ҷасади одамӣ барин.

Вассалом.

Дигар чизеро ёд надорад ва набинад, ки чун бузург шавад ҷасадаш. Худ аз худ дам мекунад ва пойҳояш тарангу рост мегарданд. Худоё! Ҳаммонанди мурдани Суқрот, ки худ чунин хоста, аз табиб заҳр хоста, дидаву донаиста, хештан дар азоб мононда, омосида – аз пой варам карданашро дида, карахт шудани пой, миён, танаву дасту гардану сарро дида ва эҳсос карда, ноҷунбон мурда буд…

... Нафаси гарони Бусефал оби дами сӯрохийи биниаш мурдоб гаштаро пош дода натавонад...

Искандар чунин дарёфт Бусефалро. Савори асби бегона миёни мурдаҳойи зиёди одамиву сутурон ва гардунаҳойи воруна асби зебову хушгашту тезтаку рамузфаҳмро ҷуста омад ва онро чунин дида тангдил шуд ва нафас дар гулӯяш печид. Пиёда гашта ба сари мурдайи ӯ нишаст ғамиву... чунон ки бародар сари ҷасади бародар. Оби дида кард чунон ки накарда буд ҳеҷ гоҳ. Ва як-як чид тирҳорову аз зеҳн гузаронд, ки метавонистанд ин тирҳо дар тани ӯ бошанд ва ӯро дар чунин ҳол оваранд. Гоҳе ки аз дидааш сиришк мерехт ва намеёрист тири ба хонаи чашм нишастаро бигирад, нигарист ба ёронаш ва ишора кард Бусефалро бардоранд ва ба ҷое баранд, ки шаҳраке сохтан имкон дошта бошад. Ройзанҳо ва ройсозон гуфтанд, ки хубтар аз ин ҷойи фавтидааш ҷое нест.

Гӯр кофтанд ва ёри бовафойи ӯ Бусефалро гӯрониданд тир андар чашм, то рӯзе таърих гардад.

Пас шоҳ амр кард дар ин мавзеъ шаҳраке созанд. Сохтанд ва номашро Бусефал ниҳоданд.

❁ ❁ ❁

Искандар базми пирӯзӣ ороcт. Ҳама роҷаҳойи зери тасаррufи хеш оварда, дороён, ҳакимону донишмандон, ашрофзодагон,

ҳокимони маҳалҳо, ромишгарону раққосагон ва ҳар касе, ки ба зеҳну феълаш шишта буд, ҳузур дошт. Зиёдтар аз ҳама базми сипаҳсолору сипаҳбаду сипоҳиёни пирӯз буд. Борандагийи муттасили Panҷоб нагузошт лашкари румӣ ҷанубтар равад ва шоҳ тасмим гирифт, ки базм кунад, шодмон гардад ва сипоҳро дам диҳад, то дар ин муддат шаҳрак бисозанд ва лашкаркаши бузург ин мулки мӯъҷизаосоро аз наздик шиносад. Фавҷҳойи саворайи суғдиву бохтарӣ, порсиву скифӣ, ки қисман чунин базмро нахустин бор медиданд, як навъ ҳавасе доштанд ба чизи нав. Аммо сарбозону сипаҳбадони румӣ аз дидани чунин шодмонийи дилбазан безор гашта буданд ва чун пуфакҳойи дамида худ ба худ тарангу таркиданӣ гашта лоилоҷ худдорӣ мекарданд. Худиҳо, аҳли корвон, гетерҳойи нозанин, ки тӯли ҳашт соли ғурбат пиру фартут гашта буданд, дам ба дарун ширкат меварзиданд дар базм. Ромишгарони ҳиндӣ ва раққосаҳойи монанд ба ғулому асир бо имову ишора ва баногӯшиҳойи роҷаҳо ончунон ҳунар менамуданд, ки гетерҳойи юнониро ба сабқат мехонда бошанд. Рону дунбаву миён ҷунбонидан ва сина ларзонидану тиҳипой, ҳарир бар тан рақсидани онон на танҳо сарбозони чу гург ба барра чашм дӯхта, балки гургони борондидайи лашкарро ангезида ва хурӯш оварда буд. Ҷанговарони чандин вақт боз ба занони мулки асир дарнаафтода баробари сина пеш дамонидан чун даррандагони хуношому носер лаб мелесиданд.

Роҷаҳойи ҳиндӣ Таксил ва Пор азизтарин касон буданд, ки дар паҳлӯйи шоҳ Искандари Мақдунӣ менишастанд. Ба назар чунин менамуд. Вале аз канор мушоҳида мекарданд, ки шоҳ ҳам, роҷаҳо низ ҳам duздида ба якдигар гӯшайи чашм меандозанд, ки махуфтарин душманон бошанд. Чашмони Искандар хуморӣ шуд ва гардан тоб дода ба Пор гуфт:

«Ман набахшам ӯро...»

«Ҳақ доред, шоҳи ҷаҳон...»

«Ту, роҷа, ҷилави суханро ба дигар сӯ тоб надеҳ... Ман ӯро нахоҳам бахшид... Гарчӣ иттифоқчийи Пору Таксил бувад, нахоҳам бахшид...»

«Рой шоҳрост...»

«На-на... Шумо сари маро гаранг накунед... Вай Абисари шумо чиҳил пилу хоста фиристодаст, ки ман зор бошам... Ман ба чизе ниёз надорам...»

«Ҳамин тавр...»

«Агар лозим шавад, ана, бо ин бозувонам... бо зӯри ана ин сипоҳ ҳама чизро пайдо мекунам!»

«Ҳамин тавр, шоҳи ҷаҳон...»

«Худаш чаро наомад?»

«Хоҳад омад, шоҳи ҷаҳон!»

«Бе худи ӯ чизи ӯ, пили ӯ маро чӣ зарур? Сипоҳи ман гушна шудаст, ки пилони чашмтанги қарқини ӯро кушта хуранд?!»

«Ба чунин мазмун нафиристода, шоҳи ҷаҳон. Баройи он фиристода, ки рӯзи ҷанг ба кор ояд.»

«Кадом ҷанг? Ҷанг тамом шуд, дигар ҷанг-панг нашавад!!!»

Садойи баланди шоҳро аҳли толор шунида ҳайрону хомӯшу ором монданд ва тавонистанд ба рӯйи якдигар, ба чашми ҳам нигаранд, ки ин ҳарфи шоҳи лашкаркаш чӣ маънӣ дорад.

«Маст аст, сари мастӣ ҳар чиз гӯяд...»

Баногӯшӣ буд, ки як шуниду ҳазор на. Вале шоҳ оне нагузашта боз ба Пор рӯ овард:

«Ӯ туро кӯмак кард, то зидди ман биҷангед ва имрӯз маро садақа мефиристад...»

«На, шоҳи ҷаҳон, садақа набувад, балки хостае шоҳро.»

«Ту маро фиреб нахоҳӣ дод, Пор... Пӯсташ хоҳам канд...»

Онҳо донистанд, ки шоҳи мақдунӣ сахт гирифта. Андаке суст шуданд ва завқи нишоту хуррамӣ аз димоғашон рафт; ҳайрон монданд, ки Искандар гоҳи базм низ интиқом ситонад. Гӯё аз суст гаштани онҳо шоҳ ҷон гирифт ва хешро афшонд чун гӯсфанди аз об баромада ва ҳушёр гашт.

— Мо ин ҷо ҷашн оростем, Кени сипаҳсолор канори рӯди Гидасп сафинаҳо сохт. Боз хоҳад сохт, то моро ба уқёнус барорад!

Ба чӣ маънӣ гуфтани шоҳро нафаҳмида ҳама муштҳо ба ҳаво бардошта фарёд заданд ва шоҳ Искандар афзуд:

— Вале то он рӯз фурсат зиёд аст! Мо бояд аввал Гангро убур кунем!

Аз нав хомӯши хомӯш монданд ҳама ва касе наёристӣ андеша бигӯяд.

— Вилояти Таксил ва музофоти ба тозагӣ ба итоат омада аз они роҷайи Таксил бувад. Пори шуҷоъ волийи мулки пешин мемонад ва сиву ҳафт шаҳру ноҳияе ки ба тасарруфи мо даромад, ба хиттайи ӯ пайванд мегардад. Вале доди худ аз Абисар хоҳам гирифт!

Искандар пароканда сухан мегуфт, ки ҳеҷ гоҳ чунин парешон ва берабт ҳарф задани ӯро надида буданд:

— Ҳиндустон дар он ҷо! – бо ангушти ишора сӯйи ҷанубу шарқро нишон дода фармуд шоҳ: — Дар он ҷо. Дар он сӯйи Ганг! Доройӣ низ дар он ҷо. Мо бояд ба он сӯ биравем...

Ин ният ва армони навбатийи шоҳ Искандар ҳамаро гулӯгир кард. Дилҳо пур, синаҳо моломоли сухан, эътироз ва саркашиҳо, аммо касе чизе натавонад гуфтан. Ӯро ҳушёр карданд, ки ҷойи чунин суханҳо набувад. Чунин масъаларо сарони ҳарб бояд ройсозӣ кунанд.

Ва Искандар баъд аз фароғату андешаҳойи зиёд сарони сипоҳ, сарфавҷҳо ва ҷанговарони номдору кордонро фаро хонда, нақ-

шаҳойи ояндаро пеш овард. Боз масъалайи ҷанги Ҳиндустон, ба даст овардани доройии ин мулки афсонавӣ ва ба Уқёнуси Бузург баромаданро ба миён гузошт:

— То замоне ки давлати бузург як душмани ҷангҷӯ дорад, ҷанг анҷом напазирад. Ҳоло юриши Шарқ ба охир нарасида. Каронайи замин пайдо нест. Чунин каронаро худоён муайян кардаанд. Мо бояд онро пайдо кунем. Мо бояд ба чашми хеш бубинем! Бояд ба ақсойи олам бирасем, он гоҳ баргардем бо уқёнуси Бекарон ба Ватан... Он чӣ дидему гирифтем, ҳама ночизанд. Дунё дар он ҷо – дар он сӯйи Ганг! Дунёйӣ низ дар он ҷо! Дар ҷое ки пойи бегона нарасида ва ганҷҳояш қабат-қабат хобида... Набояд тиҳидаст ба Мақдуниё баргардем! Диламон, меъдаамон, чашмамон бояд сер бошад!

Сарони лашкар дар базм чунин ҳарфҳоро шунида, Искандарро маст пиндошта буданд, аммо имрӯз дар ҳушёриаш чунин суханҳоро шунида ҳайрон монданд ва надонистанд чӣ бигӯянд. Агар гуфтанӣ доштанд, наёристанд бигӯянд. Зеро феълу хӯйи шоҳро медонистанд ва нагуфтанро авло шумориданд.

Аммо Кени пурдида ва эҳтиёткор, ки аз сар бохтани хусураш сипаҳсолори беназир Пармониён ва писарони ӯ таҷрибайи муомила андӯхта буд, на андешаҳойи хешро иброз дошт, балки аз номи сипоҳиён ва сипаҳбадони дигар посух гуфт.

— Теғи шоҳи пирӯз бурро бод! Зиёда аз ҳашт сол аст, ки лашкари бовафо бо Искандари Бузург по ба по ва дӯш ба дӯш раваду ҷангаду пирӯз бошад. Мулки ӯ бекарона ва давлаташ зиёда гашта. Сарбозу бардаҳойи сарсупурда рӯйи ниёз меоранд шоҳро, то имтиёзе диҳад нафас рост кунанд. Зеро бисёр фартуту паррехта гаштаанд ва ёди ватан тану руҳи ононро пажмурда гардонидааст. Пеш оранд, ки бо чунин сипоҳи абгору хаста ба ҷанги бузурги Ҳинд рафтан хатаре низ дорад. Мо бояд ба хости худоён низ нигоҳ кунем. Пирӯзиҳойи шоҳи ҷаҳонгир аз дастгириву ҳидояти онҳост.

«Ҳммм...»

Шоҳро чандон нафорид суханони Кен, аммо ӯ сипоҳигарӣ карда гӯш медод. Гӯшаш дигар чиз мешунид, ишораҳояш дигар чиз мегуфтанд, нияташ дигар, дилаш низ дигар чиз хоҳад. Кен афзуд:

— Нақшайи шоҳ барзиёд иҷро гардид: Порсу Машриқ аз они шоҳи мақдунӣ шуд... Мо азми сафари дунёйи дигарро дорем...

— Оре, Кен!!! Дунёйи дигар! Он сӯйи Ганг! Уқёнуси Бузург! Кен, сафинаҳойи сохтаат моро ба Уқёнуси Бузург хоҳад баровард! Ва мо бо ин роҳ ба Ватан хоҳем баргашт!

Искандари якравро рой ва фикри касе зарурат надошт, ба ҳар ҳол саронро гирд оварда баъзан ба ҳарфашон гӯш медод. Ин бор низ чунин кард: базм орост, ройсозӣ кард, оқибат лашкар кашид

сӯйи Ганг. Сипоҳи махлуту фавҷ-фавҷ, ки аз мақдуниву юнониву эллиниву мисриву порсиву эрониву бохтариву суғдиву массагетӣ ва панҷобиву ҳиндӣ иборат буд, ба номи сипоҳи Искандар юриш мекард. Рӯду наҳрҳои зиёд, арзу тӯл мепаймуд ва андар саҳроҳои хушку биёбонҳои тафсон ҷон ба лабу ҷон ба каф ба умеди некӣ ва рӯзи равшан гом мезад, мекушту мемурд ва аз нав зинда гашта амри лашкаркаши бузургро гӯш медод. Тӯли нимароҳ роҷаву ҳакимони зиёди ҳиндиро дид; афсонаҳои зиёд шунид; донист, ки ҷаннат на Суғд, балки аз рӯдбори Ганг он сӯ биҳишт аст ва асби шабранги монанд ба Бусефалро пошна зад. Гарчӣ ӯро кайҳо ё аз тарс ё аз эҳтиром ё чун масхара «Ҷаҳонгир» мегуфтанд, аммо ӯ қонеъ нагашта буд. Ба андешаи ӯ гоҳе ҷаҳонгир гардад, ки моварои Гангро низ ба даст орад...

...Вале якбора ҷилави асб сахт кашид ва бора чароғпоя гашта ду даст баробар ба замин зад, ки чанги замин ба осмон хест ва суми асб то зону ба реги биёбон фурӯ рафт. Ба пас нигарист, чун мӯру малах саворагон, воҳимаовар ва гӯши ҳама борагон афтида ва аз гарди биёбон ранг гум кардаанд.

Якбора андар нимароҳи «биҳишт» бозистодани Искандар сипоҳу сипаҳбадонро дар ҳайрат гузошт. Зеро Искандар ба роҳ дарояд, олам сӯзад ҳам, таваққуф намекард. Истода ба пас нигариста ва ҳолиё сари асб ба рӯйи сипоҳ гардонидани шоҳ тааҷҷубовар буд. Асбони пеш саф кашиданд; қатори дигар ва чандин қатору рада шуд ва пеши саф дирафши кӯҳнаи фарсуда ва ранги зардашро офтоб бардошта парафшонӣ надошт, балки чун гӯши асбон афтидаву лаққа метофт. Чунин намуд гирифтани дирафши оламгарди мақдунӣ андар замири шоҳ Искандар ноумедие овард. Касе чизе нагӯяд. Ҳама ба даҳони ӯ гӯш додаанд. Ӯ низ хомӯш. Борааш сум мекӯбад. Ӯ чун Бусефал рамузфаҳм натобад. Ҳар савор аз андеша мегузаронд он чиро, ки мехост ё умед дошт. Вале боз бовар надошт, ки шоҳи азмиву ҷазмӣ аз нимароҳ бозгардад. Зеро дарёҳои азиму мавҷхез, рӯдҳои дамону касногузар, селу обхезиҳои ногаҳонӣ, борандагийи ҳафтодрӯзаи дилбазан, кӯҳҳои баланду барфгир, лашкари оламгири Порс, биёбонҳои ҷонгиру ҷигарсӯз ва ҳеҷ чиз пеши роҳи сарлашкарро гирифта натавонист, магар ин биёбони бекаронаи тафсон гирад.

Ӯ якбора бозистод. Хомӯш буд ва дида ба дуродур дӯхта, ки кай сипоҳи пиёда аз он канораи дунё сар кашанд.

Ва падид омад хол-холи сиёҳ ба кирдори мӯрон, ки биёбони паҳноро фаро гирифта, сангпуштона меҷунбиданд ва ба назари Искандар тофт, ки ҳаргиз нияти пеш омадан надоранд. Ӯ дилтанг гашта, пой ба рикоб таранг карда, қомат афрошта менигарист ҷониби мӯрон ва аз дил мегузаронд, ки наход бо чунин ҳаракат аз Мақдуниё то каронаи олам расида бошад. Ба назараш бо ин сипоҳи сангпуштпо то Ганг расидан имкон надорад. Биёбони

хокиранг сиёҳранг гашт ва шоҳро воҳима гирифт, ки ин сипоҳи мақдунӣ нест, шояд яъҷуҷу маъҷуҷҳои Чин бо ҳиндувон забон як карда аз пайи ӯ омада бошанд.

— Ин сипоҳи пиёдайи мақдунист?

— Оре, шоҳ, Кен лашкар кашида.

— Кен лашкар кашида?

— Оре, шоҳ!

— Кен бар кӣ лашкар кашида?

— Бар ҳиндувони он сӯйи Ганг.

Дилпур шуд Искандар, гирди лабонаш табассум дамид. Вале дирафши фарсуда боз ба танг овард. Дирафши пиёдагон афгортар аз он, ҷиғда-ҷиғда гашта буд. Чун наздик омад, хашми Искандар зиёд шуд, ки бо чунин суръат кай ба Канорайи Гетӣ бирасанд.

Сипоҳи пиёда аз дур андар алти биёбон қарор гирифтани шоҳро фоли нек दониста, шодмонӣ карданд, ки оқибат шоҳ ёди Ватан ва пайвандон кардааст. Вале чун расиданд, ӯ изҳор кард:

— Ба пойи шумо кай то Ганг расем?!

Донистанд, ки шоҳ нияти бозгашт надорад, пакар гаштанд. Бе танбеҳи шоҳ низ онҳо гадоёни берӯзийи ҷандапӯш, ворагардони ба як бурида нон зор, сипоҳи шикастхӯрдайи оғишта ба хоку хунро мемонданд. Он сипоҳи озодалибоси сандалпӯш набуд, балки фавҷҳои омехтайи дар либоси ӯбадайи ҳиндӣ буд. Чирку қарқи он сари остини кӯдаки фисинро мемонд. Ғашовар. Ба сипоҳи оламгири мақдунӣ нозеб бувад. Ҷӯгиҳойи ҳиндӣ хуштар аз эшон тобанд.

Сипаҳсолор Кен лашкар боздошта, пеш омад ва ҳама арзҳойи дар ин роҳи дур ба забон овардайи сарбозонро гуфт:

— Шоҳо, хӯрокворӣ пӯсида, гӯшт гандида, аслиҳа занг зада... чӣ бояд кард?

— Чӣ мебойист кард? Ҷанг!

Латтайи сарбозон ба об афтид, умедканда шуданд. Нишастагон бархостанд. Лашкар ба ҷунбиш омад. Фавҷ-фавҷу даста-даста ва гурӯҳ-гурӯҳ шуданд сарбозон. Ҳайрати Искандар афзуд, ки боре чунин надида буд сипоҳашро. Илоҷ гум кард. Пешомад равшан набуд. Дар чунин ҳолат – дар биёбони тафсон ройзанийи сарони ҳарбро раво надид, зеро парер ройсозӣ карда майлу ройи онҳоро дониста, боз ба хости хеш рафтор кард ва инак дар алди дӯзах монд. Бо вуҷуди он фаро хонд сарони сипоҳро. То он ки гирд омаданд саропардайи шоҳӣ дуруст карданд дар дашти чун укёнуси бекарон. Ва инак Искандар аз бора пиёда гашта даромад ба саропарда ва дигарон пасу пеш омаданд ва боз шоҳи хушнафс мушкилоти сафари Ҳиндро пеш овард:

— Пирони кор, сипаҳбадон! Шумо ҳастед, ки ман ҳастам. Ёд доред, ки дар маъбади Миср аз худойи Аммон ваҳй омад, ки Искандар оламгир хоҳад шуд. Бе шумо Искандар оламгир нахоҳад

шуд. Андак монда... Мо андар остони олам истодаем. Як зӯри мақдуниву юнонӣ, ҷаҳон зери пойи шумо хоҳад буд!

Нав набуданд суханони Искандар ва касе чун дӯшин таваҷҷӯҳ накард. Искандар дида бар эшон давонд ва ҳама чашм мегурезониданд, то назарашон ба чашми шоҳ нахӯрад. Боз Кен худро нозгунҷ диниста, афзуд ба гуфтаҳойи пешин:

— Шоҳ хуш фармуд, ки боз як зӯр. Мо донем, ки ин зӯр зӯри искандарист. Ман омода ҳастам, ки ҳамроҳи дӯстам шоҳ Искандар то ақсойи олам биравам... Вале шоҳ як бор бингарад ба сипоҳи румӣ, ки пояш то куҷо барад... Нақшайи шоҳ, лошак амалӣ хоҳад шуд; танҳо баъди фаро овардани нерӯйи тоза. Сипоҳи ҷонгарави мақдунӣ. Ҳолиё мушоҳида меравад, ки бардаҳо ва фавҷҳойи ноошнойи ҳиндӣ дар ҳар қадам тавонанд хиёнат кардан. Мо чунин лаҳзаҳоро дар корзору кирдори зархаридон мушоҳида кардаем... Агар шоҳ ҷангро ногузир донад ва аз меҳри модару Ватанд размро авло шуморад, сипоҳи абгору фартути румӣ ӯро банда ва ҳалқабаргӯш бошад...

Сипаҳбадон каф кӯфтанд. Боз нафорид Искандарро. Филфавр ройзаниро ботил донист ва фармуд:

— Май оред!

Шоҳ андар саропарда, вале сипоҳ дар гармойи тамузи баъди борандагийи тӯлонӣ месӯхт. Сутурон бинӣ меафшонданду пашша мезаданд. Ҳар кас сукут дошт ва равшан набуд, ки чӣ пеш ояд аз шоҳ. Баъзеҳо Кенро дилсӯзӣ доштанд, аммо намегуфтанд, ки навбати ӯ расида, ки ин қадар бо шоҳ баробар мешавад. Шоҳ майгусорӣ мекард ва ҳоҷибу посдоронро фармуд касеро рухсати назди ӯ надиҳанд.

Чун тафсиду арақ баровард андар саро, либоси ҳарбӣ бадар кард ва ҳоҷибро пеш хонд:

«Рахшон биёяд.»

Рахшон пайдо шуд. Искандар маст буд. Бо вуҷуди он ашки хеш бисутурд бо мушт.

«Геракл куҷост?»

Рахшон аз Барзин фарқ накарда пурсид шоҳ. Зан посух нададод.

— Геракл – писари ман куҷост?!

— Назди модараш Барзин...

— Ту кистӣ?

— Ман Рахшон!

— Ҳммм...

— Агар иҷозати шоҳ аст, фармоям Гераклро пайдо кунанд.

— Пайдо кунанд...

— Биоваранд?

Искандари маст чӣ фаҳмид аз чунин пурс, ки дер хомӯш монд ва лабонашро ғунча карда, гӯё талхиву туршийи шаробро мемакида бошад, чеҳраву рӯй турш базӯр фармуд:

— На... Зарурате нест!

Пасон даст сӯйи зан ёзида сари ӯро дошт ва палмосида то гардан фаромад, ҳалқа гардонд, гирист ва паст – паст пичиррос зад:

«Донӣ, ки чаро Зевси Баррок моро ғазаб кард?»

«Донам.»

«Чаро?»

«Писару зани бегуноҳатро рондӣ.»

«На! На-на! Боройи он ки номи писари худовандро ман ба номи писари хеш гардондам. Геракли қаҳрамон писари худойи Зевс буд... Аз ин рӯ... На аз он ки ман писарам Гераклро ҳамроҳи модараш рондам...»

«Ин гуноҳи Искандар набошад... Худойи Зевс чунин фармуда...»

«Ту бохирадӣ, Рахшон... Ӯ ҳам...»

«Ӯ ҳам?»

«Бале, ӯ ҳам...»

«Геракл?»

«Модари Геракл.»

«Биоваранд?»

«Биоваранд!»

Бо ишорайи Рахшон аз паси Гераклу модараш шуданд ва Искандар боз ҷоме ба сар кашид.

«Донӣ, ки ман чӣ бояд бикунам?»

«Бояд ба Ватан баргардӣ...»

Искандар наъра зад. Барҷаст. Гӯйӣ ҳушёр шуд:

«Ту низ ёри онҳойӣ?!»

«Ман ёри ту ҳастам, Искандар!»

«На!!! Ман танҳоям! Наход ту низ нафаҳмӣ, ки ман бояд ҷаҳонгир гардам! Олам зери поям бояд ба Мақдуниё баргардам!»

Искандар бурун ҷаст аз пардасаро. Посбонон дар ҳайрат афтоданд. Гирифтанд ӯро ва бо зӯрӣ ба саро даровarданд. На хоб дошту на оромӣ.

Барзину писараш Гераклро оварданд. Писар хаста ва модар гирифта буд. Гӯйӣ мӯйи зан ранг дода буданд; нуқрафом метофт. Дамидаву рост гашта, ки махсус карда бошад. Хуш наомад Искандарро, ки бо зани пир сару коре дошта. Барзин монанд ба аъҷузаҳо; зери чашмонаш низ халта зада. Шоҳ наёрад чизе пурсад аз ӯ. Ё дар ҳузури Рахшон шарм дорад ва ё аз кардаҳойи хеш. Чанде пеш гумон дошт хубрӯтар аз Барзин зане набувад. «То замоне ки бо манӣ, туро осебе нарасад...» Ба ёдаш омад ҳарфи Барзин ва аз зеҳн гузаронд: «Замоне ки бе манӣ...» Наёрист пурсад.

Зеро ваҷоҳати Барзин, ҳолату вазъ ва чунин зуд пир гаштани зан Искандарро сахт ба шигифт овард. «Чаро?» Ба пурси ниҳонийи хеш посух ҷуст, вале дарёфт накард сабабашро. Сар афканда буд. Ба назар андеша дошт. Баройи якбараву яксара кардани кори Барзину писараш ва ё аз боби пажмурида гаштани ӯ ва хаставу лоғар шудани писар.

— Геракл!

Ҳамчунон сар андохта буд писар. Баробари баланд гаштани садойи падар ӯ ба модар нигарист; овози шоҳро ба инобат нагирифт.

— Геракл! Ман садо кардамат! Чаро ба модар нигарӣ?

— Розу ниёзи маро модар донад, на шоҳ... – чун бузургон посух гуфт писар.

— Чӣ розу ниёз дорӣ?

— Розу ниёз ин аст, ки шоҳ моро раҳо кунад, то дар биёбонҳо озод умр ба сар барем ва чун чорпоён аз зиндагӣ фикр накунем.

Искандар пеш омад. Вале писарро кордор нашуда назди Барзин қарор гирифт ва пурсид:

— Ту омӯхтиаш?

— Ӯро бипурс.

— На, туро пурсам...

— Ӯро чизе омӯхтам, ки устодонат туро омӯхта буданд.

— Арасту? Лисимах?...

— Оре...

— Пас ту бояд шодмон бошӣ, чаро ба чунин ҳол афтодайӣ?

— Ӯро шир додам, ними нерӯям рафт, инак равон бахшам, то ҷонам равад.

— Азизтар аз ӯ туро касе набошад?

—...

— Ғамат ғами ӯст?

— На. Ғамам ғами туст.

Искандар нигарист Рахшонро, ки боҳуш гуфтугӯйи онОнро гӯш медод, вале карахту ором буд ва хулоса мебаровард баройи хеш. Шоҳ яқин муносибатҳойи заношӯйиро андешид ва наздик ба писар омада даст бар дӯшаш ниҳод:

«Туро бо умед Геракл ном ниҳодам. Бузург шудайӣ. Туро асбу шамшеру сипар мебод. Вале чаро гардан миёни шонаҳо фурӯ кашӣ? Тарсу мабош!»

Гом заду гирд гашт пардасаройро ва омад назди Рахшон:

— Ту гуфтӣ, ки Гераклро дӯст дорӣ ва бузургаш кунӣ. Чаро онҳо ба чунин ҳол афтода?

— Шоҳо! Ғами Барзин ғами андак набувад. Ӯ пешбиниҳо дорад, ки шоҳро гуфта натавонад.

Шоҳ нигарист сӯйи Барзин:

— Гуфтаниҳо дорӣ, Барзин?

— На, шоҳ...

— Рост бигӯй!

— Агар рост гӯям, шоҳро хуш наояд.

— Бигӯй ҳар чӣ донӣ!

— Шоҳро сафари он сӯйи Ганг хуш наояд...

— Шумо ҳама якзабона ҳастед, то Искандарро аз роҳу рояш баргардонед! Вале Искандар роҳзане нест, ки бо макру ҳиял аз роҳаш баргардонанд! Худоён назар карда ӯро ва писари хеш хонда. Нораво бувад беҳудакориҳо!

— Искандар...

Садойи хастайи Барзин баромад, ки шоҳро азиз ва наздик дониста ном гирифт ва хомӯш монд, то чӣ ояд аз шоҳ. Ӯ посух нагуфт, балки рӯ ба Рахшон хомӯш монд ва гардан тофта нигарист сӯйи Барзин, то суханаш бозгӯяд.

— Ман ба корҳойи давлатӣ, ҳарбӣ ва шахсиат дахолат карданӣ нестам. Лекин дилам сӯзад ба озору азобат. Овозайи лашкаркашиҳоят ба ҳарду сарой рафта. Мебинам, ки он сӯйи Ганг ҳама шерону палангону деву аждаҳову пилони ҷангӣ сафу раста оростаанд, ки паррандаро гузар надиҳанд.

— Агар фолат дуруст аст, Барзин, ман бояд ба кирдори Зевси Баррок, Ахилли диловар ва Геракли қаҳрамон пархош кунам бо онон.

— На! Аз баҳри ҷанг огоҳ накардам шоҳро! Хавфе бошад дар миён...

— Бошад! Искандар натарсад аз марг!!!

Наъра зад Искандар чу наррашер ва Геракл аз тарс хешро зери домони модар гирифт.

— Гуфтам, ки тарсуйӣ!!! Қаҳрамонон аз модар багурда меоянд! Туро айёми асбсаворӣ расида, ҳоло ҳам зери домони модар ҷой шавӣ! Баро! Фардо ҳамроҳи ман ба ҷанг хоҳӣ рафт!

— На, Искандар! Агар ин тифл ҷанговар шавад, худам бо ин дастонам гулӯгир карда кушам!

— Модари ман низ чунин мегуфт. Вақте ки озими роҳ шудам, чизе гуфта натавонист. Ҳолиё ифтихор дорад, ки писараш оламгир шудааст...

— Магар... Олимпиада... набишта, ки... бо чунин писари лашкаркаш ифтихор дорад?

— Оре...

Барзин бовар накарда сар ҷунбонд ва сари писар дудаста аз зери домон бурун овард ва тоб дод:

— Ана ин хел тофта, сар аз тан ҷудо хоҳам кард.

Рахшон тозон омада нигаҳ дошт дасти ӯрову Гераклро.

Писари тарсида гирён шуд.

— Гуфтам, ки дилу гурда надорад ин писар! Ба ҳазли модараш тоб надорад.

Рахшон Гераклро сари даст гирифта бурд. Барзин сар андохт, то аз шоҳ чӣ ояд. Хомӯш буданд. Посбоне як бор сар аз парда дарун кард ва бозгашт. Искандар на чу шоҳ, балки ба кирдори соҳиб ба ӯ нигарист ва фармуд:

— Ёд дорам, Барзин, ҳарфатро. Мапиндор, ки аз ту ҷудойӣ хоста бошам. Андешидам, ки Геракли ману ту ҳаст ва ту то ҳастӣ, дилпур бошӣ ва аз ман хашм нагирӣ ва ғамӣ нагардӣ.

— Ман наранҷидаам аз ту, Искандар. Ҳамин ҳоло ранҷидам, ки писарро сахт ва беҳуда гуфтӣ. Ӯ ин чизҳоро ҳоло нафаҳмад.

— Чӣ гуна? Дар соли ӯ ман Бусефалро рому сара мекардам.

— Ту ба ин чиз шавқ доштайӣ. Геракл ба ин чизҳо рағбат надорад. Ба ҳеҷ чиз дилгарм нест. Гумонам, пиндорад, ки ҳама чиз муваққатӣ ва муаллақ бар мӯе...

— Чӣ гуна муаллақ?

— Дунё киройи ҷангу ҷидол ва хафагиву ранҷиш набувад. Мо гумон дорем ин сарой амонат аст моро. Дар асл мо бори амонат ҳастем онро. Ба мушоҳидаву фаҳмиши ман Геракл чунин нуктаро дарк карда ва майл ба чизе надорад. Шабҳо бо моҳу ситорагон сӯҳбат кунад, худ ба худ гӯяд...

— Чӣ гӯяд?

— Ман забони онҳоро нафаҳмам...

— Юнонӣ, порсӣ?

— На. Ғайбӣ. Танҳо як суханро фаҳмидам: «Шитоб макун...» Дигар надонам, ки чӣ гӯяд.

— Киро гӯяд шитоб накун?

— Моҳро.

Искандар дигар чизе напурсид аз зан. Манаҳ сойид, гом зад. Рӯй боло дошта оҳи дароз кашид ва пурсид:

— Худат ягон чиз муайян кардӣ?

— На... Танҳо як бор дидаму донистам, ки бо осмон чизе мегуфт ва зорӣ дошт.

— Чӣ гуна зорӣ?

— «Шоҳро нигаҳ дор!»

— Биоваред ӯро!

— На!

— Пас ту дурӯғ гӯйӣ!

— На, Искандар... Ту донӣ, ки ман дурӯғ нагӯям...

Искандар каф кӯфт. Пардайи дари хиргоҳро бардоштанд.

Ӯ фармуд:

— Гераклро биоваред!

Баъди таъзим карда рафтани посбон Искандар боз ба Барзин рӯ овард:

— Ҳар чӣ хоҳӣ, бигӯй... Агар суханат дурӯғ бароядд, гила аз ман накун!

Оварданд Гераклро. Падар кори то ин дам накардаашро кард: ӯро ба оғӯш гирифт, бӯсиду дастмол кард ва оҳиставу нарм фармуд:

— Ту бузург шудайӣ, Геракл. Ман ифтихор дорам аз ту... Лекин ба ман бигӯй, ки дар Осмон чӣ бинӣ ва бо кӣ сухан гӯйӣ.

Геракл ба модар нигарист, ки ин чӣ ҳарф аст. Искандар рӯйи ӯро ҷонибаш гардонд:

— Бо ман бигӯй! Дар Осмон чӣ бинӣ ва бо кӣ сухан кунӣ?

— Дар Осмон ҷанг. Ана ин хел, ана ин хел... – Ду даст аз ду тараф рӯ ба рӯ оварда, ба ҳам бархӯронда нишон дод писар ва хомӯш монд.

— Баъд чӣ шуд?

— Сели азим омад. Ҳамаро шушта бурд...

— Ҳеҷ кас намонд?

— Ҳеҷ кас намонд.

— Ин чизро дидӣ? Ё модарат ҳикоят кард?

— Ман дидам. Модарам надид.

Хомӯш монданд. Геракл ба модар менигаристу ба падар, то чӣ ояд аз эшон. Барзин сар андохта буд. Искандар безобита гашт ва рӯ ба Барзин овард:

— Ситорашиносонро фаро хонам?

— На. Зарурате надорад... Агар хоҳӣ, ки аз ин бало раҳойӣ, бояд бозгардӣ.

— Боз ҳамон коҳи кӯҳнаро бод кунӣ... Гуфтам-ку! «Аз роҳам бар нагардам!»

— Рой шоҳрост!

## БАНДИ ЧАҲОРУМ

Фардо фаро расид. Искандар сафу радда орост сипоҳро. Савори асби шабранг пеши сипоҳро рафту омад, рафту омад, вале чизе нагуфт, амре надод, ишорае накард. Ва якбора кафид:

«Ман боз пеш хоҳам рафт! Мақдуниёнро зорӣ ё зӯрӣ надорам! Хоҳанд баргарданд бе ман! Хоҳанд биёянд! Вале маҷбур намекунам, ки аз пайи фидойиёну ихтиёриён ва бардаҳо ва ё фавҷҳойи суғдиву бохтарӣ ва ҳатто ҳиндӣ сӯйи Ганг шаванд! Ҳар кас нахоҳад ҷангро, рухсат ӯро! Бигзор ба Мақдуниё баргашта гӯянд, ки шоҳро андар корзор миёни душманон танҳо гузошта омаданд!»

Искандар гуфту Мушкинро тозона заду бирафт то саропарда. Солорони сипоҳро парешон сохт. Ва гӯё ба ҳайкалҳойи карахт ҷон ато карда бошанд, якбора сипоҳ ба ҷунбиш даромад. Сипаҳбадон ба ташвиш афтоданд. Мақдуниён гаранг шуданд. Ба якдигар нигариста китф дарҳам мекашиданд, ки чӣ шуда шоҳро. Шоҳ дар ин гармгоҳ ба хиргоҳ надаромада, асбро тозона заду пошна ва Мушкин чаҳорнаъл чанги биёбонро бароварда ба роҳи

омадаашон бозгашт. Гӯё борайи бохтарӣ шоҳро якрост ба сӯйи Бохтар бурд. Ҳайрон буданд сарону сипоҳиён, ки чӣ нағмаест, ки на солор донаду на савор. Чанг рафту рафт ва хаму ҳалқа гашт, ки чашмро ду тори абр метофт.

Ба хаёли хеш шоҳ санҷише гузаронд, то кӣ ояд аз пасаш ва ё барояд ба пешвозаш. На касе рафт ба дунболаш, на касе омад ба пешвозаш... Раҳо кард лигоми асбро. Ҷонвар тохт-тохту дар нимароҳ аз так монд ва араќи танашро хушк карданӣ шуда якка-якка гом зад. Назди саропарда қарор гирифт ва Искандар пиёда гашта ситоми бора бар гарданаш андохт ва як шаппотӣ зад бар гарданаш, ки умрбод раҳо карда бошад. Ба пардасаро даромада се рӯз набаромад ва бо касе чизе нагуфт ва касеро напазируфт. Дар ин се рӯзу шабон набард кард бо худ: танҳо, як ба як; фикран, хаёлан... Ҳарчанд гармо буд ва арақ аз фарқи сар то пой мешорид, тан бӯйи арақ мекард, ӯ сабру тоқат дошт, ки пирӯзийи бузург дар пеш аст.

Вале тамоми ин муддат ӯ меҷангид бо худ, ки аз ҳама пархошҳойи хунину пуршӯр гаронтар, сангинтар ва душвортар буд. Шоҳ Искандар ақлу хиради хешро ба муқобили эҳсосу ҳавас ва нафс ба майдони набард оварда буд, то дар ҷанги искандарӣ кадоме аз он пирӯз гардад. Эҳсосу нафсу ҳаваси ӯ ҷаҳонгир шудан мехост, аммо ақлу хирадаш ёди Ватан мекард. Ва муборизайи оштинопазири сару тани шоҳ андарун ва мағзи ӯро ба шӯру талотум оварда буд. Ӯ наметавонист якеро бипазирад; ӯро ҳар ду лозим буд. Миёни обу оташ сӯхта, ғинҷ мегашт. Чу кӯдаки нодон андар мушкилот ғӯтида буд ва устоди хирадманде набуд, то ройсозӣ кунад. Донишмандон ва раммолони бузург нобуд гаштанд, бархе бо дасти шоҳ кушта шуданд. Ситорашиносони ҳиндиро бовар надорад, ки росту дуруст мегуфта бошанд. Он чӣ Барзин гуфт, рост мешуморад, аммо аз муомилаву муносибати хеш нисбати ӯ дилу бедил аст, ки бовар кунад ё на. Зеро Барзин сахт дилмонда гашта, ба пиндори Искандар, ин зан ҳар чӣ кунад, ба хотири Геракл кунад.

Рахшонро касе нахондааст, аз пеши худ омад назди шоҳ. Ҳарчанд таъкиди шоҳ буд, ҷондоре ба наздаш надарояд, Рахшон умед кашида омад. Чун ҳоҷиб аз омадани зан шоҳро огоҳ кард, шоҳ рухсат дод, то дарояд.

— Чӣ овардӣ?

Рахшон ҳайрон монд аз чунин пурс ва китф дар ҳам кашид:

— Ҳеҷ...

— Ҳааа... Ман низ донам: «Ҳеҷ!» Дунё ҳама ҳеҷ! Беҳуда будааст...

Аз тарзи гуфтори Искандар Рахшон ҳайрон монд ва ба гӯшҳояш бовар надошт, ки ҷанговари бузурги ҷаҳон ба чунин хулоса омада бошад.

— Нафаҳмидам, шоҳ...

— Набояд фаҳмӣ... Вақте мефаҳмӣ, ки ин мушкилотро шоҳ яксара кунад. Коҳинони каромотхони мисрӣ, раммолони юнонӣ ва мӯъбадони порсӣ лозиманд.

— Ҳама зери тасарруфи шоҳанд. Шоҳ чиро нигарон?

— Маъбади Аммонро...

— Пас ба он ҷо бояд баргашт?

— На...

Ва каф кӯфт Искандар. Сарпос сар аз пардадар халонд.

— Бифармо, коҳинони каромотхони мисрӣ, раммолони юнонӣ ва мӯъбадҳойи порсиро биоваранд.

— Коҳинони каромотхони мисрӣ, раммолони юнонӣ ва мӯъбадони порсӣ...

— Зудтар!!!

Сарпос рафт. Искандар боз каф кӯфт. Пардадор сар халонд.

— Гирди саропардаро иҳота гиред, то паррандае пар назанад... Бист қадам дуртар.

Беруни хиргоҳ ғирев шуд. Искандар ишора кард, то Рахшон нигоҳ кунад чӣ мағал аст.

— Онҳо баҳсу талош доранд, шоҳ. Ба хулосае омада натавонанд.

— Баҳси чӣ?

— Бубин, аз рӯйи ишораҳояшон иҳота гирифтани гирди хиргоҳ...

— Ҳамин тавр, Рахшон. Бо чӣ гирд гирифтанро намедонанд.

— Ман низ нафаҳмидам, шоҳ. Чӣ зарурате дорад?

— Хоҳӣ фаҳмид...

Аввал бо сарбозон се радд иҳота карданд гирди саройро. Хеле наздик буданд. Чун аз рӯйи будашон намунаҳойи шоҳ фармударо пайдо карда оварданд, Искандар пазируфт ононро ва паси парда гирдогирд шинонд. Фармуд сарбозонро дуртар тела диҳанд. Фарох гирифтанд давраро. Искандар коҳинону раммолону мӯъбадонро гуфт:

— Ман суол кунам, шумо пешомадро муайян карда посух гӯед.

Ва даромад ба пардасарой. Садо омад:

«Искандар кист?»

«Искандар – писари худойи Зевс!»

«Искандар – писари худойи Аммон!»

«Искандар – пури худойи Аҳура Маздо!»

«Искандар чӣ бояд бикунад?»

«Некӣ!»

«Оштӣ!»

«Пиндорӣ нек, гуфтори нек, кирдори нек!»

«Искандар бояд ба ҷанги Ҳинд биравад ё ба Ватан?»

«Ватан!»

«Ватан!»
«Ватан!»

Искандар бурун омад аз пардасарой. Дастон сӯйи Осмон бардошт, рӯй низ ба Осмони минӯйӣ дошт ва садо дардод:

— Ай худовандони бузург! Ин бор низ писари хешро шинохтед ва ваҳй додед, то Искандар бероҳа набошад! Суҷуди маро бипазиред!

Ҳамчунон ҳайкалосо дер истод сар ба пушт андохта ва дастон кушоду баланд дошта, то оне ки гардану бозувонаш ба дард омаданд.

— Ай сипоҳи бовафову сарсупурда! Базм ороед! Қурбониҳо кунед ба ёди Худоён!

Вале биёбон ҷойи базм набуд. Бо вуҷуди он мақдуниён аз шодӣ чӣ кор карданро надониста бе дуду алов чанги заминро ба осмон бардоштанд. Шоҳ шодмонийи онҳоро мефаҳмид. Ҳарчанд дар дил алами дигар дорад, каф мекӯфт сӯйи онҳо, то донанд, ки Искандар аз дилу ҷон майли ба ватан баргаштан дорад. Дар асл чашмонаш солори пиёдагардон Кенро меҷустанд. Кен дар ҷое пайдо набуд. Искандар хеле мехост базми ҳақиқӣ ороянд ва Кен боз маст гашта баҳс ва андарзи ба Мақдуниё баргаштанро идома диҳад.

Ва аммо чашми Искандар ба он мурғони баднамо хӯрд, ки бол наафшонда; хаставу оҳиста аз рӯйи фазойи кушоди дашти хушк сӯйи шимол мерафтанд, ки гармойи ҷонфарсойи биёбон ба дилашон зада бошад. Ӯ номаълум доғҳойи сиёҳи муҳаррики осмониро мушоҳида карда, дар дил алам мекашад, ки нохушийи бузург дар пеш аст, аммо хабаре надорад аз ягон рӯйдод.

«Кратер! Ӯ дар куҷост?»
«Ӯ канори рӯдбори Гидасп сафина созад.»
«Сафинаҳояш ӯро ба он дунё барад?»
«Ҳамин тавр, шоҳам...»
«Ҳммм...»

❂ ❂ ❂

Роҳи паймударо бозгаштан саҳлу осон набувад. Сайёд гоҳи шикор ба бӯйи сайд чӣ қадар роҳ паймуданро надонад ва хастагиву бемадорийи хешро эҳсос накунад. Ҳамин ки сайдро аз даст дод, бозгашти роҳро андеша кунад ва муддате ноҷунбон пой ёзида араќи сару гардан бисутурад. Ҳолиё Искандар дар чунин ҳолат аст. Роҳи дар тӯли даҳсола паймударо бояд бозпас гардад. Вале бо сипоҳи саду бист ҳазор нафара, пирони барҷомонда, ғанимати зиёд, гетерҳову занони ба ҳамсарӣ гирифтайи афсарон, кӯдакон, корвону гардунаҳо ва сутурони ҳиндӣ биёбону рӯду дарёву укёнусро паймудан саҳлу андак набувад. Бавижа бо об таноби роҳ кашидан душворие пеш орад.

Он чӣ Кен сохту омода кард, кифоя набуд. Искандар фармуд ҳунармандони ҳиндиро низ фаро хонанд, то киштиҳойи хурду бузург ва салу амадҳойи боркаш низ бисозанд, ки ғанимат то Мақдуниё расонидан кори саҳл нест. Кен ба назар ғами низомиёни пиёдаро хӯрда, ки киштиҳойи сохтааш танҳо сарбозонро гунҷонад.

Рӯзҳойи охир қайсартар аз Кен сарбозе набуд, ки ҳарфи шоҳ Искандарро ду кунад ва ёрад, ки дар маҷлиси сарон сахт гӯяд. Ба андешайи шоҳ рафтори сипаҳбад аз дилсӯзӣ набуда, чун домоди Пармониёни сипаҳсолор дод ситониданист; ба марги падарарӯс ва додарарӯсонаш, ки аз дасти шоҳ нобуд гаштанд. Домод пеши духтари сипаҳсолор хешро беҷурм нишон хоҳад дод. «Ӯ пиндорад, ки Искандар заиф гашта.»

Ва якбора киштисозӣ қатъ гардид ва ҳама аз пайи дарёфтани Кен шуданд. Он шаб Кен ғайб зад. Сипоҳи пиёда асбобу искана рӯйи тахтаҳойи рандаву сапед накарда ва комаву мурғак набаровварда гузошта, дар ҷустуҷӯйи солори хеш гаштанд. Зеро Кени аз ҳолу рӯзи онҳо хуб бохабар бо шоҳ манша карда, огоҳонида буд, ки дар рӯзҳойи наздик ҳама чун Коллисфени занҷирбанд кирму кана карда миранд. Марди тезхуну тезвир ҳолиё бенишон гашта.

...Вале Искандар ғам нахӯрад ва касеро нафармояд, то пайдо кунанд.

Овоза шуд, ки Кен яке аз сафинаҳойи сохтаро гирифта фирор кардааст. Ба овоза бовар карда сафинаҳоро шумурданд. Ҳама ҷо бар ҷо. Боз ҷустанд ва ба Дуоба нарасида, андар Дарбанд пайдо карданд мурдайи Кенро. Ва касе сабаби мурдани ӯро ҷустуҷӯ накард. Баъд овоза шуд, ки Кен андаки дигар сабр мекард ва қарори қатъийи бозгашт омадани шоҳ Искандарро мешунид, худро ба рӯдбор зада нобуд намекард. Худкушӣ баромад андар «фолнома». Вале миш-мишу баногӯшиҳо зиёд: «Кен аз он солорҳое набуд, ки хешро бикушад...»

...То даме ки киштисозӣ давом мекард ва сарбозон аз бешаву боғҳойи мардум чӯбу тахта мекашониданд, Искандар фароғат дошт андар шаҳраки Бусефали ба хотири асбаш сохта. Кратери сипаҳсолор сарварӣ дошт киштисозиро.

Ду ҳазор сафина омода шуд ва аз тахтаҳойи партов салу амадҳо сохтанд, то сутурон, бору бунаро ба кор ояд. Нохудоён, белзанҳо, завракронҳо намерасиданд. Низ пайдо карданд аз мардумоне, ки канори баҳр умр ба сар мебурданд ва баҳрнавардӣ мекарданд. Баъзе ҳунармандон хешро ба нодонӣ мезаданд, ки аз дасташон коре наояд, аммо бо дӯстфурӯшийи баъзеҳо бо ҷабру ситам рӯйи кор меомаданд.

Ва аммо киштӣ нарасид. Амр шуд пиёдагон роҳпаймойӣ кунанд. Корҳо сомон гаштанд. Қурбониҳо карданд.

Искандар вопасин ба саҳни киштӣ баромад. Ба худойи баҳр Аврора, ба падарбузург Зевс, ба падари хеш худойи Аммон ва дигар худоёни бемаргу анӯша ниёиш карду саҷда овард ва ҷоми зарин ба сар кашид... Шайпур навохтанд... Киштиҳо ҷон гирифтанд. Намойише буд диданӣ. Ҳатто гуселиҳо завқ доштанд; дастафшон андар каронаҳо дунболагирӣ мекарданд. Баъзе гирён аз фироқи ёрон, бархе шодмон аз гусели меҳмон.

Расиданд ба Дуоба. Ҷое ки рӯдбори Гидасп ва Гидраот ба ҳам омехта, рӯди Ҳиндро ташкил мекарданд. Андар резишгоҳи шохобҳо кирдоре шуд ношуданӣ: қабойили маллӣ ва Оксиарт дар ин гузаргоҳ манзил доштанд, рехтанд ба сари сипоҳи рум.

Зеро ин қабилаҳо душмани оштинопазири роҷайи Пори Ғазаб буданд. Чун донистанд, ки фармондор бо шоҳи мақдунӣ созгор аст, кина бар эшон гирифтанд. Миёни ин тойифа ҷавонмардони роду ҷасур ва ялони беназир буданд ва касеро забардасту пирӯз дидан намехостанд. Онҳо низ базму сурро дӯст медоштанд чун Искандар ва дигар тойифаву қабилаҳоро рӯйи хуш намедоданд. Онҳо рӯ ба рӯйи сипоҳи Искандар даҳ ҳазор саворони мусаллаҳ, ҳаштод ҳазор сарбозони пиёда ва ҳафтсад гардунайи ҷангӣ гузоштанд.

Шаб фаро расид. Лашкаркаши беҳамтойи мақдунӣ осема нашуд; тадбир ҷуст, ройсозӣ кард, ақлу ҳуш ба кор бурд, то бо ин нерӯйи ногаҳон пайдо гашта чӣ чора кунад. Усулҳойи пешин ба кор набурд, балки сипоҳро фавҷ-фавҷу даста-даста ҷудо кард ва як-як фиристод ҷониби корзор, то душман бовар кунад, ки ночиз бувад сипоҳи адӯ. Ҳазораҳойи асосӣ ниҳон дошт андар камингоҳ. Зеро самти ҳамлаву ҳуҷум ва зарбаҳойи қавӣ ошкор набуд; на дӯстро ва на душманро.

Сипоҳи Искандар ҳилолӣ саф ором ва чашми рӯз накафида ҳуҷумовар шуд бар лашкари ғафлатзадайи ҳиндуҳо. Онҳо гумон надоштанд, ки лашкари румӣ шабҳангом роҳ паймояд ва ғофилгир кунад душманро. Якбора чу мӯру малах рехтанд бар сари бараҳманҳо. Вале родмардони ҳиндӣ далеру шуҷоъ овард доштанд ва душманро пеш омадан нагузоштанд. Вале фавҷҳойи асосийи лашкари Искандар даррасида гирд гирифтанд размандагони ҳиндиро ва овардгоҳ дуд баровард ба кирдори оташкадаҳо. Бараҳманҳо андар ҳалқа ва зери пойи пилон ҳам тан намедоданд ва сар намефаровcovarданд. Бори аввал мақдуниён диданд ҷанги пилонро; ҳинду меҷангид бо ҳинду.

Искандари тезхун бо он суръате ки корзор кард, аз размгоҳ шитобид сӯйи диж. Ба дарвозайи пурнигори шаҳр расид, ки андар равоқу тору девор сурати худоён, пилҳойи пурзӯр, рамзҳойи кишвари хуррам, ҳайкалчаҳойи қаҳрамонони ҳиндӣ ва насносҳоро нақш карда буданд. Тиру туфанг ва дастгоҳҳойи деворшикан ва манҷаниқу арродаҳо ва гардунаҳойи боркаш диранг доштанд. Шоҳи шӯрида ва ба ғазаб омада ба диранги ёрон нигарон на-

шуда, ҳамла овард ба шаҳр. Сипоҳи размида ва корзордида, ки собиқайи зиёду таҷрибайи беназир дошт, чу барқу бод пешрӯ мерафт. Ҳиндувон бовар надоштанд ба чунин ситез, дасту по хӯрданд. Зеро онҳо набарди рӯёрӯ ва бо карнаю сурнай, табираву нақораро нигарон буданд ва умед доштанд, ки бо чолокиҳойи ҳиндувона ва найрангҳойи йогӣ пирӯз гарданд бар душман. Вале ҳоло ғафлатзада ва фурӯхта бинанд хешро.

Сипоҳи якҷояйи Искандар саф-сафу фавҷ-фавҷ балоосо пахш карда меомад. Ҳиндуҳойи даҳшатзада пас-пас рафта, афтону гурезон ҷой мешуданд ба коху кӯшк, то дар паси деворҳойи баланд адӯро пешвоз гиранд. Ба назар фазойи шаҳрро луху пари мурғони шағолбурда фаро гирифта буд ва болотар аз он лошахӯрони сияҳдил ҷувозак мегаштанд. Луххойи сабук аз сари деворҳойи баланди диж гузашта, тори шорсон сайр мекарданд, вале сипоҳро гузаргоҳе набуд. Нардбонҳойи зиёд лозим буд ба убур. Тадбир ҷустанд. Нардбоне пайдо шуд ва шоҳ Искандар онро бар девор рост гузошт. Чун хашму ғазаб фаро гирифта будаш, сипар пеш дошта, хирсосо часпида баромад чунон ки хирси асалхӯр ба бурс. Хашмиву асабӣ сари бора шуд. Ҳар ки пеш омад аз адӯ, аз тори девор пас афканд ё қалам кард бо шамшер. Се сипаҳбад – Павкесту Леоннату Абрей низ боло омаданд. Тирборон шуданд. Бо сипар пӯшиданд сару танро. Чун илоҷи овард набуд, хешро аз сари девор андохтанд ба дарун. Чаҳор тан пушт ба девор дода, шамшер мезаданд чу кундоварон, чун Ахилли қаҳрамон. Ҳиндувон низ девонавор ба сайдҳойи ба дом омада дарафтода буданд ва яқин доштанд, ки ҳоло бо шамшери адӯ қалам гарданд. Искандару ёронаш диданд, ки буни девор ҷой шуда ҷангидан чандон барор надорад, чаҳор тан пушт ба пушт гузошта ба чаҳор самт шамшеру найзаву жӯпин меандохтанд. Сипарҳо пӯшида буд танашонро. Корзоре ва кирдоре буд. Ҳиндуҳо рӯ ба гурез оварданд ва дуртар рафта тирборон карданд чорёрро. Абрей аз сараш тир хӯрд. Афтод аз пой. Воҳима гирифт шоҳро...

Арақ пахш кард сару тани шоҳ Искандарро, ки се тан бар зидди ҳиндувони бешумор чун истад? Диловар андар чунин андеша, тири тез бидарид ҷавшанашро ва гузашт то шуш. Хун ҷаст аз тани ӯ. Сипаҳдори ҳолиё бесипоҳ саргарми пархош пай набурд тир хӯрданашро; тан надод ба захму ба хасм. Ғуррону ҷӯшон буд чун шери захмӣ. Ёрон диданд тири сари синайи ростро, аммо илоҷ ва имкони кӯмак надоштанд. Хуни зиёд рафт аз паҳлӯйи тир. Чашмони Искандар сиёҳӣ заданд. Мадораш рафт.

Искандар дигар чизеро ёд надорад. Павкести далер бо сипари муқаддасаш, ки шоҳ Искандар дар шаҳри Тро тӯҳфа карда буд, ӯро пешбанд кард. Онҳо андар даҳанайи гирдоби фано буданд...

Чун сипоҳ аз воҳима якбора бор шуданд нардбонро, вазни зиёдро бардошта натавониста шикаст. Пас онҳо бар китфи як-

дигар савор гашта нардбон сохтанд ва аз сари девор рехтанд. Сипоҳи ситезида низ дарвозаҳоро шикаста, деворҳоро афканда чу селоб шориданд ба дарун. Китф ба китф дода размиданд чу шерони нар. Пиндоштанд шоҳи мақдунӣ кушта шуд, хашмиву пурғазаб ҷангиданд. Овардгоҳ танг омад ҳиндувонро. Ҷой шуданд ба кӯшку ҳарам. Сипоҳи Искандар хоки дижро бехт. Ҷондоре зинда намонд.

Искандарро зинда дарёфтанд. Беҳушу беёд буд. Бар сипараш хобонда, бардошта бурданд ба гардуна. Чун ба ҳуш омад, дӯстон ва табибонро парешону ҳайрон дид, фармуд тирро баркашанд аз захми ӯ. Филипп табиби хоназодийи шоҳ, ҳакимони порсӣ ба чашми шоҳ нигаристанд, ӯ бо ишорайи чашм фармуд, то тирро кашида гиранд. Тири ҳаданги бар нӯк пайкон дӯхтаро бо эҳтиёту оҳиста бозгирифтанӣ шуданд; шоҳ абрӯ чин кард, лаб газид, дандон сойид. Табиб чун дид азоби алими шоҳро, дастайи ҳаданги он қабза кард ва пуршаст кашид. Искандар беҳол гашт. Аз асари тир хуни тези шоҳи ҷавон фаввора зад. Боздоштани хун осон набуд. Донишманде суғдӣ фармуд латтамуд кунанд. Ончунон карданд: латтаву пахтаро сӯхта, ба ҷароҳат пахш карданд ва хун бозмонд. Осуда гашт шоҳ ва хоб бурд. Шоҳро аз сипар ба сафина гузарониданд, то даме ки саропардааш сохтанд.

Овоза шуд, ки шоҳ Искандари мақдунӣ фано пазируфта. Дар қаламрави Ҳинду Суғду Бохтар барқосо паҳн шуд ин хабар, вале то Олимпиада нарасида, дар Суғду Бохтар боз саркашиҳо шуд, балвоҳо бархост. Чун кирдорҳо ба гӯши Искандари бемор расид, ғазаб кард, хунаш ҷӯшид ва оҳанги дубора ба он ҷо расидан кард:

«Асб биоваред!»

Асб оварданд. Бар зин нишонданд. Аммо мадори саворӣ ва зӯри набард надошт. Ӯ сайру саёҳат кард, то сипоҳиён ва баъзе душманон бинанду донанд, ки шоҳ Искандар зиндаву саломат аст.

Ӯро гуфтанд: «Хуб нест, агар бемор канда шавад.»

Шоҳи якрав гӯш накард. Дерёз сайр кард ҳавойи гашти асбро пазируфта ва канда шуд.

«Агар боз ҷангидан пеш ояд, боэҳтиёт рафтор бояд кард» – фармуд табиб.

«Мардонро корнамойӣ зебанда, на бистари беморӣ» – посух дод Искандар.

Аммо вазнин гашт бемориаш. Аз ҳар кишвар, шаҳру вилоятҳо ба аёдати бемор меомаданд; яке ғамӣ буду сад шодмон. Корвон-корвон тӯҳфаву ҳадя ва хоста меомад. Таксилу Пор боз пилонро корвон ороста буданд; вилоятҳойи қадами Искандар нарасида ё аз тарс ва ё аз он ки онҳоро аз ситами маллиҳову оксиартҳойи ғаюру ғаддор озод кард; инчунин шаҳрҳойи сари роҳ он қадар хоставу молу симу зар оварданд, ки Искандар бо ҷангу яғмогарӣ

ба даст наоварда буд. Шоҳ нахустин бор шоҳии чиниро дид. Чунин қадршиносиҳо нерӯ бахшид Искандари беморро. Вале чунин ҳадяйи зиёд кори мақдуниёнро душвор кард. Зеро боз киштӣ лозим буд, то ин борро то Мағриб барад.

Падари Рахшон Оксарти суғдӣ низ ин хабарро шунида, то аз бистари бемории хестани домод расида омад бо сипоҳи хеш ва духтарро хаставу абгортар аз шоҳ дарёфт. Фармондори суғдӣ он қадар аз рангу чеҳрайи заҳири духтар дилафгор гашт, ки аз бемории шоҳ нагашта буд. Ӯ Искандарро хоста бахшид, дилдориву дилбардорӣ кард, вале зиёдтар дар сӯҳбати Рахшон шуд:

«Ҳолат чун аст, духтарам?»

Духтар ба пурси падар гирист. Падар пиндошт, ки Рахшон аз ҳоли шоҳ гиря мекунад, фармуд:

«Ғамӣ мабош, Искандар беҳӣ ёбад, боз шоҳи оламгир монад...»

Ҳарфи падар анҷом напазируфта Рахшон сар таконд ва оби чашм биситурд.

«Маро ғами ӯ набувад.»

«Пас чаро бигирйӣ?»

«Нанаамро пазмон шудам.»

«Нанаат тандуруст. Зиёд пурсиду пайғомҳо фиристод. Бародарат Спитамон низ нерӯ мегирад... Як чизро махфӣ бигӯямат: пури Спитамони ял Ардашер зинда монда. Чӯпоне ӯро аз миёни шахҳойи ғори Суғд пайдо карда бо худ сари мол бурда будааст. Ҳоло пайдо шуд...»

«Модараш зара...»

«Зарра нобуд гашта... Ҳолиё Ардашер ҳамроҳи бародарат Спитамон аст. Ҳамҷоя дарс меомӯзанду тарбият мегиранд...»

«Онҳоро эҳтиёт бикун, падар, Суғдро сипар хоҳанд шуд.»

«Оре, духтарам, ту хешро эҳтиёт бикун ва ғами Суғдро махӯр. Суғд мулкест, ки ҷуз суғдиён касеро насиб накунад.»

Сипаҳбадон Гефестион, Кратер, Неарх ва чанде дигар низ умед канда буданд, ки шоҳ дигар нахоҳад бархест. Аз ин рӯ ҳар кадом хешро лашкаркаш хонда, яке аз дигаре бим карда лом гуфта наметавонист. Гирди саройи ӯ метаниданд. Лисимахи бузургтар ба сол ҳамаро аз сари болини ӯ ронда, гоҳе Барзину гоҳе Рахшонро роҳ медод ва Гераклро таъкид мекард, ки аз назди падар наҷунбад. Бо вуҷуди уқубати зиёд ва беэътинойӣ дидан Барзинро дил сӯхт ба ҳоли шоҳ ва зиёд андешид, ки чӣ шавад.

«Ғамгин машав, Искандар, шифо ёбӣ...»

Искандар чашм кушода Барзинро дид ва донист, ки чизе яқин гашта ӯро. Табассум карду мижгон ба ҳам фишурд. Барзин низ чунон кард. Пас сар тофта ба писар нигарист. Даст ёзида аз горданаш ҳалқа гардонд ва оҳиста гуфт:

«Модаратро гӯш бидеҳ...»

Искандар аз бистари беморӣ бархест ва боз сипаҳбадон дар гирдаш таниданд. Нахуст шӯришҳойи хурду бузургро фурӯ нишонд, бараҳманҳоро зиёд кушт, шаҳру вилоятҳоро ба хок яксон кард, сӯхт, ғорат кард ва рабуд. Касонеро, ки ҷон азиз буд, хештан ба ғуломӣ фурӯхтанд.

Тобистони соли се саду бисту панҷуми то милод, гоҳе ки хуршед ба бурҷи Хӯша омада буд, сипоҳи Искандар рӯ-рӯйи мавҷҳойи рӯди Ҳинд равон шуд сӯйи вилояти Паттал. Ин бор низ осон набуд сафари ӯ. Се қабилайи ҷанговари ҳиндӣ, ки андар рӯдбору соҳили Ҳинд сукунат доштанд, омадани меҳмонони нохондаро хуш накарда, ба ҷанг бархостанд. Мусикан, Портикан ва Самбо волиёни ин қабилаҳо буда, то вилояти Паттал фармонфармойӣ мекарданд. Искандари аз захми тири ҳиндувон сахт аламкашидаву ба хашм омада дубора шӯрид аз кирдори ин роҷаҳо ва ситезид ба сони хирси захмӣ. Портиканро бо машаққат бикушт, Самбо фирор кард. Чун ба яке аз хиттаҳойи зархезу бобаракати Ҳинд расид, волийи он Мусикани даҳмардагӯй бишӯрид бар зидди аҷнабӣ, то мулки бобаракати ӯ мутеъ нагардад душманро. Вале чун пархош сахт омад ва адӯ беамон буд, роҷаро воҳима гирифта, шамшер аз дасташ афтид ва аз тарс тохт ба пешвози шоҳ. Ва бо хоставу инъоми зиёд шоҳ Искандари ҷаҳонхоҳро пешвоз гирифт. Искандар ӯро баргардонд ва фармуд ба пазироийи сипоҳи ӯ омода гардад. Чунин рафтори Мусикан намуна гашт, ки дигар волиён низ ӯро пайрав гашта, кишвару мардум ба шоҳи мақдунӣ пешкаш карданд. Саранҷом бо тохту хунрезиву ғорат ва пазиройиҳо Искандар то вилояти Паттал расид.

Рахшон боз ёдовар шуд:

«Искандар, паймон карда будӣ, ки дигар хун нарезӣ?»

«Оре, Рахшон, паймон карда будам, вале ин хомхаёлҳо паймони маро шикастанд. Ман маҷбур шудам шарафи сипоҳ ва Мақдуниёро ҳимоя кунам.»

❂ ❂ ❂

Сипоҳ ба се ришта тақсим шуд: Кратер пеш овард, ки бо роҳи Арахозия рафтан камташвиш ва наздик аст. Бо рухсати Искандар фавҷҳойи Аттали Тимфейӣ, Мелеагри писари Неоптолеми мақдунӣ, Антигени сарсипоҳи фавҷи симинсипар ва чанд даста аз тирандозону горди «дӯстон» ҳамроҳ гирифта, аз нимароҳ ҷудо шуд аз дастайи шоҳӣ ва фавҷи дарёгарди Неарх. Муҳимтар аз ҳама ҷанговарони собиқадори мақдунӣ ҳамроҳи ӯ буданд, ки бо хиттаҳойи шимолийи халиҷи Порс роҳ сипарданд ба сӯйи Персопол... Искандар бо рӯдбори Ҳинд рӯ ба ҷануб овард ва ҳамроҳи фавҷи Неархи дарёнавард шиноварӣ кард. Ошӯбҳое ки андар Суғду Бохтар рух дода буд ва асирони эллинӣ ба ёди ватан сар бардошта буданд,

Искандарро ба ташвиш овард, вале бозгаштан аз роҳ машаққате дошт ва ё ёди ватан намегузошт, то шоҳи мақдунӣ чунин рафтор кунад. Танҳо хабари шоҳро мурда пиндошта исён кардани асирон ва ё фарзандони баномуси кишвару хиттаҳойи Осиёйи Марказӣ шоҳро аён нагашта буд, вагарна чунин ният метавонист ӯро аз роҳаш боздорад. Ва ӯ сипаҳбад Гефестиони хубчеҳрро бо канори рости рӯдбор ва фавҷи савори Пифони Агенорро, ки Искандар фармондори Ҳинд хонда, то даҳонаи рӯдбори Ҳинд ӯро бахшида буд, бо соҳили чап раҳнамун карда, баъди се рӯз то вилояти назди резишгоҳи рӯди Ҳинд – Паттал расид. Шаҳрро холӣ аз мардум дарёфта ҳайрон монд ва сарбозони чобуксавору бодпоро ба ҳар сӯ фиристод, то атталиҳоро дар ҳар ҷо пайдо карда, бигӯянд, ки лашкари мақдунӣ бо онон сару коре надорад; озору шиканҷа нахоҳад дод, осуда ва дилпур баргарданд ба маконашон. Баъзе бовар карда баргаштанд, бархе кӯчӣ шуданд. Ва шоҳ Гефестиони дилобхӯрро фармуд дар ин мавзеи хубмавқеъ шаҳраку кӯшку кохе бунёд кунад, то сипоҳи мақдунӣ хешро ломакон ва мусофир набинад. Ва Неархи дӯсти ҷавониашро фармуд то бархостани боди шурта андар даҳонайи Ҳинд нигарон шавад ва пас ба сӯйи рӯди Фурот шиновар гардад.

Гоҳе ки хуршед андар бурҷи Тарозу маъво гирифта буд, боди самум бархост ва Неархи дарёгард сафинаҳойи ҷангиву боркаш ба дарёйи Араб андохт. Киштиҳойи бешумор чун чӯҷаҳойи бат рӯйи баҳрро пӯшиданд. Искандар бо дастайи боэътимоди хеш селайи мурғони обиро гуселониданӣ баромада буд. Машаққат ва бори гароне ки муддати нӯҳ моҳ андар рӯдбори Ҳинд бар дӯш дошт, ба назар паси сар шуд ва ҷуз шодмонӣ пеши рӯй чизе набувад.

Вале коре шуд ношуданӣ. Чун соли пешин худоёни Осмону Замин қудрати хешро намойиш доданд ба сипоҳи Искандар: аз баҳр боди муссон бархост, гӯйӣ баҳрро ба ҷӯш овард андар чойҷӯш, ки медамиду мерехт. Чунон тӯфоне шуд, ки мақдуниён надидаву нашунида; киштиҳоро бозпас овард чу партобҳо ба даҳонайи рӯдбори Ҳинд. Дарёйи Араб мадд дошт, кафк карда буд чу шири дамида. Мавҷҳо кӯҳа-кӯҳа меомаданду мешикастанд ва киштиҳоро меандохтанд ба канор. Киштинишастагони дасту пой солим бо амри сипаҳсолор сафинаҳоро ба соҳил мекашиданд ва оби ҳуҷумовар аз паси онҳо ҳамаро зеру забар мекард.

Искандар пешонӣ бар каф ниҳод, ки чӣ рӯзест. Дерёз андешид ва дарёфт, ки худоношиносӣ кард; худойи Зевс ва Крону Райро аз ёд дод. Бар замми он савгандзада шуд: савганду паймони бо Рахшон бастаро шикаст – боз хун рехт; Барзинро хор дошту ба пешгӯйиҳояш бовар накард; селборону обхезиҳойи баҳори гузашта низ панд нашуд; хуни зиёд рехт; қатли ом фармуд ва ба ғазаби худойи баҳр гирифтор шуд... Шоҳ бифармуд қурбониҳо кунанд ба

номи худоёни ғазабкарда. Чун маросими қурбонӣ гузашт, сафинаҳо фиристод ба баҳр, то ҷазирае пайдо кунанд...

Шоҳи мақдунӣ яқин кард, ки ҷуз худойи Зевси Барроқ касе хашм нагирифта бар ӯ. Зеро худованде, ки Искандар аз хурдӣ эътиқод бар ӯ дошт, аз ёди шоҳ рафта ва худоёни бегонаро пазируфта баройи нафсу барори кор. Акнун пушаймонӣ дорад, вале судашро набинад. Боз қурбониҳо фармуд ба номи писари худойи арзу само Зевси Барроқ, ки медонист замоне баҳри Миёназамин ин Худовандро итоат карда ва ҳолиё саркашиҳо дорад уқёнус ва қудрату тавони хеш нишон диҳад. Шояд аз он бошад, ки Искандар хуни одамӣ ба обҳо омехт. Шоҳи дурбини кӯтоҳназар аз хурӯшу ситез ва ғалаёни хуни ҷавонӣ ва сари шӯрида, бар қасди хуни порсиён олам зери сум овардани шуд; асбаш Бусефал фавтид, рӯдҳо пеши роҳаш дамиданд, селобҳо сарбозонашро куштанд, ба ифоқа наомад; ин ҳама бонги хатар буд, ӯро гуфтанду огоҳ карданд, нафаҳмид ё хеш ба нофаҳмӣ зад. Инак нигарон аст, то кай боди шурта бархезад. Дубора баргашт ба шаҳри Аттал. Обу дон фаро овард – зоди роҳ.

## БАНДИ ПАНҶУМ

Чун боди шурта бархост, лашкари Искандар рахти сафар барбаст. Вале Искандар роҳи пурхатареро пеш гирифт. Неархи ёри навҷавониашро бо баҳр гуселонд ва худ бо соҳили рости баҳри Араб роҳ паймуд, ки ҳама вақт бо Неархи дарёгард ҳамсоя бошад. Пеш аз Искандар шоҳону лашкариёни зиёд рафта бо ин роҳ, вале касе ба мурод нарасида. Шитоби Искандар аз он буд, ки ҳар чӣ зудтар мехост аз ин мулки пурхатару сеҳрангез дур шавад. Вале роҳи пазируфтааш пурхавфтар аз ин мулк омад; қавму қабилаҳойи кӯчиву бадавӣ дучор меомаданд сари роҳ; ситез доштанду шӯр ва чу роҳзанҳо бар лашкари румӣ ҳамлавар мешуданд, шабохунҳо мезаданд. Шоҳи таҷрибаандӯхта ҳамаро қалам мекард чу най, мерабуду месӯхту валангор мекард; серӣ надошт чу баҳр. Даҳ рӯз роҳ сипарданд аз Паттал то заминҳойи арабҳову ориён, ки дар ҷое ҳиндувон ва дар ҷое ориён сукунат доштанд; яке гурехту дигаре таслим шуд. Искандар аз он хашм гирифта буд, ки қабилаҳойи ноогоҳ аз кирдори шоҳи мақдунӣ дар чунин азобу шиканҷайи ӯ дасти ёрӣ дароз накарданд. Ва ӯ сари ғазаб сипоҳ ба ихтиёри сипаҳбад Гефестион гузошта, дар як шаб паймуд биёбонро ва баробари кафидани чашми рӯз ба марзи ободи қабилаҳо расид. Чун қабилаҳо ба ҷанги румиён омодагийи сахт гирифта буданд, шоҳи мақдунӣ ситехту овард кард ва ҳазоронро аз дами теғ гузаронд. Леоннат ва Биталомуси ошно ду боли ҷангийи Искандар буданд. Осон забт кард ва Аполлофонро фармондори шаҳри Оритида ва кишвари Гидросия хонд. Обу дон гирифт. Идома дод роҳро.

Биёбони хушку гармойи Араб, гушнагиву ташнагӣ ба ҷон овар-да буд сипоҳро. Сутурони боркаш роҳ рафта наметавонистанд. Дар чунин вазъу ҳол шоҳи шабравро созгор буд, то шабҳангом роҳ паймояд. Бо ҳазор ранҷу азоб лашкар ба водие расид, ки рӯдаке дошт. На танҳо касон, балки аспон заданд хешро ба об. Шутурони биёбонгард аз ҳисоби равғани кӯҳон, ки ташнагиро рафъ кунад, ёди об накарда, сар сӯйи осмон, лаби зер кашол дошта, наъра мезаданд...

Дар ин ҷо низ коре шуд, ки шоҳ Искандари писари худоро масхара медошт: дар чунин гармову хушкӣ оби рӯдак дамид. Чунон туғёну шӯр бардошта шорид, ки нагунҷид андар водӣ.

Искандар пиндошт аждаҳойи нӯҳсар аст, ки бар Геракл дамад ва бо дами оташбораш ҳамаро сӯзад. Геракли қаҳрамон мебод, то истад бар муқобили чунин аждаҳо.

Ва аммо коре карда нашуд бо Бало: занону кӯдакон, пирони барҷомонда, маибу маҷрӯҳон ва асбону сутурони лоғару камҷон, инчунин асбобу афзори ҷангӣ рабуд аз миён. Ҳатто шиноварон натавонистанд сариштa кунанд бунаву коло ва ё кӯдакон. Асбону гардунаҳо ва зару хоста, ҳадяйи зердастон ҳама ба коми Бало шуданд. Шоҳ Искандар бо сипоҳи кам бе захира монда буд. Мақдуние фармуд: «Ҳар чиро бод оварад, бодаш барад!» Искандар аввал ҳикмат донист, пасон ба маънийи мисраъ рафта, кина гирифт, ки зердасташ чунин киноя гӯяд, аз бегона чӣ гила?

Ризқи ҷӯгӣ дар пояш, ризқи лашкар аз дами шамшераш. Ҳолиё ҳарду зарур буданд Искандарро. Вале биёбон бекас, дашт бенаво ва саҳро холӣ буд. Як ҳафтайи расо бо соҳил гашт гушнаву ташна. Пасон кишвари ободе пайдо кард. Гадойӣ хуш наомад, боз касб пеша кард: бикӯфту бикушту бисӯхт ва то маркази шаҳр расид. Анбори ғалла дарёфт ва кашонд баройи намурдани сипоҳиён. Ҷанговарони гурусна дарафтиданд ба бозёфтҳо, Искандар натавонист чорае пайдо кунад. Гушнагӣ чунон ба ҷон расонида буд, ки ёде аз сипоҳи баҳрийи Неарх ва занону кӯдакони бо онҳо рафта намекарданд. Шоҳи зирак ва донишу таҷриба андӯхта дарёфт, ки сипоҳи мақдуниву юнонӣ дар чунин ҳолат ҷуз талаф коре натавонад кардан. Гуруснагӣ тавоно бувад аз душман. Ӯ метавонист рӯҳи эшон бардорад; лофу газоф бигӯяд, ваъдаҳо бидиҳад.

Биёбони хушк корвонро ҷигарсӯхта карда буд. Ду бор моҳ нав шуд, ҳанӯз ҳам корвон роҳ мепаймуд бо сарварийи шоҳ Искандар. На об буду на дон; на меҳр мондаву на муҳаббат; на боварӣ буду на дод...

...Неархи дарёгард низ андаруни баҳр оби хӯрданӣ надошт. Сахтӣ пеш омаду гуруснагиву ташнагӣ. Забон ба ком часпида, лабҳо карахш ва чашмҳо хилт баста буданд ва ҳалқ хушк гашта. Теғи бинӣ, рухсораҳо дурушту кафида, дастҳо шахшӯл, сари

гӯшҳо пулакчаҳо ва гарданҳо қарқ баста буданд. Чунон буд, ки ӯ андаруни обу Искандар андар биёбон.

Шоҳ Искандар об хост. Об оварданд дар ҷомкоса. Чашмони дигарон ҳарисона ба шоҳкоса дӯхта шуданд ва забони ба ком часпидаро базӯр ҷудо мегардонитанд ва лаби хушку карахшбаста мелесиданд. Шоҳ ҷомкоса ба каф гирифт. Нафаре сӯйи ӯ ҳамла овард, то косайи об бирабояд, аммо зӯре надошт, биафтод.

«Об диҳед ӯро!»

«Об нест, шоҳам!»

Искандар чизе нагуфт. Карахт шуд. Ҳайкалосо ва ҳайратзада монд. Коса каҷ шуд дар дасташ. Шоҳ қатра-қатра ва ғижа-ғижа обро рехт рӯйи реги тафсон. Вале бо ин ҳама карахтӣ ӯ медид, ки чун кашад реги сӯзон обро. Аммо ба назари ташнагон он қадар об рехт, ки рӯдбори Ҳинд ин қадар об надошта бошад ва зарфи шоҳ зарфи духтари шоҳи ҳиндӣ Қайдро монад.[1]

«Агар шуморо об нарасад, маро низ нарасад!»

Сипоҳи саворайи хаста боз дил баст шоҳро. Агар ҷон доштанд чу мӯре боз равон гаштанд. Ба умеди фардо роҳ паймуд сипоҳи талафёфта ва камшумори Искандар. Ва худи ӯ ҳақиру нотавон ва аз ҳама кирдорҳо пушаймон ба умеди дидори модар таноби роҳ мекашид.

Гардунайи шаҳбону Рахшон базӯр тоб мехӯрд ва то ин ҷо чандин асбон иваз карда буданд. Бо вуҷуди душворӣ маликаро дил намешуд, Барзину Гераклро аз гардунааш ба дигар ароба гузаронад. Зеро суғдначод паймон баста буд, ки то ҳаст, аз онҳо ҷудойӣ напазирад. Саргузашт қисса карданҳойи онҳо мекашид таноби роҳро. Рахшон чандон саргузашти ҷолиб надошт, вале қисмати Барзин ҷолиб буд шоҳзану Геракли хурдсолро. Геракл гӯё биёбони хушку тафсон, сусморҳойи чолок, шутурхору хорҳойи мағелон ва тап-тап афтида мурдани сутурон, ҷон додани пирону заифон, офтобу моҳу ситорагон, ба замин канда шудани ахтарон ва бисёр чизҳоро медиду ба назар хешро бо онҳо андармон мекард ва менамуд, ки ба чизе эътибор намедиҳад ва парвое надорад. Дар асл ҳама чизро медид, мешунид ва ба мағз ҷой мекард. Зеро онҳо аз ҳар боб сухан доштанд, лекин аз Искандар чизе намегуфтанд; гӯё бим аз якдигар доштанд.

«Ман ҳатто аз шумо пӯзиш карда натавонам; оҷизам!»

«Аёнро чӣ ҳоҷати баён, шоҳ?»

Гӯйиё ҳама якранг; ба кирдори нахустодамон – на ҷангу на бонг; шоҳу гадо набувад, забардасту зердаст, фармонфармову

1. Бино ба гуфтайи Фирдавсӣ, яке аз чаҳор шарти ба Искандар гузоштайи духтари шоҳ, ки аз зарфе лашкари Искандар об хӯрад, боз зарф пури об бошад.

фармонбардор набошад. Аз ин рӯ Искандар садо баланд накунад, узр пурсиданашро лоимкон донад. Бо вуҷуди ин ҳама, бо Барзин чун пешин муомилаву муносибат ва ройсозӣ накунад. Ба назар Рахшон як нафар зани бесоҳиби баччадорро ҳамроҳ гардонад. Дилаш сӯзад ба ин зани доно ва пешгӯй, ки Искандар чунин зану фарзанд доштанашро нагуфт. Ва Барзин афсусу пушаймониашро аён накунад, танҳо гӯяд, ки падаршоҳ низ чунин карда буд: бар Олимпиада зани ҷавон гирифта ва ба муродаш нарасида шаби базм куштандаш. Рахшон ин қиссаро аз Барзин шунид, аммо ба таги сухан нарасида, мисли бод гузаронд. Ҳатто напурсид, ки Барзин чӣ хоҳад бо чунин ҳарф. Вале ҳолиё вазъ чунин, ки шоҳ ба кину қасос рағбат надорад, фақат андешайи аз бало раҳо гаштанро дорад. Барзин гоҳ-гоҳ сар ба каф гирад, ки сахт хор дошташ шоҳ...

Баъди ранҷу азоби гарону сангин, ки тамоми роҳ Искандар пушаймонӣ дошт аз оламгардиву ҷаҳонгирӣ, сангпуштона хазида биёбони Арабро убур карда, расиданд ба шаҳри Пура.[1] Онон, ки аз азоби алими Саҳройи Араб ҷон ба саломат бурданд, ба фароғат расиданд. Аз чаҳор як ҳиссайи сипоҳ буданд, чун сурхийи рӯйи шоҳ Искандар аз нав ҷон гирифтанд. Шоҳ фармондори вилояти Карманияро айбдору гунаҳгор медонист дар фавту талафи сипоҳи ӯ, ки ба пешвози лашкари мақдунӣ набаромад ва таъминоти онро набардошт, ҳеҷ мададе накард. Дилмонда шуд аз фармондорони вилояту мулкҳо ва ҳамайи онҳоро иваз карданӣ шуд. Ӯро расонданд, ки ҳокимон ва сатрапҳойи гузоштайи Искандар зуд-зуд миранд, касе асбоб надонад. Аполлофани чанде пеш фармондори Гидросияву Ориё гузоштааш дар ҷанги сахти зидди ориёйиҳо фавтид, Фоантро сатрап таъйин кард. Ӯ низ мурд. Ба ин ду вилоят Арахозияро ҳамроҳ сохта, Сибиртийро сарвар хонд. Баъдтар Кирмонро ба Тлеполеми сипаҳдори вилояти Парфия супурд. Ӯ боз баъди пушаймонӣ ба корҳойи давлатдориву лашкаркашӣ камар сахт баст.

Дар роҳи Кирмон хабар расид, ки фармонравойи қабилаҳойи ҳиндӣ Филиппро низ сӯийқадчиён куштаанд. Шоҳ ба фармонравоёни ҳиндӣ Таксилу Эвдеми румӣ нома фиристода сахт таъкид кард, ки вазъи кишварро ба эътидол оранд. Аммо бо фармону номаҳойи раҳи дур ҳиндуҳоро ором кардан кори саҳл набуд. Онҳо сахт шӯриданд, ки Эвдем гурехта, базӯр сари хеш ба саломат бурд.

Аммо шоҳ Искандар аз тақдир сахт парешон гашта буд, ки на аз сипаҳбад Кратер дарак буду на аз амирулбаҳр Неарх хабаре. Искандар ба Кирмон расид дертар аз Искандар. Онҳо вохӯрданд; саргузаштгӯйӣ карданд. Сипаҳбадон Гефестиону Леонат, ки бо хости Искандар ба шаҳрсозӣ машғул буданд, низ расиданд. Гӯё зиндаҳо ҳама меомаданд, аз Неарх хабаре набуд.

---

1. Пура – маркази кишвари Гидросия.

Шоҳ ошуфта ва парешон буд аз қисмати Неарху нохудоён, ки боре дарак аз хеш надод ва касе надонад ӯ дар чӣ ҳол аст. Хобҳойи парешони ӯ ва пешгӯйиҳойи раммолону фолбинҳо, ки баъзан ғӯлингхойӣ кунанд, шоҳро мушавваш гардонида. Бо каронайи баҳри Араб, халиҷи Порс, бозгашт ба резишгоҳи Ҳинд кас фиристод, аммо аз яке дарак наомад. Ғамӣ шуду хулоса баровард, ки онҳо ҳамдигарро гум карданд ва шоҳ умедканда шуд, ки агар Неарх зинда буд, дар чунин муддат, ки онҳо ба сохтани шаҳракҳо машғул буданд ва пархошу фароғат доштанд, баҳрнавардон расида буданд. Бори нахуст сахт пушаймон шуд аз ҷаҳонгардиву ҷаҳонгирӣ. Пиндошт, ки рӯйи сурхаш сиёҳ гашта ва назди мақдуниёну юнониён дуд кунад. Фардо назди ҳамватанон чӣ посух диҳад. Дар банди андеша ва гирифторӣ буд, ки ин дастайи ночизро, ки гӯйӣ аз сипоҳи румӣ тухмӣ монда, чӣ гуна ба Рум барад. Агар дар ҷанги Олам намурд, дар ҷанги падару модарони сарбозони мақдуниву юнонӣ хоҳад мурд. Ӯро ғоз-ғозу лахт-лахт хоҳанд кард. Гирифтори хеш буд, касеро намедиду намегуфту намешунид. На базм дошт, на қурбонӣ мекард ва на шодмонӣ; гирифтори ғами хештан буд.

Ва бо ҳазор андеша пардадор дари шоҳро кӯфт. Искандар садое набаровард. Ӯ парешон гашта дарро кушод ва шоҳро чашми тар дарёфт.

— Кирмоние омада шоҳам...

— Чӣ фармояд?

— Аз назди Неарх омадам, гӯяд

— Аз назди Неарх? Бифармо...

Пайкро ворид карданд назди шоҳ. Ӯ сар ба саҷда бурд ва фармуд:

— Дурӯду паём овардам аз Неархи дарёгард шоҳро.

— Ай араб, рост гӯйӣ ё дурӯғ?

— Ман порсам, Гирдаки Кирмонӣ... ва рост гӯям...

— Неарх зинда аст?

— Оре, шоҳ! Неарх зинда. Ҷониби ту ояд. Ман чун балад ҳастам ин роҳро, кӯтоҳаш кардам ва пеш омадам, то шоҳро бохабар кунам.

Шоҳ омода буд боройи чунин хабар барҷаста пайкро ба оғӯш кашида бӯсаборон кунад, аммо дилаш раг зад, ки дурӯғ гӯяд Гирдак ва ӯро гӯл зада ба баҳр кашад ва найранге кунад. «Макр набувад?» Ба рӯйи Гирдак нигарист:

— Бо чашмонат дидӣ Неархро?

— Оре, шоҳ!

— Чӣ гуна мард аст?

— Зардина, обичашм, мӯйи мошубиринҷ дорад...

— Дурӯғ гӯйӣ!

— На, дурӯғ нагӯям. Вақте ки шоҳ ӯро дида буд, дар мӯяш сапедие набуд. Чун дар ин миён ҳиндуҳо ҷангҳойи сахт карданд,

тӯфон бархоста киштиҳоро ба регзоре андохт ва боз бадавиҳойи нимбараҳнайи соҳил – гидросиҳойи дар умрашон оҳан надида ба онҳо дарафтоданд ва қиссаҳойи дигар, ки Неархро умедканда гардонида буд, мӯяш дар муддати кӯтоҳ сапед гашт...

— Ту рост гӯйӣ?

— Рост гӯям, шоҳ. Ӯ хоҳад омад. То чашм ба чашм шудан ором бояд буд ва он гаҳ маро хоҳӣ шинохт. Порсҳо дурӯғ нагӯянд. Зеро дурӯғ бародари тӯҳмат бувад. Тӯҳмат бузургтарин бадист.

Ҳанӯз сӯҳбат саранҷом нашуда ҳафт танро биоварданд назди шоҳ; ҳафт тани офатзада, жӯлидамӯй, абгор, оғишта ба хоку гил, афтода, лоғар ва нимбисмилро, ки чашмон зинда ва бар пой буданашон нишони ҳаёт дошт. Онҳо рӯ ба рӯйи шоҳ дер истоданд. Яке зардинайи обичашми лоғар буд ва мӯйи дуранг дошт чун шабу рӯз. Шоҳ ба Гирдаки Кирмонӣ нигарист ва фарёд зад:

«Неарх!!!»

Ҳарду баробар оғӯш кушода гиристанд. Дер ҳамдигарро сар надода гиристанд, ки нишонайи хориҳойи дерсола буд. Шоҳ мегирист, ки оқибат ба чунин ҳол расиду ҳамаро талаф дод, Неарх мегирист, ки шукронайи кор, зинда аст. Ба дидор расиданд.

— Та-ла-аф до-одӣ, Не-а-арх, ҳа-ма ро?

— На, сипаҳсолори кабир, киштиву сипоҳ дар соҳил, баройи шоҳро дарёфтан ба чунин рӯз расидем.

Искандар ӯро тангтар гирифт ба оғӯш, бовар накарда гирёнтар шуд:

— Дурӯғ гӯйӣ, Неарх... Ҳамаро бохтайӣ...

— На, шоҳ, Архий гувоҳ бувад.

Искандар аз оғӯш раҳо кард Неархро ва Архийро шинохту дар канор гирифту гирист.

— Архий, Неарх рост гӯяд?

— Рост гӯяд, шоҳ. – нафаси Архий бехи гӯши шоҳро гарм кард.

Боз гирист шоҳ. Гиряаш на аз он буд, ки ононро пазмон шуда, балки ба ҳоли хештан мегирист; чунон ки ҳар кас ба мурдайи хеш гиряд. Се тани дигарро низ бағалкаш воҳӯрӣ карду чашми тар дошт. Шоҳ ҳоли онон медид, ба худ мепечид; қарору оромӣ надошт. Ба ёдаш намерасид, ки онҳоро бинишонад, оромӣ бахшад ва ҳолпурсӣ кунад.

— Наход зиёдтар аз ман азоб кашида бошӣ, Неарх?

— Азоби туро надонам, бародар, лекин азоби мо азоби гӯр буд. Чанд бор мурда ва боз зинда шудем.

— Чун ман?

— Чӣ гуна?

— Аз машаққати роҳ, аз тохти бадавиҳо, аз ташнагиву гушнагӣ, аз бегонагӣ...

— Якранг азобамон... Мазмун, аз ватан ки ҷудо гаштӣ, як хел азоб бинӣ.

— Ман низ чунин хулоса кардам.

— Чун аз ҳам ҷудо шудем, роҷаҳойи аз шаҳри Паттал фирор карда мо макдуниҳоро ночиз ва нотавон пиндошта, ҳамлавар шуданд. резишгоҳи рӯдбори Ҳиндро ишғол карданд. Аз ин рӯ сафари мо дер монд то Камон.[1] Боди муссонро нигарон шудем. Чун моҳе гузашт, имкон пайдо шуд шиновариро... Душвор буд, шоҳ... Ҷазираву регталҳо ва шаху харсангҳойи азим пешорӯ мебаромаданд, гирд гаштан лозим меомад. Гушнагиву ташнагӣ ба ҷон расонд... Андаруни баҳр – ташна… Аҷиб. Мадду ҷазри баҳр бадтар аз офат буд. Леонат як бор захирайи даҳрӯза расонд, дигар аз ҷое кӯмак нарасид. Худоён мададгор шуданд моро, вагарна... Наҳангу делфинҳо чӣ ҳуҷумҳое карданд... Мо бо садоҳойи баланд онҳоро тарсонида аз худ дур мекардем. Як бол задани онҳо чандин киштиҳойи моро чаппа хоҳад кард. Лекин онҳо ҳам дил доштаанд, нияту азоби моро дарёфта, маъюс дур мерафтанд... Бадтар аз он ҷонварон сияҳпӯстони ҷӯлидамӯй буданд, ки гургинаву палангина ва дигар мӯйинаҳо андар пасу пеш кашида дар соҳил саф меоростанд. Зиндагийи ваҳшиёна доштанд ва аз устухони кит хонаҳо сохта буданд, хӯрокашон моҳӣ буд. Ҳайвонҳойи хоназодиашон орди моҳӣ мехӯрданд ва гӯшти он ҳайвонҳо низ бӯйи моҳӣ доштанд... саранҷом ба ёди шоҳ то Кирмон расидем.

Искандар ба ифтихори Неарху ёронаш базм орост ва ба ҳама эълом дошт, ки баҳрнавардон зиндаву саломатанд. Гулафшон карданд амирулбаҳрро то субҳ.

— Ман бояд баргардам, шоҳ, ва артиши баҳриро то Мағриб бирасонам.

— Мо бояд дар Шуш вохӯрем, Неарх...

— Рой шоҳрост.

Бо амри Искандар сутуронро ҳама чиз бор карданд ва гуселониданд то лангаргоҳ.

## БАНДИ ШАШУМ

Искандари пури шоҳ Файлаҷуси дуввум, ки бистсола ба тахти салтанат нишаста буд, сивудусола шуд дар ғурбат. Дувоздаҳ баҳори умраш сипарӣ гашт бо ҷангу набард, тохту тоз, тартумарт, куштор, хунрезӣ ва ғорат. Ҳамайи ин солҳо пирӯзӣ дошту шодмонӣ ва ба базму айш гузаронида айёмро. Лекин имсол сангину вазнин омад шоҳро: ғаму ғуссайи талафи сипоҳ гаронтар буд аз хушнудийи барорҳойи гузашта. Чу лашкаркаши бузург бо андеша ҳама кар-

1. Аз 22 ноябр то 21 декабр.

даҳо ва гуфтаву шунидаҳо ва дидаҳо пеши назар овард, чизе аён нашуд. Гӯё як пуффаки баробар ба гунбади фалакро пуф карду дам дод ва он бузургтар шуд; хост бузургтар аз гунбади сипеҳр созад, иқтидораш кофӣ набуд, пош хӯрд. Ва боз монд ҳаво. Ҳавое, ки касе бо қабзаву мушт кардан ба даст наоварда. Донист, ки дунё ҳеҷ ва пуч; боду абр бувад ин ҷаҳони фусӯс. Таълимоти Арасту ва андарзҳойи модар низ ройгон рафтанд. Орзуву армонҳойи хеш дарнаёфт, балки донист, ки ҷовидона набувад кирдори ӯ. Давлати бузурги ба зарби шамшер сохтааш низ бебақост. Осиёву Аврупо на бо шамшер ягона шуд ва на бо даст гирифтани Рахшони суғдӣ. Дарнаёфт Оби Ҳаётро, кашонда натавонист ҳама зару зевари рӯйи заминро. Ҳатто Антипатри гумошта ва дастнишондааш андар Мақдуниё миннатдор нашуд аз фиристодаҳойи шоҳ. Балки хешро фармондори мутлақи Мақдуниё донист ва бо фурӯ нишондани як шӯриш хешро соҳиби мулк ва қаҳрамони халқу кишвар хонд. Аз ин рӯ дар дили ӯ нагунҷад бозомадани шоҳзодайи мақдунӣ. Зеро хазинайи шоҳӣ тиҳӣ, чунон ки вақти рафтани шоҳ Искандар буд. Ҳанӯз ҳам воми ҳаштсад толонайи хазина пардохт нашуда ва Онанюси тоҷир андар бистари беморӣ омадани духтараш Тойисро нигарон аст. Искандар ба ҳеҷ яке эътибор надиҳад ё чунон вонамуд кунад. Дар асл шабу рӯз дар зеҳни хеш ҳисобу китоб кунад, ки хазина хазинайи шоҳӣ гашта ва баробари ба ватан расидан вом адо кунад ва мулк обод гардонад ва модараш Олимпиадаро чун шоҳзану маликайи нозанин бар тахт нишонад ва худ сипаҳдори ӯ бошад. Вале чун номаҳойи ӯро хонад, ба шӯр омада ситезад, ки модашери хашмӣ ҳеҷ аз феълу хӯйи бадбинонааш нагашта. Ва шоҳ аз азобу шиканҷаҳойи соҳили баҳри Араб ба модар пайғоме накард. Ва фурсат низ нашуда, ки Биталомус чӣ нигошта андар дафтари таърих.

Искандарро дигар мурғони баднамойи фазо ё паррехтаҳойи гӯштгардани сари бораҳо ё рӯйи мурдайи сарбозон ба ғаш наме-овард. Шоҳ пиндошт, ки ҳама чиз орому осуда чун баҳри хуфта. Сафинаҳо ва нохудоён ва киштинишастагон ҳама ба мурод расида фароғат доранд. Худи ӯ дар қаламрави хеш, ҳама чиз сомон гашта ва касе касеро ғам ё ташвиш надиҳад. Пойтахти чаҳоргонайи Порс андар тасарруфаш, тавре хоҳад, умр ба сар барад.

Ва аммо овозайи марги дурӯғини шоҳ Искандар парешониҳо овард. Шоҳ аз чунин овозайи бардурӯғ истифода карда хештан ба нодонӣ зад ва донистанӣ шуд, ки чун муомилаву рафтор кунанд дӯстону душманон. Туфайли миёнҷиҳо, пайколҳо, паёмварон, расонаҳо, худширингарҳо, дасисабозҳо, муғамбирон ва ғаддорҳо, нотавонбинҳо, мансабхоҳон ва ҳатто сипаҳбадону сипоҳиён, ба вижа гетерҳойи нозанини аз ёди шоҳ рафта ҳама чизро донист, лекин шитобзада нашуд. Бо тамкину шикебойӣ сабабҳойи наҳзати Суғду Бохтар, ошӯбу исёни ҳиндувони Панҷоб, балвоҳойи аси-

рони эллиниҳойи замони Дориюши аввалу Хишоёршоҳ ба Ориё омада; саркашийи бардаҳойи юнониву мақдунӣ; бетартибиҳойи Антипатри дастнишондааш андар Юнон ва бадтараш кирдори ёри ҷавониаш шоҳзода Гарпали хазинадори Бобулистон ва дигар кирдору рафторҳойи нохубу нофорро дарёфт, пасон муомила карданӣ шуд.

Гарпали хазинадор, ки ҳама умеди шоҳ бар ӯ буд, чун овозайи марги нобаҳангоми Искандарро шунид, рост пиндошта, фурсат ғанимат ва пойгаҳ холӣ دониста, талаф дод аз симу зар то гарди хазина. Гарпали айёш ҷинси латифро авлотар аз симу зар медонист ва ҳар чӣ дошт, масту ҳушёр ба пойи нозанинон нисор мекард; хоста мебахшид гетерҳойи нозанин ва раққосаҳойи ҳиндиву порсиву бобулиро ва зарафшонӣ мекард бар қади эшон. Дӯшизагони соҳибҷамол аз эҳсони бедарди миёни ӯ хушнуд буданд ва Сахӣ ном ниҳоданд, ки то он замон касе чунин лақабро сазовор нагашта буд. Ҳар кадом он қадар ҳунар менамуданд, ки бо нозу карашма, покӯбону дастафшон ва синаларзон, хандону шукуфон; шикастани миён, дунбаҷунбон, абрӯпаррон ва хиромон дар пеши Гарпал зону мезаданд, то ӯро хуш кунанд. Зеро бахшу хостайи хазинадор андар шабистон ҷудогона буд. Аломати хуш кардани Гарпал чунон буд: низ назди паричеҳрайи боҳунар зону мезад ва гоҳи ба пушт хам хӯрда беустухон рӯйи пойҳо ҳамвор гаштанаш Сахӣ ду зонуйи ӯро пахш мекард ва хешро чунон ба пеш майл медод, ки низ бар ӯ ҳамвор мегашта бошад. Пасон дигар ҳунармандон суст гашта дилу бедилон рақсро идома медоданд ва дар дил мегуфтанд, навбати онҳо фардойӣ бувад...

Кӯшку ҳарами паҳлӯйи Бурҷи Бобул аз они Гарпал буд ва ӯ хешро ҳукмравойи мутлақи ин марз шумурд. Ба сикка задани тангаҳойи бобулӣ пардохт, то бар сари ин ҳунармандон зарпошӣ кунад. Сурати паканайи хешро низ дар рӯйи тангаҳо ҷой дод, то гоҳи ба даст гирифтан хубони порсигӯ, гетерҳойи нозанини хушзеҳну ҳозирҷавоб ва ҳиндудухтарони боҳунар ва дӯшизагони беназири бобулӣ симойи Сахӣ бар тангаҳо дида ин ҷавонмарди фарзонаву ягонаро ёд оранд.

Пифионикайи зебову пурҳунар, ки ҳусну ҷамолаш бо ҳунари беҳамтояш мутаносибу мувофиқ афтода буд, бештар рабуд ақлу ҳуши ӯро. Ин дӯшизайи мӯрмиёни садафдандони симинтан, ки гӯйи худованд аз ҳама нозанинону хубрӯён як узви арзандаро гирифта бар ӯ часпонида, орову торо дода бошад, хубчеҳру хушандом буд. Маҷнун карда буд Гарпалро. Ва мардро дурӣ набуд аз ӯ. Гарпали маккору корчаллон хешро шоҳ пиндошта Пифионикайи отиниро малика хонд, то мардум огоҳ гарданд, ки Гарпал гумошта ва ё дастнишондайи шоҳ Искандар набуда, шоҳи мутлақи Бобул бувад ва бурун аз итоати ӯ ҳар чӣ хоҳад, он кунад... Ва чӣ шуд, яке аҷал рабуд Пифионикайи хушрӯву зеборо. Гарпал сӯхт ба марги ӯ ва ба

сохтани гӯрхонааш дасти саховат кушод: дусад толон сарф кард мазори ӯро. Ва санамтарошони юнониро баройи беҳтарин ҳайкал озмун эълом дошт. Кӯшку ҳараму меҳроб бисохт, то минбаъд ба олиҳайи ҳусн Афродита – Пифионика саҷда оранд.

Вазири молияйи зандӯст дере нагузашта боз базмҳо орост ва гетери хубтар аз пешин – Гликурияйи бо ҳусну ҷамолро аз дасти дигарон зада гирифт. Ва дар Бобул бозмонданро хатар дониста, ба шаҳри Тарс кӯчид. Дар кохи шоҳона ҷой гузид. Гликурия зиндагийи шоҳона дошт. Азбаски хуби хубон буд, Гарпал дар Миср муҷассамайи биринҷийи ӯро гузошт. Коре, ки Искандар накарда буд. Аз ин рӯ гетерҳойи нозанин девона буданд аз ҷавонмардиву саховатпешагийи хазинадор ва орзу доштанд наздик шаванд бо ӯ.

Гликурияйи отинӣ Гарпалро танҳо маҳбуба набуд, балки Сахӣ аз ин зан истифода карданӣ шуд, то бо отиниён иртиботи сахт дошта бошад, ки дар рӯзи мабод ба кор ояд. Рафту марги Искандар дурӯғин бувад, гоҳи ситезидани Искандар бар ӯ юнониҳо дастгираш бошанд...

Ва рӯзе шоҳи мақдунӣ огоҳ гашт аз кирдугорҳо, рафторҳо, бедодиҳо, вайрониҳо, ғоратгариҳо, худсариҳойи гумоштанонаш ва касоне, ки шоҳ бовар дошт. Ҳукми қатл хост ононро. Онҳое, ки дахмайи Куруши Кабирро аз баройи ганҷи гӯр вайрон карда буданд, онҳое, ки гӯрхонаҳоро ганҷина пиндошта, даст ба харобӣ мезаданд; онон, ки хазинайи шоҳиро бадрайи хеш медонистанд. Дар қатори дигарон ба пӯстини Гарпал низ кайк даромад. Сахӣ роҳи раҳо меҷуст. Хоб дид на Пифионикаро, балки буди ӯро, ки мегуфт: «Раҳойӣ дар нестист!» Аммо гетери доно Гликурия дар бедорӣ маслиҳат медод: «Роҳи раҳойӣ фирор бувад!»

Гарпали маккор пазируфт маслиҳати нозанинро ва бо шаш ҳазор сарбози зархарид ва панҷ ҳазор толони хазинайи шоҳӣ рӯ ба Юнон овард...

❂ ❂ ❂

Искандар он рӯз лоғару хаставу хурд шудани Неархи дарёгардро дида, ғамӣ гашту гирист, аммо хешро дар ойина надид, ки ба чӣ ҳол расида. Камхуну заҳир, лоғару хаста ва андаке хурд гашта; нияту кӯшиш зайле ки буд, аммо нерӯву амал дигаргуна. Гӯё Искандар шоҳзода ё писари худо набуда, як лашкаркаши ба рӯҳу ғоя шикастхӯрда. Орзуву армонҳояш барбодрафта. Дилгир шуда буд ӯ аз ҷангҳойи пайваста, аз дасисаҳойи сатрапу хазинадорон, аз исёну шӯри зердастон, аз хиёнати зархаридон, аз ноҷавонмардийи ёроне, ки шоҳ бовар карда ин ё он мулкро бахшида буд. Ба сари лашкаркаши бемисл намегунҷид, ки Гарпал барин ёри даврони ҷавонӣ чунин кайфар бахшад некиҳойи ӯро; чашмдор набуд, ки

фармонфармоёни марзу кишварҳо, ашрофзодагону сипаҳбадони мақдуниву юнонӣ аз аз баройи нафсу зару зевар ва моли дунё гӯру гӯрхонаҳойи шоҳаншоҳони Порсро шикананд ва ба яғмо баранд буду нобудро; хаёле надошт, ки ному унвонҳойи «писари худо», «шоҳаншоҳ», «расули худоёни юнонӣ»-ро ба замин мезананд.

Хашм гирифт Искандар бар ҳамайи онон; кушт, ба шиканҷа кашид, гӯшмол дод осиёну рӯсабиҳоро, лек тасаллӣ наёфт. Ҳарчанд аз Шуш то Шуш гирдгардон – Порсу Суғду Бохтару Ҳинду Эронро ҳалқа гашта омад, давлати муттаҳидаву муқтадирро дарёфт накард. Сар шиканад, аммо ба таги кор нарасад. Ҳар кас ба мурдайи хеш гиряд, ҳар нафар қӯрро рӯйи кӯмоҷи хеш кашад. Беқарор шуд, ғалаён кард хунаш; шӯрид худ аз худ. Боди носипосиҳойи нокасон бардораш дод. Пешрӯ нарафт, бал баргашт ва мулки бо зарби шамшер ба даст овардаро гом зад ва донист, ки ба чӣ ҳол афтода. Харобаҳо ва вайронайи мазори Куруши Кабирро бидид. Хира гашт табъаш, ки гумоштагонаш, дастнишондагонаш чиҳо кардаанд баройи дунёйӣ. Лек нанамуда кардаҳойи худи ӯ: харобаҳойи оварда, сӯхтаҳо ва куштаҳову бурдаҳо. Дар Истахру Эроншаҳр воқиф шуд аз кирдору интиқоми гумоштагонаш, ки ба чӣ овардаанд пойтахти Порсро? Чӣ рӯз доранд эрониён. Вонамуд, ки дилаш сӯзад, афсус хӯрд аз кирдори ноҷавонмардон. Некӣ карданӣ шуд дар ҷавоби кирдорҳойи ношойистайи дастнишондагонаш. Занонро хоста бахшид, то дилгарм бошанд. Пиронро сухани хуш гуфт, кӯдаконро шириниҳо тӯҳфа кард.

Ва гом зад пайроҳаҳойи гаштаашро гоҳи осудагиву амонӣ. Зиёд андешид ва ба хулосае омад, то муттаҳид созад мақдуниёну эрониёнро. Дарёфт, ки роҳи ягона издивоҷ бувад, то хуни ин ду миллат ба ҳам омезад ва ҳуқуқи баробар дошта бошад. Вагарна дер ё зуд бегонагӣ кори хеш хоҳад кард. Шоҳ ба қарори қатъӣ омад ва ҳамнабарду ҳамнишинон ва ёру ёварони хешро фармуд издивоҷ бикунанд ба духтарони акнофу ашрофи эронӣ. Шӯре ба миён омад аз шодиву хуррамийи сипоҳиён.

Искандар соли панҷум буд, ки аз Рахшон фарзанд нигарон, аммо шоҳ писари нозанин Гераклро эътиборе намедод. Акнун на танҳо Барзин, балки Рахшони хубчеҳру боҳуш ҳам ба чашмаш наметофт. Ва Рахшон аз падараш Оксарти суғдӣ хоҳиш кард, то баргардонадаш ба назди модар. Аммо фармонравойи Суғд аз бими аз даст рафтани марзу бум намеёрист шоҳро чизе бигӯяд, баръакс духтарро пӯписа мекард, ки сабур бошад. чунин муносибат коми шоҳро ширин гардонд; ӯ талабгор шуд бузургдухти Дориюши Саввум ва охирдухтари Ардашери Саввумро.

Шоҳ баргашт ба шаҳри Шуш. Базм орост андар пардасаройи пазиройи тавиласохт, ки тӯҳфайи порсиён буд. Чодари дарозо бо пилони ҳиндӣ иҳота гардида, буни девораҳойи он рӯзбонҳо, посбонон ва дами дар пардадорон меистоданд. Наздиктар аз пилон

ҳазор сарбози мақдунӣ, понсад ҷанговари шушонӣ ва як дастайи баргузидайи ҷавонсипоҳиёни порсӣ ҳалқа гирифта буданд базмгоҳро. Андаруни чодар буни деворҳо ба дарозо понсад посбони порсийи дарборӣ, ҳазор камонвари алопӯш ва наздиктар ба шоҳ понсад нигаҳбони шамшеру сипари нуқрагин ба даст ва наздиктар ҷондорони мутмаини шоҳ Искандар ба по буданд, ки то имрӯз шоҳ чунин дойираву ҳалқайи боэътимодро ёд надорад. Зеро то кунун аз ному ситезу феълу хӯй ва кину шӯри шоҳи мақдунӣ бим доштанду ҳарос, ҳолиё ҳар тану ҳар сар дандони тез бувад бар зидди ӯ. Шоҳ дониста вазъу ҳол чунин девори зинда орост чун деворҳойи қабат-қабати Мароқанду Пойканд.

Пазандагони боҳунару таббохиёни ҳиндиву порсӣ сари дегҳову оташдонро бӯйи гулу гиёҳ ва хӯрокҳойи болаззатро пош медоданд. Баробари ҳаври дегҳо дуди испанд боло мешуду ба фазо мепечид ва раммолони пешгӯй чу дафъи бало, андаруни зарфҳойи фулузӣ ҳазор испанд рӯйи луху лахча гузошта, бо бандҳойи пашмӣ кашол баста, алвонҷу бод медоданд, то луху лахча аз дами бод афрӯхта дуди ҳазориспанд барорад ва ҳазорҳо балоро дур андозад. «Ҳазориспанд дуд кардем, сад балоро дур кардем».

Шаробро об андар кратер[1] мерехтанд, то кифоя кунад то анҷоми базм. Ва зуд аз пой маяфканад базмиёнро.

Шоҳи зандӯст шояд аз пешдастийи Гарпали хазинадор сахт алам кашида бошад, ки занону дӯшизагонро бемарҳабо хоста мебахшид ва гетерҳойи базмороро зарафшонӣ мекард, то дилгарму завқманд бошанд. Базме буд то ин соату лаҳза касе надида ва нашунида. Ҳар сипаҳбаду афсару сарбози арӯс пайдо карда дар базми имшаба шоҳ буд ва дар лаҳзаҳойи мастӣ ва гоҳи дӯшизаро ба сари сина пахш кардан хешро хушбахттарин инсони ҷаҳон медонист, ки баъди чунин азобу шиканҷаҳо ва ҷангу ҷидол ва ташнагиву гуруснагӣ ва роҳпаймойиҳойи беохир ба чунин рӯз расида.

Шоҳ Искандари Мақдунӣ дар ду паҳлӯ шоҳдухтарони нозанини эрониро нишонда, шароб аз ҷоми зарин мехӯрд, бехабар аз рашки Рахшон. Рахшон кина варзид дар дил, ки аз баройи ӯ шоҳ завҷааш Барзин ва писараш Гераклро ронда буд ва ҳолиё қуръайи фоли бад ба номи суғдидухтар афтода, баройи шоҳдухтарони эронӣ зани қонуниро сарфи назар кунад. «Қисматҳо такрор шаванд: падари Искандар Файлақуси дуввум Олимпиадаро пушти по зада, рӯ ба Клеопатрайи ҷавон овард, шоҳдухтари хушандом сархӯр баромад. Ҳолиё кирдори шоҳи ҷавон ба д-он монад» аз зеҳн гузаронд Рахшон ва нигарист ба атрофиён, ки ҳама пирӯз метофтанд ва шодмонӣ доштанд. Ғамӣ гашт, ки Искандар сабр накард; шояд имсол на, соли дигар худо фарзанд диҳад ӯро. Чизе панҷа бар гулӯяш

1. Кратер – корсонҳойи азим.

зад ва фишурд. Нафас танг омад, ҳаво камӣ дошт. Бархосту доман афшонду бирафт ва биандешид аз оқибати ин саҳна... Зеро ба ҳам дуздида нигаристанҳойи духтарони Доро аз паси сар ва пеши рӯйи Искандар Рахшонро парешон карда буд, ки ин эрондухтон оқибат коре кунанд, ки ману Барзин карда натавонистем. Агар онҳо хуни маздойӣ ва андешайи ҳахоманишӣ доранд, бояд коре кунанд, ки ҳеҷ духтар накарда. Ҳатто дар афсонаҳойи асотирӣ буда ва набуда, ки духтар хуни падар ва бародар ситонида бошад. Ин корро худи Рахшон карданӣ буд, дареғ, нарасид зӯраш. Андак дарёфта Рахшон маънийи нигоҳи духтаронро, ки тамоми роҳи пурмашаққат гоҳи озору азият ва нафас росткарданҳову беҳуқуқиҳо, они хуфтан аз қисмату тақдиру гардиши рӯзгор сӯҳбат мекарданд: «Кӣ будему кӣ шудем, чӣ рӯзгоре доштему ба чӣ рӯз расидем?» Онҳо бисёр муамоҳоро ба тавру фаҳмиши хеш ҳал мекарданд ва бештар умед ба нерӯҳойи ғайбӣ доштанд, ки рӯзе Аҳуройи бузург дар шакли деву аҷинаҳо ва офатҳойи табиӣ онҳоро мефиристад ва лаҳзае фаро хоҳад расид, ки ҳама асирони порсӣ равшанийи маздойӣ бинад. Вале ҳоло чунин сурат гирифтани қисмат ҳамаро барҳам зад ва шишайи нозуки умедҳоро шикаст. Аз он сӯ духтари хурдийи Доро низ сӯйи хоҳарбузургу духти Ох нигариста лабханд кунад, ки шоданд; баройи аҳли нишаст ва фиреби назар кунанд ва гоҳе чашмак зананд. Касе набинад ва сарфаҳм наравад, ки чӣ маънӣ дорад. Онҳо гоҳ-гоҳ, ки андар мавридҳо ба ҳам омада сӯҳбату баногӯшӣ мекарданд, орзуе доштанд, ки оне пеш ояд, ки дар як лаҳза баробар ҳуҷум оваранд лашкари масти искандариро. Ҳолиё шояд ишораҳо ва чашмак заданҳо бар-ин бошад...

Искандар базм дошт; базми шоҳонаву мастона, ки ҳеҷ шоҳи мақдунӣ чунин базм наороста. Ӯ комёб буд ва духтаронро тақсим мекард: духтари хурдийи Доройи Саввумро, ки чун асира нигоҳ медоштанд, ба ҷӯрайи беҳтаринаш Гефестиони сипаҳбад бахшид; хоҳардухтари Дороро ба сарфавҷи саворон Кратер тӯҳфа кард, духтари Атропати машҳур – сипаҳсолори Доро, фармондори Модайи Хурдро ба ҷондораш Пердиккайи Оретидӣ ҳадя кард; духтарони сипаҳсолор Ортабози Порсро ҷӯраҳойи даврони наврасиаш Биталомуси сипаҳбад ва Евмени мақдунӣ гирифтанд. Неархи вафодорро духтархонди худаш – духти Барзинро бахшид, ки ҳамроҳи корвони бобояш Ортабоз омада буд. Вале ҳайрон буд, ки духтари душмани ашаддиаш Спитамони диловарро ба кӣ бахшад. Ба Селевки писари Антипатри мақдунӣ, ки ба тозагӣ аз Пелла омада буд ва аз ҷойнишинаш дар Юнон умеди зиёд дошт, суғдидухтарро пешкаш кард. Ва духтарони берӯзӣ имшаб зӯрану маҷбуран ба сарбозони нолойиқи мақдуниву юнонӣ издивоҷ шуданд. Ба назари шоҳ ҳама розӣ ва хушнуд метофтанд.

Танҳо Рахшон пурандӯҳ буд ва Барзин мурданро авло медонист аз ин кор, ки Искандар духтари ӯро чун асира зӯран ба Неархи

дарёгард бидод. Рахшон бархосту ба хаймаи Барзин рафт, ки модару писар гардани ҳамдигар дошта чун берӯзиҳо ва ятимони бекас гиря доштанд.

«Рӯзи ман ба сарат омад, Рахшон...»

Аммо Рахшон садо ва ҳанги сухан гуфтан надошт, сар такон дод. Аҳура Маздоро ёд кард: «Ай Худойи Маздо, магар натавонистӣ, ки писарони Аҳриман – Афросиёби гунаҳгор, Заҳҳоки сархор ва Искандари хунхорро ҷилавдорӣ бикунӣ ва бар ин марзу буми муқаддас роҳ надиҳӣ? Куҷо шуданд Ашайи Росткор, Спитамони Сапеда ва Суруши Нигаҳдор, то фарзандонатро ҳифзу ҳимоя кунанд? Магар зарурате дошт, ки сари Спитамони Суғдиро ба дасти душманат Искандар диҳӣ? Набинӣ магар чиҳо кунад бо онҳое, ки аз тухмаву дудмони ту ҳастанд? Маздо Аҳуро!!!»

Аз фарёди ноҷойи Рахшон модару писари ҳамдигарро сахт гардан гирифта, раҳо карданд дастон ва ҳайратзада нигаристанд ба ӯ.

«Магар Худойи Маздо тавонад дар чунин ҳолатҳо ёрӣ кунад?»

«Бале, Барзин! Агар бинаду донад.»

«Ӯ ҳамабин, ҳамадон бувад?»

«Бале, Барзин…»

«Пас чаро... пас чаро... пас чаро?...»

«Фитроки ӯ дароз бувад, озмун кунад... Магар Заҳҳоки моронро дар кӯҳи Дамованд бо дасти Фаридуни некахтар ҷой накард? Сапедӣ бар сиёҳӣ ва некӣ бар бадӣ пирӯз гардад. Ойини зардуштӣ.»

«Пас мо сабур бошем?»

«Оре!»

«Магар модари худи ӯ Олимпиада аз рашк ва ору нанг падараш шоҳ Файлақуси Дуввумро накушта буд?»

«Ба шуниди ман ҳамин тавр буда. Охир Олимпиада баробари шоҳ эътибору обрӯй дошт миёни мамолики дунё. Вале Искандар моро чун канизак ё чун асира нигаҳ дорад, ки касеро равшан набошад... Ман ғамӣ нестам, Рахшон. Гоҳе ки туро ба занӣ гирифта буд, бо ман чунон кард, ки ҳолиё бо ту кунад. Дарду алам накашидам, ки кори шоҳон чунин бувад.

Ҳар хуби хубон бувад аз они шоҳон. Он гоҳ ман хубчеҳр будам, пасон ту хушандом омадӣ ва ҳолиё духтарони шоҳони эронӣ соҳибҷамол тофтанд ва ӯ натавонист якеро аз дигаре камтар ё бартар бинад, ҳар дуро пазируфт. Нафс. Аҳриман ӯро ба чунин роҳ пеш андохт. Зеро Искандар аз тухмайи ӯст. Шоҳ Искандар баъди азобу шиканҷаҳо ва чанд бор мурда зинда гаштан бояд биандешад ва оҳиста бошад...»

«Рост гӯйӣ, Барзин, ҳар кӣ бо роҳи Аҳриман равад, ба ғазаби Аҳура Маздо ё Ҳурмузд гирифтор шавад. Чун Аҳриман заҳдон

дарида, ба хотири дунёдорӣ пештар аз бародари хеш рӯйи олам омадан некие надорад.»

«Фоли Искандар равшан бувад, ғамӣ мабош. Ӯ аз они касе нашавад. Ин ҳама барбеҳуда. Ӯро таъкид карда будам борҳо. Худ низ такрор кунад суханони маро: «То рӯзе ки бо манӣ, пирӯзиҳо дорӣ, рӯзе ки бе манӣ, рӯ ба нестӣ орӣ.»

«Ва ин сухан ҷон дорад?»

«Оре, Рахшон, ҷон дорад... Ҳолиё дубора ба ӯ фаҳмонида нашавад. Зеро пиндорад, ки аз ғараз ё бадхоҳӣ бошад. Ман натавонам ӯро фаҳмонидан...»

«Ман низ натавонам. Гумон дорам базми аҳриманӣ дорад.»

«Ин чиз дар хуни ӯст, бовар низ дорад, ки Аҳримани тезхуну тезвир касро ба мурод расонад, на Маздо ё Ҳурмузди шикебо.»

«Шитобзада...»

«Шитобзада пешпой хӯрад.»

Ҳарду мегуфтанду ба сар андешайи дигар доштанд, аммо наметавонистанд бигӯянд ва маълум созанд, ки армонашон ва ниятташон чист. Шоён карданӣ шуда гуфтанд кирдори Олимпиадаро дар шаби теотрравӣ, вале гурез карданд аз сӯҳбат, ки девор муш дораду муш гӯш.

Рахшон баргашт ба шабистони хеш. Аввал пасрӯ хобида даҳону бинӣ ба бистар пахш кард. Оби чашму оби биниро болин ҷафид, ҳамон зайл ғанав карданӣ шуд, аммо хоб набурд. Бархосту шамъ афрӯхт. Дерёз нигарист, ки шамъ низ ашк резад аз сӯзи риштайи ҷон.

«Чӣ гуноҳ кардам назди ту, эй Аҳура Маздойи бузург, ки беоташ сӯзиам?!»

Чун аз миёни забонайи шамъ сурати худойи некӣ пайдо нашуд ва шоҳзан ба пурс посух нагирифт, сар андохт ва пеши назараш омад, ки шаби арӯсийи ӯ Искандар чӣ корҳое карда андар дижи Ҳурон; девораҳойи касногузари ҳавзаро шамъзор карда буд. Он шаб низ чунин базму сур буд; он шому бом низ шоҳ аз ҷоми зарин шароби юнонӣ меошомиду ба чеҳрайи зебо ва андоми нафисайи ӯ чашм медӯхт; хӯрданӣ мешудаш. Ва Рахшон пиндошта буд хубтар ва бузургтар аз ин меҳр нахоҳад буд ва ононро ҷуз марг чизе ҷудойӣ наорад. Шоҳи мақдунӣ шефтаву шайдо буд ба ҷамоли духтари суғдӣ, ҷустаро дарёфт. Рахшон низ обу адо гашта, ки шоҳ ҷустаро дарёфта, ки ин қадар бо ҳавас нигарад бар ӯ, ки надида бошад рӯйи дӯшизагон.

Рахшони бофаросат он гоҳ ҳам андешаманд буд, ки одати шоҳон бувад ва дороён, ки якашон ду гардад, ба андешайи зани дигар афтанд ва чун зан пушт гардонад, рӯйи дигаре бинанд. Ҳолиё ин чизро дониста, сӯзад Рахшон, ки чаро кори замро накард. Боақлтарин зан зани Спитамон буда, ки хештан аз борайи Ғори Суғд ба зер афканд...

Ба худ печад ӯ. Шаб гузашта аз шаб. Садойи базм ва мусиқийи шинос ояд. Он шаб андар ғори Ҳурон низ садо дода буд ин оҳанг ва аз хубиву форамӣ ба гӯши суғдидухтар нишаста буд. Як оҳанги махлуту омехта ба оҳангҳойи юнониву эрониву суғдӣ. Ҳолиё нофор расад ба гӯши ӯ ва ғаш орад. Ду ангушти ишорат ба гӯшҳо хаста дер дорад, то нашнавад. Чун раҳо созад, боз ояд садо. Ва ҳеҷ хомӯшӣ ва анҷом надорад. Дорад, раҳо кунад, ки ғалмағал аст оҳанг мисли он ки шамшерҳойи юнониву порсиву суғдӣ ба ҳам мехӯрда бошанд ва сайҳайи асбону садойи ҷон омехта ба ҳам оянд. Ва баъд овойи занону тифлон, аккоси сагони тарсу, ғалмағали мурғони ба лонаашон шағол афтода ва ниҳоят садойи баланди табираву таблаку кӯсу бам ва шайпуру карранойу сурной ва ҳар овозе, ки касонро безобита гардонад... Ба худ печад ӯ чу мори саркӯфта, ки ёройи хазидан надорад. Гӯш медиҳад. Оҳанг дигар нашавад. Дертар дарёбад, ки ин ҳама андар мағзу косахонайи сари ӯ бозмонда, ки зу-зу садо такрор кунад.

Ӯ бемадор, омада натавонад ба базм. Вале пеши назараш ҳаст, ки чун шоҳи ҳангомахоҳ бо ду духтари нозанин, ки ҳаргиз надида чунин издивоҷи сегонаро, ворид гашт ба чодари азими серсутун, ки тақлидан ба Толори Садсутун сохта бошанд. Бинишаст ба тахти оҷ. Аз ду бар арӯсон дошт. Саройи базм баройи ҳангома ва овоза сохта шуда буд бо дабдаба, ки шоҳи дуарӯса ва домоду арӯсони зиёд, гувоҳони бешумор, меҳмонони олиқадр ва нӯҳ ҳазор сипоҳи искандариро бигунҷонад. Гулафшонӣ мекарданд ба сари Искандару арӯсонаш; гулҳо ва гулдаставу гулчанбарҳо зарин буданд. Касе ёд надорад чунин базмро, бо расму русуми эрониён барпо шуда буд.

Минбари шоҳу арӯс андаруни сарой ва дигар шаҳу арӯсон зери садойи кафкӯбӣ ва сурӯди «Домоди фақир обурдем, духтартӯна бурдем!» пайи ҳам ворид мешуданд ба базмгоҳ ва ҷой мегирифтанд аз бари Искандару арӯсонаш.

Қолиҳойи хушранги эронӣ, сӯзаниву рӯйиҷоҳойи зардӯзийи суғдиву бохтарӣ, дебойи рангайи чинӣ оро медоданд девори пурнигорро. Он қадар орову торо ҳунар намуда буданд, ки даҳон воз мемонд аз тамошояш. Чунон хоставу тӯҳафу ҳадя омад шоҳи навдомодро, ки гумон мерафт шоҳ баройи пур кардани хазинайи тиҳисохтайи Гарпал андешидаву ороста бошад чунин базмро. Чун шоҳ чунин надидаро дид, завқ кард, болид, дар курта нагунҷид ва бахшид ҳамаро ҷоми зарин, то баробари боло бардоштан дурахшад толори тавила.

Гетерҳойи нозанин хуб мерақсиданду ҳунар менамуданд, вале таги дил ғазаб доштанд ва шоҳро нафрин мекарданд, ки дӯстдорашонро рабуд. Тойиси Отинӣ ҳам аз шоҳ монду ҳам аз Биталомуси Мисрӣ, Эриси аз Файлотус монда аз Пердикка низ ҷудо гашт. Ва

бисёриҳо, ки умеди ба Юнон расида, хушбахт шуданро доштанд, дилмонда гаштанд аз рӯзгор.

Ширинкорон аҷаб ҳунарҳо менамуданд. Афсунгарони ҳиндӣ беҳамто буданд дар чашмбандиву ҷодугарӣ, ки морро бо дум менишонданд ба сурнай.

Панҷ шаборӯз тӯл кашид базм. Ҳунармандонро лозим меомад, ки барномаро такрор кунанд. Вале дар ин муддат Рахшон гоҳ Барзину писараш Гераклро дида дил холӣ мекард ва дигар ҳама вақт гушнаву ташна шарқиёна сар печида зери кӯрпа мешуд, ки ягона роҳи раҳойӣ чунин бошад. Ҳар лаҳза ба сараш мезад, ки худро нобуд созад, хубтар аст аз чунин ранҷу азоб.

Оқибат, чун ҳама сомон шуд, Искандар биомад назди Рахшон ва ӯро чунин хаставу лоғар ва ноҷунбон дарёфта дар ҳайрат монд:

— Ту чаро чунин кардӣ?

— Чун бояд мекардам?

— Бояд сабурӣ мекардӣ... Зеро донӣ, ки зиёдтар аз ту касеро дӯст надорам.

— Оре, чунон бояд мекардам, аммо накардам. Зеро донистам, ки Искандар низ монанд ба дигар шоҳон буда.

— На! Искандар ба шоҳе монанд набувад. Ӯ танҳо худро монад ва касе ӯро баробар нагардад.

— Ҳамин тавр... Акнун бифармой, то бори дигар падарам биояд ва маро бубарад.

— Пайдост, ки ранҷидайӣ.

— На, наранҷидаам. Дарёфтам, ки дигар ба ту лозим нестам.

— Ту лозим ҳастӣ маро. Магар надонӣ, ки шоҳон баройи ҷоҳу ҷалол, тахту тоҷ ва кишвару марзу бум омодаанд ба ҳама гуна кирдор?

— Донам...

— Пас ранҷидан аз баройи чӣ? Магар шоҳи кишваркушо, ҷаҳонпӯю ҷаҳонгир ҳуқуқ надорад ба чунин корҳо?

— Ҳаққу ҳуқуқ дорад. Танҳо Искандар ҳуқуқ дорад ва танҳо ӯ тавонад.

— Давлати бузургу беҳамто сохтан, Мағрибу Машриқ ба ҳам овардан аз дасти ҳар сипаҳсолор наояд. Ман мехоҳам, ки писарони дурага ва духунаву чатиш дар мулки Порс юнонӣ тарбият ёбанд. Арастуҳо таълим диҳанду тарбият кунанд эшонро. Вагарна Гераклу Дионису Искандар нахоҳад рӯйид.

— Чаро Куруш на, Дориюш на, Спитамон на?

— Онҳо ҳама тарсуянд.

Рахшон сар андохт. Кӣ будани ӯро хуб донист. Ба худ печид, ки шоҳи худкому худхоҳ дар андешайи дигаре набошад ҳеҷ гоҳ.

Кӣ ва чӣ кас будани Писари Худо сол то солу рӯз ба рӯз аёнтар мешуд низомиёну корвониёнро, ки аз ҳар табақаву халқу миллат

буданд. Қариб ҳама бардаҳойи эллинӣ, мақдуниёни собиқадор, пирону барҷомондагонро озодӣ бахшид ва солори фавҷ Кратерро фармуд то Рум расонад ононро. Норозӣ буданд сарбозони кирояву зархарид, ки на танҳо бо худ дунёйие намебаранд, балки воми хеш адо карда наметавонанд. Шӯру мағал шевану ово печид то осмонҳо, лекин касе чизе карда натавонад бо шоҳ Искандари мақдунӣ.

Шоҳи лашкаркаш сарбоз аз эрониён гирифт. Мақдуниён аз чаҳордаҳ як ҳиссайи сипоҳро ташкил мекарданд. Ва онҳо ин ҳамаро найранг дониста, ки чӣ зарурате дорад гоҳи бозгашт ба ватан ҳамаро раҳо карда, сарбози бегона пазируфтан. Баногӯшиҳо зиёд шуд ва норозигӣ афзун. Ҷанговарони паструтба, ки ӯро ҳамчун лашкаркаши бузург дониста, бовар доштанд, ҳиллаву найрангҳояшро дида, ба халқу ватани хеш муҳаббат надоштанашро дарёфта, дилмонда шуданд. Сипоҳиёни корношоями румиро раҳо карда, ба умеди фавҷҳойи тозайи Антипатр ваъдакарда нашуда, аз эрониён сипоҳ сохтани Искандар оташи ғазаби мақдуниёну юнониёни размоварро равған рехт. Шӯру балво ба миён омад ва сипоҳи ночиз саркашӣ кард аз итоати шоҳ Искандар. Бо вуҷуди он, «илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ», шоҳи пурдидаву таҷрибаандӯхта базм ороста ба шарафи озодшудагон.

Базми расмийи ӯ ба минбари норозигӣ бадал шуд. Суханварони номӣ, солорони сипоҳ ва сарбозони номдори румӣ дарду алами хеш арза доштанд:

«Агар мо ба шоҳ Искандар лозим набошем, озодамон кунад ва ҳамроҳи падари хеш Аммони Мисрӣ биҷангад зидди душман!»

Лашкаркаши мақдунӣ хавферо пай бурд ва надонист чӣ посух бигӯяд. Биандешид, ки минбаъд сипоҳ ӯро падар нахонад ва халқ сарвар надонад. Ӯ таънаҳойи ҳамватанони хешро шунид, думликкониашонро дид. Ғазаб карду шӯриду ситезид, ҷӯшиду хурӯшид. Оташин омад сари минбар. Ғазаби зиёд, оташи беандоза, хуни тез таконаш дод, ки истод ва чизе гуфта натавонист аз сари минбар ва зуд омад миёни ҳозирин. Як-як ба ангушт ишора кард онҳоеро, ки сари минбар садо баланд карда буданд. Магар ғофилмонда буданд, феълу хӯйи шоҳро намедонистанд, ки эрод гирифтан ва таъна задан ӯро имкон надорад. Онҳо шоҳро чунон шери ғазаб дарёфтанд, ки гоҳи ҳукми қатли Клит дар Мароқанд дида буданд. Ӯ бурун рафта буд аз худ ва ҷой дошт андар пӯсти даррандайи бадхӯ, ки андеша, мулоҳиза ва гузаштеро намедонист. Нобуд сохтанӣ шуд онҳоеро, ки андаке муқобилат ва зиддият ё норозигие изҳор карда бошанд.

Ӯ бо чунон суръату чолокӣ ин кор ба сомон мерасонд, ки онҳо чизе гуфта ва ё илоҷе ёфта наметавонистанд. Гурге миёни сагони тарсу буд, ки бо ҳаракати тез гирд гашта, дандони ғазаб нишон дода, ҳамаро мегурезонд. Ба д-он чолокӣ биомад сари минбар:

«Пӯзиш, ки тезӣ кардам!»

Ҳама ҳайрон буданд, ки чӣ маккор аст Искандар; дар як лаҳза ҳазор ранг гардад чу бӯқаламун:

«Ман фаромӯш накардаам, ки пури шоҳ Файлақуси мақдунийи заминӣ ҳастам! Он ки қонуну қойидайи ҳарбиву ҷаҳонгириро намедонад, маро таъна занад. Гумон мекунад чунин кӯтаҳӣ аз донойӣ набувад. Агар ман ҷаҳонгир шудам, бо зӯру бозуйи шумо ва ҳамроҳи шумо шудам. Вале Искандари ҷаҳонгир, писари ҳамон шоҳи ба ору номус ҳаст, ки қасди харобиҳойи Пеллаву Отинро ситониданӣ буд! Ин корро писари ӯ кард – Искандари Файлақуси дуввум. Ман мӯъҷизае наофаридаам, ситора аз осмон накандаам, танҳо нақшаҳойи падари бузургамро амалӣ гардонидам. На ҳар писар монанд шавад ба падар. Ман ифтихор дорам, ки ягона писаре, ки монанд ба падар мегӯянд. Ман ин корро танҳо накардаам! Такрор мекунам: ҳар чӣ шуд, аз хидмати шумо буд. Шумо солорони сипоҳ, сарбозони сарсупурда, писарони ватанхоҳ маро ҷаҳонгир кардед! Беҳуда таъна мазанед маро! Мақдунияйи азизро фаромӯш накардаам! Он ҷо модари бузургу нотакрори ман Олимпиадайи эпирӣ нигарон аст маро, ки писараш ҳамроҳи шумо пирӯз хоҳад баргашт!.. Агар меҳру муҳаббати шумо чунин аст, гузаштам аз баҳратон! Гоҳе ки ба Ватан баргаштед, ҳикоят бикунед якояк, мо чунон кардем ва Искандар моро оқ кард! Акнун биравед! Мо дигар ҳамдигарро намешиносем!!!»

Чунин фармуд Искандар ва ҳамаро ба ҳоли ногувор гузошту боз амр кард:

«Касеро нагузоред ба назди ман!»

Касеро нагузоштанд ба саройи ӯ.

Нахустин бор Искандари сивусесола худ ба худ меандешиду мепечиду муҳокима мекард; фикр аз қисмат дошт. Зориҳойи модарро гӯш надод, андарзи Арастуро писанд накард, солорони сипоҳ чун Пармониёнро нашунида гирифту кайфар бахшид, дӯстони зиёдро бегуноҳ кушт... гӯё кори хубе карду ба баландиҳо расид ва инак аз он куллайи баланд ӯро барафканданд сарбозакони ночиз, ки зӯри мӯр куштан надоштанд. Онҳо чунон саркашӣ мекунанд, ки сипаҳбадон чунин дилу гурда надоштанд. Онон ҳукм бар Искандар мефармоянд, ки худоён нафармуда буданд...

Ду шаборӯз шоҳи раҳгум ба худ мепечиду андеша мекард, ки гуноҳи Пармониёну фарзандони ҷавонмаргаш гирифт ё хуни Коллисфени таърихнигор, ки бе ҳеҷ ҷурм азоби алим дода буд ва ё хуни табибу коҳин Димитриуси бар – беҳуда кушта, қатли Клиту Кен ё хориҳойи Барзину писараш ва ё хунҳойи равони ба рӯдборҳо омехта? Ба ҳар сурат шоҳи пушаймон ҳамаро пеши назар оварад ва андешад, ки чӣ буду чӣ шуд? Ва андар танҳойӣ дерёз сар шикастан зӯреро талаб мекарда, дар тӯли дувоздаҳ сол сарф карда буд. Ба назараш андар шабравиҳову набардҳо, дар

маҷрӯҳӣ андар бистари марг он қадар бемадору бефара ва шалпару ноумед нагашта буд, ки ҳолиё шуда. Ва якбора хурӯшида аз андеша ба садо гузашт:

«Бираванд! Ёриашон лозим нест!»

Ҳушёр гашт аз садойи хеш. Дер гӯш ба қимор шуд, ки касе дарашро мекӯбад ё мекушояд. Аммо чунин ҳол рух надод ва донист, ки садояш хаёлӣ буда касе нашунида. Бадар омад; ошуфтаву парешон, арақпахшкарда буду хаста.

«Сипаҳбадони порсӣ ва ҳамайи сарбозони эрониро бихонед!»

Фармуди шоҳ шуд. Маҷлис орост. Аз баҳри мақдуниёну юнониҳойи ҳангомахоҳу шӯрангез баромад. Сипоҳи нав сохт шарқиёна. Чунин ситезайи шоҳ равшан буд ҳамаро. Фавҷҳойи майсараву маймана, талоя, қалби сипоҳ, соқа; фаланг, дастаҳойи савораву пиёда ва ҳатто горди «Дӯстон»-у ҷондорони шоҳ аз порсиён ороста гаштанд. Сарлашкар дигар ба румиён бовар надошт. Ҳатто пардадору ҳоҷибу сарпосу рӯзбонҳо ва посбонҳоро аз порсҳо гузошт. Чунин сипоҳ хостан, чунин лашкар оростан сахт расид румиёнро, бавижа мақдуниёнро. Гирд омаданд назди қароргоҳи шоҳ. Ғарибу бекасу кӯй метофтанд ва дастайи ҷангийи фалакзада ва мағлубгаштаву аз пой афтодаро мемонданд, ки ҳам раҳми шоҳро оварду ҳам ғазабашро. Шоҳ ҳар ранг, ки мехост, рафтор мекард бо онҳо. Ба назар нописанду нодаркор шуданд. Эътиборе надоштанд ва шоҳ чунон вонамуд кард, ки касе нестанд. Ҳар қадар Искандар дар танҳойӣ андешида ба чунин қарор омада бошад, онҳо афзунтар аз ӯ андешайи оштӣ доштанд.

Шоҳ ҳанӯз ҳам андар боргоҳи муваққатийи хеш сари андеша буд. Мақдуниёни пуртаҳлукаро медид, ки ин бор ба ғорату зарбаву тороҷ машғул набуданд, балки яке ситез дошту дигаре аз ноилоҷӣ гардани каҷу пушаймонӣ. Қатор кашида ба назар дами дари ӯро зиёрат мекарда бошанд, гирд мегаштанд. Чун Искандар аз паси парда дид онҳо кори дигар доштанд: размафзор меафканданд дами дари ӯ ва сархаму ғуломвор дур рафта, гардан каҷ медоштанд. Талу ғарам гашта буд афзор – сипару шамшеру найзаву синон, камонмӯҳраву тиру камон, гурзу кӯпол, арродаву манҷаниқ, ханҷару дашнаву камарбанд, тиркашу нимланг, табарзин ва ҳатто табираву таблак, дафу сурнаю карраной ва ҳар чизе, ки аслиҳаву олоти ҷангӣ ба шумор меомад; пуштае шуд баланд, ки аз хиргоҳи шоҳӣ болотар метофт. Танҳо хӯду кулаҳхӯд, ҷавшану зиреҳ ва хафтону соқпӯшҳо дар тани сарбозону солорони сипоҳ боқӣ монда буд, ки илоҷи аз тан бадар карда, бараҳна гаштанро надоштанд. Ҳаррову баргустувон ва лигому зину фитроку тозона ва банди асбон низ андар тавилаҳо ва саҳро буданд...

Шоҳ биболид ба худ, ки зуъму номусу ситези бамаврид низ тавонад кора кунад чу занг оҳанро. Ӯ боз бибурд бозиро. Чу бу-

зони сармозада гардан миёни шонаҳо фурӯ кашидани эшон гувоҳи пушаймонист. Искандар ғалабайи пурра медонист чунин ҳолро ва сар мешикаст, ки эшон бипазирад ё на? Хеле андешид ва бурун омад аз сарой. Аввал нигарист ба осмон, ки ҳаво соф асту беғубор. Фараҳбахш. Нафаси тӯлонӣ кашид ба рӯ овард ба эшон:

— Чӣ ҳоҷате афтод, ки пушаймонӣ доред?

— Ҳоҷате набувад, шоҳ, ҷуз ҳоҷати Ватан. – пеш баромад сафедмӯе аз сарбозон.

— Пас, озодед, биравед!

— На, шоҳ! Мо бе сарвар куҷо равем? Агар ба Мақдуниё баргардем, «Чаро бе шоҳ омадед?» нагӯянд? Онҳо моро хомохом хӯранд, шоҳ.

— Пештар куҷо будӣ, ки ошӯбгаронро боздорӣ?

— Сарбозон ошӯб накардаанд, шоҳ.

— Кӣ ангехт онҳоро?

— Касе наангехта, шоҳ. Онҳо ёди Ватан карданд ва рафторашон нозе буд пеши шоҳ.

— Ман зоғсорам!? Ақле надорам, ки ба чунин ҷунбишҳо ва бехгӯшиҳо сарфаҳм равам?

— На, шоҳ, чизе набуд, ҷуз ёди Ватан!

— Рост бигӯй!

— Ростӣ ин аст, ки чун шоҳ аз бахри мақдуниён гузашту порсиёнро «табор» хонд, сахт алам кард ҳамватанонро.

Аз чӣ буд, ки об ҳалқа дар чашми Искандар зад. Ӯ пеш омад. Сарбози пирро ба танг кашиду бӯсид ва фармуд:

«Шумоед табори ман...»

Ва сипоҳиён тохтанд сӯйи шоҳ, то ба бӯсааш муяссар гарданд. Об баробар шуд бо лаби ҷӯй. Комёб гаштанд тарафайн. Сарбозон ва сарфавҷҳойи размафзор назди дари шоҳ афканда, ки раддаашон вайрон нашуда буд, рӯ ба пас гардониданд. Сарбози вопасин афканда силоҳ нахуст олоташро бардошт. Онҳо афзори ҷангӣ бозгирифтанд ва баргаштанд сурӯдхонон ба қароргоҳ.

Сипоҳи тоза пазируфтайи порсӣ чизе дарёфт накард ва нафаҳмид, ки чӣ бозие буд андар миён, ки бод оварду бод бурд. Онҳо танҳо тавонистанд мушоҳида кунанд, вале чизеро сарфаҳм нарафтанд, ки чӣ найрангҳое дорад шоҳи мақдунӣ.

Вале ҳамин чиз лозим буд Искандарро, ки баъди коҳишу андӯҳи зиёд ва ҷонфишориҳойи бемаънӣ, ситезу шӯри дилгир, ғазаб кардану ба танг омаданҳо боз базм орояд, шодмонӣ кунад. Оғоз ёфт базми расмиву оштӣ. Искандар чизе нагуфт ва ду сипоҳро баробар ба базм хонд. Сипоҳи румӣ ва сипоҳи порсӣ баробар шодмонӣ доштанд. Ва инак ҳамаро якҷоя сипоҳи искандарӣ меномиданд. Искандар хешро дар ҳалқайи сипоҳи бузург дарёфт. Гарчӣ дар лаб ханда дошт, дилаш хун мегирист ва касе огаҳ набуд аз чунин гиряйи хунини ӯ ва ҳатто пай намебурд, ки шоҳ гиря

дорад. Асрори ниҳонийи ӯст, ки касе то абад огоҳ нахоҳад шуд ва асбоб нахоҳад донист.

Дар базми оштӣ ҷуз румиён порсҳо, эрониён, ҳиндувон, арабҳо, суғдиёну бохтариён ва дигар намояндагони халқҳову қавмҳо ҳузур доштанд. Ба номи худовандон қурбониҳо карданд ва намоз оварданд. Искандар гоҳи сухани оштиву самимӣ, ки ба ҳурмати худоён ва бандагон буд, дар радифи номи Зевсу Дионису Геракл, исми Аҳура Маздоро зикр кард. Раммолони мағрибӣ ва коҳинони мисриву порсӣ пешгӯйиҳо доштанд. Минбаъд худоёни шинохтайи шоҳ баройи империяйи сохтайи Искандар баробар бояд хидмат кунанд.

«Мададгор бод Зевси Барроқ!»

«Ёвар бод Аҳура Маздойи пок!»

«Равоншод бод Аммони беназир!»

«Поянда бод Геракли диловар!»

Искандар шод буд, ки ду кори нек шуд: яке он буд, ки андар Шуш базми издивоҷ барпо гашт. Дигар ин ки базми оштӣ дорад. Чунон шуд, ки шоҳ мехост. Ва танҳо баъди чунин хушҳолӣ солорони сипоҳ, сипоҳиёни озодгашта ва ҳама хидматгузорони мақдунӣ метавонанд бо хотири ҷамъ ҳамроҳи арӯсони пазируфта ба Ватан баргарданд. Шоҳ сипосгузорӣ кард мақдуниёну юнониёни ранҷида, пир ва афтодаро қабл аз гусел...

## БАНДИ ҲАФТУМ

Искандари дӯстдори варзишу оварду пойгаҳро маҳрум сохтанд аз пойгаҳи асбон. Аз он ки дар асписти Мақдуниё шоҳи навҷулус ҳамроҳи модараш ва дигар пайвандон Онаниюси тоҷир ва духтараш Тойис пойгаҳи асбонро тамошо карда буд, бори дигар дар таковаргоҳи кушоди Экбатони Порс чунин намойиш баргузор шуд. Шоҳ пойгаҳи асбонро дӯст медошт, ки дар чунин бозӣ макру ҳиял ба кор наравад. Асби пасинро аввалин шуморидан ба чашми ҳама мехалид чу хор. Дар дигар бозиҳо ғиромӣ кардан имкон дорад, аммо дар ин бозӣ ҳама чашмон доварӣ кунанд. Дар пойгаҳи пиёдагон низ ҳамчунин. Аз чунин бозийи шавқовар шоҳро дил кандан осон набуд. Вале ҳалқа танг омад:

«Шоҳо, Гефестиони далер дар ҳолати назъ бувад!»

Аз чунин пайғоми нохуш Искандар як қад парид ва хун ба сараш зада, аз бахри тамошо баромад: «Ҳар вақт пойгаҳ сохтан имкон дорад, аммо...»

Вазъи Гефестиони хушсурати вафодор, ки шоҳро боли рост буд ва Искандар ҳама рафтору гуфтор ва кирдори хуби ӯро хуш пазируфта буд ва солори саворон ва инак вазири дасти рост – чашми шоҳ андар сипоҳ буд, пареш сохт хотири ӯро. Шоҳ ҳама хислату некиҳойи дӯсти некӯхисолашро пеши назар овард; ҳалолкору

вафодор будани ӯро, ҷон ба гарав гузоштанашро, Искандариҳо сохтанашро, сипаҳдориашро; аз Пелла то ин ҷо ҳамрикобу ҳаминону ҳампову ҳамнафас буданашро ва роздору ниҳонкориашро. «Вазири дасти рост.» Шояд чунин вазифаи баланд сабабгори бад-ин ҳол гаштани ӯ шуда бошад. Искандар посӯхта метохт сӯйи бистари беморийи Гефестион:

«Кори кист?»

Чунин саволи дархуд бесабаб набуд. Аз вазъи нобобу гургоштӣ ҳар балою ваборо чашм бояд дошт. Вале то алвақт кушторҳо бе кӯмаку амри шоҳ кам рух додаанд. Шоҳ ҳайрон, ки чӣ шуда дар андак муддат. Бояд зери коса нимкосае бошад. Ӯ тезгард аст; зудзуд пой мебардорад, то ба дидори Гефестиони муҳиббаш бирасад. Хубиҳойи солори нек пеши чашмаш меоянд, ки гоҳи бемори бистарӣ будани шоҳ ӯ чӣ қадар заҳмат кашид, ҷон фасурду коҳонд, дур нашуд аз сари болинаш, то дасти нохалафу заҳрогине кора накунад ба ҷисмаш. Ҷуз табиби хоса Филипп касеро намегузошт ба сари болинаш. Гефестион аз ҷони худ зиёдтар шоҳро ҳимоя кард... Искандар донад ин ҳамаро ва ёри ҳаммаслаку ҳамақида ва покдилу некгуҳарро мададгор бошад. Филлипп ва дигар ҳакимону табибон ва ҷондорони шоҳ баробари ӯ метозанд, аз таковаргоҳ то шабистони Гефестион.

«Гузашта, шоҳам...» – набзи беморро дошта ва сапедийи пушт рафтайи чашмонашро дида, фармуд Филипп.

«Нааа!!!»

Фарёд зада хештан бар Гефестион андохт. Кӯдакквор оғӯшаш карда гирист ва муддате баъд чашмонаш хунгирифта бархост ва фармуд:

«Хомӯш бошед! Нагиред... Овоза накунед...»

Ёрону дӯстон ва атрофиёни ғамзада пиндоштанд шоҳ баройи ҷустуҷӯй ва пайдову дастгир кардани қотил чунин гӯяд. Дар асл равшан набуд, ки чаро чунин гӯяд, зеро асбоби мурдани ӯро касе муайян накарда. Қоматаш хамида чу пири офатзада сархам такрор кард борҳо гуфтаро:

«Гефестион манам, манам Гефестион!»

Борҳо гуфта буд, вале наандешида, ки ин сухан сахт расад эллиниҳову порсу эрониён ва ҳатто мақдуниёнро. Зеро то ҳанӯз ҷуз Неархи дарёгард касе аз мақдуниён ба мансаби баланд нарасида ва бо шоҳ чунин наздик нанишаста. Искандар наздиконро аз худ дур кард, ҳатто писари пайгир ва ворисӣ тоҷу тахт Гераклро. Ягона кас, ки агар Искандарро осебе расад, Гефестион метавонист мақому мартабайи ӯро иваз кунад. Духтари хурдийи Дороро ба ӯ бахшида, боҷа шуданашон низ бо мақсад буд. Вазири дасти рост Гефестион ногумон душман пайдо карда буд. Валек касе огаҳ набуд аз он. Кунун Искандар донист, ки касе появу буни давлатдорийи

ӯро суст карданист. Ҳар касест як қадам ба шоҳ наздик омаданист. Хавфу хатареро бӯй меомад.

«Ай табиб, бигӯй, ки сипаҳсолорро куштаанд ё ба аҷали хеш мурда?»

«Осоре аз кушиш набувад, шоҳам... Магар дар андаруни ӯ бошад.»

«Тавонӣ муайян кардан?»

«Хуршед муайян кунад, шоҳам.»

Дар офтоб ниҳоданд ҷасади Гефестионро. Дер нигаристанд. Он чӣ ҳаким чашмдор буд, нашуд. Мурда сиёҳ нагашт. Бо вуҷуди он Искандар бовар накард, ки ҷӯрайи ҷонийи нав ба мурод расидааш бо аҷали хеш чунин нобаҳангом ва якнафас мурда бошад. Аз ҳамайи мансабхоҳон ва гумонбарҳо андешиду нигарист ба эшон, аммо якеро надид мӯй дамида ва ё мижгон хамида. Сахт андешид аз устокориҳо, аз қисмати хеш, ки мабод монанд ба марги Гефестион. На дар танҳойӣ ором дошт ва на андар миёни мардум. Бо ҳазор андеша ва дилдориҳойи ёрон тасаллӣ намеёфт. Балки батар мешуд, ғалаён мекард хуни тезаш; ба ҳазорон гӯшаву кӯчаву тангкӯча мерафт, ки сабаб чист. Ба хулосае омад, ки бо шӯру шарр ба сари Гефестион об рехт.

«Аз баройи вазифа... ё теша ба решайи шаҷарайи шоҳӣ задан...»

Искандар инак ба худ омад; чашм кушоду олами ҳаводисро шинохт ва боз зуъм кард, кина гирифт бар дӯстон:

«Антипатр чаро наомад? Ман аз ӯ сипоҳ хоста будам, кӯмак пурсида будам... Чӣ коре буд, ки писари ӯ Иоллай пайдо гашт, касе ки аз гӯшайи гумони ман нагузашта. Магар ин чошнигар ба косайи солори сипоҳ ба ҷойи ангубин заҳр андохт? Агар на, чаро якбора ин қадар хешро наздик гирад, ки бародари хунийи Гефестион бошад.»

«Муддате пештар ту ӯро дида будӣ, Иоллай?»

«На, шоҳ?»

«Хабар дорӣ, ки падарат кай ояд?»

«На. Ба гумонам, наояд.»

«Ман, ки ӯро хостаам ва сипоҳ таъйин кардаам?»

«Хабар надорам...»

«Хабардор бишав ва маро арза дор!»

Иоллай нафаҳмид, ки таҳдид аст ва ё амр, безобита гашт ва чашмонаш чун чашмони заргӯши тарсу зуд-зуд пӯшидаву кушода шуданд.

Искандар дароз нигарист ба ӯ ва рӯй тофт.

Шоҳ сесад нафар навозандагону овозхонҳо, ҳунармандону варзишгаронро бихонд, то ҷанозайи Гефестионро бубаранд аз Экботон ба Бобулистон. Корвони ғамзада зери оҳангҳойи мотамӣ ва сурӯдҳойи ғамбори юнонӣ бо лангари гардунаҳо равон шуд

сӯйи Бобул. Яқин Искандар ҷанозаи Доройи Саввумро ёд оварда чунин рафтор кард, то шукӯҳу шаҳомати шоҳиву давлатдориаш аён гардад. Дар роҳи дароз, зери андешаҳойи беохир ба сари шоҳ Искандар хаёли мурдан зад ва дарёфту дид, ки чӣ осон бувад чашм аз олами равшан пӯшидан. Ҳарчанд борҳо бистарӣ гашт ва гоҳе мурда, зинда шуд, андешайи ғофилмаргӣ ба сараш наомада буд, ҳолиё сукуту пинак андар гардунайи шоҳӣ ҳама гузаштаву имрӯзайи ӯро пеши назар овард; аз мурдайи ногаҳонийи падар – Файлақуси Дуввум то марги нобаҳангоми Гефестиони дӯсти ҷавонӣ як-як даргузаштанд аз зеҳни ӯ. Куштаҳойи хешро низ фаромӯш накард; дониставу надониста, ҳаққу ноҳақ амри куш гирифтани наздикону ҳамразмон инак мӯйи бадани ӯро сих мекунад: «Чӣ осон бувад мурдан, чӣ сангин бувад бемаргу анӯша будан?»

Ӯ сар бардошт таърихи ҷангҳойи Искандариро аз зеҳн гузаронид. Баъд ба саворони гардунаҳо ва асбон нигарист. Монандие надошт ин сипоҳи ғамзадайи сархам ба лашкари Искандар. Лашкари ӯ замонҳойи зиёд ба кирдори галайи гургони чилла масту ҳамлавару тезу ҳушёр ва тезхуну тезчангол буд. Ҳолиё бад-он монад, ки гургон рамайи бешубонро пешандоз ба ҷое баранд, ки обу алафе надошта бошад. Гирифта ва ғамзада буданд; андешайи марги хешро доштанд. Дастайи ӯ корвони торочгаштаро монад. Ба назари шоҳ на танҳо Гефестион мурда, балки ҳама мурда метофтанд. Ва ё пати мурда зада: асбобҳо, оҳангҳо, гомзанийи асбон, гирд гаштанҳойи чархи гардунаҳо, сукути саворону ёлу фиш ва тану тӯши асбон беҷону равон метофтанд ба назар. Ғамбор буд осмон, маҳзун буд биёбон, гиря доштанд рӯдҳо... Ин ҳама аз назари шоҳ Искандар буд, ки ҷанозайи хештанро рӯйи гардунайи шалақ сӯйи Мағриб равон медид. Бо чунин номвариву завқи ҷавонона ва бо чунин ҳақириву андешайи пирона роҳи вазнину дилгирро мепаймуд. Чӣ зарурате дошт чунин шаҳр ба шаҳр гардонидани ҷанозайи солори сипоҳи савора, касе намедонист.

Искандар дархост кард чошнигари таоми шоҳӣ – Иоллайи пури Антипатрро ва гоҳи дар канори рӯдаки кӯҳӣ нафас рост кардани корвон ӯро оварданд назди шоҳ. Искандар, ки чанд рӯз пеш сариаспӣ аз бозгашту ҳоли падару вазъи Юнон пурсон гашта буд, имрӯз муфассал ва бо мақсад пурсид:

— Гуфтӣ, ки ҳама хуб. Боз чӣ навигариҳо дар Юнон?

— Навигарӣ... хуб... Ҳама нигарони бозгашти шоҳ...

— Чаро Антипатр наомад?

— А-а, а-а... меояд...

— Кай?

— Ҳоло сипоҳ ҷамъ накарда...

— Чӣ хел? Ман туро баройи чӣ фиристода будам?

— А-а, а-а... ба омадани шумо тайёрӣ медид падарам. Сипоҳро дур карда буд, ки нонхӯри зиёдатӣ...

— Чӣ-ӣ-ӣ?
— А-а, а-а...
— Рост гӯйӣ ё бофтӣ?
— Рост гӯям... Ва расонам, ки падар чӣ хоҳиш кард.
— Чӣ?
— Гуфт, ки шохро расон: «Ҳаргиз ба усули порсҳо вазирдорӣ накунад, ки вазир гӯркоби шоҳ бувад.»
— Чӣ-ӣ-ӣ!!!
— Ҳамин хел гуфт ва хоҳиш кард, ки агар шоҳ бовар накунад, қиссаи макри вазир Боҳуйи порсро бихонад...

Ҳарчанд Искандарро ғазаб фаро гирифт, худдорӣ кард. Вале ӯ касе набуд, ки ғазаб зери дандон дорад ва ё фурӯ барад. Главкро хонд – пизишки шахсийи Гефестионро:

— Ту чаро ба ӯ нигаҳ накардӣ?
— Нигоҳубин кардам, шоҳ, вале илоҷи аз марг зӯрӣ карданро наёфтам.
— Бояд меёфтӣ! Гефестион аз ононе набуд, ки ба саҳл дард бимирад. Ё дар ин кор дасте ҳаст?
— На, шоҳ...
— Агар ҳаст, бо ман бигӯй, то сабаби марги Гефестион равшан гардад ва аз ҳар кас гумонбар нагардем.
— На, шоҳ...
— Чӣ «на, шоҳ!?» Ту магар надонӣ, ки ба ғазаби шоҳ гирифтор шудан марг бувад?
— Донам, шоҳ...
— Пас чаро росташро нагӯйӣ?
— Росташро гӯям, шоҳ...
— На! Росташ дигар аст! Ман донам душманони Гефестионро. Ту низ донӣ! Бояд ошкоро бигӯйӣ, ки кадоме аз душманони ӯ наздат омад ва чӣ фармуд...
— Касе наомада ва чизе нафармуда, шоҳ...
— Дурӯғ магӯй! Гоҳе ки худи душман ба ин кор иқрор кунад ва асрор ҳувайдо гардад, ман туро зинда нахоҳам гузошт!
— Шоҳ бикушад маро, вале рост гӯям, ки чизе нашуда...
— Ту дидӣ, ки ӯ ғирт маст шуда, чаро ҷоми шароб аз дасти ӯ нарабудӣ ва манъаш накардӣ?
— Шоҳо, ман пизишк ҳастам, магар бо вазири дасти рости шоҳ баҳсу талош карда тавонам? Ман ҳеҷ гоҳ чунин густохиро раво надидаам. Эҳтироми Гефестион назди мо зиёд буд, шоҳ...
— Бо эҳтироми зиёд назди шумо нобаҳангом фавтид, агар эҳтиром надошт, чун шуда буд?

Главки пизишк чизе гуфта натавониста хомӯш монд ва Искандар афзуд:

— Кратер гоҳи пирону вомондагон ба Юнон бурдан туро чӣ фармуд?

— Ҳеҷ чиз...
— На, ҳар ду саргӯшиҳо доштед.
— Ӯ гуфт: «Ба Юнон корношоямон ва заифонро барам» Гуфтам: «Паём расон ҳамаро.»
— Гуфту гуфтӣ. Чӣ фармуд?
— Ҳеҷ чиз...
— Нагуфт, ки баргашта ҷойи Гефестионро гирам ва ту пизишки ман шавӣ?
— Ба ҳамин маънӣ чизе гуфт, аммо дар ёдам нест, зеро ман Гефестионро сахт эҳтиром доштам.
— Ту пизишки шахсийи шоҳ хоҳӣ шуд... Бигӯй, ки мушаххасан чӣ фармуд?
— Чаро гуноҳи ӯ гирам, шоҳ? Чизе нагуфт, ки бойиси шубҳа шавад.
— Иоллай даромада буд назди Гефестион?
— Надидам, шоҳ.
— Евмени Эллодиро низ надидӣ?
— Надидам шоҳ.
— Бередаш!

Искандар амр кард, то Главкро бубаранд ва сахт гиранду пурсон шаванд, ки киро шубҳа кунад бар марги солори сипоҳ. Вале рӯзбонҳо низ чизе аз забони Главк нашуниданд бар марги Гефестион.

Евмени Эллодӣ низ зери шубҳа буд, ки вақтҳойи охир бо Гефестион баҳсу талош мекард. Хусумат низ дошт, ки Гефестиони мақдунӣ чунин воломақом гашта ва хешро аз ҷонишинони шоҳ донад. Искандар зиёд андешиду дархост кард, вале чун бурҳону далели қотеъ надошт, мӯҳри хомӯшӣ бар лаб зад.

Сатрапи Бобул Стамен Искандарро хуш пазируфт. Шоҳ аз корвон ҷудо, раҳорах бисёр корҳоро сомон дода, аз ҷумла шӯриши қабилаҳойи кӯҳнишину озоди модӣ коссейҳоро пахшу поймол гардонида, баробари корвон ба яке аз пойтахти чаҳоргонаи Эрон – шаҳри Бобул расид. Бино ба гуфтайи мӯъбадони халдейӣ Искандар набояд якрост ба Бобул меомад; на аз дарвозайи ғарбӣ медаромад, ки ниҳоят хатари гӯшношунид дошт. Ҳарчанд то ба ин манзил Искандар бо ҳазор андешаву гумонҳо омад; парешон буду дудила, аз роҳу рой нагашта ва ҳанӯз дарвозайи ба шаҳр ворид шуданро муайян накарда, фармондори Бобул бо дастайи нерӯманд дар беруни шаҳр пазиройӣ кард, дилпур ба Бобул даромад чунон ки ба мулки хеш.

Шоҳ Искандар Бобулро аз ҳар ҷиҳат баройи давлатдорӣ ва муносибатҳойи савдойи хориҷӣ бобу мувофиқ медонист ва дар ин мавзеи хушбоду ҳаво ва баҳрро наздик хайма заданӣ буд. Аз ин рӯ ҷанозайи дӯсти ҷониаш сипаҳсолор Гефестионро ба ин ҷо

овард, то мазори бузург обод кунад ва ҳар гоҳ бар марқади ӯ гулдастаҳо гузорад.

Майдони фарохе интихоб карданд баройи гӯру гӯрхона ва соҳати мазори ӯ. Шоҳ Искандар баройи касе, ки аз сирру савдояш огоҳ буд ва ҳатто номаҳойи модараш Олимпиадаро баробари шоҳзода мехонд, ҳеҷ чизро дареғ намедошт. Дар чунин майдони кушод, ки ҳатто ҳайкали худойи Мардукро гузоштан даст надода буд, муҷассамайи ёдгорӣ ва рамзийи дӯсташро гузоштанист ба маблағи даҳ ҳазор толон.[1] Ҳама сарбозон ба кор часпиданд, ки Гефестиони хушкор бисёр Искандариҳо сохта буд, аз Миср то Искандарийи Аҳсо ва канори рӯди Ҳинд. Инак навбати ободони мазори ӯст ва дигарон камар баста бар хидмат. Искандар беҳтарин меъморон ва устову ҳунармандонро фаро хонд, то лойиҳа пеш оранд ва нақши панҷайи хеш намоянд.

Ба хости Искандар бояд муҷассама ба кирдори Бурҷи Бобул баланд ва беҳамто бошад. Маҷмӯи он гузаштаву имрӯзу фардойи давлату сипоҳдорийи шоҳ Искандарро таҷассум карда тавонад. Панҷту бошад гӯрхонаву мазори Гефестион. Ду саду чиҳил рострайи[2] зарандуда дошта бошад, нишемани аввал; уқобу мор, нишемани дуввум; саҳнайи шикор, нишемани саввум; ҳайкалчаҳо, нишемани чаҳорум бояд саҳнайи кентаврро[3] намойиш диҳад ва андар нишемани панҷум ҳамчунон ҳайкалчаҳойи буққаву шер ва бар тори онҳо размафзори Ғарбу Шарқ ҷой дошта бошад.

Писанд набуд лойиҳа. Искандар низ монанд набуд ба худ. Шояд хубтар ва чашмгиртар дидан мехост оромгоҳи дӯсташро, аммо содалавҳона баромад. Шояд аз парешонӣ бошад ва ё аз он ки қабилаву тойифаҳойи шарқӣ ҳанӯз ҳам муқобили шоҳи омада шӯру балво карда хотирашро парешон мегардонанд ва шоҳ рӯзафзун хешро бегона эҳсос мекунад. Пархоши зиёд, роҳпаймойиҳойи дилгиру сангин, талаф додани хуни зиёд ва бемориҳойи пай дар пай хаставу заъиф гардонида зеҳни Искандарро. Аз ин рӯ соҳати азиму фарохи мазорро муайян карда тавонист, вале ба зебову дилчасп сохтани он ақлаш намедавад. Инак меъморонеро меҷуст, ки лойиҳайи шоҳиро амалӣ гардонанд. Сахт мушкил буд бо чунин нағмаву ҳангома сохтани дахма. Ба ҳар ҳол, аз нӯги хамир – фатир, гӯрхонайи онро созонд ва дид, ки бо чунин ҳиммату дасти кушод, саховатмандӣ ҳеҷ гуна маблағ – ганҷи Қоруну ганҷи Равон ҳам кифоя накунад, андоз фармуд сатрапҳоро, ҳамсояшаҳрҳоро, аҳли рикоб, бавижа онҳоеро, ки ба марги Гефестион гумонбар шуда

1. Як толон = 26,2 кг тилло.
2. Рострай – нӯки тези ба сари ҳайвон монанди сафина, ки биноро зебу оро диҳад.
3. Кентавр – наснос, асбодам, қантарус.

буд. Ҳарчанд ҳама сарбозон банд ба сохтмони мазори дӯсти шоҳ буданд, он дараҷае, ки шоҳ мехост, шакл намегирифт.

Дар ин миён даври Протей фаро расид: худ аз худ ҷойи Гефестионро гирифт. Вале Протейи дерошно Гефестиони худкору худрой шуда наметавонист. Аз ин рӯ Искандар хешро танҳо медид. Ҳатто Биталомуси Пилзӯр ҳам ба дарди ӯ даво шуда натавонад.

Ва инак шоҳ худро танҳойи танҳо дарёфт, ки зану фарзанд ҳам ба дарди ӯ дармон нашаванд. Гила карда тавонад, аммо костагиҳойи ақлу рафтори худро дида натавонад. Гоҳе алам мекашад, ки кӯрнамак, ватанбезор, бегонапарвар, баъзан бехудо хонандаш. Ҳол он ки ӯ писари ҳама худоён аст. Худкому худройу худкор бувад ва аз роҳаш нагардад; агар дар пеш оташ аст, оташро бояд бигзарад, агар об аст, убур бояд бикунад, агар садд аст, бояд бишканад. Буд чунин то имрӯз. Ҳоло ҳам ғайрат ва ситезу шӯр дорад, аммо эҳсос кунад, ки фара надорад. Шояд ин чизро дарёфта норозигиҳо кунанд. Вале норозигийи модараш Олимпиада дигар аст. Ӯ надонад чунин ҳолу рӯзи писарро, вагарна чун модашери хашмӣ расида буд ба корзор. Ӯро мерасонанд, ки Искандар сиҳатманд аст ва даст аз пархош накашад. Аз ин рӯ модар орому баъзан аз рафтори писар норозӣ. Нома мефиристад, ки писари оламгираш бозгардад. Агар на, Мақдуниёву Юнон хароб гардад аз дасти Антипатри худком; номи падараш Файлақуси Дуввум сутурда гардад аз рӯйи лавҳаҳо ва дар ояндайи наздик Антипатр хешро шоҳи мутлақи Мақдуниёву Юнон эълом дорад. Искандарро чун хойини Ватан донанд...

Искандар сар кафонад, ки кадоме аз чунин хабарҳо дуруст бошанд. Нигарон бувад, ки Кратер кай расад ба Юнон ва пайғоме фиристад. Вале дараке набувад аз ӯву аз пайғомаш. Искандар бо сипаҳбад Кратер ончунон сӯҳбат карда буд, ки ҳатто муши девор огоҳ нагашта. Бояд дар Рум кор ранги дигар гирад, на ончунон ки Олимпиада пиндорад. Шахсияти фавқулодда, рӯйинтану безавол ва оламгиру писари худо ном баровардани Искандар Антипатрро низ ба андеша водор карда буд. Борҳо шод шуд аз маргҳойи ногаҳониву дурӯғини шоҳи мақдунӣ, ки давлату дунёйӣ вомонд ӯро... вале чун пайки бозгаштани шоҳро шунид, ба пӯстинаш кайк даромад. Худсариҳо, хешро сарвари Рум донистан, ганҷу гарди хазинаро беибо пош додан ва бо Олимпиадайи мардхӯ шӯридану таъна бар ӯ заданҳо новақт будааст. Худро андар Мақдуниёву Юнону Балкан фармонфармо шинохтани Антипатр низ аз рӯйи хирад набуда; ӯ хешро шоҳ донист, ҷондорҳо гирифт, саркашиҳо кард аз амри Искандар. Дастнишонда кайҳо бояд мерасид назди шоҳ бо сипоҳи мададрасон, аммо аз таҳдидҳойи Олимпиада кебида, аз сафари назди Искандар худдорӣ кард, ки хоҳ-нохоҳ шоҳ огоҳ гардад аз кирдорҳойи гумошта. Аз ғазаби шеронайи Искандар метарсид, беандешагӣ ва нархи сабзиву пиёзро напурсида ҳукм

бароварданашро низ медонист, пойи рафт боздошт. Зиёд андешид, ки тамоми умр ин қадар фикру хаёл накарда буд. Қисмати хунини Пармониён, писаронаш ва ҳамрикобони зиёди шоҳ пеши назараш омад, ғалаёни зиёди фикру андеша ба чараёни дигар ҳаволааш кард. Ӯ хулоса баровард, ки аз зин бояд пиёда гардад, аммо аз рикоб пой кандан саҳл набуд. Хаёлан як пой дар замину пойи дигар андар рикоб гом мезад муаллақ; мегуфт боэҳтиёт, то набаранд ба шоҳ ҳар росту дурӯғро. Тадбир ҷуст; танҳо бо сояйи хеш ройсозӣ дошт. Ваъдаву паймон бо ӯ мекард, ки гарде андар хазина намонад ҳам, бояд ин мушкиларо ҳал кунад.

Илоҷи воқеа қабл аз вуқӯъ, бузургписари хеш Кассандрро фиристод назди шоҳ Искандар. Аммо шаборӯз миҷа таҳ намекард, ки ин ҳама чӣ саранҷоме гирад.

Чунон шуд, ки ба ҷойи Антипатр писар ҳозир шуд назди шоҳ:

— Паёму дурӯд аз Антипатри бовафо шоҳи оламгирро!

— Такрор бикун!

Чунин пазиройӣ ва посухи шоҳ дар ҳайрат гузошт писари нобаладӣ Антипатрро. Ӯ такрор карда натавонист суханро, балки ба сараш зад, ки кӯтаҳие гузашт ва аз бетаҷрибагӣ надонист мумилайи фиристодагонро бо шоҳ.

— Магар ту Кратерро дучор наомадӣ?

Суоли шоҳ гарчӣ ногаҳонӣ ва аз дунёйи дигар буд, Кассандрро бедор гардонд ва дурӯғе гуфт:

— Дидам, шоҳ! Дар роҳ...

— Ҳммм... Яъне, ту аз тахти салтанати муваққатӣ афтидани падарат ва бар маснади шоҳӣ нишастани Кратерро надидӣ?

— На...ннnna... надидам, шоҳ... бовар намекунам... Падарам бо шоҳ андар як пӯстанд, чӣ гуна шавад... Антипатр ба ҳурмати шоҳ, ҳеҷ гоҳ тахтро насупорад ба касе, то даме ки худи шоҳ...

— Ҳамин тавр шуд! Худи шоҳ амр кард...

— Ин ҷо масъала ранги дигар дорад, шоҳи олам: тахту тоҷ аҳамият надорад, дӯстийи шоҳу Антипатр дар миён бувад. Падарам пас аз пайғоми зиёд фармуд, шоҳро расонам, ки саҳви бузург вазири дасти рост хондани Гефестион бувад...

— Чӣ, туву падарат дӯстиву садоқати шоҳу Гефестионро манъ карданӣ ҳастед?!

Кассандр ғазаби Искандарро ва шӯридану сурх гаштани Искандарро бори нахуст дид. Дарёфт, ки макру ҳиял, киноя, заҳрханда, морбозӣ ва ё ғазабу ситез коргар нахоҳад шуд. Ва фиристодайи бетаҷриба сипоҳигариву муғамбирӣ низ ба кор бурда натавонист, ки устухони шоҳ бо чунин унсурҳо шах шуда буд. Шоҳи доно низ аз ранг дигар карданҳойи фиристода ва пайдо карда натавонистани сари калоба пай бурд, ки писари Антипатри маккор умеде дорад ба чизе; шоҳро кӯдак пиндошта, содалавҳона сухан мегӯяд:

— Шумо шоҳ, бояд ба дасисаву бӯҳтонҳои нотавонбинон бовар намекардед...

— Чӣ гуна бӯҳтону дасиса?

— Дурӯғҳое, ки аз Юнон оварданд..

— Ту бовар дорӣ, ки касе баройи бӯҳтон задан ин қадар роҳи дуру дарозро бипаймояд? Сари киро мор газида?

— Зарур шавад, ояд, шоҳ. Моргазидаҳо низ кам нестанд.

— А-а-а... Акнун ба худ омадӣ! Яъне онҳо ранҷида аз касе маҷбур шудаанд шоҳро арза кунанд?

— Онҳо маҳз роҳи дури назарфиребро истифода мекунанд, то маккориашон пардапӯш монад.

Заҳрханда кунад шоҳ фиристодайи рӯйинатанро:

— Ҳайфи шумо, агар ба мардум андаке ноинсофӣ карда бошед! Миси тиллокориҳойи муғамбиронайи Арасту низ хоҳад баромад..

Моту мабҳут монд Кассандр, ки чаро Искандар устоди худ Арастуро дониста донайи номардумӣ мекорад: «Шояд пиндорад, ки Антипатр бо ройсозийи Арасту корҳойи ноҷову нохуб барад?» Дергоҳ ба худ наомад писари Антипатр, аммо шукр гузорид, ки аз назди шоҳ бадар хоҳад рафт ба озодӣ, ки Искандар бо чунин суханҳо ва нобоварӣ ба падараш ӯро қатл нафармуд. Ҳар қадар шукр зиёд мекард, он қадар кина дар дил мегирифт. Фурсат меҷуст интиқом гирад аз шоҳ. Вале аз назди шоҳ бадар нарафта, чунин фурсат фаро расид: наздикони шарқийи ӯ биомаданд пеши шоҳ ва зону заданду сар андохтанд. Кассандр, ки бори аввал ба хокиён намоз овардани инсонро медид, ҳайрон монд ва дер тоқат накарда қаҳқос зад: «Қаҳ-қаҳ!!!»

Чунин хандайи ноҷо ва тамасхуромез ба ғазаб овард шоҳро. Ӯ худдорӣ карда натавониста, наздикони шарқийи намозовардаро низ ба инобат нагирифта, дандон сойид, то буғзи дил бикафонад. Он чӣ карданӣ буд бо писари Антипатр, пайту фурсат намеёфт, баҳонайи боб донист хандайи иблисонайи Кассандрро. Гом зад сӯйи фиристодайи нобоб ва дудаста аз мӯйи сари ӯ гирифт ва сараш бикӯфт ба девор. Чун раҳо кард, Кассандр карахт буд. Маълум набуд, ки аз лат карахт шуда ва ё аз кирдори шоҳ. Андаке истод, баъд чун ҷуволи холӣ афтод ба фарш.

Вақте бедор шуду ба худ омад, дур аз шоҳ дар паҳлӯ Иоллайро бидид:

— Ман дар куҷоям?

— Дар ҳуҷрайи Иоллай.

— Иоллай? Ту куҷо будӣ?

— Дар ҳамин ҷо туро нигарон будам. Ту чаро якрост назди шоҳ рафтӣ?

— Гумон кардам кор хуб мешавад, бад шуд.

— Бе пир марав, ки дар монӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ... Порсҳо чунин гӯянд.
— Порсҳо ақл доранд.
— Вале ту чаро беақлӣ?
— Ман низ ақл дорам, аммо таҷриба надорам. Искандар барин ба пеш зӯр задам, ки дунёро метарконида бошам...
— Зӯри беҳуда миён шиканад, гӯянд порсҳо...
— Порсҳо ақл доранд.
— Ту чаро надорӣ!?
— Ман низ дорам...
— Ақл медоштӣ, аввал назди ман омада будӣ... Падар туро барои чӣ фиристод?
— Гуфт, ки Иоллай танҳоӣ кашад...
— Дидӣ, туро барои чӣ фиристода будааст. Ту бояд нахуст маро медидӣ... ҳоло ҳама нақшаҳо барбод додӣ.
— Чӣ нақша доштӣ, Иоллай?
— Ман чун ту беақл наям. Ин корҳоро чунон кунанд, ки хасе наҷунбад. Вале ту обу оташ ба ҳам задӣ. Ҳолиё коре бишавад, аз ту донанд. Шукр бикун, ки зинда бурун шудӣ аз дари ӯ.
— Шукргузорам. Вале кинаам афзунтар аз шукрам.
— Бошад... Мадад хоҳад кард.
— Ман вазир Боҳуй шуданӣ будам, насиб накард.
— Чӣ гуна вазир Боҳуй?
— Ҳамин хел, ки шоҳонро захр дода, кушам...
— Баҳ-баҳ! Обмӯрӣ аз боғ фарохтар.
— То бад нагӯйӣ, нек наояд...
— Андаке ақл пайдо шуда туро ё дандони ақл баровардайӣ. Ба фикри ту чӣ бояд кард?
— Боҳуй андешаашро ба касе намегуфт ҷуз Ардашери Саввум... Чун занҳо аз асрораш огоҳ шуданд, забун гашт...
— Лекин коре ки ту хоҳӣ, бидуни занон нашавад.
— Чӣгуна?
— Зани бузурги шоҳ Барзин бад бинад шӯро. Зани дуввум калаванда... Занҳойи ҷавон ҳоло Искандарро нашиносанд. Ба андешайи ман Барзинро ба даст бояд овард...
— Ҷиммм... Девор муш дорад, муш – гӯш. Бо он зани ҳушманд оҳиста бояд буд, зеро пешомадро бинад.

## БАНДИ ҲАШТУМ

Аз ҳама шаҳрҳойи забткарда Бобулистон бештар хуш омад Искандарро. Ин шаҳри зебо ва мавқеи ҷуғрофиаш бобро чун марказнишин хубтарин маъво донист. Бобулистон гаҳворае буд, ки бори нахуст андешайи ҷаҳонгир гаштан ба сари шоҳ омад. Гӯё

дар ҳамин ҷо Мардуки бузург[1] пайдо шуд ва кушойиши ҷаҳонгирӣ дод Искандарро, ҳарчанд ки шоҳ ниёзе надошт ба д-ин чиз. Зеро худойи Аммони Мисрӣ кайҳо чунин мартабаро раво дониста буд ба шоҳи мақдунӣ.

Бобул аз ҳар ҷиҳат бобу мувофиқ буд сарвариро: ҳам аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, ҳам роҳи савдойи баҳру барр, иқтисодӣ ва иҷтимойӣ. Дар ин шаҳри ободон ва овозадори Шарқ Искандари Румӣ аз ҷониби коҳинону сокинони ҳарами ситр хуш пазируфта ва шоҳи Бобул дониста шуд.

Андар Бобул ҳараму кӯшкҳойи зиёде буданд ва мазори муқаддаси Мардук. Инчунин бурҷи навадгазайи Этеменанк мавҷуд аст, ки гирдогирдаш пур аз ҳуҷраву меҳмонсарову кӯшкҳойи хурд; диже коҳинонро ва сарое меҳмонону мусофиронро. Чун Искандар эътиқод оварда буд худойи Мардукро, ҳарамашро низ азизу муқаддас медонист. Шоҳ ин мулки афсонавиро ободтар дидан мехост. Аз ин рӯ гоҳи ба Шарқу Шимол рафтагор шуданаш бобулиёнро фармуда буд, ки дижу ҳараму мазору мақбара ва бурҷи харобгаштаро обод кунанд. Чун баргашта ҳамаро валангор ва ба ҳоли пешин дид, ғазаб кард ва фармуд ба таъмиру тармим пардозанд. Ҳатто он харобаҳое ки Ардашери Аввал оварда буд.

Даҳ ҳазор сарбозу ҳунармандони зиёд часпиданд ба кор. Искандар ҳам бо ғазаб ва бо умед низ ин корро сомон мекард, то зудтар навбати обод гардонидани мазори Гефестион низ расад. Аз ин рӯ шоҳ фармонфармойи Миср Клеоменро нома фиристода фармуд ба ифтихори Гефестиони қаҳрамон ду ҳарам созад андар Искандарӣ... Гефестионро қаҳрамон эълом доштан ба сари шоҳи мақдунӣ чизи дигарро овард: «Оё фурсати он нарасида, ки худи Искандар худо бошад?»

Ӯ танҳо бимонд андар маснади хеш ва андешабозӣ кард: «Падарам Файлақус низ иддаову талаби худойгонӣ карда буд, нашуд. Чӣ дид? Бо эҳтиёт бояд буд. Нааа... Ӯ – дигар, ман – дигар. Файлақус аз гирди хеш дуртар нарафта, аммо писараш ҷаҳонгир... Фарқ дорад. Чунин нодида гирифтан кӯронро зебанда. Сараш гирд гашт аз андешайи зиёд. Ҳама афзори набард, ки девори ҳарамро нигористон гардонида буд, ҳама афзори дабирӣ аз қаламу пари мурғу наю коғаз то курсӣ; зару симу зевару ҷавоҳирот, ҳайкалчаҳойи тиллойӣ ва чизҳойи дигарро пароканд ба атроф ва чашм чаронд ба ҳар яке чандборӣ. Чизе дарёфт накард; боз ба мулоҳиза рафт, ки чизе нестанд ин ҳама пеши шӯҳрати оламгири Зевсу Аммон, Гераклу Мардук ва Аҳура Маздо... Ӯ шоҳ Искандар, писари қайсару якрави шоҳ Файлақуси Дуввум ва Олимпиадайи мардхӯ буд, писари Зевсу Аммон гашт; шогирди Арастуйи номдор буд, ҷаҳон-

1. Мардуки бузург – худойи бобулиён.

гир шуд; сайибайи душманони куштаашро гирифта буд, ҳолиё ҷуз ӯ соҳиби се зани нозанин, духтари Оксарти суғдӣ ва Доройи Саввуму Охи бародаркуш[1]. Сиёҳмушкини монанд ба Бусефал зери ронаш ва дунё зери пояш. Ба назараш ин ҳама ночиз, нокифоя. Чизе намерасад ва шӯҳрати оламгириашро коста мегардонад. Дар чунин мақому мартаба бояд худо бошад. Ба андеша рафт дуру дароз. «Чун? Чун бояд расид ба мартабайи илоҳӣ?» Ӯро зиёд гуфтаанд, ки нишони ялӣ дорад, таҳамтану рӯйинтан бувад; багурда, говҷигар, шердил, хирсзаҳра; чолок, ҳушёр, тавоно, тезхун; шермиёну шербас, шерчанг, палангхашм, уқобнигоҳ; боақл, зирак, ҳушманд, ҷавонмард, сахӣ ва бемаргу анӯша; Зевсхӯ, Гераклнерӯ, Аммонхислат, пок чун Аҳура Маздо...

Пас чаро Искандар Худо набошад? Ин кор ба фармону хости одамӣ нашавад, ки худояш эълом доранд. Ба талаб ва ҳунару накӯкорӣ низ нашавад. Ӯ эъҷози худойгонӣ бояд бикунад ва мардум намоз оранд.

Искандар ҳолиё ҷуз падар ба касе монанд набувад. Падараш Файлақуси Дуввум низ даъвойи худовандӣ дошт ва талаб карда буд: «Ҳайкали маро дар қатори дувоздаҳ ҳайкали худоёни юнонӣ гузоред!» Ва писар борҳо муқойиса карда кирдору рафтори хеш бо кирдору рафтори падар ва бартариҳойи хеш дарёфта. Падар чандон дур нарафта аз Балкан, вале ӯ оламро тай зада.

Вазъияту ноҷӯриҳойи Юнон ва норозигиҳойи сипоҳ ӯро ба ташвиш оварда, ки розӣ мешуда бошанд ба хосту талаби шоҳ. Антипатри худхоҳу худком, гарчӣ бо дархосту амри шоҳ ҷой ба Кратер вогузошт, ҳанӯз аз рикоби кина пиёда нагашта; найранг афзояд. Дар Бобул пайдо гаштани писарони ӯ – Иоллай ва Кассандр бебало набувад. Ҳанӯз асбоби марги Гефестион муайян нагашта, Искандарро мушкилаҳойи тоза ба тоза сар ба дард меорад... Иттифоқи Эллинӣ ҳолиё вуҷуд дорад ва Антипатри эҳтиёткор аз қонунияти он бурун наравад; бо ҳар роҳу равиш дасиса кунад, агар нашавад, ба сӯйиқасд гузарад. Вале Искандар дур аст аз Юнон ва ҳама кирдору рафтори Антипатрро надонад. Ба вижа аз кирдорҳойи чунин Иттифоқ розӣ набошад. Онро пароканда дидан орзу дорад. Ва фирориҳойи эллиниро сарҷамъ диданист.

Юнон оромӣ надорад: ё хориҷиён тохт оранд ва ё тойифаҳое пайдо гашта чун майнайи пурғазабу ҷангҷӯ лонайи мусичайи бегуноҳро хароб карда, тухми гузоштаашро аз баландӣ ба зер афканда, худашро ронда, соҳиби манзил гарданд. Ҳоло Искандарро расида, ки дар олам чунин юнониёни тарки ватан карда ва ё иҷборан хона ба душман гузошта кам набуванд. Даҳҳо ҳазор оворагардони юнонӣ хӯру хоб надоранд дар ғурбат аз андешайи

1. Ардашери Саввум.

зиёд ва ёди бӯйи Ватан мағз палағда кардаанд ва аз рӯзи мурод дараке нест. Оё дар чунин ҳол дилёб шаванд, ки Искандарро худо хонанд?

Шоҳ Искандари Мақдунӣ баъди андешайи зиёд ва мулоҳизайи беандоза авфи умум эълон дошт ва беватанони асирро рухсат дод баргарданд ба Рум. Ва онҳоро бегуноҳ хонд, ки бо хости хеш ба Машриқ нарафта, балки зӯран бурдаанд. Андешайи сулҳу салоҳ ва оштийи умумӣ бояд мартабайи шоҳро дигар мекард. Манзури ӯ ин буд, ки дили ашхоси аз давлату давлатдорӣ хунук гаштаро гарм мекард. Бидуни чунин неккорӣ ва ҷавонмардӣ беҳӣ ва хубие пеш наояд.

Ва баҳори соли се саду бисту чаҳори то милод Искандар тасмим гирифт, ки нахуст дарбориёни шаҳри Шушро маълум кунад, агар ба чизе муваффақ гардад, пасон ба Юнон намоянда фиристад. Қарор хуш омад аҳли дарборро. Баъд ӯ Никонори домоди Арастуро вакил хонд ва фиристод ба Юнон. Ӯро фаҳмонду фармуд, ки гоҳи тантанайи ҷашни маъмулийи Олимпӣ ба рондашудагон ҳуқуқашонро бифаҳмонад, то озодона баргарданд ба ватан.

Ҷашн барпо шуд. Тантана беназир буд. Бист тан аз фирориён ҳузур доштанд дар ҷашни Олимпӣ. Гоҳе ки Никонор фармони шоҳ Искандарро расонд, тарки ватан кардагон каллапӯшҳо сӯйи осмон андохтанд. Ба назари Никонор баъди чунин амри ҷавонмардӣ мартабайи Искандар боло шавад.

Баъди чунин фармон ноором зиёдтар шуд андар Юнон. Аммо Искандарро писанд буд, ки ҳам кораш пешрав хоҳад гашт ва ин зарбае буд иттифоқчиёнро, ки кору нуфузу эътиборашонро ҳеҷ гардонд. Ба андешайи ӯ вақти он расида, ки талаб кунад худо хонданашро аз мардум. Ҷавонмарди сивусесола даъвойи худойӣ кард. Пайку пайғом рафт ба ҳар сӯ. Хушомадгӯёну дасисабозон пазируфтанд чунин ҳаллу фаслро, душманон заҳрханд заданд, бетарафҳо ҳайратзада мекалавиданд, донишмандон бо сабру таҳаммул бурру дӯз мекарданд. Бавижа Спарта, ки аз шӯройи Иттифоқи Элинӣ даст кашида буд, чун ҳамеша мӯъҷазу густохона посух дод:

«Агар Искандар Худо шудан хоҳад, бувад!»

Искандарро гуфтанд:

«Шояд баъди сараш чун Геракл худо хонандаш?»

Посух дод:

«На! Ман мехоҳам Худойи зинда бошам!»

Ва аммо хулосайи бисёриҳо чунин буд:

«Искандар худо на, апофеоз[1] дониста шавад!»

Аввалин бор Искандар нойил нашуд ба чизе, ки орзу дошт. Баъд ҳама пешгӯйиҳоро ёд овард: пардапӯшона таъкид кардани

1. Апофеоз – худомонанд, худотарош.

мӯъбадони халдейӣ, марги шоҳро ёдрас кардани донишманди ҳиндӣ Калан ва пешгӯийи каромотгари эллинӣ Пифагор ва коҳинони мисрӣ ғаши ӯро оварданд. «Наход ки худоён аз писари хеш рӯй тофта бошанд?» На танҳо худоён, рӯй тофтан ва зуъм кардани зану фарзандаш Барзину Геракл низ на корест хурд. Зеро дар чунин вазъ, ки дӯсту душманро фарқ карда наметавонад, наздиконро дур кардани шоҳ хубие надошт.

Искандар ғазаб карду шӯрид худ ба худ, вале он шӯру шаре, ки аввалҳо дошт, ҳолиё набуд. Зеро хуни шоҳ кам шуда ва зӯру тавонаш халал дида, ҷӯшу хурӯши пешин нест ва акнун ба кадом нерӯе эҳтиёҷ дорад, ки дастгир гардад, мадад кунад. Лекин чунин ёрӣ аз ҷое нарасад; қурбониҳойи вопасин низ мадад накарданд. Чун бабри олуғда ба хурӯш ояд ҳам, ситезад низ ҳам, суде надорад. Умедаш бар он буд, ки худо шавад ва танҳо амру фармон карда оламро дар тасарруфи хеш дорад. Омад накард кораш. Ғазаб дорад. Боз аз дӯстон касеро қурбон кардан хоҳад. Вале касе наздик наояд бар – ӯ ва дасиса накунад.

Неархи дарёгард баргашт назди ӯ. Гоҳе ки хашму ғазаби шоҳ дар пӯсташ ва мағзаш нагунҷида ӯро бардор медод, то кори чашмнадидае бикунад.

— Омадӣ, Неарх?

— Омадам, шоҳ!

Чунин пурсу посух хоси Искандар набуд, ки омадани ӯро дида чун содалавҳон боз пурсад. Ё аз ҳад зиёд парешон аст ва ё дасту дил аз дунёву ҷаҳондорӣ шуста.

— Чӣ овардӣ?

— Сафинаҳо ва нохудоёнро.

— Чаро нохудоёнро? Бояд худоёнро меовардӣ.

— Чун?

— Ҳамон худоёнро, ки маро фаромӯш кардаанд. Маро дар сафи хеш дидан нахоҳанд.

Неарх ҳайрон монд: «Магар коста ақлу ҳуши шоҳ?» Ва дилбардорӣ кард:

— На, худоён дар фикри писари хешанд. Ҳатто дарёҳоро ором гардонидаанд, ки шоҳ осуда баргардад.

— На! Маро шоҳ нагӯй, писари худо нагӯй, Худо бихон, то дигарон низ одат кунанд!

— Худойи баҳр он қадар шаройит муҳайё сохта, ки...

— Оё сафинаҳо зиёданд? Ҳама ғаниматҳо бигунҷонанд?

— Оре, шоҳ...

— Забонатро хоҳам бурид!

— Оре, Худованд... На танҳо ғаниматҳо, балки аҳли корвон ва сарбозонро...

— Бифармо боз ҳазор сафина бисозанд!

— Ба чашм, шоҳ!

— Ҷаллод! Забони ӯро бибур!

— Ба чашм, Худованд!

— То забони шуморо набуранд, то чашматонро кофта нагиранд, то ҳалқаи дор бар гарданатон наояд, то зери офтоби тамуз маслуб нагардед, ҳушатон ба ҷояш наояд.

— Оре, шоҳ... Оре, Худованд!

— Ҳамаатонро аз паси сар гардан бояд зад ва забонатонро пас кашид.

— Арзанда бувад, Худованд. Мо ҳама ношукрему носипосем ва ба хидмати худованди мақдунӣ нарасем.

— Дидӣ! То сар наравад, ақл надарояд!

— Вале ҳарфи ман дигар, шоҳ.

— Чӣ? – ба «шоҳ» хондани Неарх эътиборе надода пурсид Искандар.

— Андар Юнон ноором̄ӣ афзуда. Антипатр сар нафурорад Кратерро ва нияти бад дорад.

— Бурҳон?

— Антипатр ҳама писарон назди шоҳ фиристода...

— ... Назди Худо! Аблаҳ!

— Оре, Худованд...

— То аз даҳонатон хун нарезад, забонатон ба сухани нек нагардад!

— Антипатр писаронашро назди худованд фиристода...

— Чаро?

— Ба хидмати худованд. Аммо аз рӯйи миш-мишҳо ғарази Антипатр дигар бувад.

— Чун?

— Бино ба шунидам, ҷосусанд...

— Ҳиммм, – ангушт зери биниву лаб оварда ва чашмон бузург дошта садо баровард Искандар. – Касе чизе нафаҳмад. Мушоҳида бикун. Зеро ту нав омадӣ, шубҳае набаранд. Базм хоҳам орост ба шарафи омаданат...

— Базми асосӣ баъди ишғоли халиҷи Порс, дарёйи Араб ва баҳри Сурх барпо хоҳад шуд!

— Бовар дорӣ?

— Оре... оре...

Искандар ҷуз Неарх дӯстони дигаре низ дошт чу Евмену Медий. Меболид бо эшон, вале огоҳ набуд аз бисёр корҳо. Аллакай чошнигари таому шароби шоҳ Иоллайи писари Антипатр сари Медийро гаранг карда ба ҳалқаи дӯстони хеш дароварда буд ва ӯ чун гаравгон на аз Иоллай ҷудо гашта метавонист ва на сухане ба Искандар бурда.

Чун сипоҳ нав гашта, сарбозони гаравида ва бардаҳойи муваққативу шартномавӣ ба Юнон расиданд, шоҳ пиндорад, ки хатаре ё балое андар сипоҳи ӯ намонда. Аммо таги дилаш сиёҳӣ дорад.

Надонад, ки аз чист. Гоҳ-гоҳ чунин рух медод: замоне ки мурғони зишту бадсурат аз авҷи фалак гардани дарозашонро хеле аз тан поён хамонда, хол-хол аз замин чизе ҷуста ва пойҳоро баробари гардан кашол карда, аз само ба арз мерехтанд, таги дилаш ғаш карда чунин сиёҳӣ мебаровард. Зеро Искандар оқибати «базми нохонда»-йи онҳоро медонист. Аммо ҳоло бе сабабе чунин сиёҳӣ дорад таги дилаш. Фазоро набинад, мурғон набошанд, аз чӣ рӯ чунин ғаш кардани дилро надонад. Пешгӯйиҳо як-як ба ёд оянд, аммо даст афшонда ҳамаро беҳуда донад. «Рафъ хоҳад шуд, ҳама мушкилот рафъ хоҳад шуд.» Зӯру тавони пешинро дар назар дошта аз зеҳн гузаронад, ки пеши шамшери ӯ гиреҳҳойи фӯлодӣ кушуда шаванд. Ба назараш паси сар гашта роҳпаймойиҳо, деворшиканиҳо, қуфлкушойиҳо, кӯшку коху диж гирифтанҳо, душманкӯбиҳо ва ҷаҳонгирӣ. Кори осон монда дар пеш – то ватан расидан. Ин ҳама кам аст: шоҳи барр буд, шоҳи баҳр низ бояд бошад. Ҳаваси зиёди оламгирӣ ва худовандӣ ҳама чизро аз сари ӯ дур кард; ҳатто дӯсту душман доштанро...

Писари бузурги дӯстдушман Антипатр Кассандр ҳанӯз барнагашта буд ба Юнон. Баъди он ки Искандар ӯро пеши назари мардум сар ба девор зад, сахт кина гирифт ба шоҳ. Аз зуд-зуд во хӯрдани Иоллай бо Медий дилаш раг зада, хешро наздик гирифт бо эшон. Аммо намеёрист ҳарфе бигӯяд. Зеро медонист, ки Иоллай ва ҳам Медий сахт дилбаста ҳастанд бо лашкаркаш. Иоллай низ бефаровез будани даҳони Кассандрро дониста, дилёб намешуд, то бо ӯ ройсозӣ кунад. Кассандрро яқин буд, ки ин ду тани ниҳоят ба шоҳ наздик тавонанд ҳар кор кардан. Аз ин рӯ бо онҳо муомилаю муносибати хуб мекард. Ва баъзан хештан ба содагӣ мезад. Гирист он рӯз, ки ҳарфаш ба бародар гуфтанӣ буд.

Иоллай: — Хомӯш бош, Кассандр. Магар мард гиряд?

Кассандр: — Ҳо, мард гиря кунад дар чунин ҳолат, ки аз як бепадар лат хӯрад. Магар надидӣ, ки сари ман чӣ гуна ба девор зад?

Иоллай: — Дидам... Чора гиря набувад. Ройи ман дигар аст. Подоши бадӣ некист. Бадонро худоён ҷазо диҳанд.

Кассандр: — На, Иоллай. Агар худо бадро ҷазо доданист, илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ, нагузорад, ки онҳо бадӣ кунанд.

Иоллай: — Охир ту аз чунин кас, ки чӣ одам будани ӯро ҳамагон донанд, шарм накарда, хешро худо хонад, чӣ некие чашмдор шавӣ?

Кассандр: — Ту бисёр чизҳоро нафаҳмӣ, Иоллай.

Иоллай: — Сабур бош, бародар. Бисёр нафаҳмам ҳам, андак-андак фаҳмам. Ту аз ман бузургӣ ба сол. Андаке шитобзада ва баъзе рафторҳоят кӯдакона. Бигзор худо занад ӯро.

Кассандр: — Гуфтам-ку! Ба умеди худо машав, буттаро маҳкам бидор!

Иоллай: — На-на! Падари ӯ низ даъвои худойӣ дошт. Магар худоён «худо шуданро» дар чашмаш нишон надоданд?

Кассандр: — Ба ҳар ҳол ман ёд надорам, ки худоён ҷонибдорӣ афтодагон, дармондагон, некон шуда бошанд.

Иоллай: — Шитоб макун! Магар қисмати Гераклро фаромӯш кардӣ?

Кассандр: — Ӯ худ худо буд.

Иоллай: — На! Баъд худояш хонданд. Ҳама накӯкориҳояш ва хислатҳои хубаш, раиятпарвариашро дарёфта, афсӯс хӯрданд, ки дар зиндагиаш қадр карда натавонистанд. Искандарро низ баъди сараш хубтар дарёбанд.

Кассандр: — Худоён низ хато кунанд ё дидаву dониста ба дасти бад лигоми таковар диҳанд. Бирез! Бо чунин гилагузориҳо осмон пасттар наояд! Бирез!

Шароб бирехт Иоллай ва бедиранг ҷом ба сар кашидани бародарро дида, фармуд:

Иоллай: — Худованд як шаб маро бодагусори Искандар мегардонд...

Кассандр: — Бо Медий унс бигир, бодагусори Искандар хоҳӣ шуд. Сонӣ худ чошнӣ кунӣ, худ шароб резӣ Искандарро... Баройи чунин корро сомон кардан Боҳуй бояд буд. Бихон китоби макри ӯро... Воқеан, Медий шахси дилобхӯр бувад?

Иоллай: — Чандон надонам, ки бояд донам.

Кассандр: — Бидон!

... Он шаб базм гарм буд. Базме, ки Искандар ба ифтихори Неархи дарёгард барпо карда буд. Неарх фардо баҳрнавардӣ омӯзад шоҳро. Пасон ӯ кишваркушо низ хоҳад шуд. Баъд мардум маҷбур гарданд шоҳ Искандарро худо хонанд. Шоҳ ҳанӯз умед наканда аз ин ният. Баройи чунин ният қурбониҳойи зиёд карданд ба ёди худоён. Акнун базм доранд. Базмҳойи Искандарӣ тамоми шаб тӯл кашад ва ӯ касеро баробар набинад дар бодахорӣ, магар амирулбахр Протей, ки баъди бемориҳову маҷрӯҳиҳо Искандар тан дода ба ӯ. Шоҳ шабгир бода хӯрд ва сапедадамон сустӣ кард нисбат ба Протей. Вале вонамуд накарда хешро мард гирифт.

Ва ҳамон зайл, дониста ва ё надониста меҳмонӣ рафт аз рӯйи шарте ки бо Медий баста буд. Агар бозийи бодахориро бой диҳад ба Протей, шоҳ меҳмони Медий хоҳад шуд. Бомдоди он шом меҳмони хони неъмати Медий гашт. Ва надонист, ки меҳмондорӣ бо усули хоҷасарой Боҳуй сурат хоҳад гирифт. Пеш аз ин ҳам Искандар меҳмони хони ӯ мешуд бо дили пур, аммо намедонист, ин бор чӣ рабояд тани ӯро ба хонайи ориятийи юнонӣ. Бо Неарх бозиҳо ва озмуни зӯри искандарӣ мекард, бо Протей шарти майхорӣ дошт, ба хонайи Медийи адабиётдӯст меҳмон мешуд.

Медий он шаб – гоҳи базм аз Искандар хоҳиш кард, ки пеш аз баҳрнавадӣ рафтан соате субҳона хӯрад аз хони неъмати ӯ. Искандар пазируфт хоҳиши ӯро. Иоллай он ҷо буд ва бодагусорӣ мекард. Шоҳи маст аз зери мижгони ба ҳам оварда ин қиёфаи барояш нохубро базӯр медид ва хуш надошт, ки чизе бигӯядаш. Ӯ ҷомҳои заринро бо дасмоли хушк тозаву тамиз кард ва бода бирехт. Бо нигоҳи дуздида хастагӣ ва мастийи Искандарро дарёфт: «Фурсат аз ин бобтар нахоҳад шуд.» Чӣ карду чӣ монд, на дӯст огоҳ буд ва на душман. Бода хӯрданд. Искандар ҳамчунон маст буд. Ончунон рафт, ки омада буд. Чизе рух надод бо шоҳ. Чун ҳамеша ба гармоба даромад. Рӯзи дароз бихуфт. Аз хоб бархост. Бардам ва сабукрӯҳ метофт. Кас фиристод ба Медий, ки шом хабар гирад...

Ва имшаб низ базм шуд, базми хоса. Иоллайи маҳрами рози Медий ҳам ҳузур дошт. Искандар андар ҳалқаи ҷондорони хеш Пердикка, чанд сипаҳбади собиқадор, чанд солори сипоҳи аз Юнон ба тозагӣ омада, Неарху Евмен ва табиби хосаи шоҳ Филипп, нафаре муҳандис, ду ашрофзода аз Фессалия ва Фракия буд. Вале таърихнигоре, воқеанигоре вуҷуд надошт, то ин ҳама қисса кунад барои фардойиён. Бавижа чусту чолокиҳои Иоллай, рафторҳои Медийи қиссадӯст, афсонагӯй. Вале ин ҳама Неархи баҳрнавардро хуш наомад. Ҷаста-ҷаста мехест. Чун хонаи шоҳ ва сари дастархони худаш набуд, одоб карда, фурӯ менишаст. Иоллай шароби ҷомеро чошнӣ мекард ва ҷоми дигарро назди шоҳ мегузошт. Хуни Неарх ба сар зад ва якбора барҷаста аз гиребони Иоллай гирифта, тела дода, рӯй гардонида зону бар думбааш зада аз дар биронд. Магар Иоллайро низ ҳамин чиз лозим буд, ки бо ҳамин баромадан дигар барнагашт ва Неархро посухе надод. Медий аз тани ӯ дар гирифт.

— Ӯ меҳмони ман буд, Неарх! Чӣ кор кардӣ?

Неарх сахт нигарист сӯйи Медий, ки огоҳ аст аз ҳама сирру савдо. Медий дасту пой хӯрда, зуд ранг дигар кард ва хомӯш монд, то Искандар огоҳ нагардад аз рафтори онҳо ва хашм нагирад. Вале Искандарро хуш омад шаби вопасини дар Бобули афсонавӣ будан, фардо сафинасавор хоҳад гашт. Хонаи Медийи адабиётдӯстро мувофиқу муносиб дониста ба шеърхонӣ пардохт. Бахшу пораҳо аз достони Еврипид «Андромеди» хонда лаззат мебурд ва ба дигарон фаҳмониданӣ буд, ки некӣ чун бояд шавад. Чун офаринҳо шунид, биболид. Ҷоми паёпай бардошт.

Шоҳ дарёфт, ки дар андарун оташе пайдо гашта, сӯзадаш. Нагузорад чизе гуфтан. Ва Искандар яқин кунад, ки ҷуз шароб чизе ин оташи сӯзонро пасту сард карда натавонад. Ҷомҳо пайи ҳам ба сар кашад. Чунон буд, ки равған бар оташ резад.

Филипп – пизишки хосайи шоҳ ёд овард қисмати табиби Гефестионро, ки баъди фавти сипаҳсолор шоҳ Искандар истинтоқ кард: «Куҷо будӣ? Чаро Гефестионро аз майхорӣ бознадоштӣ?» Ҳолиё чунин рӯз ба сари худи ӯ омада. Чун бо Искандар коре нохуб шавад, пизишкро ба танг оранд. Филипп ҷом аз дасти шоҳ бозгирифтанӣ шуд, вале ӯ сахт нигарист ба пизишк ва ғуррид:

«Дарунам оташ дорад, бигзор ташнагиам шиканад...»

Ва боз ба сар кашид ҷомҳо. Мехӯрду дар мегирифт ва касе намедонист чӣ ҳол аст. Биларзид шоҳ. Сахт биларзид, ки бо доштану пахш кардан ларзайи тани ӯ кам нашавад, чунон ки зилзила. Табларза гирад касро, аммо на чунон сахт, пайваста ва беист.

Ҳайрон буданд ҳама, нигаристанд ба Медий. Неарх хирсона дида дӯхт ба ӯ. Мизбон дар хиҷолат буду ҳайратзада ва ранги рӯяш канда: «Худо накунад, ки чизе шавад бо шоҳ...»

Чашмони Неарх Иоллайро меҷустанд. Андешайи ӯро ҷуз худаш касе намедонист. Шоҳро аз рафторҳойи пури Антипатр огоҳ кардан суде надошт. Зеро болойи сӯхта намакоб, ба ҷароҳати бемор намак мепошид. Зеро шоҳ ҳолиё аз боби қасду интиқом андеша надошт, ташнагӣ ва сӯзи дарун паст карданӣ буд. Ҳеҷ об ва ҳеҷ моеъ тафси ӯро паст карда наметавонист. Вале бемор зиёдтар ошомиданӣ буд. Чашмаҳойи кӯҳистони Суғдро ёд меовард.

— Бубаред маро!!!

Ва ӯро оварданд ба шабистони шоҳӣ дам-дами субҳ. Бемадор гашта буд, месӯхт. Гумонаш табларза даргузар аст, баробари рух намудани хуршед рад мегардад.

«Пайтобайи шубоне лозим, ки обгардон карда, ошомад.»

«На. Шоҳ написандад табобати барбариро!»

Ройи донишмандони кӯҳистонӣ писанд наомад. Бо хости шоҳ ба гармоба бурдандаш. Баъди ҳаммом чизе хӯрданӣ шуд, натавонист. Ғарора кард. Аммо чизе наомад аз даҳон. Авҷ кард дард. Натавонист барояд аз гармоба. Дароз кашид. Ларза гирифт танашро... Тафси бадан рафъ шуда, гармо ба сармо гашт ва сахту бошиддат ларзондаш. Дандон мезад ба дандон. Тани рӯйини Искандар ба кирдори барги бед ларзон буд пеши бод. Ларзиду ларзид, ба кӯрпа пахш кардан наметавонистанд зилзиларо боздоштан. Филипп – пизишк зиёдтар аз бемор арақи сард бароварда буд ва сар меафшонд, ки беҳуда даромад ба гармоба.

«Ба Фурот андозедам!!!»

Вале Рахшон нагузошт тани ларзони шоҳро ба рӯди Фурот андозанд.

Тани ӯ ба кирдори мурғи нимбисмил ларзид – ларзиду қарор гирифт. Пиндоштанд даргузашт. Ҳама рехтанд ба сари ӯ чӣ аҳли хонадону чӣ солорони сипоҳу ялон. Неарх тори сараш, Рахшон

аз дастиросташ ва Геракл аз тарафи чап нишаста буданд. Шоҳдухтарони эронӣ аз шарм сари болини ӯ наомаданд; Барзин чун пешин зуъм дошт.

«Ба қурбонгоҳ баредам!!!»

Бурданд ба қурбонгоҳ. Рӯйи дастак бардоштанд ва бурданд, то қурбонӣ кунад ба номи худоён. Қурбониҳойи ройгон ба даст омада гӯйӣ мехариданд гуноҳонашрову ҷонашро. Ин қурбонӣ монанд набуд ба қурбониҳое, ки бо шӯру валвала мегузашт. Писанд наомад шоҳро. Ҳарчанд ситезу ғазаб дошт, гуфта натавонист; тавонаш нарасид. Аён буд, ки шӯраду ситезад ларзайи танаш пайдо гардад. Фурӯ нишонд хашмро. Ва мижгон ба ҳам фишурд, ки розӣ набувад аз чунин қурбонӣ. Дар асл қурбонӣ аз маъракаҳойи дигар тафовуте надошт. Ба назари шоҳ чунин метофт. Зеро тани дардманди ӯ шукӯҳи қурбонӣ мехост, ки ҳар қадар дабдабааш зиёд бошад, ӯ зудтар ба по шавад. Чун забҳи зиёд шуд ва Искандар беҳие надид, пиндорад кам аст қурбонӣ.

«Сар гиред ба номи худоён! Асбон, шутуронро қурбон кунед ба пойи худовандон, то ҷурму гуноҳи сипоҳи румиро пӯзиш кунанд!»

Асбони нерӯмандро каманд ба пой кашида меафканданд, шутурони гардандарозро аз чанд ҷой теғ меронданд. Сайҳайи асбон ва нафири шутурон гӯши фалакро кар мекард. Вале Искандар пиндорад ин ҳама андак бувад, зеро зӯру тавон барқарор нашуда, равон оҷиз гардад.

«Ай худоён! Пӯзиш ва ниёйиши маро бипазиред!»

Вале чизе аён нашуд шоҳ Искандарро, ғамӣ гашт. Тавони амр надошт, чашмаку мижа зад, то барандаш. Қурбониҳойи вопасин пӯсту пора нагашта ва напухта, ба тахти равон нишонданд ва бурданд ба фароғатгоҳ, шояд оромӣ ёбад ва ба худ ояд.

Чизе напурсид аз касе, чизе нагуфт ба касе. Чунон ки мепечид аз дард танаш, аз андеша меҷӯшид мағзаш. Аммо ситезу амру фармон ва хурӯшу ғалаёни хун нимбисмил буданд; дар хаёлаш бошанд, андар равонаш нимҷон гашта. Ҳолиё хаёлаш ситез дорад, вале ҷисмаш хуфта. Ваҳшонияташ фалаҷ гашта ва касиаш рӯ зада. Аз лавҳи хотир гузарад, ки чӣ гуноҳе карда ва чаро ба чунин рӯз расида? Ҷурме ба ёдаш наомад. Агар хун рехта, ба хотири некӣ рехта, агар мулкеро хароб карда, ба хотири ободонӣ хароб карда; агар зар ҷуста, баройи хазинайи Мақдуниё ҷуста; агар гуноҳе карда, аз баҳри мақдуниён карда... «Худоён, бубахшед маро! Агар касеро ҳукми қатл гуфтам, кайфари амалаш буд!»

Зӯраш набардошт ғалаёни андешаҳойи ғамбор ва хотироти нангинро, ҳарчанд ки пора-пора, андак-андак ва печ дар печ буданд. Боз арақ пахш кард танашро. Пизишк ва ҳакимон натавонанд

кӯмаке кардан ва ё бархе нахоҳанд, ки шоҳ Искандар зи нав гом бардорад бар арзу тӯл.

Чу шири дамида, ки аз тораш оби сард рехта бошанд, фурӯ монду ором шуд. Ғунуд андаке. Шомгоҳ ба худ омад. Ва яқин кард, ки ҳалоҳил нахӯрондаанд, балки дарди гузаро часпида. Аммо сӯзад андарунаш. Даҳонаш хушк гардад ва талхиеро эҳсос кунад рӯйи забони бенам. Нофор. Нофортар аз тамузи тобистон, ки андар биёбони беоб касро ба танг орад. Лаби об – ҳавойи баҳр мехост дилаш. Бусефал зинда бошад, ки савор шавад ва асби рамузфаҳм рост барад канори рӯд.

Сипаҳбадон, солорони дарёгард ва солорони сипоҳро он шом фаро хонд. Ройсозӣ карданд. Чу ба Неарх бештар бовар дошт, пеш хонд:

«Неарх, ту огоҳ ҳастӣ аз нақшаҳо; рӯзи чаҳорум сипоҳ бояд ба баҳр барояд ва рӯзи панҷум флот. Ҳамин тавр?»

«Ҳамин тавр, шоҳ! Халиҷи Порс, баҳри Араб ва дарёйи Сурх... Бояд гирди гетӣ бигардем...»

«...Лекин ту набояд маро фаромӯш бикунӣ, Неарх!»

Неарх ҳайрон монд, ғамбода гулӯяшро панҷа зад. «Хуб!» нагуфт, ки нотавонийи шоҳро тасдиқ мекард ва шояд ӯро сахт мерасид. Пеш омад Неарх, зону зад назди бистари ӯ ва чунон ки салому одоби шарқиро Искандар ба ҳама мағрибиён омӯзониданӣ буд, бӯсид дастони ӯро.

Искандар даст бар дӯши дӯсти бовафояш ниҳод ба сипосгузорӣ, пасон мижа ба ҳам таҳ кард ва ишора, то Неарх ба пой шавад. Неарх бархост, ҳолиё сараш хам буд.

«Магар умед аз ҳаёт канда?»

Оҳиста ва хеле рамзомез нигарист ба шоҳ. Шоҳе ки ҳама медонистанду ӯ низ донад, вуҷуд надорад, балки як ҷавони заҳирранги нотавон андар бистари маризӣ аз «домана»[1] абгор гашта бошад.

«Маро ба соҳили Фурот баред!»

Бурдандаш. Дар бӯстонсаройи канори рӯди Фурот, ки Бобулро бурида ба халиҷи Порс мерехт, ҷой карданд. Бӯстонсарой бо кӯшишу роҳбарийи Гарпали хазинадор хеле обод гашта буд. Барҳаво, форам ва дилкушо буд. Ҳавойи форам расид ба димоғаш ва шоҳ худро лаҳзае дигаргуна эҳсос кард.

Филиппи пизишк ё аз тарс ва ё аз нодонӣ собит гардонд, ки дарди шоҳ ҷуз табларза чизе набувад. Тахминҳойи мардум ноҷову носавоб бувад; зеро ӯ надида ва нашунида ва касе надонад, ки

1. «Домана» – касалийи дерёз, ки касро хаставу нотавон гардонад ва оқибат бибарад.

заҳр чунин кора кунад: оҳиста, муттасил ва ба тадриҷ. Донад, ки заҳр зудгир бувад ва ҷом аз даст нагузошта кора кунад. Магар позаҳр хӯрда бошад.

Ё ҳавойи тоза ва ё гиёҳҳойи монанд ба позаҳр кӯмакаш карданд магар, ки шоҳро чашм равшан ва ҳуш бар ҷо шуд. Нерӯе пайдо гашт, ки они худшиносӣ то ба ҳол ҳама рӯйдодҳоро пеши назар овард. Ва он ҳама тартумартҳо, тохтҳо, куштору сӯхтору рабуданҳо ва ба авҷи дунёдорӣ қиём кардан; ниҳоят, то ба худойӣ расидан пеши маризӣ ва марг ҳеҷ аст...

...Ва аммо якбора манзара дигар шуд: жола борид аз осмон. Бузургу пуршасту тез, ки дар они воҳид ҳамаро «Оби Азов» гирифт, вале ташнагийи Искандарро рафъ карда натавонист. Донаҳойи жола монанд ба барф на, балки зуғолро монад; сиёҳ, бадранг; лошахӯронро ба ёд орад. Воқеан, лошахӯрон буданд, ки чун жола аз осмон бе пару бол лӯб-лӯнда фурӯ меомаданд ва ба замин бархӯрда об мегаштанд. Ҳайратовар. Аз рӯзе ки Искандар ба куштан оғозида буд, мурғони баднаморо медид. Аммо на чунин. Онҳо пару бол доштанд ва аз осмон бо болу пар фурӯ меомаданд. Ҳолиё чун сангчайи сиёҳ ба андозайи жола ба замин мезананд. Намиранд он мурғон, садо надиҳанд, ба замин бархӯрда ба кирдори ҳаппак боло нашаванд, балки зуб гарданд. Бар замин як пардайи қиргун доман густарад ва оҳиста-оҳиста фаро гирад оламро...

«Модарам, Олимпиада! Чаро зойидӣ маро?!»

Касе гумон надошт, шоҳ Искандари писари худо ва ё Худоттарош ба чунин рӯз расад. Бавижа худи ӯ чашмдор набуд чунин лаҳзаро. Аз осмон мор бориданро дида буд, аммо надида буд, ки мурғони баднияти зиштсурат мурда оянд аз само.

«Модарам, Олимпиада! Чаро ятим кардӣ маро!? Ҳама бепадарон зуд падар шудан хоҳанд, модар! Ва онҳоро ҳадду сад набувад... Мани бепадар пинҳонӣ аз ту ятимиамро ниҳон дошта худоёнро падар хондам, суде накард. Модар, худоён ҷойи падарро нагиранд. Падар бузургтарин худованд бувад. Ту бояд ин чизро ба ман мефаҳмонидӣ. Баракс маро бепадар кардӣ, падарбадбиниро омӯхтӣ... Ва ман туро дӯст доштам, модар, ки марди мардон ҳастӣ, бояд ки туро зарнигор гардонам. Афсӯс... сад афсӯс! Гумон накун, ки фаромӯшат кардам. На... Ёди ту дар ҳар ҷабҳа маро пирӯз мегардонд. Мешуд, ки ба навиштан вақт намеёфтам. Ба касе фармоям, хуб набуд. Зеро ӯ дили маро навишта наметавонист, дигар ин ки хати маро ту шиносӣ ва аз он нома бӯйи ман наояд. Парешон гардӣ, ки бо ман коре шуда. Оҳ модар, агар донӣ, ки писарат...»

Якбора сар бардошт Искандар ва фарёд зад:

«Қаламу коғаз биоваред!»

Пушаймон шуд, ки чаро аз аввал нанавишт. Ҳоло андешаҳояш рафтанд аз ёд. Парешон, ғализ ва мағшушанд. Чун мадор дур шаванд, боз андак-андак оянд чун офтобборон ва боз абри тира пеши назар ояд, нагузорад чизеро дидан. Вале ӯ миёни ин ҳама дидан хоҳад модарро. Як назар ба чашмаш намуд, ки хубтар ва зеботар аз Олимпиада зане набувад андар ҷаҳон, ҳарчанд хубони порсӣ ақлу ҳушаш рабуда буданд. Ҳолиё нестанд пешаш ва ӯро мардон иҳота кардаанд. Филипп мардонро низ ронад.

Омад боз андаруни мардумаки чашмаш модар:

«Александр, ман гуфта будам ҳама пешомадро, чаро гӯш надодӣ?»

Искандар безобита шуд. Майли хестан кард:

«Қаламу коғаз биоваред!»

— Марҳамат шоҳи ҷаҳон, қаламу коғаз...

Дастонаш ларзон, қаламу коғаз низ ларзон ва сари ӯ низ...

«Коллисфен! Коллисфен!... Бинавис!...»

Касе чизе гуфта натавонад, ки Коллисфен мурда бо амри шоҳ.

«Бинавис!...»

Ва ашк ҳалқа зад андар чашмонаш. Симойи зебойи модар монд зери пардайи сиришк. Олимпиада буд азизтарин кас барояш. На гетерҳойи нозанин, на хубону шоҳдухтарони олам, на солорони сипоҳ, на сарбозони зархарид, на ҷӯраҳойи даврони кӯдакӣ, на падару худоён ва на онҳое ки хешро ниҳоят наздик гиранд. Ба қурбонӣ, ба ниёз, ба саҷда беҳ нагардад ҳолаш. Ҳакимону табибон натавонанд аҷалро боздоштан ва банди аҷал кушудан. Як ҷуръа шири сапеди модар нарасад ӯро, то ҳама тафсу заҳри дарунаш рафъ гардонад, дубора равон бахшад. Олимпиадайи сарвқомати гарданфароз, зебо бо он ҳама мардхӯйӣ, ғазаб ва дуруштӣ маъво гирифта андар ойинайи дили писар...

«Навиштӣ? Бинавис!

Ай шарифайи шарифаҳо!

Чун ин нома хонӣ, ба ҳар дари ҳамватанон ҳалқа бикӯб. Агар хонадоне бе мусибат, диле бедоғ дарёфтӣ, бигирӣ! Агар на, ба марги писари раҳдур гиристан савоб набувад...»

Даст ёзида рӯйи коғаз гузошт. Ҷуз ёду симойи модар чизе набуд дар ёду пеши назари ӯ. Модар хуш карда буд Арастуйи бузургро ба устодийи ӯ. Вақте ки Искандар аз пайи падар рафт ва шамшери ӯро ҳунар донист, хуш наомад Олимпиадаро. Димоғаш сӯхт. Ва ҳамон зайл аз ҳам ҷудо гаштанд гоҳи ба ҷанги Порс рафтани писар. Ҳолиё дар чунин вазъу ҳолат пушаймон, ки модарро ранҷонида буд ва подошаш равшан... Ҳанӯз ҳам андешайи модарро дар ҳаққи Антипатр кина донад. Ноогоҳ аз рафтору кирдори гумошта ва се

писари ҷосусу бадхоҳи шоҳ... Андаке дарёфта, ки ҷуз модар ғамхоре нахоҳад буд фарзандро. Ранҷидатарин модар бадтарин, ҳатто разилтарин фарзандро низ дӯст дорад ва ба марги ӯ бигиряд.

Инак Искандар ба қадри ин офаридгор расиданист; надонад, ки дер шуда. Дарёфта, ки ба қадри модархудойи хеш расидагӣ накард. Аз ҷониби модар худоён ғазаб карда ба ӯ ва нотавон аст шоҳи оламгир. Шоҳ низ нигоштанист андар нома: «Олам даргузар бувад ва бебақо, моли ҷаҳон судманд набувад; ҷанг – кори сагон, зулм – нопойдор, ситезу хунрезӣ ғазаби худоёнро орад...» Худдорӣ кунад, ки модар ба таълимоти Арасту рӯй овардани писарро таъна назанад...

«Бинавис!

Ай модари азизу беназир!

Оламгирӣ пеши шамшери тез ва бераҳмӣ чизе набувад, вале бақойи он нопойдор. Касе ҷаҳон гирифта натавонад ҷовидона, аммо ҷаҳон гирад ҳамаро ҷудогона...»

Чашмонаш пӯшида шуданд. Коллисфени хунинкафан андар гавҳараки чашмонаш миёни мижгон монд, ки авроқи сӯхтаву фурӯзон ба банди сина пахш мекард. Баҳри Сурх тобад пеши назараш, ки Офтоб сӯзад андаруни он. Дигар чизе натобад андар каронаҳойи олами пуроб. Танҳо сафинаҳо чун мурғобиёни бебол рӯйи ойинайи минӯийи яхбаста сокиту азодор бозмондаанд, ки олами муҳаррик мурда тобад.

## БАНДИ НӮҲУМ

Чунон ки дарди ҳарина[1] часпида шоҳро, табу тафси танаш ҳар лаҳза дигаргун мешуд ва ҳушу ёдаш ба кирдори ҳавойи тирамоҳон тағйир меёфт. Ин субҳ андаке беҳу болида дарёфт хешро ва фармуд, то касеро наздаш нагузоранд, ҷуз Медий. Медий баробари шунидани талаби шоҳ оне карахт монд, вале амри шоҳ воҷиб, бо ҳазор андешаву хаёл тарсону ларзон омад назди шоҳ. Пиндошт, ки ғазаб кунад шоҳ ва қасд ситонад, зеро бало аз хонайи ӯ часпида буд ба Искандар. Он қадар хавф кашид дилаш, ки наравад, балки рӯй пинҳон кунад. Дар чунин ҳол ӯро пурсидани шоҳ некие надорад. Зеро баъди он ки Неарх Иоллайи маккорро ба думғоза зону зада аз сари хони Медий ронд, ӯ барнагашт. Бародараш Кассандр низ ғайб зад. Касе дараки онҳоро надорад. Акнун Медий хиҷолат кашад, ки шоҳ чизеро пай бурда ва ё бо ройсозийи Неарх аз онҳо гумонбар шуда, ӯро ба истинтоқу шоҳидӣ талаб кардааст. Инак навбати ӯ расида.

1. Ҳарина – ҳарона; ҳар он тағйирёбанда.

Медий пеш аз он ки ба хидмати шоҳ расад, Иоллайро ҷӯё шуд, дар ҷое пайдо накард. Парешон шуд ва хавф кашид, ки ӯ коре карда бо шоҳ, вале то ба охир нарасонида, Неархи зирак огоҳ гашта рондаш ва тарафгириаш Иоллайро беҳуда будааст.

Ӯ ворид гашт рангпарида назди шоҳ Искандар. Чашмдор буд, ин бор писари худо ба бозӣ ва ё сӯҳбат нахонад, балки ҷазояш диҳад; ё ҳукми куш барорад ва ё ба дасти ҷаллод супорад.

Ба рағми андешаҳойи ноумедиаш Искандари лоғару нотавон ӯро хуш пазируфт. Медий нишаст назди тахти шоҳӣ. Ва садойи задани дилаш аз курсийи зери рони Искандар меомад, ки баъди беморӣ нав бар маснади оҷ нишаста буд. Медий дилсӯзона нигарист ба шоҳи ҷаъдмӯйи ростбинийи обичашм. Таровати рӯйи ӯ парида, биниаш теғ кашида, зери пӯсташ коҳида, зардобранг гашта буд. «Ба чӣ кор маро хонда бошад? Баройи васият? Баройи қасос? Ё...»

«Чаро ҳаросонӣ, Медий?»

Медий медонист, ки шоҳ албатта пурсон мешавад, аммо намедонист, ки чунин суол пеш меояд. «Шояд саромади сухан бошад?» аз дил гузаронд ва посух дод:

«Танҳо ман ҳаросону ҳайрон наям, шоҳ, тамоми дӯстон, мақдуниён, юнониҳо ва ононе ки бо шоҳи ҷаҳон унс гирифтаанд, ҳайратзада ҳастанд, ки чӣ шуда бо шоҳ».

Искандар ҳарчанд дарёфт муроди ӯро, гӯлпурсӣ кард:

«Чаро?»

«Кадом раият хоҳад, ки шоҳи одилу фарзонааш нотоб бошад?»

Искандар пай бурд, ки Медий хушомад занад. Зери ҳарфаш чизе лағжон бувад, чунон ки ҳаракати чашмонаш, нигоҳаш.

«На, ман нотоб наям, Медий. Ман худозада ҳастам. Худоён маро ба чунин ҳол оварданд.»

Медий чизи дигар чашмдор буд аз шоҳ; пиндораш ба ӯ зимоми зиндагонӣ бахшад; васият кунад, ки мӯҳри давлатдорӣ бипазирад, аммо ӯ дар чунин ҳолат киноя занад ба назар. Дар асл кӯдаквор нигарони дасти ёрист. Тан дода ба тақдир. Ӯ хешро боақл ва пиртар аз пирон медонист ва тавонотар аз пилон ва чобуктар аз шеру паланг, пурғазабтар аз хирс. Медий ёд дорад, ки дар доманайи дижи кӯҳийи Ориёмаз[1] баройи «Чун бол надорӣ, ин ҷо баромада натавонӣ!» гуфтани суғдиён чӣ хашм гирифта буд. Ҳолиё тан дода ба қисмат, ситезе надорад, шӯру шарараш хуфта, ғалаёни хунаш фурӯ нишаста, ҳатто ёд накунад аз зиёфати хонайи ӯ, аз он меҳмони аз Неархи дарёгард зонухӯрда.

1. Ғори Суғд.

«Медий!...»

«Бале, шоҳ!»

«Огоҳ будӣ, ки аз Гефестион рози ниҳон ва сирри пӯшида надоштам?»

«Оре, шоҳ!»

«Ҳатто номаҳойи пӯшидайи модарро, ки асрори давлатдорӣ дошт, ба ӯ хондаам, ба ту низ... Инак номайи ман ба модари диловару шуҷоъ... Агар... агар кору ҳоле шуд бо ман... ин номаро фаврӣ... фаврӣ бифирист ба ӯ...»

«Ай Искандар! Чӣ ҳарфест, ки гӯйӣ? Аз худовандон умед дорем, то моро ноумед накунад. Агар худоён чунин осон ва ҷавонмарг ҷон мегиранд, моро набояд сахтҷон меофариданд.

«Чунон офариданд, чунин гиранд... Имкон дошт, ки оламро зеру забар кунем... Вале дастамон нарасид ба гиребони худоён...»

Медий чизе нагуфт. Балки андешид: «писари худо домангир аз падарони хеш бувад. Ифтихор дошт, ки писари худост, пушаймон бувад, ки падари хеш бадном карда.» Ӯ борҳо нӯги забон меорад, то аз шоҳ пурсад: «ҳанӯз ҳам дарунаш сӯзад?», балки лаб накушояд, забон газад, то таҳткобӣ нашавад аз ҷониби шоҳ. Дарду ғазаби хуфтаро хурӯҷ додан хуб набувад. Медий надида, ки Иоллай чӣ кард бо шоҳ, чӣ омехт ба шароби ӯ, чӣ рехт андар ҷоми зарин; аз гуфтаву ройсозиҳойи пешакийи он чошнигари шоҳ дилаш раг занад. Вале рӯҳ гирифтану болидани шоҳро дида ба бозӣ хонадаш:

«Мӯҳрабозӣ мекунем!»[1]

Искандар пазируфт хоҳиши Медийро. Тамоми рӯз бозӣ карданду сӯҳбат. Пазиройӣ ва ройсозийи солорони сипоҳро ба фардо гузошт. Шоҳи мақдунӣ умед дошт, ки дардаш вопасин набуда, чун ҳамеша беҳӣ хоҳад ёфт ва боз амру фармон кунад сипоҳу сипаҳбадонро.

Чун Медий аз назди ӯ дилпур рафт, ки шоҳ гумони бад надорад мар ӯро, баъди шом боз хурӯҷ кард дарди шоҳ. Битафсид, биларзид, зери обу арақ монд. Неарх даъво кард, ки ҳар бори омадану рафтани Медий дарди шоҳ хурӯҷ мекунад. Вале табибон дар як мӯлчар[2] авҷ гирифтани дарди ӯро табларза донистанд.

Дард авҷ гирад, хурӯҷ кунад ва оҳиста фурӯ нишинад, ором гардад ва сард шавад. Муддати зиёд нагузашта боз хурӯҷ кунад. Ба гуфти табибон «табларзайи вазнин».[3] Дард кашаду азоб ва паҳлӯ

1. Бозие монанд ба шатранҷ.
2. Мӯлчар – вақти муайян.
3. Malaria tropica.

гардад дар бистари тар. Бадал кунанд рӯкаши бистари ӯ ва аммо бо илоҷе, бо коре, ба табобате, бо чизе беҳ нагардад шоҳ...

Искандари рӯйинтану қавирӯҳ дарёфт, ки саҳл набувад набарди навбатийи ӯ: муборизайи ҳаёту мамот. Ӯ бисёр душманони рӯ ба рӯро илоҷ ёфт; хасмони ҷудогонаро ҳисоб баробар кард; адӯвон мӯр буданд наздаш, вале ночору ноилоҷ бувад пеши марг.

Валекин тан нахоҳад дод писари худо аҷалро. Зеро умедвор аст, ки худоён дастгираш шаванд. Агар худое ғазаб карда бошад, худоёни дигар мададгор хоҳанд буд. Ва шояд гарди набард хезад миёни эшон аз баройи писар.

Имшаб тамоми шаб Искандар ҷанг кард бо марг. На гурзу кӯпол дошту на дашнаву шамшер, на тиру камон. Тани арақшори ӯ сипари тири аҷал буд ва ӯ наметавонист коре бикунад. Имон дошт ба зӯри худовандийи хеш; мададгор медонист худоёнро. Умеде низ дошт, ки бархезад аз бистари марг; барояд ба баҳри беканор, хубтар бинад олами кушоду равшанро. Аммо танро вазнин ва даступоро фалаҷ дарёбад.

Даҳон кушояд чу моҳийи аз об бурун афтода. Ҳавойи тозайи канори рӯд кофӣ набувад шоҳи дарёдаркашро. Гӯйӣ гиреҳи сангӣ пайдо шуда андар гулӯяш, нагузорад ҳаво ба шуш равад. Даҳон кушояд фарохтар. Вале надонанд ва эҳсос накунанд дарди ӯро ва пиндоранд ҳама моли дунё, зару зевари хазинаҳо фурӯ набурда монд, шоҳ дилкашолӣ дорад. Ғал гардад. Афшурад тани хешро, то дард бадар шавад, аҷал дур равад. Валекин зӯру тавонаш нарасад ба рақиби пурзӯру тавоно...

Балки хандад насносе[1] ба ӯ. Сараш сари лошахӯри баднаморо монад, ҳайаташ даррандаро, дандонҳояш дандони одамиро: дароз, испед... Аз баландӣ ғалмағали лошахӯрон ояд, оворо монад ва дар зераш нафире ҳаст, ки то имрӯз шоҳ нашнида. Монанд ба шеване, ки гоҳи марги фарзанд модар сари ҷанозайи ӯ гӯя кунад. Шоҳ паҳлӯ гардад, то дур шавад садо. Гӯйӣ андар мағзи ӯст наво. Тан оғушта ба обу арақ. Ӯ дарку эҳсос накунад, ки чӣ ғашовар аст. Беқарорӣ дорад. Майли хестан кунад. Дареғ, ки итоат накунад тан ва дасту пой ройро:

«Худойгоно! Фардо беҳтарин қурбониҳоро ба ёди ту нисор кунам!»

Қарор дод худ ба худ, аммо посухе шунид, ки ҳеҷ гоҳ нашунида буд:

«Ё Искандар! Моли кас қурбонӣ нашавад! Қурбонӣ аз парвардайи хеш кунанд! На аз моли рабуда!... Ё Искандар! Агар ба роҳи

1. Наснос – одамҳайвон, асбодам.

Худо қурбонӣ карданӣ ҳастӣ, беҳтар аз худат қурбоние нахоҳад буд!»

Карахт шуд шоҳ рӯйи бистар. Бистарашро тартар кард. Чашми боз сӯйи сақф дӯхт. Мижа таҳ намекард. Ҳаракате надошт. Нафасгириаш равшан набуд, гӯйӣ мурда... Маънийи қатлу ғорату сӯхтану пухтани сездаҳсоларо хаёле дарёфт, ки барбеҳуда буда ҳама. На танҳо мардум, балки фариштагон низ «бале» нагуфтанд. Ин ваҳй, ин огаҳӣ аз кучо ва кадом самт буд, надонист. Пиндораш коҳинони дурӯғгӯйи маъбади Сиваю Бобул ҳолиё чунин фармуданд, ки замоне ба писари худо будани ӯ ваҳй оварда буданд аз номи худойи Аммон.

Шах сахт бувад, садойи касро айнан баргардонад. Шах сахт бувад, путк занӣ, бозпас тела диҳад. Искандар ҳанӯз ҳам дарку фаҳм накарда ин чизро. Огоҳ набувад аз ҳафттуйи Осмону Замин; пиндораш ҳамин сақфи пасти назарфиреб ва он гунбади минӯйӣ болопӯши ӯст, ки эмин дорад аз ҳар бурду бало. Фаромӯш гашта таълимоти «накӯкорӣ»-йи Арасту. Искандар гоҳ-гоҳ аз рӯйи омӯхтайи устоз некӯйӣ карданӣ мешуд; он кор на чунон ки Арасту фармуда буд, балки ба хотири худфурӯзӣ ва худнамойӣ мешуд ва андак рафтори нохуб ва ночавонмардона рӯйи он ҳама некиҳо бо пардайи сиёҳ мепӯшид.

Ҳолиё ҳайратзада аст шоҳи Мақдунӣ, ки дунё ҳама ҳеч. Чашм дӯхта ба боло, ки яли ялон ва саркашу худрой ба чунин зудӣ мутеъ гашта ба андак беморӣ, ки насиби муфлисон, гуруснагон, кӯдакони бепарастору бебизоат бувад. Абарқудрат медонист хешро. Ба пури худо будан иктифо накарда, хешро худо хонд, вале очиз пеши дарде, ки ҳаргиз шоҳону дороёнро начаспида. Шояд ин дард он дард набошад. Агар дар корзор мурда буд, ғаму аламе надошт, вале чунин ҳақир, нотавон ва ночиз гузаштан аз дунё шоҳеро чу Искандари Мақдунӣ ҳузнангез бувад ва аламовар.

Чашмони шоҳ Искандар зайле ки дида бар Осмон дошт, пӯшида шуданд. Чаҳон туйи чашмонаш фурӯ монд. Дидаву кардаҳойи сивусесолааш низ... Ва чашми рӯз накафида кушода шуданд чашмонаш, ки дунё тор асту зулмонӣ, гӯйӣ фано пазируфта олам. «Дигар маъние надорад зиндагӣ.» Аз дил гузаронд шоҳ.

Вале чун андаке болида дарёфт хешро, дасту пой чунбонд, хешро бо зӯру мадор дарёфта, майли хестан кард. Ӯро рухсат надод ҳаким. Шоҳ наъра зад: «Дунё пурра дар тасарруфи мо нест! Бояд шустушӯ кунам! Қурбониҳо созам ба роҳи худоён! Дунё ба умед!!!»

Ҳукми подшоҳ воҷиб – чунон кард, ки мехост. Вале кароҳат дошт дилаш, ки на моли хешро, балки моли касонро қурбонӣ кард. Оё худоён бипазиранд?

Оне хештанро осуда ва болида дарёфт ва Неархи дарёгардро хонд:

— Омода ҳастӣ, Неарх?

— Оре, шоҳ!

— Боз се рӯз омодагӣ бигир. Флот бояд ба баҳр барояд.

— Шоҳ чӣ ҳол доранд?

— Беҳӣ бинам... худоён мадад кунанд... Ман низ ба баҳр бароям...

Ва аммо ба баҳр набаромад шоҳ. Гоҳе ки солиму баҳуш буд, ба ҳама чиз сарфаҳм мерафт; хомӯшийи пеш аз тӯфонро медонист, лекин «хонаравшанкунӣ» гуфтанӣ ҳарфро нашунида буд. Нерӯйи вопасини ӯ ба ҳамин мазмун рост меомад. Ва шоҳ ҳанӯз умеди ҷаҳонгирӣ дошт:

— Фардо сафинаҳо рӯйи баҳр барорӣ, Неарх. Ҳамин тавр?

— Оре, шоҳ! Фардо киштиҳойи сипоҳиён, пасфардо киштиҳойи мо...

— Киштиҳойи мо... ҳммм... Чунин умед дорӣ, Неарх?

— Аз падархудоёни шоҳ Искандар чунин умед дорам...

Искандар хомӯш монд. Сар андохт. Орому сокит истод.

Неарх пиндошт, ки боз гирифт дарди шоҳ. Дасту по хӯрд ва чӣ кор кардану чӣ гуфтанро надонист.

— Паси дар кист?

— Ҳама дар паси даранд, шоҳ; чӣ солорони сипоҳу чӣ худи сипоҳ ва табору хидматгузорону канизакон...

— Геракл низ?

— Оре шоҳ, ҳама.

— Ба чӣ кор омадаанд?

— Нигаронанд, то шоҳ бапо шаванд ва ҳама сӯйи Мақдуниё роҳ паймоянд.

— Оҳҳҳ... Чӣ мушкил бувад...

— На, шоҳ... Зиёда аз ҳазор сафина омода гашта...

— Шояд бардаҳоро, асиронро, занону духтарони порсиву суғдиву бохтарӣ ва ҳиндиву бобулиро раҳо кунем... то сабук гардад сафарамон?

— Рой шоҳро... Ҳамин қадар равшан аст, ки ҳазор киштӣ кам бувад...

— Неарх... Агар раҳояшон кунем, ба Мақдуниё чӣ барем?

— Сару тани дурусти шоҳи мақдуниро.

—... Ин қадар гарм аст ин ҳаво?... Ин рӯд нафаси серун ҳам надорад.

— Бисту ҳафтуми десия[1] шоҳ. Гармтарин фасли сол.

1. 12 июн.

— Ин қадар дарозанд ин рӯзҳо?

— Чиҳил рӯзи дигар...

— Ман чиҳил рӯз ҳам умр надидам, Неарх. Сивусе рӯзи кӯтоҳи даймоҳ.

— ...

Табибу ҳакимон ҳама дармону даво ба кор бурданд, табларзайи шоҳ Искандар басанда нашуд. Маротибайи саввум дарду тафс ларзонд ӯро чу барги бед. Дандонҳойи шоҳ ба ҳам бархӯрданд, ки лаҳзае пеш «чӣ гарм аст канори рӯд?» мегуфт. Сармо хӯрд. Рӯпӯши гарму гаронвазн ва ё гармоба мехост. «Неарх, бишин тори зонуҳоям!» Ларзиши пойҳо боздоштан хоста фармуд шоҳ. Неарх бинишаст рӯйи пойҳояш, вазн андохт. Пойҳояш вазнро бардошта натавониста аз ларза бозмонд, вале манаҳаш қарор надошт. Дандонҳо мисли сангчаҳойи ба ҳам бархӯрда садо мебароварданд.

«Ба... ба гармоба...»

Садойи паст ва ларзони шохро шуниданд, бурданд ба гармоба. Ором гирифт андаке. Фармуд, то қурбонӣ кунанд. Қурбонӣ карданд. Чун танаш гарм шуд, бозоварданд ба шабистон. Озода, осуда ва ором метофт. Дар асл ғалаёни андешаҳо осуда намегузошташ. Дарёфт, ки каммадор, хотирааш суст гашта, гузаштаро ёд оварда натавонад. Балки он қадар аъҷубаҳо андар мағз ва пеши назараш тобанд, ки дар умраш надида буд: зараҳо пайдо шуданд, ҳубобчаҳойи ранга сайр доштанд андар фазойи сохтааш. Дар ҳавойи хосайи ӯ устухонҳойи ковок ва чу сангҳойи бодхӯрда мағоку жарфакҳо дошта; ҳамчун хонайи занбӯри асал сӯрох-сӯрох парвоз карда дар шифту шибдори кӯшки тобистонайи шоҳона мечаспиданд ба кирдори кӯршапарак. Косахонайи сар, дандонҳойи ёзидайи ваҳмангез, искилети одамӣ, мурдаҳойи талу пушта гашта, ҷасади чашмкофтайи Доройи Саввум, мурдайи муслагаштайи Бесуси Бохтарӣ, сари хандони Спитамони Суғдӣ, сари паридайи коҳин, сари синайи хуншори Клит, тани ба пордуми шутур ваззабастайи Коллисфени таърихнигор... ва бисёр чизҳойи даҳшатбору тарсовар аз пеши чашмаш мегузаштанд... Шоҳ натавонист ҳамаро бори дигар аз пеши чашмаш гузаронад. Дарду тафс мегузаронд ин чизҳоро.

Вале чаро як назар симойи номатлуби Антипатр гузашт пеши назараш ва Иоллай бо Медий абрӯпаррону чашмакзанон ва хандон видоъ карда, андар фазойи кӯшк парвоз кард ва чун кӯршапарак бо пойҳояш бар шифт часпида хешро овезон медошт, то Искандарро бо бистару болинаш бардорад. Аз ин махлуқи шиноси ношиноси бадранг, ки дар торикийи сақф маскан гузидааст, Искандарро ғаш омад ва зӯр мезад, то ғарора кунад. Аммо шиками гурусна ва тиҳийи ӯ чизеро бурун наовард. Танҳо шоҳ бинад ин насноси

бозигарро. Дастони ӯ чун болҳойи пардадори шабпар меёзанд ва то сари болини шоҳ меоянд. Искандар фарёд мезанад, дигарон онро дида наметавонанд.

«Тир! Шамшер!»

Низ даст меёзад шоҳ ва мебинад, ки дастонаш кушода нашуда, балки мисли дастони тифли навзод ба танаш мечаспад. Ӯро тиру шамшер намедиҳанд, ки васвос шуда, пасон садо базӯр барорад чашм ба шибдор:

«Бикушед онро! Он ҷонвари баднаморо!.. Писари Антипатр – Иоллайро!»

Нигаранд ҳама ба шибдор, вале чизеро набинанд. Ҳайрон: «Мағзи шоҳ коста.»

Мағзи сари шоҳ Искандар холӣ тобад. Бод гардон андарунаш ва ҳар нағма садо диҳад. Як тори таранг низ рост бурида гузарад мағзро ва якнавохт ово диҳад; садойи зилларо монад. Шоҳ яқин кард, ки ҳамин садойи тезу бурранда хӯрда мағзи ӯро. Ба гумонаш ҳамон зиллайи болҳояш сахти аз зоти хармагас, ки сарбозон аз баройи овозаш сари роҳ баъзан рӯйи даст гирифта аз куҷо садо додани онро донистанӣ мешуданд, мағзи ӯро макида ва хушк гардонида, ки ҳеҷ чиз дар ёдаш нест.

Се занро оварданд тори сараш. Вале Барзин пайдо нест. Писараш Геракл низ. Искандар васият накард, ки умед бар зиндагӣ дошт. Балки наъра кашид:

«Ҳама чиз аз рӯйи нақша бояд сурат гирад!»

«Ҳамин тавр Шоҳ!»

Пеш омад Неарх, шоҳ Искандар ӯро нашинохт.

Чашм дӯхта бар сақф, ки Иоллай частида буд он ҷо. Ва ҳоло як шабпари хушкидаро медид, ки мех карда бошанд: ноҷунбон, пӯсти холӣ монда. Даст расонӣ, резад.

«Маро ба диж бубаред!»

Боз сабукрӯҳ аз хоб бедор гашта фармуд шоҳ. Ба ҳарам оварданд. Нишонданд бар тахти оҷ. Шоҳ шакарханда кард. Ва касе пай набурд, ки чунин хандайи сабуки шоҳ чӣ маънӣ дорад. Муаммо монд чун рози нуҳуфта. Амр кард:

«Гирд оянд сипаҳбадон!»

Шояд вопасин амри шоҳ буд. Ё хонаравшанкунийи ӯ, ки баъди гирду ғун омадани солорони сипоҳ як-як нигарист ба эшон, вале якеро ном нагирифт ва нашинохт.

Протей – вазири дасти рости шоҳ аз сари болини ӯ намеҷунбид. Неарх аз паси маснад даст ёзида шоҳро медошт, то наафтад. Медий пеши пояш менишаст ва Биталомусу чанде дигар паҳлӯйи ҳамдигар буданд ва ҳар кадом нияте доштанд ва умеде. Касе ба

касе нигоҳ намекард ва коре надошт. Ҳама дида ба ранги заъфаронийи шоҳ дӯхта буданд.

Искандар чизе гуфтанӣ буд эшонро. Вале нотавонийи хешро дарёфта, фурӯ рафт андар тахти шоҳӣ. Якбора боло шуданд «дӯстон» аз фурӯ рафтани шоҳ.

Табларзайи шоҳ суст ва бартараф шуд. Ба сурфа гузашт нафаси тангаш. Сурфа зӯртар буд аз мадораш. Сурфид-сурфиду хун партофт. Атрофиён умед канданд аз шоҳ. Умед танҳо аз худоён буд.

«Доред!»

Базӯр баромад овозаш:

«Кӯҳи Олимп... Олимп фурӯ...»

Дастонашро бардошт, ки чизеро боздорад. Аммо якбора ду даст афтид. Чунон ки бори гарони кӯҳи Олимпро дошта натавониста бошад. Ӯ дид, ки чун оҳиста-оҳиста фурӯ хамид Олимп ва бо хок ҳамсон шуд. Оташи қуллайи он, ки гӯё ҷасади оташгирифтайи Геракли қаҳрамон ҳанӯз месӯхт, хомӯш мегардад ва оламро зулмот мепӯшад. Чашм мепӯшаду мекушояд. На Кӯҳи Олимп, на ҷасади фурӯзони Геракл, на оташ. Гӯйӣ дунё набувад, гӯйӣ одам набувад. Чизе вуҷуд надорад ҷуз фазойи сокит.

Беҷо шуд дарунаш; сари меъдааш. Сурфа оромаш надиҳад. Аз кунҷи лабаш хун шорид. Ғарора карданист, зӯр надорад. Ҳамин қадар дарёбад, ки рӯз оҳиста-оҳиста бадал ба шом гардад. Аз гӯшайи олам зулмот пеш ояд ва пӯшад рӯйи заминро.

Бардоранд ӯро, сари дил доранд. Хун туф кунад ӯ. Бадтарин дарди бедаво. Хобонанд. Чизе гуфта натавонанд. Роғ рафтани чашмонаш касеро ҷӯяд. Ҳамхуне надорад. Шояд Гераклро ҷӯяд. Аммо ӯ ҳамроҳи модараш Барзин дар паси сипаҳсолорҳо.

Рахшонро шинохт. Даст ёзид. Рахшон дар пояйи тахти ӯ нишаст ва дасти шоҳро молид. Шоҳ Искандар базӯр нафас баровард:

«Ис... Ис-кан-да-р-ри...» дигар ҳарф гуфта натавонист ва се ангушт боло бардошт.

«Искандари Саввум ном гузорам писаратро?»

Шоҳ мижа ба ҳам таҳ кард.

«Искандар! Намууур!!!»

Фарёд зад Рахшон, ки ғарибу бекасу бекӯй монд. Падар баъди ҷанги ҳиндувон ба Суғд баргашта буд. Бародараш андар сипоҳи шоҳ, шояд ӯро баргардонида ба Суғд барад. Палонҷҳойи дигар ово карданд. Мӯя ва гӯяйи эшон асаре надошт ба гӯши шоҳ Искандар.

Шоҳ нигини шоҳӣ меҷуст пӯшидачашм, аммо ангушти нигиндорро пайдо карда наметавонист. Протей аз ин ҳол пай бурда,

дасти рости шоҳро ба ангуштарийи шоҳӣ расонд. Шоҳ натавонист ангуштарӣ аз ангушт бикашад. Протей кӯмак кард.

Искандар аз бемадорӣ ва аз дил нашудан дергоҳ ангуштарӣ дар мушт дошт. Ё аз ёдаш рафта буд ва шахси муносибро пайдо накарда, то бисупорад. Мазмун, намехост бидиҳад ё бахшад касеро.

Даст ёзид паси пушт ва аз хонайи тахт чизеро ҷуст. Вале наметавонист. Боз Протей кӯмак кард. Мӯҳри шоҳӣ баровард. Баъзе бад-бад нигаристанд ба Протей ва сурфида наздиктар ба шоҳ омаданд. Искандар чизе гуфтанӣ, наметавонад. Ба имову ишора низ фаҳмонида натавонад. Боз Протей фаҳмонд, ки шоҳро ба бистар бояд хобонд.

«На! Шоҳ фармуда, ки агар мемирад, андар тахт мирад...»

Рад карданд чанде хоҳиши Протейро. Вале Рахшон бархост ва фармуд шоҳро ба бистар гузаронанд. Ҳамчунон шуд.

Шоҳ ҳанӯз мӯҳру нигини шоҳӣ мушт мекард. Магар умедканда гашт, ки даст ёзида мӯҳру нигин ба касе доданӣ шуд. Чанд тан аз наздик нишастагон даст бурданд, Протей пешдастӣ кард. Тири нигоҳҳо ба Протей дӯхта шуданд. Рахшон фармуд:

— Шоҳ Искандар ворис дорад. Инро шумо аз ман хубтар медонед. Геракли аз хуни Искандар рӯйидаро зебанда бувад ин мӯҳру нигину тахту тоҷ.

Ва аммо тири нигоҳҳо омодагийи ҷанги бузургро мемонд. Ва палонҷҳо шарик шуданд ба ҷанг, ки кадомеро чӣ расад. Пушту паноҳдорон садо баландтар мекарданд. Барзин ҳолиё низ писарро дуртар дошта меистод, ки шояд шоҳ Искандар чизе гӯяд.

— Шоҳ Искандар мурдан нахоҳад ва тахту тоҷ касеро раво надонад!

Протей садо баланд кард. Чанде ба шӯр омаданд:

— Агар шоҳ Искандар чунин мехоҳад, мӯҳру нигин ӯро бидеҳ!

Ва мағал шуд, ки анҷоми нек надошт.

Аммо шоҳ Искандар гирифтори дарду ҳоли хеш чизеро намедид ва садоеро намешунид. Танҳо аъҷӯбаҳое андар фазо ӯро андармон доранд. Искилети Бусефали вафодор ашк дар чашмони шоҳ овард, ки касе ёд надорад гиристани ӯро: дар ҳаво мисли моҳийи наҳангон гӯшташро хӯрда шино карда гузашт; аз дунболаш сар ҷудо, қафаса ҷудо, даст ҷудо, пой ҷудо устухонҳойи асб як-як гузаштанд. Пасон фазо тира шуд. Болдорҳойи сиёҳ аз қабили каргас фазоро пӯшонида аз дунболи устухонҳойи паррон омаданд ва як-як бо минқору чангол дошта болотар мешуданд ва аз авҷи фалак сангзорро дид карда устухонҳо раҳо мекарданд. Устухонҳо пуршаст ба сангҳо бархӯрда пора-пора мешуданд ва мурғони

устухонхор аз дунболи устухон сарозер чун санге омада ба сари устухони шикаста нишаста, порайи даркориро пайдо карда рост фурӯ мебурданд. Искандар дид мурғи устухонхораро; сиёҳ, тарғил ва баъзе холи сапед доранд. Инҳо зӯртар аз лошахӯрон будаанд. Ба назари шоҳ намирандаанд...

Вале ҳаракати сипоҳиёни бесилоҳ дур кард сурату симойи ҳама гуна аъҷубаҳоро. Сипаҳсолори беҳушу ноҷунбон сояву суроби сарбозони бовафоро бидид, ки як-як аз назди ӯ мегузаштанд чунон ки аз назди тобути мурда. Сипоҳиёни мақдуниву юнонӣ рӯ ба лашкаркаши бузурги назъи ҷон об дар дида оҳиста, бесадо ва бехалал гом мезаданд...

Бусефали зинда пайдо гашт андар фазо. Бар асараш боз зулмот омад. Мурғони баднамо пеши равшанойиро гирифта даррасиданд ва якбора ба Бусефал дарафтода бардошта баланд бурданд ва ҳар кадом пора-пора пӯсту гӯшт канда, андар нӯлу чангол пароканда мешуданд чунон ки солорони сипоҳу сипоҳиён баъди фавти шоҳ Искандар.

*Январи 1992 – 16 апрели 2002.*

Чун Искандар имрӯз тамоми рӯз маро хоб пахш кард. Хоб дидам, ки чаҳор тан ба кӯҳ баромадем, то ба бӯстонсаройи ИН равем. Роҳгум задем. Дар дасти ман халтайи коғазӣ. Андарунаш гӯшти пухта. Сар-сари кӯҳ хӯрда-хӯрда меравам. Порае ба даҳон бурдам, гандида буд. Дилам ғаш овард. Чаҳор тан боло меомаданд. Мо раҳро гум карда паст мерафтем. Аз роҳамон гашта рӯ ба боло овардем, ки он чаҳор тан пеши роҳамонро гирифтанд. Роҳзанро мемонданд. Ман даруни халта корди дудама дидам. Нафаре бо ман дастӣ вохӯрӣ карда гузашт. Назди ҳамроҳи аз пас омада рафт, ки ӯ гардан шах дошта вохӯрдӣ накард. Донистам, ки задухӯрд мешавад. Корд аз халта бурун овардам... ва бедор шудам. ки андарунам ғалаён дорад. Ё маро бояд битарконад ва ё ба осмон бояд бибардорад...

*15.04.2002*

# М У Н Д А Р И Ҷ А

## КИТОБИ ПАНҶУМ

**Бахши нӯҳум** ........ 7
Банди якум ........ 7
Банди дуввум........ 16
Банди саввум ........ 24
Банди чаҳорум ........ 37
Банди панҷум ........ 45
Банди шашум ........ 52
Банди ҳафтум ........ 66
Банди ҳаштум........ 72
Банди нӯҳум ........ 80

**Бахши даҳум** ........ 93
Банди якум ........ 93
Банди дуввум........ 104
Банди саввум ........ 117
Банди чаҳорум ........ 128
Банди панҷум ........ 144
Банди шашум ........ 158
Банди ҳафтум ........ 183
Банди ҳаштум........ 191

## КИТОБИ ШАШУМ

**Бахши ёздаҳум** ........ 195
Банди якум ........ 195
Банди дуввум........ 208
Банди саввум ........ 221
Банди чаҳорум ........ 229
Банди панҷум ........ 239
Банди шашум ........ 250
Банди ҳафтум ........ 262
Банди ҳаштум........ 274
Банди нӯҳум ........ 290
Банди даҳум ........ 299
Банди ёздаҳум ........ 304

**Бахши дувоздаҳум** .................................................... 311
Банди якум ............................................................... 311
Банди дуввум............................................................. 330
Банди саввум............................................................. 338
Банди чаҳорум .......................................................... 351
Банди панҷум............................................................ 362
Банди шашум ............................................................ 368
Банди ҳафтум ............................................................ 383
Банди ҳаштум............................................................ 393
Банди нӯҳум .............................................................. 407

# СОРБОН

# КУЛЛИЁТ

Ҷилди IX

Ғалатгир: *Бӯрии Сармад*

Муҳаррири техникӣ: *А. Мираҳмадов*

Тарроҳ: *Ф. Раҳимов*

Ҳуруфчинон: *Комёр ва Ардашед*

Ба матбаа 01.10.2009 супорида шуд. Ба чоп 13.01.2010 имзо шуд. Коғази офсетии №1. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи $84x108^{1}/_{32}$. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 26,25. Адади нашр 200 нусха. Супориши №128/09.

Нашриёти «ЭҶОД».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: ejodfir@mail.ru.

**ISBN 978-99947-39-83-7**

9 789999 473983 7